ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 891. 550 + 007
ТКБ 83. 3 Тоҷ + 76. 12
А – 14

**АБДУРАҲИМОВ БАХТИЁР АБДУРАҲИМОВИЧ**

# ТАЪСИРПАЗИРИИ МУТАҚОБИЛАИ АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОҶИК ВА МАТБУОТ ДАР ОҒОЗИ АСРИ XX

## ДИССЕРТАТСИЯ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори
илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик;
равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Мушовирони илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессор Салими Хатлонӣ;
доктори илмҳои филологӣ, профессор
Масрур Абдуллозода

ДУШАНБЕ – 2025

**МУНДАРИҶА**

**МУҚАДДИМА...........................................................................................4-8**

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ...................................................................9-20**

**БОБИ I.. МАТБУОТИ ДАВРӢ ВА РАВАНДИ ТАШАККУЛИ АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОҶИК....................................................21-50**

1. 1. Заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоиву фарҳангии зуҳури матбуоти навини тоҷик..........................................................................21-34

1. 2. Робитаи мутақобили матбуоти даврӣ ва адабиёти бадеӣ.........................35-44

1. 3. Шакл, услуб ва ҷараёнҳои жанрии насру назм дар матбуоти ибтидоӣ..........................................................................45-50

**БОБИ II. ОСОРИ БАДЕӢ, ТАРҶУМАВӢ ВА ПУБЛИТСИСТИИ «БУХОРОИ ШАРИФ» ВА «ОИНА»: ХУСУСИЯТҲОИ ЖАНРӢ ВА ТАМОЮЛҲОИ БАДЕӢ.......................................51-149**

2. 1. Мавзуъ ва ғоя дар осори бадеӣ...............................................................51-63

2. 2. Шеъри иҷтимоӣ ва ҷустуҷӯҳои сабки навгароӣ.......................................64-95

2. 3. Насри бадеӣ: вежагиҳои жанр ва равандҳои шаклсозӣ...........................96-113

2. 4. Тарҷумаи осори бадеӣ: сатҳи забонӣ ва мушкилоти ҳунарӣ................114-131

2. 5. Матбуот ва масъалаи ташаккули забони адабии тоҷик.......................132-149

**БОБИ III. РАВАНДҲОИ ИҶТИМОӢ ВА СИЁСӢ ДАР АДАБИЁТИ БАДЕӢ ВА ПУБЛИТСИСТИКАИ МАТБУОТИ СОЛҲОИ 20-30-ЮМИ АСРИ XX..............................................150-262**

3. 1. Фаъолияти адабӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ дар «Шуълаи инқилоб»..........................................................................150-170

3. 2. Гӯшаи «Тозиёна» ва ташаккули анвои ҳаҷвию танқидӣ.....................171-196

3. 3. Мазмунҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар насру назми
«Шуълаи инқилоб»....................................................................................197-221
3. 4. Публитсистикаи бадеӣ ва масъалаи ҳувияти миллӣ.............................222-237
3. 5. Ҷойгоҳи бахши «Адабиёт» дар рӯзномаи «Овози тоҷик»....................238-247
3. 6. Саҳифаи адабии рӯзномаи «Бедории тоҷик»: вежагиҳои
бадеӣ ва ғоявӣ..........................................................................................248-262

**БОБИ IV. МАТБУОТИ СОҲАИ МАОРИФ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОҶИК.......................263-376**
4. 1. «Дониш ва омӯзгор» ҳамчун минбари ташвиқи
адабиёти навин.........................................................................................263-276
4. 2. «Раҳбари дониш» ва равандҳои худшиносии миллӣ...........................277-283
4. 3. Хусусиятҳои жанрӣ ва забони осори бадеӣ..........................................284-307
4. 4. Тағйироти ҳикоя дар пайванди повести «Одина»-и Айнӣ....................308-334
4. 5. Аввалин таҷрибаҳои нақди адабӣ: самтҳо ва шеваҳо............................335-362
4. 6. Баҳсҳои алифбо ва забони адабӣ дар матбуоти
соҳаи маориф...........................................................................................363-376

**ХУЛОСА.......................................................................................................377-387**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ...............................................................388-391**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....................................................................................392-432**
**НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ........................................................433-436**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таҳқиқи ҳамаҷониба ва арзёбии **таъсирпазирии мутақобилаи матбуот ва адабиёт** дар оғози асри XX, ки марҳилаи нахустини ташаккули матбуот ва адабиёти навини тоҷик маҳсуб меёбад, дар шароити кунунии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аҳаммияти илмиву амалии назаррас дорад. Дар ин давра адабиёти навин ва матбуот чун ду падидаи муҳими фарҳангӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва рушди ҷомеаи тоҷик саҳми назаррас гузоштанд.

Аҳаммияти осори гуногуни илмию адабие, ки дар нашрияҳои ибтидои асри XX интишор ёфтаанд, инчунин робитаи зичи адабиёт ва матбуотро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ҳангоми мулоқот бо аҳли зиёи кишвар дар арафаи Наврӯзи соли 2008 чунин зикр намуданд: «Бояд собит сохт, ки осори илмӣ, адабӣ ва фалсафии бузургони миллати мо осори кӯҳнашудаи гузашта нест, балки он имрӯз ҳамчун сарчашмаи ҳалли мушкилоти ҷомеаи муосир хизмат карда метавонад».[1] Ин андеша баёнгари он аст, ки осори илмӣ ва адабӣ дар ҳар давра метавонад ба раванди рушди ҷомеа ва ҳалли масоили он мусоидат намояд. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи "таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX" ҳамчун як самти муҳими пажӯҳишӣ матраҳ мешавад.

Мубрамии мавзуъ дар муайян намудани сарчашма ва равишҳои ташаккули адабиёти навин, пажӯҳиши мундариҷаи адабӣ дар нашрияҳои нахустини тоҷик, арзёбии саҳми матбуот дар таҳаввулоти афкор ва жанрҳои адабӣ, инчунин, баррасии дурнамои ҳамкории адабиёт ва матбуот зоҳир мегардад.

Баъди Инқилоби Октябр ва таъсиси низоми нави сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ, матбуот ба яке аз муҳаррикҳои асосии ташаккули тафаккури ҷамъиятӣ ва ҳувияти миллӣ табдил ёфт. Нашрияҳои "Шуълаи инқилоб", "Овози тоҷик",

---

[1] Раҳмон, Эмомалӣ. Суханронӣ дар мулоқот бо аҳли зиёи мамлакат (19 марти соли 2008 / Эмомалӣ Раҳмон // Омӯзгор. – 2008. – 28 март. – №13. – С. 1-5.

“Бедории тоҷик” ва “Раҳбари дониш” бо пахши маводи фарогири сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ на танҳо ба таҳкими шуури ҷамъиятӣ ва рушди мафкураи миллӣ мусоидат карданд, балки заминаи муҳими рушди шаклҳои нави адабӣ ва забонӣ гардиданд. Адабиёт тавассути ин нашрияҳо ба як муҳити нави мубоҳисавӣ ворид шуда, бо таъсири идеявӣ ва иҷтимоии матбуот тағйирот ва таҳаввулоти ҷиддӣ пайдо намуд. Ин раванд дар ташаккули забон ва услуби адабӣ низ нақши муассир гузошта, сабки баёни осори бадеӣ ва публитсистиро таҳким бахшид. Тағйироти иҷтимоиву фарҳангӣ, ки тавассути матбуот инъикос мегардиданд, на танҳо ба мундариҷаи осори бадеӣ таъсир расониданд, балки ба ташаккули ҳувияти фарҳангӣ ва забонии миллат заминаи устувор фароҳам оварданд.

Зарурати таҳқиқи таъсири мутақобилаи адабиёт ва матбуот аз чанд паҳлуи муҳими илмӣ ва амалӣ бармеояд. Аввалан, омӯзиши ин робитаҳо имкон медиҳад, ки равандҳои ташаккули забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX бо истифода аз таҳлили таърихӣ ва муқоисавӣ арзёбӣ гарданд. Дуюм, таҳқиқи ин мавзуъ ба омӯзиши механизмҳои рушд ва такомули равандҳои эҷодии муосир, инчунин, таъсири матбуот ба шаклгирии жанрҳои нави адабӣ мусоидат мекунад. Сеюм, арзёбии таъсири матбуот ба адабиёт дар ҳамбастагӣ бо ҷараёнҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ барои фаҳмиши амиқи таҳаввулоти фарҳангӣ ва ҳувияти миллӣ дар ҷомеаи тоҷик аҳаммияти назаррас дорад. Чаҳорум, таҳлили ин ҳамкорӣ метавонад ба омӯзиши моделҳои муосири ҳамгироии ВАО ва адабиёт мусоидат намуда, дар баррасии омилҳои таъсиррасони иҷтимоӣ, сиёсӣ ва идеологӣ ба адабиёти тоҷик дар заминаи матбуот нақши муҳим бозад.

Омӯзиши робитаи адабиёт ва матбуот дар оғози асри XX на танҳо ҷиҳати таҳкими заминаҳои назариявии илми филология ва журналистика муҳим мебошад, балки барои дарки амиқи равандҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва забонии ҷомеаи тоҷик дорои аҳаммияти вежа аст. Ин давра дар радифи он ки ибтидои нашри осори адабӣ дар матбуотро ифода мекунад, оғози як марҳилаи муҳими ташаккули тафаккури ҷамъиятӣ ва таҳаввулоти ҳувияти миллӣ низ ба ҳисоб меравад. Матбуот дар ин давра на танҳо ҳамчун воситаи пахши иттилоот, балки ҳамчун муҳаррики асосии ташаккули афкори омма ва густариши арзишҳои

миллӣ хидмат кардааст. Интихоби матбуот ҳамчун минбари интишори осори адабӣ ба таҳкими равандҳои маърифатӣ ва интиқодӣ мусоидат намуда, дар шаклгирии забони адабии тоҷик ва таҳаввули услубҳои гуногуни баён нақши калидӣ бозидааст.

Робитаи наздики ин ду бахш шароити ташаккули жанрҳои нави адабӣ ва публитсистиро фароҳам оварда, ба ин васила муҳити фарҳангии кишварро таҳким бахшид. Ҳамин тавр, таҳлили амиқи ин равандҳо имкон медиҳад, ки на танҳо таъсири мутақобилаи матбуот ва адабиёт муайян карда шавад, балки дурнамои ин ҳамкории созанда дар заминаи рушди иттилооти муосир ва иртибототи иҷтимоӣ низ арзёбӣ гардад. Ба ҳамин тариқ, омӯзиши ин масоил метавонад ба таҳкими заминаҳои илмии рушди ҳамгироии соҳаҳои филология ва журналистика дар Тоҷикистон мусоидат намояд.

Пажӯҳиши сарчашмаҳои ибтидоии пайдоиши матбуот ва адабиёти навини тоҷик дар шароити Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими худшиносиву ватандӯстии шаҳрвандон, инчунин барои баррасии масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ заминаи муассир фароҳам меорад. Аз ҷумла, андешаю ғояҳои маорифпарварони нахустин, ки дар шакли асарҳои бадеӣ бо жанрҳои мухталиф дар нашрияҳои ибтидои асри XX мунташир гардидаанд, дар шароити кунунии рақобатҳои мафкуравӣ дар арсаи байналмилалӣ аҳаммияти хос пайдо намудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба суръати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва вусъати робитаҳои илмӣ ва адабӣ таҳқиқи таъсирпазирии адабиёт ва матбуот ва муайян кардани дурнамои он ногузир мебошад. Вазифаи асосӣ дар он аст, ки аз як тараф, саҳми нашрияҳои нахустини тоҷик дар инъикоси адабиёт ва ташаккули он арзёбӣ шавад, аз ҷониби дигар, нақши адабиёти навини тоҷик дар таҳкиму тақвияти матбуоти ибтидоӣ ва таъсири он ба рушди фарҳанги сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа равшан гардад.

Таҳқиқ ва муайянсозии таъсирпазирии мутақобилаи адабиёт ва матбуот барои аниқ намудани марҳилаҳои асосии ташаккули адабиёти навини тоҷик дар

садаи XX ва арзёбии дурнамои он дар асри XXI дорои арзиши назарраси илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуъ.** Дар бораи замина, омил ва сарчашмаҳои таърихиву фарҳангии пайдоиши рӯзномаҳои нахустини тоҷикӣ ва адабиёти навини тоҷик дар оғози асри XX муҳаққиқони соҳаҳои филология, журналистика, таърих ва ҷамъиятшиносӣ пажӯҳишҳои гуногун анҷом дода бошанд ҳам, масъалаи таъсирпазирии мутақобилаи адабиёт ва матбуот дар ин давра то кунун мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтааст.

Дар робита бо омӯзиши замина, пайдоиш ва ташаккули матбуоти нахустини тоҷик, аз ҷумла таърихи чоп, заминаҳои пайдоиш ва мазмуну муҳтавои рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои аввали асри бист, асарҳо ва мақолаҳои олимоне чун С. Айнӣ, А. Муҳиддинов, М. Шакурӣ, С. Табаров, Р. Ҳошим, А. Набавӣ, И. Усмонов, И. Умняков, П. Гулмуродзода, Қ. Шарифзода, В. Самад, Н. Ғаффоров, Г. Дадобоева, А. Азимов, М. Рустамзода, О. Салимзода ва дигарон интишор ёфтаанд. Дар ин пажӯҳишҳо маъмулан масъалаҳои хоси соҳаи журналистика баррасӣ шуда, паҳлуҳои марбут ба адабиёт дар зинаи дуюм қарор гирифтаанд. Ба ҳамин монанд, аксар мутахассисони соҳаи адабиётшиносӣ бештар ба таҳлили осори бадеии нашрияҳо машғул гардида, ҷанбаҳои марбут ба робита ва таъсирпазирии мутақобилаи адабиёт ва матбуотро ба таври мустақим омӯхта нашудаанд. Дар натиҷа, матолиби бадеии рӯзномаву маҷаллаҳои нахустини тоҷикӣ аз дидгоҳи ҳамаҷонибаи илмӣ таҳқиқ нашуда, сатҳи таъсирпазирии байни онҳо низ мушаххас нашудааст.

Дар бархе аз китобҳо, мақолаҳо, таҳқиқот ва рисолаҳои илмии донишмандону пажӯҳишгарони хориҷӣ, ки ба таҳқиқи робитаҳои матбуот ва адабиёт, инчунин накши матбуот дар ташаккули адабиёти миллӣ рабт доранд, мулоҳизаҳои ҷолиб ба назар мерасанд. Бо вуҷуди ин, то кунун дар мавриди нақши матбуот дар ташаккули адабиёт ва таъсири мутақобилаи ин ду соҳа асарҳои таҳқиқии мустақил, аз ҷумла диссертатсия ва монографияҳои вижа, ба вуҷуд наомадаанд. Танҳо дар бархе аз таҳқиқоти А. Шехов [499; 500], М. Абдуллоев [1; 2;518; 519], М. Муродов [262; 263; 532; 533], О. Салимзода [344],

А. Азимов [20; 21; 22; 23; 520], С. Аъзамов [521], С. Хӯҷақулов [535] ва дигарон зимни баррасии мавзуъҳои дигар, масъалаи бозтоби баъзе жанрҳои адабӣ дар нашрияҳои ибтидои асри XX кӯтоҳ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Дар ин пажӯҳишҳо, бинобар набуди таҳқиқи дақиқ ва мукаммал, матнҳои бадеии рӯзномаву маҷаллаҳои аввали тоҷикӣ гоҳе нодуруст арзёбӣ шуда, ё ҷамъбасти сарсарӣ гардонида шудаанд. Ҳамчунин, дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои марбут ба инъикоси осори бадеӣ дар ин нашрияҳо, алоқаи адабиёт ва матбуот, ташаккули жанр, сохтор ва услубҳои адабӣ дар матбуот, тарҷумаҳои бадеӣ, саҳми матбуот дар ташаккули адабиёт, пайдоиши гурӯҳҳо, маҳфилҳо ва иттиҳодияҳои адабӣ то ҳол ҳамаҷониба омӯзиш нашудаанд.

Вазифаи таҳқиқ аз он иборат аст, ки нукоту ҷанбаҳои калидии муносибатҳои байни адабиёт ва матбуот дар оғози асри XX тавзеҳ ёфта, саҳми ҳар яке аз ин ду соҳаи муҳими эҷод дар бозтоби мушкилоти давра ва тарҳрезии симоҳои замон муайян карда шавад. Ҳарчанд адабиёт ва журналистика ҳар ду фаъолияти эҷодӣ мебошанд, восита ва предмети тасвир дар онҳо тафовут дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи муносибатҳои адабиёт ва матбуот, муайянсозии паҳлуҳои таъсирпазирии мутақобила ва нақши онҳо дар ташаккули якдигар ҳадафи марказии пажӯҳиши мазкур ба шумор меравад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси барномаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода анҷом дода шуда, дурнамои он низ дар доираи ҳамин барнома муайян гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мавзуи “Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX” аз дидгоҳи илмӣ ҳанӯз тоза буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ маҳсуб мегардад. Дар раванди таҳқиқ, ҳамзамон бо омӯзиши таъсири дуҷонибаи матбуот ва адабиёт дар як давраи муайян, ҷанбаҳои назариявии ин масъала низ баррасӣ ва хулосабарорӣ мешаванд.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Бо дарназардошти хусусиятҳои мавзуи мазкур ҳалли вазифаҳои зерин пешниҳод мегардад:

- муайян намудани заминаҳои пайдоиши матбуоти нахустини тоҷик ва шумораи намунаҳои осори бадеие, ки дар онҳо ҷой дода шудаанд;
- таъйини омилҳои нашри матолиби сершумори осори бадеӣ дар матбуоти соҳавии маориф дар оғози асри XX;
- муайян кардани сатҳи таъсири намунаҳои адабиёти бадеӣ ба шаклгирии жанрҳои матбуотӣ, аз ҷумла фелетон, репортаж ва очерки сайёҳӣ;
- арзёбии нақши матбуот дар пайдоиши жанрҳои нави адабиёти бадеӣ, ба монанди очерки бадеӣ, сафарнома, шеъри мансур, ҳаҷвия, саҳнача ва намоишнома;
- таҳлили саҳми матбуот дар рушди жанрҳои анъанавии адабиёти классикӣ, зуҳури шаклҳои нави бадеӣ, инчунин, нақши адабиёт дар ташаккули жанрҳои нави матбуотӣ;
- баррасии мазмуну муҳтавои асарҳои бадеӣ, ки дар нашрияҳои нахустини тоҷик – «Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор» ва «Раҳбари дониш» (то соли 1929) – чоп гардидаанд;
- муайян кардани шакл, услуб ва жанрҳои нави осори бадеӣ, ки дар нашрияҳои зикршуда нашр гардида, инчунин, таҳлили хусусиятҳои хоси онҳо;
- таҳқиқи омилҳои интишори асарҳои публитсистикаи бадеӣ ва тарҷумавӣ дар матбуоти аввалини тоҷик;

- муайян намудани меъёрҳои интихоб ва нашри тарҷумаҳои бадеӣ дар «Бухорои шариф», «Оина» ва «Шуълаи инқилоб»;
- арзёбии саҳми нашрияҳои нахустини тоҷик дар баррасӣ, инъикос ва ҳаллу фасли масъалаҳои забон, таърихи забони адабии тоҷик ва омӯзиши забонҳои дигар;
- таҳлили фаъолияти эҷодии устод Айнӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ва нашри осори ӯ дар рӯзномаву маҷаллаҳои даҳсолаи бистуми асри XX;
- баррасии намунаҳои ибтидоии публитсистикаи бадеӣ дар «Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик» ва таҳлили хусусиятҳои мавзуӣ, забонӣ ва сабкии ин нашрияҳо;
- муайян кардани замина ва сарчашмаҳои пайдоиши жанрҳои нави бадеӣ ва матбуотӣ, аз қабили фелетон, ҳаҷвия, назира, мутоиба, шеъри мансур, сафарнома, суҳбат, саҳнача, намоишнома дар матбуоти аввалини тоҷик;
- таҳқиқи сатҳи бозтоби ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар осори бадеии рӯзномаву маҷаллаҳои аввали тоҷикӣ;
- омӯзиши тарзи инъикоси масъалаҳои адабиёт, забони адабӣ ва масъалаҳои маънавӣ дар нашрияҳои аввали тоҷикӣ;
- муайян намудани вежагиҳои жанрҳои гуногуни насри бадеӣ, аз ҷумла, фелетон, шеъри мансур, саҳнача, намоишнома, ҳикоя ва монанди инҳо, дар матбуоти нахустини тоҷикӣ;
- аниқсозии арзиши бадеии нахустин асарҳои насрии жанрҳои ҳаҷвия ва ҳикоя дар адабиёти тоҷик;
- омӯзиши раванди пайдоиши жанри ҳикоя дар матбуот ва адабиёти тоҷик ва сатҳи таъсирпазирии он аз осори насрии ибтидоии устод Айнӣ;
- муқаррар сохтани ҷойгоҳи гӯшаю саҳифаҳои адабӣ дар матбуоти нахустини тоҷикӣ;
- муқоисаи забон, сабк ва услуби намунаҳои адабӣ дар нашрияҳои аввали тоҷик ва муайян кардани сабабҳои заиф гаштани забони асарҳо дар нимаи дувуми солҳои бистуми асри XX;

- таҳлили саҳми нашрияҳои нахустин дар ҳаллу фасли масъалаҳои алифбо, забони адабии тоҷик ва иштироки адибон дар мубоҳисаҳои забонӣ;
- баррасии робитаи шоиру нависандагон бо рӯзномаву маҷаллаҳо ва ташаккули маҳорати эҷодии онҳо дар раванди ҳамкорӣ бо матбуот;
- таҳлили дурнамои ҳамкории адибон бо матбуот ва арзёбии аҳаммияти ин ҳамгирой дар заминаи рушди адабиёт ва журналистика.

**Объекти таҳқиқ.** Объекти таҳқиқро маҷмӯи осори бадеӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳои нахустини тоҷикӣ дар оғози асри XX, аз ҷумла «Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор» ва «Раҳбари дониш» (то соли 1929), ташкил медиҳад. Илова бар ин, бархе матолиби бадеӣ, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳо, китобҳои алоҳида, маҷмӯаҳо ва нашрияҳои дигари он давра интишор ёфтаанд, низ ба ҳайси объекти таҳқиқ шомил мешаванд.

**Предмети таҳқиқ.** Предмети таҳқиқро таъсирпазирии мутақобилаи матбуот ва адабиёт дар мисоли осори бадеӣ дар нашрияҳои як давраи муайяни таърихӣ ташкил медиҳад. Ҳадаф аз таҳқиқи ин масъала, муайян кардани саҳми матбуот дар ташаккули адабиёти навин ва нақши адабиёт дар рушди матбуот мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ.** Пояи назариявии ин диссертатсия бар таҳқиқоти донишмандону муҳаққиқони соҳаҳои гуногун устувор аст. Аз ҷумла, дар ҳошияи адабиётшиносӣ ба осори С. Табаров, М. Шукуров, Р. Ҳодизода, А. Набавӣ, С. Аъзамов ва дигарон такя карда мешавад. Дар бахши журналистика, пажӯҳишҳои И.К. Усмонов, А. Саъдуллоев, Д. Давронов, А. Нуралиев, Н.Н. Солиҳов, М. Абдуллоев, Ш.Б. Муллоев, М.Б. Муродов, А.Х. Азимов, П. Гулмуродзода, О. Салимзода, А.А. Тертичний, А. Кройчик, Н.В. Жиляков, А.Ф. Бережнева, З.К. Магомедова, Б.Т. Исомидинов, Г.Ҳ. Дадобоева, А.А. Шехов, С. Хӯҷақулов ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳамчунин, дар самти таърих асарҳои М. Бобохонов, Н.У. Ғаффоров ва дигарон асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқро ғанӣ мегардонанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Дар раванди таҳқиқи мазкур аз усулҳои суннатии таҳқиқоти адабиётшиносӣ ва журналистика, аз ҷумла муқоисавӣ-таърихӣ**,** таҳлилӣ-оморӣ**,** омӯзиши сохтори шакливу мундариҷавии осори бадеӣ истифода шудааст. Инчунин, усулҳои хронологӣ ва нигаришҳои назариявии адабиётшиносӣ ва жанрҳои адабӣ ва журналистӣ низ ба кор гирифта шудаанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Манбаъҳои асосии кори диссертатсионӣ рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои нахустини тоҷикӣ, ки дар шаклҳои хаттӣ ва электронӣ дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон маҳфузанд, маҳсуб мегарданд. Дар ин замина, нашрияҳои «Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш» ва бархе нашрияҳои дигари ибтидои асри бистум мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Илова бар ин, таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ низ ҳамчун сарчашмаҳои назариявӣ истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Вежагии асосии навгонии илмии пажӯҳиши мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бори нахустин дар доираи як таҳқиқоти мукаммал масъалаи ташаккули адабиёт дар ҳавзаи матбуоти ибтидои асри XX мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар раванди таҳқиқи диссертатсионӣ осори бадеӣ, аз ҷумла шеъру публитсистика, шеъри мансур, мутоиба, мусоҳиба, фелетон, ҳаҷвия, очерку ҳикоя, тарҷумаҳо ва накдҳои адабӣ, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳои он давра чоп гардидаанд, аз дидгоҳи таъсири онҳо ба ташаккули адабиёти навини тоҷик ва забони адабии миллӣ таҳлил шуда, муҳимияти онҳо нишон дода мешавад. Дар натиҷа, муайян гардидааст, ки як қатор жанрҳои адабию журналистӣ, аз ҷумла фелетон, саҳнача, намоишнома, ҳикоя ва танз маҳз дар рӯзномаву маҷаллаҳои нахустини тоҷикӣ зуҳур ёфтаанд. Илова бар ин, аҳаммияти матолиби адабии интишорёфта дар нашрияҳои мазкур, зербинои зуҳури жанрҳои бунёдии адабӣ (ба монанди ҳикоя ва ҳаҷвия) ва гурӯҳҳои адабӣ, ки дар оянда барои ташкили нашрияҳои комилан адабӣ, накди бадеӣ, ҳаҷвӣ ва иттиҳодияҳои нависандагон мусоидат намудаанд, равшан карда шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. **Муайян намудани саҳми матбуот дар пешниҳоди асарҳои бадеӣ.** Дар даҳсолаҳои дувум ва сеюми асри XX маҳз матбуот намунаҳои адабиёти шакли навро барои хонандагон манзур намуд. Ин нашрияҳо бо интишори мунтазами осори мансур ва манзум, шавқи хонандагонро ба навгониҳои адабӣ густариш бахшиданд. Ҳамин тариқ, матбуот ҳамчун ниҳоди муассири иҷтимоӣ дар ташаккули зеҳнӣ ва бедор намудани завқи адабӣ саҳми назаррас гузошт.

2. **Таъсири адабиёт дар пайдоиши жанрҳои нави матбуотӣ** (ба монанди репортаж, фелетон, очерки сайёҳӣ). Мушаххас шуд, ки адабиёт дар ташаккули ин жанрҳо саҳми назаррас дорад, зеро дар онҳо хусусиятҳои осори бадеӣ ва санъати сухан мушоҳида мегардид. Матбуоти тоҷик, ки дар истифодаи жанрҳо таҷрибаи кам дошт, аз имкониятҳои адабиёти бадеӣ самаранок истифода бурд. Ин падида боис шуд, ки хонандагон бо сабку забони тоза ошно гардида, аз қолабҳои анъанавии матбуотӣ дур шаванд. Ҳамин тариқ, таъсири адабиёт ба жанрҳои матбуотӣ қадами муҳиме дар рушди журналистикаи миллӣ ба шумор меравад.

3. **Матбуот омили ташаккули жанрҳои нави адабиёти бадеӣ** (ҳикоя, ҳаҷвия, саҳнача, намоишнома, очерки бадеӣ). Таҳқиқ нишон дод, ки маҳз нашрияҳои нахустини тоҷикӣ бо интишори осори мухталиф барои зуҳури як қатор жанрҳои навӣ замина фароҳам оварданд. Ин раванд боиси тавсеаи қолабҳои адабӣ ва тақвияти равиши нависандагӣ дар миёни адибон гардид. Ҳамин тариқ, матбуот ҳамчун платформаи таҷрибавӣ барои гуногунии бадеӣ зоҳир шуд. Дар натиҷа, қолаби жанрҳои нав ташаккул ёфта, минбаъд барои рушди адабиёти навини тоҷик асос гузоштанд.

4. **Муайян намудани сабаб ва ҳадафи истифодаи асарҳои бадеӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳои аввалини тоҷикӣ.** Дар матбуоти шарқӣ (Эрон ва Туркия) осори бадеӣ барои хонданбоб ва бозоргир кардани маҷаллаҳо истифода мегардид, аммо дар Осиёи Миёна ин навъи осор бештар барои бедории афкори ҷомеа хидмат мекард. Нашрияҳои нахустини тоҷикӣ аз асарҳои бадеӣ барои боло бурдани савияи маърифатӣ ва сиёсӣ истифода карданд. Ин нишон медиҳад, ки

матбуот на танҳо мақсади ҷалби хонандагони бештарро дошт, балки кӯшиш менамуд андешаи ҷамъиятиро низ шакл диҳад. Аз ин ҷост, ки осори бадеӣ ба воситаи матбуот ба яке аз омили муҳими бедорсозии рӯҳияи миллӣ табдил ёфт.

5. **Таҳлили тарзи истифодаи матолиби адабӣ дар нашрияҳои аввалини тоҷикӣ.** Дар ин нашрияҳо матолиби адабӣ гоҳ дар саҳифаҳои махсуси адабӣ ва гоҳ дар миёни дигар мақолот ҷой дода мешуданд. Аз “Раҳбари дониш” шурӯъ карда, гӯшаҳои адабӣ ва нақди адабӣ ихтисос ёфта, ба як бахши доимӣ табдил дода шуданд. Ин амр барои хонанда имкон фароҳам овард, ки осори бадеиро ҷудогона мутолеа намуда, дар бораи онҳо андешаронӣ кунад. Ҳамин тариқ, матбуот тавонист дӯстдорони адабиётро гирди худ ҷамъ оварад ва барои ривоҷи муҳокимаҳои адабӣ фазои муносиб фароҳам созад.

6. **Омӯзиши сабк, забон ва тарзи баёни намунаҳои адабиёти бадеӣ дар матбуоти аввалини тоҷикӣ.** Осори бадеие, ки дар нашрияҳои ибтидоӣ интишор меёфт, дорои вежагиҳои хоси забониву услубӣ буда, ба талаботи иҷтимоӣ ва фарҳангии оғози асри XX мутобиқ буд. Ин осор аз адабиёти китобии баъдӣ фарқ намуда, дар ташаккули сабки навин саҳми назаррас гузоштааст. Ба воситаи онҳо, нависандагон ва шоирон кӯшиш менамуданд, ки нигориши содаву фаҳмо ва ҳамзамон дорои кайфияти бадеиро ривоҷ бахшанд. Ҳамин тариқ, жанр ва услуби адабиёт дар робита бо матбуот пеш рафта, ба ниёзҳои замон ҷавобгӯ гардид.

7. **Пайдоиши муносибат ва назари нав ба шеър дар матбуоти аввалини тоҷикӣ.** Талошҳо дар роҳи нав кардани мазмуну шакли шеър маҳз дар саҳифаҳои нашрияҳо оғоз ёфтанд. Ин раванд боис шуд, ки шеърҳои дорои мазмуну мундариҷаи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва инқилобӣ зуҳур намоянд. Пажӯҳишҳо нишон доданд, ки нашрияҳои аввалин бо пешниҳоди ин гуна шеърҳо руҳияи тоза эҷод мекарданд. Ба ин тартиб, шеър аз қолабҳои суннатии пешин раҳо ёфта, ба хидмати бозтоби масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ ва сиёсӣ даромад.

8. **Саҳми матбуот дар ташаккули забони адабии тоҷик.** Масъалаи забони адабии тоҷик барои аввалин бор дар рӯзномаи «Бухорои шариф» матраҳ гардид ва то поёни солҳои бистуми асри XX дар меҳвари баҳсҳои матбуотӣ қарор

дошт. Ин раванд нишон дод, ки матбуот барои ҳифз ва таҳкими забони адабии тоҷик як минбари муҳим буд. Дар натиҷа, ба масъалаҳои алифбо, истилоҳоти нав ва риояи меъёрҳои услубӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир шуд. Бо вуҷуди пешрафтҳо, мушкилоти марбут ба такмил ва таҳаввули забони адабӣ то кунун пурра ҳалли худро наёфтааст.

**9. Муайян намудани нақши адабиёти навини тоҷик дар тарғиби матбуот ва фарогирӣ пайдо кардани он.** Дар ҳолате ки дар бархе кишварҳои шарқӣ, аз ҷумла Эрон, барои ҷалби хонанда аз тарҷумаи осори калонҳаҷми адабии ғарбӣ истифода мешуд, рӯзноманигорони тоҷик ашъор ва қиссаҳои адибони маҳаллиро нашр мекарданд. Ин амр боис гардид, ки нашрияҳо ҷанбаи миллӣ касб намуда, муҳтавои онҳо ба зеҳни хонандаи ватанӣ наздиктар шавад. Ба воситаи чопи асарҳои бадеии маҳаллӣ, матбуот тавонист доираи хонандагони худро тавассути бедорсозии ҳисси худшиносӣ васеъ намояд. Ҳамин тариқ, ҳамкории адабиёти навин ва матбуот ҷиҳати эҷоди муҳити фарҳангии сермаҳсул тақвият ёфт.

**10. Саҳми матбуот дар тарбияи адибони ҷавон ва ташаккули таҷрибаи нависандагӣ.** Бисёре аз адибони ҷавони тоҷик, аз ҷумла устод Айнӣ ва Ҷалол Икромӣ, маҳз тавассути нашрияҳои нахустин ба навиштани ашъори инқилобӣ ва осори насрӣ оғоз намуданд. Матбуот барои ин адибон ҳам мактаби амалии нигориш ва ҳам минбари арзи андешаи худ буд. Дар ҷараёни интишори асарҳо, нависандагон малакаи нависандагӣ ва забони адабиро тақвият медоданд. Ин ҳама нишон дод, ки матбуот дар пайдоиш ва ташаккули мактаби нависандагии тоҷикӣ нақши калидӣ бозидааст.

**11. Нақши матбуот ҳамчун минбар барои ташаккули жанри муҳими насри бадеӣ – ҳикоя.** Ҳикояҳои тоҷикӣ, сарфи назар аз баъзе нуқсонҳои жанрӣ, маҳз дар нашрияҳои нахустин нашр гардиданд. Ин нашрияҳо имконияти таҷрибавии муаллифонро фароҳам оварда, барои тарбия ва ташаккули завқи хонандагон мусоидат намуданд. Ташаккули ҳикоя ҳамчун як жанри замонавӣ таҳаввулоти муҳим дар таърихи адабиёти тоҷик арзёбӣ мешавад. Ҳамин тариқ, матбуот барои эҷоди шеваи хоси ҳикоянигорӣ саҳнаи муносиб фароҳам сохт.

**12. Таъсири «Одина»-и устод Айнӣ ба шаклгирии ҳикояҳои тоҷикӣ.** Повести «Одина», ки дар «Овози тоҷик» чоп шуд, ба рушди жанри ҳикоя дар адабиёти тоҷик таъсири назаррас расонид. Дар ҷараёни таҳқиқ ошкор гардид, ки аз ҷиҳати сабк, забон ва мазмуну мундариҷа, бисёре аз ҳикояҳо бо «Одина» ҳамсонӣ доранд. Ин ҳамсонӣ на танҳо дар унсурҳои забонӣ, балки дар тарзу усули нақл низ мушоҳида мегашт. Ба ин васила, повести мазкур ҳамчун як сарчашмаи муҳим барои шаклгирии жанри ҳикоя дар адабиёти навини тоҷик хизмат намуд.

**13. Саҳми матбуот дар зуҳури нақди адабӣ.** Дар нашрияҳои нахустини тоҷик намунаҳои ибтидоии нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ ба табъ расида, барои вусъати андешаи адабӣ мусоидат намуданд. Ин матолиб, ки бо забони насрӣ ва услуби таҳлилӣ навишта мешуданд, бағузории муҳокима ва баҳсҳои адабиро бармеангехтанд. Дар натиҷа, яке аз заминаҳои асосии ташаккули нақди адабии тоҷик фароҳам омад. Ҳамин тариқ, ҷараёни нақди адабӣ аз муҳокимаҳои пароканда ба як соҳаи мустақили таҳқиқотӣ ва амалӣ табдил ёфт.

**14. Пайдоиши жанри адабии ҳаҷвия аз нашрияҳои нахустини тоҷикӣ** ва густариши он дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб». Дар таҷрибаи адабии тоҷик, ҳаҷвия барои бори аввал дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои ибтидоӣ зуҳур кард. Бо интишори мунтазами маводи ҳаҷвӣ, «Шуълаи инқилоб» дар ташаккули ин жанр мақоми меҳварӣ пайдо намуд. Ин рӯйдод заминаи ба вуҷуд омадани нашрияҳои махсуси ҳаҷвиро фароҳам оварда, жанри ҳаҷвиро ҳамчун бахше аз адабиёти бадеӣ ва журналистика таҳким бахшид. Ҳамин тариқ, ҳаҷвия аз як унсури пароканда ба як қолаби муайяни адабӣ-журналистӣ табдил ёфт.

**15. Зуҳур ва ташаккули саҳначаҳо ва намоишномаҳо дар нашрияҳои аввалини тоҷикӣ** («Бухорои шариф» ва «Оина»). Бо истифода аз суҳбатҳо ва тарҷумаи асарҳои адибони шарқӣ, ҷанбаи намоишӣ ва саҳнавӣ дар нашрияҳои аввалин ташаккул ёфт. Ин тарҳҳо дар оғоз кӯтоҳ буда, бештар ба намоишномаҳои хурд ё саҳначаҳо монанд буданд. Оҳиста-оҳиста, матолиби саҳнавӣ дар доираи хабарнигорӣ ва адабиёт ривоҷ ёфта, жанри намоишноманависиро ташаккул доданд. Ҳамин тариқ, саҳначаю

намоишномаҳои мунташиргардида ҳамчун заминаи ибтидоӣ барои рушди театр ва санъати саҳнавӣ дар ҷомеаи тоҷик хизмат карданд.

**16. Пайдоиши бисёре аз жанрҳои журналистӣ (репортаж, очерк, сафарнома) зери таъсири адабиёти бадеӣ.** Таҳқиқ нишон дод, ки ин жанрҳо, ки моҳиятан ба тасвир ва нақли муфассал асос меёбанд, аз усулҳо ва сабки бадеӣ суд ҷустаанд. Ҳамин тариқ, нашрияҳои нахустини тоҷикӣ бо гузоришҳои вобаста ба воқеият ва ҳамзамон дорои арзишҳои адабӣ ташаккули ҳувияти хоси журналистикии худро пайдо намуданд. Ин падида дар густариши маҳорати нависандагӣ ва таҳкиму бой гардидани забону услуби матбуотӣ саҳми назаррас гузошт. Ба ин васила, равиши муосири рӯзноманигории тоҷикӣ, ки бо эҳсоси бадеӣ тавъам аст, ташаккул ёфт.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Дар ин таҳқиқ бори аввал **назарияи муносибатҳои матбуот ва адабиёт,** инчунин **таъсирпазирии мутақобилаи** онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқон зикр менамоянд, ки матбуот бидуни адабиёт наметавонад самаранок инкишоф ёбад ва адабиёт низ бе тарғибу ташвиқи матбуот наметавонад ба таври пурра рушд кунад.

Мавод, мавзуъ, хулоса ва пешниҳодҳои ҷудогонаи таҳқиқи диссертатсионӣ барои таҳия ва татбиқи дастуру барномаҳои таълимӣ, баргузор кардани дарсҳои назариявӣ ва амалӣ дар доираи фанҳои «Ташаккули адабиёти навини тоҷик», «Журналистика», «Таърихи адабиёт» ва «Таърихи журналистика» дар факултаҳои журналистика ва филологияи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид мебошад. Ҳамзамон, мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои пажӯҳишро метавон дар ташкил ва гузаронидани курсҳои нав, ба мисли **«Муносибати адабиёт ва матбуот», «Инъикоси адабиёт дар саҳифаҳои нашрияҳо», «Ҷойгоҳи адабиёт дар матбуот»** ва дигар фанҳои марбут истифода бурд.

Илова бар ин, дар асоси натиҷаҳои таҳқиқи мазкур метавон низоми истифодаи матолиби бадеиро дар нашрияҳои тоҷикӣ такмил дода, равиши ҳадафманди онҳоро дар ҷодаи тарғибу ташвиқ ва иттилоърасонӣ муқаррар сохт.

Чунин муносибат **қоидаи маҳдуди “матбуот барои матбуот”**-ро канор зада, ба адабиёт дар нашриёҳо мақоми шоиста фароҳам меорад. Бо ин роҳ, ҳамкорӣ ва таъсирпазирии миёни адабиёт ва матбуот дар рушди фазои маънавӣ ва фарҳангӣ боз ҳам муассиртар хоҳад шуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд. Муқаррар гардид, ки ҳадафи асосии ин таҳқиқ мутобиқ бо самтҳои назариявӣ ва амалии ҳар ду соҳа (адабиёт ва рӯзноманигорӣ) буда, ҷанбаҳои гуногуни раванди ҳамдигартаъсирии осори адабӣ ва матбуотро дар доираи омӯзишу баррасии адабиёти навини тоҷик дар оғози асри XX пажӯҳиш менамояд. Масъалаҳои асосӣ, аз ҷумла омӯзиши паҳлуҳои адабӣ, жанрӣ, забониву услубӣ ва робитаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ, ки дар диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, бо муқаррароти шиносномаҳои зикршуда пурра мутобиқ мебошанд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи **“Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX”** барои дарёфти дараҷаи илмии **доктори илмҳои филология** дар асоси шиносномаи ихтисоси илмии **10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ** ва ихтисоси **10.01.10 – Рӯзноманигорӣ** таҳия гардидааст. Муқаррар гардид, ки ҳадафи асосии ин таҳқиқ мутобиқ бо самтҳои назариявӣ ва амалии ҳар ду соҳаи мазкур (адабиёт ва рӯзноманигорӣ) буда, ҷанбаҳои гуногуни раванди ҳамдигартаъсирии осори адабӣ ва матбуотро дар доираи омӯзишу баррасии адабиёти навини тоҷик дар оғози асри XX пажӯҳиш менамояд. Масъалаҳои асосӣ, аз ҷумла, омӯзиши паҳлуҳои адабӣ, жанрӣ, забониву услубӣ ва робитаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ, ки дар диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, бо муқаррароти шиносномаҳои зикршуда пурра мутобиқ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Диссертант бо истифода аз равишҳои муосири таҳқиқӣ, аз қабили **муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳлили сабку забон**, инчунин омӯзиши **шаклу мазмуну**

**муҳтавои осори бадеӣ,** бори аввал масъалаи **таъсирпазирии мутақобилаи матбуот ва адабиёт**ро дар як давраи муайяни таърихӣ – оғози асри XX – таҳлил ва арзёбӣ кардааст. Дар ҷараёни ин пажӯҳиш, диссертант **муайян намудааст,** ки таъсирпазирии дуҷонибаи адабиёт ва матбуот на танҳо дар рушди жанрҳои навини адабӣ, балки дар шаклгирии забони адабии тоҷик, ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва пешбурди фаъолияти рӯзноманигорӣ дар оғози садаи бистум нақши муассир доштааст. Натиҷаҳои бадастомада аз роҳи санҷишу муқоисаи матолиби бадеӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳои нахустини тоҷикӣ собит намудаанд, ки иттисол ва ҳамкории дуҷонибаи адабиёт ва матбуот барои таҳаввули фарҳанги миллӣ аҳаммияти назаррас дорад.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Мундариҷа ва қисматҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию амалии зерин дар шакли маърузаҳо баён шудаанд: “Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо” (Душанбе, 22.12.2020), «Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри XX» (Душанбе, 18-19.05.2021), «Густариши равобити адабию фарҳангии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: ҳолат ва дурнамо» (Душанбе, 30.11.-01.12.2021), «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар замони муосир» (Душанбе, 23-24.12.2022), “Филологияи шарқ: пажуҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ (Душанбе, 08.12.2023), “Масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ: назария ва методҳои таҳқиқи “тарҷумашиносӣ”” (Душанбе, 24.12.2024).

Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраи назария ва таърихи адабиёт ва кафедраи забонишносӣ ва рӯзноманигории факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 17.01.2025 (суратмаҷлиси №6) баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия**. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия: “Паёми Донишгоҳи

забонҳо”, “Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ”, “Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, “Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон”, “Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон” ва “Паёми Донишгоҳи Хоруғ” чоп шудаанд. Дар маҷмуъ муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 1 монография ва 25 мақола, аз ҷумла, 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, чор боб (бо маҷмуи бист фасл), хулоса, тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии матни диссертатсия 436 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ I

# МАТБУОТИ ДАВРӢ ВА РАВАНДИ ТАШАККУЛИ АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОҶИК

## 1. 1. Заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоиву фарҳангии зуҳури матбуоти навини тоҷик

Робитаи адабиёт ва матбуот аз оғози ташкилшавии матбуот ҳамеша қавӣ буд ва то кунун чунин боқӣ мондааст, зеро «Адабиёт ба матбуот, матбуот ба адабиёт тавъам буда, яке дигареро пурра гардонида, ба ин васила маҳсули эҷодро ба муштариён мерасонанд ва ғановати фарҳангӣ мебахшанд» [21, с.3]. Дар ҳамаи халқҳо адабиёт таърихи қадимӣ ва собиқаи тӯлонӣ дорад. Матбуоти тоҷик дар шароите пайдо шуд, ки заминаҳои иҷтимоӣ, маънавӣ ва равонӣ ҳама фароҳам омада буданд. Мардуми Бухоро аз нигоҳи рӯҳиву маънавӣ барои нашри рӯзнома омода буд. Таҳқиқ нишон дод, ки яке аз хонандагони рӯзнома «Б.Х.» дар мақолаи «Аморати Бухоро» зимни баррасии роҳҳои рушди иқтисодии кишвар нашри рӯзномаҳоро низ муҳим шуморида, навиштааст: «Аз ғайрат ва ҳиммати миллатписандонаи чанд нафар маорифпарвар ва тараққихоҳони Бухорои шариф ин рӯзномаи мусаммо ба «Бухорои шариф» ба забони расмии Бухоро, ки форсӣ аст, таъсис шуда, аз адам ба вуҷуд омад … Сабаби тараққӣ ва пешрафти ҳар қавм ва миллат ҳамоно ба воситаи рӯзномаи миллӣ аст. Ҳоло барои 9-10 миллиюн нуфуси исломияи Туркистон ва Мовароуннаҳр ҳамин як рӯзнома аст ва танҳо» [70, с.2]. Хонандаи дигари рӯзномаи «Бухорои шариф», Амин ибни Расул, дар мақолаи «Таҷаддуди Бухоро» аз нашри рӯзномаи аввалин изҳори ифтихор ва қаноатмандӣ намуда, онро омиле барои тараққии кишвар арзёбӣ кардааст: ««Бухорои шариф» нишон додани роҳи тараққӣ аст ба аҳолии он!» [63, с.2-3]. Ба ин тартиб, зарурат ва аҳаммияти воситаи ахбори умум барои сокинони Бухоро аз тарафи худи аҳолӣ муҳим арзёбӣ мешуд.

Матбуот адабиётро ба ҷомеа наздик намуда, ниёзҳои рӯзафзуни онро ба осори адабӣ, маънавӣ ва ғоявӣ таъмин кард. Он ҳамчун василаи робита миёни ҷомеа ва адабиёт амал намуда, андешаи эҷодкоронро ба доираи фарохи хонандагон расонд. Матбуоти тоҷик дар тӯли зиёда аз сад соли охир барои интишор ва таҳаввули адабиёти миллӣ саҳми назаррас гузошт. Дар навбати худ, адабиёт низ дар ташаккули матбуот, корбурди санъати тасвир, услуб, сабк ва зуҳури жанрҳои нав таъсир расонд. Азбаски матбуоти тоҷик дар ибтидои асри бистум фаъол гардид, назар ба матбуоти бархе халқҳои дигар (махсусан кишварҳои Шарқ ва умуман матбуоти ҷаҳонӣ) таҷрибааш камтар буд. Ба ин сабаб, «сухани гуфтанӣ» [205, с.2], ба қавли Мирзо Сироҷ, зиёд буд ва ҳар ду – адабиёт ва матбуот – барои баррасии масоили ҷомеа фаъолона ширкат варзиданд. То андозае кам омӯхта шудани робитаи адабиёт ва матбуот, хусусиятҳои муштарак ва ихтилофи онҳо, инчунин таъсирпазирии байниҳамдигарӣ дар илми адабиётшиносӣ ва таърихи матбуоти тоҷик, то ҷое ба навбудани худи матбуоти тоҷик рабт мегирад. Бо дарназардошти ин, мавзуи кори диссертатсионии мо, ки ба таҳқиқи ташаккули адабиёти навини тоҷик дар ду даҳсолаи баъди аввали асри бист (солҳои даҳум ва бистум) дар асоси матбуоти нахустини Осиёи Марказӣ («Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш») нигаронида шудааст, дорои аҳаммияти илмӣ мебошад. Дар ин доира таъсири мутақобилаи адабиёт ва матбуот, саҳми рӯзномаву маҷаллаҳои номбурда дар ташаккули адабиёти навини тоҷик, падидории жанрҳои нави адабӣ ва навовариҳо дар шаклу муҳтаво мавриди пажӯҳиш қарор мегиранд. Азбаски маҳз дар даҳсолаи дуюм ва сеюми асри бистум (то нимсолаи аввали соли 1930) адабиёт ва матбуоти навини тоҷик зуҳур намуда, ташаккул ёфтанд ва робитаи нахустини ин ду соҳа низ дар ҳамин давра пайдо шуд, интихоб гардидани ин фосила асоснок мебошад.

Таҳқиқи мавзуъ аз соли 1912, замони оғози нашри рӯзномаи нахустини тоҷикӣ – «Бухорои шариф» – оғоз меёбад. То он вақт дар Аморати Бухоро расонаи чопии маҳаллӣ вуҷуд надошт ва рӯзномаҳое, ки дар он ҷо паҳн

мегардиданд, аз хориҷа ворид мешуданд. Тавре устод С. Айнӣ ишора мекунад, «аз 1905 сар карда, мақолоти форсӣ аз тарафи тоҷикон ба қалам омад, чунончи Мирхон Порсозода ба «Ҳаблулматин» менавишт» [46, с.354]. Ҳамчунин, моҳи феврали соли 1910 муаллифе бо номи мустаори «Бухороӣ» дар рӯзномаи «Вақт» чанд мақола интишор дод, ки он шахс Абдуқодир Муҳиддинови ҷавон будааст. Ҳамин тавр, андешаи таъсиси як рӯзнома дар пойтахти Аморати Бухоро бори аввал соли 1910 ё андаке пештар аз он матраҳ шуд. Дар натиҷаи зуҳури матбуоти тоҷик, адабиёти куҳан ба дигаргуниҳои куллӣ рӯбарӯ гардида, дар шаклу муҳтаво тағйироти муҳим ворид шуд ва ин аз хизматҳои асосии матбуот ба шумор меравад. Зеро кормандони матбуот аз оғози фаъолият нашри намунаҳои адабиро вазифаи умда дониста, дар ин самт маҳорат ва захираҳои дониши худро истифода карданд. Албатта, муассисону ташаббускорони таъсиси матбуот ҳадаф ва ғояи хос доштанд, ки он паҳн намудани маориф, боло бурдани рӯҳияи ватандӯстӣ ва истиқлолияти сиёсиву фарҳангии ватан буд. Аз ин рӯ, гузоштани ҳамин вазифаҳо дар назди адибоне, ки бо матбуоти нав ҳамкорӣ доштанд, низ амалӣ гардид.

Баъди нашри рӯзномаи нахустини тоҷикӣ «Бухорои шариф» дар санаи 11 марти соли 1912 ва баста шудани он пас аз як солу ҳашт моҳ, дар Самарқанд бо ташаббуси Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ нашрияи нисбатан пурҳаҷми «Оина» ба фаъолият оғоз кард. Шумораи аввали он 20 августи соли 1913 нашр гардид. «Оина» на танҳо дар Самарқанду Бухоро, балки дар кишварҳои дуру наздик, аз ҷумла Эрону Туркия, Афғонистон, Миср, Русия, Ҳиндустон ва бархе мамлакатҳои Аврупо низ паҳн мешуд. Агар «Бухорои шариф» бедор намудани шуури мардум ва ҷалби онҳоро ба илму дониш ҳадаф қарор дода бошад, «Оина» илова бар ин ба баррасии норасоиҳо низ таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Ин ду нашрия аз ҷиҳати муҳтаво дар шароити иҷтимоиву сиёсии монанд амал мекарданд. Дар масъалаи шакл ва жанр, «Оина» фаъолияти шеъри нав ва публитсистикаи иҷтимоии «Бухорои шариф»-ро идома дод. Тафовут андаке дар забон ва сабки ифода дида мешавад: забони «Оина» нисбат ба «Бухорои шариф» ба забони

зиндаи маҳаллии мардум наздиктар буд. Ҳамчунин дар «Оина» шаклҳои нави бадеӣ пайдо шуданд, ки дар фаслҳои дахлдор муфассал шарҳ дода мешаванд.

«Оина» низ баъди як солу даҳ моҳ нашрашро қатъ кард. Баъд аз ин, дар Бухорою Самарқанд чандин сол нашрияе ба забони тоҷикӣ мавҷуд набуд. Дар ҳудуди кишвар чанд рӯзномаи дигар низ нашр мешуд, аммо аксарияти онҳо пурра ба забони ӯзбекӣ буданд ва танҳо гоҳ-гоҳ хабар ё матлаби кӯтоҳеро ба тоҷикӣ чоп мекарданд ё унвонашон тоҷикӣ буд (мисли «Садои Фарғона» ва «Садои Туркистон»).

Агар матолиби бадеии нашрияҳои аввали тоҷикӣ ва нашрияҳои ондавраинаи ӯзбекиву русӣ хусусияти инқилоби фарҳангию иҷтимоӣ дошта бошанд, нашрияи сеюми тоҷикӣ – «Шуълаи инқилоб» (1919) инқилоби сиёсиро вазифаи асосӣ қарор дод. Ин нашрия дар шароите таъсис ёфт, ки тақдири халқи тоҷик дар марҳалаи ниҳоят ҳассос қарор дошт. Маҷалла 10 апрели соли 1919 дар шаҳри Самарқанд чоп гардид. Корманди собиқи маҷаллаи «Оина» – Саидризо Ализода – бо баҳонаи тарғиби ғояҳои коммунистӣ миёни эрониёни Боғишамоли Самарқанд барои нашри «Шуълаи инқилоб» ба забони форсӣ иҷозат гирифт. Аз ин рӯ, маҷалла саршор аз матолиби дорои рӯҳияи инқилобӣ, тарғиби андешаи коммунистӣ ва ташвиқи мардуми форсизабон барои мубориза бо душманони синфӣ буд. Аз шумораҳои аввал, муҳтавои маҷалла бештар ба шинохти ҳуқуқ ва вазифаҳои сокинони форсизабон равона гардида буд. Дар атрофи ин нашрия гурӯҳе аз намояндагони равшанфикри тоҷик, аз ҷумла адибону шоирон ва публитсистон, гирд омаданд, ки мақолаҳо ва ашъори дорои мазмуни инқилобӣ таълиф мекарданд. Бо вуҷуди тадбирҳои худдифоии гуногун, пантуркистҳо тавонистанд фаъолияти ин нашрияро низ қатъ созанд ва шумораи охирини он (№91) 8 декабри соли 1921 нашр гардида, бо ҳамин баста шуд.

Барои тоҷикон баъди чанд соли хомӯшӣ танҳо пас аз сею ним сол имкони дубора садо додан фароҳам шуд. Ба қавли устод Садриддин Айнӣ: «Баъди чанд соли ба хомӯшӣ ғунудан, Баромад оқибат «Овози тоҷик» [47, с.2]. Яъне, рӯзномае бо ин ном моҳи августи соли 1924 дар шаҳри Самарқанд интишор ёфт;

нашри он муддате идома карда, дар саҳфаҳояш матолиби бадеӣ ҷойгоҳи хос касб намуд.

Аввалин рӯзнома дар ҳудуди имрӯзаи Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон 5 марти соли 1925 бо номи «Иди тоҷик» чоп шуд, аммо шумораи таърихии он то ҳол дастрас нест. Шумораи дуюми рӯзнома бо унвони «Бедории тоҷик» интишор гардида, бастаи нопурра ва сифатан номуносиби он дар Китобхонаи миллӣ нигоҳдорӣ мешавад. Баъд аз ин, дар Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон бо ташаббуси вазири аввали маорифи ҷумҳурӣ Аббос Алиев маҷаллаи аввалини омӯзгорон – «Дониш ва омӯзгор» – ба муносибати эълони яксолагии ташкилёбии ҷумҳурӣ ба табъ расид; пас аз як сол, дар Самарқанд маҷаллаи дигари соҳаи маориф – «Дониш-биниш» (аз шумораи дувум «Раҳбари дониш») – чоп шуд. Ҳар ду маҷалла фасли адабӣ дошта, осори зиёди бадеиро нашр мекарданд. Мазмуну муҳтаво ва вежагиҳои осори бадеии ин нашрияҳо низ дар фаслҳои алоҳидаи таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар ин таҳқиқ таъсирпазирии матбуот ва адабиёт аз оғози асри XX то соли 1929 пажӯҳиш мегардад. Сабаби чунин муайян намудани доираи таҳқиқ аз ду омил вобаста аст: аз як ҷониб, маҳз дар ҳамин давра матбуот ва адабиёти навини тоҷик зуҳур кард; аз ҷониби дигар, он бо тарзи даврабандии адабиёти навини тоҷик робита дорад. Аксари адабиётшиносон, аз ҷумла М. Шакурӣ, Х. Шарифов, М. Раҷабӣ, А. Набавӣ, Р. Мусулмонқулов, Х. Асозода, А. Шеърдӯст ва дигарон бар инанд, ки аз охири асри XIX то Инқилоби Октябр давраи аввали адабиёти навини тоҷик буда, аз соли 1917 то 1929 зермарҳалаи аввали давраи дуюм шуморида шавад. Ҳангоми даврабандии адабиёти навини тоҷик муаллифони китоби бунёдии «Таърихи адабиёти советии тоҷик» аз принсипи ташаккули жанрҳо истифода кардаанд. Бо ин вуҷуд, муҳаққиқ А. Сайфуллоев жанрро асоси ягонаи тақсимбандӣ ҳисоб накарда, ишора намудааст, ки дар ин сурат «адабиёти маорифпарварӣ чун яке аз сарчашмаҳои пайдоиш ва ташаккули адабиёти муосири тоҷик» сарфи назар мешавад [521, с.24-25]. Дар ин таҳқиқ низ матолиби адабии нашрияҳои аввалини тоҷикӣ – «Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор» ва «Раҳбари

дониш» (то соли 1929), ки шомили зермарҳалаи дувуми давраи аввали адабиёти навин (солҳои 1912–1917) ва зермарҳалаи аввали давраи Шуравӣ (солҳои 1918–1929) мегарданд, дар асоси падид омадан ва ташаккули жанрҳо мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Нахустин нашрияе, ки баъди эълони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои адабиёт таваҷҷуҳи бештар равона кард, «Дониш-биниш» (аз шумораи дувум – «Раҳбари дониш») (1927) мебошад. Дар ин давра чанд рӯзномаву варақаҳои дигар низ интишор ёфтанд, ки дар онҳо масъалаҳои адабиёт камтар матраҳ мегардиданд. Тавре ишора шуд, нашрияи аввалини баъди Инқилоб – «Шуълаи инқилоб» – рӯҳияи инқилобӣ дошта, баъд аз он «Раҳбари дониш» ва «Овози тоҷик» аз нав кори илмию маорифро идома доданд. Ин ҳолат пеш аз ҳама дар мазмуну муҳтавои ашъор ва намунаҳои насрӣ дар ҳамин давра зуҳур кард. Масъалаи дигаргунии афкор ва ормонҳои нашрияҳо дар солҳои бистуми қарни бист то ҳол аз ҷониби муҳаққиқон таҳлил нагардидааст ва дар таҳқиқи мавриди назар ин мавзуъ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.

Дар нашрияҳои солҳои бистум тарғиби маърифат, маориф, таълиму тарбия ва ватандӯстӣ мақоми асосӣ дошт. Аз ин рӯ, намунаҳои адабии онҳо низ ба татбиқи ҳамин ҳадафҳо равона мешуданд. Тавре дар «Оина» бештари мақолаҳо ва шеърҳо бо сарлавҳаҳои марбут ба таълиму тарбия пешниҳод мешуданд, дар нашрияҳои солҳои бистум на танҳо аксари маводи бадеиву публитсистӣ ба таълиму тарбия ихтисос дода мешуд, балки унвони бархе нашрияҳо низ онро инъикос мекарданд, мисли «Дониш-биниш», «Раҳбари дониш», «Алифбои савод», «Инқилоби маданӣ» ва ғ. Чунин падида дар нашрияҳои мамлакатҳои дигари ҳамзабони Шарқ низ мушоҳида мешуд. Дар Эрон, Афғонистон, Туркия, Миср, Русия, Ҳиндустон рӯзномаву маҷаллаҳое бо номҳои «Тарбият», «Омӯзгор», «Мактаб» ва ғайра интишор мегардиданд. Ин далелро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли зиёи мамлакат (19 марти соли 2008) зимни таъкид ба аҳаммияти забони тоҷикӣ дар ҷаҳони дирӯзу имрӯз, чунин ёдовар шудаанд: «Ҳанӯз дар соли 1822 дар шаҳри Калкуттаи Ҳиндустон аввалин

рӯзнома ба забони тоҷикӣ таҳти унвони «Ҷоми ҷаҳоннамо», баъдан дар шаҳрҳои Деҳливу Бомбай ва ғайра як қатор рӯзномаву ҳафтанома ва моҳномаҳои дигар, аз қабили «Ойинаи Сикандар», «Моҳи оламафрӯз», «Дирафши ковиёнӣ», «Тамаддун» ва амсоли инҳо интишор шуда, дастраси хонандагон мегардиданд. Ин мисол боз як далели азамат ва эътибори баланди забони тоҷикӣ мебошад» [309, с.157].

Ҳадафи асосии равшанфикрони тоҷик аз таъсиси матбуот танвири афкор, паҳн намудани андешаҳои маорифпарварӣ дар байни мардум, тавсеаи ҷаҳонбинии илмӣ-фарҳангӣ ва ҷалби насли наврасу ҷавон ба мактаб ва донишандӯзӣ буд. Чопи осори адабӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳо низ бо ҳамин ҳадаф сурат мегирифт, зеро барои интишори андешаҳои пешқадам жанрҳои гуногуни адабӣ мусоидат мекарданд. Яке аз сабабҳои дар аксар нашрияҳои мавриди назар («Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор» ва «Раҳбари дониш») ҷой доштани сарлавҳа, рубрика ва фаслҳои умумӣ бо номи «Адабиёт» низ дар ҳамин раванд нуҳуфтааст.

Чопи силсилаи шеърҳои навоварона перомуни чигунагии адабиёти замонӣ яке аз воқеоти муҳими адабӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» мебошад. Баҳсу мунозираҳои шадид тавассути жанрҳои нави адабиву журналистӣ ва мактубҳои хонандагон сурат гирифтанд, ки намунаи равшани адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ маҳсуб мешаванд; «туфайли баҳси интиқодӣ ва зебоишинохтӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ҷараёни шаклгирии адабиёти нав, шеъри нави воқеӣ ба марҳилаи тозае ворид гардид» [276, с.144]. Вазифаи таҳқиқ дар он аст, ки аз баҳсҳои баамаломада дар атрофи шеър ва мақсади он дар шароити нав, инчунин, аз заминаи шаклгирии наср ва жанрҳои нави он дар чаҳорчӯбаи баррасии асарҳои адабӣ ва публитсистӣ, ҳатто мақолаву гузоришҳои маъмулист, ки дорои унсурҳои бадеӣ мебошанд, таҳлилу пажӯҳиш анҷом дода шавад ва аҳаммияти онҳо дар ташаккули адабиёти навини тоҷик муайян гардад.

Рӯзнома барои мардуми Мовароуннаҳр падидаи нав буд. Аз ин рӯ, дар силсиламақолаи Мирзо Ҷалол «Вазоиф» оид ба вазифаи рӯзнома ва

рӯзноманависӣ маълумот пешниҳод шудааст. Дар мақолаи аввал муаллиф вазифаи рӯзномаро дар он мебинад, ки масъалаҳоро бо забони саҳеҳ ва барои ҳама дастрас бозгӯ намояд. Дар ин матлаб бори аввал истилоҳи «рӯзноманигорӣ» истифода шудааст. Андешаҳое ироа шудаанд, ки имрӯз низ арзиши худро гум накардаанд: «Ба воситаи рӯзномаҳо адолати ҳукмдорон дар миёни раъоё ва фуқаро мунташир мегардад… Рӯзнома раҳнамои милал ва ақвом ва давлатҳо ва ҳукмдорон аст» [469, с.1]. Муаллиф иброз доштааст, ки чандин бор ба уламо муроҷиат карда, хостааст дар сурати иштибоҳ, ба онҳо маълум намоянд, аммо то ҳол касе аз уламо ба саволи ӯ ҷавоб нadодааст.

Доир ба вазифаҳои матбуот, мазмуну муҳтавои онҳо ва чопи матолиби бадеӣ дар нашрияҳо муаллифони мақолаву мактубҳои дар нашрияи аввалини тоҷикӣ чопшуда низ андешаронӣ кардаанд. Аз ҷумла, дар номае таҳти рубрикаи «Мактуб аз Фарғона» бо номи «Зарурияти матбуот» фикрҳои ҷолиб пешниҳод шудаанд [274, с.3]. Аз ин матлаб бармеояд, ки аҳолии Осиёи Марказӣ баъд аз таъсиси рӯзномаи «Бухорои шариф» нахуст аҳаммияти онро дарк карданд ва сипас, дар мавриди ашъори классикӣ дидгоҳи онҳо то ҳадде дигар шуд. Зиёиёне пайдо гардиданд, ки шеърро бо мазмуни ишқу муҳаббат ва ирфони пешина қабул надоштанд. Муаллифи мактуб аз нашри «Бухорои шариф» изҳори хушнудӣ карда, ҳамзамон, бори аввал истилоҳи «журнал»-ро мавриди истифода қарор додааст: «тараққиёти миллия тавассути ғазита ва журнол аст на мавқуф ба кашф ва каромат! Ва ҳавоиҷи диния мавқуф бо китоби олоти улуми фунун аст на марбут ба авҳам ва хаёлот ва ҷунун!» [274, с.3]. Ӯ аҳаммияти матбуотро таъкид намуда, мазмуни гуфтаи маъруферо, ки имрӯз аз забони Мирзо Ҷалол Юсуфзода ва устод Садриддин Айнӣ ривоят мешавад, ба хотир оварда, онро бо фармудаҳои қуръонӣ низ иртибот додааст: «Қавме, ки ӯро матбуот набошад ва матбуотро надонанд, онҳо дар зумраи ояи карима «карру лолу кӯранд, ақл надоранд»… ва баъзе уламои бобасират зарурӣ будани ғазита ва журнолро аз ояи «Мушовара кун бо онҳо дар амр» истидлол менамоянд, зеро машварати ҷамеи муслимин бе тавассути матбуот амри маҳол аст» [274, с.3]. Муаллиф машғулияти бархеро дар мавриди хондани асотиру афсонаву ҷангномаву шеърҳои ишқӣ низ нозарур

диниста, хулоса кардааст, ки уламо бояд «танвири афкори мардумон саъйи балиғ намоянд ва аз атрофи олам ва акнофи дунё маълумот ҷамъ карда» дастраси онон кунанд, то аз хоби ғафлат бархезанд.

Ҳарчанд дар омӯзиши адабиётшиносӣ ва таърихи матбуоти тоҷик таҳқиқоти ҷудогонае вобаста ба ин масъала анҷом нагирифтааст, аз пажӯҳишҳои мавҷуда метавон хулоса кард, ки дар муҳтавои матбуоти аввалини тоҷик баъд аз маориф ва иқтисод адабиёт дар мақоми сеюм қарор дошт. Бартарии мавзуи адабиёт дар он буд, ки зимни бозгӯ кардани масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ жанрҳои адабӣ низ ҳамчун роҳи ифода мавриди истифода қарор мегирифтанд, ки дар ҷараёни таҳқиқ баррасӣ хоҳад шуд. Илова бар ин, рӯзномаву маҷаллаҳои ондавраӣ гӯшаҳо, рубрикаҳо ва ҳатто фаслҳои алоҳидаи адабӣ доштанд. Пажӯҳишгарон ин масъаларо танҳо бо зикри унвони рубрика ва сарлавҳаҳои матолиб ёдовар шудаанд; масъалаи навоварӣ, шакл, мавзую муҳтаво ва аҳаммияти бадеии онҳо то ҳол таҳқиқ нашудааст.

Доир ба ҷойгоҳи адабиёт дар матбуоти даврӣ ва таъсири мутақобилаи матбуот ва адабиёт, муҳаққиқони ҳамзабон дар Эрон таҳқиқоте анҷом додаанд. «Таҳаввули адабиёти достонӣ ва намоишӣ аз оғоз то 1320 шамсӣ. Дар чорчӯби тарҳи татаввури мазомини достонии гурӯҳи адабиёти муосир»-и донишманд Ҳасани Миробиддинӣ аз ҷумлаи чунин осор аст. Дар он сабабҳои рӯй овардани адибон ба матбуот ва интишори асарҳояшон дар рӯзномаву маҷаллаҳои охири асри XIX ва аввали асри бист муайян карда шудааст. Асари мазкур аз он ҷиҳат муҳим аст, ки бо давраи мавриди таҳқиқ мувофиқат мекунад. Ҳасани Миробиддинӣ яке аз сабабҳои дар матбуот чоп шудани аввалин романҳои форсиро «кундии рушди санъати чоп ва набудани ноширони ҳирфаӣ» дар Эрон арзёбӣ намудааст [240, с.23]. Вале, бар хилофи ин ҳолат, дар охири асри XIX ва аввали қарни бист миқдори рӯзномаву маҷаллаҳои форсӣ якбора афзуд. Рӯзномаву маҷаллаҳо имконияти боз доштанд. Ҳарчанд онҳо нашрияи адабӣ ҳисоб намешуданд, барои ҷалби шумораи бештари хонандагон ва афзоиши обунаи худ, ба чопи осори хурду бузурги адабӣ шурӯъ карданд. Асарҳои барои хонандаи тоҷик шинохта, монанди «Саёҳатномаи Иброҳимбек»-и

Зайнулобиддини Мароғаӣ, «Аҳмад ё сафинаи Толибӣ»-и Толибов, тариқи рӯзномаи «Ахтар», «Саргузашти Ҳоҷибобо»-и Исфаҳонӣ дар тарҷумаи Мирзо Ҳабиб Исфаҳонӣ тавассути рӯзномаи «Ҳаббулматин» нашр гардида, ҳатто барои хонандаи тоҷик дастрас шуданд. «Навиштаи Зайнулобиддини Мароғаӣ ҳамон амале, ки дар Эрон иҷро карда буд, дар Мовароуннаҳр низ иҷро кард. Дар ин ҷо низ боиси бедории андешаҳо ва таҳкими нигоҳи танқидии адибон ва афкори озодихоҳии онҳо гардид». Ин омил сабаб шуд, ки дар нашрияҳои нахустини тоҷикӣ як силсила жанр ва услубҳои нав, аз қабили мусоҳиба, сафарнома, фелетон, шеъри озод, ҳаҷв, нақиза ва ғайра ташаккул ёбанд. Дар нашрияҳои даврии Эрон чоп намудани асарҳои бадеӣ аз ду ҷиҳат суд расонд: аввал, кори муаллифонро осон кард – осори онҳо ба нашр расид; дувум, асарҳои мазкур ва худи нашрия хонандаи фаровон пайдо намуданд. Яъне, ҳар ду тараф – матбуот ва адабиёт – аз ин ҳамкорӣ баҳраманд гардиданд.

Оғози чопи нашрияҳоро дар Эрон бисёр муҳаққиқон, аз ҷумла, Д. Комиссаров ба ибтидои асри XX мансуб медонанд. Нашри мунтазами рӯзнома дар он кишвар бо номи Амири Кабир (1805–1852) пайваст аст, ки чанд рӯзнома таъсис дода буд. Онҳо дар баробари хабарҳои расмӣ мақолаҳои дорои шакли бадеӣ (фелетони имрӯза)-ро низ интишор мекарданд. Дар аксари рӯзномаҳои Эрон матолиби бадеӣ чоп мешуд [185, с.686]. Ба вуҷуд омадани маҷаллаҳо дар он сарзамин дар нимаи дуюми асри XIX бо чопи матолиби бадеӣ иртибот дошт. Маҷаллаҳое, ки дар Эрон ва хориҷ аз он ба забони форсӣ нашр мегардиданд, бо мақсади ҷалби хонанда тарҷумаи асарҳои бадеии нависандагони Ғарб, хусусан достонҳои моҷароёнаро, ба роҳ монда буданд.

Фазои наве, ки матбуот барои адибон фароҳам кард, ҳамзамон имкони баёни таҷрибаҳои адабиро тавассути рӯзномаҳо муҳайё сохт. Масалан, дар ҳамон давра (солҳои бистуми асри бист) Алиакбари Деҳхудо намунаи таҷрибаи адабии худро – мақолоти достонворро бо номи «Чаранду паранд» дар «Сури Исрофил» (ки ин нашрия ба Осиёи Марказӣ низ ирсол мегардид) нашр намуд. Муаллиф «тавонист бо истифода аз вожагони омиёна, муҳовараӣ ва фасеҳ таҳаввуле бузург дар ҳаҷвнависӣ, ҳаҷв ва шеваи интиқоди адабӣ эҷод кунад. Мақолоти

қиссагунаи ӯ бо унвони «Чаранду паранд» таъсири назаррас дар ҷараёнҳои адабии кишвар гузошт» [178, с.18]. Ин таъсир на танҳо дар Эрон, балки дар кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, низ мушоҳида гардид. Баъд аз он, ибораи «чаранду паранд» дар адабиёти форсу тоҷик маъруф гашт. Ҳатто сипас истилоҳи «чарандиёт» ва номи мустаори «Чарандгӯ» дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» фаровон истифода шуд [487, с.4; 4-5; 5].

Таҳқиқ нишон дод, ки адибони маъруфи тоҷик аввалин шеърҳои инқилобӣ ва намунаҳои жанрҳои нави насрии адабиро маҳз дар рӯзномаву маҷаллаҳо интишор доданд. Маълум аст, ки аввалин маҷмуаҳои осори Абулқосим Лоҳутӣ, Садриддин Айнӣ, Ҷ. Икромӣ, Пайрав Сулаймонӣ, А. Деҳотӣ, Мирзо Турсунзода ва дигар адибони маъруф танҳо дар солҳои 1927–1934 ба шакли китоб ба нашр расиданд. То он замон, бештари шеърҳои умдатан инқилобӣ ва навоварона, инчунин, асарҳои насрӣ, дар маҷаллаҳои «Шуълаи инқилоб», «Дониш ва омӯзгор», «Дониш-биниш» («Раҳбари дониш»), рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик» ва монанди инҳо ба табъ расида, барои хонандагон дастрас мегардиданд. Аз намунаҳои барҷаста аввалин повести тоҷикӣ «Одина»-и устод Садриддин Айнӣ ва очерки таърихии ӯ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» мебошанд, ки дар рӯзномаи «Овози тоҷик» чоп шудаанд [49]; ҳамчунин нахустин романи ӯ «Ҷаллодони Бухоро» (варианти ӯзбекӣ) низ дар нашрияи даврӣ интишор ёфтааст. Зеро дар аввали солҳои бистум матбааҳои дорои иқтидори кофии чопи асарҳои бадеӣ ва таълимӣ вуҷуд надоштанд ва асосан шумораи каме китоби дарсӣ ва маҷмуаи «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) интишор гардиданд. Бо дарназардошти ин вазъият муҳаққиқ А. Азимов дар таҳқиқи осори адабии матбуоти солҳои бистум ва сиюм хулоса намудааст: «Адабиёти нави Шуравӣ аз матбуот манша гирифтааст. Қисми зиёди адибони наслҳои якуму дуюми адабиёти тоҷик аввалин чакидаҳои хомаашонро дар матбуот манзури хонандагон гардондаанд. Ба ин васила матбуот ба поягузории адабиёти нави тоҷик ва шаклгирии мавзуъ, жанр ва қолабҳои он мусоидат кардааст» [21, с.24]. Илова бар ин, бисёр жанрҳои нави адабӣ низ дар матбуот ташаккул ёфтанд. Ҳамаи

нашрияҳои мавриди таҳқиқ гӯша ва ё рубрикаи «Адабиёт» доштанд, ки дар онҳо асосан ашъор ва гоҳе асарҳои насрӣ интишор мешуданд.

Бо баррасии масъалаи замони зуҳури рӯзномаҳои нахустини тоҷикӣ, ҳадафу вазифаҳои асосии онҳо ва мақсади нашри осори бадеӣ дар аввали асри XX метавон ба хулосаҳои зер расид:

1. **Пайдоиши матбуоти тоҷикӣ.** Пайдоиш ва ташаккули матбуоти аввалини тоҷикӣ дар шароити мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ сурат гирифт. Ин матбуот дар давраи муборизаҳои сиёсӣ, нооромиҳои иҷтимоӣ ва тағйироти бунёдии ҷомеа ба вуҷуд омада буд. Ҳадафи асосии он тарғиби афкори нав, ташвиқи маърифати иҷтимоӣ ва равшанфикрӣ буд. Нашрияҳои аввали тоҷикӣ на танҳо воситаи иттилоотрасонӣ, балки минбари муҳими баёни афкори маорифпарварона ва фарҳангӣ низ маҳсуб мешуданд. Мазмун ва муҳтавои ин нашрияҳо, аз ҷумла матолиби бадеии онҳо, таҳти таъсири вазъи сиёсӣ ва ниёзҳои ҷомеа шакл мегирифт.

2. **Таҳаввули мазмуну муҳтаво дар матбуоти ибтидоии тоҷик**. Рӯзномаву маҷаллаҳои аввалини тоҷикӣ вобаста ба шароити сиёсиву иҷтимоӣ пайваста тағйир меёфтанд. Агар нашрияҳои пешазинқилобӣ таваҷҷуҳи худро бештар ба танвири зеҳн, ташвиқи илму маърифат ва ҳифзи ҳувияти миллӣ равона карда бошанд, пас пас аз Инқилоби Октябр (1917) ин рӯйкард тағйир ёфт. Ба таври мушаххас, «Шуълаи инқилоб» (1921), аввалин нашрияи даврии тоҷикӣ, бо тамоюли инқилобӣ ва сиёсӣ пайдо гардид. Пас аз ташкили Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон (1924) ва ҳалли масъалаҳои муҳими сиёсӣ ва иҷтимоӣ, бори дигар матолиби нашрияҳо ба масоили маорифпарварӣ, таълиму тарбия ва густариши саводу дониш тамаркуз намуданд. Ин тағйироти бунёдӣ нишон медиҳад, ки матбуот дар ин давра ҳамчун воситаи ташаккули афкори ҷамъиятӣ хизмат мекард.

3. **Нақши матбуот дар ташаккули афкори адабӣ.** Нашрияҳои ибтидоии тоҷикӣ на танҳо ба масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, балки ба рушду густариши афкори адабӣ низ таъсир расониданд. Дар нимаи аввали асри XX дар матбуоти тоҷик масоили жанр, шакл ва мазмуни шеър ва наср мавриди баррасии доимӣ

қарор гирифтанд. Тағйироти ба вуҷудомада дар мазмун ва сохтори ашъор ва намунаҳои насрӣ дар даҳсолаҳои аввалини асри XX ба таҳаввули минбаъдаи адабиёти тоҷик замина гузошт. Бо вуҷуди он ки ин таҳаввулот муҳим буданд, таҳқиқоти ҷудогонаи амиқ дар мавриди робитаи матбуот ва адабиёт дар ин давра ҳанӯз анҷом наёфтааст.

**4. Мақоми адабиёт дар матбуоти ибтидоии тоҷик.** Дар тамоми нашрияҳои аввалини тоҷик матолиби адабӣ ҷои муҳимро ишғол мекарданд, гарчанде ки саҳифаҳои алоҳидаи комилан бахшидашуда ба адабиёт вуҷуд надоштанд. Ба таври мушаххас, дар аксарияти нашрияҳо гӯшаҳо ва рубрикаҳои махсус барои нашри шеър, ҳикоя ва мақолаҳои адабӣ мавҷуд буданд. Ҳамзамон, матбуот ҳамчун минбари танқиди адабӣ ва баррасии осори адибон низ хидмат мекард. Бо вуҷуди мавҷудияти ин унсурҳо, набудани назарияи системавии нақди адабӣ ва ҷараёнҳои таҳлилӣ яке аз камбудиҳои ин давра ба ҳисоб меравад.

**5. Мавқеи адабиёт дар муқоиса бо соҳаҳои дигар.** Дар матбуоти ибтидоии тоҷик шумораи матолиби адабӣ нисбат ба бахшҳои дигар камтар буд. Масъалаҳои марбут ба маориф, сиёсати фарҳангӣ ва иқтисодиёт дар саҳифаҳои матбуот мавқеи аввалро ишғол мекарданд. Адабиёт дар раддабандии мавзуъҳо пас аз маориф ва иқтисод дар ҷои сеюм қарор дошт. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давраи аввали ташаккули матбуоти тоҷик масоили иҷтимоӣ ва иқтисодӣ авлавият дошта, адабиёт бештар воситаи таблиғотӣ маҳсуб мешуд. Бо ин вуҷуд, саҳми нашрияҳо дар ташаккули ҷараёнҳои нави адабӣ ва забонӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

**6. Таҳаввули услуби адабӣ дар матбуоти ибтидоӣ**. Дар матбуоти ибтидоии тоҷик баҳсҳои марбут ба услуб ва шакли нави шеър мавқеи хос доштанд. Аз ҷумла, баҳсҳои суратгирифта дар «Бухорои шариф» оид ба навоварӣ дар шеъру наср, тағйироти шакливу мазмунӣ ва таъсири ҷараёнҳои адабии навини замон аз муҳимтарин омилҳои рушд ба ҳисоб меравaнд. Ин баҳсҳо, ки тавассути жанрҳои гуногуни шеърӣ, мақолаҳои танқидӣ ва номаҳои ирсолшуда ба рӯзномаҳо сурат гирифтаанд, дар ташаккули адабиёти навини

тоҷик нақши муассир гузоштанд. Таъсири ин муҳокимаҳо то ба имрӯз дар рушди назарияи адабӣ ва нақди адабӣ эҳсос мешавад. Бо вуҷуди ин, дараҷаи таъсири ин баҳсҳо ба ташаккули сабк ва мазмуни адабиёти нав таҳқиқоти ҷудогонаро талаб мекунад.

7. **Таъсири матбуоти хориҷӣ ба рушди матбуоти тоҷик.** Таҳқиқоти анҷомшуда нишон медиҳад, ки матбуоти ибтидоии тоҷик дар аввали асри XX аз матбуоти форсизабони Эрон таъсир пазируфтааст. Ин таъсир бештар дар истифодаи жанрҳои гуногуни адабӣ ва услуби баёни андеша мушоҳида мешавад. Бо вуҷуди ин, матбуоти тоҷик таҷрибаи бунёди баҳсҳои адабӣ тавассути шеър ва эҷоди матнҳои танқидӣ ва иҷтимоӣ-ро мустақилона рушд додааст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки ҳарчанд таъсири матбуоти хориҷӣ вуҷуд дошт, равандҳои эҷодӣ ва таҳаввулоти дохилӣ низ нақши муҳим доштанд.

8. **Матбуот ҳамчун минбари интишори адабиёти навин.** Дар солҳои бистуми асри XX, бинобар маҳдудияти кори матбааҳо, аввалин шеърҳои инқилобӣ ва намунаҳои насри бадеӣ асосан тавассути матбуот интишор мешуданд. Ин нашрияҳо ба тарғиби адабиёти нав, ки ба идеяҳои инқилобӣ ва иҷтимоӣ мутобиқ буд, тамаркуз доштанд. Бо назардошти ин, матбуот дар баробари минбари ислоҳоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ, инчунин ҳамчун воситаи густариши сабк ва мазмуни нави адабӣ хидмат мекард. Ин раванд минбаъд ба ташаккули адабиёти нави реалистӣ ва иҷтимоии тоҷик замина гузошт.

**Хулосаи умумӣ:**

Матбуоти ибтидоии тоҷик на танҳо ҳамчун воситаи иттилоотрасонӣ, балки ҳамчун минбари муҳими ташаккули афкори адабӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ хидмат кардааст. Ин нашрияҳо дар инкишофи баҳсҳои адабӣ, ташаккули услуб ва жанрҳои нави насрӣ ва шеърӣ, ҳамчунин таҳқиқи масоили марбут ба алифбо ва забони адабӣ нақши муҳим бозиданд. Бо вуҷуди таъсири матбуоти форсизабон ва муҳити сиёсии давр, матбуоти тоҷик роҳи хоси эҷодӣ ва рушди адабиётро тай намуд, ки дар таърихи фарҳанги миллӣ нақши арзанда гузоштааст.

## 1. 2. Робитаи мутақобили матбуоти даврӣ ва адабиёти бадеӣ

Бисёре аз адабиётшиносони Ғарб ва Эрон таъсирпазирии адабиёт ва матбуотро мутақобила мешуморанд, яъне, таъсири матбуот ба адабиёт ва адабиёт ба матбуот баробар арзёбӣ мегардад. Аз натиҷаҳои фасли гузашта низ чунин хулоса ҳосил шуд, ки таъсиргузории матбуот ба адабиёт пеш аз ҳама дар сариваќт дастрас гардонидани асар, арзёбии он аз ҷониби хонанда, таҳкими робитаи миёни эҷодкор ва хонанда, пайдоиши намунаҳои ибтидоии накди адабӣ ва шарҳи мактубҳо тавассути идораи нашрия ифода меёфт. Бо ин ҳама, матбуот баробари иҷрои рисолати бевоситаи худ – воқеанигорӣ ва расонидани ахбор – тавассути чопи асарҳои бадеӣ дар таҳаввул ва густариши адабиёти бадеӣ саҳми назаррас гузошт.

Ҳамзамон, таъсири адабиёт ба матбуот низ чашмгир мебошад. Яке аз нишонаҳои муҳимми таъсири адабиёт ба журналистика, ташаккули жанрҳои нави матбуотӣ маҳсуб мешавад. Масалан, баъди тарҷумаи тамсилоти Охундзода ба забони форсӣ, рӯзноманигори маорифпарвари Эрон Мирзо Малкумхон шеваи мушобеҳи муколамаро дар мақолаҳои матбуотии худ истифода намуд. Ё саҳначаҳои бадеие, ки дар «Бухорои шариф» мунташир мешуданд, дар ташаккули жанри мусоҳибаи имрӯз саҳм гузоштанд. Ҳамчунин, сафарномаҳои бадеии Абдурауфи Фитрат барои зуҳур ва рушди репортаж, ки яке аз жанрҳои асосии журналистика мебошад, мусоидат карданд.

Дар Эрон, дар ибтидои асри XX, саҳми Баҳор, Фурӯғӣ ва Нафисӣ (ки ҳамзамон рӯзноманигор ва адиб буданд) дар шаклгирии забони насри бадеӣ ва забони рӯзноманигории форсӣ назаррас арзёбӣ мегардад. Дар матбуот ва адабиёти солҳои бистум ва сиюми тоҷик низ чунин ҳолат мушоҳида мешавад. Аксари адибон, мисли С. Айнӣ ва шоирони дигари куҳансол ва ҷавон, дар мақолаҳо ва шеърҳои инқилобии худ ҳодисаҳои муҳимро бозтоб медоданд; ин раванд яке аз вежагиҳои воқеанигории ашъори ондавраина маҳсуб мешавад. Шоир ва муҳаққиқ Аскар Ҳаким дар таҳқиқи худ оид ба шеъри ғаноии (лирикии) тоҷикӣ сабаби ин тамоюлро бо мафҳумҳои нави «ҳунар барои ҳунар» ва «ҳунар

барои иҷтимоъ», ҳамчунин «ҳастии иҷтимоӣ» ва «шуури иҷтимоӣ» рабт дода, ашъори давраҳои мавриди назари моро то солҳои панҷоҳум «шеъри фаъолият» номидааст [66, с.12–37]. Чунин услуби кор ҳам бартарӣ ва ҳам камбудӣ дошт: бартарии он дар воқеагароӣ ва наздик буданаш ба фаҳми хонанда зоҳир мешуд, норасоиаш аз он иборат буд, ки дар аксари ҳолатҳо ба шахсият ва шуури инсон камтар таваҷҷуҳ мекард. Яке аз сабабҳои асосии чунин вазъ таъсири воқеаҳои печидаи сиёсӣ ва иҷтимоии давр, ҳамчунин таъсири матбуоти навтаъсис ба шумор меравад, ки усулан характери маорифпарварӣ ва дар бархе маврид оҳанги сиёсиву иҷтимоӣ дошт. Ин гуна ҳолат дар Эрони ҳамзабон низ мушоҳида шуд. Бо вуҷуди ин, дар ҳар ду кишвар шоирон услуби суннатии чандасрарӯяи худро тамоман тарк накарданд ва дар пояи он адабиёти навро шакл доданд.

Ба қавли муҳаққиқони эронӣ, дар шаклгирии адабиёти нави он кишвар матбуот нақши муассир гузошта, ҳамзамон адабиёти форсии дорои собиқаи бой ба матбуот шаклу муҳтавои хос ато кардааст. Муҳаққиқони Эрон таъсири адабиёти бадеиро ба матбуот ба воқеаҳои иҷтимоии се давра вобаста мешуморанд [240, с.76]:

1) Аз соли 1838 (замони интишори нахустин рӯзномаи форсӣ бо номи «Коғази ахбор» ё «Вароқи ахбор») то террори Носириддиншоҳ. Дар ин давра, ки заминаи Инқилоби Машрутаро гузошт, матбуоте вуҷуд дошт, ки бо адабиёт иртиботи зич дошта, дар поварақҳояш бархе романҳои ғарбиро тарҷума ва чоп мекард.

2) Давраи дувум аз соли 1875 то соли 1885-ро дар бар гирифта, дар он асосан пас аз куштори Носириддиншоҳ ва қатъияти сензура вазъи матбуот муайян гардид. Дар ҳамин давра нахустин рӯзномаи форсӣ ба сабки аврупоӣ («Тарбият») таъсис ёфт ва мавзуи таълиму тарбия муҳимтарин масала шуд. Ҳамчунин, дар ин фосила нашри асарҳои тарҷумавӣ ва мақолаҳои нахустини нақди адабӣ оғоз гардид.

3) Давраи сеюми таҳаввули матбуоти Эрон аз оғози Инқилоби Машрута (1908) то соли 1922-ро дарбар мегирад. Агар дар ду давраи гузашта идораи матбуот асосан дар дасти шахсиятҳои донишманд ва адабшинос буд, дар ин

давра афроди воқеанигор, ки дар соҳаи адабиёт камтар корозмуда буданд, фаъол гаштанд. Ин омил боис шуд, ки осори адабӣ ва тарҷумавие ба табъ расанд, ки сифати баланди бадеӣ надоштанд [240, с.76]. Азбаски аксари матбуоти форсӣ дар хориҷ аз Эрон чоп мешуд, забони адабии форсӣ бо фаровонии калимаҳои туркиву арабӣ омехта гардид. Ин воқеа донишманди машҳур Тақизодаро водор кард, ки дар бораи забони рӯзномаҳо мақолаҳои танқидӣ нависад. Сипас рӯзномаҳо бештар воқеанигор ва иҷтимоигаро шуда, ба масъалаҳои адабӣ низ аз ин зовия нигоҳ мекарданд. Дар ниҳоят, «маҷаллоти адабии форсӣ аз батни рӯзномаҳои даврони бедорӣ ва Машрута зуҳур карданд» [240, с.76]. Ин вазъи ноустувори сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар оғози асри бистум дар Осиёи Миёна низ мушоҳида мешуд ва осори нашрияҳои тоҷикӣ ҳам то андозае ин хусусиятҳоро касб намуданд.

Тавре дар мавриди рӯзномаҳои эронӣ зикр шуд, азбаски «Бухорои шариф» нашрияи иҷтимоӣ-маорифпарварӣ буд ва то поён чунин монд, матолиби бадеии он, аз ҷумла, шеър, бештар ранги иҷтимоӣ касб кард. Дар ин росто, фарқи матбуот ва адабиёти тоҷик аз он иборат буд, ки асарҳои бузургеро чун достон ва роман дар нашрияҳо дида намешуд, зеро он солҳо чунин осор ҳанӯз падид наомада буданд. Аммо дар матбуоти Эрон чунин осор (бештар тарҷумавӣ) ба табъ мерасид. Афзалияти матолиби адабии матбуоти нахустини тоҷик дар он зоҳир мегардид, ки публитсистикаи бадеиву иҷтимоӣ дар онҳо бояду шояд матраҳ мешуд ва аҳаммияти сиёсию иҷтимоии нашрияҳову адабиётро таҳким мебахшид. Дар матбуоти эронӣ бошад, асарҳои бузурги насрии дар варақҳои маҷаллаҳо чопмешуда бештар хусусияти тафреҳӣ доштанд ва тавассути онҳо мизони фурӯши нашрия боло мерафт; аммо таъсири амиқи иҷтимоӣ ё сиёсӣ дар онҳо камтар мушоҳида мешуд. Бо ин ҳама, заҳмати Алиакбари Деҳхудо дар пешрафти забони адабии матбуотии форсӣ басо арзишманд аст. Хизмати ӯро метавон бо саҳми Садриддин Айнӣ дар ташаккули забони форсии тоҷикӣ дар даҳаи сеюми асри бист муқоиса намуд. Ба гуфтаи донишманди маъруф Эдвард Браун, «Чаранду паранд»-и Деҳхудо «забони адабиро аз қайду банди суннат раҳо кард ва онро бо забони рӯзмарра даромехт… Он далели навоварӣ дар танзи

форсист ва ба сабке ҳам омиёна ва ҳам муҷазу фасеҳ навишта шудааст» [100, с.412]. Деҳхудо «рӯзноманигори пешраве буд… Ӯ бо таваҷҷуҳ ба омили лаҳн дар навиштаҳояш насре барои достоннависӣ пешниҳод кард, ки сипас пояи забони достонии Ҷамолзода ва Ҳидоят шуд» [240, с.76].

Хулоса, таъсиргузории адабиёт ва осори назмию насрии матбуоти Эронро ба матбуоти он давра асосан дар падидории жанрҳои нави журналистӣ, ҳаҷви публитсистӣ ва иҷтимоӣ бояд ҷуст.

Таъсири байниҳамдигарии адабиёт ва матбуот дар давраи охир назаррас буда, ин ду шохаи касби эҷодӣ аз ҷиҳати шакл ва мазмун бештар ба ҳам иртибот пайдо карданд. Ба натиҷа расид, ки ба қавли Ҳасан Миробиддинӣ, рӯзномаҳои форсии ибтидои асри бист ҳалқаи пайвандии адабиёт ва матбуот гардиданд. Дар Эрон таҳқиқоти фаровоне дар мавзуи муносибати адабиёт ва матбуот сурат гирифтанд. Ба қавли донишмандони он кишвар, рӯзномаҳои «Насими шимол», «Теотр», «Сури Исрофил» дар ибтидои қарни бистум мисли ҳалқаҳои занҷире мебошанд, ки низоми матбуотро бо низоми адабӣ ва шаклгирии он пайванди зич медиҳанд. Дар ин давра «рӯзномаҳо ҳангоми фаъолияти хабарӣ фазои муносибе барои нашри осори нависандагони ҷадид фароҳам меоварданд» [240, с.22]. Бо вуҷуди ин, ба қавли Ҳасан Миробиддинӣ, бештари осори мансуре, ки пас аз Инқилоби Машрута эҷод гардид (аз ҷумла осори Алиакбари Деҳхудо), дар бахши бадеият ба дараҷаи асарҳои Мароғаӣ, Толибов, Малкумхон ва Мирзо Ҳабиб намерасанд. Дар ин арзёбӣ ченаки асосӣ андозаи таъсиргузории сиёсӣ ва иҷтимоии асарҳост. Ба назари мо, сабаби ин он аст, ки Деҳхудо пеш аз ҳама адиб буд ва ба андозаи рӯзноманигор воқеанигорӣ намекард, балки рӯйдодҳои ҷомеаро аз зовияи бадеӣ бозтоб медод. Нависандагоне, ки пештар осори худро офарида буданд, ба шумули Мароғаӣ, Толибов, Малкумхон ва Мирзо Ҳабиб, касби асосии рӯзноманигорӣ доштанд ва дар даврони охири асри нуздаҳ ва аввали асри бист, ки замони инқилобу дигаргуниҳои сиёсиву ҷамъиятӣ буд, воқеанигорӣ назар ба ифодаи бадеӣ мақоми боло дошт. Аз ин рӯ, дар осори бадеии пеш аз даврони Машрутият, ҷанбаи инқилобӣ ва равшанфикрӣ пурзӯртар ба назар мерасад. Нашрияҳои аввалин омил гаштанд, ки қувваҳои адабӣ гирд

оянд ва минбаъд анҷуману гурӯҳҳои адибон ташаккул ёбанд. Дар ин давра нашрияҳои хоси адабӣ низ пайдо шуданд, ки адибонро дар атрофи худ муттаҳид мекарданд. Фикри Болоӣ дар ин замина қобили қабул аст: «Шукуфоии нашрияҳои адабӣ мустақиман бо таъсиси анҷуманҳо ё марказҳои рушди андешаи сиёсӣ ва гурӯҳҳои ақидатӣ, ки тамоми шахсиятҳои адабӣ ва илмиро гирд овард, иртибот дорад» [96, с.48]. Аввалин маҷаллаи махсуси адабӣ соли 1875, бо номи «Баҳор», нашр шуд. Ин гуна нашрияҳо маъмулан номунтазам ва ё барои солҳои маҳдуд чоп мешуданд, ки иллати он камии хонанда ё нотавонии молӣ буд. Мушкилоти мазкур дар рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикӣ низ ҷой дошт. Масалан, нашрияҳои тоҷикӣ, ки ашъори шоирон ва насри публитсистии аҳли адаби тоҷикро чоп мекарданд, мисли «Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Дониш ва омӯзгор», ҳамагӣ барои тақрибан як - якним сол мунташир мешуданд. Ҳол он ки маҷаллаҳои форсие, ки дар ҳошияашон осори бадеии тарҷумавӣ нашр мекарданд, даҳсолаҳо идома ёфта, хонандаи сершумор доштанд. Давомнокии фаъолияти онҳо ба он рабт дошт, ки чунин нашрияҳо ба воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ камтар дахл мекарданд. Аммо рӯзномаю маҷаллаҳои Осиёи Марказӣ, ки ҳадафҳои вежаи иҷтимоӣ доштанд ва мубаллиғи танвири афкору рушди сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар буданд, ногузир бо сиёсату давлатдорӣ сарукор мегирифтанд ва бинобар ин, бо мушкилот рӯбарӯ шуда, умри дароз намедиданд. Имкони гирд овардани гурӯҳҳову маҳфилҳои адабиро рӯзномаю маҷаллаҳои тоҷикӣ танҳо дар нимаи дувуми солҳои бистум пайдо карданд. Аввалин бор дар назди рӯзномаи «Овози тоҷик» маҳфили адибон ташкил гардид.

Маълум аст, ки агар рӯзнома асосан хусусияти иттилоърасонӣ ва эълону реклама дошта бошад, имкони маҷалла дар мавриди чопи матолиби бадеӣ бештар аст. Масалан, «Бухорои шариф» (1912) бо вуҷуди мунтазам, дар ду-се рӯз як маротиба чоп шудан, осори зиёди бадеиро нашр карда наметавонист, аммо маҷаллаи «Оина» (1914) имкони бештар дошт ва матолиби бузургҳаҷми бадеиро дастраси хонандагон мегардонид. Дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» низ тарҷумаи як асари бузург дар чанд шумора пайваста чоп шуд.

Бо вуҷуди ин, наметавон натиҷагирӣ кард, ки ҳамзамон бо зуҳури матбуот дар Эрон ва Осиёи Марказӣ адабиёт шакли нав пайдо намуд. Зеро адабиёти куҳани тоҷику форсӣ аллакай дар замири мардум реша давонда буд. Ба қавли Ҳасан Миробиддинӣ: «Воқеият ин аст, ки он замон удабои суннатгаро бар таҷаддудхоҳон бартарии тамом доштанд» [240, с.88]. Яъне, байни онҳо мухолифати ҷиддӣ вуҷуд надошт. Ҳамон гуна ки дар даҳсолаи якуму дувуми асри бист дар миёни мардуми Осиёи Марказӣ ашъори суннатгароёнаи Нақибхон Туғрал ва осору мақолаҳои шоирону маорифпарварони навгаро, публитсистикаи инқилобӣ ва маорифпарварӣ мавқеи баробар доштанд, дар Эрон низ, ба қавли Зарринкӯб, «Адаб ва шеъри (классикии) Эрон ҳанӯз дар назари қавм дар чунон авҷи эътилоӣ буд, ки ҳатто тасаввури ин нукта, ки битавон чизе аз адаби қавми дигарро бо он муқоиса кард, ғариб ба назар мерасид» [148, с.27]. Бинобар ин, ба гуфтаи Ҳасани Миробидинӣ, «ҳар маҷалла ва китобу рӯзномае, ки ба форсӣ мунташир мешуд, аз осори қаламии удабои суннатгаро холӣ набуд» [240, с.88]. Дар миёни ин ду гурӯҳ муқобилати сахт набошад ҳам, нависандаи навгаро Содиқ Ҳидоят худ ва атрофиёнашро ба шӯхӣ гурӯҳи «рабъа» (чоргона) номидааст, суннатгароён бошанд, худро «сабъа» (ҳафтгона) мехонданд. Ин баҳсу андешаҳо, ки ба манфиати пешрафти адабиёт буданд, минбаъд, чунончи хоҳем дид, дар адабиёти навини тоҷик (дар мисоли «қадим» ва «ҷадид») низ ба назар мерасиданд. Танҳо фарқ дар он буд, ки дар адабиёти тоҷикии баъди солҳои бистум (даврони Шуравӣ) чунин ихтилофҳо бинобар муқовиматҳои сиёсӣ ва ақидатӣ шадидтар шуд ва дар бархе маврид ҳатто ба ҳабсу маҳдудиятҳои шоирону нависандагон оварда расонд.

Мутаассифона, донишмандони тоҷик то кунун аз ин зовия пажӯҳишҳои ҳамаҷониба анҷом надодаанд. Андешаҳое, ки то ҳол ироа шудаанд, асосан дар чаҳорчӯбаи мавзуъҳои дигар қарор дошта, таҳқиқи амиқ ва фарогир дар ин самт дида намешавад. Бар асоси муқоисаи мавзуъ, мазмун ва жанрҳои адабию журналистии нашрияҳои Эрону Осиёи Марказӣ метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки дар нашрияҳои даҳсолаи аввали асри бистуми Эрон ҷанбаи бадеӣ нерумандтар мебошад (роман, ҳикоя, новелла), дар ҳоле ки дар нашрияҳои

тоҷикӣ жанрҳои хурд, аз ҷумла ҳаҷв, назира, нақиза, мушоира, ҳикояи кӯтоҳ ва шеъри мансур мақоми асосӣ доштанд. Ҳамзамон, рӯҳи публитсистӣ дар онҳо хеле қавӣ буда, аз нашрияҳои Эрон дар ин ҷода пешсаф буданд.

Бо вуҷуди ин, баррасиҳои анҷомёфта имкон медиҳанд, ки таъсиргузории байниҳамдигарии адабиёт ва матбуоти тоҷик дар давраи мавриди назар (оғози асри XX то соли 1929 ва ибтидои соли 1930) ба ду марҳила ҷудо гардад:

1. Пеш аз Инқилоби Октябр.
2. Пас аз Инқилоби Октябр то соли 1929 (ва аввали 1930).

Дар марҳилаи аввал жанрҳои адабии вобаста ба фаъолияти матбуот ва адабиёт, мисли публитсистика, фелетон, мусоҳиба ва сафарнома зуҳур ёфтанд. Матолиби адабии ин давра, ки дар матбуот мунташир мешуданд, бештар хусусияти маорифпарварӣ ва танвири афкор доштанд. Дар марҳилаи дувум шаклҳои нави адабӣ (ҳикоя, повест, қисса) падид омаданд. Адибон атрофи нашрияҳо гирд омада, осори якдигарро мавриди муҳокима қарор медоданд, ки ин вазъият ба пайдоиши аввалин намунаҳои накди адабӣ замина фароҳам овард. Дар ин давра, масалан, повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ дар рӯзнома интишор ёфт. Бархе нашрияҳо, мисли «Раҳбари дониш», бо ифтитоҳи рубрикаву саҳифа ва гӯшаҳои хоси адабӣ, фаъолияти адабию нақдиашонро таҳким бахшиданд. Ҳамаи ин, дар ниҳоят, дар нимаи аввали солҳои сиюми асри бист барои ташкили Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мусоидат кард. Дар марҳилаи дувуми таъсирпазирӣ хусусияти осори бадеӣ пеш аз ҳама аз инқилоби сиёсӣ ва сипас аз инқилоби маънавӣ (мадании) давр манша гирифт.

Дар даҳсолаи аввали асри бист таъсиргузории адабиёту матбуоти кишварҳои Шарқ низ возеҳ ба мушоҳида мерасид. Аз ҷумла, дар мавриди равобити адабиёти тоҷик ва озарӣ муҳаққиқ В. Самад бо мисолҳои мушаххас исбот намудааст, ки «аз ин ҳамкорӣ адабиёти ҳар ду тараф баҳра бардошт» [348, с.61]. Вай Мубориз Ализодаро ёдовар шудааст, ки «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомиро ба озарӣ тарҷума намуда, бо номи «Ба халқи бародари тоҷик» қасидаи махсусе эҷод кардааст:

Манам дилдолдаи халқе, ки Ҷомӣ буда аз онаш,

Ба олам нур пошида чароғи илму ирфонаш… [348, с.103].

Дар ин росто Сиддиқии Аҷзиро низ метавон зикр кард, ки «дар Боку ва Тифлис бо адибони демократу инқилобгари Озарбойҷон Ҷ. Мамедқулизода ва Алиакбари Собир аз наздик ошно шуд… Ду китоби «Миръоти ибрат» ва «Анҷумани арвоҳ»-и ӯ соли 1912 дар матбааи «Шарқ»-и Тифлис, ки «Мулло Насриддин» низ ҳамон ҷо чоп мешуд, нашр шуданд… ӯ дар пайравӣ ва истиқболи шеъри Собир ва дигар муллонасриддинчиён 26 шеъри гуногунҳаҷм ба озарӣ ва тоҷикӣ эҷод намуд» [347, с.117]. Аз ин рӯ, андешаи муҳаққиқ, ки лозим аст мақоми маҷаллаи «Мулло Насриддин» дар таърихи пайвандҳои адабии халқи тоҷик бо халқҳои Қафқоз мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирад, қобили пазируш мебошад [347, с.118]. Ба ҷуз матолиби публитсистӣ, осори бадеии ин маҷалла (аз ҷумла ҳаҷвиёт, ашъор, ҳикояҳои кӯтоҳ ва баҳсҳои адабӣ) барои пажӯҳиши муаллифони тоҷик ҷолиб буда, барои муқоиса низ мусоидат мекунанд.

Хусусияти барҷастаи адабиёти оғози асри бист истифодаи фаровони услуби воқеанигорӣ, таълиму тарбия, маориф, донишандӯзӣ ва ахлоқ мебошад. Зеро, ба қавли муҳаққиқон, «вазифаи аслии адабиёт тарҳи масоили ахлоқӣ ва маънавӣ аст. Агар ахлоқу маънавиётро аз адабиёт бигирем, чизе аз он боқӣ намемонад» [178, с.167]. Ба ҳамин далел, намунаҳои адабии нашрияҳои тоҷикӣ низ дар навбати аввал ба масъалаҳои танвири афкор, илму маориф ва ахлоқ равона буда, дар чаҳорчӯби ҳамин ҳадафҳо эҷод шудаанд.

Таҳқиқи мавзуи таъсирбахшии адабиёт ба матбуот ба хулосаҳои зер овард:

1. **Мукаммал гардидани аҳаммияти мутақобилаи адабиёт ва матбуот**. Таҳқиқ нишон дод, ки ҳамкорӣ ва таъсирпазирии адабиёт ва матбуот дар оғози асри XX дастоварди муҳим дар рушди афкори иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буд. Матбуот на танҳо тасвиргари воқеият, балки минбари асосии нашри осори бадеӣ, тавсеаи идеяву андешаи адабӣ ва ташаккули неруи эҷодии адибон гардид.

2. **Равнақи жанрҳои хурди адабӣ ва неруманд гардидани публитсистика.** Дар нашрияҳои тоҷикӣ, махсусан, дар Осиёи Марказӣ, жанрҳои кӯтоҳи бадеӣ, аз ҷумла ҳаҷв, назира, нақиза, мушоира, шеъри мансур ва ҳикояи

кӯтоҳ, баробари публитсистика рушд намуданд. Воқеанигории пурзӯр, ки аз хусусиятҳои матбуоти мавриди назар буд, барои эҷоди осори навоваронаи адабӣ заминаи муносиб фароҳам овард.

**3. Падид омадани жанрҳои адабии гуногун дар ду марҳилаи таърихӣ.** Дар марҳилаи аввал (пеш аз Инқилоби Октябр) жанрҳои адабӣ, монанди публитсистика, фелетон, мусоҳиба ва сафарнома, сабки наверо дар адабиёти тоҷик ҷойгузин намуданд. Дар марҳилаи дувум (пас аз Инқилоби Октябр то соли 1929) шаклҳои нисбатан мураккаби адабӣ, аз қабили ҳикоя, повест ва қисса, ташаккул ёфтанд. Дар доираи нашрияҳо муҳокимаи осори якдигарӣ вусъат гирифта, намунаҳои ибтидоии нақди адабӣ зуҳур намуданд.

**4. Густариши фаъолияти адабӣ ва ташаккули ҷараёнҳои адабӣ.** Ташкили маҳфилҳои адабӣ назди бархе рӯзномаву маҷаллаҳо (мисли «Овози тоҷик») боиси эҷоди муҳити ҳамгироии адибон гашт, ки минбаъд ба арзи вуҷуд омадани созмонҳо ва иттиҳодияҳои адабӣ, аз ҷумла Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, таҳрик бахшид.

**5. Нақши иҷтимоиву сиёсӣ ва маорифпарваронаи матбуоти тоҷик.** Нашрияҳои тоҷикӣ дар шароити муборизаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ фаъолият доштанд ва эҷоди адабиётро низ бар пояи эҳтиёҷоти мардум ба иттилооту маърифат равона намуданд. Маҳз ҳамин хусусияти фаъолона ва иҷтимоии онҳо боис шуд, ки тӯли фаъолияташон кӯтоҳ бошад, аммо осори бадеӣ дар онҳо шеваи ҷаззоби публитсистӣ пайдо кард.

**6. Истифодаи услуби воқеанигорӣ ва афзалияти масъалаҳои ахлоқӣ-ғоявӣ.** Аксари намунаҳои адабӣ, ки дар нашрияҳои тоҷикӣ мунташир мешуданд, ба тарғиби мавзуъҳои иҷтимоӣ, таълиму тарбия, маориф ва донишандӯзӣ ихтисос дода шуданд. Ин ҳама дар пайи амалӣ намудани зарфиятҳои иҷтимоии адабиёт, ки, ба қавли пажӯҳишгарон, вазифаи асосиаш тарҳи масоили ахлоқӣ ва маънавист, таҳким ёфт.

**7. Тақвияти робита бо адабиёти ҳамзабонон ва таъсири байниҳамдигарӣ**. Осори адабӣ ва матбуоти тоҷик ҳамзамон зери таъсири мутобиқот ва ҳамкориҳои адабии кишварҳои минтақа, аз ҷумла, Эрон,

Озарбойҷон ва дигар ҷумҳуриҳои Шарқ, ташаккул ёфтанд. Бо ворид шудани жанрҳои гуногуни адабӣ (насрӣ ва назмӣ), баргузории баҳсҳои адабӣ ва тарҷумаи осор, адабиёти тоҷик низ аз нигоҳи услубӣ ва мазмунӣ ғановат пайдо намуд.

**8. Ҷойгоҳи адабиёти суннатӣ ва падид омадани равияҳои нав.** Дар шароити тағйироти бунёдии иҷтимоӣ ва сиёсӣ, адабиёти суннатии тоҷик бо жанрҳо ва сабкҳои нав дар таносуб қарор гирифт. Аз як тараф, ниёзи ҷомеа ба осори маорифпарварӣ ва воқеанигорона боло рафт; аз тарафи дигар, рукнҳои суннатӣ боқӣ монданд ва як навъ ҳамзистии суннату навоварӣ ба вуҷуд омад. Ин падида сипас дар даҳсолаҳои баъдӣ низ идома пайдо кард.

**9. Пешниҳодҳо барои таҳқиқоти минбаъда.** Бо дарназардошти аҳаммияти мавзуъ, пажӯҳишҳои бештаре дар самти муайян кардани нақши жанрҳои муайяни адабӣ (масалан, шеърҳои танзӣ, достонҳо, очеркҳо) дар ташаккули андешаи миллӣ, таҳлили робитаи мустақими қаламкашони тоҷик бо матбуоти ҳамзабонон ва омӯзиши нақши маҳфилҳои адабӣ дар таҳаввули завқи хонандагон зарур менамояд.

### 1. 3. Шакл, услуб ва ҷараёнҳои жанрии насру назм дар матбуоти ибтидоӣ

Ба қавли муаллифони ҷилди якуми асари «Таърихи адабиёти советии тоҷик», равандҳои таҷаддуди адабиёти қадимии мо, ки дар тӯли ҳазор сол асосан дар ҷараёни романтикӣ инкишоф ёфта буд, дар оғози асри бистум дучори дигаргунии куллӣ гардида, ба роҳи воқеагароӣ пайваст [236, с.6]. Насри классикии форсу тоҷик, ки «аз бисёр ҷиҳат насри шоирона буд», дар ташаккули насри нави реалистӣ таъсири назаррас расонд [236, с.6]. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки реализми маорифпарварӣ дар адабиёти тоҷик дар поёни асри XIX шакл гирифта, дар аввали асри XX рушд намуд. «Вобаста ба рӯҳу тақозои воқеияти нави иҷтимоӣ дар сохтори жанрӣ ва услубии адабиёт дигаргуниҳои амиқи принсипалӣ ба амал омад» [236, с.15]. Ин раванд дар падидаи робитаи мутақобилаи матбуот ва адабиёти оғози асри XX низ мушоҳида мешавад. Аз ин ҷост, ки ҳамзамон бо омӯзиши матолиби бадеии нашрияҳои нахустин дар асоси жанрҳо, таҳқиқи масъалаҳои мазмуну муҳтаво, сабк, услуб ва ғояи асарҳои бадеӣ низ аҳаммияти ҷиддӣ пайдо мекунад. Ба ҳамин далел, дар пажӯҳиши мазкур ҳамаи ин равишҳо ба кор гирифта шудаанд.

Дар адабиёти Эрон низ дар поёни асри XIX ва ибтидои асри XX равандҳои равшангарӣ ва маърифатпарварӣ падид омада, заминаи шаклгирии реализми танқидиро гузоштанд. Намоишномаҳои Мирзо Фатҳалии Охундов бо тасвири воқеӣ-ҳақиқатнигорӣ ва мавзуъҳои муҳимму замонавӣ фарқ мекарданд. Асарҳои Охундов, ки дар рӯҳияи реализми танқидӣ эҷод шудаанд, ҳамчунин романи публитсистии Зайнулобиддини Мароғаӣ «Саёҳатномаи Иброҳимбек ё балои таассуби ӯ» (мансуб ба ҳамон давра), ба эҷодиёти адибони форсу тоҷик, аз ҷумла ба асарҳои бадеии жанрҳои ҳаммонанди нашрияҳои нахустини тоҷикӣ, таъсири ҷиддӣ расонданд. Ҳадафи асосии ин нависандагон барангехтани зеҳни хонандагон дар бораи ҷоҳилият ва қафомонии ҷомеаи Шарқ буд. Яке аз вежагиҳои муҳими ин осор интихоби ҷасуронаи мавзуъ ва танқиди камбудиҳои ҷомеа буд, ки маҳз ин ҷиҳат дар Эрон ва Осиёи Марказӣ асоси реализми танқидиро гузошт. Гарчанде ки то он замон осори Аллома Аҳмади Дониш дар

муҳити баста ва маҳдуди Бухоро ҷоннокии воқеиятнигориро боз намуда буд, то даҳ соли дигар (то соли 1912 – оғози нашри «Бухорои шариф») ҳолати торик идома дошт. Эҳсоси маърифатпарварӣ ва тараққихоҳӣ дар миёни зиёиёни Осиёи Марказӣ зери таъсири маорифпарварони форсу турк, араб ва ҳатто афғон тавсеа ёфт; онҳо ба баррасии васеи масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ пардохта, осоре чун «Сайҳа»-и Абдурауфи Фитрат ва рӯзномаи «Бухорои шариф»-ро пайдо намуданд, ки дар ташаккули ҷараёни реализми танқидӣ саҳми назаррас доштанд. Аз ҷиҳати буррандагӣ ва равшангарӣ, ин нашрияҳо аз бархе афкору андешаи маорифпарварони Шарқи хориҷӣ низ пеш гузаштанд.

Шиору даъват яке аз вежагиҳои умдаи матбуот ва адабиёти ибтидои асри бист буд. Масалан, 30 майи соли 1907 дар Эрон рӯзномаи «Сури Исрофил» таъсис ёфт, ки атрофи он нависандагони пешқадаму равшанфикр гирд омада, дар пешбурди андешаи маорифпарварӣ саҳм гирифтанд. Яке аз онҳо Мирзоалӣ Акбархон Деххудо буд, ки дар ин нашрия жанри ҳикояи хурди ҳаҷвиро асос гузошт. Дар ҳамин солҳо (1906) дар Тифлис рӯзномаи «Мулло Насриддин» чоп мешуд, ки дар Бухоро низ серхонанда гардид. Нашрияҳои нахустини тоҷикӣ шиору даъватҳои ин рӯзномаву маҷаллаҳоро мисли сухани худ пазируфта, онҳоро ҳам дар сарлавҳа ва ҳам дар матн фаровон истифода мебурданд. Вале шиору даъватҳои нашрияҳои тоҷикӣ хушку берӯҳ набуданд, балки бо усули суханварии лирикӣ ва обдор ташаккул ёфта, таъсири равонӣ ва рӯҳияву ҳавасмандии хонандаро афзун мегардонданд. Масалан, дар «Бухорои шариф» ва «Оина», ҳамчунин нашрияҳои пас аз Инқилоби Октябр, бештар аз мақолоту матолибе истифода мешуд, ки хонандаро ба фаъолияту мубориза иҷтимоӣ ташвиқ менамуданд. Дар ин миён, бархе шиору даъватҳо аз лиҳози сабку шеваи ифода хусусияти асари бадеиро касб намудаанд, ки дар фаслҳои дигари пажӯҳиши мазкур таҳлилу баррасӣ хоҳанд шуд.

Дар бораи жанр ва шаклҳои бадеие, ки дар нашрияҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд, бояд тазаккур дод, ки маҳз рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикӣ поягузори як қатор жанрҳои бадеӣ, монанди публитсистикаи бадеӣ, фелетон, эссе, назира, нақиза, мушоира, ҳикояи кӯтоҳ, шеъри мансур, шорж, суҳбат,

намоишнома, саҳнача ва рӯҷӯъҳо гаштанд. Аксари ин жанрҳо дар нашрияҳои мавриди назар унвони расмӣ ва рубрикаи доимӣ надоштанд, вале аз лиҳози вежагиҳои жанрӣ ба ҳамин номҳо мувофиқанд. Масалан, бархе осори бадеиро, ки ба талаботи имрӯзаи эссе ҷавобгӯянд, метавон «эссе» номид. Дар онҳо муаллифон таассуроти худро дар бораи воқеаҳои гуногун бо шакли бадеӣ, аз ҷумла тавассути тасвирҳои рӯъёӣ, хоб, афсона ва устураҳо, ки воқеӣ нестанд, вале асоснокии тарбиявӣ доранд, ифода кардаанд. Ин равиш нахуст дар «Бухорои шариф» ва «Оина» истифода шуда, дар нашрияҳои баъдӣ низ идома ёфт. Ҳамчунин, нашрияҳо жанрҳои классикии маъмулиро, мисли танз, суҳбат, сафарнома ва ғайра, фаровон корбурд намуда, дар шакл ва мазмун ба онҳо тағйироти ҷиддӣ даровварданд, ки зимни таҳқиқи мо равшан хоҳад шуд. Чунончи, суҳбат ва сафарномаҳои мунташиршуда дар рӯзномаҳо аз жанрҳои маъмули классикӣ бо забон, услуб ва ҳадафҳои худ фарқ доштанд. Агар дар сафарномаҳои пешин мазмун асосан аз шарҳи воқеаҳои пурмоҷаро ва хонданбоб иборат буд, акнун дар идомаи услуби Аллома Аҳмади Дониш, сафарнома аз ҷанбаҳои иҷтимоиву сиёсӣ низ бархӯрдор гашт. Аз ин рӯ, муҳаққиқ Г. Дадобоева сабки асосии эҷодии маводи публитсистӣ ва адабии маҷаллаи «Оина»-ро «реализми маорифпарварӣ» меномад [129, с.53], ки новобаста аз таблиғи андешаҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, руҳияи маорифпарварӣ дар он мақоми боло дошт. Хулосаи муҳаққиқ қобили қабул аст, вале бояд фаромӯш накард, ки дар мӯҳтавои нашрия маводи илмӣ ва бадеӣ низ нақши муҳим бозида, онро метавон илмию бадеӣ ва оммавию маорифпарварӣ тавсиф кард.

Ба қавли бисёр муҳаққиқони адабиёти ҷадидӣ, пеш аз ҳама, М. Абдуллоев, услуби публитсистӣ пояи адабиёти ҷадидро ташкил додааст; онҳо маҳз аз ҳамин услуб дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва нашрияҳо фаровон кор мегирифтанд. Аз ҷумла, андешаи ин муҳаққиқ дар бораи мазмуни милливу иҷтимоии осори ҷадидон ҷолиб аст: «Тамоми адабиёти насрӣ ва назмии ҷадидонро метавон миллӣ номид, зеро ғояи асосӣ ва марказии ин адабиёт даъват ба бедории иҷтимоӣ ва худшиносии миллӣ буд. Ғояҳои худро ҷадидон дар шаклҳои гуногун – аз ҷумла бо истифода аз мифология, рамзҳои кӯҳан, образу

анъанаҳо – ифода мекарданд, ки ҳамаи ин моҳияти милливу таърихии эҷодиёти онҳоро устувор мегардонид» [1, с.20]. Користифода шудани порчаҳои бадеӣ, тасвирҳои образнок, мифология ва рамзҳо дар матнҳои публитсистӣ дар матбуоти нахустини тоҷик ба хусусияти бадеии онҳо ҷилави бештар бахшид.

Илова бар ин, муҳаққиқ С. Табаров дуруст қайд мекунад, ки «Оина», пеш аз ҳама, дар ташаккули забони матбуот нақши назаррас бозид ва сабки дурусти матбуотиро ба вуҷуд овард, ки то ҳол мавриди истифода мебошад. Ин сабк идомаи усули забон ва услуби адабии тоҷик дар асрҳои XIX ва нимаи аввали асри XX маҳсуб меёбад [383, с.68]. Дар фасли вежаи таҳқиқ, ки ба заминаҳои пайдоиши жанри ҳикоя ё қиссаи кӯтоҳ ва таъсири он ба эҷодиёти адибони ҷавони тоҷик ихтисос дорад, дар ин хусус маълумоти муфассал оварда хоҳад шуд.

Зимни омӯзиши шаклу услуб, ҷараён ва жанрҳои осори бадеие, ки дар нашрияҳои ибтидоии тоҷик мунташир гардидаанд, ба хулосаҳои зерин метавон расид:

1. **Тағйири равиши адабӣ: гузор аз услуби анъанавии романтикӣ ба воқеиятнигорӣ (реализм)**. Таҳлили маводи бадеии нашрияҳои нахустини тоҷик нишон медиҳад, ки унсури воқеиятнигорӣ дар онҳо торафт ҷойгоҳи мустаҳкам касб намуда, аз шеваи суннатии романтикӣ тадриҷан фосила гирифтанд. Ин падида ба ниёзҳои нави иҷтимоӣ, талаботи маорифпарварӣ ва мавқеи мафкуравии равшанфикрон вобастагӣ дорад.

2. **Поягузории жанрҳои нав ва таҳаввули қолабҳои адабӣ**. Дар рӯзномаву маҷаллаҳои солҳои аввали асри XX (аз ҷумла «Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб» ва ғ.) як қатор жанрҳои тоза зуҳур намуданд: публитсистикаи бадеӣ, фелетон, назира, нақиза, мушоира, ҳикояи кӯтоҳ, шеъри мансур, шорж, суҳбат, намоишнома ва саҳнача. Гарчанде аксари онҳо унвони расмӣ надоштанд, вале хусусиятҳои жанрӣ ва сабки эҷодиашон ба сарчашмаи марҳилаи нави адабиёти тоҷикӣ табдил ёфт.

3. **Афзалияти «реализми маорифпарварӣ» дар маводи публитсистии бадеӣ.** Баррасии матолиби публитсистии нашрияҳои аввали тоҷик, аз ҷумла

«Бухорои шариф», «Оина» ва «Шуълаи инқилоб», нишон медиҳад, ки онҳо бо равиши «реализми маорифпарварӣ» навишта шуда, маориф, фарҳанг, танвири афкор ва масоили иҷтимоиро дар меҳвари худ қарор медоданд.

**4. Тавсеаи мазмуну муҳтаво тавассути сабки шиориву даъватӣ.** Корбурди шиору даъватҳои бадеӣ дар нашрияҳои ибтидоии тоҷик ифодагари таваҷҷуҳи хоссаи равшанфикрон ва маорифпарварон ба илму маърифат, мактабу маориф ва ниёзҳои ислоҳотталабонаи ҷомеа мебошад. Ин унсурҳо хонандаро барои бознигарии анъанаҳо, равшанфикрӣ ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ барангехта, таъсири равонӣ ва ҳавасмандии зиёд эҷод мекарданд.

**5. Баланд гардидани арзиши адабӣ тавассути тасвир, рамз ва мифология.** Дар аксар маводи публитсистие, ки дар нашрияҳои аввали тоҷик мунташир мешуданд, истифодаи мӯҳтавои бадеӣ – аз ҷумла тасвирҳои рамзиву мифологӣ, инчунин усулҳои гуногуни образофаринӣ – зиёд мушоҳида мегардад. Ин падидаҳо дорои ҷойгоҳи махсус буда, сатҳи бадеияти матолиби публитсистиро баланд бардошта, хонандаро бо шеваи тоза ошно менамуданд.

**6. Вазифаи дугонаи нашрияҳо: аз танвири афкор то эҷоди мактаби адабӣ.** Нашрияҳои ибтидоӣ – бар иловаи маорифпарварӣ ва тарғиби дониш – баробари пешбурди ақидаҳои ислоҳотталабона, ҳамчун «мактаби адабӣ» низ амал мекарданд. Онҳо бо ҳавасманд кардани адибон ба нашри осори худ, муҳокимаи якдигарӣ ва таҳияи бахшҳои махсуси адабӣ (гӯшаҳои шеър, публитсистика, фелетон ва ғ.) барои шаклгирии сабкҳои нав дар адабиёти тоҷик саҳми муҳим гузоштанд.

**7. Тағйири мавқеи иҷтимоӣ ва сиёсӣ: гузор аз маорифпарварӣ ба сиёсат ва баргаштан ба масъалаҳои таълиму тарбия.** Таҳаввулоти иҷтимоиву сиёсӣ дар нимаи аввали асри XX боис шуд, ки нашрияҳои нахустин баъзан мавзуъҳои инқилобиву сиёсиро бештар баррасӣ намуда, баъд аз гузашти бархе буҳронҳои сиёсӣ, боз ба масъалаҳои маориф, таълиму тарбия ва донишандӯзӣ баргарданд. Ин холисан нишон медиҳад, ки мазмуну муҳтаво дар нашрияҳои тоҷикӣ зери таъсири хосияти замон ва талаботи ҷомеа пайваста дигар мешуд.

**8. Таъсири мутақобили адабиёт ва матбуот ба якдигар ва натиҷаҳои он.** Таҳқиқ нишон дод, ки робитаи адабиёт ва матбуот дар ин марҳила хосияти дутарафа дошта, ҳам адабиёт матбуотро бо мазмун ва сабку услуби нав ғанӣ мекард ва ҳам матбуот барои шаклгирии сабкҳои тоза, густариши андешаи маорифпарварӣ ва ташаккули насру назми нав замина фароҳам меовард. Натиҷаи ин таъсиргузории мутақобила, зери фишори воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ, ташаккули босуръати адабиёти навини тоҷик буд.

# БОБИ II

# ОСОРИ БАДЕӢ, ТАРҶУМАВӢ ВА ПУБЛИТСИСТИИ «БУХОРОИ ШАРИФ» ВА «ОИНА»: ХУСУСИЯТҲОИ ЖАНРӢ ВА ТАМОЮЛҲОИ БАДЕӢ

## 2. 1. Мавзуъ ва ғоя дар осори бадеӣ

Дар бораи рӯзномаи нахустини тоҷикӣ дар Осиёи Марказӣ – «Бухорои шариф» (1912) – ва маҷаллаи «Оина» (1913–1914) таҳқиқоти фаровоне анҷом ёфтаанд. Замина, сабаб, таърихи пайдоиш, мазмуну муҳтаво, сабку услуб, забон ва тарзи баёни рӯзномаи «Бухорои шариф» дар осору пажӯҳишҳои Садриддин Айнӣ, М. Шакурӣ, Т. Зеҳнӣ, Р. Ҳошим, И. Усмонов, П. Гулмуродзода, Қ. Шарифов, Н. Ғаффоров, А. Набавӣ ва дигарон ҳамаҷониба баррасӣ гардидааст. Дар мавриди маҷаллаи «Оина» бошад, маълумотро метавон аз осору таҳқиқоти С. Айнӣ [50], Р. Ҳошим [448; 447], З. Ш. Раҷабов [303; 302], Г. Андреев [65], М. Шукуров [505], Р. Ҳодизода [444а], С. Табаров [383], А. Мухторов [272], М. Абдуллоев [1], И. Усмонов [406], А. Набавӣ [279], Н. Ғаффоров [114; 117], Г. Дадобоева [131; 129], А. Шехов [499; 500], Ш. Муллоев [256], М. Бобохонов [71], инчунин олимони Ӯзбекистон – Д.А. Олимова [62], Д.А. Рашидова [319], ҳамчунин муҳаққиқони Жопун, ИМА, Фаронса [515; 516; 517] ва дигарон пайдо кард. Гарчанде осору таҳқиқоти донишмандони зикршуда сарчашмаҳои арзишманди илмӣ маҳсуб меёбанд, дар масъалаи мавзуи таҳқиқи мо – таъсирпазирии мутақобилаи матбуот ва адабиёт – маълумоти кофӣ надода бошанд ҳам, дар ҳолатҳои зарурӣ аз онҳо истифода гардид.

Дар бораи рӯзномаи нахустини тоҷикӣ «Бухорои шариф», бинобар дар ибтидо дастрас набудани нашрия ва маводи муҳим оид ба он, аз ҷониби бархе донишмандони маъруф чун И.С. Брагинский дар аввал хулосаҳои нодурусти сиёсӣ пешниҳод шуда буданд [113, с.142–145]. Вале баъдан, дар замони Истиқлоли давлатӣ, ин ақидаҳо рад ё ислоҳ карда шуданд. Аз ҷумла, осори

бунёдии А. Набавӣ ««Бухорои шариф» – сароғози матбуоти миллӣ» [276] ва Н. Ғаффоров «Таърихи фаъолияти фарҳангӣ-маорифпарварии ҷадидон дар Аморати Бухоро» (ба забони русӣ) [113] барои муайян намудани арзишу муҳтавои воқеии рӯзномаҳои нахустини тоҷик хидмати назаррас анҷом доданд. «Бухорои шариф» бо ташаббуси як зумра равшанфикрон ва маорифпарварон, аз ҷумла шоир, табиб ва донишманд Мирзо Сироҷи Ҳаким, тоҷири равшанфикр Мирзо Муҳиддин Мансуров, инчунин ходими барҷастаи матбуот аз Қафқоз Мирзо Ҷалол Юсуфзода таъсис дода шуд.

Дар ин рӯзнома, дар баробари баррасии мавзуъҳои мухталифи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маорифӣ, чандин навиштаи бадеӣ низ интишор гардиданд. Дар шиносномаи расмии он таъкид шудааст: «Саҳифоти рӯзномаи мо ба ҷиҳати таҳрироти илмия ва адабия ва фанния ва билумум мақолоти нофиъа боз аст». Ҳамчунин дар мурочиат ба хонанда муқаррар мегардад, ки рӯзнома «илмӣ, адабӣ, ахлоқӣ, фаннӣ, иқтисодӣ» мебошад. Аз ин рӯ, асарҳои адабии даврони навин дар он зиёда нашр шуда, дар пайдоиш ва густариши адабиёти навини тоҷик ҳиссаи арзанда гузоштааст.

Рӯзномаи «Бухорои шариф» 11 марти соли 1912 дар шароите интишор ёфт, ки мардуми Бухоро ба матбуот эҳтиёҷи ҷиддӣ доштанд ва чун ҳар навиштаи воридшуда аз хориҷро дастрас менамуданд, дар атрофи он андешаронӣ мекарданд. Ҳамин масъала – яъне ба қафо мондани иқтисод, маориф ва фарҳанги Бухоро – дар сармақолаи аввалини рӯзнома бо номи «Ғояи омол» чунин шарҳ дода мешавад: «Бар ҳама возеҳу ошкор аст, ки дар тараққии мадориҷи инсоният ва маориҷи башарият бо вуҷуди ваҳдати мақсад ва ният бояд мувофиқати вақт ва салоҳи замонро мулоҳиза намуд…» [80, с.1]. Ба ин васила собит мегардад, ки «Бухорои шариф» дар замони воқеан муносиб падид омада, худи рӯзнома низ бо хоксорӣ онро як «варақпора» мехонад. Ба хусусияти танқидии рӯзнома низ таъкид карда шудааст, ки рушди инсоният пеш аз ҳама тавассути «интиқоди саҳеҳа» шояд гардад.

Азбаски аксарияти тоҷикон дар он давра дар бораи моҳияти рӯзнома иттилои кофӣ надоштанд, матлаби муфассали «Баъзе фавоиди рӯзнома» (таалиқ

ба Мирзо Сироҷи Ҳаким) ба шарҳи манфиат ва зарурати рӯзнома ихтисос ёфта, нақши иттилоърасонӣ, илмиву адабӣ ва инчунин, ҳадафҳои муҳими дигарро (иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сиёсӣ, деҳқонӣ, маишӣ ва ахлоқӣ) барои матбуот таъкид менамояд. Дар ин ҷо низ муаллиф кӯнҷи назари адабӣ доштани рӯзномаро зикр карда, барои тақвияти суханаш усул ва сабки бадеии ифода (ҷумлаҳои ташреҳӣ ва ибораҳои мукаррар) истифода намудааст. Вай хотирнишон месозад, ки дар Ғарбу Шарқ ақсори мардум рӯзномаю ҷарида мехонанд ва «уқалои онҳо мегӯянд: ҷаридаи ҳар миллат забони гӯёи ҳамон миллат аст ва миллате, ки ҷарида надорад, гӯё забон надорад» [139, с.2].

«Ду нафар дӯсти меҳрубон – Муҳаммадбек ва Акбарбек – ки дар як қонтур (идора) хидмат мекарданд, рӯзе дучор шуда, чунин гуфтушунид намуданд:

Муҳаммадбек: - Салом алайкум, Акбар бародар, аз дидани ту хеле масрурам.

Акбарбек: - Ваалайкум ассалом, бародари ман. Ҳолат чӣ тавр аст? Як ҳафта аст, ки туро дар қонтур намебинам.

М.: - Нохуш будам.»

Сипас, Акбарбек ба дӯсташ хабар медиҳад, ки маъмурон вазифаи ӯро ба вай вогузор намудаанд, зеро соҳиби идора камбуди кори дӯсташро ошкор карда

будааст. Ба илова, Акбарбек ба корфармо шиносондааст, ки вазифаи Муҳаммад мактубтайёркунӣ нест, балки асосан газета мехондааст, ниме аз маошашро ба харҷи рӯзнома сарф мекардааст, боқимондаашро – қиморбозӣ. Яъне, Акбар аз кор мондани дӯсташ кор мегирад ва худаш ба ҷойи ӯ ворид мешавад:

«А.: - Ман розӣ шудам. Вақте ки туро аз вазифат азл карданд ва масъулияти ту бесоҳиб монд, то дигарон тасоҳиб накунанд, ман ки дӯсте меҳрубононам, бехатар истифода бурда, ба қабули вазифаи ту ризо додам.»

Ин саҳна хислатҳои бади хабаркашӣ ва ғаразмандиро танқид намуда, ҳушдор медиҳад, ки бояд аз афроде бо чунин сифот дурӣ ҷуст. Танҳо ишколе, ки хонанда эҳсос мекунад, навиштор каме кашолёб буда, ба таври мухтасар кӯтоҳ нашудааст.

Ба ин монанд яке аз услубҳои нави бадеӣ дар маҷаллаи «Оина» ҳикояти танзомез дар шакли саволу ҷавоб мебошад. Баъзе аз онҳо аз забони ҳайвонот навишта шудаанд, ки дар онҳо масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Сарчашмаи чунин шаклҳои бадеӣ ва публитсистӣ, эҳтимолан, нашрияҳои Қафқоз, Миср, Туркия ва Эрон мебошанд, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳои эронӣ дар шакли ҳикоёти кӯтоҳ пайдо шудаанд. Ҳарчанд решаи чунин ҳикоятҳо дар адабиёти форсу тоҷик аз эҷодиёти Саъдии Шерозӣ ва Убайди Зоконӣ оғоз мешавад, вале шакли мукаммали онҳо дар матбуоти охири асри XIX ва аввали асри XX ташаккул ёфтааст. Намунаи чунин услуб дар «Оина» ҳикояти «Ҷавоб ба муш» мебошад. Дар ин ҳикоят аз забони Гурба омадааст: «Ҷаноби Муш мегӯяд, ки ту одамонро ба танқид кардан чӣ ҳақ дорӣ, бигзор мардум худашон меҳнат карда, ёфтагиашонро хоҳ ба тӯй исроф кунанд, хоҳ ба базми ҷавон (Ҳар кӣ кунад ба худ кунад, хоҳ нек, хоҳ бад кунад)… Камина Гурба» [85]. Ҳикоятҳои хурди мазкур ҳадафи муайян дошта, норасоиҳои иҷтимоӣ, маросимҳои нодаркор ва урфу одатҳои зарарнокро танқид мекунанд. Дар шумораи дигари маҷалла ҳикояте бо номи «Мактуби кушода ба Муш-оғо» ба забони ӯзбекӣ ба чоп расидааст.

Як қисми чунин асарҳои дорои сюжет дар шакли суҳбат навишта шудаанд, ки намунаи он дар маҷалла «Суҳбат» мебошад. Мавзуи асосии он баҳси қадим

ва ҷадид аст, ки намунаи аввалинаш асари Абдурауф Фитрат «Мунозира» мебошад, ки соли 1910 дар Истанбул нашр шудааст. Порчае аз муқаддимаи асари мазкурро Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» овардааст, ки дорои забони шево ва таъсирбахш мебошад. Дар ин асар баҳси қадим ва ҷадид ба миён омада, дар натиҷа намояндаи қадим – мударриси бухороӣ бартарии андешаҳои навро эътироф мекунад: «Шумо хуб марди донишманде будед, воқеан тамоми дардҳои ватану миллати моро ёфта, илоҷашро ҳам некӯ баён намудед. Иштибоҳи мо дар мактаби ҷадид ва таҳсили улуми ҳозира буд, ки инро ҳам бо камоли хубӣ рафъ намудед» [46, с.335].

Дар маҷаллаи «Оина» матни «Суҳбат» чунин оғоз мешавад: «Банда-шогирд, нишаста будам, ҷаноби домулло омаданд, салом кардам. Домулло: Ваалайкум ассалом, ин чӣ? Шогирд: «Оина». Домулло: Оина чист? Шогирд: «Оина» маҷаллаест туркӣ ва форсӣ, ки барои манофеи миллати исломия баҳс мекунад. Домулло: Ту ҳам усули ҷадидӣ шудӣ? Имрӯз ё фардо кофир мешавӣ. Шогирд: Тақсир, астағфуруллоҳ-оҳ… Домулло: Чаро? Рост мегӯям. Шогирд: Не, тақсир, ин гап ғалат, ҳар кас газит хонад, аз воқеаи олам хабардор мешавад. Домулло: Бобову аҷдоди шумо ҳам газит хонда буданд-мӣ? Шогирд: Не, он вақт мусулмонҳои Бухоро хотирҷамъ буданд. Бояд моён чашм кушода, бар дигарон назар намуда, ибрат гирем…. Содиқ» [367]. Суҳбати мазкур аз ҷиҳати мазмун ва мақсад ба маводи дар ин жанр чопшуда дар «Бухорои шариф», аз ҷумла ба «Мусоҳибаи хаёлия» ва «Мусоҳибаи мулло ва тоҷир» монанд мебошад. Дар маҷаллаи «Оина» чунин муколамаҳо бо забонҳои ӯзбекӣ ва форсӣ зиёд ба назар мерасанд. Масалан, дар муколамаи дигар низ баҳси қадиму ҷадид омадааст: «Мулло: Чист ин? Газит-мӣ? Талаба: Бале, тақсир, газета. Мулло: Газети балқонӣ-мӣ? Талаба: Не, тақсир, Болқон ном газета нест. Мулло: Хондани газит маҳз аз барои фаҳмидани ҳаводиси Балқон аст-мӣ? Талаба: Аз ғайри воқеаи Балқон хондани газета ва маҷалла фоидаҳои зиёд дорад. Мулло: Фоидааш чист? Талаба: Яке аз фоидаҳояш ин аст, ки шахси газитхон аз тамоми қоидаҳои ҷаҳон ва ҳолатҳои илмӣ, фаннӣ, иқтисодӣ ва ҷиҳатҳои сиёсӣ дар байни ҳар миллат ва ҳар давлат хабардор мегардад… Мулло: Улум ва фунуни лозима, ки аз таълиму

омӯхтанаш фоида ба умум ҳосил мешавад, мегӯӣ кадом аст? Талаба: Улум ва фунуне, ки донистанаш холӣ аз фоида нест, улуми фиқҳ ва усул, тафсиру ҳадис, сарфу наҳв, балоғат, ҳикмати замонӣ ва ҷуғрофиё, таърих, ҳисоб, ҳандаса, маълумоти фаннӣ ва ахлоқӣ ва мадания ва омӯзиши забони русӣ ва ғайра мебошад…» Зуҳуриддин Фатҳиддинзода [409]. Ин навъи суҳбатҳо бо забони одӣ ва фаҳмо баҳсҳои муҳимми иҷтимоӣ, таълиму тарбия ва аҳаммияти китобу матбуотро дар шакли мубоҳисаи байни мударриси суннатӣ ва донишҷӯи навгаро баён намуда, ба хонанда таъсири маънавии муассир мерасонанд. Ба ҳамин сабаб маҷаллаи «Оина» аз ин услуб васеъ истифода кардааст.

Аксари саҳнача ва суҳбатҳои чопшуда имкон доштанд, ки дар саҳна гузошта шаванд. Дар Қафқоз ва минтақаҳои дигари мусулмоннишини Русия аллакай театрҳо фаъолият мекарданд, ки дар бораи фаъолияти онҳо «Бухорои шариф» низ маълумот додааст. Масалан, хабар дода шудааст, ки аввалин театри мусулмонон дар шаҳри Тифлис кушода шуд. Дар маросими ифтитоҳи он муллоҳои суннӣ ва шиъа баромад намуда, онро мусбат арзёбӣ карданд. Ҳамчунин, дар ин маросим оид ба нахустин драманависи мусулмон Мирзо Фатҳалӣ Охундов маърӯза ироа гардид. Дар хабари дигар омадааст, ки ҳукумати нав барои халқҳои гуногун театрҳо ба забонҳои маҳаллӣ ташкил намуда, «миллати худро аз ин тамошоҳои ибратомез баҳраманд мекарданд. Миллати форс, яъне тоҷикон, эрониён ва афғонҳо аз чунин имконият то он замон маҳрум буданд. Дар ин рӯзҳо бо ибтикори Анҷумани дониши Боғишамол дастаи театри форсӣ ташкил гардида, машғули тамрини спектакл мебошад. Ин даста бори аввал намоиши «Табиби иҷборӣ»-ро рӯи саҳна хоҳад овард». Ин фаъолиятҳо дар пешрафти фарҳангии миллат нақши муҳим доштанд.

Дар робита ба сабабу заминаҳои пайдоиши жанрҳои суҳбат ва саҳнача, ки минбаъд ба шакли намоишнома даромадаанд, адабиётшиносон ва муҳаққиқони журналистикаи тоҷик андешаҳои назариявӣ иброз доштаанд. И. Усмонов зикр намудааст, ки «мақсади суҳбат шинос кардани хонанда бо фикри мусоҳиб аст» [403, с.24]. Абдусаттор Нуралиев қайд мекунад, ки суҳбат ҳамчун «жанри қадимтарин ва густаришёфтаи матбуот дорои имконоти васеъ аст» [287, с.33].

Суҳбатҳои нашршуда дар «Бухорои шариф» ва «Оина» аз ҷиҳати шакл ва мазмун наздик буда, мавзуи иҷтимоӣ доранд. Г. Дадобоева қайд кардааст, ки «суҳбат ва муколамаҳои дар маҷаллаи «Оина» нашршуда бо мухтасарбаёнӣ ва оҳангнокӣ фарқ мекунанд ва дар онҳо афкор, андеша, муқоиса ва ҷамъбастҳо истифода шудаанд» [129, с.58]. А. Шехов аҳаммияти ин жанрро чунин таъриф мекунад: «муаллифон ба воситаи суҳбат аксаран ғояҳои маорифпарвариро таблиғ намуда, масъалаҳои таъсиси мактабҳо ва нашри рӯзномаву маҷаллаҳоро баррасӣ мекарданд. Ин услуб хусусияти таблиғотӣ дошта, хонанда худро дар мавқеи яке аз мусоҳибон тасаввур мекард» [499, с.13].

Дар суҳбатҳои маҷаллаи «Оина» таъсири насри классикии тоҷик, аз ҷумла, сабки «Гулистон»-и Саъдӣ дида мешавад. Забону услуби суҳбатҳои мазкур оҳангдор, образнок ва хонданбоб буда, гуфтору мақолҳои мардумиро фаровон истифода мекунанд. Ин суҳбатҳо дар рубрикаҳои «Суҳбат», «Мубоҳиса», «Мусоҳиба», «Мубоҳиса ё мусоҳиба» ба чоп мерасиданд ва муаллифонашон бештар бо тахаллусҳои «Муш-мирзо», «Пишак-сӯфӣ», «Абдулқадим», «Сомеъ» ва ғайра зоҳир мешуданд. Мавзуъҳои асосии онҳо тарғиби мактабҳои усули нав ва ташвиқи мутолиаи нашрияҳо мебошанд. Суҳбатҳо дар шакли баҳс миёни Муш-мирзо ва Пишак-сӯфӣ, Талаба ва Домулло, Қадимӣ ва Ҷадидӣ мегузаштанд. Хусусияти барҷастаи суҳбатҳои маҷаллаи «Оина» ин аст, ки тарафҳо ба таҳқири ҳамдигар роҳ надода, мавқеи ҳамдигарро бо нармӣ ва эҳтиром баён намуда, дар расидан ба ҳадафи нашрия мусоидат мекунанд. Баҳси мазҳабии суннӣ ва шиъа низ ором ҷараён ёфта, ба мавзуъҳои доимии маҷалла—илму ирфон, урфу одат ва аҳаммияти таълими насли наврас таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Масалан, мақолаи Мулло Зафари Хуқандӣ бо номи «Мусоҳибаи илмия ва баёни ташаккур» дар шумораи №1-и соли 1914, ки хусусияти жанри суҳбат дорад, бо мазмуни маорифпарварона баён шудааст.

Аз шаклҳои хурди суҳбат ва саҳнача минбаъд шакли мукаммали намоишнома ташаккул ёфт. Намунаи беҳтарини ин жанр дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ба нашр расидааст. Ба гуфтаи муҳаққиқ Х. Асозода, «то соли 1917 дар ҳудуди ҳафт-даҳ асари саҳнавӣ навишта шуда бошад ҳам, онҳо ба забони ӯзбекӣ

буданд». Мавзуи ин асарҳо ба масоили муҳимми давр, аз ҷумла «ислоҳи мазҳабӣ, ислоҳи омӯзиш дар мадрасаҳо ва ғайра» [67, с.197] марбут буд. Бо вуҷуди ин, изҳори назари муҳаққиқи зикршуда дар мавриди он ки «намоишномаи Беҳбудӣ «Падаркуш» (1913)… аз арзишҳои адабӣ холӣ буда, тарзи баёнаш низ хеле муғлақ сурат гирифтааст» [67, с.197], қобили баҳс мебошад. Агар ин асар заиф мебуд, шаклҳои тоторӣ ва ӯзбекии он аз ҷониби тамошобинони Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои гуногуни Русия мавриди истиқбол қарор нагирифта, ба саҳна гузошта намешуданд.

Дар ҳамон давра бо ҳадафи ошно сохтани мардуми тоҷикзабони Туркистон ва Бухоро бо намунаи матни намоишнома, дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» асари калони «Мусоҳибаи ислом, охунд ва ҳотифулғайб» ба нашр расид. Ин асари тарҷумавӣ дар шаш шумора ва тӯли қариб ду моҳ интишор ёфтааст. Аз нигоҳи сохтор ва мазмун, он то андозае ба суҳбатҳое, ки қаблан дар «Бухорои шариф» (1912) ва «Оина» (солҳои 1913–1915) ба табъ расида буданд, шабоҳат дорад. Маълум мешавад, ки маорифпарварон ва равшанфикрони охири асри XIX ва ибтидои асри XX барои мубориза бар зидди рӯҳониёни ифротӣ ва бедор намудани маърифати мардуми Шарқ аз ин усул фаровон истифода кардаанд. Асари мазкур низ намунаи барҷастаи ин шеваи андешаронӣ мебошад. Дар он хусусиятҳои намоишномавӣ пурра риоя шудаанд ва имкони ба саҳна гузоштани онро дорост. Дар бораи мазмун ва аҳаммияти ин намоишнома дар фасли оянда, ки ба тарҷумаҳои бадеӣ ва сифати онҳо ихтисос ёфтааст, муфассал маълумот дода мешавад.

Маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» инчунин ба ҷашнгирии иди Наврӯз таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба он аҳаммияти хос додааст. Дар шумораи 21 марти соли 1920 (№34), ишораи «соли дувум» оварда шуда, ки ба маънии оғози солшуморӣ аз рӯзи Наврӯз мебошад. Дар ин шумора, маъмурияти маҷалла хонандагонро бо чунин мазмун табрик намудааст: «Ба муносибати иди фирӯзи Наврӯз ҳамаи хонандагони гиромии худро табрик намуда, орзу мекунем, ки ин идро бо хонаводаашон дар айни шодӣ ва хушбахтӣ гузаронда, ин соли мубораки навро

дар осоиш ва тандурустӣ ба поён мерасонанд! Идора». Дар идома, мақолаи «Имрӯз Наврӯз аст!», ки хусусияти бадеӣ дорад, ҷой дода шудааст.

Ҷанбаи адабии маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» инчунин дар он зоҳир мегардад, ки нашрия чопи дигар матбуоти адабиро дар минтақа ва ҷаҳон пайгирӣ намуда, хонандагонро аз муҳтаво ва фаъолияти онҳо огоҳ месохт. Аз ҷумла, дар бораи нашри рӯзномаи «Иттиҳоди Машриқ» дар Афғонистон хабар дода, зикр кардааст: «чашми мо ба дидани чанд шумораи он рӯшан гардид». Дар идома таъкид шудааст, ки ин рӯзнома «бо забони форсии шевову сода» нашр шуда, «мӯҳтавояш низ муҳим ва арзишманд мебошад». Ҳатто яке аз мақолаҳои онро ҳамчун намуна бознашр кардаанд. Муҳаррири маҷалла Саидризо Ализода бо доираҳои фарҳангии Афғонистон муносибати наздик доштааст. Ба гуфтаи манбаъҳо, «соли 1920, ношири матбааи Лоҳури Ҳиндустон (Покистон), Мирмуҳаммад Гулмони Афғон ба Самарқанд омада, дар муддати 8 моҳ дар хонадони Ализода истиқомат намуд ва сипас 10 китоби ӯро… дар матбааи Лоҳур интишор кард» [434, с.77]. Агар ин далел дуруст бошад, он собит месозад, ки С. Ализода бо ноширон ва аҳли фарҳангу адабиёти кишварҳои Шарқ робитаи зич доштааст.

Ҳамин тариқ, маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» на танҳо инъикосгари афкори ҳизби коммунист, балки як нашрияи сиёсиву иттилоотӣ буд, ки дар саҳифаҳои худ асарҳои насрӣ, аз ҷумла намоишномаҳоро низ ба табъ расонда, масъалаҳои фарҳангиву иҷтимоиро дар ҳадди тавоноии худ инъикос менамуд.

Зимни баррасии намунаҳои аввалини насри бадеӣ дар матбуоти тоҷикии оғози асри XX метавон ба хулосаҳои зайл расид:

1. **Ташаккули анвои гуногуни наср дар матбуот.** Намунаҳои нахустини асарҳои насрӣ, ки дар нашрияҳои «Бухорои шариф» ва «Оина» интишор ёфтаанд, дорои хусусиятҳои гуногуни жанрӣ мебошанд. Дар баробари публитсистикаи бадеӣ, «шеъри мансур», ҳикояҳои шеъргуна ва сафарнома, шаклҳои махсуси насри танқидӣ ва ислоҳотӣ, аз ҷумла сухбат-саҳнача ва намоишнома ба вуҷуд омаданд. Ин ҷараён бо ташаккули худшиносии иҷтимоии равшанфикрон ҳамбастагӣ дошта, ба эҳёи афкор ва ҷустуҷӯҳои тозаи адабӣ мусоидат кардааст.

2. **Бартарии услуби ҳаҷв ва танз.** Қисми зиёди осори насрии бадеӣ дар матбуоти он давра бо забони ҳаҷв ва мутойиба офарида шуда, бо такя ба равиши интиқодӣ ба масъалаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маориф дахл менамуд. Ба вежа, жанрҳои фелетон ва ҳаҷвия бо ҳадафи мубориза бар зидди таассуб, ҷоҳилӣ ва бесаводӣ ривоҷ ёфтаанд. Ин раванд мутобиқ ба тамоюли умумиҷаҳонии истифодаи танз ҳамчун воситаи таъсиррасонии иҷтимоӣ ва танқиди ҳолати мавҷудаи ҷомеа мебошад.

3. **Маҳдудиятҳои иҷтимоӣ ва таъсири онҳо ба намоишномаҳо.** Суҳбат ва намоишномаҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳои ибтидои асри XX дорои потенсиали саҳнавӣ буданд ва аз нигоҳи бадеӣ ба шакли театри реалистӣ наздик мешуданд. Бо вуҷуди ин, вазъи номусоиди иҷтимоӣ, шиддат гирифтани назорат аз ҷониби қувваҳои муҳофизакор ва набуди фазои озоди фарҳангӣ боис гардид, ки ин асарҳо натавонанд ба таври васеъ ба саҳна гузошта шаванд. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки рушди театр дар ҷомеаи он давра ба маҳдудиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ сахт вобаста буд.

4. **Ҷойгоҳи «Оина» дар идомаи анъанаи матбуоти танқидӣ.** Маҷаллаи «Оина» ҳамчун идомадиҳандаи анъанаҳои танқидии «Бухорои шариф» дар истифодаи жанрҳои ҳаҷвӣ, суҳбат ва мақолаҳои танқидии иҷтимоӣ нақши муҳим бозид. Ин идома нишон медиҳад, ки матбуоти ислоҳотӣ дар ибтидои асри XX хусусияти мубоҳисавӣ ва интиқодӣ пайдо намуда, на танҳо маълумоти хабарӣ, балки шаклҳои нави таъсиррасонии идеявӣ ва фарҳангиро ташаккул додааст.

5. **Интиқоли анъанаҳои адабӣ ва робитаи матбуоти маҳаллӣ бо таҷрибаи хориҷӣ.** Ҳикоёти танзомез, ки дар маҷаллаи «Оина» нашр мешуданд, дар заминаи таҷрибаи матбуоти хориҷии наздик офарида шудаанд. Чунин тарзи баёни фикрро метавон аз анъанаҳои адабии классикӣ низ мушоҳида кард: осори Саъдии Шерозӣ ва Убайди Зоконӣ, ки дар онҳо шакли муколамаҳои танзомез ва саволу ҷавоб барои ифодаи андешаҳои иҷтимоӣ истифода шудааст. Ин далел собит месозад, ки нависандагони маорифпарвар аз сарчашмаҳои гуногуни фарҳангӣ баҳра гирифта, услуб ва жанрҳои нави ба ҷомеаи худ мувофиқро ба вуҷуд овардаанд.

6. **Нақши мазмунҳои афсонавӣ ва хоббинӣ дар бедории иҷтимоӣ.** Дар маҷаллаи «Оина» истифодаи мазмунҳои афсонавӣ, устуравӣ ва хоббинӣ фаровон ба назар мерасад. Ин шева, ки дар осори адабиёти классикии Шарқ низ маъмул буд, ҳамчун як василаи рамзӣ барои ифодаи андешаҳои иҷтимоӣ ва бедории фикрии мардум хидмат кардааст. Ба назар мерасад, ки чунин қолабҳои адабӣ барои интиқоди вазъи ҷомеа ва ташаккули ҷаҳонбинии нав дар миёни хонандагон нақши муассир бозидаанд.

**Хулосаи умумӣ**

Ҳамин тариқ, таҳлили матбуоти тоҷик дар оғози асри XX нишон медиҳад, ки насри бадеӣ дар ибтидо ҳамчун як рукниислоҳотӣ ва танқидӣ шакл гирифта, бо афкор ва ғояҳои маорифпарварон ҳамоҳанг буда, ба ташаккули афкори иҷтимоӣ ва равандҳои фарҳангӣ таъсир расонидааст.

## 2. 4. Тарҷумаи осори бадеӣ: сатҳи забонӣ ва мушкилоти ҳунарӣ

Тарҷумаҳои бадеии дар «Бухорои шариф» ва «Оина» нашршуда мактаби аввалини тарҷумонии тоҷик ба ҳисоб меравconfiguration. Дар бисёр кишварҳо тарҷумаи озод, калима ба калима (таҳтуллафзӣ) ва маъноӣ маъмул буд. Дар ин давра, тарҷумонҳои тоҷик таҷрибаи кофӣ надоштанд ва бо назардошти маҳдудияти дониш ва малакаи касбӣ, асосан ба тарҷумаи осори насрии хурд аз забонҳои туркӣ, озарбойҷонӣ, тоторӣ ва русӣ машғул шуданд. Ҳамчунин, мавридҳои тарҷума аз забони олмонӣ низ ба назар мерасанд. Барои муайян кардани сабку услуби тарҷумонии тоҷик, зарур аст, ки тарҷумаҳои анҷомшуда бо матни асл, инчунин бо тарҷумаҳои ҳамзамон ва минбаъдаи ин асарҳо муқоиса карда шаванд.

Маълум аст, ки рӯзномаи «Бухорои шариф» корманди махсуси тарҷумон дошт, зеро тарҷумаи хабарҳо ва эълонҳо аз лентаи телетайп ва рӯзномаҳои дигар амри зарурӣ буд. Дар яке аз шумораҳои рӯзнома хабар дода шудааст, ки бо сабаби аз кор рафтани тарҷумони рӯзнома, дар нашри шумораи навбатӣ таътил ба миён омад. Ҳузури тарҷумон барои тарҷумаи хабару гузоришҳои зарурии ҷаҳонӣ ва давлатҳои ҳамҷавор, ки ҳудуди се ду ҳиссаи рӯзномаро ташкил медод, аҳаммияти калон дошт. Ин шахс, дар баробари иҷрои вазифаи асосии худ, инчунин метавонист дар вақти холӣ матолиби дигари дилхоҳ ва мавриди таваҷҷуҳи ҳайати эҷодии рӯзномаро низ тарҷума карда, барои нашр пешниҳод намояд.

Маҳз бо ҳамин сабаб, баъди як моҳи интишори рӯзнома, тарҷумаи асарҳои бадеӣ низ ба роҳ монда шуд ва қариб дар ҳар шумора намунаҳое аз ин тарҷумаҳо ба нашр мерасид. Аксари ин тарҷумаҳои бадеӣ бо имзои «Р.Ё.» ё «Р.И.» анҷом дода шудаанд. Ҳарчанд муҳаққиқони барҷаста, аз ҷумла М. Шакурӣ, В. Самад ва А. Набавӣ фарзияҳои гуногун пешниҳод кардаанд, шахсияти воқеии ин тарҷумон то ҳол бо далелҳои қатъӣ муайян нашудааст.

Аввалин ёдоварӣ аз нависандаи маъруфи рус Лев Николаевич Толстой дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ба шумораи №34, 19 апрели соли 1912 рост меояд.

Дар ин шумора хабар дода шудааст, ки «хоҳари адиби машҳур Тулстуй, ки баъд аз вафоти бародараш ғуссаи зиёд мекашад, 5 апрел вафот намудааст». Баъди ин, мунтазам дар шумораҳои рӯзнома осори Л. Толстой ба чоп расидааст.

Дар шумораи №37 таҳти рубрикаи «Ҳикояти кӯчак», ҳикояи «Сангҳо» аз Лев Толстой нашр шудааст. Азбаски бештари ҳикояҳои ин нависанда борҳо аз ҷониби тарҷумонҳои тоҷик тарҷума шудаанд, мувофиқи мақсад мебуд, ки онҳоро бо асли асар муқоиса намуда, бурду бохти ҳар як тарҷумаро муайян кард.

Мазмуни ҳикояи «Сангҳо» чунин аст: ду зан ба назди пире мераванд, то барои гуноҳҳои худ бахшиш талаб карда, маслиҳат пурсанд. Дар насроният ривоҷ ёфтааст, ки одамон гуноҳони худро ба раҳнамои динӣ эътироф намуда, аз ӯ дар назди Худованд омурзиш мехоҳанд. Яке аз занҳо худро гунаҳкор эҳсос мекунад, зеро бо шавҳараш мувофиқ набуда, ӯро ранҷондааст ва бовар надорад, ки гуноҳаш бахшида мешавад. Зани дигар мутмаин аст, ки гуноҳи бузург содир накардааст, танҳо хатоҳои хурде дорад. Пир ҳар ду занро шунида, ба зани якум фармон медиҳад: «Бирав, санги бузургтаре биёр, ки тавонӣ онро бардошта, биёварӣ». Ба зани дигар мегӯяд: «Ту низ рав, то ҳадде ки метавонӣ, сангҳои хурдро ҷамъ оварда биёр» [350, с.2]. Занҳо ҳамин тавр мекунанд. Сипас, пир ба онҳо мефармояд, ки акнун сангҳоро ба ҷойи аслиашон баргардонанд. Зани аввал, ки танҳо як санги калонро гирифта буд, зуд ҷойи онро пайдо карда, баргардонд. Аммо зани дигар, ки сангҳои хурдро ҷамъ оварда буд, натавонист макони аслии онҳоро ёфта, баргардонад. Ҳар ду дубора назди пир меоянд. Ба гуфтаи ӯ, «гуноҳҳо низ чунинанд». Ба зани гунаҳкор мегӯяд: «Ту гуноҳи худро эътироф намуда, худро гунаҳгор меҳисобӣ ва ба ҳамин хотир, омодаӣ, ки он гуноҳро бартараф созӣ» [350, с.2]. Ба зани дигар мегӯяд: «Лекин ту бо вуҷуди содир кардани гуноҳҳо, онҳоро ночиз пиндошта, ба онҳо аҳаммият намедодӣ ва пайваста гунаҳгор мешудӣ, бидуни он ки худро гунаҳкор эҳсос намоӣ» [350, с.2].

Дар забони тарҷума баъзе калимаҳои душворфаҳм мавҷуданд: «маззаб» (соҳиби азоб), «танбия», «маъсият», «мутаҳайир», «маъишат» (дар маънои рафтору рӯзгор), «муттафиқ», «муртакиб», «осӣ», «осия». Аммо дар маҷмуъ,

забони тарҷума бо асли асар мутобиқат дошта, ҳолати равонӣ ва фалсафии онро ба таври саҳеҳ инъикос менамояд.

Асар на танҳо урфу одат ва рӯҳияи мардуми русро ифода мекунад, балки ба фалсафаи ахлоқии мардуми Шарқ низ наздик аст. Дар таълимоти ахлоқии шарқӣ такаббур ва худро бегуноҳ ҳисоб кардан аз хислатҳои номатлуб маҳсуб мешавад. Бо дарназардошти аҳаммияти тарбиявӣ ва ахлоқии ҳикоя, тарҷумон онро интихоб намуда, барои хонандагон пешниҳод кардааст.

Ҳикояи дигари дар шумораи баъдӣ нашршуда, «Худо ҳақро мебинад, зуд кашф намекунад», низ асари Л. Толстой буда, барои дарку фаҳмиши хонандаи шарқӣ мувофиқ интихоб гардидааст. Ҳангоми тарҷумаи осори Толстой, меъёри асосии интихоби асарҳо хусусияти ахлоқӣ, мазҳабӣ ва то андозае устуравии онҳо будааст. Тарҷумон «Р.Ё.» маҳз он ҳикояву достонҳоро интихоб кардааст, ки дорои чунин хусусиятҳо мебошанд.

Дар оғози ҳикояи Л. Толстой «Яздонро ё шайтонро?» иқтибос аз Инҷили Луқо оварда шудааст: «Ҳеҷ хидматгоре ба ду нафар оғо дар як вақт хидмат натавонад кард» [513, с.2]. Дар забони тарҷума то андозае таъсири лаҳҷаи форсӣ мушоҳида мешавад. Муҳимтар аз ҳама, хусусиятҳои забони тоҷикӣ ва шакли калимасозии классикӣ, аз ҷумла истифодаи шаклҳои «кардандӣ», «гуфтандӣ» ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Масалан, дар ҷумлаи зерин: «Шурбиҳо ҳеҷ вақт шӯрбӣ набудандӣ, ҳар гоҳ надидандӣ, ки чӣ тавр муташаххисон ва муътабарон хӯрда ва ҳамдигарро меҳмоннавозӣ мекунанд» [513, с.2].

Мавзуи асосии ҳикоя ба зарари тамоку ва шароб иртибот дорад. Ҳикояти маъруфи зерин оварда шудааст:

Рӯҳонии масеҳӣ бо шайтон ба баҳс медарояд, ки ҳеҷ гоҳ ӯро ба манзили худ роҳ нахоҳад дод. Шайтон пешниҳод мекунад, ки агар рӯҳонӣ яке аз се гуноҳро - қатл, зино ё шаробнӯшӣ - интихоб ва содир кунад, пас ӯро дигар озор нахоҳад дод. Рӯҳонӣ бо худ меандешад, ки қатлу зино гуноҳҳои бузурганд, аммо шароб фақат ба ӯ зиён мерасонад ва бинобар ин, шаробро интихоб мекунад. Пас аз нӯшидани шароб, ӯ маст мешавад, беихтиёр ба кӯча мебарояд ва бо зани деҳотӣ зино мекунад. Вақте шавҳари зан хабар меёбад ва бо ӯ муноқиша

мекунад, рӯҳонӣ, ки қавипанҷа буд, мардро кушта, ба ҷинояти аз ҳама бузургтар роҳ медиҳад.

Дар ҳикоя таъкид мешавад, ки «Бино ба маълумоти маҳкамаҳо, аз даҳ ҷиноят нуҳтоаш дар вақти сархушӣ ва мастӣ иттифоқ меафтад». Дар идома муаллиф дар бораи таъсири манфии шароб маълумоти муфассал дода, собит мекунад, ки он, бар хилофи ақидаи маъмул, «на инсонро сиҳат мекунад, на қуввату гармӣ ва на шодӣ мебахшад».

Ин асарро ҳикоя номидаанд, аммо аз нигоҳи сохтор бештар ба мақолаи ахлоқӣ шабоҳат дошта, аз ҷиҳати бадеият низ орӣ нест. Мазмуни ҳикоя бештар хусусияти панду насиҳатӣ дошта, ба ҷавонон нигаронида шудааст, то онҳоро водор созад, ки дар зиндагӣ роҳи яздонро интихоб кунанд, на роҳи шайтонро.

Ба монанди ҳикояҳои қаблӣ асари дигари Л. Толстой «Инсонро замини зироат бисёр лозим аст?» низ бо ҳадафи мазаммати нафс ва ҳирси инсон навишта шудааст. Хусусияти устуравии ин ҳикоя дар он зоҳир мегардад, ки шахсияти асосии он зери таъсири васвасаи шайтон қарор мегирад ва оқибат ба ҳалокат мерасад.

Мавзуи ҳикоя баҳси ду хоҳар мебошад: яке зани тоҷири шаҳрӣ ва дигаре деҳқони деҳотӣ. Ҳар кадом аз онҳо тарзи зиндагии худро ситоиш мекунад. Марди хона, Пахом, зимни шунидани суҳбати занҳо бо худ андеша мекунад, ки агар шайтон ӯро аз роҳ набарорад, ӯ метавонад сарватманд гардад ва корҳои ӯ рӯ ба пешравӣ хоҳанд овард.

Дар наздикии деҳа зани заминдоре зиндагӣ мекард, ки деҳқононро, аз ҷумла Пахомро, бо ҷаримаҳои зиёд озор медод. Пас аз муддате маълум мегардад, ки ӯ тасмим гирифтааст, қисми заминашро ба фурӯш гузорад. Деҳқонони маҳаллӣ ҷамъ омада, қарор мекунанд, ки заминро худашон бихаранд, то соҳиби нав он заминро нагирифта, бар онҳо зулм накунад. Аммо шайтон дар дилҳои онҳо тухми ҳирсро мекорад ва миёни онҳо ихтилоф пайдо мешавад. Азбаски натавонистанд ба як хулоса бирасанд, ҳар кас мутобиқи тавонаш барои харидани замин кӯшиш мекунад. Пахом низ амволашро фурӯхта, аз дигарон қарз гирифта, як қисми заминро харидорӣ менамояд.

Дар тӯли як сол ӯ қарзҳояшро мепардозад, аммо ҳирсаш афзоиш меёбад. Ӯ бо деҳқонон ва коргарони худ мунокиша карда, онҳоро ба ҷарима гирифтор месозад ва тадриҷан мисли заминдори пешина амал менамояд. Пас аз чанде бисёре аз деҳқонон маҷбур мешаванд, ки кӯч банданд.

Баъдтар, Пахом аз он огоҳ мегардад, ки дар минтақаи дигар деҳқонон замини ҳосилхез доранд ва бо кӯч бастан ба он ҷо метавонанд зиндагии беҳтаре дошта бошанд. Ӯ низ амволашро фурӯхта, ба он вилоят мекӯчад. Дар он ҷо бо харидории замини бештар, корро ба роҳ монда, фоидаи калон ба даст меорад. Ҳирси ӯ торафт афзун гардида, роҳҳои нави даромадро ҷустуҷӯ мекунад. Як рӯз ӯ мефаҳмад, ки бошқирдҳо заминҳои беканоре доранд ва бо каме тӯҳфаю шароб метавон онҳоро фиреб дода, заминашонро ба нархи арзон харидорӣ кард. Муаллиф, баробари таҳқири урфу одатҳои сода, нодонӣ ва танбалии бошқирдҳо, инчунин меҳрубонӣ ва меҳмоннавозии онҳоро низ зикр менамояд.

Маълум мегардад, ки бошқирдҳо ба зироат машғул нестанд ва фақат чорво парвариш намуда, дар хаймаҳо зиндагӣ мекунанд. Онҳо Пахомро меҳмоннавозӣ намуда, дар навбати худ ӯ низ ба онҳо чой ва шароб пешкаш мекунад. Сардори бошқирдҳо ба ӯ мефаҳмонад, ки замини онҳо беканор аст ва ҳар қадар замин, ки мехоҳад, метавонад бо пардохти ҳазор сӯм соҳиб шавад. Шарти асосӣ ин аст, ки то ғуруби офтоб ҳар қадар заминро тай кунад, аз они ӯ хоҳад шуд.

Шаби дароз Пахом нақша мекашад, ки дар як рӯз, агар Худо хоҳад, панҷоҳ чақрим роҳ меравад, замини хубро барои кишти гандум интихоб мекунад, қисми дигари онро ба иҷора медиҳад ва боқимондаашро барои чорводорӣ истифода мебарад.

Субҳи барвақт Пахом бармехезад ва бидуни субҳона хӯрдан ба роҳ мебарояд. Дар ҳамин ҷо нашри ҳикоя дар рӯзнома қатъ шуда, ҷойи онро асари дигари Толстой гирифтааст.

Аз мутолиаи аслии русии ҳикоя маълум мегардад, ки Пахом ба васвасаи нафс дода шуда, аз ҳад зиёд роҳ меравад ва хеле хаста мешавад. Тибқи шарт, ӯ бояд пеш аз ғуруби офтоб ба нуқтаи оғози ҳаракаташ бармегашт. Ӯ дар ҳоли вазнин бармегардад ва дар сари замин ҷон медиҳад. Бошқирдҳо ӯро дар ҳамон

ҷо, баробар бо се оршин замине, ки барои гӯраш кофӣ буд, ба хок месупоранд [396, с.359].

Дар байни мардуми тоҷик мақоле бо чунин мазмун маъмул аст: «Се газ замин насиб мешавад ё не». Нависандаи бузург Л. Толстой дар ин ҳикоя шояд сиёсатҳои ҷаҳонталабонаи давлати Русияро низ мавриди таҳлил қарор додааст, ки дар чор гӯшаи ҷаҳон заминҳои навро ишғол мекунад, аммо намедонад, ки онҳоро нигоҳ дошта метавонад ё не. Маҳз ба ҳамин сабаб ҳикоя бо номи рамзии «Инсонро замини зироат бисёр лозим аст?» нашр шудааст.

Ҳикояи дигари Л. Толстой «Гарон тамом мешавад» дорои лаҳни танзомез мебошад. Аз шумораи №78, 11 июни соли 1912, дар чанд шумора асари дигари Л. Толстой «Муҳаббат кунед якдигарро (Муроҷиат ба ҷавонон)» нашр шудааст. Дар шумораҳои баъдина асарҳои Толстой, аз ҷумла «Духтари соҳибмансаби чинӣ», «Силаҳдорӣ. Аз китоби қадим», «Рафиқи меҳрубон», «Муздур Емелён ва табли тиҳӣ» ва дигар ҳикояҳо ба нашр расидаанд.

Аз мазмуни асарҳои тарҷумашуда маълум мегардад, ки бештар он осоре интихоб ва тарҷума шудаанд, ки бо рӯҳияи миллӣ ва динии мардуми Шарқ созгоранд. Хусусан, ҳикояву навиштаҳои тамсилӣ, пандомӯз, насиҳатӣ, рӯҳонӣ ва аз ҳаёти деҳот.

Дар дигар асарҳои тарҷумавӣ низ ҳамин меъёр риоя шудааст. Аз ҷумла, дар сарсухани яке аз асарҳои тарҷумавӣ аз номи идора чунин омадааст: «Ин ҳикояро адиби фаронсавӣ Анри де Ренбо навишта ва мо ҳам онро бенафъ надониста, тарҷума намудем». Яъне, тавре ки А. Набавӣ таъкид кардааст: «меъёри тарҷума барои рӯзнома манфиатовар будани асарҳо будааст» [276, с.120].

Ҳикояи нисбатан тӯлонии Л. Толстой, ки шумораҳои зиёди рӯзномаро (аз №95, 1 июли соли 1912) ишғол кардааст, «Асири Қафқозӣ» мебошад. Ин асар яке аз беҳтарин, серхонандатарин ва писандидаи нависанда маҳсуб мегардад. Дар асли худ, асар бо номи «быль» (достон) номгузорӣ шудааст.

Ҳикояи мазкур ба забони тоҷикӣ борҳо аз ҷониби муаллифони гуногун тарҷума шудааст, аммо тарҷумаи «Р. Ё.» дар «Бухорои шариф» аввалин

мебошад. Маълум нест, ки оё тарҷумонҳои баъдина аз ин тарҷума истифода кардаанд ё не.

Дар Қафқоз афсари рус бо номи Жилин хизмат мекард. Аз модари пираш номае мерасад, ки дар он хоҳиш мекунад, ки ба хона баргардад, зан гирад ва ӯро саробон бошад. Жилин барои рухсатӣ гирифта, ба роҳ мебарояд. Дар роҳҳо тоторҳо (нуғайҳо) роҳзанӣ мекарданд, аз ин рӯ, мусофирон аз як қалъа ба қалъаи дигар таҳти ҳимояи аскарони рус ҳаракат менамуданд. Азбаски корвони онҳо суст ҳаракат мекард, Жилин бо яке аз ҳамсафаронаш маслиҳат мекунад, ки суръати ҳаракатро зиёд намуда, аз гурӯҳи аскарон ҷудо шаванд. Аммо онҳо ба дасти тоторҳо меафтанд.

Аз нигоҳи забонӣ, тарҷумаи ин асар то андозае озод мебошад. Масалан, асли ҷумлаи аввал чунин аст: «Служил на Кавказе офицером один барин. Звали его Жилин» [396, с.207]. Дар тарҷумаи тоҷикӣ ин ҷумла чунин омадааст: «Дар Қафқос оғои Жилин ном хизмати аскарӣ дошт».

Мисолҳои дигари тарҷума:

1. «Жилин видит – дело плохо» → «Жилин мебинад, ки кор хеле шӯлуғ аст»
2. «Собрались ребята татарские, окружили Жилина, пищат, радуются...» → «Бачаҳои тоторҳо ҷамъ шуда, Жилинро иҳота карда, масрурияти худро буруз медоданд»
3. Тавре дида мешавад, дар тарҷума таъсири забони форсии Эрон мушоҳида мегардад. Бо вуҷуди ин, тарҷумаи асар нисбат ба забони матбуоти ҳамондавраи Эрон ва забони имрӯзаи форсӣ барои мардуми тоҷик равонтар ва фаҳмотар мебошад.

Ин тахминро ба миён овардан мумкин аст, ки тарҷумони расмии «Бухорои шариф», яъне «Р. Ё.», шояд аз аҳли форсизабони Эрон бошад.

Озод будани тарҷума аз он аён мегардад, ки иборaҳои русӣ бо шакли маъноии мувофиқ ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд. Масалан:

«Любимого сынка» → «Писари меҳрубону азиз»

«Полковник» → «Сараскар»

«Ведро» → «Зарф»

«Рожка» → «Шайпур»

«Офицер» → «Зобит»

«Выстрел» → «Гулӯла»

«Башмаки» → «Кафшҳои масҳӣ»

«Монет» → «Манот»

«Долг» → «Мадюн»

«Копеек» → «Фулус»

Ин равиш нишон медиҳад, ки тарҷумон дорои дониши фарохи забонӣ буда, дар интихоби муродифҳои маънодор ва мутобиқи забони тоҷикӣ хеле муваффақ амал кардааст.

Ҳамчунин, тарҷумаи ҷумларо баррасӣ мекунем:

1. «Обоз шел тихо» → «Корвон ланг ҳаракат мекард»
2. «Солнце так и печет…» → «Шамс ҳама инсонро бирён мекард»
3. «Ты все серчаешь» → «Ту бадхулқ ва хашмнокӣ»

Ин мисолҳо низ аз маҳорати баланди тарҷумонӣ ва ҳунари нависандагии тарҷумон дарак медиҳанд.

Ба назар мерасад, ки тарҷумон дар баробари тарҷумаи матн, баъзан шарҳҳои изофӣ низ ворид намудааст. Масалан, дар тарҷума омадааст: «Он вақт дар Қафқос муҳориба буд», дар ҳоле ки чунин маълумот дар асли русии асар вуҷуд надорад.

Баръакси баъзе тарҷумонҳо, ки қисматҳои нофаҳмои матнро ҳазф мекунанд, «Р. Ё.» кӯшидааст, ки муродифи наздик ба маънои аслиро интихоб кунад. Масалан:

«Либо лошадью сомну, либо срублю шашкой» → «Ин мардро ё дар зери пои асп ҳалок мекунам, ё бо шамшер ду қисмат мекунам»

Танҳо дар як маврид эҳтимолан барои риояи одоб калимаи «вонючие» (бадбӯй) тарҷума нашудааст.

Қобили зикр аст, ки тарҷумонҳои баъдӣ номи «Кази-Мугамед»-ро «Қозӣ Муҳаммад» тарҷума кардаанд, аммо дар «Бухорои шариф» номи дурусти ӯ «Ғозӣ

Муҳаммад» навишта шудааст, ки мутобиқ ба таърихи воқеӣ мебошад, зеро ин шахс ғозӣ (мубориз) буд, на қозӣ (судя).

Ба ғайр аз асарҳои Л. Толстой, дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ҳикояҳои адибони фаронсавӣ низ ба нашр расидаанд. Аз ҷумла, асарҳои Анри де Ренбо, О. Доде (бо ҳикояҳои «Вафоти валиаҳд») ва «Ланг»-и И. Урунуф-Пусодюф дар ин рӯзнома чоп шудаанд.

Асари аввалини тарҷумавии нашршуда «Ҳикояи чинӣ» мебошад, ки таҳти рубрикаи «Филетун» дар шумораи 6 апрели соли 1912 ба нашр расидааст. Мазмуни ҳикоя чунин аст: яке аз императорони Чин, Хухин, барои санҷиши садоқати тобеонаш аз усули хеле даҳшатовар истифода мебарад. Ӯ ба вазири якуми худ, Тобей, ки «шахси олим ва нуктадон буд», чунин амр медиҳад:

– Тобей, маро гӯш кун! Ман хобе дидаам. Имшаб худои бадгумонӣ ба хобам омад… [412, с.2].

Дар чеҳраи Тобей изҳори хушнудӣ ва тобеият мушоҳида мешавад. Ӯ бо камоли итоат ҷавоб медиҳад:

«– Эй ҳукмдори муаззам ва машҳур, худои бадгумонӣ дуруст гуфтааст. Навкари ту барои исботи муҳаббати худ нисбат ба шумо ба ҳар амре, ки шумо бифармоед, ҳозир аст. Ҷони ӯ ва ҷони ҳамаи аилаи ӯ мутааллиқ ба шумост. Бо онҳо ҳарчи мехоҳед бикунед» [412, с.2].

Забони тарҷума равону сода буда, сохтори забонӣ бо тоҷикии имрӯза наздик аст.

Дар идома, император каме «тафаккур» намуда, фармон медиҳад, ки барои исботи вафодорӣ, сари падари пири худро оварда супорад. Тобей бо камоли итоат таъзим намуда, амри шоҳро иҷро мекунад. Аммо пас аз чанде император боз изҳор медорад, ки худои бадгумонӣ ҳанӯз ӯро азият медиҳад. Ин бор амр медиҳад, ки Тобей сари зани дӯстдоштаи худро оварад. Вазир ин фармони шоҳро низ бе дудилагӣ иҷро менамояд.

Бо гузашти вақт император эълон мекунад, ки худои бадгумонӣ боз ба хобаш омада, изҳор доштааст: «Ман боз қонеъ намешавам, агар ӯ қурбонии охиринро пеши ту наёварад. Тобей аз зани худ ду кӯдак дорад – духтар ва писар.

Агар ӯ сари ҳар ду наврасро бар тарозуи имтиҳон бигзорад, дигар бадгумонӣ ақли заифи маро азият нахоҳад дод. Ту чӣ раъй дорӣ?»

Тобей даст ба бар гузошта, ду қатра ашк аз чашмонаш ҷорӣ мешавад. Ӯ се рӯз дар дарбор ҳозир намешавад. Танҳо рӯзи чорум фарош дар як сабади пӯшида ду сари кӯдакони маъсумро, ки бо ханҷари тез аз бадан ҷудо карда шуда буданд, назди император меоварад.

Дар ин қисмати ҳикоя калимаҳои таъсирбахши «тафаккур», «Аҳримани бадгумонӣ», «тарозуи имтиҳон» истифода шудаанд, ки ба таъсиргузории бадеии ҳикоя меафзоянд.

Чуноне ки мушоҳида мешавад, дар ҳикоя садоқат ва вафодории шарқӣ ба ҳукмдор ба таври шадид нишон дода шудааст. Идомаи ҳикоя дар шумораҳои №23-25 нохоно мебошад. Бо вуҷуди ин, аз қисми мавҷуда маълум мешавад, ки он устокорона тарҷума гардида, назар ба забони тарҷумаҳои ҳикояҳои Толстой, ба забони тоҷикӣ ва услуби насри имрӯза наздиктар аст.

Дар рӯзнома инчунин асари фаронсавӣ бо номи «Муҳовара» нашр шудааст, ки онро шоир Мунири Мозандаранӣ тарҷума намудааст. Дар сарсухани муфассале, ки пеш аз асар оварда шудааст, зикр шудааст, ки вазири собиқи маорифи Фаронса дар яке аз баромадҳояш алайҳи тадриси ҳатмии забони лотинӣ дар мактабҳои ин кишвар суханронӣ намуда, забонҳои лотинӣ ва юнониро мурда номидааст.

Дар Фаронса, ҳамон тавре ки дар байни мардуми тоҷик забони арабӣ мавқеи форсиро танг карда буд, таълими ҳатмии забонҳои лотинӣ ва юнонӣ ҷорӣ гардида буд. Дар натиҷа гурӯҳе аз мутафаккирон, ба мисли вазири собиқи маориф, ҷамъияте таъсис додаанд, ки наҷоти забони фаронсавиро ҳадаф қарор додааст. Дар ин замина, муҳаррири рӯзномаи фаронсавӣ муҳовараи зариф, дилкаш ва пурмаъни байни падар ва писарро нашр кардааст, ки тарҷумаи онро дар «Бухорои шариф» ҷой додаанд:

Падар: - Ба ҳеҷ ваҷҳ, ба ҳеҷ ваҷҳ! Ин чӣ ҳарфест, ки ба ман имрӯз муаллими ту гуфт, ки майле ба донистани лотинӣ надорӣ?

Писар (бо камоли матонат ва азм): - Бале, чунин аст, ки ҳеҷ моил ба хондани лотинӣ намебошам, зеро манфиати онро дар зиндагӣ намебинам [246, с.2].

Баҳои падару писар идома меёбад. Падар ҳайрон мешавад ва мепурсад:

«Магар дар мактаб ва муаллим ғайр аз лотинӣ чизи дигар ба ту наомӯзониданд?»

Писар изҳор медорад, ки дарси забони юнонӣ низ фанни нолозим мебошад. Танҳо аз дарси риёзӣ изҳори умедворӣ мекунад. Вай инчунин таъкид мекунад, ки дар таълими фанҳои ҷуғрофия ва таърих низ норасоӣ вуҷуд дорад, зеро онҳо барои пешрафти ҷомеа аҳаммияти назаррас надоранд.

Падар: - Писар, дар анҷом ту чӣ мешавӣ?

Писар: - Як чизи бисёр сода – вазири маорифи Фаронса [246, с.2].

Яъне, писари ҷавон мехоҳад дар оянда мисли вазири маорифи Фаронса маърифатпарвар бошад ва низоми таълимро ислоҳ намояд.

Асари «Телегрофистика», ки лаҳзае аз маҷлиси Думаи давлатии Россияро тасвир мекунад, дорои оҳанги танзомез мебошад. Ин услуби баён яке аз хусусиятҳои хоси «Бухорои шариф» маҳсуб мешуд. Дар ин асар масъалаи мактабҳо мавриди музокира қарор мегирад. Ҳангоми баррасии он миёни баромадкунанда Меликов ва вакил Пуришкевич баҳс ба вуҷуд меояд.

«Меликуф ба садр: «Маро аз ин сафия халос кун!» Садри маҷлис ба Меликуф пешниҳод мекунад, ки танҳо дар бораи масъалаи мавриди баҳс суҳбат кунад ва Пуришкевичро огоҳ менамояд, ки «агар боз қилу қол кунад, ӯро аз маҷлис хориҷ мекунанд».

Дар ниҳоят, «садои зангӯлаи Садр ба гӯш мерасад, ӯ пешниҳод мекунад, ки узви Дума Меликуфро барои таҳқири узви ҳукумат ба панҷ ҷаласа роҳ надиҳанд. Пешниҳод қабул мегардад. «Ба ин ҷиҳат, ӯро ба даҳ ҷаласа аз маҷлис хориҷ мекунанд» [391, с.1]. Аҳаммияти ин асар дар он аст, ки воқеияти ошкорбаёнӣ ва баҳсҳои сиёсии Думаи Давлатии Русияро инъикос менамояд.

Бо мақсади ҷолибтар сохтани нашрия, рӯзнома баъзе иттилооти аҷиб ё ҳикояҳои хурдеро тарҷума карда, таҳти рубрикаи «Шуъун» ҷой додааст. Яке аз

чунин маводи хонданбоб «Донишманди маҳкамаи ҳиндӣ» мебошад, ки дорои оҳанги танзомез аст.

Мазмуни ҳикоя чунин аст:

Чор нафар ҳиндии пахтаҷаллоб, барои ҳифзи пахта аз муш як гурба мегиранд ва нигоҳубини ҳар пойи гурбаро бар уҳдаи як нафар мегузоранд. Рӯзе як пойи гурба захмӣ мешавад. Соҳиби он по барои муолиҷа як пои гурбаро бо чарм мепечонад. Вақте гурба аз наздикии оташ мегузарад, пояш оташ мегирад ва ба сӯи ғарами пахта медавад, ки дар натиҷа тамоми пахта оташ мегирад ва месӯзад.

Шарикон ба маҳкама муроҷиат мекунанд. Додгоҳ қазияро баррасӣ намуда, чунин қарор мебарорад:

«Пои гурба, ки бо порчаи чармӣ баста шуда буд, захмӣ буд. Аз ин рӯ, гурба бо он пой наметавонист фирор кунад. Ӯ ин пояшро бардошта, бо се пои солими худ гурехтааст. Ба ин ҷиҳат, масъули оташ гирифтани пахта пойҳои солими гурба мебошанд. Бинобар ин, се нафари дигар, ки соҳиби пойҳои солиманд ва сабаби оташ гирифтани пахта шудаанд, бояд як рубъ қимати пахтаро ба соҳиби пои захмии гурба баргардонанд» [508, с.4].

Ҳикоя бо услуби танзомез навишта шуда, ба таври шӯхиомез беадолатиҳои ҳуқуқӣ ва ноадолатиҳои додгоҳиро инъикос менамояд.

Дар ҳикояи дигар, ки дар ҳамин рӯзнома нашр шудааст, аз Ҳиндустон хабар дода мешавад, ки як писарбачаи ҳаштсола, ки дар даст ва пояш шаш ангушт дорад, ба таври фавқулода масъалаҳои мураккаби риёзиро зуд ҳал мекунад.

Профессорони англис бо ӯ вохӯрда, дар бораи истеъдоди ғайриодии ӯ мутмаин мешаванд. Алҳол ин кӯдак дар шаҳрҳои гуногун гашта, бо истифода аз ин ҳунари худ маблағ ҷамъ мекунад.

Ҳамин тариқ, таҳти рубрикаи мазкур хабарҳои аҷибу ғароиб аз маҷаллаҳои хориҷӣ ҷой дода шудаанд, ки хонандаро ҷалб менамоянд.

Асари аввалини калони жанри драмавӣ, ки ба шакли намоишнома ба нашр расидааст, «Мусоҳибаи Ислом, Охунд ва Ҳотифулғайб» мебошад. Он дар шумораи №12 «Шуълаи инқилоб» ба табъ расидааст.

Ба эҳтимоли зиёд, асар аз туркии озарбойҷонӣ тарҷума шудааст, вале на номи муаллиф ва на номи тарҷумон зикр нашудааст. Танҳо дар зерлавҳа «Тарҷума аз асари «Ходими миллат» омадааст, ки шояд тахаллуси муаллиф бошад.

Шумораи қаҳрамонони намоишнома се нафар аст:

1. Ислом – ҳамчун шахси воқеӣ, ки мазҳари дини ислом мебошад;
2. Охунд – намояндаи руҳониёни анъанавӣ;
3. Ҳотифулғайб – овозе, ки ҷисман дида намешавад, балки рӯҳонӣ садо медиҳад.

Саршавии асар чунин тасвир ёфтааст:

«Ислом дар ҳолати заифу нотавонӣ, бо либоси кӯҳна ва дарида, мутафаккиру ғамгин нишаста буд» [266, с.5].

Охунд ворид мешавад. Ӯ дар сар алломаи 18-газаи бузург дорад, риши рангоранг ва тозашуста, бадани чоқу фарбеҳ, гардане ба монанди гардани гов – калон ва ғафс, лабони равғанолуд ва чарбдор.

Ӯ дар бар абои турма ва ҷомаи моҳут дошта, рӯ ба сӯи Ислом карда, бо камоли эҳтиром салом медиҳад.

Ислом ҷавоб намедиҳад ва рӯяшро мегардонад.

Охунд ба тарафи дигари Ислом гузашта, бо камоли хузӯъ ва хушӯъ боз ҳам салом медиҳад.

Ислом боз рӯяшро мегардонад.

Охунд: - Падару модарам фидоят! Чаро рӯйи худро аз ман барметобӣ? Оё ман ходими ту нестам? Оё ман фидоии ту намебошам?

Ислом: - Ту ходими манӣ?! Рӯят сиёҳ бод, чунон ки маро ба рӯзҳои сиёҳ дучор кардӣ! Оё ту нестӣ, ки маро ба ин ҳолат андохтаӣ? Оё ту нестӣ, ки бадан ва рӯҳи маро зоеъ кардаӣ? [266, с.5-6].

Забони асар равону шево буда, аз ҷиҳати бадеият ва услуб қобили мулоҳиза мебошад. Ифодаҳои образнок, ба монанди «алломаи 18-газа», «лабҳои чарбу равғанӣ», «гардан ба монанди гардани гов», «рӯят сиёҳ бод», дар асар зиёд истифода шудаанд, ки ба таъсиргузории он меафзоянд.

Баъзе ифодаву тасвирҳо ба гуфтори мардуми эронӣ шабоҳат доранд, бинобар ин, эҳтимол меравад, ки тарҷумаи форсӣ истифода шудааст. Бо вуҷуди ин, матн барои тоҷикони Мовароуннаҳр низ фаҳмо мебошад.

Аз идомаи асар маълум мегардад, ки ҳадафи муаллиф ба тасвир кашидани баҳси Охунд – шахси мазҳабӣ ва Ислом – ҳамчун шахси воқеӣ мебошад. Охунд шарафи суҳбат кардан бо Исломро пайдо мекунад.

Дар намоишнома шахси сеюм – Ҳотифулғайб низ ҳузур дорад. Ӯ баъзан ба гуфтугӯи Охунд ва Ислом дахолат намуда, ё суханони онҳоро шарҳ медиҳад, ё рад мекунад ё онҳоро тақвият мебахшад. Ҳарду қаҳрамон – Ислом ва Охунд – ӯро намебинанд, аммо Ҳотифулғайб ҳамеша онҳо ва вазъияти онҳоро мушоҳида намуда, ба ҳайси овози ҳақиқат баромад мекунад. Масалан, баъди ин суханони Охунд, ӯ мегӯяд:

«Хомӯш! Бубинам Охунд чӣ ҷавоб медиҳад».

Ислом изҳор медорад, ки Охунд, ҳарчанд худро ходими Ислом мешуморад, хиёнатҳое кардааст, ки ҳатто, душман намекард. Аз ҳамин сабаб, Ислом дар ҳолати нотавонӣ қарор дорад. Ӯ бисёр хиёнатҳои Охундро номбар мекунад, ки ба мазҳабу равияҳо ҷудо кардани мардум ва пора-пора намудани бадани Ислом аз ҷумлаи онҳо мебошад:

«Ислом: - Ин қадар фирқа, тариқат ва шуъбаҳои мутаидаро кӣ ҷудо сохтааст? Оё Фаранг ва Олмон, яҳуд ва насоро омада ҷудо сохтаанд ё шумо охундон (муллоҳо)?

Ҳотифулғайб: - Оё дар як миллат сад фирқа ва мазҳаб тавон буд?… Оё дар чунин миллате иттиҳод ва тараққӣ ва ё интишори илм ва маориф метавонад бошад?» [266, с.5-6].

Ислом мефаҳмонад, ки тафриқа ва ҷудоиандозии мазҳабӣ ба рӯҳу тани Ислом зиён мерасонад. Охунд дар ҷавоб хомӯш мемонад. Дар натиҷа Ислом ӯро муҷрим мешуморад.

Дар асл, аз забони Ислом баён шудани андешаҳои равшанфикрон ба назар мерасад. Аз ҷумла, вай ба мураккаббаёнӣ ва нофаҳмоиҳои китобҳои динӣ ишора карда, мегӯяд:

«Ислом: - Чунон навишта мешаванд, ки онҳоро фақат соҳибаш намефаҳмад… Муғлақ ва торикии китоб далолат ба муғлақ ва торикии ақли муаллиф аст» [266, с.6].

Дар асри XIX, махсусан то охири он, муғлақбаёнӣ дар адабиёт ва навиштори илмӣ хеле густариш ёфта буд, то ҳадде ки хонандагон навиштаи якдигарро дуруст дарк намекарданд. Муаллифи намоишнома ин масъаларо махсус ёдовар шуда, аз нависандагон содабаёнӣ ва баёни возеҳро талаб мекунад.

Ҳангоми муколамаи Ислом ва Охунд, вақте Ислом аз ӯ мепурсад, ки муриди кист, Охунд бо шиддат ҷавоб медиҳад ва устодаш Оқои Шамсиддинро сутуни асосии дин мешуморад. Ба гуфтаи ӯ, ҳар касе ки ӯро эътироф накунад, кофир маҳсуб мегардад.

Муаллиф дар ҳамин қисмат бесаводии Охундро ошкор месозад. Масалан, вақте дар гуфтугӯ номи шаҳри Қазон зикр мешавад, Охунд мегӯяд, ки он дар Сарандеб (яъне, Сейлон – Шри Ланка) қарор дорад.

Дар намоишнома луқмаҳои Ҳотифулғайб, ки иштибоҳоти Охундро таъкид мекунанд, аз тарафи қаҳрамонон шунида намешаванд, балки барои гӯшзад кардан ба хонанда ворид гардидаанд.

Илова бар ин, дар асар мавзуъҳои тарбия, одоб ва ахлоқ низ баҳс карда мешаванд, ки дар ҳамаи онҳо Охунд ба мушкил мувоҷеҳ мегардад.

Ислом рафторҳои нодурусти муллоҳоро фош мекунад, ки бо истифода аз номи Ислом миёни мардум тафриқа меандозанд, барои манфиатҳои шахсӣ «ҳиллаҳои шаръӣ» ихтироъ менамоянд.

Дар натиҷа дар ҷомеаи исломӣ мунофиқӣ, нотифоқӣ, душманӣ, бадхулқӣ ва ҳатто дуздӣ ривоҷ ёфта, муллоҳо бо истифода аз мансаби худ ин гуноҳҳоро пинҳон мекунанд. Ба гуфтаи Ислом, муллоҳо бо истифода аз методи «тақия» ва «ҳиллаи шаръӣ» гуноҳҳои ҷомеаро ба ивази рибо мебахшанд ва иддао мекунанд, ки онҳо ходими ислом ва шариат ҳастанд [266, с.5].

Ниҳоят, Ислом Охундро насиҳат мекунад, ки аз риёкорӣ даст кашида, воқеан дар фикри покизагии ислом бошад:

«Шумо, охундҳоро лозим аст, ки қадре аз палав даст кашида, воқеан ба фикри ислом бияфтед!» [266, с.6].

Асари мазкур яке аз намунаҳои беҳтарини насри бадеӣ ва намоишномаи танқидии ин давра ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди муҳокима шудани масъалаҳои динӣ ва фалсафӣ, забони содаву равони асар хонандаро душворӣ намедиҳад.

Бо дарназардошти таҳқиқи мавзуи асарҳои тарҷумавии насрии матбуоти тоҷик, метавон ба натиҷаҳои зайл расид:

1. **Нақши стратегӣ ва фарҳангии тарҷума**. Нашри осори бадеии адибони хориҷӣ дар нашрияҳои аввалини тоҷикӣ на танҳо барои огоҳ намудани хонандагон аз ҳаёти адабӣ ва рӯйдодҳои кишварҳои дигар аҳаммият дошт, балки як стратегияи муассири маърифатпарварӣ ва густариши ҷаҳонбинии мардум буд. Ин иқдом дар шароити сиёсиву иҷтимоии даҳсолаи дувуми асри XX, ки ҷомеаи тоҷик таҳти таъсири сохторҳои маъмурии давлати подшоҳӣ қарор дошт, раванди бедоршавии фикрӣ ва интиқодӣ-ро тақвият бахшид.

2. **Тарҷумаҳои бадеӣ ҳамчун воситаи ислоҳоти иҷтимоӣ ва равшангарӣ**. Тарҷумаи осори бадеӣ дар матбуоти тоҷик на танҳо як амали адабӣ, балки як ҳаракати равшанфикрона буд, ки тавассути он идеяҳои маорифпарварӣ, ислоҳоти иҷтимоӣ ва такмили низоми маориф таблиғ мешуданд.

Ин асарҳо дар ташаккули шаклгирии ҷаҳонбинии илмӣ, танқиди иҷтимоӣ ва таҳкими арзишҳои маърифатӣ нақши намоён доштанд.

3. **Интихоби асарҳо ва мутобиқати онҳо бо шароити фарҳангии мардуми Шарқ**. Асарҳое барои тарҷума интихоб мешуданд, ки ба ниёзҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва динии мардуми Шарқ мувофиқат дошта бошанд. Дар натиҷа мавзуъҳои асосии тарҷумаҳо масоили ахлоқӣ, танқиди ҷаҳолат ва хурофот, таълиму тарбия, мавқеи зан дар ҷомеа ва ислоҳоти иҷтимоӣ-ро дар бар мегирифтанд.

4. **Хусусиятҳои забонии тарҷумаҳо ва таъсири онҳо ба рушд ва такмили забони адабии тоҷик**. Тарҷумаҳои нашршуда бо он фарқ мекарданд, ки дар онҳо услуби равон, содагии баён ва истифодаи унсурҳои забони гуфтугӯӣ ба назар мерасид. Дар баробари ин, таъсири забони форсии Эрон, махсусан дар тарзи баён ва истифодаи истилоҳоти адабӣ, мушоҳида мешуд. Ин таъсир, аз як тараф, ба ғанӣ гардидани лексикаи забони тоҷикӣ мусоидат намуд, аз тарафи дигар, дар танзими услуби наср ва забони матбуоти тоҷик нақши муҳим бозид.

5. **Тарҷума ҳамчун омили рушд ва интиқоди муҳити иҷтимоӣ**. Дар баробари инъикоси падидаҳои фарҳангии ҷаҳонӣ, тарҷумаҳо инчунин ҳамчун василаи интиқоди воқеияти иҷтимоӣ истифода мешуданд. Масалан, дар асарҳои тарҷумавӣ масъалаи хурофотпарастӣ, фасоди динӣ, нобаробариҳои иҷтимоӣ ва мазҳабӣ, ҷаҳолати руҳониёни анъанавӣ ва таълимоти ботил мавриди баҳси танқидӣ қарор гирифта буданд.

6. **Арзиши таърихӣ ва илмии тарҷумаҳо дар таҳқиқи матбуоти тоҷик**. Таҳлили тарҷумаҳои бадеии нашршуда дар рӯзномаҳои нахустини тоҷикӣ нишон медиҳад, ки онҳо як унсури муҳими рушди насри тоҷик, таҳаввули матбуоти миллӣ ва шаклгирии муҳити интеллектуалии тоҷикон дар ибтидои садаи XX будаанд. Ин осор, ҳамзамон, барои омӯзиши равандҳои иҷтимоӣ, забоншиносӣ ва таърихии ин давра аҳаммияти калон доранд.

**Хулосаи умумӣ**

Тарҷумаҳои бадеӣ дар нашрияҳои нахустини тоҷикӣ, хусусан дар «Бухорои шариф» ва «Шуълаи инқилоб», ҳамчун як ҷузъи муҳими ҳаракати маърифатпарварӣ, даъват ба ислоҳоти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, такмили низоми маориф, интиқоди ҷаҳолат ва хурофот, такмили забони адабӣ ва густариши ҷаҳонбинии илмӣ хизмат кардаанд.

Ин тарҷумаҳо, дар маҷмуъ, на танҳо ба рушди насри муосири тоҷик таъсир расониданд, балки дар шаклгирии андешаи танқидии ҷомеа ва таҳаввули фикрии равшанфикрон низ нақши бориз гузоштанд.

## 2. 5. Матбуот ва масъалаи ташаккули забони адабии тоҷик

Рӯзномаи «Бухорои шариф» ва маҷаллаи «Оина» дар шаклгирӣ ва рушди забони адабии муосири тоҷик нақши муассир дошта, бо нашри мақолаҳо оид ба масъалаҳои забон, забондонӣ ва забони адабӣ барои таҳкими асосҳои забони адабии тоҷикӣ саъй намудаанд. Ин нашрияҳо на танҳо мавзуъҳои марбут ба забонро матраҳ мекарданд, балки роҳҳои ҳалли мушкилоти забони адабиро пешниҳод менамуданд. Аз ҷумла, «Бухорои шариф» аз шумораҳои аввалини худ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар саҳифаҳои худ баҳсҳоро оид ба забони матбуот ва меъёрҳои он роҳандозӣ кардааст. Муҳаққиқон П. Гулмуродзода [123], О. Салимзода [344] ва Н. Ғаффоров [115] зимни таҳлили масъалаҳои умумии забон, то андозае ин мавзуъро низ мавриди баррасӣ қарор додаанд. А. Набавӣ дар таҳқиқоти худ «Бухорои шариф» – сароғози матбуоти миллӣ» боби ҷудогонаеро таҳти унвони «Баҳсҳо дар атрофи масоили амалӣ ва назарии забон» ба ин масъала ихтисос додааст [276, с.88-100]. Бо вуҷуди ин, дар аксари таҳқиқоти мавҷуда саҳми «Бухорои шариф» дар ташаккули забони адабии тоҷик танҳо ба таври умумӣ баррасӣ шудааст, ки барои дарки комили нақши он кофӣ нест. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши муфассали мақолаҳои нашршуда оид ба ин масъала пеш меояд, то таъсири рӯзномаро ба ташаккули забони адабӣ равшан намояд.

Яке аз сабабҳои фаврии таваҷҷуҳи «Бухорои шариф» ба масъалаи забони адабӣ дар он буд, ки хонандагони рӯзнома худ ин масъаларо ба миён гузоштанд.

Бо дастрас гардидани рӯзнома, нахустин вокуниши мардум ба забони он буд, зеро то он замон дар Бухоро рӯзномае ба забони маҳаллӣ нашр нашуда буд. Аз ин рӯ, хонандагон намедонистанд, ки рӯзнома бояд бо онҳо бо кадом забон муколама кунад ва забони адабии ҳамафаҳм кадом аст.

Дар натиҷа идораи рӯзнома масъалаи кадом забон ва сабку услуб барои матбуот мувофиқ буданро муҳокима намуда, онро мавзуи баҳсҳои худ қарор дод. Барои ҳалли ин мушкилот, рӯзнома тадриҷан услуби баён ва меъёрҳои забонии худро мутобиқ намуд, то забони он ба хонандагон фаҳмотар гардад.

Дар ин раванд, ду масъалаи асосӣ матраҳ шуданд:

1. Забони рӯзнома бояд ба забони гуфтугӯии бухороиён наздик бошад.

2. Забони умумии форсӣ-тоҷикӣ бояд ташаккул ёбад, ки барои мардумони Бухоро, Туркистон, Эрон, Афғонистон ва Ҳинд фаҳмо бошад.

Нахустин баҳсҳо дар атрофи забони сармақолаи аввалини «Бухорои шариф» – «Ғояи омол» оғоз шуданд.

Дар мақола зиёд будани калимаҳои арабӣ мавриди танқид қарор гирифта, пешниҳод шудааст, ки рӯзнома бояд ба забони аслан бухороиён, яъне тоҷикон наздик бошад.

Дар воқеият, агар матни мақолаи мазкурро мавриди таҳлил қарор диҳем, мушоҳида мешавад, ки он дорои калимаҳои зиёди арабӣ ба монанди: «марҷа», «азмана», «мадориҷ», «маориҷ», «ҳуққа», «маодия», «таъмим», «мувонисат», «маовин», «издиёд», «эътизор». Инчунин, сабку услуби баён низ то андозае печида ва мураккаб мебошад.

Бо мурури замон баҳсҳои лафзӣ ва хаттӣ дар рӯзнома авҷ гирифта, идораи рӯзнома омода шуд, ки як шахси донандаи хуби забони маҳаллиро барои таҳияи матнҳо ба кор гирад. Дар натиҷа услуби рӯзнома тадриҷан тағйир ёфта, барои хонандагон фаҳмотар гардид. Бо вуҷуди ин, дар тамоми шумораҳо усули ягонаи забони оммафаҳми форсӣ-тоҷикӣ риоя мешуд.

Муҳаққиқони тоҷик дар таҳқиқоти худ бештар ба таъриф ва тавсифи таъсири «Бухорои шариф» машғул шудаанд, аммо баррасии муфассали равандҳои забонӣ ва тағйироти услубӣ дар рӯзнома ҳанӯз ҳам нопурра боқӣ мемонад. Таҳлили мақолаҳои рӯзнома нишон медиҳад, ки «Бухорои шариф» аввалин нашрияест, ки масъалаи забони адабиро ба таври ҷиддӣ матраҳ намуда, баҳсҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба ташаккули забони тоҷикӣ анҷом додааст.

Нахуст мақолаи мудири рӯзномаи «Бухорои шариф» Мирзо Ҷалол Юсуфзода таҳти унвони «Муҷмалӣ дар хусуси забон» дар шумораи сеюми рӯзнома ба нашр расид. Дар ин мақола муаллиф эроди баъзе аз хонандагони бухороиро дар мавриди забони рӯзномаи аввалини тоҷикӣ зикр намуда, дар ниҳоят таъкид кардааст: «Тараққии ҳар қавм бо ин мешавад, ки ҳарф задан ва сухан гуфтани худашонро тобеи навиштан ва китоб намоянд, на ин ки

навиштаҳои худро тобеи ҳарф задани авомуннос намоянд!» [473, с.2]. Ҳамзамон, муаллиф ваъда додааст, ки дархости хонандагон ба назар гирифта мешавад ва забони рӯзнома ба форсии сода ва забони ғолиб мутобиқ хоҳад шуд.

Ҷолиб он аст, ки ибораи «забони тоҷикӣ», ки баъзан сохтаи Шуравиён ва болшевикон дониста мешавад, дар рӯзномаи «Бухорои шариф» борҳо ба кор рафтааст. Масалан, дар як мактуби хонандагон чунин иқтибос оварда шудааст: «Ин ҷо забони умумӣ забони тоҷикӣ аст, рӯзнома ҳам ба забони тоҷикӣ бошад, беҳтар». Ин эҳтимолан нахустин мавридест, ки истилоҳи «забони тоҷикӣ» ба таври расмӣ истифода мешавад ва мардум аз тоҷикӣ будани забони худ даъво пеш ниҳодаанд [276, с.89-90]. Маълум мегардад, ки ҳарчанд истилоҳи «забони тоҷикӣ» дар шакли густарда истифода намешуд, он дар забони мардум ҳамзамон бо «забони форсӣ» корбурд дошт.

Муҳимияти мақолаи Мирзо Ҷалол Юсуфзода аз он иборат буд, ки баъди чопи он, масъалаи забон дар рӯзнома пайваста муҳокима мешуд ва дар тағйир ёфтани забону услуби рӯзнома, инчунин, дар шаклгирии забони адабии тоҷикӣ саҳми бузург гузошт.

Агар шумораи аввалини рӯзномаро бо шумораҳои баъдӣ муқоиса кунем, метавон мушоҳида кард, ки забони шумораи аввал то ҳадде душворфаҳм ва печида бо алфози зиёди арабӣ буд, дар ҳоле ки минбаъд забон равон ва ба забони гуфтугӯии мардуми Бухоро наздик шуд. Баъди чанд шумора рӯзномаи «Бухорои шариф» дубора ба масъалаи забон рӯ овард.

Хусусияти муҳими ин матлаб дар он аст, ки барои бори аввал дар таърихи рӯзноманигории тоҷик матлабе дар жанри фелетон ба чоп расид.

Муайян кардан мушкил аст, ки истилоҳи «фелетон» аз куҷо ба забони рӯзнома ворид шудааст.

1. Мирзо Ҷалол Юсуфзода то он замон бо нашрияҳои ҳаҷвӣ ҳамкорӣ дошт, ки дар онҳо фелетон жанри асосӣ ба ҳисоб мерафт, аз ин рӯ, эҳтимолан ин жанрро аз он ҷо иқтибос кардааст.

2. Мирзо Сироҷи Ҳаким, яке аз кормандони рӯзнома, ҳангоми сафарҳояш бо нашриёҳои хориҷӣ шинос шуда буд; шояд ӯ ин истилоҳро аз матбуоти Шарқ ё Ғарб пайдо карда бошад.

Ба ҳар ҳол Мирзо Сироҷ (бо имзои «Мим.Син») дар мақолаи «Филутун дар хусуси забон» муҳтавои мақолаи қаблии «Дар хусуси забон»-ро ба ёд оварда, зикр кардааст, ки ба он ду-се хонанда вокуниш нишон додаанд ва идораи рӯзнома «ҳар ду мактубро бидуни ислоҳ ва тағйир дарҷ намуда, баҳсро оид ба масъалаи забон боз мекунад» [206, с.2].

Ҳар се мактуб бетағйир чоп шудааст.

Муаллифи аввал («Мим.Син») изҳор медорад, ки мардум гумон мекунанд, асли забон ҳамон забони гуфтугӯии онҳо аст, дар ҳоле ки чунин нест. Ба гуфтаи ӯ, сабаби надонистани забон ва надоштани саводи таҳрирӣ дар норасоии маориф ва барномаи таълимии мактабҳо мебошад. Вобаста ба ин, соли 1911 амир як нозир таъйин кард, ки барои таъмини моддии ӯ аз хазина 200 танга дар як моҳ ихтисос дода шуд. Муаллиф изҳори умед кардааст, ки дар оянда таълими забонҳои маҳаллӣ беҳтар ва забонҳои хориҷӣ низ ба барномаи таълимӣ ворид карда хоҳанд шуд.

Муаллифи дувум («М.П.») аз услуби рӯзнома норозигӣ зоҳир намуда, изҳор доштааст, ки луғоти арабӣ дар он хеле зиёд аст ва аз се танҳо як ҳиссааш форсӣ мебошад. Ӯ савол мегузорад: «Чаро мо осори Низомӣ, Захир, Аттор ва Ҳофизро мефаҳмем, аммо баъзе хабарҳои рӯзномаро не?» Аз ин бармеояд, ки рӯзнома бо шеваи расмии форсии Эрон навишта мешуд. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки забони рӯзнома бояд ба шакли оммафаҳми форсӣ бошад, то тамоми форсизабонон онро бифаҳманд [210, с.2].

Дар шумораи баъдӣ, мақолаи сеюми «Филитун дар хусуси забон» ба нашр расид. Дар ин мақола, муаллиф чунин назар медиҳад:

Асли масъала ба ду қисмат тақсим мешавад:

1. Содагӣ ва адабӣ будани забон.

2. Мутобиқат доштани забон бо ниёзҳои аксарияти форсизабонон.

Ба андешаи муаллиф: «Барои он ки мардумро ба доираи адабиёт ворид намоем ва дар радифи тамоми форсизабонон қарор диҳем, бояд ба онҳо наздик шавем. Вақте онҳо оҳиста-оҳиста ба мутолиа одат карданд, новобаста аз сабки баён, матнҳоро дарк хоҳанд кард» [480, с.2].

Вобаста ба истифодаи калимаҳои нав, муаллиф пешниҳод мекунад, ки дар аввал онҳо бо ёрии «яъне» тавзеҳ дода шаванд, то мардум ба онҳо одат кунанд.

Баъди нашри се мақола ва вокунишҳои гуногун Мирзо Ҷалол Юсуфзода баҳсро чунин ҷамъбаст кардааст: «Рӯзнома забони миллат аст, яъне тамоми афроди миллат ҳақ доранд, ки тасаввуроти худро ба воситаи рӯзномаи худашон интишор диҳанд». Ҳамчун шахси масъул, ӯ хулоса мекунад: «Бо дарназардошти масъалаҳои мазкур, агар дар хусусиислоҳи забон суҳбат намоем, албатта, ин кори холӣ аз фоида нахоҳад буд» [481, с.2].

Дар шумораи 23 марти соли 1912, мақолаи «Фелутун (мақолаи муфассала дар хусуси забон)»-и Мирзо Ҷалол Юсуфзода ба нашр расид, ки дар он муаллиф аз тадбирҳои ибтидоӣ ҷиҳати такмили забони рӯзнома хабар додааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки: «Мо эътиқоде ғайр аз ин надоштем, ки бояд то як дараҷа забонро аз олоиши ҳарфҳои бегона пок намуд» [482, с.2].

Аллакай мушоҳида мешавад, ки услуб ва сабки навиштории рӯзнома тағйир ёфта, забон равону фаҳмотар шудааст. Бо вуҷуди ин, муаллиф омезиши забонҳоро ногузир мешуморад ва далел меорад, ки: «Адибе мисли Фирдавсӣ тамоми сӣ сол заҳмат кашида, «Шоҳнома»-ро навишт ба иддаои ин ки забони форсии холис аст, боз мебинӣ, ки ин ҷо-он ҷо як-ду луғати арабӣ ҷузв шудааст». Ҳамин тавр, муаллиф пешниҳоди муаллифони номаҳои якум ва сеюм-ро қобили қабул мешуморад, ки гуфта буданд: Калимаҳои нав дар ҳар шумора шарҳ дода шаванд, то фонди луғавии хонандагон афзоиш ёбад.

Дар идомаи баҳс, Мирзо Ҷалол ба муаллифи мактуби дувум («Мим.По.»), ки ӯро эронӣ гумон мекард, чунин ҷавоб медиҳад: «Банда эронӣ нестам, аз аҳли Қафқоз, раияти аълоҳазрат император буда, ҷадди ман аз аҳли Тифлис будааст. Аз ин ҷиҳат осуда буда, оташи адовати ҷоҳилии худро, ки ба эрониҳо дорӣ, дар рӯи ман нарезед!» Бо ин суханон, ӯ миллатгароии ифротиро танқид намуда,

натиҷаҳои манфии онро таъкид мекунад. Дар идома, ӯ ҷумлаҳои хонандаро бетаҳрир оварда, исбот менамояд, ки услуби навишти хонанда ва услуби рӯзнома фарқе надорад. Ба гуфтаи ӯ, забони хонанда низ ба шеваи гуфтугӯии бухороиён наздик набуда, ҳатто калимаҳои арабии душворфаҳмашон бештар аст.

Дар шумораи баъдӣ идомаи «Фелутун (мақолаи муфассала дар хусуси забон)» ба нашр расид. Дар он, бори аввал масъалаи ислоҳи забони навишторӣ ба таври возеҳ матраҳ мегардад.

Муаллиф зикр мекунад, ки: «Шурӯъ ба ислоҳи забон намуданро бемавқеъ дониста, агар чунончи муваффақ шудем, аввало дар рӯзнома як бобе боз мекунем ба ҷиҳати қавоид ва сарфи форсӣ, ишора ба ислоҳи забони форсӣ ҳам хоҳем кард».

Дар ҳақиқат, минбаъд рӯзнома ин ташаббусро амалӣ намуд ва баҳсҳо дар бораи қавоиди забони форсӣ ва ислоҳи забон дар саҳифаҳои он идома ёфт.

Дар идомаи мақола, маҳсули баҳсҳо ҷамъбаст мешавад.

Дар он мактуби як хонанда аз Ашқобод ва мақолаи таҳлилии корманди рӯзнома Бақохоҷа ҳамчун ҷамъбасти баҳси забон чоп шудааст.

Дар мактуби хонандаи ашқободӣ чунин омадааст:

Ӯ ба ду номаи қаблӣ («Мим.По.» ва «Син.Айн.») вокуниш нишон дода, мактуби «Син.Айн.»-ро шоистаи таҳсин донистааст. Аммо ӯ аз мазмуни номаи дувум мутаҳайир шудааст, зеро муаллифи он кӯшиши тафриқаандозӣ байни забони форсӣ ва тоҷикӣ дорад.

Вай таъкид мекунад, ки: «Забони Варорӯд (Осиёи Марказӣ) ҳамон забони форсии Эрон аст», аз ин рӯ, тафриқаандозӣ дар ин масъала нодуруст мебошад.

Дар шумораи 27 марти 1912, шарҳи «Таҳрири Бақозода» ба нашр расид. Ин мақола бо андешаҳои ватандӯстона ва миллатпарварона оро ёфта, чунин таъкид мекунад: «Аз «Низомуттаворих»-и Қозӣ Носириддин Байзавӣ маълум мешавад, ки аз канори Ҷайҳун то ҳудуди Хуҷанд Эронзамин шумурда мешавад… Ин забони тоҷикӣ ҳам билокалом бисёр ғайриадабӣ ва аз фасоҳат дур аст, вале форсии Эрон, ки он ҳама махлут ба иборатҳои арабӣ аст, низ писандида нест.

Забонро ислоҳ намуда, як навъ забони форсии сода, холӣ аз такаллуф ба ҳам расонидан зарур ва даркор аст» [482, с.2].

Андешаҳои Баҳохоҷа, хусусан, дар бораи куҳан будани забони форсии тоҷикӣ ва зарурати ислоҳи он, аз ҷиҳати таърихӣ аҳаммияти калон доранд. Мавзуи омезиши забони тоҷикӣ бо истилоҳоти арабӣ ва таъсири забони форсии Эрон, ки дар баҳсҳои «Бухорои шариф» матраҳ шуда буд, минбаъд дар охири солҳои 1920 ва даҳсолаи охири қарни XX низ аз ҷониби донишмандони тоҷик боз такрор гардид.

Дар ташаккули забони адабии тоҷикӣ дар оғози асри XX на танҳо донишмандон ва шоирон, балки хонандагони нашрияҳо низ саҳмгузор буданд. Мазмуни хабару мақолаҳои рӯзномаҳои «Бухорои шариф» ва маҷаллаи «Оина» гувоҳи он аст, ки ин давраро метавон марҳилаи аввали ташаккули забони адабии тоҷик номид.

Таҳлил нишон медиҳад, ки забони маҷаллаи «Оина» (1913) назар ба забони «Бухорои шариф» (1912) содатар, равонтар ва барои омма фаҳмотар буд. Ин бозгӯйи саҳми бузурги матбуоти ибтидоии тоҷикӣ дар таҳкими забони адабӣ ва рушди адабиёти тоҷик мебошад. Ба андешаи аксари муҳаққиқони таърихи матбуот ва адабиёти тоҷик, нашрияҳои нахустини тоҷикӣ дар ташаккули забони адабии миллӣ нақши назаррас гузоштанд.

Бо мақсади инъикоси тарзи гуфтор ва вожаҳои хоси мардумони Бухоро, рӯзномаи «Бухорои шариф» матлаберо таҳти унвони «Забони маҳаллӣ» ба нашр расонд. Ин матлаб на танҳо як мақолаи танқидӣ, балки як шакли нави жанри адабӣ буд, ки ба суҳбат ё саҳначаи бадеӣ монанд аст. Матлаб дар се шумора (№8-10, 20-22 март) ба табъ расида, ҳадафи он посух додан ба иддаои онҳое буд, ки забони гуфтугӯии бухороиёнро забони адабӣ намешумориданд. Бори аввал дар таърихи насри бадеии тоҷик, шакли нави таъсирбахши жанр – саҳначаи адабӣ истифода шуд. Таъсирбахшии ин матлаб аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳанӯз қабл аз нашри пурраи он, хонандагон нисбат ба он вокуниш нишон доданд. Бояд қайд кард, ки ин шакли нави адабӣ баъдан дар нашрияҳои дигари тоҷикӣ, ба монанди «Оина» ва «Шуълаи инқилоб», низ ба таври фаровон истифода гардид.

Матлаб, ки таҳти рубрикаи «Фелетони кӯчак» ва бо имзои «БТД.» ба чоп расидааст, аз суҳбати як гурӯҳ шахсон дар бораи нашри шумораи аввали «Бухорои шариф» иборат аст.

Сӯфӣ: - Ассалому алайкум, ака қорӣ.

Қорӣ: - Ваалайкум ассалом, эшони сӯфӣ. Аз куҷо меоед? [103, с.3].

Ҷумалабандӣ ва калимасозии гуфтугӯӣ пурра ҳифз шудааст. Ҳарчанд матн ба забони гуфтугӯии бухороиён наздик аст, он барои хонандагони дигар манотиқ низ фаҳмо мебошад. Ҳамсуҳбатон ба рӯзнома ҳамчун як дастоварди бузург менигаранд, онро таҳрикдиҳандаи афкори ҷомеа ва василаи маърифат меҳисобанд.

Дар гуфтугӯ истифодаи баъзе калима ва таъбирҳои маҳаллӣ, ба монанди: «моён» (мо), «дина» (дишаб), «ҳамун» (ҳамон), «ғалатӣ» (иштибоҳ), «дахлдоштагиҳо» (мавзуъҳои дахлдор) нишон медиҳад, ки рӯзнома қасдан забони гуфтугӯиро истифода бурдааст, то хонандагон онро ҳамчун забони зинда қабул кунанд.

Мушоҳида мешавад, ки рӯзнома маҳз дар рӯзҳои таҷлили Наврӯз ба дасти мардум расидааст. Инро метавон бо ҳисоб баромади шумораи аввал (12 март) ва оғози баҳсҳои матбуотӣ мутобиқат дод.

«Сӯфӣ: - Фаҳмидед-мӣ? Газит мебарояд, мегуфтанд... Ман пурсидам, ки ин газит чӣ?... Баъд фаҳмидам, ки газит китобхона будааст

Қорӣ: - Эй, ака сӯфӣ, шумо зинда бошед-дия. Дар газит мақолаҳои ба инсонҳо ва мусулмонҳо нафъе мекардагиро менависанд. Баъзе хабарҳои мамлакатҳои дигар давлатҳои дигарро ҳам менависанд. Баъд одамҳои дӯкондор ва савдогарҳо молҳои мефурӯхтагии эшонро менависанд.

Сӯфӣ: - Ман то ҳамин вакт ин тариқа будани газитро намедонистам. Ин газити имрӯз баромадагӣ форсӣ будааст, бинобар он ба ман нағз намуд» [103, с.3].

Дар шумораи баъдӣ идомаи мусоҳиба ба чоп расид:

«Қорӣ: - Бисёр нағз шуд, ки дар Бухоро газит баромад. Иншоллоҳ акнун одамон камтар ба роҳи илму фунун кӯшиш мекунанд [102, с.3].

Бо гузашти вақт суҳбат идома меёбад ва дигарон, аз ҷумла, оқсақол, Абдулкарим, Амаки Мутаваллӣ низ ба он ҳамроҳ мешаванд. Онҳо дар баробари баррасии кори саҳро ва таҷлили Наврӯз, инчунин, дар бораи нашри рӯзнома суҳбат мекунанд.

Абдулкарим: - Рӯзи ҷашни Наврӯз рӯзномаро се тинӣ фурӯхтанд, дар як лаҳза тамом шуд. Ба бисёриҳо нарасид. Ҳар ҷо панҷ-даҳ нафарӣ нишаста ба хондан даромаданд. Баъзеҳо тайёр буданд, ки ба як танга харанд.

Ҷолиб он аст, ки баъзе хонандагон, ки қаблан маҷбур буданд рӯзномаҳои тотириро хонанд, ҳоло аз пайдо шудани матбуоти тоҷикӣ истиқбол мекунанд:

Як кас мегуфт: - Ба Худо шукр, ки моён ҳам ба қатори одамҳо дохил шудем, ба шаҳрҳои мо газит баромад.

Дигаре мегуфт: - Акнун газити худи моро мехонем, зӯр зада газитҳои нӯғайистонро хонда мегаштем, баъзе гапҳошро дониста ва баъзеро надониста.

Дар натиҷа мутаваллӣ (масъули масҷид) дар ҳамон лаҳза барои се моҳ обуна мешавад, ки нишон медиҳад, рӯзномаи «Бухорои шариф» ҳатто байни рӯҳониён низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта буд.

Бо вуҷуди шарҳу эзоҳоти зиёд оид ба масъалаи забон, эътирозҳо ва ҳуҷумҳо ба идораи рӯзнома, шахсан мудири он – Мирзо Ҷалол Юсуфзода идома ёфт. Хусусан, пас аз чопи саҳначаи «Забони маҳаллии суҳбати қориён», вокунишҳои хонандагон бештар шуданд. Матлабро ҳар кас ба таври худ тафсир кард, ки ин боиси баҳсҳои тоза гардид. Дар натиҷа дар шумораи 25 марти соли 1912 мақолаи «Эътизор» ба табъ расид, ки дар он Мирзо Ҷалол вокунишҳо ва интиқодҳои хонандагонро баррасӣ намуд.

Ӯ қайд кард, ки: «Дирӯз ду адад мактуб аз Бухорои шариф гирифтем. Мазмуни ҳар ду қариб ба ҳамдигар монанд буд. Хулосаи онҳо ин ки: «Агар ба расми мутоиба навиштаед, ин ҷо ҳаҷв мепиндоранд, боиси нафрати аҳолӣ мешавад аз рӯзнома. Рӯзномаи худро ба забони форсӣ бинависед, забони мо, бухороиҳоро истеҳзо кардан хуб нест. Бояд мактабҳо бино кунед, мо забон ёд гирифта, ин тавр ҳарф назанем» [484, с.1].

Мирзо Ҷалол аввал бо лаҳни эҳтиром ва узрхоҳона посух дода, сипас, бо далелҳои илмӣ ва иҷтимоӣ мавқеи рӯзномаро ҳимоя мекунад. Дар ниҳоят, ӯ бо тааҷҷуб мепурсад: «Баъзе мегӯянд, ки бояд ба забони моён нависед. Баъзеи дигар ин тавр навиштанро ҳаҷв мепиндоранд. Пас таклифи мо чист?» [484, с.2]. Дар анҷом, ӯ изҳори умедворӣ мекунад, ки дар оянда: «Форс ва турк забонҳои худашонро ислоҳ ва адабӣ намоянд».

Бо мақсади наздик кардани забони рӯзнома ба забони маҳаллӣ, дар яке аз шумораҳои баъдӣ хабари «Ихтор» нашр шуд, ки дар он истифодаи расмии услуби содатари навиштор эълон гардид: «Дар ҳайати таҳририяи идораи рӯзнома аз Самарқанд Бақохоҷа бинни Ҳодихоҷаи Самарқандӣ низ даъват намуда шуда, мушорилайҳ рӯзи ҷумъа 16 моҳи март вориди Бухоро шуда, ба муъовинати мутарҷим ва коргузори рӯзнома шурӯъ намуданд. Шеваи (лаҳҷаи) мақолоти Бухорои моро аз ин ба баъд ба қадри макдур як навъ сода ва осон намуда, ба забони порсӣ ва луғат ва ислоҳи умумӣ наздик хоҳанд намуд».

Бо ин иқдом, ба назар мерасад, ки як навъ роҳи ҳал барои баҳсҳои забонӣ пайдо шуд. Дар асл, пас аз ин чорабиниҳо, мутобиқсозии забони нашрия бо забони гуфтугӯии тоҷикон натиҷаи мусбат дод. Агар матолиби нашрия то ин замон барои аксари хонандагон душворфаҳм буданд, пас бояд эътироф кард, ки тадриҷан забони матбуот ба сатҳи равону фаҳмо наздик гардид.

Тибқи ваъда Мирзо Ҷалол Юсуфзода чанде пас дар шумораҳои зиёди «Бухорои шариф» қоидаҳои забони форсиро нашр намуд. Ин иқдом бо забони сода ва оммафаҳм навишта шуда, яке аз хидматҳои арзишманди «Бухорои шариф» дар таърихи ташаккули забони адабии тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Маълум аст, ки ангезаи аслии нашри ин силсиламақолаҳо баҳсҳои забонӣ дар нашрия буданд, ки бо мақсади таъмини донишмандон, аҳли савод ва умуман хонандагони Бухоро, ки забони расмии онҳо тоҷикӣ буд, як дастури корӣ пешниҳод шуд, то дар фаъолияти китобат ва навиштор душворӣ эҳсос накунанд. То он замон чунин дастури таълимӣ оид ба забони тоҷикӣ вуҷуд надошт.

Силсиламақолаи мазкур бо номи «Қавоиди форсия» аз шумораи №53, 13 майи соли 1912 оғоз гардид. Дар муқаддимаи он зикр шудааст: «Мо дер боз дар

андеша будем, ки қоидаҳои забони форсиро кам-кам дар рӯзномаи «Бухорои шариф» нашр намоем, то хонандагон ва хабарнигорон аз онҳо огоҳ гарданд» [451, с.3]. Дар ин рисола таъкид шудааст, ки таълим додани чунин қоидаҳо на танҳо барои хонандагон ва муаллифон, балки барои муаллимон низ муфид хоҳад буд. Ин маънои онро дорад, ки мақолаҳои мазкур як навъ дастури методӣ барои омӯзгорон низ ба ҳисоб мерафтанд.

Мақолаи аввал бо тавзеҳи се навъи асосии калима дар забони форсӣ оғоз мешавад:

1. Исм – номи ашё ва мафҳумҳо, монанди «Бухоро», «санг», «сухан», «чашм», «Аҳмад».
2. Феъл – ифодаи амалҳо, монанди «гуфтам», «мегӯям», «хоҳам гуфт».
3. Ҳарф – калимаҳое, ки худ маънои мустақил надоранд, вале бо дигар калимаҳо якҷоя шуда, мафҳуми муайянро ифода мекунанд, монанди «ба», «дар», «аз».

Бо овардани чунин тавзеҳот, мақолаҳо кӯшиш мекарданд, ки забони тоҷикӣ ба таври равшан ва дақиқ омӯзонида шавад.

Яке аз бахшҳои муҳим, ки дар силсиламақола мавриди баррасӣ қарор гирифт, масъалаи исм ва навъҳои он буд. Муаллиф зикр мекунад, ки исмҳо ба исми хос ва исми ом (ҷинс) тақсим мешаванд. Масалан, агар калимаи «хона» бо «ин» ё «он» ҳамроҳ шавад, ба исми хос табдил меёбад: «ин хона», «он асп». Вале агар бе ишора истифода шавад, маънои умумӣ хоҳад дошт.

Дар шумораҳои баъдӣ мавзуъҳои марбут ба навъҳои исм, роҳҳои ҷамъбандии он ва дигар қоидаҳои грамматикӣ баррасӣ шуданд. Баъзе аз ин қоидаҳо ҳатто дар забони имрӯза низ қобили қабул ва истифода мебошанд. Масалан, ҷамъи исмҳое, ки бо «а» тамом мешаванд, наметавонанд бо «он» ҷамъ баста шаванд. Аз ин рӯ, дар чунин мавридҳо пасванди «ҳо» истифода мешавад, масалан: «пиёлаҳо», «жолаҳо», «ҷомаҳо». Агар исмҳое бо «ҳо» якҷоя навишта шаванд, метавонанд хато хонда шаванд, бинобар ин, мувофиқи қоидаи мазкур, «ҷомаҳо» дуруст ва «ҷомҳо» ғалат шуморида мешавад.

Дар бахшҳои минбаъда, масъалаи ҳолатҳои исм низ муҳокима шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки исми муҷаррад (холис) аксаран ҳамчун мубтадо (фоил) дар ҷумла нақш мебозад: «Аҳмад омад». Ба ҳамин монанд, мафъули сареҳ (мафъул) бо «ро» муайян карда мешавад: «Аҳмадро дидам», «китобро хондам». Агар мафъул номаълум бошад, пас истифодаи «ро» лозим нест.

Бахши дигари муҳими қоидаҳо мафъули ғайрисареҳ мебошад, ки муаллиф онро ба се гурӯҳ ҷудо кардааст:

1. Бо «ба» – мисли «ба хона рафт».
2. Бо «аз» – мисли «аз дӯст ёд кардан».
3. Бо «дар» – мисли «дар боғ нишаст».

Таҳлили ин силсиламақолаҳо нишон медиҳад, ки қоидаҳои пешниҳодгардида дар баробари фарқи ҷузъӣ бо грамматикаи ҳозираи забони тоҷикӣ, дар маҷмуъ, ба он наздик буда, омӯзиши онҳо барои забоншиносӣ арзиши баланди таърихӣ дорад.

Муаллиф инчунин мавзуи изофаро баррасӣ намуда, мефаҳмонад, ки он барои нисбат додани исмҳо истифода мешавад, масалан: «асби Аҳмад» – яъне «асби хосси Аҳмад». Ин шакли таълим додани қоидаҳо барои хонандагон хеле сода ва фаҳмо мебошад.

Ба назар мерасад, ки ҳангоми таҳияи қоидаҳои забонӣ Мирзо Ҷалол кӯшиш кардааст, ки сабку услуби омӯзиши грамматикаи форсӣ-тоҷикӣ сода ва оммафаҳм бошад. Ҳамзамон, бо мурури замон, дар давраи Шуравӣ, қоидаҳои нави забони тоҷикӣ бо тарҷумаи қоидаҳои грамматикии русӣ омода гардида, қоидаҳои аслии тоҷикӣ, ки қабл аз инқилоб таҳия гардида буданд, сарфи назар шуданд. Ин боис гардид, ки бисёре аз хусусиятҳои аслии забони тоҷикӣ дар таҳияи дастурҳои грамматикӣ ба инобат гирифта нашаванд.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳаммияти таърихии ин силсиламақолаҳо, имрӯз зарур аст, ки қоидаҳои тартибдодашудаи он дар рӯзномаи «Бухорои шариф», маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» ва дигар нашрияҳои он давра мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, унсурҳои арзишманди он дар таҳияи дастурҳои муосири забони тоҷикӣ истифода шаванд.

Ҳамин тавр, дар шумораҳои минбаъдаи «Бухорои шариф» мавзуъҳои марбут ба исми замон ва макон, исми тасғир, пасвандакҳо, исми ишора ва сифат низ баррасӣ шуданд, ки ҳамаи инҳо барои ташаккули забони адабии тоҷикӣ нақши муҳим бозиданд.

Ташаббуси «Бухорои шариф» таъсири назаррас гузошта, заминаи рушди забони адабии тоҷикро фароҳам овард. Пас аз ин, нашрияҳои «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Дониш ва омӯзгор» ва «Раҳбари дониш» низ мақолаҳоеро оид ба омӯзиши забони адабии тоҷик ва қоидаҳои забон ба табъ расониданд. Аз ҷумла, рисолаи «Қавоиди забони форсӣ» (муаллиф Ғ. Қамбарзода), ки соли 1926 дар «Дониш ва омӯзгор» нашр шуд, намунаи аввалини танзимшудаи дастури забонӣ дар ин давра маҳсуб мегардад [284, №1, с.30-36; №2, с.90-94]. Аммо, бо сабаби қатъ шудани чопи маҷалла, ин рисола ба таври комил ба дасти мо нарасидааст.

То имрӯз дар байни муҳаққиқон ақидае роиҷ буд, ки баҳси забони адабии тоҷик танҳо аз соли 1928 дар нашрияҳои «Раҳбари дониш», «Овози тоҷик» ва ҳатто нашрияҳои русизабони ҳамон давра оғоз гардида, то соли 1932 идома карда, ниҳоятан ҳалли худро ёфтааст. Вале, чуноне ки маълум мешавад, ин баҳс ҳанӯз соли 1912 аз «Бухорои шариф» оғоз ёфтааст. Ин нишон медиҳад, ки масъалаи шаклгирии забони адабӣ аз даврони ибтидоии матбуоти тоҷикӣ ҷиддан матраҳ буд. Бинобар ин, баҳс дар ин замина бо таъсиси аввалин рӯзнома оғоз ёфта, тақрибан ҳар даҳ сол шиддат мегирифт ва то ба имрӯз идома дорад.

Масъалаҳои марбут ба хусусияти забони кӯҳистони тоҷик, зарурати интихоби як лаҳҷа барои забони адабӣ ва мавҷудияти худи забони адабӣ дар шакли такмилшаванда, дар андешаҳои Мирзо Ҷалол Юсуфзода ва устод Садриддин Айнӣ ҳамоҳанг буданд. Садриддин Айнӣ, ки аз хонандагони фаъоли «Бухорои шариф» маҳсуб мешуд, аз ин баҳсҳо баҳра бардошта буд.

Бояд таъкид кард, ки дар рушди забони адабии тоҷик осори донишмандони маъруфи давр, аз ҷумла мақолаву шеърҳои Абдуррауфи Фитрат, нақши муҳим доштанд. Устод Садриддин Айнӣ ба ин нукта таъкид намуда, зикр кардааст: «Ранги адабиёти нав гирифтани забони тоҷикӣ дар наср маҳз аз Абдуррауфи Фитрат оғоз меёбад» [46, с.354]. Аммо яке аз асарҳои муҳими Фитрат бо номи

«Сайҳа», ки дар ташаккули шеъри нав ва забони адабии тоҷик саҳми назаррас дошт, мутаассифона, то замони мо боқӣ намондааст [13, с.14].

Нақши матбуоти нахустини тоҷик дар ташаккули меъёрҳои забони адабӣ низ муҳим арзёбӣ мегардад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки таъсири забоншиносон ва адибон на танҳо дар эҷодиёти адабӣ, балки дар равандҳои забонсозӣ ва услубшиносии матбуоти даврӣ низ ба назар мерасид [276, с.104].

Масъалаи забономӯзӣ ва зарурати таҳсили чанд забон дар мактабҳо низ яке аз мавзуъҳои муҳими нашрияҳои он солҳо буд. Аз ҷумла, дар рӯзномаи «Бухорои шариф» мақолаи мухбири доимии он «М.Р.» таҳти унвони «Лузуми донистани забони хориҷӣ» ба табъ расидааст, ки дар он таъкид мешавад: «Донистани забони хориҷӣ барои тараққиёти тиҷорат ва саноат барои мо фарз аст». Муаллиф ишора мекунад, ки баъзеҳо чунин мепиндоранд, ки бе донистани забонҳои хориҷӣ низ метавон тиҷорат кард, вале ӯ чунин андешаро рад намуда, меафзояд: «Мо бояд саъй кунем, ки худ мол харида, худ фурӯшем ва ҳаммоли дигарон нашавем». Бо таассуф қайд мешавад, ки аврупоиҳо барои омӯзиши забонҳои қадимаи мо маблағ сарф мекунанд, дар ҳоле ки мардуми мо барои омӯхтани онҳо ба хориҷиён мурочиат мекунанд. Ин вазъ то имрӯз низ дар баъзе ҳолатҳо мушоҳида мешавад.

Дар нашрияи баъдии «Оина» масъалаи забони адабӣ, аз ҷумла, забони тоҷикӣ, бо вуҷуди чандзабона будани он, ба таври мустақим мавриди таҳлил қарор нагирифтааст. Бо вуҷуди ин, дар нашрия мақолаҳои омӯзишӣ ва муҳим дар бораи забоншиносии умумӣ, забонҳои маъмули кишварҳои Бухоро ва Туркистон ва зарурати омӯзиши чаҳор забони асосии давр – форсӣ, туркӣ, русӣ ва арабӣ – ба нашр расидаанд. Дар мақолаи «Икки эмас, турт тил лозим» («Оина», №1, саҳ. 12–14) Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ омӯзиши ҳатмии ин забонҳоро матраҳ намуда, аҳаммияти ҳар яке аз онҳоро ба таври муфассал баррасӣ кардааст. Вай менависад: «Забони давлатии Бухоро форсист. Осори шоирон ва нависандагон ба форсӣ махзани маънавиест, ки то қиёмат хушк намешавад, аз ин рӯ аврупоиён барои истифодаи он миллиардҳо харҷ мекунанд». Бо вуҷуди он ки маорифпарварон ва ҷадидони давр ба аҳаммияти забони форсӣ-тоҷикӣ сарфаҳм

мерафтанд, дар солҳои баъдӣ ин ҳақиқат мавриди беэътиноӣ қарор гирифт, ки паёмадҳои ногуворе дар пай дошт.

Таҳлили матолиби «Бухорои шариф» оид ба забони адабии тоҷикӣ ва тартиби қоидаҳои забони тоҷикӣ як мавзуи муҳими таҳқиқотӣ ба шумор меравад. Нақши ин рӯзнома дар пайдоиш ва ташаккули забони адабии муосири тоҷик назаррас буда, арзанда аст, ки таҳқиқоти ҳамаҷониба ба ин масъала ихтисос дода шавад.

Ҳамин тавр, рӯзномаи «Бухорои шариф» ва маҷаллаи «Оина» дар шаклгирӣ ва рушди забони адабии муосири тоҷик саҳми бузург дошта, аз шумораҳои аввалинашон ба масъалаҳои забон, забондонӣ ва забони адабӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Бо назардошти таҳлили маводи мазкур метавон ба чунин хулосаҳо расид:

**1. Матбуот ҳамчун омили марказии шаклгирии забони адабӣ.** Нашрияҳои «Бухорои шариф» ва «Оина» ҳамчун аввалин манобеи хаттии муосир, дар раванди ташаккули забони адабии тоҷик нақши муассир гузоштанд. Ин нашрияҳо на танҳо забони форсӣ-тоҷикӣ, балки сохтори услубӣ ва меъёрҳои забони адабиро мавриди таҳлил қарор дода, барои устувор намудани пояҳои забони матбуотӣ саҳм гузоштанд. Таҷрибаи ин нашрияҳо собит сохт, ки матбуот метавонад ба сифати муҳаррики асосии равандҳои забонсозӣ хидмат кунад.

**2. Баҳсҳои забоншиносӣ ва такомули меъёрҳои забони адабӣ.** Дар «Бухорои шариф» баҳсҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба меъёрсозии забон, омилҳои гуфтугӯӣ ва адабӣ дар матнҳои хаттӣ ва масъалаи мутобиқсозии забон ба ниёзҳои ҷомеа матраҳ гардиданд. Муҳокимаҳо нишон доданд, ки забони матбуот бояд ҳамзамон ба забони гуфтугӯии омма наздик бошад ва дар сатҳи меъёрии адабӣ устувор гардад. Ин баҳсҳо боиси тағйири услуби навиштори ва таҳаввули сохтори услубии забони адабии тоҷик шуданд.

**3. Нақши матбуот дарислоҳоти забони матн ва танзими меъёрҳои нав.** Ба таври тадриҷӣ, бо рушди нашрияҳои миллӣ, матбуот сабк ва услуби

забони адабиро шакл дода, бо истифода аз муҳокимаҳои ҷамъиятӣ ба меъёрсозии забон мусоидат намуд. Ин раванд чунин хусусиятҳоро дар бар гирифт:

- Мутобиқсозии забон: гузариш аз сабки суннатии адабӣ ба услуби равон ва оммафаҳм.
- Меъёрсозӣ дар сатҳи лексикӣ ва грамматикӣ: ба роҳ мондани баҳсҳо оид ба истифодаи калимаҳои арабӣ, туркӣ ва маҳаллӣ дар забони тоҷикӣ.
- Истифодаи унсурҳои забони гуфтугӯӣ: ҷорӣ намудани истилоҳоти нав ва содасозии шакли матнҳои адабӣ ва расмӣ.

4. **Таҳия ва муаррифии меъёрҳои грамматикӣ дар матбуот.** «Бухорои шариф» бо нашри мақолаҳои таҳлилӣ оид ба қоидаҳои забони форсӣ-тоҷикӣ заминаи аввалинро барои омӯзиши грамматикаи забони адабӣ фароҳам овард. Дар доираи ин ташаббус, масоили калидии забоншиносӣ ба таври илмӣ таҳқиқ ва пешниҳод шуданд, ки муҳимтаринашон иборатанд аз:

- Тавсифи наҳвӣ ва морфологии забони форсӣ-тоҷикӣ.
- Ҷудокунии меъёрҳои истилоҳоти адабӣ ва гуфтугӯӣ.
- Равшан кардани нақши вожасозӣ ва ислоҳи хатоиҳои забонӣ дар матнҳои хаттӣ.

Ин иқдом минбаъд дар нашрияҳои «Оина», «Дониш ва омӯзгор» ва «Раҳбари дониш» идома ёфта, ба таҳияи меъёрҳои муосири забони адабӣ мусоидат намуд.

5. **Баҳсҳо оид ба истифодабарии истилоҳоти тоҷикӣ ва вомвожаҳо.** Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар нашрияҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт, муайян намудани ҳадди истифодаи вожаву истилоҳоти арабӣ ва туркӣ дар забони тоҷикӣ буд. Дар ин замина, муҳокимаҳои васеъ баргузор шуданд, ки дар натиҷаи онҳо нигоҳи таҳлилӣ ба масъалаи тозагии забон, муносибати забони адабӣ бо забони гуфтугӯӣ, равишҳои вожасозӣ ва иқтибос ташаккул ёфт.

6. **Матбуот ҳамчун заминаи таҳкими ҳуvияти забонӣ ва худшиносии миллӣ.** Баҳсҳо дар бораи забони адабӣ на танҳо омили забоншиносӣ, балки муаррифгари равандҳои худшиносии миллӣ ва таърихии тоҷикон маҳсуб мешуданд. Дар «Бухорои шариф» ва «Оина» бори аввал истилоҳи «забони

тоҷикӣ» ҳамчун шакли мустақили забони форсӣ истифода шуда, ҷиҳати барқарории мақоми миллӣ ва таърихии он замина фароҳам оварда шуд. Ин муҳокимаҳо минбаъд дар муҳити илмиву фарҳангӣ идома ёфтанд.

**7. Баҳсҳои алифбо ва масъалаи хат.** Матбуот масъалаи тағйири хат ва гузариш ба алифбои нави форсӣ-тоҷикӣ-ро мавриди муҳокима қарор дод. Нашрияҳои ибтидоӣ бо дарки паёмадҳои ин масъала, ислоҳи хатро ҳамчун ҷузъи асосии рушди забони адабӣ медонистанд. Муҳокимаҳо нишон доданд, ки шитобзадагӣ дар иваз намудани алифбо метавонад зиён ба мероси забонӣ ва мураккабшавии саводомӯзӣ оварад, ки ин мавзуъ баъдан дар давраи ислоҳоти забони шуравӣ низ муҳим арзёбӣ шуд.

**8. Натиҷаҳои таҳаввули забони матбуот ва таъсири он ба забони адабӣ.** Нашрияҳои нахустини тоҷикӣ дар ташаккули услуб ва меъёрҳои забони адабии муосир нақши муайянкунанда бозиданд. Ба таври мушаххас, таъсири ин нашрияҳо дар чанд самт инъикос ёфт:

- Таҳкими меъёрҳои услубӣ ва забонӣ дар матбуоти тоҷикӣ.
- Тавсеаи истилоҳоти илмӣ ва маъмурии тоҷикӣ тавассути баҳсҳои забоншиносӣ.
- Муайянсозии тағйироти морфологӣ ва наҳвии забони адабӣ дар матбуот.
- Ба роҳ мондани муҳокимаҳои илмӣ оид ба хусусиятҳои забони тоҷикӣ ва масъалаи меъёрҳои забони адабӣ.

**Хулосаи ниҳоӣ**

Таҳлили масъалаҳои забони адабӣ дар нашрияҳои «Бухорои шариф» ва «Оина» нишон медиҳад, ки ин нашрияҳо дар ташаккули меъёрҳои забони адабии тоҷик нақши асосӣ бозидаанд. Баҳсҳо дар бораи мавқеи забони форсӣ-тоҷикӣ, масъалаи ислоҳоти забон, мутобиқсозии забони матбуот бо забони гуфтугӯӣ, муайян намудани сатҳи истилоҳоти иқтибосӣ, мушкилоти хат ва алифбо ҳамагӣ нишон медиҳанд, ки матбуот ба сифати абзори асосии шаклгирии забони адабӣ хидмат кардааст.

Дар заминаи ин муҳокимаҳо, меъёрҳои услубии забон такмил ёфта, омилҳои грамматикӣ ва лексикӣ дақиқтар гардиданд. Баҳсҳо ва таҳлилҳои ин давра дар шаклгирии забони адабии тоҷикӣ асос гузошта, минбаъд дар муҳокимаҳои забоншиносӣ ва сиёсати забонии Тоҷикистон дар солҳои 1920-1930 идома ёфтанд.

Ҳамин тариқ, матбуоти ибтидоии тоҷик на танҳо омили рушди забони адабӣ, балки ҳимоя ва ташаккули ҳувияти миллӣ низ буд, ки дар таҳқиқоти минбаъда омӯзиши ҳамаҷонибаи он барои забоншиносӣ ва таърихи матбуоти тоҷик муҳим арзёбӣ мегардад.

## БОБИ III
## РАВАНДҲОИ ИҶТИМОӢ ВА СИЁСӢ ДАР АДАБИЁТИ БАДЕӢ ВА ПУБЛИТСИСТИКАИ МАТБУОТИ СОЛҲОИ 20-30-ЮМИ АСРИ XX

### 3. 1. Фаъолияти адабӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ дар «Шуълаи инқилоб»

Аз охири соли 1917 ва аввали соли 1918 дар натиҷаи инқилобҳои феврал ва октябри соли 1917 вазъи иҷтимоиву сиёсии кишвари Туркистон ва Аморати Бухоро таҳаввулоти ҷиддӣ пайдо кард. Ин тағйирот ба равандҳои маърифативу фарҳангӣ низ таъсири амиқ расонида, афкор ва ҷараёнҳои маорифпарварии тоҷикро тахти таъсири равандҳои нави сиёсӣ қарор дод. Муҳаққиқ М. Шакурӣ дар ин замина дуруст таъкид менамояд, ки «инқилоби иҷтимоӣ аз моҳияти маънавии маорифпарварӣ коста, ҷанбаи иҷтимоиву сиёсии онро қувват дод» [492, с.65].

Бо шароити нави сиёсӣ ва иҷтимоӣ имкониятҳои густурда барои ба роҳ мондани нашрияҳои нав дар қисми Туркистонии империяи Русия ба миён омаданд. Бо вуҷуди ин, равшанфикрони тоҷик аз ин имконот камтар истифода бурда, маҷбур гардиданд дар атрофи нашрияҳои зиёди узбекӣ муттаҳид шаванд. Онҳо бо ташаббус ва саъйи худ нашрияҳоро ба роҳ монда, дар дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ҳарду миллат нақши назаррас бозиданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти равшанфикрони тоҷик дар солҳои бистум идомаи мантиқии мароми ҳадафҳои маорифпарварони насли қаблӣ буда, дар ин давра маорифпарварӣ нахустин бор ба равандҳои сиёсӣ пайванд хӯрд.

Дар ин марҳала бо кӯшиши зиёиён ва маорифпарварони тоҷик нахустин нашрияи расмии баъдиинқилобии тоҷик – маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» таъсис ёфт. Ин маҷалла бо ташаббуси яке аз аввалин журналистони касбии тоҷик, маорифпарвар, омӯзгор, нависанда ва муаллифи нахустин китобҳои дарсии замони нав Саидризо Ализода (1887–1945) таъсис ёфта, аз 10 апрели соли 1919

то 8 декабри соли 1921 ҳамчун нашрияи афкори ҳизби коммунисти ноҳияи Самарқанд нашр мегардид.

Яке аз шахсиятҳои калидӣ, ки бо маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ҳамкории зич дошт ва саҳми бузург гузошт, сардафтари адабиёти навини тоҷик, устод Садриддин Айнӣ мебошад. Вай бештари мақолаҳо ва шеърҳои худро дар ин маҷалла ва нашрияи «Овози тоҷик» ба табъ расонидааст. Ҳатто дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ба таври расмӣ фаъолият намуда, таҳияи сармақолаҳо, мақолаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, таҳрири навиштаҳои хонандагонро ба уҳда дошт.

Ба фаъолият пайвастани Садриддин Айнӣ ба ҳайати эҷодии маҷалла бесабаб набуд. Пас аз шаш моҳи фаъолият, моҳи сентябри соли 1919, маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» бинобар мушкилоти молиявӣ ва дастгирии моддиву маънавӣ наёфтан аз тарафи ҷомеа эълон кард, ки минбаъд нашр нахоҳад шуд ва бо хонандагон худоҳофизӣ намуд. Ин хабари нигаронкунанда равшанфикрони Самарқанд, аз ҷумла, устод Айниро ба ташвиш овард. Бо кӯшиши як гурӯҳ зиёиён, аз ҷумла, Айнӣ, маҷалла дубора фаъолиятро идома дод.

Ин рӯйдод барои Садриддин Айнӣ нуқтаи оғози фаъолияти касбӣ дар журналистикаи тоҷик гардид. Вай ҳамчун шореҳи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабӣ фаъолият намуда, бо имзоҳои гуногун мақолаву гузоришҳо ва шеърҳои худро дар маҷалла ба нашр расонид. Баррасии ҳамаҷонибаи мазмун ва мундариҷаи мақолаҳои сиёсию иҷтимоӣ, осори бадеӣ ва истифодаи имзоҳои гуногуни муаллифӣ аз ҷониби Айнӣ дар ин маҷалла мавзуи таҳқиқоти алоҳида мебошад. Дар доираи ин бахш, мо бештар ба баррасии навиштаҳои адабӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ таваҷҷуҳ хоҳем кард.

Дар солҳои 1918-1920, пас аз дигаргуниҳои сиёсӣ, фаъолияти иҷтимоию сиёсии равшанфикрон ва маорифпарварони тоҷик, аз ҷумла Садриддин Айнӣ, хеле вусъат ёфт. Садриддин Айнӣ ин равиши навро дар фаъолияти маорифпарварии худ бо истилоҳи «танвири афкор» таъриф намуд, ки он ҳанӯз дар «Бухорои шариф» мавриди истифода қарор гирифта буд. Аммо маҳз

Садриддин Айнӣ онро дар «Шуълаи инқилоб» ҳамчун истилоҳи расмӣ истифода бурд.

Мақолаи «Танвири афкор», ки 7 декабри соли 1919 (№23) дар «Шуълаи инқилоб» нашр шуд, мароми эҷодии ӯро барои солҳои баъдӣ баён менамояд. [490, с.236]. Ин мақола нишон медиҳад, ки дар арафаи солҳои бистум Садриддин Айнӣ асосан фаъолияти эҷодию равшаннамоиро дар назар дошт, ки он бештар ба соҳаи маънавӣ ва фарҳангӣ тамаркуз мекард. Дар ин давра ӯ бо тамоми неру ба кори эҷодӣ машғул шуда, саҳми назаррасе дар рушди адабиёти навин ва публисистикаи тоҷик гузошт.

Муҳаққиқони тоҷик шумораи мақолаҳои Садриддин Айнӣ дар байни солҳои 1919-1930-ро беш аз 94 адад муайян намудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки «аз ин 94 мақола, 67 мақола дар солҳои 1919-1921 дар нахустин маҷаллаи тоҷикии «Шуълаи инқилоб» ва 27 мақола дар солҳои 1924-1930 дар нашрияҳои тозабунёди тоҷикӣ ба чоп расидаанд» [492, с.46]. Аммо ин теъдод метавонад бештар бошад, зеро бисёре аз мақолаҳои ӯ бо имзоҳои мустаор чоп шуда, иштироки ӯ дар омодасозии маводи матбуотӣ назаррас буд. Ба вежа, Садриддин Айнӣ дар ҳар шумораи «Шуълаи инқилоб» чандин маводи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва сармақолаҳоро ба табъ мерасонд.

Бояд тазаккур дод, ки пеш аз расман ба кор даромадан, Садриддин Айнӣ бо «Шуълаи инқилоб» ҳамкорӣ намуда, бо имзои «С.Айнӣ, аз муҳоҷирони Бухоро» чанд асар нашр карда буд. Аз ҷумла, манзумаи «Самарқанду Бухоро», ки дар моҳи июли соли 1919 дар «Шуълаи инқилоб» чоп шудааст, яке аз намунаҳои эҷодиёти ӯ дар ин давра ба шумор меравад. Дар ин шеър, шоир бо эҳсоси дилсӯзӣ аз зодгоҳи хеш – Бухоро, ки бо тағйироти сиёсӣ ва иҷтимоӣ рӯбарӯ шуда буд, сухан меронад:

Ҳаббазо, шаҳри Самарқанд биҳиштитимсол,
Ҷуз биҳишташ ба тароват натавон ёфт мисол [48, с.135].

Сипас, бо як рӯҳияи дилтангӣ ва маҳзунона ба тавсифи Бухоро мегузарад ва иброз медорад, ки ҳиҷрони он ғамашро афзудааст. Дар ин манзума Садриддин

Айнӣ гузори таърихиро бо муқоисаи давраҳои сомониён ва манғития дар як сохтори шоирона ба тасвир кашидааст:

Ғамзудояст Самарқанду тарабафзо, лек
Назудояд ғами ҳиҷрони Бухоро зи хаёл.
Гар ба фирдавс барандам наравад, аз хотир
Ёди дарвозаи Қаршию ҳавои вагзол…
Ин ҳамон мулки Бухорост, ки Сомониён
Баҳри тазйин-ш ба ансор намуданд ҷидол [48, с.135].

Дар идомаи шеър, шоир бо ибрози таассуф таъкид мекунад, ки ҳарчанд «аз ин ҷо рафтам», дар «дил» «малол» надорад:

Гарчӣ анвои ситам дида, аз ин ҷо рафтам,
Ба валояш, ки ба дил нест маро ҳеҷ малол [48, с.135].

Минбаъд, шоир барои таскини дил таъкид мекунад, ки дар таҳаввулоти таърихӣ, пеш аз ӯ ҳам бузургони зиёде аз Бухоро ронда шуда буданд:

Мафхари олами ислом Имоми суннат,
Ҳама донанд, ки берун шуд аз ин ҷо ба чӣ ҳол? [48, с.135].

Дар байтҳои зерин Садриддин Айнӣ ба тасвири зулми иҷтимоӣ ва маънавӣ мепардозад, ки дар таърихи адабиёти маорифпарварӣ, мафҳуми «зулм» акнун на танҳо бо маънии зулми ҷисмонӣ, балки бо маънии амиқи маънавию фарҳангӣ низ истифода мешавад.

Мил бар дида гузоранду бигӯянд: «Хамӯш!»
Тир бар сина халонанду бигӯянд: «Манол!»…
Ҳокими шаръ мутеъ аст ба амри авбош,
Муфтии шаръ асир аст ба дасти арзол [48, с.135].

Дар анҷоми манзума, шоир бо як оҳанги мазҳабӣ ва классикӣ аз Худованд ва пайғамбар (с.с) мадад мехоҳад, то вазъияти ноором ва беадолатиро тағйир диҳад:

Ҳоли мо сахт парешон шуда, эй фахри расул…
Дасти меҳре ба сари уммати мазлум бимол [48, с.135].

Бояд таъкид кард, ки таҳқиқот нишон медиҳад, ки манзумаи мазкур дар шакли пурра танҳо дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ба табъ расидааст. Дар «Куллиёт»-и нахустини Садриддин Айнӣ [54, с.223-224] мутобиқи талаботи замон ва хусусияти мазҳабии баъзе байтҳои шеър, панҷ байти он ихтисор карда шудааст. Ин норасоии таҳририӣ дар «Куллиёт»-и баъдина низ идома ёфта, дар нашри академии он баъзе байтҳои дигари шеър низ ҳазф гардидаанд. [36, с.231-232].

Муҳаққиқ М. Шакурӣ қаблан ин камбудиҳоро барои таҳқиқотчиёни оянда гӯшрас намуда буд: «Инро барои муҳаққиқони шеъри Айнӣ гӯшгузор меорем» [490, с.137]. Бо вуҷуди ин, масъала то ҳол ислоҳ нагардидааст, ки ин зарурати бознигарии интиқодӣ ва таҳририи мероси адабии устод Айниро нишон медиҳад.

Инчунин, таҳқиқоти Шакурӣ нишон додааст, ки манзумаи мазкур аввалин бор соли 1919 дар «Шуълаи инқилоб» (№11) чоп шуда, вале эҳтимол меравад, ки он пас аз муҳоҷирати Айнӣ ба Самарқанд соли 1917 ё пас аз кушта шудани бародараш Сироҷиддин аз ҷониби ҷаллодони амири Бухоро, яъне соли 1918 эҷод гардида бошад [490, с.133].

Устод Садриддин Айнӣ пас аз мустақар шудан дар Самарқанд ба ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳр фаъолона ворид гардида, дар маҷлисҳо ва ҷамъомадҳои гуногун ширкат меварзид ва мутобиқи ниёзҳои замон шеърҳо ва мақолаҳои публитсистӣ эҷод мекард. Аз ҷумла, барои гурӯҳи «Ҳилоли Аҳмари Самарқанд», ки ба Афғонистон сафари корӣ дошт, суруде эҷод намуд, ки бояд дар рӯзи аввали воруди худ мехонданд. Ин шеър бо номи «Марши раҳовард» дар «Шуълаи инқилоб» ба нашр расида буд:

Аз хоки Тӯрон омадем, дорем аз Тӯрон салом,
Дар мулки Афғон омадем, дорем аз Тӯрон салом [42, с.6].

Фаъолияти эҷодии Садриддин Айнӣ пас аз оғози кор дар «Шуълаи инқилоб» боз ҳам густариш ёфта, ӯ масъулияти инъикоси воқеоти сиёсии ҷаҳонӣ ва ташвиқи сиёсати давлати нави Шуравиро ба зимма дошт. Дониш ва ҷаҳонбинии васеи ӯ, мутолиаи амиқи матбуоти хориҷӣ ба ӯ имкон дод, ки дар ҳар шумораи маҷалла мақолаҳои таҳлилӣ ва сиёсӣ ба нашр расонад. Илова бар

ин, Садриддин Айнӣ шеъру мақолаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро низ эҷод мекард. Дар байни онҳо «Марши ҳуррият», ки ба қавли Х. Асозода «дар ҳавои нусхаи русии «Марселеза» суруда шудааст», хеле маъруф гардид. Ӯ зикр менамояд, ки дар ин шеър «ҳама чиз нав буд: ҳам мавзуъ, ҳам ғоя, ҳам вазн, ҳам қофия» [65, с.237]. Ин асар саропо аз хитобу даъватҳои инқилобӣ иборат буда, мазмуни тозаеро ба адабиёти тоҷик ворид кард:

Эй ситамдидагон, эй асирон!
Вақти озодии мо расид.
Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!
Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.
То ба кай ғусса хурдан ба ҳасрат,
Баъд аз ин шодмонӣ намо!
Бас ҷафо, бас ситам!.. Эй адолат!
Дар ҷаҳон ҳукмронӣ намо!
Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон! [43, с.5]

Ин хитоби шуълавари инқилобӣ мазмуни навро ба адабиёти тоҷик ворид сохт [490, с.145-146]. Ҳарчанд замони таълифи ин шеър соли 1918 мебошад, «Шуълаи инқилоб» онро охири соли 1919 чоп намуд. Инро далели дигар низ собит мекунад: «рӯзҳои таҷлили солгарди аввали таъсиси ҳокимияти Шуравӣ (7 ноябри соли 1918) шогирдони Садриддин Айнӣ онро суруда, дар ҷашнгоҳҳо иҷро карда буданд» [447, с.145]. Раҳим Ҳошим низ таъкид менамояд, ки замони таълифи шеър аз чопи он пештар буд. Дар он замон Садриддин Айнӣ дар мактабҳои Самарқанд ба хонандагони синфҳои болоӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ва ӯзбек дарс медод. Дар арафаи ҷашни инқилоби Октябр (соли 1918) хонандагон, аз ҷумла Раҳим Ҳошим, бо ташаббуси устод «ба мактаби мусиқӣ бурда шуда, таҳти мусиқии «Марселеза», ки дар он ҷо машқ карда мешуд, хондани «Марши ҳуррият»-ро ҳам ба тоҷикӣ ва ҳам ба ӯзбекӣ ёд мегирифтанд» [447, с.229].

Ин гуна шеърҳо дар он даврон «ба мояи ифтихори миллӣ табдил ёфта, ба худшиносии таърихиву фарҳангии миллат мусоидат намудаанд» [490, с.134].

Садриддин Айнӣ ин шеърро ду бор таҳрир намуда, баъзе мафҳумҳоро мутобиқи ниёзҳои замон иваз кард. Агар дар шакли аввал он ба декретҳои нахустини ҳукумати Шуравӣ (аз ҷумла, озодӣ, баробарӣ ва адолат) мувофиқ буд, дар таҳрири баъдина принсипи ягонагии синфи коргар ва деҳқон ҷои аввалро ишғол кард. Ба ҳар сурат, «Марши ҳуррият» чун суруди меҳнаткашон то ҳол машҳур аст ва онро «баландтарин ва охирин дастоварди шеъри нави маорифпарварии тоҷикӣ» мешуморанд [490, с.145].

Дар мисоли «Марши ҳуррият» шеъри нави адабиёти маорифпарварии тоҷик ташаккул ёфт. Аҳаммияти ин асар ва мақолаҳои дигари публитсистии Садриддин Айнӣ, ки дар «Шуълаи инқилоб» ба чоп расидаанд, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид гардид. Дар суханронии худ бо зиёиёни кишвар (20 марти соли 2001) ӯ иброз дошт: «Марши ҳуррият»-и Садриддин Айнӣ тафаккури халқи ҷафокашидаи моро бедор намуда, дар замони инқилоб ба ташаккули худшиносии миллӣ асос гузошт» [312, с.3].

Дар мавриди зуҳури шеъри нав пас аз Инқилоби Октябр, чуноне ки дар фаслҳои пешин низ баррасӣ гардид, агар қаблан навоварӣ асосан ба ҷиҳатҳои шаклии он дахл дошта бошад, дар ин давра мавзуъ низ тағйир ёфта, мазмунҳои инқилобӣ ва иҷтимоӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифтанд. Ҳамчунин, ба таъкиди муҳаққиқ М. Шакурӣ, устод Садриддин Айнӣ на танҳо дар мазмун, балки дар шакли шеър низ таҷдиди назар карда, вазни нав офаридааст, ба сохтори шеър тағйирот ворид намуда, низоми қофиябандиро таҷдид намудааст: «Чӣ дар шеъри Фитрат («Ҷанги Болқон») ва чӣ дар шеъри Айнӣ «Суруди озодӣ», ин низоми қофиябандӣ таҳти таъсири анъанаҳои шеъри аврупоӣ ва русӣ шакл гирифтааст» [490, с.147].

То ин давра бештари адабиётшиносон ва шоирони тоҷик зуҳури «шеъри нав»-ро дар адабиёти тоҷик асосан таҳти таъсири адабиёти рус ё дар пайравии шеъри нави Эрон медонистанд. Аммо таҳқиқоти нав нишон медиҳад, ки баҳсҳои марбут ба шеъри нав дар адабиёти тоҷик ҳанӯз аз соли 1905 оғоз ёфта, пайдоиш ва ташаккули он бештар ба шароити дохилии адабӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ

иртибот дорад, на ба омилҳои берунӣ. Гузашта аз ин, муҳаққиқони эронӣ низ дар таҳқиқоти худ оид ба «шеъри нав» аз шоирони тоҷик, аз ҷумла Пайрав Сулаймонӣ, Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзода, мисолҳо овардаанд. Дар робита ба нуфузи сабки нимоӣ дар адабиёти тоҷик, метавон гуфт, ки он танҳо дар солҳои 1960-ум мавқеи густарда пайдо кард. Хулосаи М. Шакурӣ дар ин маврид чунин аст: «Инъикоси болорафти меъёрҳои маънавӣ ва ормонҳои зебоишинохтии маорифпарварӣ дар шеъри тоҷикӣ, яке аз нишонаҳои асосии «шеъри нав» дар ду даҳаи аввали садаи XX ба шумор меравад» [490, с.136-137]. Яъне, пайдоиши шеъри навро дар адабиёти тоҷик наметавон танҳо бо таъсири адабиёти хориҷӣ пайванд дод, балки он дар натиҷаи рушд ва таҳаввули дохилии адабиёт ва вазъи сиёсию иҷтимоии ибтидои асри XX сурат гирифтааст.

Дар нашрияи «Шуълаи инқилоб» бахши «Адабиёт» ба яке аз гӯшаҳои доимӣ табдил ёфта, қариб дар ҳар шумора ашъори шоирони машҳури давр, аз ҷумла Садриддин Айнӣ, мунташир мешуданд. Яке аз шеъри Садриддин Айнӣ, ки дар ин маҷалла ба нашр расид, «Инқилоб офтобро монад» ном дошта, дорои ду ҳадафи аслӣ мебошад: аввал, ситоиши Инқилоби Октябр ва дуввум, изҳори таҳният ба нашрияи «Шуълаи инқилоб»:

Инқилоб офтобро монад,
Ё ки тӯфони обро монад.
Нашри анвор мекунад ба ҷаҳон,
Инқилоб офтобро монад...
Шарарафшонии найи килкам,
Шуълаи инқилобро монад [28, с.5].

Дар ин шеър муаллиф нашри «Шуълаи инқилоб»-ро бо рӯйдодҳои муҳими сиёсӣ ва иҷтимоии давр пайваст намуда, назарияи некбинонаи худро нисбат ба ин маҷалла баён кардааст. Садриддин Айнӣ таъсиси маҷалларо як фоли нек шуморида, аз хавфи баста шудани он огоҳ буда, дар тирамоҳи соли 1919 барои эҳёи фаъолияти маҷалла кӯшиши зиёде ба харҷ дод. Аз ин рӯ, «шуълаафшонии найи килк»-и ӯ дар тӯли тамоми давраи нашри ин маҷалла идома ёфта, бо мақолаҳо ва ашъори худ саҳифаҳои онро оро дод.

Дар манзумаи дигари Садриддин Айнӣ - «Асари дарди шаби танҳоӣ (Парешон)» - бошад, рӯҳияи ҳузнангези ӯ дар он шабу рӯз ифода ёфтааст [30, с.6]. Шеър аз нуҳ банди чормисрагӣ иборат буда, дар санъати гардиш ва такрор суруда шудааст. Дар «Куллиёт»-и Садриддин Айнӣ (ҷилди 8, соли 1981, саҳ. 291-292) бандҳои ҳаштум ва нуҳуми он бо ишораи се нуқта ҳазф шудаанд, ки шояд бо сабаби дорои хусусиятҳои мазҳабӣ будани баъзе мисраъҳо ё истифодаи вожаи «кофар» ин таҳрир сурат гирифта бошад. Тааҷҷубовар он аст, ки ин нуқсон дар «Куллиёт»-и нави устод (соли 2018) низ идома ёфтааст. Ба назар мерасад, ки муҳаққиқони масъули таҳияи «Куллиёт» нусхаи аслии шеърро аз «Шуълаи инқилоб», ки шакли комили онро дар бар дошт, дастрас накардаанд.

Раҳим Ҳошим, яке аз шогирдони Садриддин Айнӣ, сабаби рӯҳияи андуҳбори ин шеърро ба вазъи сиёсӣ ва шахсии шоир дар он замон рабт медиҳад. Ӯ менависад, ки «шеър бозгӯйи ҳолати равонӣ ва ҷисмонии Айнии ҷавон мебошад, ки бар асари зулму хунрезии амири Бухоро, маҷрӯҳ ва нимҷон аз зиндон раҳо шуда, аз сӯйи қотилони фиристодаи амир таъқиб мегардид». Дар робита ба ин, ӯ таъкид менамояд: Ин шеър бозгӯкунандаи фазои онрӯзаи зиндагии нависандаи бузурги мост. Вале ин ҳолати ноумедӣ дер давом намекунад [448, с.129-230].

Шеъри «Ба шарафи Инқилоби Октябр» яке аз беҳтарин намунаҳои эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ маҳсуб мешавад, ки аз ҷиҳати сохт, мазмун, оҳанг, нақорот ва истифодаи санъатҳои бадеӣ дорои аҳаммияти хосса мебошад.

Эй машъали рахшони адолат зи куҷоӣ?
К-имрӯз ба моӣ!
Торикии бедод зи гетӣ бизудоӣ!
Моно, ки зиёӣ!
Аз талъатат имрӯз баробар шуда бо ҳам,
Ҳар зодаи Одам,
Аз байни банӣ навъи башар ишқфизоӣ,
Ту меҳргиёӣ!.. [33, с.5-6].

Шеъри дигари Садриддин Айнӣ – «Инқилоб», ки ба муносибати солгарди Инқилоби Октябр эҷод шудааст, бо яке аз имзоҳои мустаори ӯ – «Х.» дар шумораи №88, 7 ноябри соли 1921 ба нашр расидааст. Банди охирини он чунин аст:

Ҳайратам даррабуд, к-ин чӣ ошӯб буд?
Омад аз ҳашт сӯ инчунинам ҷавоб:
Инқилоб! Инқилоб! Инқилоб! Инқилоб!
Инқилоб! Инқилоб! Инқилоб! Инқилоб! [421].

Ин шеър, мисли дигар ашъори инқилобии устод, бо истифодаи санъати такрор ва афзун намудани таъсирбахшӣ суруда шудааст. Масалан, дар банди аввал ибораҳо ба шакли ивазшуда такрор мешаванд: «Шаби танҳоӣ дили ман хун шуд» // «Дили ман хун шуд шаби танҳоӣ», дар банди дувум бошад, калимаҳои калидӣ мисли «фирқа», «Инқилоб» такрор ёфта, оҳанг ва таъсиргузории шеъро тақвият бахшидаанд.

Муҳаққиқон ибтидои эҷоди инқилобномаҳои адабиро ба устод Садриддин Айнӣ нисбат додаанд, ки асоси илмии дуруст дорад. Дар қитъаи «Ахгари Инқилоб» Садриддин Айнӣ аз масали маъруфи мардумии «Хас каму ҷаҳон пок!» истифода бурда, моҳияти инқилобро бо санъати бадеӣ бозгӯ мекунад. Ин шеър, ки дар маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» (1926, №1) ба нашр расидааст, бо чунин байт тамом мешавад:

Аз ахгари инқилоби мо сӯхт,
Дунёи ситамгарон чу хошок.
Афсӯс махӯр, ки сӯхт олам,
Баргӯй, ки «Хас каму ҷаҳон пок!» [33, с.19].

Чуноне ки мушоҳида мешавад, дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» аксар ашъори инқилобии Садриддин Айнӣ ба нашр расидаанд. Илова бар ин, ду шеъри ҳасбиҳолии ӯ низ дар ин маҷалла ба чашм мерасанд, ки гарчанде хусусияти шахсӣ доранд, мазмуни иҷтимоии амиқ низ доранд. Ин далолат бар он мекунад, ки навовариҳои Садриддин Айнӣ дар шеъри инқилобӣ бештар таҷассум ёфтаанд.

Дар ашъори инқилобии ӯ метавон тағйироти назаррасро дар шакл ва услуб мушоҳида намуд. Чунин ашъор бо мурочиатҳои мустақим, шиор, даъват ва хитобаҳо пурра гардида, аз лиҳози мазмун ҳадафи аслии тарғиби ғояҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро пайгирӣ менамоянд. Вале хитобаҳои Садриддин Айнӣ хушку берӯҳ набуда, танҳо аз мафҳумҳои сиёсӣ ва истилоҳоти ҳизбӣ иборат нестанд. Баръакс, онҳо бо унсурҳои тасвирӣ ва санъатҳои бадеӣ оро ёфта, таъсирбахшии шеърро афзун намудаанд. Ин сабаб гашт, ки бисёре аз чунин шеърҳо дар байни мардум маъруф гардида, дар ҷамъомадҳо ҳамчун суруд қироат мешуданд ва ҳатто баъзе шоирон барои онҳо танзимҳо эҷод карданд.

Илова бар эҷоди ашъори инқилобӣ, Садриддин Айнӣ ҳамчун яке аз муҳаррирони асосии маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ба навиштани сармақолаҳо низ машғул буд. Сармақолаҳо, ки аксаран аз ҷониби Садриддин Айнӣ ва Саидризо Ализода таълиф мешуданд, аз мавзуъҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баҳс менамуданд. Ин мақолаҳо пайиҳами ҳам бо имзоҳои гуногун дар маҷалла чоп мешуданд. Ғайр аз ин, масъулияти таҳрир ва омода сохтани навиштаҳои муаллифони дигар низ бар дӯши онҳо буд. Агар имрӯз таҳқиқоти дақиқ анҷом дода шавад, маълум мегардад, ки шумораи мақолаҳои публитсистии Садриддин Айнӣ дар «Шуълаи инқилоб» ва «Овози тоҷик» назар ба нашрияҳои дигар ба маротиб бештар мебошад.

Бо вуҷуди аҳаммияти баланди ин мақолаҳо, то имрӯз феҳрасти комили мақолаҳои Садриддин Айнӣ дар «Шуълаи инқилоб» ва «Овози тоҷик» таҳия нашудааст. Бо дарназардошти он ки таҳияи чунин феҳраст ба мавзуи ин таҳқиқоти мо иртиботи мустақим надорад, дар ин ҷо танҳо баррасии мақолаҳои публитсистӣ ва навиштаҳои хусусияти бадеӣ доштаи Садриддин Айнӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Устод Садриддин Айнӣ дар фаъолияти худ ҳамчун публисист ва шахсияти маъруф дар муҳити матбуоти даврии тоҷикӣ нақши бузург бозид. Ӯ ба кори маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» бо ҷиддият ва масъулияти баланд муносибат намуда, тамоми супоришҳои идораро бо эҳтиром ва садоқат иҷро мекард. Чуноне ки аз эълони маҷалла дар шаш моҳи аввали фаъолияти он бармеояд, нашрия ба

мутахассисе ниёз дошт, ки тавонад сармақола ва мақолаҳои таҳлилиро ба таври касбӣ ва муҳаққиқона нависад. Бо вуҷуди ин, ба муроҷиати маҷалла касе ҷавоб надод ва хоҳиши ҳамкорӣ пайдо накард. Вале, пас аз он ки Садриддин Айнӣ ин масъулиятро ба дӯш гирифт, маҷалла ба як минбари муҳими интишори андешаҳои нав ва публитсистикаи муосир табдил ёфт. «Шуълаи инқилоб» дар ин давра ба таҳлили амиқи равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ пардохта, мундариҷаи худро бо мавзуъҳои замонавӣ ва муҳим ғанӣ гардонд. Аз ҷумла, пас аз Инқилоби Бухоро (2 сентябри соли 1920), Садриддин Айнӣ ҳамчун шахсе, ки бо вазъи сиёсию иҷтимоии Бухоро шинос буд, ба сафари хидматӣ ба он шаҳр фиристода шуд. Дар пайи ин сафар, аз 2 декабри соли 1920 силсилаи мақолаҳои таҳлилии ӯ таҳти унвони «Мактуб аз Бухорои сурх» ба нашр расиданд. Гузориши аввал бо номи «Мактуб аз Бухорои сурх-1» бо чунин муқаддима оғоз ёфтааст:

«Ҳайати таҳририи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» аҳаммияти Инқилоби Бухороро дар назар гирифта, барои билзот маълумот гирифтан аз миёни худ якеро ба Бухоро фиристоданӣ шуд. Ва бо ҳамин мақсад аслан бухороӣ ва дар инқилоби Бухоро мадхалдор буданамро дар назар гирифта, дар ин хидмат маро интихоб кард» [329].

Ин порча аз мақолаи Садриддин Айнӣ нишон медиҳад, ки ӯ вазифаи худ ҳамчун таҳлилгари сиёсӣ ва нозири воқеаҳои замонро бо ҷиддият иҷро карда, дарк менамуд, ки мавқеи Бухоро пас аз инқилоб яке аз муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ барои мардуми тоҷик хоҳад буд.

Ҳангоми боздид аз Бухоро Садриддин Айнӣ ҳамчун шахси дақиқназар ва мушоҳидакор тағйироти сиёсиву иҷтимоиро сабт намуд. Ӯ хулоса кард, ки «15 ноябри 1920 аз Самарқанд баромада, 16 моҳи мазкур соати даҳи рӯз дохили Бухоро шудам. Аввал чизе, ки ба назарам вохӯрд, баъзе ҷойҳои харобшудаи Бухоро буд, ки дар мусодимаи ҳарбат бо истибдод табъан ба вуқуъ омада буд. Табиист, дидани ин ҳол маро навъе мутаассир кард» [329].

Мушоҳидаҳои Садриддин Айнӣ аз он далолат медиҳанд, ки вай таъсири ҷангро ба муҳити шаҳр амиқ дарк карда, харобиҳои боқимондаро ҳамчун ҷузъи ногузири инқилоб арзёбӣ менамуд. Бо вуҷуди ин, вай таъкид намуд, ки

муҳимтарин масъала барои Бухоро мактаб ва маориф мебошад. Ӯ ба таълим ва равандҳои маърифатпарварӣ таваҷҷуҳи хосса дошт ва аз ин рӯ, қабл аз ҳама, ба назорати маорифи шаҳр ташриф овард. Ба гуфтаи устод:

«Назорати маорифи ин шаҳри озодро зиёрат карданӣ шудам. Баъд аз он ба идораи назорати маориф дохил гардида, аз тарафи нозири маориф рафиқ Пӯлодзода ба камоли гармӣ пазируфта шудам. Аз мусоҳиба ва таҳқиқотам маълум гардид, ки назорати маорифи Бухоро дар муддати андак хеле корҳоро аз пеш бурдааст» [329].

Ибора ва сабки баён дар ин гузориш ба услуби репортажи муосири бадеӣ шабоҳат дорад. Бо такя ба мушоҳидаҳои худ, Садриддин Айнӣ иттилоъ медиҳад, ки дар шаҳр курсҳои омӯзиши муаллимон, шаш мактаби ибтидоӣ ва дар вилоят як ё ду мактаб фаъолият доранд. Барои калонсолони бесавод се курс, барои ятимон ду ятимхона кушода шудааст. Ҳамчунин, курсҳои махсус барои омӯзиши усули дафтардорӣ таъсис ёфтаанд ва барои таҳсил дар хориҷа 70 нафар омода мешаванд, ки як гурӯҳи онҳо алакай ба шаҳри Боку фиристода шудаанд.Ғайр аз ин, Садриддин Айнӣ ба фаъолияти китобхонаҳо низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, онҳоро ҳамчун марказҳои нави маърифат арзёбӣ намудааст. Вай бо хурсандӣ қайд мекунад:

«Аз ташкилоти маориф ва шавқи мардум чунон маълум мешавад, ки Бухоро пасмондагиҳои чандинсолаи худро, ки ба тавбиқи истибдоди ҷоҳилона гирифтор омада буд, ба андак фурсат талофӣ хоҳад кард. «Соле, ки накӯ аст, аз баҳораш пайдост». 19 ноябри соли 1920, Бухоро» [329].

Бо таваҷҷуҳ ба ин порча, метавон хулоса кард, ки Садриддин Айнӣ ба ташаккули навини низоми маърифат ва рушди маорифи миллӣ умеди калон дошт ва Бухороро ҳамчун маркази эҳёи таълим дар Осиёи Марказӣ медонист.

Бояд қайд кард, ки услуби ин гузориши публисистӣ аз дигар навиштаҳои бадеии Садриддин Айнӣ фарқ мекунад. Сабаби аввал он аст, ки ин яке аз аввалин машқҳои насрнависии ӯ ба шумор меравад. Бо вуҷуди ин, забони гузориши ӯ нисбатан равшан ва сода буда, таъсири услуби навиштаҳои маорифпарварони охири асри XIX ва аввали асри XX эҳсос мешавад. Ҳарчанд баъзе калимаҳои

арабӣ ва истилоҳоти маорифпарварӣ дар он кам ба назар мерасанд, вале бо вуҷуди ин, асар бо услуби воқеънигорона ва таҳлилии худ фарқ мекунад.

Баррасии чунин матнҳо нишон медиҳад, ки Садриддин Айнӣ бо сабку услубҳои гуногуни навишторӣ таҷриба мекард ва сабки ӯ ба сӯи равшаннависӣ ва таҳлили воқеаҳо бо забони оммаафҳм ҳаракат мекард. Аз ин лиҳоз, мақолаҳои ӯ дар «Шуълаи инқилоб» на танҳо аз ҷиҳати мазмун, балки аз ҷиҳати услуб ва шакли баён низ аҳаммияти хоса дошта, барои рушди публитсистикаи тоҷик замина гузоштаанд.

Дар шумораи баъдии «Шуълаи инқилоб» идомаи репортажи устод Садриддин Айнӣ бо номи «Мактуб аз Бухорои сурх-2» ба нашр расидааст. Таҳлили маводи мазкур нишон медиҳад, ки муаллиф мавзуъро ба қисматҳо ҷудо намуда, ҳар як ҷанбаи муҳими сиёсиву иҷтимоиро дар шакли мустақил мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар ин қисмат Садриддин Айнӣ ба ҳаёти ҳизбӣ дар Бухоро таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, қайд кардааст, ки «ҳаёти фирқаи иштирокиюн дар Бухоро ҳайратангез аст». Ҳамзамон, вай ба масъалаи шумораи зиёди аъзои нав, ки дар муддати кӯтоҳ вориди ҳизб шудаанд, бо назари шубҳа менигарад: «Дар муддати ду моҳ танҳо аз дохили шаҳри Бухоро даҳ ҳазор нафар ба фирқа дохил шудааст, табиӣ, аксари ин ашхос аз пруғроми фирқа бехабар, ё ки мардумоне ҳастанд, ки ба духули фирқа ҳақ надоранд» [329, с.2-4].

Садриддин Айнӣ, ки ҳанӯз дар даврони амирӣ таҳти таъқибу шиканҷа қарор гирифта буд ва таҷрибаи амиқи иҷтимоиву сиёсӣ дошт, бо диди интиқодӣ ба ин омори ғайримаъмулии аъзои ҳизб менигарад. Вай таъкид менамояд, ки мардуми Бухоро, ки қаблан ҳатто аз мавҷудияти ҳизбҳо хабар надошт, дар муддати кӯтоҳ ба таври ногаҳонӣ вориди фаъолияти ҳизбӣ шудааст. Ин вазъияти нав ва тағйироти шадиди сиёсӣ шубҳаи ӯро ба миён овардааст.

Ба андешаи муаллиф, бисёре аз мардум ба хотири наҷот аз таъқиб ва фишори иҷтимоӣ маҷбур буданд, ки ба ҳизб шомил шаванд. Ин мулоҳиза нишон медиҳад, ки равандҳои сиёсии ин давра бештар дар заминаи ҳолатҳои фавқулода ва ноустувории иҷтимоӣ рушд мекарданд. Илова ба масъалаи ҳизбӣ, Садриддин

Айнӣ фаъолияти Иттифоқи ҷавонон ва Иттифоқи касаба-ро низ таҳлил мекунад. Вай қайд мекунад, ки «бухороиён дар масъалаи ворид шудан ба ин иттиҳодияҳо низ пешқадаманд». Бо вуҷуди ин, муаллиф саволе матраҳ менамояд:

«Чӣ тавр ин ашхос, ки ғолибан бесаводанд ва аз аҳли деҳот ва аз барномаҳои ҳизб ва иттифоқи ҷавонону касаба бехабаранд, якбора ба ин ташкилотҳо майл кардаанд?»

Муаллиф сабаби ин ҳолатро дар тарс ва худраҳоӣ мебинад, ки мардум дар ҳолати номуайянии сиёсӣ ва тарси таъқиб ба таври ноогоҳона вориди ин иттиҳодияҳо мешуданд.

Дар баррасии Иттифоқи касаба, Садриддин Айнӣ мушоҳида мекунад, ки дар ин давра пешаварони Бухоро амалан бе истисно ба иттифоқҳо пайвастаанд. Барои мисол, вай зикр мекунад: «Ҳама сартарошони Бухоро ба Иттифоқи сартарошон дохил шудаанд» [329, с.2-4].

Бо вуҷуди ин, муаллиф камбудиҳои ин ҳаракатро низ ба таври ошкор зикр мекунад. Ӯ қайд менамояд, ки аз нигоҳи интизом ва корбарӣ, аъзои иттифоқҳо ҳамбастагии бештар доранд ва шеваи фаъолияти онҳо шабеҳи низоми ҳукуматӣ мебошад. Садриддин Айнӣ таъкид менамояд:

«Дуредгарӣ, гилкорӣ, зардӯзӣ, мӯзадӯзӣ, бофандагӣ, ҳама қарори қатъӣ доранд ва ба ҳамон қарор амал мекунанд. Эшон тавъан хидмати ҳукуматро ифо мекунанд, мувофиқи қатъномаи иттифоқи худ ҳаққи хидмат меситонанд» [329, с.2-4].

Дар идомаи мақола Садриддин Айнӣ, инчунин, ба мавзуи маҷлисҳо ва митингҳо дахл намуда, ба фарқияти онҳо дар Бухоро ва Самарқанд ишора мекунад. Ба гуфтаи ӯ, «дар Бухоро мардум бо хоҳиши худ ба маҷлисҳо ва митингҳо мерафтанд ва мавзуи онҳоро то ба хона баррасӣ мекарданд», дар ҳоле ки дар Самарқанд чунин набудааст. Ин фарқияти усули иштирок ва муносибати мардум ба чорабиниҳои сиёсӣ, ба андешаи Садриддин Айнӣ, хусусияти хоси муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии Бухороро бозгӯ мекунад.

Қисмати сеюми мақола, ки таҳти унвони «Мактуб аз Бухорои сурх-3» нашр шудааст, ба таҳлили фаъолияти ниҳодҳои идорӣ ва вазоратхонаҳо бахшида

шудааст. Садриддин Айнӣ аввал ба шарҳи вазъи идоракунии амирӣ мепардозад ва бо муқоиса гузариш аз низоми пешина ба сохтори нави ҳукуматӣ-ро таҳлил менамояд. Ӯ таъкид мекунад, ки «дар мамлакате, ки ду моҳ пеш бо ҳамин вазъият идора мешуд, ҳукумати тоза дар муддати кӯтоҳ давоир ва назоратҳоро таъсис дода, сохтори онҳоро ба як низоми тоза ва муназзам ворид кардааст» [329, с.1-2].

Яке аз муҳимтарин нуқтаҳои таҳлили муаллиф кори маҳкамаи адлия мебошад. Ба гуфтаи ӯ, дар ҳукумати нав назорати адлия таъсис ёфта, маоши судҳо (қозиҳо) аз ҳисоби давлат пардохт мешавад. Муаллиф бо ибрози назар мегӯяд, ки ин тағйироти нав боиси он шудааст, ки «миёни қозӣ ва фуқаро муомилаи модӣ вуҷуд надорад», яъне фасод дар низоми адлия коҳиш ёфтааст. Бо вуҷуди таърифи пешрафтҳо, Садриддин Айнӣ камбудиҳои сохтори нави давлатиро низ бо рӯшании тамом зикр мекунад. Ӯ таъкид менамояд: «Нависанда ҳеҷ айбу нуқсонро дида натавонистааст? Ин тавр не..! Ҳукумати Бухоро ҳоло нуқсоноти бисёр дорад. Масалан, идораи авқоф, ки таҳти назорати маориф аст, чӣ кор карданашро намедонад, барои ӯ аз Шурои наззор дастурамали қатъӣ ҳам дода нашудааст. Идораи зироат, ки як назорати мустақила аст, гуфта мешавад, ки то ҳол коре накардааст…» [329, с.1-2].

Бо истифода аз таҳлили сиёсӣ, Садриддин Айнӣ ба яке аз сабабҳои рушди ҷараёни пантуркизм дар Бухоро ишора мекунад. Вай таъкид мекунад, ки дар ҳукумати ниммустақили Бухоро танҳо мушовирони рус ва намояндагони турку тоторҳо дар мақомҳои калидӣ қарор доштанд, ки ин худ метавонад сабабгори таъсири бузурги идеологияи пантуркистӣ дар идораи давлат гардад.

Репортажҳои Садриддин Айнӣ таҳти унвони «Мактуб аз Бухорои сурх» на танҳо ҳамчун намунаи барҷастаи публисистикаи сиёсӣ, балки ҳамчун саҳифаи муҳими таърихи таҳаввулоти сиёсии Бухоро шинохта мешаванд. Тавре Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд: «Мақолаҳои оташбори публитсистии ӯ, ки дар солҳои 1919-1921 дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» чоп шуда, ҳуқуқи халқи тоҷикро ба забон, мероси фарҳангӣ, мактабу маорифи миллӣ, матбуоти тоҷикӣ, давлату давлатдорӣ ҳимоя мекарданд, имрӯз ҳам аҳаммияти бузурги таърихӣ доранд» [313, с.278].

Дар яке аз шумораҳои «Шуълаи инқилоб» соли 1921 аввалин намунаи насри адабии устод Садриддин Айнӣ - ҳикояти «Анҷоми кори як шайхи ҳиллагар (дар Бухорои сурх)» ба нашр расидааст. Бо вуҷуди он ки дар асари мазкур унсурҳои бадеият ва хусусиятҳои жанри ҳикоя пурра ташаккул наёфтаанд, метавон гуфт, ки ин навишта заминаи муҳим барои эҷоди осори насрии минбаъдаи Садриддин Айнӣ гардид.

Маълум аст, ки яке аз ҳадафҳои сиёсати ҳукумати нави Шуравӣ мубориза бо рӯҳониёни мутаассиб ва авомфиреб буд. Дар ин раванд, матбуот ҳамчун василаи таблиғотӣ ва идеологӣ нақши муассир мебозид. Аз ин рӯ, ҳикояи мазкур низ дар доираи ин сиёсати ҳукуматӣ офарида шуда, ҳадафи он фошсозии чеҳраи аслии рӯҳониёни суннатгаро ва ифшои робитаи онҳо бо режими амирии Бухоро мебошад.

Ҳикояи мазкур дар асоси воқеаҳои ҳақиқӣ таълиф гардида, ба қазияи як муллои туркман, ки пас аз як амали ношоиста аз Афғонистон ронда шуда, ба Бухоро омада ва ба фиребу найранг машғул мегардад, асос ёфтааст.

Муаллиф чунин тасвир менамояд: «Шайхи мазкур чандин сол боз дар дохили Бухоро, дар мадрасаи Кӯкалтош истиқомат намуда, умри худро ба шайхӣ ва тиҷорат сарф мекард… Муридон ҳар вақт дар хидмати шайх расида, назр ва ҳадяҳои худро тақдим карда, аз нафаси шайх табаррук меҷустанд. Хусусан дар моҳи шарифи Рамазон бозори шайх зиёда гарм мегардид, садҳо нафар мурид дар атрофи шайх ҷамъ мешуданд» [29, с.4]. Чунин тасвироти муфассал нишон медиҳад, ки муаллиф бо истифода аз шеваи реализм ва танзи иҷтимоӣ, образи шайхи ҳиллагарро хеле барҷаста ба қалам додааст.

Дар ҳикоя робитаи наздики ин гурӯҳи рӯҳониён бо режими амирии Бухоро намоиш дода мешавад. Ҳадафи ниҳоии ҳикоя нишон додани ҳамоҳангӣ ва ҳамраъйии муллоҳо бо давлати мутлақаи амирӣ ва ташвиқи мардум ба муборизаи идеологӣ ва иҷтимоӣ зидди онҳост.

Дар қисмати поёнии ҳикоя анҷоми фоҷиавии шайх тасвир шуда, қаҳрамони асосӣ барои пинҳон кардани далелҳои ҷинояткоронааш маҷбур мешавад, ки як санади ҳассосро фурӯ бурда, дар натиҷа ҷони худро аз даст медиҳад. Дар ин

росто, Садриддин Айнӣ ба тарзи рамзӣ ва маҷозӣ хулосаи ахлоқии ҳикояро баён мекунад: «Бо ин тақриб ба ҳирси мол ҷони ширинро супурда, дар интизори мардум, парда аз рӯю риёкории чандинсолаи худ ба дасти худ кушод» [29, с.4].

Ҳамин шакли хулосабарории мустақими муаллиф яке аз хусусиятҳои асосии насри ин давраи ӯро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди он ки ҳикоя ба таври пурра шакли бадеии рушдёфтаро надорад, метавон дар он нишонаҳои аввалини услуби насрии Садриддин Айниро мушоҳида намуд. Ба хусус, истифодаи унсурҳои воқеияти зиндагӣ, зарбулмасалҳо, ибораву таъбирҳои халқӣ, ва гӯшаҳои танзомез ба насри ӯ тобиши хосе мебахшанд.

Чанд намуна аз чунин таъбирҳо: «Саги сӯзанхӯрда», «ҷони ширин», «говғудуде», «гӯшаи узлат», «бозори шайх зиёда гарм мегардид». Ин навъи истилоҳот дар осори минбаъдаи насрии Садриддин Айнӣ, аз ҷумла дар «Одина», «Дохунда» ва «Қорӣ Ишкамба», таҳким меёбанд ва ба услуби бадеии ӯ хосияти реалистӣ мебахшанд.

То даҳаи дуюми асри XX Садриддин Айнӣ асосан ҳамчун шоир машҳур буд ва дар «Шуълаи инқилоб» ва «Овози тоҷик» низ бештар бо ашъори худ шинохта мешуд. Бо вуҷуди ин, маҳз нашрияҳои мазкур ба ӯ имконият доданд, ки ба насрнависӣ рӯ биёрад.

**Тибқи таҳқиқоти адабиётшинос Х. Асозода, сабабҳои асосии рӯй овардани Садриддин Айнӣ ба наср чунин мебошанд:**

1. Таъсири насри классикии тоҷик, аз ҷумла, осори Аҳмади Дониш ва насри таърихии охири асри XIX ва ибтидои асри XX.

2. Равнақи жанри «сафарнома» дар охири асри XIX, ки ба рушди наср дар Осиёи Марказӣ мусоидат кард.

3. Таҷрибаи публитсистӣ – Х. Асозода таъкид мекунад, ки «мақола жанри насрие маҳсуб меёбад, ки дар инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ, маорифпарварӣ, сиёсӣ ва илмӣ хеле созгор аст» [67, с.240].

4. Таълифи зиёди мақолаҳои иҷтимоиву сиёсӣ – Садриддин Айнӣ дар солҳои 1918-1920 76 мақола навишта буд, ки асосан дар «Шуълаи инқилоб» ба нашр расиданд.

Бар асоси ин таҳқиқот, метавон натиҷагирӣ кард, ки маҳз «Шуълаи инқилоб» дар ташаккули насри бадеии Садриддин Айнӣ нақши муҳим бозид ва нахустин асарҳои насрии ӯ маҳз дар ҳамин нашрия ба табъ расиданд.

Баррасии фаъолияти эҷодии устод Айнӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» имкон медиҳад, ки ба хулосаҳои зерин расем:

1. **Таҳаввули шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик.** Ташаккули шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик таҳти таъсири таҳаввулоти амиқи адабиёти маорифпарварӣ ва вазъи сиёсию иҷтимоии оғози асри XX сурат гирифтааст. Нахустин намунаи мукаммали ин ҷараён дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» тавассути эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ арзи вуҷуд намуд. Ин падида бевосита таҳти таъсири ҷунбишҳои инқилобӣ, тағйироти идеологӣ ва таҳаввулоти ҷомеашинохтии он давра рушд ёфтааст. Шеъри иҷтимоиву инқилобӣ, ки дар ин муҳит ташаккул ёфт, ҳамчун василаи таблиғи ғояҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва бедор намудани афкори ҷомеа истифода мешуд. Ҳамин тариқ, шеъри нав дар адабиёти тоҷик ҳамчун ҷузъи муҳими ислоҳоти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зуҳур кард.

2. **Нақши маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» дар ташаккули шуури сиёсӣ ва иҷтимоӣ.** Маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» бо ташаббуси Саидризо Ализода ва устод Садриддин Айнӣ таъсис ёфта, рисолати худро дар рушди шуури сиёсӣ ва иҷтимоии мардуми тоҷик иҷро намуд. Нашрия бо интишори матолиби публитсистӣ, адабӣ ва сиёсӣ, ба ташаккули худшиносии миллӣ ва рушди забони тоҷикӣ мусоидат кард. Гарчанде маҷалла ҳамчун минбари таблиғотии ҳукумати Шуравӣ истифода мешуд, нақши он дар бедории фикрии ҷомеа низ назаррас буд. Ин нашрия мавқеи адабиёти иҷтимоиву танқидиро мустаҳкам намуда, заминаи инкишофи афкори нави адабӣ ва иҷтимоиро фароҳам овард. Дар натиҷа «Шуълаи инқилоб» ба ташаккули адабиёти маорифпарварӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намуд.

3. **Ҷойгоҳи шеъри «Марши ҳуррият» дар адабиёти тоҷик.** Шеъри «Марши ҳуррият»-и устод Садриддин Айнӣ оғози жанри инқилобнома дар

адабиёти навини тоҷик маҳсуб мешавад. Ин шеър нахустин намунаи адабиёти сиёсӣ-идеологӣ буда, дар он принсипҳои таблиғотии адабиёти инқилобӣ бо анъанаҳои шеъри маорифпарварӣ муттаҳид гардидаанд. Ба таври хос, истифодаи ибораҳо ва қолабҳои шеъри инқилобии фаронсавӣ, бахусус «Марселеза», ба мазмун ва оҳанги шеър таъсир гузоштааст. Сабки хитобӣ, оҳанги қаҳрамонона ва усули даъватӣ ин шеърро ба минбари муборизаи иҷтимоии давр табдил дод. Ҳамин тавр, «Марши ҳуррият» на танҳо як шеър, балки изҳороти иҷтимоӣ ва инқилобӣ буд, ки ба ташаккули шеъри сиёсиву иҷтимоӣ ва мубориз замина гузошт.

**4. Нововарии шаклию мазмунӣ дар шеъри Айнӣ.** Таҳаввули шеъри иҷтимоиву инқилобӣ дар эҷодиёти Айнӣ бо шикасти қолабҳои суннатии шеъри форсӣ, воридсозии вазн ва таркиби нав ва таъсири адабиёти рус алоқаманд аст. Аз ҷумла, таъсири жанри баллада ва сурудҳои инқилобии русӣ дар шеърҳои ӯ возеҳ эҳсос мешавад. Дар осори ӯ истифодаи муроҷиатҳо, шиорҳо ва унсурҳои даъватӣ, ки ба таъсирбахшии бадеии шеър мусоидат менамоянд, мақоми муҳим доранд. Ин нововариҳо на танҳо мазмун, балки шакли шеърро низ тағйир дода, онро ба воситаи таъсиррасонии иҷтимоӣ ва сиёсӣ табдил додаанд. Ҳамин тариқ, шеъри иҷтимоиву сиёсӣ ва инқилобии тоҷик маҳз дар эҷодиёти устод Айнӣ асосҳои методологӣ ва шаклии худро пайдо кард.

**5. Сафарномаи Айнӣ ҳамчун намунаи журналистикаи таҳлилӣ.** Сафарномаи Садриддин Айнӣ ба Бухоро яке аз нахустин намунаҳои жанри репортажи адабӣ дар матбуоти тоҷик мебошад. Ин асар на танҳо як гузориши воқеӣ, балки таҳлили сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буда, бо усули мушоҳида ва таҳлили воқеият таҳия шудааст. Ин сафарнома дар адабиёти тоҷик гузариш аз анъанаҳои таърихнигорӣ ва сафарнависии суннатӣ ба шакли муосири журналистикаи таҳлилӣ мебошад. Баён ва сабки он бо усулҳои нави таҳқиқи воқеияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ мутобиқат дорад. Ин асар минбаъд ба эҷоди осори бузурги реалистии Айнӣ, ба монанди «Одина» ва «Дохунда», таъсири амиқ расонидааст.

**6. Ҳикояи «Анҷоми кори як шайхи ҳиллагар» ва ташаккули насри танқидии иҷтимоӣ.** Ҳикояи «Анҷоми кори як шайхи ҳиллагар (дар Бухорои сурх)» аз нахустин намунаҳои насри танқидии иҷтимоӣ дар адабиёти навини тоҷик ба ҳисоб меравад. Гарчанде ин ҳикоя аз лиҳози жанр ва сохтор баъзе маҳдудиятҳо дошта бошад, он ба ташаккули насри танқидӣ ва реалистии тоҷик мусоидат намудааст. Сабки публитсистӣ ва содагии услуби баён дар он нақши муҳим доранд, ки ин усул минбаъд дар романҳои Айнӣ рушд ёфт. Ҳикоя ба таҳияи образҳои манфӣ, танзи иҷтимоӣ ва ифшои фасоди рӯҳониёни давр равона гардида, масъалаҳои муҳими замонро ба таври воқеӣ инъикос кардааст. Ин асар бевосита ба шаклгирии жанри романнависии реалистӣ дар адабиёти тоҷик, бахусус ба романҳои «Дохунда» ва «Ғуломон», замина гузошт.

**Хулосаи умумӣ**

Таҳлили эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ ва нақши маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» нишон медиҳад, ки ин нашрия ба ташаккули шеъри инқилобӣ, жанри публисистикаи сиёсӣ ва насри танқидии иҷтимоӣ таъсири назаррас расонидааст. Тавассути навовариҳои шаклию мазмунӣ, шеъри иҷтимоиву сиёсӣ ва насри воқеъгарои иҷтимоӣ ҳамчун равияҳои муҳими адабиёти муосири тоҷик ташаккул ёфтанд.

Сафарнома ва ҳикояҳои танқидии Айнӣ гузариши адабиёти тоҷикро аз услубҳои анъанавӣ ба шаклҳои муосири публитсистика ва насри бадеӣ таъмин намуданд. Дар маҷмӯъ, осори Айнӣ дар ин давра на танҳо бозтоби вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, балки заминагузори адабиёти воқеъгарои миллӣ ва инқилобӣ буд.

## 3. 2. Гӯшаи «Тозиёна» ва ташаккули анвои ҳаҷвию танқидӣ

Нашрияҳои аввалини тоҷикӣ, ҳар яке бо шева ва сабки хос, дар ташаккули матбуоти миллии тоҷик ва рушди адабиёти танқидӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Дар ин миён, маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» (1919–1921) бо таъсиси нахустин гӯшаи ҳаҷвию танқидӣ – «Тозиёна», на танҳо ҳамчун рукни муҳими матбуоти ҳаҷвии тоҷик, балки ҳамчун заминагузори жанрҳои ҳаҷвии муосир дар адабиёти тоҷик маъруф гаштааст.

Муҳаққиқи жанри ҳаҷв дар адабиёт, профессор М. Муродӣ, таъкид мекунад, ки «дар ташаккули ҳаҷви «Шуълаи инқилоб» на танҳо таъсири адабиёти ҳаҷвии классикӣ, балки таҷрибаи маҷаллаи «Мулло Насриддин» низ нақши муассир дошт» [262, с.17]. Бо вуҷуди ин, таҳлили маводи ин нашрия нишон медиҳад, ки гӯшаи «Тозиёна» бо истифодаи бевосита аз анъанаи ҳаҷвии тоҷик, махсусан осори ҳаҷвии классикон, аз ҷумла Убайди Зоконӣ, ташаккул ёфтааст.

Ба қавли муҳаққиқон, шумораи аввалини «Тозиёна» дар заминаи ҳаҷви адабиёти классикии тоҷик ба вуҷуд омада, дар он таъсири рӯйи рост ва бевоситаи «Муш ва Гурба»-и Убайди Зоконӣ мушоҳида мешавад. Масалан, монандкунии мансабдорон ба гурбаҳо, ки бо сӯиистифода аз мақоми худ корҳои давлатӣ ва иҷтимоиро хароб карда, ба ҷомеа зиён мерасонанд, ба услуби ҳаҷвии Убайди Зоконӣ шабоҳат дорад. Ҳамчунин, дар луғатномаҳои тафсирии шумораи аввал, ки пас аз дебоча оварда шудаанд, тарзи истифодаи истилоҳот ва сабки таҳлилии муаллифон низ ба шеваи ҳаҷвнигории Убайди Зоконӣ иртибот дорад [262, с.11]. Бо вуҷуди ин шабоҳатҳо, муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки муаллифони гӯшаи мазкур, аз ҷумла Саидризо Ализода, бо вуҷуд истифода аз анъанаҳои ҳаҷвии адабиёти классикии тоҷик, дар услуби худ ба тақлид маҳдуд нашуда, балки ҷанбаи эҷодкорона ба он бахшидаанд, ки дар натиҷа жанри нави ҳаҷвӣ дар матбуоти тоҷик шакл гирифт.

Гӯшаи «Тозиёна» ба ҷуз аз осори ҳаҷвии классикӣ, таҳти таъсири ҳаҷви матбуоти Эрон, Туркия ва Қафқоз, махсусан нашрияҳои «Мулло Насриддин» (1906–1928, Тифлис) ва «Сури Исрофил» (1907, Эрон) ташаккул ёфтааст.

Яке аз далелҳои муҳими ин таъсир чоп шудани ҳикоёти гӯшаи мазкур бо имзои «Ч» ва «Чарандгӯй» мебошад, ки ба «Чаранду паранд»-и Алиакбар Деҳхудо, рубрикаи ҳаҷвии «Сури Исрофил», шабоҳати зиёд дорад. Маълум аст, ки ин маҷаллаҳо дастраси зиёиёни Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикон буданд. Ҳамзамон, «Мулло Насриддин» хонандагони зиёд дошт ва аз ин рӯ, дар шаклгирии ҷанбаҳои танқидии «Тозиёна» нақши назаррас бозид [433, с.3-16].

Илова бар ин, муҳаррири «Шуълаи инқилоб» Саидризо Ализода чандин маротиба ба Қафқоз сафар карда, бо муҳаррири «Мулло Насриддин» Ҷалил Мамедқулизода ва дигар адибону журналистони озарбойҷонӣ шинос шуда, таҷрибаи онҳо дар ҳаҷвнигориро омӯхта буд, ки ин омил барои ташаккули гӯшаи «Тозиёна» заминаи муҳими эҷодӣ ва методологӣ фароҳам овард.

Муҳаққиқон бар инанд, ки «ҷадидони демократии тоҷик таҷриба ва комёбиҳои маҷаллаи мазкур («Мулло Насриддин»)-ро ҳамеша ба мушоҳида гирифта, беҳтарин усулҳои ҳаҷвнигориро дар эҷодиёти худ татбиқ менамуданд». Гузашта аз ин, таҳқиқоти анҷомдода нишон медиҳад, ки дар «Тозиёна» на танҳо таъсири матбуоти хориҷӣ, балки таъсири мустақими нашрияҳои пешини тоҷикӣ, аз ҷумла «Бухорои шариф» ва «Оина» низ мушоҳида мешавад. Бо вуҷуди он ки «Бухорои шариф» ва «Оина» гӯшаи махсуси ҳаҷвӣ надоштанд, онҳо бо ташкили жанри «Мусоҳиба», ки дар он унсурҳои танз ва мутоиба фаровон истифода мешуд, асоси жанри ҳаҷвиро омода карданд.

Дар ин нашрияҳо қаҳрамонҳое бо номи Муш ва Гурба ҳузур доштанд, ки ба таври бевосита аз осори Убайди Зоконӣ илҳом гирифта шуда, ҳадафи онҳо интиқоди мансабдорон ва рӯҳониёни риёкор буд. Ин қолабҳо минбаъд дар гӯшаи «Тозиёна» низ такрор шуданд, ки пайвасти он бо осори ҳаҷвии тоҷикӣ ва таъсири матбуоти пешини миллӣ-ро собит месозад.

Масъалаи чанд шумора чоп шудани гӯшаи «Тозиёна» дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ҳанӯз ба таври комил ҳал нашудааст ва байни муҳаққиқон

мулоҳизаҳои гуногун мавҷуданд. Тибқи анъанаи риояшуда дар маҷалла, дар канори сарлавҳаи «Тозиёна» шумораҳо рақамгузорӣ мешуданд, ки дар шумораи охирини маҷалла рақами 14 ба назар мерасад. Бо такя ба ин рақам метавон хулоса кард, ки гӯша 14 маротиба нашр шудааст. Бо вуҷуди ин, муҳаққиқони соҳа, аз ҷумла М. Солеҳов [370] ва М. Муродӣ [262], бо баррасии ҳама шумораҳои мавҷудаи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб», ба хулоса расиданд, ки шумораи умумии нашроти гӯшаи «Тозиёна» метавонад аз 14 шумора бештар бошад.

Аввалан, як шумораи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» нопадид гаштааст, ки эҳтимолан дар он низ маводи «Тозиёна» ҷой дошт. Дуюм, дар ду шумораи пайдарпай (№31 ва №32, аз 23 феврал ва 1 марти соли 1920) матлабҳои «Мактуб ба идораи «Тозиёна» нашр шудаанд, ки рақамгузорӣ надошта, ба назар мерасад, ки қисмати идомавии нашрия мебошанд.

Аз ин бармеояд, ки шумораи воқеии гӯшаи «Тозиёна» эҳтимолан аз 14 зиёд аст. Яке аз фарзияҳо он аст, ки рақами 14 дар шумораи охирин иштибоҳан гузошта шудааст, ё ин ки якчанд шумораҳои омодакардаи «Тозиёна» бинобар маҳдудиятҳои муҳтавои сиёсӣ ё дигар омилҳо чоп нашудаанд.

Ҳадафи асосии ташкили гӯшаи ҳаҷвии «Тозиёна» дар шумораи аввали он (Тозиёна-1) чунин баён шудааст: «Амалӣ гардондани сиёсати замон ва тоза намудани муассисаҳои давлатӣ аз унсурҳои хиёнаткор» [262, с.10].

Ҳикояти аввал бо дебочае оғоз мешавад, ки дар он оҳанги масхараомез, танқидӣ ва киноявӣ ба назар мерасад. Муаллифон изҳор доштаанд, ки баъзе ашхоси мансабдор бо вуҷуди насиҳатҳои пайдарпай ҳанӯз ба амалҳои ғайриқонунӣ машғуланд.

Дар қисматҳои аввалини «Тозиёна», шахсони мансабдор ва манфиатҷӯ, ки аз номи ҳукумат мардумро фиреб дода, ба манфиатҳои шахсӣ амал мекарданд, бо гурбаҳои маккоре, ки баъди тавба боз ҳам бештартар ба шикори мушон машғул мешаванд, шабоҳат дода шудаанд. Ин мавзуъ бевосита шахсиятҳои шубҳаноки дохили ҳукуматро, ки бо сӯиистифода аз ҳокимият нуфузи давлатро коста ва мардумро нобовар месохтанд, нишон медиҳад. Нуктаи дигари ҷолиб дар

«Тозиёна» тақсими шахсиятҳо ва зуҳуроти иҷтимоӣ ба воситаи луғатҳои тафсирӣ (фарҳангӣ) мебошад, ки бо усули ҳаҷвии Убайди Зоконӣ шабоҳати наздик дорад.

Муҳаққиқон таъкид кардаанд, ки луғатномаҳои ҳаҷвии «Тозиёна» бо равишҳои танз ва таҳлили сиёсӣ сохта шудаанд, ки ҳадафи онҳо фош кардани воқеиятҳои номатлуби ҷомеа мебошад.

Аз панҷ луғатномаи ҳаҷвии дар шумораи аввал овардашуда, дутои онҳо хусусияти сиёсӣ дошта, боқимонда ба ҳаёти иҷтимоии мардум марбут мебошанд [371, с.11]:

1. «Давлати барқӣ» – ишора ба он аст, ки баъзе мансабдорон, ки бояд ба ниёзмандон кумак расонанд, худ аз манфиатҳои шахсӣ истифода бурда, зиндагии айшу нӯш доранд.

2. «Буржуаи пинҳонӣ» – таърифи мансабдороне, ки худро оддии ранҷбар муаррифӣ карда, дар асл аз имтиёзҳои зиёди иқтисодӣ баҳраманд ҳастанд.

3. «Мухторияти ҷудогона» – ишора ба рӯйкардҳои сиёсие, ки миллатҳо барои истиқлолияти худ интихоб мекунанд.

4. «Мамлакати ваҳшиёна» – ишора ба кишварҳое, ки дар муқобили истилои хориҷӣ муқовимат карда, истиқлолияти худро ҳифз намудаанд.

5. «Оби ҳаёт» – киноя ба вазъи ноқиси беҳдоштӣ ва муҳити зист дар шаҳрҳо, ки бо вуҷуди ғализ ва олуда будани об, мардум ба истеъмоли он маҷбур ҳастанд.

Мазмуни мақолаҳои «Мухторияти ҷудогона» ва «Мамлакати ваҳшиёна» нишон медиҳад, ки онҳо масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии муҳими замонро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ин ҷо объекти тасвир мушаххас буда, бо истифодаи киноя ва танзи сиёсатзада равандҳои ҷомеа мавриди интиқод қарор гирифтаанд.

Дар «Мухторияти ҷудогона» бо истифода аз усули ҳаҷви иҷтимоӣ вазъияти форсизабонон дар муҳити сиёсии туркигароён ба тасвир кашида шудааст. Муаллифон бо ишора ба Боғишамол ва талошҳои коммунистони он ҷо, махсусан Саидризо Ализода, таъкид мекунанд, ки агар кӯшиш ва муборизаи онҳо намебуд, дар он ҷо нишоне аз фарҳанг ва маорифи форсии тоҷикӣ боқӣ намемонд. Ин

ишора муҷозан вазъи умумии забон ва фарҳанги тоҷиконро дар муҳити пантуркистӣ таъриф мекунад.

Дар «Мамлакати ваҳшиёна», як кишвари муайян – Эрон дар замони ҷанги якуми ҷаҳон мавриди баррасии танзомез қарор гирифтааст. Дар ин мақола, муаллиф тавассути киноя муқовимати Эронро дар муқобили истилои хориҷӣ ситоиш намуда, дар айни замон худбохтагии баъзе кишварҳои дигарро мавриди интиқод қарор додааст. Дар луғатҳои ҳаҷвии «Тозиёна», баробар бо таъсири адабиёти классикии тоҷик, махсусан осори Убайди Зоконӣ, ба эҳтимоли зиёд аз адабиёти ҳаҷвии Шарқи хориҷӣ низ истифода шудааст.

Яке аз далелҳои муҳим он аст, ки усули истифодаи луғатҳои танзомез дар матбуоти ҷадидии тоҷик бо намунаи Мирзо Фатҳалии Охундзода шабоҳати аён дорад. Дар асари маъруфи худ «Мактубот. Номаҳои Камолуддавла ба шаҳзода Ҷамолуддавла», Охундзода бо оҳанги танзомез ва киноявӣ як силсила луғатҳои нави мафҳумҳои сиёсиву иҷтимоиро пешниҳод кардааст. Ин эҳтимол вуҷуд дорад, ки нусхаи асари Охундзода ба таври пинҳонӣ ба маорифпарварони тоҷик, махсусан Саидризо Ализода, расидааст ва онҳо дар таъсиси гӯшаи ҳаҷвии «Тозиёна» аз он пайравии эҷодӣ кардаанд. Ба ин тартиб, илова бар таъсири маҷаллаи «Мулло Насриддин», таҷрибаи адабиёти танзомези маорифпарварони хориҷӣ низ дар ташаккули ҳаҷви реалистии адабиёти нави тоҷик нақши муассир бозидааст [347, с.119].

Дар «Тозиёна-2», муҳтавои ҳаҷв бо усули муаммо, ки анъанаи адабиёти шифоҳии мардумӣ мебошад, баён шудааст. Дар ин шумора коррупсия, риёкорӣ, қонуншиканӣ ва ҳаққимардумхӯрии баъзе ашхоси мансабдор бо усули муаммогӯӣ фош карда шудааст. Дар дебочаи «Тозиёна-2», бо ҳадафи боло бурдани шавқ ва ҷалби хонандагон, муаллифон чунин таъкид кардаанд:

«Агар хонандагон муаммои моро наёбанд, ба мо чун анъанаи дерин шаҳр надиҳанд, балки дуо кунанд, ки ба як идораи озуқа мудир таъйин шавем». Ин таъбир ишора ба он мекунад, ки мансабдорони замон беадолатона аз ҳисоби давлат ва мардум баҳра мебурданд, махсусан мудирони анбори озуқа, ки дар

ҳоле ки мардум аз норасоии ғизо ранҷ мекашиданд, худ зиндагии пурнозу неъмат доштанд.

Муаммоҳо асосан се масъалаи муҳимро фаро мегиранд:

1. Муаммои аввал – коррупсия дар байни мансабдорон

«Он кадом идораест, ки мудири он шарики қофила ва рафиқи дузд аст? Яъне рӯзҳо мардумро барои дуздӣ, қиморбозӣ, шаробхӯрӣ ҷарима мекунад ва шабҳо то сад ҳазор сӯм қимор мебозад ва то бист шиша шароб менӯшад ва халта-халта гандум захира мекунад?»

→ Дар ин ҷо мансабдорони риёкор, ки аз мардум ҳангоми рӯз ҷарима меситонанд, аммо шабҳо худ ба ҳамон амалҳо даст мезананд, тасвир ёфтаанд.

2. Муаммои дуюм – беинсофии созмонҳои ҷамъиятӣ

«Он кадом маҷлиси муқаддас аст, ки барои чароғон аз фуқарои Боғишамол ба тариқи гадоӣ 6-7 ҳазор сӯм чида гирифтанд ва дуди чароғ ҳам ақалан ба димоғи Боғишамол нарасид?»

→ Ин муаммо фош кардани амалҳои сохтакоронаи баъзе созмонҳои ҷамъиятиро, ки бо баҳонаи «хайрия» пул ҷамъ мекунанд, аммо ба нафъи мардум истифода намекунанд, нишон медиҳад.

3. Муаммои сеюм – мушкилоти муносибатҳои сиёсӣ ва идеологӣ

«Он кадом миллате аст, ки мусулмон буд – замоне ки комиссори кофар дошт ва кофар шуд, ҳангоме ки комиссор мусулмонро таъйин кард?»

→ Дар ин ҷо ишора ба беинсофии баъзе роҳбарони маҳаллӣ, ки баъди соҳиб шудан ба мансаб рафторашон бадтар шуд, сурат гирифтааст.

Дар «Тозиёна-3», яке аз масъалаҳои муҳими сиёсӣ — тазминот (разверстка) мавриди таҳлил ва муҳокима қарор гирифтааст. Тазминот яке аз тадбирҳои асосии Ҳукумати Шуравӣ дар солҳои аввали барқароршавии ҳокимияти нав буд, ки ҳадафи он бо озуқа таъмин намудани мамлакате буд, ки бар асари ҷанг ва ноором иҳои сиёсӣ ба буҳрони шадиди иқтисодӣ гирифтор шуда буд. Ин тадбир пешбинӣ мекард, ки амвол ва маводи хӯроквории ашхоси сарватманд мусодира шуда, барои ниёзҳои умумии ҷомеа ва эҳтиёҷоти омма

сарф карда шавад. Чунин сиёсат, тавре ки интизор мерафт, вокунишҳои мухталифро дар миёни мардум ба вуҷуд овард.

Дар «Тозиёна-3», масъалаи тазминот аз ду ҷиҳат мавриди баррасӣ ва баҳогузорӣ қарор гирифтааст:

1. Назарияи мухолифон ба тазминот: Қисмати муайяни ашхоси сарватманд ва соҳибони моликият бо тазминот шадидан мухолиф буданд ва онро ҳамчун ғасби амволи шахсӣ ва зулм аз сӯи ҳукумат қабул мекарданд. Муаллиф тавассути оҳанги киноявӣ ва ҳаҷвии худ ишора мекунад, ки ин гурӯҳ тамоми дороии худро «бо заҳматҳои фавқулодда» ҷамъоварӣ карда, барои ҳифзи он тамоми воситаҳоро истифода мекарданд ва ҳаргиз ба сиёсати ҳукумат муҳаббат пайдо намекарданд:

«Ин масъалаи тазминот буд, ки ҳангоми кишт, ҳангоми обёрӣ ва ҳангоми дарав рӯҳашон ҳам ҳозир набошад ва ҳангоми хирман мисли Азроил, ки барои гирифтани ҷони одам биёяд, ҳозир шаванд…» [487, с.5].

→ Ин ишора ба рафтори соҳибони моликият, ки барои ҷамъоварии сарвати шахсии худ талош мекарданд, вале ҳангоми зарурати кумак ба ҷомеа ва пардохти андозҳо аз масъулияти шаҳрвандии худ канораҷӯӣ менамуданд, равона шудааст.

2. Мавқеи ҷонибдорони тазминот: Муаллиф тазминотро на танҳо аз ҷиҳати сиёсӣ, балки аз нигоҳи ахлоқӣ ва ҳатто мазҳабӣ низ дуруст мешуморад. Ӯ ба ин масъала бо истинод ба Қуръон ва меъёрҳои шариат наздик мешавад:

«Инсон ҳар гоҳ давлатманд шавад, туғён мекунад, аз андоза мегузарад…»

→ Ин ишора ба рафтори ашхоси сарватманд мебошад, ки ҳангоми ҷанги шаҳрвандӣ худро фақир вонамуд мекарданд, аммо баъдтар бо тӯю маъракаҳои серхарҷ ва худнамоишдиҳӣ дороии худро ошкор менамуданд.

Муаллиф бо ишора ба ҳолати эрониёни Боғишамол таъкид мекунад, ки чӣ гуна баъзе шахсон, ки ҳангоми гуруснагӣ худро бечора вонамуд мекарданд, баъдтар бо харҷи ҳазорҳо сӯм намоишкорӣ менамуданд:

«Масалан, эрониёни Боғишамол, ки ба сад ҳуққаву найранг аз тазминот халос шуда буданд, худашонро аз гуруснагӣ ба муши мурда мезаданд, чӣ тавр

шуд, ки тӯйҳои тантанадор карда, аз сад то дусад ҳазор сӯм харҷ менамоянд? Ин туғён нест, пас чист?»

Дар ин ҷо мафҳуми «туғён» (мутакаббирӣ ва худнамоишдиҳӣ) ҳамчун яке аз хислатҳои инсонӣ мавриди танқид қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллиф, сарватмандон на танҳо моликияти худро ҳифз мекарданд, балки бо василаҳои гуногун аз тақсими одилонаи он дар ҷомеа саркашӣ менамуданд.

Матни «Тозиёна-3» аз ду қисмати муҳими ҳаҷвӣ иборат аст:

1. Танқид аз худнамоишдиҳии сарватмандон → Муаллиф таъкид мекунад, ки баъзе ашхоси сарватманд бо баҳонаҳои гуногун худро фақир нишон дода, либоси кӯҳна мепӯшиданд ва дар байни мардум бо намуди зоҳирии мазлумона ҳаракат мекарданд. Аммо вақте ки зарурати маъракаи хурсандӣ ба миён меомад, онҳо сарватмандии худро бо ҷалби ашхоси дигари пулдор ба ин чорабиниҳо фош менамуданд:

«Ин туғён омада ба дороҳои расмии ҳукуматӣ низ расидааст...»

2. Танқид аз мансабдорони риёкор → Дар ин ҷо на танҳо сарватмандон, балки бархе аз кормандони давлатӣ низ мавриди интиқод қарор гирифтаанд. Ин ишора ба он аст, ки баъзе мансабдорони замон, ки бо шиорҳои адолат ва ҳуқуқи баробар сари кор меомаданд, дар асл худашон дар фасод ва худнамоишдиҳӣ ғӯтавар буданд.

Бар асоси таҳлили матолиби «Тозиёна-3» ва масъалаи тазминот метавон ба чунин натиҷаҳое расид:

1. «Тозиёна-3» яке аз аввалин матолиби танқидии журналистикаи тоҷик аст, ки масъалаи баробарии иҷтимоӣ ва тақсимоти сарватро аз нигоҳи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ мавриди баҳс қарор додааст.

2. Муаллиф бо истифода аз киноя, ҳаҷв ва далелҳои мазҳабӣ нишон медиҳад, ки дар ҷомеа ашхоси сарватманд бо баҳонаи заҳмати зиёд ҷамъ кардани molу мулк аз адолати иқтисодӣ саркашӣ мекарданд.

3. Истифодаи истилоҳи «туғён» дар матлаб на танҳо ҷанбаи ахлоқӣ дорад, балки ба мафҳуми идеологии мубориза бар зидди табақаи сарватмандон дар доираи сиёсатҳои Ҳукумати Шуравӣ иртибот мегирад.

4. «Тозиёна-3» бо ҳадафи ошкор намудани ноадолатиҳои иҷтимоӣ, фош кардани риёкории баъзе мансабдорон ва ҳимояи ғояи баробарии иқтисодӣ навишта шудааст.

5. Бо вуҷуди он ки тазминот яке аз тадбирҳои баҳсбарангез буд, муаллиф ба ҷонибдорӣ аз он баромада, аз сарватмандон талаб мекунад, ки дар ҳаёти ҷомеа саҳми воқеии худро гузоранд, на ин ки танҳо ба худнамоишдиҳӣ ва худтабаррӯъ машғул шаванд.

6. Истифодаи услуби танз ва киноя дар «Тозиёна-3» нишон медиҳад, ки дар ин давра матбуоти тоҷик ба таври фаъол барои шакл додани афкори ҷамъиятӣ ва танқиди равандҳои иҷтимоӣ талош мекард.

«Тозиёна-3» на танҳо як матлаби ҳаҷвии журналистӣ, балки шоҳиди таърихии муборизаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар оғози асри XX мебошад. Он равшан нишон медиҳад, ки масъалаи адолати иқтисодӣ ва тақсимоти сарват ҳамеша дар ҷомеа бо вокунишҳои мухталиф рӯбарӯ мешуд.

Дар муҳтавои «Тозиёна-3», муаллиф ба воситаи услуби танз ва таҳлилҳои равшану муассир, як навъ манзараи зиндагии иҷтимоӣ, риёкорӣ ва худнамоишдиҳии сарватмандонро ба тасвир кашида, хонандаро ба андешаронӣ водор месозад.

Дар ниҳоят, метавон гуфт, ки «Тозиёна» ҳамчун аввалин минбари ҳаҷвии журналистикаи тоҷик, на танҳо барои танқиди масъалаҳои иҷтимоӣ, балки барои ташаккули шинохти навини рӯзноманигорӣ ва нақши матбуот дар ҷомеа замина гузошт.

«Тозиёна-4», ки дар арафаи иди Наврӯз нашр шудааст, бо луғатҳои ҳаҷвӣ ва шеваи тамасхуромез хонандагонро ба андеша водор месозад. Муаллиф бо оҳанги танзомез таъкид мекунад, ки ба муносибати Наврӯз мехоҳад ба хонандагон чанд луғати чарбу ва равғанӣ ҳадя намояд, ки таъми он то соли дигар аз димоғашон берун наравад. Ин баён аллакай сабки шӯхиомез ва танқидии матлабро муайян менамояд.

**1) «Муҳибби матбуот»**

Муаллиф дар ибтидо шахсони худро «ҳомии матбуот» вонамудкунанда, вале дар асл бепарво ва хасис будани баъзе сарватмандонро мавриди танқид қарор медиҳад. «Муҳибби матбуот» шахсест, ки ҳарчанд барои кори хайр як тин сарф намекунад, маблағи калон, «сад ҳазор манот»-ро дар як шаб дар қиморхонаи Бародарон Бурҷувозов барои «хидмати ҳазрати қарто» ба харҷ менамояд».

→ Ин ишора ба шахсони сарватмандест, ки сарфи пулро барои корҳои беҳуда (мисли қимор) ҷоиз медонистанд, вале барои обуна шудан ба маҷалла ва дастгирии матбуоти тоҷик худро нотавон ва бепул вонамуд мекарданд.

Дар идома таъкид мешавад, ки чунин шахсҳо ҳангоми даъват ба обуна шудан ҳамчун шахсони «покдоман» ва «парҳезгор» худро муаррифӣ карда, баҳона меҷӯянд:

«Вакили моро ба мисли як «абуси қамтир» аз дар меронад, ки пули ман махлут ба ҳаром аст ва розӣ намешавам, ки ба сандуқи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» даромада боиси таназзули он бишавад!»

→ Ин баён нишон медиҳад, ки шахсони сарватманд бо баҳонаҳои ахлоқӣ аз обуна шудан ба матбуот саркашӣ мекарданд, дар ҳоле ки онҳо маблағҳои бузургро барои корҳои беҳуда харҷ менамуданд.

**2) «Гуноҳи пинҳонӣ»**

Дар ин луғат муаллиф ба дугунагии ахлоқӣ ва риёкории бархе аз мансабдорон ишора мекунад.

«Гуноҳи пинҳонӣ – он аст, ки садри як кумитаи муътабара дар хонаи худ зиёфати шоҳона барпо намуда, дар он зиёфат барои хӯришҳои гуногун ва машруботи рангобаранги панҷоҳ ҳазор манот сарф кунад, ду-се нафар баччаҳои парирӯро бараҳна карда бозӣ дорад…»

→ Ин ишора ба он шахсоне мебошад, ки дар сатҳи ҷомеа худро ҳамчун «муҳофизони ахлоқ ва арзишҳо» муаррифӣ мекунанд, вале дар асл бо амалҳои ғайриахлоқии худ аз нигоҳи ахлоқ ва қонун бояд ҷазо бигиранд.

«Дар айни гармии маҷлис як нафар аз ҳамсоягонаш, ки замоне ба воситаи харидани як шиша шароб ӯро як ҳафта ба ҳабс гирифтор карда буд, аз ин кор огоҳӣ ёфта, ба милиса иттилоъ диҳад...»

→ Ин қисмат намоишгари риёкорӣ ва ноадолатии ҳукуматдорони фасодзада аст. Ин шахс дар зоҳир тартиботро риоя мекунад, вале худ қонуншикан аст.

**3) «Кӯсаи ришпаҳн»**

Дар ин луғат, муаллиф бо ёрии тавсифи ҳаҷвӣ ва истифодаи киноя мафҳуми риёкорӣ дар миёни рӯҳониёнро мавриди таҳлил қарор медиҳад.

«Кӯсаи ришпаҳн – он аст, ки шахси муқаддасе барои се моҳ нигоҳ доштани вуҷуҳоти шаръӣ (маблағи хайрия) дар хазинаи ҷамъияти хайрия розӣ нашуда, ба ҳурмати он дусад ҳадиси обдор тарошад, ки ҳабси вуҷуҳот ҳаром аст».

→ Яъне, ин шахс бо истифода аз таълимоти динӣ, амали худро дуруст нишон дода, онро қонунӣ месозад.

«Вале дар зимн худи ҳамон шахс аз пули вуҷуҳот савдогарӣ намуда, се-чор ҳазор манот манфиат кунад ва як тин аз ин манфиатро ба ҷамъияти хайрия надиҳад, ки ман ба нияти тӯй ин тиҷоратро кардаам ва бояд, ки онро ба тӯйи худам харҷ намоям!»

→ Дар ин нукта муаллиф танқид мекунад, ки шахсони мазҳабӣ на танҳо аз маблағҳои хайрия суиистифода мекунанд, балки барои сафед кардани амали худ аз далелҳои динии сохта истифода мебаранд.

**4) «Муфсиди беғараз»**

Дар ин луғат, муаллиф бо оҳанги ҳаҷв беасос будани баъзе амалҳои «хайрхоҳона»-ро фош менамояд.

«Муфсиди беғараз – шахсе аст, ки аз қуввати имонаш ба қасди хидмати башарият кафши муллоеро пок карда, барои нарм шудани он ба зеру рӯяш равғани зайтун бимолад, ки пои мубораки мулло озор наёбад…»

→ Ин ишора ба дурӯягӣ ва хушомадкорӣ нисбат ба рӯҳониён аст.

«Вале ин кафш лағжонак шуда, ҳангоме ки мулло мехоҳад аз пиллагони масҷид боло шавад, ногаҳон лағжида бияфтад ва даҳонаш пур аз хун шуда саҳни

масҷидро наҳс кунад. Сипас фаррошро гирифта кӯтаккорӣ намояд, ки малъун чаро ба пиллагон равғанҳои вақфро рехтай?»

→ Ин қисмат бо иронияи нозук ишора мекунад, ки бештари амалҳои зоҳиран «хайрхоҳона» дар асл зиёновар буда метавонанд.

**Бар асоси таҳлили «Тозиёна-4» чунин хулосаҳо бароварда мешаванд:**

1. «Тозиёна-4» бо шеваи ҳаҷв ва танз падидаҳои иҷтимоии нангинро ошкор мекунад, аз ҷумла хасисӣ ва бепарвоии сарватмандон, фасоди мансабдорони давлатӣ, риёкорӣ дар миёни рӯҳониён ва тамаллуқкорӣ нисбат ба шахсони мансабдор.
2. Муаллиф бо истифода аз услуби киноявӣ ва тасвирҳои ҳаҷвӣ нишон медиҳад, ки чӣ гуна шахсони доро барои корҳои беҳуда маблағи зиёд харҷ мекунанд, аммо барои дастгирии матбуот ва корҳои хайрӣ аз пардохти хурдтарин маблағ худдорӣ менамоянд.
3. Риёкорӣ ва дурӯягии бархе аз мансабдорон ва рӯҳониёни мутаассиб дар «Тозиёна-4» тавассути тасвирҳои ҳаҷвӣ фош гардида, хонандаро ба андеша водор месозад.
4. Муаллиф бо истифода аз ҳикояҳои воқеӣ ва луғатҳои ҳаҷвӣ тавонистааст муносибати ҷомеа бо масъулияти иҷтимоӣ ва адолати иқтисодиро ба танқид кашад.
5. «Тозиёна-4» идомаи рушди ҳаҷви сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар матбуоти тоҷик буда, ҳамчун як шеваи нави рӯзноманигорӣ таъсири худро ба матбуоти минбаъда расонид.
6. Ин гӯша дар ташаккули анвои ҳаҷвии адабиёти навини тоҷик ва таҳкими равандҳои танқидии матбуот нақши муассир дошт ва ҳамчун як қолаби нави публисистикӣ боқӣ монд.

«Тозиёна-4» аз нахустин таҷрибаҳои муваффақи ҳаҷви публисистӣ дар матбуоти тоҷик ба ҳисоб меравад, ки бо забони бурро ва услуби киноявӣ падидаҳои иҷтимоиро ба риштаи танқид мекашад.

Гӯшаи ҳаҷвии «Тозиёна» дар «Шуълаи инқилоб» яке аз бахшҳои ҷолиб ва серхонанда буд, ки тавассути танзу мутоиба масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва

сиёсиро мавриди баҳс қарор медод. Омили асосии маъруфияти «Тозиёна», қабл аз ҳама, равиши мустақими интиқодии он ва ҷасорати нашрия дар рӯшан кардани нуқсонҳои ҷомеа буд.

Аз шумораи зиёди номаҳои хонандагон, ки дар гӯшаи «Тозиёна» бо сарлавҳаи «Мактуб ба идораи «Тозиёна» чоп мешуданд, бармеояд, ки хонандагон на танҳо ба маводи нашрия таваҷҷуҳ доштанд, балки бо он ҳамкории фаъолона мекарданд.

Муҳимтарин ҷанбаҳои ин номаҳо чунин буданд:

1. Муҳокима ва пешниҳоди масъалаҳои иҷтимоӣ
2. Таъкиди камбудиҳои маъмурони давлатӣ ва рӯҳониён
3. Дархост барои таҳқиқ ва баррасии ҳолатҳои фасод
4. Пайравӣ ба услуби танзомези «Тозиёна» дар навишти номаҳо

Яке аз намунаҳои ҷолиби нома, ки дар «Тозиёна» нашр шудааст, аз Чаҳорҷӯй ирсол гардида, бо ибораи «аз Чаҳорҷӯй аз тарафи машҳадии ғоибу ломашҳадии ҳозир» оғоз мешавад. Муаллиф аз шунидани таъсиси Ҷамъияти хайрия дар Боғишамол, ки ба эҳёи маърифату тарбияи исломӣ машғул буд, хушҳол шуда, ба Самарқанд сафар кардан мехоҳад, то дар ин кори хайр саҳм гузорад. Аммо дар роҳ ба ӯ хабар мерасад, ки ҷамъият баста шудааст. «Бо фитнаи муллонамоён, ки аз ин кор ба неъмати дастархонашон костагӣ расидааст, ҷамъияти мазкур баста шудааст».

Дар натиҷа муаллиф бо изтироб роҳи худро бозмегардонад ва нигарон аст, ки мабодо ҷамъияти мавҷудаи маҳалли ӯ низ чунин сарнавишт ёбад. Вай аз идораи маҷалла хоҳиш мекунад, ки сабаби баста шудани ҷамъиятро шарҳ диҳанд.

Идораи маҷалла масъалаи мазкурро таъйид намуда, изҳор медорад, ки бо фитнаву туҳмати як гурӯҳи муллонамоён, ки мавқеи худро зери хатар эҳсос карда буданд, ҷамъият баста шудааст. «Муллонамоён бо фитнаву туҳмат ҷамъиятро танҳо ду моҳ фаъолият кардан монданд, аммо ҳоло он дубора ба кор оғоз кардааст».

Ин ҷо ду нуктаи муҳим зикр мешавад:

1. Фаъолияти ҷамъиятҳои хайрия, ки барои тараққиёти маънавӣ ва иҷтимоии мардум кӯшиш мекарданд, зери фишори гурӯҳҳои манфиатҷӯ қарор мегирифт.

2. Идораи «Шуълаи инқилоб» мавқеи ошкоро гирифта, зидди муллонамоён изҳори назар кардааст, ки ин амр барои матбуоти он давра як нававарии ҷасурона буд.

Илова бар ин, дар поёни нома шеъре бо номи «Шикоят аз фалак» чоп шудааст, ки андешаҳои хонандагонро боз ҳам возеҳтар мекунад:

Эй фалак, аз гардишу зулми ту дод,
Ҳавдаҷи шаръи мубин додӣ ба бод.
Маҷлиси хайрияро кардӣ хароб,
Аҳли ҳақ гардид аз қайдат кабоб…[213, с.7]

Ин иқтибос баёнгари он аст, ки афроди зиёде аз табақаи равшанфикрон ва мардумони одӣ нисбати барҳам хӯрдани ҷамъиятҳо ва маҳдуд гардидани озодиҳои маданӣ изҳори нигаронӣ мекарданд.

Ҳодисаҳои сӯиистифода аз мансаб ва қудрат танҳо дар байни рӯҳониён маҳдуд набуд. Шуълаи инқилоб ба масоили тазкияи (тозакунии) сафҳои ҳизби коммунист низ диққати ҷиддӣ додааст. Баъзе афрод ба сафҳои ҳизб бо нияти шахсӣ ворид шуда, фаъолияти мардумозорӣ ва худпарастонаи худро идома медоданд.

Ин мавзуъ дар «Тозиёна-6» инъикос шудааст: «Гург дар либоси меш бисёр аст! Ҳар гоҳ ҷаноби гург диданд, ки бо ин шакли қашангу зоҳирӣ ба даруни рама дохил шаванд, пеш аз он ки дандони муборакашон ба гӯшт бирасад, чӯпонҳои золим чунон чӯб ба фарқи шарифашон кӯбанд, ки мағзи сарашон аз димоғашон фурӯ резад».

Ин иқтибос як мантиқи муҳимро ифода мекунад:

1. Шахсоне, ки бо ниқоби нав вориди сафҳои ҳизб шуданд, нохост аз амалҳои қаблии худ даст накашиданд.

2. Бо вуҷуди тағйири сохти давлатӣ, ба принсипҳои кӯҳнаи худ содиқ монданд ва бо усулҳои нави ҳифзи манфиат машғул шуданд.

3. Мақомоти ҳизбӣ дар ниҳоят маҷбур шуданд, ки сафҳои худро поксозӣ намоянд.

Агар дар шумораҳои аввали «Тозиёна» танқид бештар умумӣ ва ишораҳо рамзӣ мешуданд, дар шумораҳои баъдӣ ҷуръати идораи маҷалла бештар гардида, номҳои шахсони гунаҳкор низ ба таври рӯшод оварда шуданд.

Дар «Тозиёна-6» чунин шахсият мавриди танқид қарор гирифтааст: «Ҳар гоҳ ҷаноби Мирзо Юлдош Қодирзода булшавек набуданд, оё метавонистанд панҷ манот пули мардумро бигиранд, порчаи моли халқро бихӯранд, ба зану бачаи аҳолӣ даст дароз намоянд? Албатта не!.. Вале бо ин либос миллион-миллион пулу моли миллатро ба унвони пора хӯрданд…».

Таҳлили муҳтавои ин изҳорот:

1. Зикри шахс бо номи аслияш аввалин бор дар матолиби ҳаҷвии «Шуълаи инқилоб» рӯи кор меояд.

2. Фасоди молӣ ва маънавии мансабдорони навро рӯшан баён мекунад.

3. Танҳо пас аз ҳабс шудани ин шахс, маҷалла тавонист ӯро ба таври ошкор танқид кунад.

«Ҳоло, ки мо ҷуръат пайдо кардаем, аз баракати ҳабси эшон аст».

Ин иқтибос нишон медиҳад, ки ҳатто барои матбуоти он замон танқиди шахсони мансабдор кори хатарнок маҳсуб мешуд.

**Хулосаи ин бахши таҳқиқ чунин аст:**

**1.** Гӯшаи «Тозиёна» ҳамчун нахустин гӯшаи ҳаҷвии матбуоти тоҷик муносибати фаъоли хонандагонро ба нашрия ташаккул дода, матбуотро ба як василаи муҳими танқидӣ ва иҷтимоӣ табдил дод.

**2.** Мавзуъҳои баррасишуда, аз ҷумла, фасод, риёкорӣ ва сӯиистифода аз мансаб, нишон медиҳанд, ки ҷомеаи даврони инқилобӣ бо мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ ва ахлоқӣ рӯ ба рӯ буд.

**3.** «Тозиёна» бо тавассути забони танзу ҳаҷв ба ошкор кардани масъалаҳои муҳим кумак намуда, дар ташаккули афкори иҷтимоӣ нақши калидӣ бозид.

4. Танқиди шахсони воқеӣ, ки дар шумораҳои баъдӣ сурат гирифт, нишон дод, ки нашрия ҷуръати бештар пайдо кард ва ҳамчун як василаи интиқоди сиёсӣ ва иҷтимоӣ амал намуд.

Дар «Тозиёна-8» яке аз масъалаҳои муҳими сиёсӣ, ки ба рафтори мунофиқон ва миллатфурӯшон марбут аст, мавриди баррасии танқидии бадеӣ қарор гирифтааст. Забони ин асар дорои равонӣ, ҷозибаи махсус ва саршор аз санъатҳои бадеӣ буда, ба андешаи муҳаққиқи маъруф, М. Муродӣ, дар он «муносибати душманонаи туркигароён ба таври пичинг ва бо маҳорати баланд ишора гардидааст». Бо вуҷуди таҳлили амиқи ин ҳикоя дар таҳқиқоти адабӣ, мутаассифона, дар китоби муҳаққиқи зикршуда иштибоҳоти техникӣ мушоҳида мешавад, ки рақами ҳикоят ба хатоӣ ҳамчун «Тозиёна-7» (16 октябри 1920) ба ҷои «Тозиёна-8» (14 октябри 1920) зикр гардидааст. Бо вуҷуди ин, аҳаммияти баланди мавзуъ, тарзи баён ва ҷанбаи бадеии ин ҳикоят аз омилҳои муҳиме мебошанд, ки арзиши онро дар матбуоти танқидии он давра бештар ба намоиш мегузоранд.

Маводи мазкур бо мисраи пурмаънои зерин оғоз меёбад: «Ҳар лаҳза ба як шакли он бути айёр дароед!», ки худ гувоҳи мавҷудияти шахсиятҳои гуногунандешу дуруя дар ҷомеа мебошад. Дар идома, муаллиф таъкид мекунад: «Мегӯянд, ки амир барои он мағлуб шуд ва Бухоро ба дасти болшевикҳо афтод, ки ҳазрати Баҳоуддин ҳам болшевик шуда буданд… Зеро, ки агар ҳазрати Баҳоуддин болшевик намешуданд, албатта, муриди эшон ба ин ҳама танаффуре, ки аз болшевикҳо доштанд, болшевик намегардиданд» [487, с.5]. Ҳадафи муаллиф аз овардани ин мисол зоҳир сохтани ҳолати гузариши ногаҳонии ашхоси бонуфуз аз як мавқеи сиёсӣ ба мавқеи дигар ва истифодаи он ба манфиати шахсӣ мебошад.

Ба эҳтимоли зиёд муаллифи ин ҳикоя худи Саидризо Ализода мебошад, зеро дар яке аз сафарҳояш ба Бухоро бо як шахси тарғиботгари ашаддии инқилоб, ки қаблан низ мешинохташ, вохӯрдааст. Ин шахс дар гузашта зидди инқилоби машрутаи Эрон (1906-1908) ва мактабҳои ҷадид фаъолият карда, худро аз инқилобгарон дур мегирифт. Аммо пас аз ба вазифаи масъул дар ҳукумати

Шуравии Бухоро таъйин шудан, якбора симои худро тағйир дода, ба яке аз ҷонибдорони фаъоли инқилоб табдил ёфтааст. Аз ҳама муҳимтар, ин шахс аз забон ва миллати аслии худ низ рӯй гардонида, худро узбек эълон кардааст: «Ин ҷаноб… аз ҷадидӣ ва тараққӣ чунон мутанаффир ва безор буданд, ки узбакнамоёни Самарқанд аз тоҷикӣ ва форсӣ!.. Аз ин истинбот мекунам, ки албатта эшон ба пири худ Ҳазрати Баҳоуддин тақлид карда, болшевик шудаанд» [487, с.5]. Ин андешаи танқидӣ муносибати мунофиқона ва гузариши ногаҳонии шахсиятҳоро дар замони тағйироти бузурги сиёсӣ ифшо мекунад.

Тавре ки муҳаққиқон таъкид намудаанд, дурӯягиву замонасозии ин гуна афрод натанҳо аз ҷониби идораи «Тозиёна» мавриди танқид қарор гирифтааст, балки ҳамчун падидаи манфии иҷтимоии он давра ба нафрату адовати зиёиён сабаб гаштааст [371, с.13]. Дар ҳамин замина, дар ҳикоя масъалаи «ҳиллаи шаръӣ» низ матраҳ мешавад. Дар мақолаи публитсистии «Мусоҳибаи ислом, охунд ва ҳотифулғайб», ки қаблан дар ҳамин маҷалла ба нашр расида буд, ишора мегардад, ки охундҳо (муллоҳо) барои пӯшонидани гуноҳҳои худ аз «ҳиллаҳои шаръӣ» истифода мекарданд. Қаҳрамони ҳикоя низ аз авлоди мулло буда, бо ҳамин усули риёкорона мехоҳад гуноҳу хатои худро пӯшонад.

Дар ҳамин замина дар луғатномаи маҷалла истилоҳи нави «ӯзбакнамо» илова гардидааст. Ин мафҳум дар мақолаи мазкур чунин тавзеҳ меёбад: «Ӯзбакнамо гуфтаму як матлаби аҷибе ба ёдам омад. Дар Самарқанди мо чанд нафар пайдо шуданд, ки ҳафт пушташон тоҷик, яъне форсанд. Далелаш ҳам он аст, ки то дирӯз онҳо аз калимаи «ӯзбак» чунон нанг мекарданд, ки Лулойд Ҷурҷ ба гуфтугӯ кардан бо вакили мо Комирнуф. Ҳар гоҳ касе эшонро саҳван «ӯзбак» меномид, худо паноҳ диҳад!.. Гӯри падари одамро месӯхтанд, даъвогар шуда, одамро ба маҳкамаи адлия мекашиданд, ки чаро маро ӯзбак хондӣ?.. Имрӯз намедонам чӣ шуда ба онҳо, ки худро ӯзбак ба қалам дода, аз форсӣ ҳарф задан ор менамоянд... Ин ҳам фоидаи «Тозиёна», ки дорои як луғати тозадор шуд, ки он ҳам иборат аз «ӯзбакнамо» мебошад» [487, с.5].

Аз ин рӯ, ифодаи «ӯзбакнамо», ки маънои шахсеро дорад, ки ӯзбек нест, вале худро ӯзбек нишон медиҳад, нахустин бор дар ҳамин мақола истифода

шудааст. Ин истилоҳ ҳамчун як мафҳуми нави иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар баррасии ҳолати тағйирёбии шахсиятҳо дар муҳити сиёсати миллӣ ва фарҳангии давраи мавриди назар ба назар мерасад.

Саидризо Ализода на танҳо то ин давра, балки баъдан низ дар эҷоди ҳикояҳои ҳаҷвӣ маҳорати баланди худро нишон додааст. Тавре ки Ҳайёт Неъмати Самарқандӣ ишора мекунад, «Саидризо Ализода мақолаҳои ҳаҷвии худро бо 15 имзои мустаор, аз ҷумла, «Мулло Ҷунбул», «Коргар», «Ситамдида», «Баҳлул», «Занбӯр», «Шапалоқ», «Тозиёна», «Ч» «Чарандгӯй», «Боғишамолӣ», «Ранҷбар», «Наштар», «Мушти ғоиб»...» таълиф намуда, онҳоро дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ба нашр мерасонид [434, с.76]. Ин далел аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти Ализода дар рушди жанри ҳаҷв ва публитсистикаи танқидии тоҷик саҳми назаррас гузоштааст. Бо вуҷуди ин, омӯзиши амиқтари масъала ва шинохти комили осори ӯ таҳқиқоти иловагӣ талаб мекунад, ки дар доираи таҳқиқоти мо ҷой намегирад.

Ҳамин тавр, мақолаи мавриди назар бо таҳлили амиқи масъалаҳои сиёсӣ, танқиди дуруягиҳои шахсиятҳои мунофиқ ва миллатфурӯшон, инчунин истифодаи истилоҳоти нав дар забони матбуоти он давра аҳаммияти назарраси таърихӣ ва адабӣ пайдо мекунад. Услуби баён, забони ҷаззоб ва андешаи қавии иҷтимоии муаллиф ин асарро ба як намунаи барҷастаи ҳаҷви матбуоти тоҷик табдил додааст.

Бояд қайд кард, ки «Тозиёна-14», ки дар шумораи охирини маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ба нашр расидааст, аз лиҳози шакл, мазмун, сабк ва услуб то андозае аз шумораҳои қаблии ин гӯша фарқ мекунад. Сабки эҷодии Саидризо Ализода бо мухтасарбаёнӣ, истифодаи образҳои равшан, бадеият ва ворид намудани лексикаи халқӣ хос мебошад. Аммо маълум аст, ки дар вақти нашри шумораи охирини маҷалла, худи С. Ализода дар Ватан набуд. Аз ин рӯ, эҳтимол меравад, ки муаллифи «Тозиёна»-и охирин шахси дигар бошад.

Ин шумора нисбатан ҳаҷман калон буда, масъалаҳои гуногунро фаро мегирад, ки аз ҷумлаи онҳо мавзуи танзими маъракаҳо ва мубориза бар зидди унсурҳои бегона ҳамчун мавзуъҳои меҳварӣ матраҳ гардидаанд. Масъалаи

танзими маъракаҳо ва камхарҷ гузаронидани онҳо ҳанӯз дар оғози асри XX таваҷҷуҳи зиёиён ва мутафаккирони ҷомеаро ба худ ҷалб намуда буд. Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки баррасии ин масъала аввал дар рӯзномаи «Бухорои шариф» оғоз ёфта, сипас дар маҷаллаи «Оина» ба таври муфассал матраҳ гардидааст, махсусан дар мақолаҳои Муҳаммад Беҳбудӣ ва дигар муаллифон. Ин мавзуъ дар «Шуълаи инқилоб» бо тарзи ҳадафмандона баррасӣ шуда, тавассути он гунаҳкорони маъракаҳои серхароҷот муайян гардида, барои ислоҳи ин вазъ пешниҳодҳои мушаххас ироа шудаанд.

Ҷолиб он аст, ки масъалаи танзими маъракаҳо то ба имрӯз низ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хоси худро нигоҳ дошта, дар сатҳи давлатӣ ва ҷамъиятӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, бо қабули қонуни махсус дар ин самт пешрафтҳои назаррас ба даст омадаанд.

Ҳикояи нашри охирини «Тозиёна» бо масъалаи худписандӣ ва «туғён»-и шахсони мансабдор ва сарватманд оғоз мешавад, ки дар натиҷаи худхоҳӣ ва манманӣ гирифтори фалокат шудаанд. Муаллиф таъкид мекунад, ки дар шароити нави сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ашхоси сарватманд ва мансабдор, ки дар гузашта дорои нуфуз ва қудрати баланд буданд, акнун ба дасти ҳукумати болшевикӣ афтода, дар вазъияти комилан дигар қарор гирифтаанд.

Муаллиф бо шеваи ҳаҷвӣ ҳолати сарватмандонеро тасвир мекунад, ки қаблан ҳатто корҳои шахсии худро бо дасти дигарон иҷро мекарданд, аммо акнун маҷбур шудаанд худ ба корҳои ҷисмонӣ машғул шаванд: «Вале рӯзе дидам, ки чанд нафар давлатмандони машҳури шаҳри мо, ки пеш аз инқилоб ҳатто истинҷои худро ҳам ба дасти дигарон мекарданд, акнун камарҳо аз миён баста, дар дасташон белу каланд, ҷорӯбу сатил, кӯчаҳоро мерӯбанд, гулҳоро тоза мекунанд. Дар атрофи онҳо ду-се нафар қаровули туфангдор истода, ҳар дам: «Роботой буржуй!» мегӯянд, агар даме сустӣ варзанд, бо қундоқи туфанг таҳдид мекунанд…» [393, с. 5].

Ин порча бо истифодаи тасвирҳои таъсирбахш вазъияти тағйирёфтаро ба таври намоён нишон медиҳад. Онҳое, ки қаблан худро соҳибнуфуз ва аз ҳама болотар медонистанд, акнун ба корҳое машғул шудаанд, ки дар гузашта ҳатто

тасаввурашонро намекарданд. Муаллиф ин гузаришро ҳамчун як ибрати таърихӣ барои афроде, ки мансабу сарватро василаи ситам ва золимона рафтор кардан бо мардум қарор дода буданд, ба риштаи таҳлил кашидааст.

Дар идома, ҳодисаи мушаххасе оварда мешавад, ки дар он шахси сарватманд ва мансабдор ба далели золимӣ ва худхоҳии аз ҳад зиёдаш баъди инқилоб комилан шикаста ва беқудрат шудааст. Ин шахс, ки қаблан ҳатто васиқаи хонаро ба соҳибаш барнамегардонд, бо такаббур гуфта буд:

«Падарсӯхта, туро чӣ ҳадде, ки аз ман эрод мегирӣ, намедонӣ, ки числони бонки подшоҳӣ ҳастам, алъон метавонам падаратро аз гӯр дароварам!» [393, с. 5].

Бо овардани чунин мисолҳо муаллиф ба танқиди сахти он ашхосе мепардозад, ки дар замони ҳукумати амирӣ бо истифода аз мақоми худ бар мардуми одӣ ситам раво медиданд ва дар баробари адолат ҳеҷ масъулият эҳсос намекарданд. Дар зимн, ин ҳикоят нишон медиҳад, ки бо тағйири низоми сиёсӣ сарнавишти ин гуна шахсон низ комилан дигар шудааст ва онҳое, ки қаблан дигаронро таҳқир мекарданд, худашон гирифтори таҳқир ва зулм гаштаанд.

Дар маҷмуъ, «Тозиёна-14» ҳамчун шумораи охирини гӯшаи танқидӣ ва ҳаҷвии маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» бо услуб ва мазмуни худ аз шумораҳои қаблӣ фарқ мекунад. Дар ҳоле ки осори қаблии Саидризо Ализода бо мухтасарбаёнӣ, бадеияти баланд ва истифодаи образҳои зинда хос буд, дар ин шумора сабки нависанда то андозае тағйир ёфта, матлаб дар шакли муфассал ва бо ҷузъиёти бештар пешниҳод гардидааст. Чунки эҳтимол меравад, ки муаллифи ин шумора шахси дигаре бошад, ки бо равиши дигари нависандагӣ фаъолият кардааст.

Дар сатҳи умумӣ, ин ҳикоят на танҳо танқиди шахсиятҳои муайянро дар бар мегирад, балки як таҳлили амиқи иҷтимоӣ низ мебошад. Масъалаи тағйири радикалии вазъияти шахсони мансабдор ва сарватмандон дар натиҷаи таҳаввулоти сиёсӣ бо як забони ҳаҷвӣ ва таъсирбахш тасвир ёфта, як навъ ҳушдор барои ҷомеа низ ба ҳисоб меравад. Ин гузориш таъкид мекунад, ки ҳар

шахсе, ки аз ҳад зиёд такаббур варзида, бар зидди мардум зулм мекунад, дар ниҳоят бо чунин сарнавишти талх рӯ ба рӯ хоҳад шуд.

Муаллиф дар «Тозиёна-14» болшевиконро ҳамчун «балои осмонӣ» ва фалокате тасвир кардааст, ки пас аз туғёни инсон бар сари давлатмандон нозил мешавад. Дар ин замина, ӯ таъкид мекунад, ки баъзе бойҳо барои рӯйпӯш кардани дороии худ ба корҳои одии ҷисмонӣ машғул мешаванд, аз қабили кӯчарӯбӣ ва корҳои хоксорона, то худро бечора ва заҳматкаш вонамуд созанд. Баъзан онҳо ҳатто «як даст либоси кӯҳна ва чиркин ҳам дар бар намуда, худро бечора ва заҳматкаш ба назар медиҳанд», ё барои тақия ва наҷот додани дороии худ ба косибӣ ва деҳқонӣ машғул мешаванд.

Муаллиф дар идома ба ҳукумати болшевикон маслиҳат медиҳад, ки ба найрангҳои давлатмандон дода нашаванд, тиллову тангаи онҳоро, ки ба зери замин нуҳуфтаанд, пайдо намуда, мусодира кунанд ва соҳибони онҳоро «ба сазояшон бирасонанд». Ҳамзамон таъкид мекунад, ки бархе аз ин қаллобони ҳирфаӣ на танҳо моликияти худро махфӣ медоранд, балки «ба рӯи худ ниқоби болшевикӣ пӯшида, ба камоли осудагӣ мардуми бечораро азоб медиҳанд». Аммо хушбахтона, ба гуфтаи муаллиф, болшевикони аввал, ки дар оғоз «содаву гӯл» буданд, акнун «муддате шогирдии шайтонро карда, аз вай ҳам устодтар шуданд». Вай бо ҳангомасозии публитсистӣ менависад, ки «оқибат онҳо «очистка партӣ» (тозакунии ҳизб)-ро ба роҳ монда, ин гуна афродро аз даргоҳи иззат ба партгоҳи зиллат чунон партоб карданд, ки лаззат ва кайфҳои чорсолаи эшон аз димоғашон фурӯ рехт».

Муаллиф дар бораи тӯйҳои пурдабдабаи «заҳматкашнамоён» низ сухан ронда, таъкид мекунад, ки онҳо барои корҳои хайр ҳатто як тин сарф намекунанд, балки «ҳамсояи фақири худро як сӯ гузошта, аз як фарсах роҳ давлатмандонро ба тӯяшон даъват намуда, зиёфат мекунанд» [393, с. 6]. Ӯ афзудааст, ки чунин шахсон, монанди муллоёнамоён, барои худ «ҳиллаи шаръӣ» сохтаанд, ки мувофиқи он пули онҳо, ки тавассути ришва, қаллобӣ, қиморбозӣ, рибо ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ ба даст омадааст, бояд ба мутрибону раққосон дода шавад, на ба фақирону масокин, зеро «луқмаи онҳост, ки ҳаром мешавад ва моро

машғули зимма мегардонад». Муаллиф бо шеваи ҳаҷвӣ нишон медиҳад, ки чунин ҳиллаи шаръӣ имкон додааст, ки як давлатманд барои хатнасури писараш 40-50 миллион сӯм масраф кунад.

Сипас, вай ҳодисаи дигареро нақл мекунад, ки дар он намояндагони кумиссияи гуруснагон ва ҷамъияти хайриявӣ бо шунидани саховати як шахси сарватманд ба хонааш намояндагонро мефиристанд, то ӯро барои кумак ба ятимон ташвиқ намоянд. Вале сарватманд онҳоро бо дашномҳо аз дари хонааш меронад. Муаллиф ҳамчунин мисоли дигареро пеш меорад, ки ба аттор ва заргаре рабт дорад, ки аз обуна ба маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» сарпечӣ кардаанд: «Ҳамон аттор ва заргар дар як рӯз ба маҷлиси шароб ним миллион харҷ мекунанд. Аммо барои пардохтани сӣ ҳазор сӯм барои обунаи маҷалла чашмонашон чунон аз ҳадақа берун мешавад, ки гӯё ҳазрати Азроил қабзи рӯҳашон мекунад» [393, с. 7].

Бо итминон метавон гуфт, ки ҳаҷв дар саҳифаҳои нашрияҳои аввали асри XX на танҳо бо публитсистика, балки бо адабиёти бадеӣ низ тавъам буда, нашрияҳои мазкур дар ташаккули ҳама жанрҳо, аз ҷумла жанри ҳаҷв, нақши калидӣ бозиданд. Ин раванд ба инкишофи жанри алоҳидаи адабиёти бадеӣ мусоидат кард, ки дар таҳаввули матбуоти тоҷик ва таҳкими алоқаи он бо адабиёт нақши муҳим дошт.

Аз мисолҳои зикршуда ба назар мерасад, ки дар ин осор унсурҳои бадеӣ фаровон истифода шудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба забону услуби зинда, оҳанги баланди бадеият, санъатҳои сухан ва тасвирҳои ҷаззоб ишора кард. Дар робита ба ин, муҳаққиқон таъкид намудаанд: «Бисёр мавзуъҳои насри бадеӣ, ки аз ҳаёт бармеоянд, аз ҷиҳати муҳимму рӯзмарра буданашон байни публитсистика ва насри ҳақиқатан бадеӣ робитаи сахт ба вуҷуд овардаанд». Ин раванд дар матолиби ҳаҷвии «Шуълаи инқилоб» ба таври равшан мушоҳида мешавад. Хулоса, жанри ҳаҷв дар аввали асри XX на танҳо як василаи танқиди иҷтимоӣ ва сиёсӣ буд, балки бо рушди худ робитаи матбуотро бо адабиёти бадеӣ мустаҳкам кард ва дар ташаккули ҷаҳонбинии иҷтимоии ҷомеа нақши бориз гузошт.

Бояд таъкид кард, ки ҳаҷви мансабдорони беинсоф, дуруя, шахсони ҳуқуқхӯр ва фориғбол, ки меҳвари асосии маводи гӯшаи «Тозиёна»-ро ташкил медод, дар шароити аввали солҳои бистуми асри XX кори осон набуд. «Барои фош кардани рафтору муносибати ин қишри ҷомеа мушоҳидакорӣ, дақиқназарӣ ва ҷуръати касбӣ, ки имрӯз унсур ва аломати асосии журналистика маҳсуб мешаванд, дар фаъолияти аҳли қалами «Шуълаи инқилоб», хусусан масъулини «Тозиёна», ба таври равшан эҳсос мешавад».

Муаллифони «Тозиёна» дар мавриди ба чолиш кашидани амалҳои норавои мансабдорон, аз ҷумла, ришвахорӣ, манфиатҷӯӣ, ситам ва бепарвоии онҳо, ба касе гузашт накарда, онҳоро ошкоро мавриди танқид қарор додаанд. Ба назар мерасад, ки маҳз танқиди ошкоро ва бепардаи муҷримон таъсири амиқи худро гузоштааст, зеро баъди нашри шумораи 14-уми «Тозиёна» дар шумораи ниҳоии маҷалла, ки 8 декабри соли 1921 ба табъ расид, фаъолияти «Шуълаи инқилоб» низ қатъ гардид.

Аҳаммияти вежаи гӯшаи ҳаҷвию танқидии «Тозиёна»-и «Шуълаи инқилоб» дар он зоҳир мешавад, ки дар он, монанди мақолаҳои сиёсӣ ва байналмилалӣ, масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ошкоро ва бо далерӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, мавриди танқид ва мазаммати бевосита қарор дода шудаанд. Аз ин ҷиҳат, маҷаллаи мазкур дар муқоиса бо нашрияҳои қаблӣ як қадам пештар рафта, анъанаи танқиди воқеӣ ва ошкороро ба вуҷуд овардааст.

Маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ҳамчун нахустин нашрияе, ки гӯшаи махсуси ҳаҷвӣ таъсис додааст, дар ташаккули матбуоти ҳаҷвӣ дар Тоҷикистон саҳми назаррас гузошт. Он на танҳо аз мероси адабиёти классикии тоҷик ва адабиёти шифоҳӣ самаранок истифода бурд, балки аз таҷрибаи адабиёти пешрафтаи ҳамондавраи Шарқ ва матбуоти пешқадами минтақа низ баҳраманд гашт. Танҳо баъд аз он, дар нашрияҳои минбаъдаи тоҷик, аз ҷумла «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик», гӯшаҳои махсуси ҳаҷвӣ таъсис ёфтанд, ки дар оянда ба ташкили нашрияҳои алоҳидаи ҳаҷвию танқидӣ замина гузоштанд.

Маҳз матбуоти аввалини тоҷикӣ буд, ки дар ташаккули адабиёти муосири тоҷик дар тамоми жанрҳо, аз ҷумла жанри ҳаҷв, нақши аввалиндараҷа бозид. Дар

натиҷа на танҳо ҳаҷви сиёсӣ ва иҷтимоӣ ташаккул ёфт, балки анъанаи матбуоти танқидӣ ба вуҷуд омад, ки ба инкишофи шуури иҷтимоӣ ва худшиносии миллӣ мусоидат намуд.

**Аз баррасӣ ва таҳқиқи фасли мазкур метавон чунин хулоса кард:**

**1. Поягузории гӯшаи ҳаҷвии матбуоти тоҷик.** Маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» бо таъсиси гӯшаи махсуси ҳаҷвӣ ва танқидии «Тозиёна» ибтидои ташаккули ҳаҷви матбуотӣ дар Тоҷикистонро гузошт. Ин гӯша на танҳо ба танқиди ошкорои мансабдорони беинсоф ва шахсони ҳуқуқхӯр нигаронида шуда буд, балки бо такя ба анъанаҳои адабиёти классикии тоҷик ва таҷрибаи матбуоти пешрафтаи Шарқ, махсусан нашрияҳои «Мулло Насриддин» ва «Сури Исрофил» сабку муҳтавои тоза пайдо кард. Дар ин замина, ҳунари танзнигорӣ ва усулҳои интиқодӣ, ки бо мазмуни иҷтимоиву сиёсӣ омезиш ёфта буданд, ба таври назаррас рушд карданд. «Тозиёна» ҳамчун минбари интиқод ва ошкорсозии нуқсонҳои ҷомеа хидмат намуда, дар таҳаввули минбаъдаи жанри ҳаҷви матбуотӣ таъсири муҳим гузошт.

**2. Истифодаи анвои гуногуни ҳаҷв ва таъсири мероси адабӣ.** Гӯшаи «Тозиёна» аз анъанаҳои ҳаҷвии адабиёти классикии тоҷик, аз ҷумла осори Убайди Зоконӣ, ҳаҷвиёти мардумӣ, ва ҳамзамон аз таҷрибаи матбуоти Эрон, Туркия ва Қафқоз таъсир пазируфтааст. Дар ин гӯша усулҳои танзу киноя, муқоисаву таънаҳои сиёсӣ, луғатномаҳои ҳаҷвӣ ва муаммоҳои интиқодӣ васеъ истифода мешуданд, ки ба ташаккули услуби хоси ҳаҷви сиёсӣ мусоидат намуд. Навовариҳои мазмунӣ ва услубии ин бахш на танҳо ба матбуоти он давра, балки ба рушди минбаъдаи жанри ҳаҷвии тоҷик замина гузоштанд. Бо истифода аз ибораву ташбеҳоти интиқодӣ, он тавонист воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоиро бо шеваи дақиқ ва таъсирбахш инъикос намояд.

**3. Инъикоси масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва сиёсӣ.** Матолиби «Тозиёна» ба баррасии масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва сиёсӣ равона шуда буданд. Дар онҳо мушкилоте чун мансабталошии афроди фурсатталаб, сӯиистифода аз қудрат, ришвахорӣ, худфиребии ҷомеа ва фиреби мардум тавассути ниқобҳои идеологӣ ба таври интиқодӣ мавриди таҳлил қарор

мегирифтанд. Ин бахш нақши фаъоли мансабдорони дурӯя ва шахсоне, ки вобаста ба вазъи сиёсӣ мавқеи худро дигар мекарданд, ошкор менамуд. Инъикоси воқеиятҳои сиёсӣ дар муҳити маҳдуди озодии баён яке аз вежагиҳои хоси ин гӯша маҳсуб мешуд, ки он ба ҷуръати таҳлил ва шеваи танқидии афроди огоҳ такя мекард.

**4. Вусъати жанр ва таъсири он ба матбуоти минбаъда.** Пас аз нашри «Тозиёна» жанри ҳаҷв дар матбуоти тоҷик тадриҷан рушд намуда, гӯшаҳои ҳаҷвии махсус дар нашрияҳои минбаъда, аз ҷумла, «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» ташкил шуданд. Ин раванд минбаъд боиси таъсиси нашрияҳои махсуси ҳаҷвӣ гардид, ки ҳамчун воситаи муассири интиқоди иҷтимоӣ ва сиёсӣ хидмат мекарданд. Васеъ шудани доираи истифодаи усулҳои ҳаҷвӣ дар матбуоти тоҷик нишондиҳандаи таъсири амиқи «Тозиёна» ба рушди шаклҳои нави танқидии иҷтимоӣ ва бадеӣ дар нашрияҳои минбаъда буд.

**5. Ҷуръат ва самимият дар танқиди ҷомеа.** Муаллифони «Тозиёна» дар шароити мураккаби солҳои 1920 бо истифода аз услуби танқидии дақиқ ва бе пардапӯшӣ, воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоиро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ҷуръат ва далерии баланди касбӣ-и онҳо дар интиқоди қишрҳои нуфузнок ва шахсиятҳои сиёсӣ нишон медиҳад, ки «Шуълаи инқилоб» ҳамчун минбари муҳимиислоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ амал мекард. Забони бурро, истифодаи ибораҳои муассири танқидӣ ва сабки таъсирбахши ин гӯша дар замони худ падидаи нодир маҳсуб мешуд. Ҳамин хусусиятҳо боис гардиданд, ки ҳаҷви «Тозиёна» ба як абзори муассири фошсозии зиддиятҳои ҷомеа табдил ёбад.

**6. Сабабҳои эҳтимолии қатъ шудани нашрия.** Шояд яке аз сабабҳои асосии қатъ гардидани «Шуълаи инқилоб» ва аз байн рафтани гӯшаи «Тозиёна» маҳз ҷуръати баланди танқидии он ва интиқоди ошкорои шахсони мансабдор ва гурӯҳҳои нуфузнок бошад. Эҳтимол меравад, ки Шурои ҳокимияти вақт, ки дар таҳкими сохторҳои идеологии худ қарор дошт, интиқоди озодонаи матбуотро таҳдид ба мавқеи худ меҳисобид. Ба назар мерасад, ки Шумораи 14-уми «Тозиёна», ки дар шумораи ниҳоии маҷалла ба нашр расид, гунаи ҷамъбасти фаъолияти интиқодии нашрия низ ба ҳисоб мерафт. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки

озодии баён ва интиқоди иҷтимоӣ дар он давра бо маҳдудиятҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ буд.

**7. Таъсири дарозмуддати «Тозиёна» ба ҳаҷви тоҷик.** Гӯшаи «Тозиёна» на танҳо як падидаи муваққатӣ дар таърихи матбуоти тоҷик, балки як поягузори анвои нави ҳаҷвии матбуотӣ ва адабӣ гардид. Бисёр унсурҳои ҳаҷвии он, аз ҷумла шеваи таҳлили танқидӣ, корбурди кинояҳои сиёсӣ ва лаҳни шадиди публитсистӣ, дар жанрҳои минбаъдаи ҳаҷвии матбуоти тоҷик ва адабиёти бадеӣ боқӣ монданд. Бо таъсири «Тозиёна», танқиди иҷтимоӣ ва ҳаҷви сиёсии тоҷик дар давраҳои минбаъда, хусусан дар даҳаи 1930 ва баъд аз он, рушд намуда, ба таҳаввули минбаъдаи ҳаҷви реалистӣ мусоидат намуд.

## 3. 3. Мазмунҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар насру назми «Шуълаи инқилоб»

Маромнома ва низомнома ҳамчун санадҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳар як нашрия хизмат намуда, самти асосии фаъолияти онро муайян месозанд. Дар ин замина нахустин маротиба рӯзномаи «Бухорои шариф» масъалаи зарурати таҳияи чунин санадҳоро ба миён гузошта, таъкид намуда буд, ки ҳар гуна ҷамъият, қабл аз ҳама, бояд маромнома ва низомномаи худро таҳия намояд. Дар асоси ин принсип, маромномаи нашрияҳо дар шиносномаи онҳо сабт мегардид. Маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» низ дар шиносномаи худ чунин сабт намудааст: «Маҷаллаи ҳафтагии сиёсӣ ва иҷтимоӣ аст, нашири афкори кумитаи фирқаи иштирокиюни вилоятӣ мебошад».

Бо вуҷуди он ки «Шуълаи инқилоб» ҳамчун нашрияи ҳизбӣ фаъолият менамуд, доираи ҳадафҳои он танҳо ба тарғиби афкор ва сиёсати ҳизбӣ маҳдуд набуда, масъалаҳои муҳими миллӣ, аз ҷумла мушкилоти забон, таълиму тарбия ва фарҳанги тоҷикро низ дар бар мегирифт. Баррасии мӯшикофонаи маводи нашрия нишон медиҳад, ки ангезаҳои аслии таъсиси он бештар дар таҳкими мавқеи забони тоҷикӣ ва дифоъ аз манфиатҳои фарҳангии миллат асос ёфта буданд. Дар арафаи Инқилоби Октябр ва солҳои аввали Ҳукумати Шуравӣ дар қаламрави Туркистони Осиёи Марказӣ аксаран нашрияҳои русӣ ва ӯзбекӣ фаъолият доштанд. Дар саҳифаҳои ин нашрияҳо ахбор ва ё матолиби кӯтоҳе ба забони тоҷикӣ хеле кам нашр мегардиданд. Дар қаламрави Аморати Бухоро бошад, пас аз қатъи фаъолияти «Бухорои шариф», дигар ягон рӯзномаи тоҷикӣ ба табъ нарасида буд.

Дар чунин шароит, дар солҳои 1918 то 1928, сиёсати маҳдудсозии забони тоҷикӣ ва мавҷудияти миллии тоҷикон шакли барномавӣ гирифта, бар зидди мавҷудияти фарҳангии тоҷикон амалҳои ҷиддии сиёсӣ анҷом дода мешуданд. Ин вазъият чунон шадид буд, ки на танҳо забон, балки худи номи тоҷик дар вартаи нобудӣ қарор гирифта буд. Дар чунин вазъ Саидризо Ализода, муҳаррир ва ташаббускори нашрияи «Шуълаи инқилоб», бо истифода аз фурсати сиёсӣ нашри рӯзномаро таҳти пуштибонии ҳизби ҳоким ташкил намуд. Ба андешаи

устод Садриддин Айнӣ, Ализода бо баҳонаи он ки афкор ва ғояҳои ҳизби коммунист бояд ба аҳолии эронии Боғишамоли ноҳияи Самарқанд бо забони худашон расонида шавад (зеро онҳо ба забонҳои русӣ ва туркӣ огоҳӣ надоштанд), «Шуълаи инқилоб»-ро бар пояи забони форсӣ таъсис дода, онро нашири расмии Кумитаи ҳизбии вилояти Самарқанд эълон намуд.

Дар натиҷа дар як шароити ниҳоят душвор ва печида, замоне ки таъқиб ва фишорҳои сиёсӣ нисбати тоҷикон авҷ мегирифт ва аксарияти зиёиёни тоҷик барои ҳифзи мавқеи худ зери сояи пантуркистҳо қарор мегирифтанд, «Шуълаи инқилоб» ҳамчун нахустин маҷаллаи тоҷикии Шуравӣ таъсис ёфт ва дар тӯли фаъолияти худ (аз 10 апрели соли 1919 то 8 декабри соли 1921) дар маҷмуъ 91 шумора нашр гардид.

Бастаи ягонаи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб», ки имрӯз дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон маҳфуз аст, нишон медиҳад, ки саҳифаҳои аввалини нашрия ба иллати истифодабарии зиёд ва гузашти замон фарсуда шудаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили умумии маводи боқимонда нишон медиҳад, ки услуби маъмул дар ин маҷалла асосан даъватӣ, хитобавӣ ва муколимавӣ буда, дар он мақолаҳои тарғиботию ташвиқотӣ, таҳлили ҳаёти ҳизбӣ, ахбори ҷаҳон ва адабиёт мавқеи меҳварӣ доштанд.

Дар таҳқиқоти мазкур кӯшиш шудааст, ки матолиби адабӣ, публитсистӣ ва заминаҳои ташаккули шеъру публисистикаи сиёсӣ дар солҳои аввали инқилоб баррасӣ карда шаванд. Бо вуҷуди он ки шумораҳои аввали маҷалла дар ҳолати нохуб қарор доранд, аз ҷумлаҳои боқимонда пай бурдан мумкин аст, ки матолиби он бо эҳсосоти баланд ва оҳанги интиқодӣ навишта шудаанд.

**Мақолаҳои публитсистии ин маҷалла бо хусусиятҳои зерин фарқ мекунанд:**

1. Бадеияти баланди баён
2. Муроҷиати мустақим ба хонанда
3. Хитоба ва оҳанги пурзӯр
4. Мавқеи устувор дар ҳимояи забон ва фарҳанги миллӣ

Масалан, дар мақолаи «Як сӯиқасди ғаразкорона ба маҷалла», масъалаи таъқиби забони тоҷикӣ бо чунин шиддат баён шудааст:

«Барои буридани забони як ҷамоаи Туркистон, ки тақрибан ду миллион нуфус дорад, шамшерҳои худро тез карданд…»

«Агар шумо яқин доред, ки ҳамаи ин форсҳо ва тоҷикҳое, ки дар деҳаҳо ва шаҳрҳои дигари Туркистон зиндагонӣ мекунанд, аз забони модариашон даст кашида ва безор шудаанд, биёед собит бикунед… Матлаби шумо ҷои дигар аст. Маҷаллаи мо чун ноширӣ афкори фирқаи иштирокиюн аст ва маслаки ин фирқаро тарвиҷ мекунад, лиҳозо шумо дар ҳақиқат дар зидди фирқаи иштирокиюн ҳастед» [165, с.3].

Саидризо Ализода дар ин мақола неруҳои зидди забони тоҷикӣ ва тоҷиконро ҳамчун душманони ҳизби коммунист муаррифӣ намуда, бо истифода аз мавқеи ҳизбӣ ба дифоъ аз забон, миллат ва фарҳанги тоҷикӣ бархостааст.

Дар муқоиса бо дигар нашрияҳои пешини тоҷикӣ, ба монанди «Бухорои шариф» ва «Оина», ҷанбаи сиёсӣ ва иҷтимоии «Шуълаи инқилоб» хеле пурқувват ва фаъолона ба назар мерасад.

- Агар «Бухорои шариф» бештар ба ташвиқи маорифпарварӣ ва бедории фикрии мардум тамаркуз карда бошад,
- Агар «Оина» ба муаррифии муҳтавои маорифпарварӣ ва мадании миллат таваҷҷуҳ дода бошад,
- «Шуълаи инқилоб» беш аз ҳама ба масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии навин нигаронида шуда, забон ва фарҳанги миллиро бо истифода аз василаи муборизаи ҳизбӣ дифоъ менамуд.

Далели муҳими бозгӯкунандаи рӯҳияи миллии Саидризо Ализода ва ҳаммаслакони ӯро метавон дар сармақолаҳои «Шуълаи инқилоб» мушоҳида намуд. Дар яке аз сармақолаҳо ба таври мушаххас таъкид шудааст, ки дар аксар вазифаҳои роҳбарӣ ва ҳизбӣ асосан русҳо ва русзабонҳо ҷой гирифта, иштироки мардуми маҳаллӣ дар сохторҳои давлатӣ ва ҳизбӣ камранг боқӣ мондааст. Масалан, аз 200 нафар узви як анҷуман танҳо 60 нафар, аз 75 нафар узви Кумитаи иҷроияи марказии вилоят бошад, ҳамагӣ 26 нафар мусалмон мебошанд ва

аксарияти онҳо тоторҳо ҳастанд. Муаллиф пешниҳод намудааст, ки барои фаҳмондани ғояҳои ҳизбӣ ва ҷалби бештари мардуми маҳаллӣ ба раванди сиёсӣ, намояндагони тоҷик низ ба вазифаҳои роҳбарӣ ҷалб карда шаванд.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи мақолаҳои публитсистии «Шуълаи инқилоб» дар он аст, ки онҳо бо забони сода ва фаҳмо, ибораҳои пуробуранг ва истифодаи фаровони мақол ва гуфтори халқӣ навишта шудаанд. Ин услуби баён ба асари бадеӣ наздик буда, бо сабки зинда ва таъсирбахши худ тавонистааст диққати хонандагонро ба масъалаҳои муҳими сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҷалб намояд. Аз ин рӯ, ин гуна матолиб дар таҳқиқи таъсирпазирии матбуот ва адабиёт ҳамчун намунаи равшан мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар мақолаҳои нашрия оҳанги афсӯсу дареғ аз нотавонии мардуми меҳнаткаш, бахусус форсизабонон, мушоҳида мешавад. Ин матолиб ба таври бадеӣ, бо ифодаҳои пурмазмун ва образнок навишта шудаанд. Масалан, дар яке аз онҳо чунин омадааст: «Мо гӯё ба зулму ситам кашидан хӯ гирифтаем. Мо гӯё ки фақат барои кашидани бори дигарон офарида шудаем. Мо аз ин зиндагии хорӣ ва расвоӣ ҳеҷ ҷудо нашудем» [93, с.2].

Яке аз фарқиятҳои назарраси «Шуълаи инқилоб» аз нашрияҳои қаблии тоҷикӣ дар он буд, ки дар тӯли фаъолияти худ дар ҳар шумора мақолаҳои сиёсӣ нашр мешуданд. Ба илова, мақолаҳои сиёсӣ дар «Шуълаи инқилоб» нисбат ба нашрияҳои дигар, ҳатто, нисбат ба баъзе нашрияҳои муосир, хусусияти таҳлилӣ дошта, ҳамеша муаллифдор буданд. Ҳар як ҷамъомад, воқеаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақа, кишвар ва ҷаҳон, муносибатҳои байналмилалӣ аз сӯи мухбирони махсуси маҷалла мавриди таҳлил қарор гирифта, нуқтаи назари муаллиф ба таври равшан баён мегардид.

Қисми зиёди ин мақолаву сармақолаҳоро Саидризо Ализода ва баъд аз моҳи декабри соли 1919 Садриддин Айнӣ навиштаанд.

Дар шаш моҳи аввали фаъолияти маҷалла, то давраи танаффуси маҷбурии он, тамоми сармақолаҳо, хабарҳо ва мақолаҳои муҳими дохиливу байналмилалӣ аз тарафи муҳаррир – Саидризо Ализода навишта мешуданд. Бинобар ин, метавон тахмин зад, ки Ализода мисли Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, ки танҳо корманди

асосии маҷаллаи «Оина» буд, бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ мешуд. Ғайр аз муҳарририи маҷалла, ӯ ҳамзамон котиби ҳизбии минтақа низ буд. Вале баъдтар, бо сабаби бори вазнини масъулият, ӯ бо навиштани ариза аз вазифаи ҳизбӣ истеъфо дод.

Дар эълоне, ки тамоми шаш моҳи аввал дар маҷалла чоп мегардид, қайд мешуд, ки барои идораи маҷалла муҳаррири иловагӣ лозим аст, ки қобилияти навиштани сармақолаҳоро ба забони форсӣ дошта бошад. Аммо то ин муддат хоҳишмандони чунин кор пайдо нашуданд. Баъд аз он ки баъд аз шаш моҳ идораи маҷалла аз қатъ шудани нашри худ хабар дод, яке аз сабабҳои асосии ин вазъ он буд, ки дар давоми ин муддат шумораи нафароне, ки барои нашрия мақола менавиштанд, ниҳоят кам буд.

Ба таври мушаххас, дар шаш моҳ ба идораи маҷалла ҳамагӣ шаш мақола ба забони форсӣ ворид шудааст. Ғайр аз ин, дар шумораи №11 (аз 26 июни соли 1919) аз мушкилоти дигари аввалиндараҷаи нашрия низ иттилоъ дода мешавад. Дар ин шумора қайд гардидааст, ки рӯзномаҳои русӣ ва туркӣ бо ҳуруфоти сурбӣ чоп мешаванд, аз ин рӯ дар раванди кории онҳо монеаҳои зиёд вуҷуд надорад. Вале «Шуълаи инқилоб» бо усули суннатии хаттотӣ чоп мешуд, то ки нашриёти он монеае барои чопи нашрияҳои туркӣ эҷод накунад.

Воқеан, танҳо як шумораи маҷалла бо ҳуруфи сангӣ ва бо сифати хеле паст чоп шудааст, аммо пас аз он чопи он бо усули анъанавии дастӣ идома ёфт. Аз ин рӯ, имрӯз метавон натиҷагирӣ кард, ки аз лиҳози ҳифзи сифат ва хонданбобии матн, интихоби усули анъанавии дастӣ барои нашри маҷалла дуруст ва ҳадафмандона будааст.

Таҳлили шумораҳои боқимонда нишон медиҳад, ки бо вуҷуди мушкилоти фаннӣ, маҷалла бо ҳуруфи дастнавис, хеле равшану хонданӣ ва бо хатти зебо интишор гардидааст, ба истиснои ҳамон шуморае, ки бо усули сангӣ чоп шуда буд.

Вазъи молиявии маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» низ бо гузашти вақт мураккабтар гардид. Дар шумораи №20, аз 18 сентябри соли 1919 таъкид шудааст, ки «нархи коғаз ва чоп ду баробар афзуда, агар миқдори муштариён

зиёд нашавад, хатари бастани маҷалла вуҷуд дорад». Ин вазъро сабабгори он донистаанд, ки маҷалла ҳамагӣ 300-400 муштарӣ дошта, пардохти хароҷоти моҳонаи 10 ҳазор сӯм ғайриимкон аст. Дар натиҷа идораи маҷалла маҷбур шудааст, ки нархи обунаро як баробар боло барад.

Дар шумораҳои минбаъда низ оид ба мушкилоти молиявӣ ва обуна ҳушдорҳо нашр гардиданд. Дар хабари «Ба нигорандагони гиромӣ!», ки дар ҳамон давра интишор шуд, маслиҳатҳои услубӣ барои нависандагон пешниҳод гардидаанд, ки нишондиҳандаи талошҳои идораи маҷалла барои беҳбудии забон ва услуби матолиби он мебошад. Дар он таъкид мешавад, ки: «...аз истеъмоли калимаҳои сахту нодири арабӣ худдорӣ карда, то метавонанд ба забони содаи форсӣ ва ба иборати ошкори авомфаҳм бинависанд. Ҳамчунин, калимаҳои арабӣ ва форсиро ба қоидаи арабӣ ҷамъ набаста, балки ба қоидаи форсӣ, ки тавассути «-ҳо» ё «-он» сурат мегирад, ҷамъ созанд. Яъне ба ҷойи «фараоин» - фармонҳо, «ҳозирун» - ҳозирон, «навиштаҷот» - навиштаҳо, «макотиб» - мактабҳо, «шуаро» - шоирон ва монанди инҳо ҷамъ оваранд».

Бо ин тадбирҳо маҷалла кӯшиш мекард, ки забони нашрияро содатар ва оммафаҳмтар гардонад, ки ин яке аз вежагиҳои асосии он дар муқоиса бо дигар нашрияҳои ҳамондаврaӣ мебошад. Аз ҷиҳати услубӣ ва забонӣ, «Шуълаи инқилоб» дар муқоиса бо нашрияҳои баъдии тоҷикӣ, аз ҷумла «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш», дар тарзи баён ва истифодаи вожаҳо наздиктар ба услуби «Бухорои шариф» ва «Оина» буд. Ҳароси идораи маҷалла аз хатари басташавӣ асос дошт. Дар шумораи №22, аз 21 сентябри соли 1919, хабаре таҳти унвони «Хонандагон, Худо ҳофиз!» нашр гардид, ки дар он дар давоми шаш моҳи фаъолият зиёд нашудани теъдоди муштариён сабаби ногузири қатъ гардидани нашр эълон шудааст.

**Дар он гуфта мешавад, ки:**

- Шумораи обуначиён ҳатто ба 1000 нафар намерасад.
- Дар шаш моҳ ягон кумаки молиявӣ дастрас нашуд.
- Фаъолияти мухбирони маҷалла қаноатбахш набуд.
- Хароҷоти ҳармоҳаи маҷалла 25 ҳазор манотро ташкил медод.

- Кумитаи фирқаи иштирокиюни вилоятӣ аз нашри маҷалла 30 ҳазор сӯм зарар дидааст.

Бо дарназардошти ин вазъ, роҳбарияти кумита тасмим гирифта буд, ки минбаъд маҷалларо дар Тошканд нашр намояд.

Дар ниҳоят, идораи маҷалла бо таассуф изҳор дошт, ки «қаламамон шикаста гардид», ки ин ҳолат бозгӯи мушкилоти молиявӣ ва ноилмубадилии он дар муҳити сиёсиву фарҳангии ҳамон давра мебошад. Зикр бояд намуд, ки чандин нашрияҳои тоҷикӣ низ бо мушкилоти молиявӣ рӯ ба рӯ шуда буданд. «Бухорои шариф» аз норасоии маблағ ранҷ бурда, маҷбур шуд билетҳои махсус баровварда ба фурӯш гузорад. «Оина» низ бо сабаби набуди маблағ ва адами дастгирии молӣ баста шуд.

Бо вуҷуди эълони баста шудани маҷалла, он дигарбора фаъол гардид. Шумораи навбатии маҷалла пас аз як моҳу 25 рӯз, 8 декабри соли 1919, дубора аз чоп баромад.

Дар дебочаи ин шумора, муҳаррир Саидризо Ализода чунин изҳор доштааст, ки: «Маҷалла бо қувваи як нафар, он ҳам нокомил ва бетаҷриба, чоп мешуд. Акнун, бо иловаи ёрии моддии чанде аз афроди хайрхоҳ, ҳамчунин бо кумаки рафиқоне чун Ҳоҷӣ Муин-афандӣ, Айнӣ, Мухторӣ, Муҳаммадӣ, фаъолияти худро идома медиҳад». Аз шахсиятҳои зикршуда, устод Садриддин Айнӣ бештар аз дигарон ба ваъдаи худ вафо карда, барои нашрия мақолаҳои зиёд навиштааст. Ғайр аз ин, Айнӣ бо нашри мақолаҳои худ дар «Шуълаи инқилоб» қалами худро дар насри бадеӣ низ такмил дод.

Дар охири муроҷиати идораи маҷалла ба хонандагон чунин омадааст:

«Зинда бод ходимони матбуот!»

Яке аз хусусиятҳои хоси «Шуълаи инқилоб», ки онро аз дигар нашрияҳои тоҷикӣ фарққунанда месозад, истифодаи сабки муроҷиат, хитоба ва даъват дар мақолаҳои он мебошад. Ин услуб, ки бештар хоси нашрияҳои давраи инқилобӣ буд, дар «Шуълаи инқилоб» фаровон истифода шудааст. Дар «Оина» (1914) низ ин услуб мушоҳида мешуд, вале дар ҳаҷми камтар. Саидризо Ализода, ки дар «Оина» низ фаъолият дошт, аз ин услуб дар мақолаҳои соли 1919 фаровон

истифода намудааст. Оҳанги эҳсосотӣ ва истифодаи ифодаҳои пуробуранг дар мақолаҳои публитсистӣ ва сиёсӣ зиёд ба назар мерасад, ки боиси баланд шудани бадеият ва таъсирбахшии мақолаҳо гаштааст.

«Шуълаи инқилоб» нахустин нашрияе буд, ки дар он журналистони тоҷик масъалаҳои сиёсиро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор доданд. То Инқилоби Октябр, маорифпарварони тоҷик ба масъалаҳои сиёсӣ дахолат намекарданд. Афкор ва фаъолияти онҳо асосан ба ислоҳи маориф ва маданият маҳдуд мешуд. Баъд аз Инқилоби Октябр ва дигаргун шудани низоми давлатдорӣ, журналистони тоҷик ба масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва байналмилалӣ рӯ оварданд. Дар натиҷа қисми зиёди мақолаҳои «Шуълаи инқилоб» ба таҳлили сиёсати байналмилалӣ бахшида шудааст.

Фарқияти муҳими мақолаҳои байналмилалии маҷалла аз он иборат аст, ки:

- Аксари онҳо иқтибос ё тарҷумаи матолиби рӯзномаҳои дигар набуда, балки навиштаҳои худи кормандони маҷалла буданд.
- Маводҳои таҳлилӣ бо сабки публитсистӣ ва услуби мурочиату хитоба навишта мешуданд, ки ба онҳо сифати баланди бадеӣ мебахшид.
- Гузоришҳо аз ҷаласаҳои ҳукуматӣ ва ҳизбӣ низ бо таҳлил ва мавқеъгирии мушаххаси муаллифон нашр мешуданд.

Дар натиҷа «Шуълаи инқилоб» яке аз аввалин нашрияҳои таҳлилӣ дар матбуоти тоҷик гардид, ки равиши муосири журналистикаи сиёсиро рушд дод.

Дар шумораи №24 мақолаи «Роҷеъ ба ҳодисаи Масчо» ба нашр расидааст, ки дорои бархе андешаҳои қобили таваҷҷуҳ мебошад. Мақола бо чунин матн оғоз мегардад: «Шояд бештари хонандагони мо огоҳ бошанд, ки дар масофаи 24 фарсахии шаҳри Самарқанд маҳали (вулуси) Масчо воқеъ аст. Ин маҳал тақрибан 20 ҳазор нафар аҳолӣ дорад, ки ҳамаи онҳо форс мебошанд. Дар маҷмуъ, аҳолии маҳаллоти Масчо, Фолғар, Искандар, Киштут, Моғиён ва Фороб бо забони форсӣ гуфтугӯ мекунанд, ки аз забони деҳотиёни Эрон ҳеҷ фарқ надорад. Шояд инҳо дар замони пешин аз Эрон ба ин минтақаҳо муҳоҷират карда бошанд ва бинобар набудани омезиш бо туркҳо ва ӯзбекҳо, забони худро то имрӯз нигоҳ дошта бошанд».

Ин фарзияи муаллиф баҳсбарангез мебошад, зеро муҳоҷирати форсҳо аз ҳамвориҳои минтақаи Эрон ба минтақаҳои кӯҳии дурдаст ғайриимкон менамояд. Баръакс, тавре ки баъдтар донишмандони маъруфи Ғарб ва Шарқ исбот кардаанд, тоҷикон аз ҳамвориҳои Мовароуннаҳр ба самти Эрон муҳоҷират намудаанд ва дар ватани онҳо бештар туркзабонҳо мустақар шудаанд.

Дар мақола зикр мегардад, ки дар даврони ҳукумати подшоҳии Русия, сокинони Масчо ва атрофи он расман ба давлат итоат мекарданд, аммо дар амал мустақилона зиндагӣ менамуданд. Ҳатто, дар замони Ҷанги Якуми Ҷаҳон (1914–1916) аз ин минтақа мардикор ба фронт сафарбар нагардидааст. Пас аз Инқилоби Октябр, ҳайате аз ҷониби давлати Шуравӣ барои фаҳмондани манфиатҳои ҳукумати нав ба ин минтақа фиристода шуд. Аз ҷумла, тақрибан се моҳ пеш, дар моҳи сентябр – октябри соли 1919, ҳайати сулҳ, ки дар байни онҳо шахсиятҳои шинохта, ба мисли Мулло Иброҳим Саидкамолзода, ҳузур доштанд, бо сокинон мулоқот анҷом доданд.

Ба назар мерасад, ки дар ин давра унсурҳои хориҷӣ ба сохторҳои давлатӣ ворид гардида, вазъиятро ноором намуда ва эътибори давлатро костаанд. Дар натиҷа дахолати онҳо ба деҳоти Фолғар ва Искандар мушоҳида мешавад. Бо дарназардошти чунин вазъ, Кумитаи иҷроияи уезди Самарқанд ба номи волости Масчо талабнома ирсол намуда, ки матни он дар рӯзнома интишор шудааст. Дар муроҷиатнома таъкид шудааст: «Ба волоснои Масчо!.. Мо оромиши шуморо намехоҳем халалдор созем» ва бо оҳанги қатъӣ талаб гардидааст, ки онҳо набояд нисбат ба мардуми Фолғар ва Искандар, ки «низ мусулмонанд», рафтори зӯроварона анҷом диҳанд.

Ҳукумати Шуравӣ ва неруҳои низомии сурх ваъда додаанд, ки амнияти сокинони Масчоро таъмин хоҳанд кард. Ҳамзамон, огоҳӣ дода шудааст, ки дар сурати такрори чунин амалҳо, чораҳои қатъӣ андешида хоҳанд шуд. Қобили зикр аст, ки маҳз дар ҳамин ҳодисаҳои охири соли 1919, шоири тоҷик Туғрали Аҳрорӣ бинобар нофаҳмӣ қурбон гардид.

Дар ҳамон шумораи рӯзнома, мақолаи дигари публитсистӣ низ ба нашр расидааст, ки бо истифодаи ифодаҳои пуртаъсир, сабки бадеӣ ва калимаву

ибораҳои шоирона иншо гардидааст. Масалан, чунин ҷумлаҳо оварда шудаанд: «Аз он замоне, ки пардаи зулмонии истибдод дарида, обрӯи мустабидони рӯсиёҳ ба рӯи хоки сиёҳ рехта шуд, хуршеди ҳуррият ва озодӣ аз уфуқи инқилоб бе шитоб печутоб баровардa, осмони иттиҳоду якрангиро аз нури пурсури худ равшан ва мунаввар сохт»; «Сар аз гиребони андуҳ ва маъюсӣ берун карда…».

Яке аз шумораҳои ҷолиб, ки дорои муҳтавои таърихӣ ва ҳодисаҳои таъсирбахш мебошад, шумораи бахшида ба яксолагии кушта шудани маорифпарвари бузурги тоҷик Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ аст. Ин шумора 8 апрели соли 1920 нашр гардидааст. Саидризо Ализода ва ҳамкорони дигари ӯ, аз ҷумла Ҳоҷӣ Муин Шукруллоҳзода, ки фарзандхони Беҳбудӣ буд, нисбат ба шахсияти Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ эҳтироми баланд қоил буда, тамоми журналистони Осиёи Марказӣ ӯро устоди худ мешумурданд. Мавсуф бо ҳамроҳонаш дар Қаршӣ ба қатл расонида шудааст.

Саҳифаи аввал бо сармақолаи «Мотами бузурги умумӣ» оғоз мегардад: «Шаҳодати Маҳмудхоҷа на танҳо аҳолии Самарқандро мотамзада ва андуҳнок сохта, балки даҳ миллион миллати Туркистонро умуман, мутаассир ва доғдор намудааст. Имрӯз мусалмонони Самарқанд дар ивази он ҳама хизматҳои гаронбаҳои Беҳбудӣ изҳори қадрдонӣ ва ҳақшиносӣ карда, рӯҳи мубораку равони муқаддаси он шаҳидро аз худ розӣ ва хушнуд месозанд» [58, с.1].

Муаллифи сармақола С. Ализода эҳтироми хешро нисбат ба устодаш Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ иброз дошта, бо истифода аз ибораҳои пурмаъно, таъсирбахш ва образнок андешаҳои худро баён кардааст. Санъати такрор яке аз вежагиҳои ин матн мебошад: «Дар сояи заҳматҳои фавқулодаи он марҳум аввалин дафъа дар шаҳри мо китобхонаи исломӣ таъсис дода шуд. Шабҳо нахобид, рӯзҳо ором нагирифт, машаққатҳои мусофират ва азиятро таҳаммул кард, китобу рисолаҳо навишт, ҷарида ва маҷаллаҳо нашр намуд, мақолаҳо ва хитобаҳо иншо кард, то ин ки мусалмононро аз хоби ғафлат бедор ва аз гирдоби ҷаҳолат халос намуда, ба роҳи маданият ва маърифат раҳнамоӣ созад» [58, с.1].

Сипас, муаллиф ба фаъолияти баъдиинқилобии Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ишора намуда, таъкид мекунад, ки мавсуф дар ин давра низ барои манфиати

давлат ва миллат саҳм гузошта, «дар маҷолиси сиёсӣ ва маҳофили расмӣ ҳуқуқи сиёсӣ ва миллии мусалмононро ҳимоят намуд, дар беҳбудии вазъият ва сатҳи зиндагии онҳо мубориза бурд… Хуни Беҳбудӣ ва ёрони вай чунин хуне нест, ки беҳуда равад» (С. Ализода) [58, с.2].

Матни мазкур аҳаммияти таърихӣ дошта, ба шахсияти Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ва нуфузи ӯ дар миёни аҳолии Самарқанду Бухоро таъкид мекунад. Ӯ ҳамчун шахсияти бонуфузи илми динӣ ва ҳомии манфиатҳои мардуми мусалмон (муфтии мусалмонон), инчунин ҳамчун зиёии равшанфикр ва ватандӯст шинохта мешуд. Агар ӯ дар вазифае боқӣ мемонд ва пеш аз муҳлат ба қатл намерасид, метавонад барои халқҳои Осиёи Марказӣ хизмати бештаре анҷом диҳад.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ муассис ва муҳаррири нашрияҳои «Самарқанд» ва «Оина» буда, устоди Саидризо Ализода ба шумор мерафт. Дар рӯзномаҳои «Бухорои шариф» ва «Оина» мақолаҳое бо имзои «Боғишамолӣ» ба назар мерасанд, ки эҳтимолан муаллифи онҳо С. Ализода мебошад.

Дар мақолаи дуввум, ки бо имзои «Син.Мим» чоп шудааст, муаллиф аз афроди фидокоре ёдовар мешавад, ки ба хотири манфиати умум омодаанд аз ҳама чиз, ҳатто аз ҷони худ, бигузаранд. Ба ин муносибат, муаллиф ба таърихи ислом муроҷиат намуда, аз ҷумла тақдири Имом Муҳаммад Бухориро мисол овардааст, ки ба шарафи ӯ шаҳри Бухоро унвони «шариф» гирифтааст. Мавсуф дар замони зиндагӣ маҷбур ба тарки ватан гардида, дар деҳаи дурдасте иқомат намудааст. Сипас, муаллиф ба қиссаи Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ пардохта, ба чунин натиҷа мерасад, ки ӯ низ «ба саодати абадӣ пайваст». Ба андешаи муаллиф, Беҳбудӣ «сабаби умдаи фалокатҳои олами исломро дар ҷаҳлу фасоди ахлоқ ва одот» арзёбӣ намуда, тамоми умр бар зидди ин падидаҳо мубориза бурдааст.

Мақолаи сеюм, ки дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» нашр шудааст, «Мухтасари тарҷумаи ҳоли Беҳбудӣ» ном дошта, бо имзои «Мотамзада» ба табъ расидааст. Тибқи маълумоти ин мақола, Маҳмудхоҷа, писари Беҳбудхоҷа, 19 январи соли 1875 дар ноҳияи Самарқанд таваллуд ёфтааст. Дар ҷавонӣ, пас аз анҷоми таҳсили ибтидоӣ, дар қозихонаи маҳали Кобут ба ҳайси котиб фаъолият дошта, бинобар истеъдоди фитрии худ дар масоили фиқҳӣ маҳорат пайдо

мекунад ва ба мансаби муфтии гузар мерасад. Ӯ ба Ҳиҷоз сафар намуда, баъдан барои таҳсил ва таҳқиқ ба шаҳрҳои Русия, Қазон ва Уфа сафар кардааст.

Беҳбудӣ муддате ба рӯзномаҳои «Туркистон», «Вақт» ва маҷаллаи «Шуро» мақолаҳои илмӣ ва иҷтимоӣ менавишт. Даҳ ҷилд аз осори ӯ, ки ба масъалаҳои ҷуғрофия, таърих, театр, ҳисоб, ақида ва дигар мавзуъҳо бахшида шудааст, ба нашр расида, бар замми ин, шумораи зиёди таълифоти чопнашудаи ӯ низ боқӣ мондааст. Ӯ инчунин рӯзномае бо номи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Оина»-ро таъсис додааст. Муаллифи тарҷумаи ҳоли муфассали Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ Саидризо Ализода мебошад, ки чанде дар маҷаллаи «Оина» ба сифати котиби масъул фаъолият кардааст.

Марсияи Сиддиқӣ ба Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ бо оҳанги сӯзу гудоз иншо гардидааст: «Фиғон зи дасти ту эй чархи каҷраву бадхӯ!..» [359, с.6]. Ҳамчунин, марсияҳои Ҳоҷӣ Мулло Нодир ва Ф. Роҷӣ низ дар маҷалла ба нашр расидаанд. Ба қавли муаллифони маҷаллаи «Шуълаи инқилоб», ин шахсияти бузург бо адолатпарварӣ, талош барои рушди маърифат, таъсиси мактабҳои нав, нашрияҳо ва китобхонаҳо, инчунин бо фаъолияти густардаи тарғиботиву фаҳмондадиҳӣ миёни мардум, дар ҳифзи манфиатҳои онҳо дар байни аҳолӣ соҳиби обрӯ ва эътибори баланд гардидааст.

Дар бораи аҳаммияти афкор ва осори Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, инчунин сабабҳои фавти ногаҳонии ӯ, М. Шакурӣ чунин хулоса мекунад: «Беҳбудӣ дар байни обу оташ монда буд ва бо ду душмани пурзӯр мубориза мебурд. Яке аз ин душманон истибдоди феодалӣ ва таассуби динӣ-хурофотӣ буд. Душмани дигар мустамликадорӣ ва асорати миллӣ буд… Оқибат, ин ду душман ӯро ба ҳалокат расонид» [490, с.166].

Аз ҷиҳати адабӣ, дигаргуниҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар шеъри давр низ инъикоси васеъ пайдо намудаанд. Бо ин мақсад, тавре ки зикр шудааст, маҷалла гӯшаи «Адабиёт»-ро ташкил дода, ки он дар қариб ҳар шумора нашр мегардид. Дар ин бахш, ашъори гуногун, пеш аз ҳама, шеърҳои инқилобӣ, ба табъ мерасиданд. Умуман, шеърҳои ин давра бо хитоба, муроҷиат, даъват ва нидо фаро гирифта шуда буданд.

Дар мавриди шакли шеър низ навовариҳо мушоҳида мешаванд. Агар амиқ таҳлил карда шавад, тавре ки дар қисми дувуми таҳқиқот ишора гардидааст, навовариҳои мазмун ва сохт аз рӯзномаи «Бухорои шариф» оғоз гардида, дар «Шуълаи инқилоб» идома ёфта, ба авҷи худ, яъне инқилоби сиёсӣ, расид. Нишонаҳои аввалини шеъри озод, ки дар ашъори «Бухорои шариф» (соли 1912) мушоҳида мешуданд, соли 1918 бо шеъри «Марши ҳуррият»-и Садриддин Айнӣ рушд намуда, дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ба нашр расид.

То солҳои 1990-ум дар адабиётшиносии тоҷик чунин навовариҳоро ҳамчун таъсири адабиёти инқилобии рус, хусусан ашъори В. Маяковский, арзёбӣ мекарданд. Аммо имрӯз равшан шудааст, ки ҳадди ақал, шеъри «Марши ҳуррият»-и Садриддин Айнӣ то расидани ашъори В. Маяковский ба муҳити форсизабонон эҷод гардида буд. Ҳатто пеш аз Инқилоби Октябр чунин ашъор вуҷуд доштанд.

Раҳим Ҳошим адабиёти инқилобии тоҷикро ба се давра тақсим кардааст. Марҳилаи аввал солҳои 1918–1919-ро дар бар гирифта, ба нашри маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» рост меояд: «Марҳилаи аввали ин туғён бо «Суруди озодӣ»-и Садриддин Айнӣ оғоз шуд. Айнӣ дар ин давра шеърҳои худро, ки ба шарафи Инқилоби Октябр бахшида шуда буданд, ба табъ расонд. Ин шеърҳо аввалин ва аз беҳтарин намунаҳои адабиёти инқилобии тоҷик ба шумор мераванд… Як силсила шеърҳо дар солҳои 1919–1921 дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» бо ҳамин рӯҳияи инқилобӣ ба нашр расиданд» [447].

Ба гуфтаи Раҳим Ҳошим, марҳилаи дуюми адабиёти инқилобӣ ба соли 1920 рост омада, бо ашъори шоироне чун Мунзим ва Ҳамдӣ алоқаманд аст. Дар марҳилаи сеюм, ки бо таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон (соли 1924) оғоз мегардад, шеърҳои Абулқосим Лоҳутӣ, ки ба ҳайси «шоири сурх» шинохта мешуд, дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифтанд [447, с.86-87].

Дар баробари С. Ализода ва Садриддин Айнӣ, дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» муаллим Фахриддин Роҷӣ низ фаъолият мекард. Вай ҳамчун ҳамкори доимӣ дар пешбурди нашрия саҳм гузошта, ҳама мушкилот ва дастовардҳои онро ҳамроҳи дигар аъзои маҷалла паси сар кардааст. Фахриддин Роҷӣ дар ин

маҷалла фаъолиятҳои гуногунро иҷро намуда, ба қавли худ, қариб тамоми шумораҳои маҷалларо хаттотӣ кардааст [434, с.46].

Ҳамчун шоир Роҷӣ маҳз тавассути ҳамин маҷалла маъруф гардид. Дар шумораҳои мухталифи нашрия ашъори зиёди ӯ ба мавзуъҳои инқилоб, Ватан, озодӣ, табиат, меҳнат, маориф ва фарҳанг ба нашр расидаанд. Яке аз аввалин шеърҳои ӯ дар маҷалла манзумаи «Инқилобия» мебошад, ки бо шакли шеъри озод эҷод шуда, дар сафҳаи маҷалла низ бо сабки шикаста нашр шудааст.

Дар шеъри «Ватан» ҳодисаи муҳоҷирати мардуми меҳнаткаш дар солҳои аввали инқилоб инъикос гардида, шоир ба онҳо мурочиат намуда мегӯяд: «Марав, марав зи Ватан, ҷон фишон барои Ватан!». Вай илтиҷо мекунад, ки мардум Ватанро тарк накунанд ва онро ба дасти аҷнабиён насупоранд, балки дар хоки он меҳнат намуда, барои шукуфоии кишвар талош варзанд [323].

Дар аксари шеърҳои Фахриддин Роҷӣ калимаҳои «Ватан», «инқилоб», «ранҷбар», «меҳнат», ки бо ҳамдигар робитаи маъноӣ доранд, такрор ёфтаанд. Муаллиф аз сустии ранҷбарон изҳори норозигӣ мекунад, зеро онҳо барои ҳуқуқи худ талош намеварзанд ва бо душманон мубориза намебаранд. Дар шеъраш таъкид шудааст, ки табақаи заҳматкашон бояд барои ҳуқуқҳои худ кӯшиш намоянд, зеро инқилоб чунин имкониятро фароҳам овардааст:

Инқилоб аз чархи гардун, аз лузумот асту бас,
Ҳар касе бар қадри ҳиммат баҳра мегирад аз ӯ... [323].

Ғазалҳои Роҷӣ қисман назираҳое мебошанд, ки ба ашъори шоирони классик наздиканд, аммо бо мавзуи иҷтимоӣ суруда шудаанд. Мафҳуми «миллат» дар ашъори ӯ маънои табақаи ранҷбар ва халқи Шуравиро ифода менамояд. Қаҳрамони асосии ашъори Роҷӣ синфи «ранҷбар» мебошад; калимаи мазкур ҳамрадифи «Ватан» дар аксари шеърҳои ӯ ба назар мерасад. Дар шеъри «Эй ранҷбарон!» шоир мустақиман ба онҳо мурочиат намуда, заҳмати озоду манфиатнокро ситоиш кардааст. Ӯ ранҷбаронро огоҳ месозад, ки акнун, ки аз ситамгарони дохилӣ раҳо шудаанд, бояд душманони хориҷӣ – истисморгарони англис ва кишварҳои Ғарбиро низ шиносанд.

Дар ашъори ватандӯстонаи худ, Роҷӣ на танҳо ҷавононро ба меҳнату илму дониш даъват мекунад, балки инчунин ҷангҷӯӣ ва ҷаҳонгирии давлатҳои аврупоӣ, аз ҷумла Англияро зикр намуда, мардумро барои ҳушёрӣ ва эҳтиёт аз ин неруҳои бегона ҳушдор медиҳад. Дар яке аз шеърҳояш воқеаи Инқилоби Октябрро ҳамчун як ҳодисаи ғайриодӣ ва орзуи амалӣшуда тасвир намуда, барои ифодаи ҳадафи худ аз вожаҳои рӯҳониву фалсафӣ истифода кардааст.

Дар маснавии «Эй ҷаҳони нав!..», ҳарчанд шакли ирфонӣ дорад, мазмуни иҷтимоӣ таҷассум ёфтааст. Як байти он чунин аст:

Эй ҷаҳони нав, эй муҳаббати башар,
Бидеҳ аз олами ҷадид хабар! [324, с.6].

Ба назар мерасад, ки шумораи зиёди зиёиён ва равшанфикрон назар ба маҷаллаи «Оина», ки қаблан дар Самарқанд нашр мешуд, бо «Шуълаи инқилоб» ҳамкорӣ доштанд. Яке аз онҳо муаллим Тӯрақул Зеҳнӣ буд, ки нахустин шеърҳои худро маҳз дар ҳамин маҷалла ба нашр расонидааст.

Ашъори Зеҳнӣ бештар ба мавзуъҳои васфи табиат ва даъват ба илму маърифат бахшида шудааст. Аз ҷумла, яке аз аввалин шеърҳои ӯ «Нидо ба авлоди Ватан» ном дорад, ки дар он шоир ҷавононро ба таҳсил дар мактабҳои нав ташвиқ намуда, онҳоро барои муҳофизати Ватан ва хидмат ба он даъват мекунад:

Эй навраси боғи илму ирфон!
В-эй ғунчаи гулшани дабистон!
Саъю ҳаракат намуда хонед,
Илму фану ҳикмати фаровон...
Мақсуду мароду матлаби мо,
Тахлиси Ватан зи дасти душман.
Ин уқдаи мо ба нохуни фикр,
Бар дасти шумо шавад кушодан... [156].

Қисмати зиёди ашъори Т. Зеҳнӣ ба тасвири табиат бахшида шудааст. Бо вуҷуди ин, дар чунин шеърҳо низ, аз ҷумла дар «Таронаи баҳорӣ», масъалаҳои иҷтимоӣ низ ба таври намоён ифода ёфтаанд.

Дар ин шеър, мафҳумҳои «хатти озодӣ», «одилон», «мазлумон», «золимон», «инқилобиён» ва «инқилоби фанниву илмӣ» зикр ёфтаанд:

Ҳалқаи бандагӣ зи гардан рафт,
Хати озодагӣ равон омад.
Асри манҳуси золимон гум шуд,
Даври масъуди одилон омад [159].

Дар баробари шоирони маъруфи шаҳри Самарқанд, дар атрофи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» омӯзгорони мактабҳо низ гирд омада буданд, ки шабеҳи маҳфили адабӣ буд. Дар ин нашрияи ягонаи тоҷикӣ, муаллимон ашъори худро, ки ба забони тоҷикӣ эҷод намуда буданд, ба табъ мерасонданд.

Яке аз чунин омӯзгорон, Мирзо Шароф, бо тахаллуси Ҳилмӣ, дар шеъри худ даврони озодӣ ва ободии давлату миллатро васф намуда, байти «Ҷафокешони оламро бувад имрӯз озодӣ // Гулистони ҷаҳони ранҷбарро вақти ободӣ» ҳамчун нақорот такрор гаштааст.

Шеъри «Ба ҷавонони Ватан», ки ба қалами Абдулҳаким Соҷӣ аз Ҷонбой мансуб аст, ҳарчанд ба мавзуи иҷтимоӣ, мактаб ва маориф бахшида шудааст, инчунин дорои хусусияти панду насиҳатӣ ва ахлоқӣ мебошад.

Дар як шеъри беимзо, ки аз рӯзномаи «Қутулиш» иқтибос гирифта шудааст, мардуми Бухоро ба муборизаи сиёсӣ даъват карда мешаванд. Рӯзномаи мазкур – «Қутулиш», ки ҳамзамон бо «Шуълаи инқилоб» ба забони ӯзбекӣ нашр мешуд ва баъзан ба забони тоҷикӣ низ шеърҳо чоп мекард, нашрияи ҷавонбухориён ва ҳизби коммунистии он маҳсуб мешуд. Ин нашрия дар омодасозии рӯҳияи мардум ва татбиқи Инқилоби Бухоро саҳм дошт. Аз ин рӯ, бисёр нашрияҳои дигар, аз ҷумла «Шуълаи инқилоб», аз маводи он истифода мебурданд.

Яке аз чунин намунаҳо, шеъри «Савғоти вакили мо аз Бухоро» мебошад, ки 27 сентябри соли 1920 ба нашр расида, ба мавзуи Инқилоби наздикшавандаи Бухоро бахшида шудааст:

Хезед, ҷавонони Ватан, навбати мо шуд,
Ҳангоми вафо шуд,

Дарди дили мо, миллати бечора, даво шуд,
Озодии мо шуд.
Бояд, ки намоем ба ҳам аҳд ба ин рӯз,
Бо як дили пурсӯз,
Шуд мавсими ёрӣ, ки Худо ёвари мо шуд,
Қонун сари по шуд.
Имрӯз халос аз кафи бедодгаронем,
Дар амну амонем,
Зулму ситаму ҷавр ҳама боди фано шуд,
Адлия ба по шуд.

Шеъри дигар бо номи «Хитоб ба муллоҳои Бухоро» (аз забони ранҷбарон), ки бо имзои «Навбаҳор» ба нашр расидааст, то андозае хусусияти шеъри халқиро дорост. Чанд байти он чунин аст:

Гирён ҳама аз ғусса, ту дар ханда, ой мулло!
Ин рӯз намонад ба ту поянда, ой мулло!
Бедор шавад миллат аз ин данда, ой мулло!
Гуфтам, ки мо мурдаву ту зинда, ой мулло!..

Дар таърихи адабиёти тоҷик кам давраҳое вуҷуд доранд, ки адибон ба мавзуъҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳ карда бошанд. Аммо дар солҳои аввали асри XX, шоирону нависандагони тоҷик дар баробари масъалаҳои дохилӣ, ба масъалаҳои хориҷӣ, хусусан давлатҳои Шарқ, низ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудаанд.

Шоирон бештар ба вазъи кишварҳои Шарқ, ки гирифтори ҷангҳои империалистӣ буданд, таваҷҷуҳ мекарданд. Сабаби ин таваҷҷуҳ дар он буд, ки ба андешаи идеологҳои давлати Шуравӣ, инчунин зиёиён ва равшанфикрони тоҷик, Инқилоби Октябр бояд ба халқҳои ҳамсояи Шарқ таъсир мерасонд. Бинобар ин, Тоҷикистонро барои як муддат «Дарвозаи Шарқи сурх» номиданд. Зиёиёни тоҷик бо ҷонибдорӣ аз болшевикон, ки паҳншавии инқилобро дар саросари ҷаҳон ногузир меҳисобиданд, мехостанд, ки халқҳои Шарқ, аз ҷумла форсизабонони ҷаҳон, низ зудтар аз зулму истисмор озод шаванд. Аз бисёр

хабару мақолаҳои «Шуълаи инқилоб» маълум мегардад, ки дар Тошканд ҳизби халқии Эрон бо номи «Адолат» фаъолият мекард ва дар бораи фаъолияти он мунтазам иттилоот нашр мешуд.

Дар робита ба ин, шеъри «Интибоҳномаи фирқаи демократии Эрон бар зидди инглисҳо» ба нашр расидааст. Дар даҳсолаи дуюми асри XX вазъи сиёсии Эрон ногувор буд. Давлатҳои Ғарб аз чор тараф ба қаламрави он сар даровarда, мекӯшиданд онро байни худ тақсим кунанд. Ин ҳолат шоирони тоҷикро низ бетараф нагузоштааст. Чанд байти шеъри мазкур чунин аст:

Эй дидаи хунборам! То чанд чунин гирён?
Эй хотири афсурда! То чанд кунӣ афғон?
Ҷанге ба чунин даҳшат нодида ҷаҳон ҳаргиз,
Олам ҳама ҷо лашкар, гетӣ ҳама ҷо майдон!..
Бар нофи Ватан хайма зад лашкари бегона,
Бар кишвари Кайхусрав бегона шавад султон…
Вақт аст, ки бардоред, аз хоби ҷаҳолат сар,
Овоза барандозед бар мамлакати Эрон!.. [81].

Шеъри Нодир, ки дар шумораи №33 нашр шудааст, бо номи «Хитоб ба Турониён!» ба мавзуи байналмилалӣ бахшида шуда, дар он Ватан ба модар ташбеҳ дода шуда, ҳифзи он ҳамчун қарзи умумӣ дониста шудааст. Дар шеър, инчунин, душмании давлатҳои Ғарб, бахусус Британияи Кабир, ва ҷангҳои он дар гӯшаву канори олам ёдоварӣ мешавад. Дар матлаи он чунин гуфта мешавад:

Мекунам, эй азиз, бо ту баён,
Ки ба аҳли басират аст аён.
Кист он модаре, ки асли ту аст,
Хоки поки муқаддаси Турон… [255].

Дар шеъри «Ватан»-и Ғ.Ф. масъалаи муҳоҷирати мардум матраҳ гардида, изҳори назар шудааст, ки беҳтар мебуд, мардум дар ободии диёри худ кӯшиш кунанд. Чанд байти ин шеър чунин аст:

Марав-марав зи Ватан, ҷон фишон барои Ватан!
Биё-биё, биншин дар ҳариму ҷои Ватан!

Ватан, ки баҳри ту маблус мекунад ҳозир…

Чаро итоб намудӣ? Шудӣ ҷилои Ватан [125, с.6].

Маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» аз аввали соли 1920 ба вазъи Аморати Бухоро таваҷҷуҳ зоҳир намуда, воқеаҳои сиёсии нимсолаи дувуми амoратро дар саҳифаҳои худ ба таври васеъ инъикос кардааст. Дар тӯли соли 1919 ва нимсолаи аввали соли 1920 ба Инқилоби Бухоро омодагии сиёсӣ идома дошт. Дар робита ба ин, маҷалла аввал ҳуҷҷати расмии «Ёддошт ба амири Бухоро» ва баъдан «Посухи амири Бухоро»-ро ба нашр расонд. Ҳамчунин, эътирозномаи ранҷбарон низ ба табъ расидааст.

Ниҳоят, дар шумораи 6 сентябри соли 1920, таҳти сарлавҳаи «Хабари тоза», чунин иттилоъ дода мешавад: «Инқилобиёни Бухоро ними шаҳри Бухоро ва тамоми Шаҳрисабзро ишғол карданд». Мақолаи «Инқилоб дар Бухоро» низ ҷараёни ин воқеаҳо, аз ҷумла оғози расмии инқилоб 29 августи 1920, ишғоли Чорҷӯй, ва тасарруфи Қаршӣ, Зиёуддин ва Хатирчӣ аз ҷониби инқилобиён 30 августро шарҳ медиҳад. Тибқи хабари расмӣ, дар ҷаласаҳои ҷашнии ишғоли Бухоро дар Самарқанд садри Кумитаи фирқаи шаҳри кӯҳнаи Самарқанд Абдулқаюми Қурбӣ низ суханронӣ кардааст. Минбаъд ӯ муҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик» таъйин гардид.

Дар шумораи 13 сентябри соли 1920, масъалаи Инқилоби Бухоро ба таври васеъ инъикос шудааст. Ҳамчунин, дар шумораи 20 сентябри соли 1920, мақолаву хабарҳо дар бораи амирони манғит, ҳодисаҳои охирини Бухоро, маҳбусон ва фаъолияти Шурои Кумитаи инқилобиёни Бухоро нашр гардидаанд. Дар яке аз хабарҳои нашрия омадааст, ки бо ҳукми инқилобиён 20 нафар мулло тирборон гардиданд. Хабари дигар чунин иттилоъ медиҳад: «Аз хонадони амир ҳангоми фирорашон чанд нафар дастгир шуданд, ки дар байни онҳо валиаҳд бо ду бародараш, модар ва амаки амир, се духтари амир бо шавҳаронашон ва 12 зани амир ба асорат гирифта шудаанд».

Дар шумораи 14 октябри соли 1920, гузориш шудааст, ки «Аз Бухоро сарвати амир, ки иборат аз даҳ пуд тилло ва ҳазор пуд нуқра буд, ба Бонки миллӣ супорида шуд. Ғайр аз ин, миқдори зиёди сарватҳои дигари арзишманд, ки

миллиардҳо рублро ташкил медиҳанд, кашф ва мусодира гардид». Бо ин воқеаҳо Инқилоби Бухоро 2 сентябри соли 1920 анҷом ёфт. Як сол пас, муҳаррири «Шуълаи инқилоб», Саидризо Ализода, барои анҷом додани сафари хидматӣ ба Бухоро сафар кард. Ин сафар сабаб гардид, ки Саидризо Ализода нияти ба Эрон рафтанашро амалӣ созад. Дар бораи ин сафари муҳим, мақолаи сиёсии ӯ бо номи «Мусофирати ҳайати идораи мо ба Бухоро», ки то 30 июни соли 1921 дар чанд шумораи маҷалла нашр гардидааст, маълумоти кофӣ медиҳад.

Дар дебочаи мақола зикр шудааст: «Ҳайати идораи мо, Саидризо Ализода, аз тарафи ҳукумат бо супориши хос ба Бухоро сафар кард ва тақрибан ду сулуси моҳи мубораки Рамазонро дар он ҷо сипарӣ намуда, пас аз анҷоми вазифаҳои худ дар рӯзҳои ид ба Самарқанд бозгашт» [59]. Дар гузоришҳои Ализода қайд шудааст, ки ӯ ҳамчун ходими маориф нахуст муассисаҳои таълимӣ ва нашриётро аз назар гузаронидааст. Ба гуфтаи ӯ, кори ин муассисаҳо «хуб ба роҳ монда шудааст» ва чопхона «аз ҳар ҷиҳат муназзам ва мукаммал аст». Ба таври мушаххас зикр мешавад, ки Ҳукумати Бухоро ба корҳои нашриёт аҳаммияти ҷиддӣ медод. Чунин иқтибос оварда шудааст: «Аз муҳаррирони маҷаллаи мо, рафиқ Садриддин Айнӣ, доир ба таърихи Инқилоби Бухоро, як китоби иборат аз 600 саҳифа таълиф кардааст. Ҳукумати Бухоро, пас аз дидани ин китоб, ҳуқуқи нашри онро бо мукофот ва ҳаққи таълиф харида гирифт» [59].

Тавре ки дар фасли қаблӣ низ зикр гардид, як сол пеш Садриддин Айнӣ низ ба Бухоро сафар карда буд. Дар ҳар ду гузориш масъалаҳои мавриди таҳлил шабоҳати зиёд доранд. Аз ҷумла, дар сафарномаи дуюми Ализода, нахуст вазъи маориф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар он қайд мешавад: «Назорати маориф дар тӯли 8–9 моҳ масири ду-се соларо тай намудааст. Дар шаҳр ва атрофи он мактабҳои сершуморе кушода шудаанд. Барои кӯдакони ятим ва фарзандони шаҳидони инқилоб дар боғи хеле зебое дабистони махсус таъсис ёфтааст» [59]. Ҳамчунин, зикр гардидааст, ки бо дастури ҳукумат дар моҳи мубораки Рамазон бозори шабона ташкил гардидааст.

Ба мушоҳидаи муаллиф, шаби Бухоро мисли рӯз равшан буд. Қариб ҳар шом митингҳо, шабҳои адабӣ, консертҳо ва лексияҳо баргузор мешуданд.

Ҳузури хонандагон дар қироатхонаҳо ва китобхонаҳо, муаллифро ба хулосае расонидааст, ки «Мардуми Бухоро матбуотдӯст ва маорифпарвар мебошанд». Дар робита ба идораҳои давлатӣ, Ализода менависад, ки бо вуҷуди камии кадрҳо, интизоми қавӣ ҳукмфармо аст. Зикр мешавад: «Дар ҳама муассисаҳои давлатӣ, новобаста аз мушкилоти мавҷуда, ҳамеша ҳамкоре ёфтан мумкин аст. Агар мушкиле пеш ояд, онро зуд ҳал менамоянд». Аммо, мушкилоти санитарию беҳдоштӣ, ки Садриддин Айнӣ низ қаблан қайд карда буд, ҳанӯз ҳал нашуда буд. Саидризо Ализода бо роҳбарони Ҳукумати Бухоро мулоқот анҷом додааст: «Аз мулоқоти мо бо раиси Шурои нозирон, рафиқ Файзулло Хоҷа, садри Кумитаи Инқилобии Марказӣ, рафиқ Абдулқодир ва нозири маориф, рафиқ Исмоил Садрӣ, боварии мо ба ояндаи Ҷумҳурии Бухоро бештар гардид» [59].

Яке аз чорабиниҳои муҳими ҳукумат барқарорсозии ёдгориҳои таърихии Бухоро арзёбӣ гардидааст, ки асосан аз ҳамлаи Аскарони Сурх осеб дида буданд. Ҳамчунин, зикр шудааст, ки ҳукумати Бухоро барои баровардани пули миллии худ кӯшиш мекард. Дар сафари худ Ализода бо ҷамъияти эрониёни Бухоро низ мулоқот анҷом додааст. Ӯ менависад: «Мутаассифона, форсизабонони Бухоро аз курсҳои омӯзишии туркӣ истифода бурда наметавонанд. Онҳо на муаллим доранд ва на китоб». Дар ҳамин робита, ҷамъияти эрониён Ализодаро даъват карда, аз ӯ хоҳиш намуданд, ки барои ҳалли масъалаи маориф ба Теҳрон рафта, дар ин маврид чора биандешад.

Дар бораи сафари эҳтимолии ӯ ба Эрон маълумоти дигар дар даст нест. Баъд аз ин сафар, фаъолияти «Шуълаи инқилоб» низ коҳиш ёфт ва дер давом накард. Дар сафарномаи худ Саидризо Ализода инчунин дар бораи фаъолияти Ҳизби коммунисти «доираи дувуми Бухоро», ки ҳамаи аъзои он аз эрониён иборат буданд, маълумот додааст. Ӯ зикр мекунад, ки дар миёни раҳбарони ҳизб то андозае ихтилофи назар ва ҷудоӣ мушоҳида мешуд. Бинобар ин, дар як ҷамъомад, масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар он Саидризо Ализода низ дар бораи вазифаҳои минбаъдаи ҳизб суханронӣ намудааст. Ба хулоса омадаанд, ки ба манфиати халқ, миллат ва синфи ранҷбар мебуд, ки дигар ба тафриқа ва низоъҳои шахсӣ роҳ надиҳанд ва ихтилофоти дохилиро канор

гузоранд. Ҳамин тавр, сафари Ализода ба Бухоро, дар баробари баррасии масоили сиёсӣ, ба рушди фаъолияти ҷамъиятии ӯ низ таъсири назаррас расонидааст.

Чӣ тавре ки мушоҳида шуд, ба дӯши ӯ супориши муҳимми ҳизбӣ вогузор гардид, ки ин овардани китоб ва омӯзгорон аз Эрон буд. Дар ин давра, Саидризо Ализода шахси серкор буд ва масъулиятҳои зиёди ҷамъиятӣ бар дӯш дошт, ки муҳимтарини онҳо котиби ҳизбии ноҳия буд. Бинобар ин, дар эълоне бо номи «Ташаккур», ки аз номи ӯ нашр шудааст, омадааст: «Ба ҷиҳати он ки банда ба корҳои матбуот ва маориф сахт машғул буда, ариза навишта, аз садри Кумитаи фирқаи иштирокиюн истеъфо додам ва он қабул гардида, ба ҷойи ман каси дигар таъйин шудааст». Аммо муҳимтарин масъала барои ӯ идомаи нашри маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» буд.

Дар яке аз шумораҳои моҳи сентябри соли 1921, хабар дода мешавад, ки: «Муҳаррир С. Ализода бо сабаби он ки чанд сол боз ба рухсатӣ нарафтааст, эҳтиёҷ ба истироҳат дорад, ҳамчунин ба сафари Эрон омодагӣ мегирад. Аз ин рӯ, роҳбарии маҷалла то бозгашти муҳаррир ба зиммаи шахси дигар вогузор шудааст». Идораи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» бо ташкилотҳои сиёсиву фарҳангии хориҷӣ робитаи наздик дошт.

Дар як хабар таҳти номи «Изҳори ташаккур», омадааст, ки: «Идораи маҷалла ба сафири Афғонистон дар Тошканд ва консули Эрон дар Ишқобод изҳори сипос менамояд, зеро дар замони таътили маҷалла, онҳо ба мудири маҷалла мурочиат карда, омодагии худро барои пардохти хароҷоти он изҳор намуданд». Ҳамзамон, маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ба Афғонистон фиристода мешуд ва умед буд, ки дар оянда ба Эрон низ интиқол дода шавад.

Дар хабари дигар, иттилоъ дода мешавад, ки: «Ҷенерол-консули Эрон, Мирзо Ҷаводхон, аз Ашқобод ба Тошканд ва сипас ба Самарқанд сафар намуда, ба идораи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» даҳ ҳазор манот кумаки молӣ расонидааст».

Маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ҳамчун нашрияи Ҳизби коммунист, тибқи талаботи замон, масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро ба таври густурда инъикос

намуд. Дар ҳар шумораи маҷалла, 30-40% мундариҷа ба масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ бахшида шуда буд.

**Бо таҳлили фаъолияти маҷалла метавон ба хулосаҳои зерин омад:**

**1. «Шуълаи инқилоб» ҳамчун нахустин минбари матбуотии сиёсӣ.** Маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ҳамчун нахустин нашрияи сиёсиву иҷтимоии тоҷикӣ дар шароитҳои мураккаби гузариш аз Аморати Бухоро ба низоми Шуравӣ таъсис ёфт. Ин нашрия бо дастгирии Ҳизби коммунист ба вуҷуд омада, ба паҳн намудани идеологияи ҳизбӣ дар миёни тоҷикон равона гардида буд. Нашри он ба забони тоҷикӣ, дар ҳоле ки ғояҳои сиёсӣ ва ҳизбӣ асосан ба забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ таблиғ мешуданд, ҷанбаи стратегӣ ва аҳаммияти баланди сиёсӣ дошт. Маҳз бо талошҳои Саидризо Ализода, маҷалла ба фазои иттилоотии минтақа ворид шуда, ба як воситаи муҳими ташаккули афкори сиёсӣ ва иҷтимоии тоҷикон табдил ёфт.

**2. Инъикоси масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар чорчӯби идеологияи ҳизбӣ.** Мундариҷаи «Шуълаи инқилоб» дар доираи идеологияи марксизм-ленинизм таҳия гардида, аммо масоили муҳими иҷтимоии мардуми тоҷик низ дар он инъикос мешуданд. Дар баробари тарғиби ғояҳои ҳизбӣ, маҷалла масъалаҳои ҳуқуқи синфи меҳнаткаш, рушди маориф, ҷараёнҳои шаҳрнишинӣ ва такмили сохторҳои сиёсӣ-ро низ баррасӣ менамуд. Дар натиҷа, на танҳо ҳамчун нашрияи таблиғотии ҳизбӣ, балки ҳамчун воситаи ташаккули худшиносии миллии тоҷикон низ хидмат мекард. Ҳадафи он омода намудани насли нав бо ҷаҳонбинии сиёсӣ ва иҷтимоии муосир буд, ки дар заминаи шеваҳои нави давлатдорӣ ва сохторҳои Шуравӣ шакл мегирифт.

**3. Гузариши матбуоти тоҷик ба таҳлили равандҳои сиёсӣ.** Маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» доираи маърифати анъанавии маорифпарваронро тавсеа дода, ба таҳлили ҷараёнҳои сиёсӣ ва нақши халқи тоҷик дар низоми нав пардохт. Агар то он замон матбуоти тоҷик асосан масъалаҳои маориф ва фарҳанг-ро матраҳ мекард, ин нашрия масоили сиёсати дохилӣ ва байналмилалӣ-ро ба муҳокима кашид. Дар ин замина, мақолаҳои таҳлилӣ, публитсистӣ ва осори Садриддин Айнӣ, ки ба интиқоди сохторҳои пешина ва таҳлили воқеиятҳои давр

нигаронида шуда буданд, саҳми бузург гузоштанд. Бо ин тарз, маҷалла матбуоти тоҷикро ба сатҳи нав оварда, онро аз як минбари маърифатӣ ба абзори таъсиргузори сиёсӣ ва иҷтимоӣ табдил дод.

**4. Нақши «Шуълаи инқилоб» дар рушди насри иҷтимоӣ ва инқилобӣ.** Бо нашри осори адабӣ, маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ба ташаккули насри иҷтимоӣ ва инқилобии тоҷик мусоидат намуд. Дар саҳифаҳои он намунаҳои аввалини насри публитсистӣ, манзумаҳои сиёсӣ ва шеърҳои дорои мазмуни инқилобӣ ба табъ расиданд. Ин нашрия муҳити нави адабиро фароҳам овард, ки дар он навовариҳои сабкию мазмунӣ, аз ҷумла шеъри озод, шакл гирифт. Дар натиҷа, «Шуълаи инқилоб» ба майдони таҷрибаҳои адабӣ табдил ёфта, заминаи рушди адабиёти муосири тоҷикро фароҳам овард.

**5. Ҳиссаи «Шуълаи инқилоб» дар ташаккули худшиносии миллӣ ва сиёсӣ.** Нақши «Шуълаи инқилоб» дар рушди худшиносии миллӣ ва сиёсӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳарчанд маҷалла тобеи идеологияи ҳизбӣ буд, аммо он яке аз нахустин минбарҳои бедории фикрии тоҷикон дар фазои Шуравӣ ба ҳисоб мерафт. Дар шароити гузариш ба сохти нави давлатдорӣ, нашрия ба ташаккули тафаккури сиёсӣ ва ҷаҳонбинии иҷтимоии зиёиёни тоҷик мусоидат намуд. Дар саҳифаҳои он масъалаҳои ҳувияти миллӣ, тағйироти сохтории ҷомеа, мавқеи тоҷикон дар сохти нави сиёсӣ ва назари интиқодӣ ба гузашта баррасӣ мешуданд. Бо ин роҳ, маҷалла дар ташаккули идеологияи миллии мутобиқ ба талаботи замон нақши муассир бозид.

**6. Ташаккули насли нави адибон ва публитсистон.** Ба шарофати фаъолияти «Шуълаи инқилоб» насли нави адибон ва публитсистон, ки робитаи байни идеологияи ҳизбӣ ва адабиёт-ро таъмин мекарданд, ба вуҷуд омад. Ин нашрия майдони фаъолияти зиёиёни тоҷик, аз ҷумла Садриддин Айнӣ, Фахриддин Роҷӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ ва дигарон гардид. Адибони мазкур аввалин намунаҳои адабиёти сиёсӣ ва иҷтимоии тоҷикро эҷод намуда, бо осори худ назарияҳои нави иҷтимоӣ ва сиёсиро ба ҷомеа ворид карданд. Ин раванд ба рушди публитсистикаи сиёсӣ, насри воқеъгароёна ва шеъри инқилобӣ дар Тоҷикистон мусоидат намуд.

## Хулосаи умумӣ

«Шуълаи инқилоб» на танҳо як нашрияи ҳизбӣ, балки минбари муҳим барои ташаккули афкори сиёсӣ, худшиносии миллӣ ва эҷоди адабиёти инқилобии тоҷик буд. Ин маҷалла дар марҳилаи гузариш аз сохтори амиратӣ ба низоми нави сиёсӣ нақши калидӣ бозида, масоили сиёсӣ ва иҷтимоиро бо шеваи таҳлилӣ, интиқодӣ ва адабӣ ба ҷомеа пешниҳод намуд. Дар баробари ин, он ба ташаккули насри нави тоҷик ва вусъати публитсистикаи сиёсӣ мусоидат кард. Бо баррасии масоили дохилӣ ва байналмилалӣ «Шуълаи инқилоб» матбуоти тоҷикро аз доираи маҳдуди маҳаллӣ берун оварда, онро ба арсаи таҳлили равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ҷаҳонӣ ворид намуд.

## 3. 4. Публитсистикаи бадеӣ ва масъалаи ҳувияти миллӣ

Маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» дар доираи фаъолияти Кумитаи Ҳизби коммунист дар баробари инъикоси афкори сиёсии ҳизбӣ, манфиатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии як гурӯҳи калони аҳолии бумии минтақа, махсусан деҳаи Боғишамол ва атрофи онро ҳимоя намуда, барои таҳкими худшиносии миллӣ, ҳифзи манфиатҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии тоҷикон саҳми назаррас гузошт.

Ба туфайли нашрияи мазкур вазъи мактабу маориф ва забони форсизабонони минтақа то андозае беҳбудӣ ёфта, ҷомеаи байналмилалӣ аз мушкилоти мавҷудаи онҳо огоҳ гардид. Хусусияти асосии матолиби сиёсӣ ва иҷтимоии маҷалла дар он буд, ки онҳо ҷанбаи таҳлилӣ дошта, асосан ба қалами Саидризо Ализода тааллуқ доштанд. Ин матолиб нигаришҳои таърихӣ, забоншиносӣ ва фарҳангии Ализода оид ба эрониён ва тоҷиконро баён намуда, муҳтавои онҳо дар минбаъда низ таҳким ёфт.

Бо вуҷуди қатъ гардидани нашри «Шуълаи инқилоб» (ки то ҳол сабаби баста шудани он расман муайян нашудааст), афкор ва андешаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии С. Ализода дар нашрияҳои минбаъда такмил ва таҳрир ёфтанд. Чунончи, 21 майи соли 1926, дар рӯзномаи «Овози тоҷик» мақолаи ӯ «Дар Боғишамол масъалаи забон» нашр гардид, ки то андозае такрори муҳтавои як мақолаи ӯ дар «Шуълаи инқилоб» буда, таҳаввули андешаи сиёсию иҷтимоии ӯро нишон медиҳад. Дар ин мақола, ӯ таърихи ҳузури эрониён дар Варорӯдро чунин шарҳ медиҳад: «Ин эрониён аз сарбозони хон Байрамалихон буданд, ки аз тарафи Эрон дар Марв аморат дошта, ба асорати Мири Маъсум (Шоҳмурод) афтода, ба Бухоро оварда шуда ва аз он ҷо ба шаҳрҳои гуногуни аморати Бухоро тақсим гардиданд» [91].

Фарқияти аслии навиштаи солҳои 1926 аз мақолаи қаблии ӯ дар «Шуълаи инқилоб» дар он буд, ки Ализода дар мақолаи баъдина қайд кард, ки аксари муҳоҷирони эронӣ бо забони туркии озарбойҷонӣ гуфтугӯ мекарданд, аммо онҳо ба ҳадде ба забони форсӣ одат намуда буданд, ки ҳангоми навиштан туркизабон будани худро фаромӯш карда, бо форсӣ фикр мекарданд ва менавиштанд.

С. Ализода талоши гузариши забони таълим дар мактабҳои Боғишамол аз форсӣ ба ӯзбекиро нодуруст арзёбӣ карда, чунин назар додааст, ки «тибқи мароми фирқаи коммунист, агар тағйири забон зарур бошад, мо бояд забони туркии озарбойҷониро қабул намоем, на ӯзбекиро, зеро мо ба ин забон мутакаллим ҳастем» [91]. Ин изҳорот нишон медиҳад, ки Ализода пас аз 5-6 сол таҳти фишорҳои сиёсӣ аз мавқеи қаблии худ, ки пурра ба забони форсӣ гузаронидани таълимро ҷонибдорӣ мекард, рӯй гардонида, ба таълими қавмӣ бештар таваҷҷуҳ намуд. Аммо муҳим он аст, ки дар солҳои 1919-1921, ӯ тамоми кӯшишро барои ба роҳ мондани таълим ба забони форсӣ ва нашри ягонаи матбуоти форсизабони Осиёи Марказӣ анҷом дода, дар соли 1926 низ дар як нашрияи дигар бар зидди ӯзбекӣ гардонидани таълими мактабҳо изҳори назар намуд.

Дар шароите, ки дар солҳои аввали асри XX мавқеи тоҷикон дар низоми давлатдорӣ ва забони давлатӣ заиф гардида буд, «Шуълаи инқилоб» ва ташаббускори он, С. Ализода, дар ҳифзи ҳувияти миллии тоҷикон нақши муҳим бозиданд. Ализода на танҳо вазъи эронинажодони Боғишамолро, балки масоили умумии иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маорифии тамоми тоҷиконро дар назар дошт. Ин метавонад яке аз сабабҳои аслии қатъ гардидани фаъолияти нашрия бошад. Чунончи, дар шумораи 1 майи соли 1919 хабар дода мешавад, ки дар Самарқанд низ «шуъбаи форсӣ» кушода хоҳад шуд. Пеш аз ин, чунин шуъба танҳо дар Тошканд, дар назди Комиссариати миллии ҶШС Туркистон фаъолият мекард.

Дар нашрия зикр гардидааст: «Шуъбаи форсӣ (яъне эронӣ), афғон ва тоҷик, ки дар маркази мо Тошканд, дар Комиссариати корҳои миллӣ кушода шудааст, имрӯзҳо ба идораи корҳои миллии Самарқанд телефонӣ фиристода, кушодани чунин шуъбаро дар идораи худ пешниҳод намудааст» [93, с.2]. Бо дарназардошти он ки ҳукумати Туркистон ин шуъбаро танҳо барои эрониён таъсис дода буд, маълум мегардад, ки тоҷикон дар сиёсатҳои миллӣ ва фарҳангӣ «фаромӯшшудагон» буданд. Чуноне ки дар як хабари дигар низ ишора шудааст, дар ҳамон давра дар Самарқанд шуъбаҳои туркманӣ, украинӣ ва яҳудӣ фаъолият доштанд, аммо шуъбаи тоҷикӣ зикр нашудааст. Аз ин бармеояд, ки ҳолати

тоҷикон дар муқоиса бо эрониён боз ҳам вазнинтар буд ва онҳо дар остонаи маҳв қарор доштанд.

Сармақолаи «Шуъбаи форс дар ҳузури идораи корҳои миллӣ», ки баъд аз чанде дар «Шуълаи инқилоб» нашр шуд, барои таҳкими худшиносии форсизабонон аҳаммияти назаррас дошт. Дар ин матлаб, нахуст аз таъсиси шуъбаи форсӣ дар Комиссариати корҳои миллии ҶШС Туркистон ва баъдан дар Идораи корҳои миллии Самарқанд хабар дода мешавад. Дар робита ба ин, нақши маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» дар баррасии масъалаи риояи ҳуқуқи форсизабонон, бахусус эрониҳо ва тоҷикон, қобили зикр аст.

Дар мақолаи мазкур таъкид шудааст: «Яке аз бузургтарин шиорҳои Ҳукумати Шуроӣ, ки инсонро беихтиёр ба худ шефта мекунад ва ба гуфтани «Зинда бод Ҳукумати Шуроӣ!» водор месозад, ҳамоно шиори «Озодии забони модарии ҳар миллат» аст, яъне ҳар миллат ҳақ ва ихтиёри том дорад, ки ба забони модарии худ гуфтугӯ кунад, бинависад, дарс гӯяд, мактаб ва қироатхонаҳо таъсис диҳад, рӯзномаву маҷаллаҳо нашр намояд, рисола ва китобҳо табъ кунад, дар маҷолис ва маҳофил музокира намуда, суханронӣ намояд...» [94]. Аммо таҳаввулоти минбаъда нишон дод, ки эълони озодии забони модарӣ дар амал як шиори холӣ боқӣ монд.

Таҷрибаи сиёсати забонии ҳукумати Шуравӣ дар амал нишон дод, ки ҳуқуқҳои забонии тоҷикон ба расмият шинохта нашуда буданд. Тоҷикон, ки қадимтарин сокинони ин сарзамин маҳсуб мешуданд, ҳуқуқи истифодаи забони модарии худро дар соҳаҳои давлатӣ ва маориф аз даст дода буданд. Дар кӯчаву бозор забонҳои дигар бартарӣ пайдо карда, гуфтугӯ бо тоҷикӣ маҳдуд мешуд. Ҳуҷҷатҳои таърихӣ ин воқеиятро собит намудаанд ва ҳоҷате ба инкори онҳо вуҷуд надорад. Танҳо форсизабонони эронӣ то андозае аз ин маҳдудиятҳо озод буданд.

Дар робита ба ин, Саидризо Ализода навиштааст: «Забон, рукни азими миллат аст, ки ба маҳзи гум шудани забон, ҳамон миллат, ки мутакаллим ба он забон аст, гум ва нопадид хоҳад шуд. Ҳеҷ миллате дар дунё наметавонад ҳастӣ ва мавҷудияти худро таъмин кунад, магар бо нигаҳдорӣ ва муҳофизати забони

модарии худ» [94]. Бо вуҷуди ин, дар амал сиёсати забонӣ ба манфиати тоҷикон набуд. Муаллиф дар идома барои сабук кардани масъулияти Ҳукумати Шуроӣ чунин изҳор намудааст: «Агар дар ватани мо, Туркистон, ки баъд аз туркҳо аксариятро форсҳо ташкил медиҳанд, то кунун ба забони форсӣ мактабе кушода ва китобе чоп нашуда буд (ба ҷуз мактабҳои Боғишамол ва маҷаллаи «Шуълаи инқилоб»), албатта, ҷиҳаташ гирифтории ҳукумат ба иғтишоши дохилӣ ва ҷобаҷо шудани корҳои мамлакат буд» [94]. Бо ин, муаллиф умед иброз доштааст, ки дар оянда масъалаи забон ва маорифи тоҷикон бо низом ворид мешавад.

Дар охири соли 1919, дар Самарқанд, дар ҳузури Идораи корҳои миллӣ, шуъбаи форсӣ таъсис ёфт ва Саидризо Ализода мудири он таъйин гардид. Ӯ ҳамчун роҳбари ин шуъба изҳор доштааст, ки: «Ҳамаи миллатҳои форс, ки дар вилояти Самарқанд сукунат доранд, чӣ табааи дохила ва чӣ хориҷа, дар таҳти ин шуъба дохил ҳастанд, масалан: тоҷик, эронӣ, афғон, ҳиндӣ». Дар ин замина, дар нашрия Хитобномаи шуъбаи форсӣ (Тошканд) низ ба табъ расид, ки дар он омадааст: «Ба умуми бародарони форс, тоҷик, афғон, сокинони вилояти Сирдарё ба камоли муҳаббат хитоб мегардад… Чаро дар хоби ғафлат ва мастӣ ва нодонӣ бошем?» Дар идома таъкид шудааст, ки агар худи форсизабонон барои ҳифзи забон ва фарҳанги худ талош накунанд, сабаби асосии нокомии онҳо бетаваҷҷуҳии худашон хоҳад буд. Гузашти замон нишон дод, ки нодида гирифтани масъулияти миллӣ сабаби аз даст рафтани мавқеи забони тоҷикӣ гардид.

Чунончи, қисми зиёди форсизабонон аз таълим бо забони модарии худ даст кашида, ба забонҳои дигар рӯй оварданд, ки ин раванд то ба имрӯз идома дорад. Шуъбаи форсӣ дар вилояти Сирдарё, ки пешсафтарин маркази забонӣ ба шумор мерафт, вазифаҳои зеринро бар уҳда дошт:

1. Кушодани мактабҳо, қироатхонаҳо, муаллимхонаҳо, ятимхонаҳо ва муассисаҳои таълимӣ.
2. Таъсиси рӯзнома, маҷалла, рисола ва китобҳо ба забони модарӣ.
3. Муҳофизати ҳуқуқи форсизабонон аз зулм ва беадолатӣ.

Дар мақола қайд шудааст, ки то чанде пеш, маҷбур буданд ҳамаи аризаву ҳуҷҷатҳои худро ба забонҳои дигар нависанд.

Ба ҳамаи форсизабонон чунин муроҷиат сурат гирифтааст: «Бародарон, биёед, даст ба якдигар дода, мо ҳам дар ин асри тараққӣ ва маданият хидмате ба миллати худ кунем. Ҳиммат баланд дор, ки мардони рӯзгор; Аз ҳиммати баланд ба ҷое расидаанд».

Мақолаи «Хитоб ба миллати форс», ки дар нашрияи «Шуълаи инқилоб» ба табъ расидааст, аз муҳимтарин матолибест, ки масъалаи ҳувияти забонӣ ва миллӣ-ро дар миён мегузорад. Ин матлаб бори дуюм калимаи «тоҷик»-ро дар матбуоти он давра истифода бурда, мавҷудияти чунин миллатро таъкид менамояд: «Дар Самарқанд чандин ҳазор форс ва тоҷик ҳаст ва инҳо чанд мактаби форсӣ доранд?» [429, с.7]. Ин иқтибос нишон медиҳад, ки дар нимсолаи дуюми соли 1919, форсизабонони Самарқанд фаъолияти сиёсӣ ва иҷтимоии худро густариш дода, ба ташкили анҷуманҳо ва пешбурди дигар тадбирҳои фарҳангӣ пардохтаанд. Дар натиҷа мавзуи забон ва фарҳанги форсӣ дар саҳифаҳои «Шуълаи инқилоб» мавқеи хос пайдо намуда, масъалаи ҳувияти миллӣ таваҷҷуҳи бештар касб намуд.

Дар мақолаи «Анҷумани эрониён чӣ шуд?» муаллиф «Ранҷбари эронӣ» бо нигаронӣ изҳор медорад, ки кори анҷуман ба таъхир афтодааст, ки сабаби он ихтилофоти мазҳабӣ будааст [305, с.5]. Ин матлаб нишон медиҳад, ки ихтилофоти дохилӣ яке аз омилҳои асосии кашол ёфтани ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар миёни форсизабонон будааст.

Мақолаи дигар «Хитоб ба эрониёни Боғишамол» бо услуби публитсистии таъсирбахш ва оҳанги муроҷиати лирикӣ навишта шудааст. Дар ин мақола, ҳадафи асосӣ ташвиқ ва бедор кардани худогоҳии миллӣ мебошад. Муаллиф бо истифода аз унсурҳои хитоба, даъват ва нидо чунин мегӯяд: «Эй бародарон ва эй рафиқони ранҷидаи Боғишамол! Чаро дар чунин замони озодӣ ва мухторият дар хоби ғафлат ғунудаед? Чаро чашми басиратро боз накарда, ба атрофатон бо назаре ибратомӯз нигоҳ намекунед?» [94]. Ин муроҷиат бештар ба бедории иҷтимоии ҷомеа ишора намуда, аҳаммияти маърифат ва маорифро таъкид

мекунад: «Ҳукумат барои фарзандони шумо панҷ мактаб кушода, барои бузургони шумо курсҳои бегоҳиро ташкил додааст, ҳол он ки дар ҳамаи ин мактабҳо шумораи шогирдон ҳатто ба дусад намерасад. Агар шумо ба маориф таваҷҷуҳ мекардед, дар Боғишамол даҳ мактаб кушода ва пур аз шогирд мешуд...» [94]. Ин матлаб нишон медиҳад, ки таълиму тарбия ва ҳифзи забони модарӣ ҳамчун рукни муҳими ҳувияти миллӣ дар миён гузошта шудааст.

Чунин муроҷиатҳо ва матолиби публитсистӣ нақши назаррас дар ҳифзи ҳувияти миллӣ ва муқовимат ба фишорҳои сиёсӣ доштанд, зеро бар зидди кӯшишҳои душманони забони тоҷикӣ мубориза мебурданд ва ҳифзи таълими тоҷикӣ, ҳатто дар шакли маҳдуд, таъмин гардид.

Мақолаи «Эрониёни Боғишамол», ки бо тахаллуси «Ситамдида» (яъне С. Ализода) ба нашр расидааст, низ бо услуби бадеӣ ва муроҷиати лирикӣ навишта шудааст. Дар он оҳанги сӯз ва андуҳ ҳувайдо аст, ки дар ибтидо чунин баён гардидааст: «Ноларо ҳарчанд мехоҳам, ки пинҳонаш кунам; Сина мегӯяд, ки ман танг омадам, фарёд кун!» Ин изҳорот аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф аз вазъи ногувори форсизабонон ва маҳрумияти онҳо аз ҳуқуқҳои забонӣ ва фарҳангӣ сахт андуҳгин аст.

Дар мақола чунин зикр мешавад: «Дар ду соли инқилоб ҳама миллатҳо соҳиби мактаб, китоб ва матбуот шуданд, танҳо эрониён аз ҳама чиз маҳрум монданд». Бо вуҷуди ин, муаллиф дар ин мақола тоҷиконро, ки низ ба чунин маҳрумият гирифтор буданд, ёдовар намешавад, дар ҳоле ки номи эрониҳо дар шуъбаҳои миллӣ вуҷуд дошт. Дар идомаи мақола, муаллиф дар бораи таърихи муҳоҷирати эрониён ба Осиёи Марказӣ маълумот дода, вазъи ногувори онҳо дар Боғишамолро шарҳ медиҳад. Аз ҷумла, ӯ қайд мекунад, ки дар байни 15 000 аҳолии эронии Боғишамол ҳатто як муаллим нест. Сипас, таъкид мешавад, ки пеш аз инқилоб, муллоҳои маҳаллӣ мактабҳои усули навро баста буданд, аз ҷумла «Саодат» ва «Ҳаёт». Танҳо пас аз инқилоб, дар ин деҳа чор мактаб ва курсҳои шабона барои саводомӯзӣ таъсис ёфта, 200 нафар таҳсил мекарданд, дар ҳоле ки теъдоди кӯдакони синни мактабӣ дар ин минтақа тақрибан 1000 нафар буд. Дар поёни мақола, бо шеваи публитсистии бадеӣ ва муроҷиати лирикӣ,

чунин изҳор мешавад: «Бидонед ва огоҳ бошед, замон замони тамаддун ва маориф аст, ҳангом ҳангоми тараққӣ ва ирфон аст. Агар зиёда бар ин дар ғафлат ва ҷаҳолати худ боқӣ монед, ҳама ҳуқуқи зиндагонии худро гум хоҳед кард. То ба маърифат чордаста начаспед, поймол хоҳед шуд, поймол!»

Муаллиф ин нуктаро низ таъкид мекунад, ки: «Агар дар чунин замони озодӣ ҳуқуқи худро нагиред, сарнавишти худро ба дасти хеш нагиред, куфрони неъмат кардаед. Фаромӯш накунед, ки то кӯдак гиря накунад, шир нахӯрад! Ва гиряи шумо илм асту маориф, тарбият аст ва тамаддун! Кас нахорад пушти ман, ҷуз нохуни ангушти ман!» [366].

Мақолаи «Анҷумани дониши форсиён» (11 сентябри соли 1919) аз афзоиши таваҷҷуҳи форсизабонон ба мушкилоти забонӣ ва фарҳангии худ шаҳодат медиҳад. Дар ин мақола, ба сармақолаи қаблии «Эрониёни Боғишамол» ишора гардида, чунин таъкид шудааст: «Мо ҳангоми навиштани он мақола аз эрониёни Боғишамол то чӣ андоза ноумед ва маъюс будем». Муаллиф сабаби ин ноумедиро дар бепарвоӣ ва ғафлати форсизабонони Боғишамол, хусусан зиёиёни онҳо нисбат ба илму маориф медонад.

Дар мақола қайд шудааст, ки пас аз нашри сармақола як ҷунбиши адабӣ ва ҳаракати илмӣ шакл гирифта, бо ташаббуси ин қишри ҷомеа «Анҷумани дониши форсиён» таъсис дода шудааст. Ба аъзои анҷуман тавсия шудааст, ки барои иҷрои маромномаи он, ки ҳадафҳои фарҳангӣ ва илмиро пайгирӣ мекунад, кӯшиш ба харҷ диҳанд. Ин иқдом нишон медиҳад, ки «Шуълаи инқилоб» на танҳо як минбари нашрии иттилоотӣ буд, балки бо таъсири мақолаҳои худ ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро таҳрик медод.

Нашрия ҳар як мақолаи чопшударо пайгирӣ намуда, барои таҳкими ҳадафҳои он кӯшиш мекард, ки ин аз нақши фаъоли иҷтимоии он шаҳодат медиҳад.

Дар мақолаи «Изҳори таассуф», ки низ ба мавзуи Анҷумани эрониён рабт дорад, мушкилоти дохилии ҷомеаи форсизабонон зикр шудааст. Аз ҷумла, дар он ба масъалаҳои мазҳабӣ ва пайдоиши ҷараёни баҳоиён, ки дар он давра рушд меёфт, ишора шудааст. Дар мақола таъкид шудааст, ки майдони баҳс ва ихтилоф

ҳанӯз пок нашудааст, ки ин метавонад монеаи пешрафти умумии ҷомеа гардад. Муаллиф роҳи раҳоӣ аз чунин ихтилофҳоро дар муттаҳидӣ ва дурӣ аз таассуби мазҳабӣ мебинад ва даъват мекунад: «Эй ҳамватанони азиз! Бидонед, ки таассуби мазҳабӣ, ҷамъияти ҷоҳилӣ ва мавҳумпарастӣ ҳеҷ тоифаро ба сарманзили наҷот нарасонида, балки баръакс...» [365].

Бо вуҷуди мушкилоти дохилӣ, Анҷумани дониши форсиён дар Боғишамол таъсис ёфт, ки нахустин ҳаракати ташкилии зиёиёни форсизабони ин минтақа ба шумор мерафт. Ба муносибати таъсиси ин анҷуман, шеъре аз Мирзояҳё Баротзодаи Боғишамолӣ нашр гардид, ки як байти он чунин аст:

Чӣ гуна васф кунам ман забони аҳли Ватан,
Зи ҳусни хеш ба ҳар маҷлисе шакаршикан аст.

Дар ин ғазал забони форсӣ баробари забони арабӣ ба мақоми баланд бардошта шуда, таъкид мешавад, ки: «Ҳар касе ин забонро рад кунад, ба таънаи ду ҷаҳон гирифтор хоҳад шуд, зеро забони форсӣ забони Ватан аст». Ин иқтибос нишон медиҳад, ки забон на танҳо воситаи муошират, балки ҷузъи ҷудонашавандаи ҳувияти миллӣ дониста мешуд. Бо такя ба чунин мавқеъгириҳо, «Шуълаи инқилоб» барои таҳкими ҷойгоҳи забони форсӣ кӯшишҳо ба харҷ дода, онро ҳамчун рукни муҳимми худшиносии миллӣ муаррифӣ мекард.

Муаллифон дар мавридҳое, ки масъала ба забонҳои дигар марбут аст, ба забони тоҷикӣ ва форсӣ ишора намуда, аҳаммият ва эътибори забони форсиро таъкид кардаанд. Дар ин замина ҳодисаи дорои аҳаммияти фарҳангӣ барои мардуми Осиёи Марказӣ мисол оварда мешавад. Дар як манбаъ зикр гардидааст, ки дар Тошканд охири соли 1920 маҷлиси омӯзгорони идораҳои маориф баргузор мегардад ва дар он «имлои тозаи забони ӯзбакиро дида мебароянд, танҳо омӯзгорони забони ӯзбакӣ даъват шудаанд». Таъкид мешавад, ки рӯзнома дар қавс чунин шарҳ додааст: «(яъне ба тоҷикон, ки забонашон форсӣ аст, ин кор дахл надорад)».

Маҷалла ба ин масъала дар шумораи №64, 28 январи соли 1921 бозгашта, хабар медиҳад, ки тибқи «қарори Анҷумани имлои ӯзбакон, ки дар Тошканд 15 декабр баргузор шуда буд, қарор шуд, ки аз ҳуруфоти мусалмонӣ ҳамаи ҳуруфоти махсуси арабӣ ва форсӣ хориҷ карда шуда, танҳо ҳуруфоти асосӣ истифода гардад ва ба ҷои ҳаракатҳо ҳуруфоти имло навишта шавад». Маҷалла ба ин масъала чанд маротибаи дигар муроҷиат намуда, ниҳоят мақолаи таҳлилии ҷиддие бо номи «Ба муносибати анҷумани имлои ӯзбакон» ба нашр мерасонад. Дар зери он имзои «Син. Айн.» ҷой дода шудааст, ки эҳтимолан тахаллуси Саидризо Ализода мебошад.

Мақола аз заковати илмию забоншиносии муаллиф шаҳодат медиҳад. Дар он масъалаи «барандохтани ҳуруфи арабӣ ва форсӣ» дар анҷумани имлои ӯзбакон, шикоятҳои мардум, аз ҷумла аз Уротеппа, дар мавриди беэътибор донистани талаботи тоҷикон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мақола таъкид шудааст: «Таъҷҷуб дар ин ҷост, ки дар ин ҷамъомад аз шаҳрҳое, ки дар асл ва ҳозир форс (тоҷик)-забонанд, монанди Самарқанд, Хуҷанд, Уротеппа ва ғайра намояндагон иштирок намуда, худро ӯзбак ба қалам медоданд... Бад-ин сабаб диққати форс ва тоҷикони вилояти Самарқандро ба ин нукта ҷалб менамоем, ки бояд як ҷамъомади вилоятӣ баргузор карда, сарнавишти имлои худро ҳал намоянд ва аз тақлид ва ӯзбактарошӣ бозистанд» [330].

Ин мавзуъ дар минтақаҳои гуногуни тоҷикнишин вокунишҳои ҷиддиро ба бор овардааст. Аз ҷумла, хонандае аз Уротеппа бо ҳайрату норозигӣ аз рафтори ҳаммиллатоне ёдовар шудааст, ки бидуни таваҷҷуҳ ба он ки танҳо омӯзгорони ӯзбек ба ҷамъомади зикршуда даъват гардида буданд, дар конфронс иштирок намуда, аз номи ӯзбекон суханронӣ кардаанд. Рӯзномаи «Шуълаи инқилоб» чунин рафторро борҳо интиқод намуда, мавриди накӯҳиш ва тамасхур қарор додааст.

Муаллиф С. Ализода дар идомаи мақола менависад: «Аз он ҷое, ки мо тоҷик ва форс буда, ҳаваси ӯзбакнамоӣ ва турктарошиеро надорем ва дар ин кор барои худ ҳеҷ гуна фоидаи модӣ ва маънавиро намебинем, ба ин масъала на манфиатан мудохила карда наметавонем, балки сахт бетараф истода, аз ҳар гуна

мудохила худдорӣ хоҳем кард ва бародарони тоҷики ҳақиқӣ (на ӯзбакнамо)-ро низ ба ин бетарафӣ даъват менамоем» [330]. Сипас, муаллиф ба таҷрибаи инқилоби Эрон ишора менамояд, ки дар он давра низ масъалаи хориҷ кардани калимаҳои арабӣ ва бегона аз забони форсӣ мавриди баҳс қарор гирифта буд. Ӯ зикр мекунад, ки ҳатто дар Теҳрон барои ислоҳи алифбои форсӣ анҷумане таъсис дода шуд, аммо натиҷаи муайяне ба даст наомад.

Ҳамчун донандаи чандин забон, С. Ализода дар бораи хусусияти забону алифбои гуногун маълумоти муфассал дода, ба хулоса омадааст, ки «барои мо, форсҳо лозим аст, ки аз ду роҳ берун наравем: ё ба ҳамин имлое, ки дорем, ҳоло қаноат ва иктифо карда, зиёдии вақтамонро ба корҳои аз ин зарууртар сарф намоем, ё ин ки агар ҳуруфи худамонро тағйир доданӣ шавем, ақалан ҳуруфе ихтироъ намоем, ки навиштанашон осонтар ва шаклашон хуштар бошад, яъне, мисли ҳуруфи фарангиён бо як қалам як калима навишта шуда, бенуқта ва қадду қомати онҳо ба ҳамдигар мувофиқ бошад» [330].

Ниҳоят, ӯ пешниҳод мекунад, ки дар сурате, ки ислоҳи алифбои форсӣ мавриди баррасӣ қарор гирад, беҳтар мебуд, ин масъала «дар анҷумане, ки дар он аз ҳамаи кишварҳои форсизабон, мисли Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон ва ғайра намояндагон ҳузур дошта бошанд, ҳал карда шавад» [330]. Дар натиҷа таъкид мекунад, ки забони форсӣ-тоҷикӣ як забони байналмилалӣ буда, дар сурати тағйири алифбо машварати дастаҷамъӣ бо ҳамзабонони хориҷӣ зарур мебошад.

Мақолаи мазкур дорои аҳаммияти баланди илмӣ буда, бисёр мулоҳизаву пешниҳодҳои он то имрӯз арзиши илмии худро нигоҳ доштаанд.

Сипас, дар хабаре дар моҳи апрели соли 1921 бо номи «Рӯзномаи форсӣ дар Бухоро» омадааст: «Дар Бухоро ба иловаи рӯзномаи «Бухоро ахбори», ки ба забони туркӣ нашр мешавад, рӯзномае ҳам ба номи «Ёшлор дунёси» қадам ба дунёи матбуот гузоштааст. Ин рӯзнома форсизабон будани ними аҳолии Бухороро ба назар гирифта, нисфи нашрияи худро бо мақолаҳои форсӣ ороиш медиҳад». Ҳамчунин, дар хабари дигар бо ҳамин ном дар шумораи оянда омадааст: «Аз рӯи гуфтори вакили Анҷумани дониши эрониёни Бухоро Мирзо

Маҳмуд Рафиқ, ки дар ин рӯзҳо ба Самарқанд барои тадоруки китобҳои мактабии форсӣ омада буданд, дарояндаи наздик дар Бухоро рӯзномаи ҷудогона ба забони форсӣ нашр хоҳад шуд». Аммо тибқи маълумоти мавҷуда, эрониёни Бухоро натавонистанд чунин як рӯзномаро таъсис диҳанд. Бо вуҷуди ин, яҳудиён ба нашри рӯзномаи худ бо хат ва забони форсӣ муваффақ гардиданд. Дар хабаре бо номи «Рӯзномаи яҳудӣ ба забони форсӣ» чунин омадааст: «Рустои (рӯзномаи – Б.А.) яҳудӣ ба забони форсӣ, ки дар Тошканд нашр мешавад, миёни яҳудиёни форсзабони Туркистон аҳаммияти зиёде пайдо кардааст. Ин рӯзномаро дар ҳар ҷо бо шавқ ва завқ мехонанд. Ин аҳаммияти он аз сабаби мундариҷаи муфид ва хабарҳои ҷолиб мебошад» [327].

Дар оғози соли таҳсили 1921 мақолаи муҳиме бо номи «Масъалаи маориф ва китоб» ба нашр расидааст. Дар он зикр шудааст: «Маълум аст, ки асоси тараққӣ ва тамаддуни ҳар миллат ва қавм вобаста ба маориф ва макотиб мебошад» [332]. Дар мақола ба аҳаммияти масъалаи маориф дар Туркистон таъкид шуда, қайд гардидааст: «Ҳукумати Шуравӣ «ҳама чиз барои мактаб аст!»-ро ба худ шиор қарор дода, дар рушди маориф кӯшиш намудааст ва менамояд» [332]. Сипас, як қатор мушкилот зикр гардидаанд: «Ба ин ду сабаб аст: яке камтаҷрибагии муаллимон, дувум бекитобӣ».

Дар мақола, махсусан ба масъалаи норасоии китоб таваҷҷуҳи бештар дода шуда, қайд гардидааст, ки ин мушкилот ҳамеша дар матбуот ва маҷлисҳо мавриди муҳокима қарор мегирад. Имсол ба ин масъала ҷиддитар машғул шуда, «дар Тошканд аз тарафи комиссариати маорифи Туркистон як «ҳайати илмӣ» таъсис дода шуда, барои он маблағи зиёде низ ҷудо карда шуд» [332]. Бо вуҷуди ин, таъкид шудааст, ки ин ҳайат то ҳол фаъолияти назаррасе анҷом надодааст: «Барои форсиёни Туркистон танҳо китобчаи «Соли нахустин» интишор ёфтааст, ғайр аз ин, чизи дигаре ба назар намерасад ва маълум нест, ки барои таҳияи китобҳои форсӣ кӯшише сурат мегирад ё не» [332]. Қайд шудааст, ки шуъбаҳои маориф ва муаллимон бояд то оғози соли нави таҳсил, ҳатто дар ҳаҷми маҳдуд, китобҳои дарсӣ муҳайё намоянд. («Син.Мим.»). Бояд гуфт, ки китоби «Соли

нахустин»-ро низ муаллифи мақолаи мазкур, Саидризо Ализода, таълиф ва нашр намудааст.

Маҳорати насрнависӣ ва публитсистикаи бадеӣ, сиёсӣ ва байналмилалии устод Садриддин Айнӣ маҳз дар «Шуълаи инқилоб» рушд ёфтааст. Ба аҳаммияти мақолаҳои сершумори устод дар ин маҷалла, бахусус дар бораи воқеаҳои сиёсӣ, С. Аъзамов баҳои баланд додааст: «Ба мақолаҳои сиёсатшиносонаи ӯ (С. Айнӣ – Б.А.) набояд кам эътибор дод. Аз ин мақолаҳо завқи сиёсатшиносӣ ва нақди сиёсӣ равшан ҳувайдост» [521, с.147].

Баъд аз ин, дар тирамоҳи соли 1921 масъалаи сафари муҳаррир Саидризо Ализода ба Эрон матраҳ гардид. Дар ин мавриД мақолае таҳти унвони «Мусофирати мудири мо ба Эрон» ба нашр расидааст. Дар он аз номи корманди маҷалла чунин омадааст: «Мудири маҷаллаи мо, рафиқ Саидризо Ализода, ки аз оғози инқилоб дар рушди маориф ва матбуот саҳм мегирад ва дар тӯли ин чор сол бидуни истироҳат пайваста барои пешрафти ин ду соҳа заҳмат мекашад, дар натиҷаи ин заҳматҳои тӯлонӣ ба хастагӣ ва заъфи ҷисмонӣ гирифтор гардида, тибқи тавсияи табибон ба тағйири муҳит ва истироҳат ниёз пайдо кардааст. Аз ин рӯ, бо гирифтани иҷозати якмоҳа аз қумитаи фирқаи вилоятӣ, нияти сафари Эронро дошт» [111].

Зарурати сафари Саидризо Ализода ба Эрон пас аз сафараш ба Бухоро дар моҳи июли ҳамон сол дақиқ гардид. Эрониёни Бухоро ӯро расман барои овардани китобҳо ва ҷалби муаллифон вазифадор намуда буданд. Дар моҳи сентябр, пас аз таъйини рӯзи сафари Ализода, эрониёни ҳамшаҳрии ӯ низ бо чунин дархост муроҷиат намуданд. Дар мақолаи мазкур омадааст: «Эрониёни Боғишамол, ки зарурати мавҷудияти китобҳои форсӣ ва рушди маорифро барои пешрафти макотиб баробари обу нон меҳисобанд ва ду сол пайваста дар андешаи ворид намудани китоб ва муаллимон аз Эрон буда, дар ин замина тадбирҳо меандешанд, ин сафари мудири маҷалларо як фурсати муносиб шумурда, тасмим гирифтанд, ки аз ин имконият истифода баранд» [111].

Қайд шудааст, ки 31 август дар идораи ҷамъияти хайрияи Боғишамол намояндагони ташкилотҳои сиёсӣ, муассисаҳои касаба ва маориф, вакилони

миллӣ ва намояндагони рӯҳониён гирди ҳам омада, Ализодаро барои анҷоми ин рисолат вакил таъйин намуданд. Бо мақсади таъмини хароҷоти ин сафар, сандуқи хайрия кушода шуда, се нафар масъул барои идораи он интихоб гардиданд. Изҳори умед шудааст, ки «мудири мо расман аз аввали сентябр масъулиятҳои идораро ба муовини худ супурда, барои таҳияи асбоби сафар омодагӣ мегирад. Умед дорем, ки ӯ бо муваффақият вазифаи худро иҷро намуда, боиси хушнудии аҳли маорифпешагони Боғишамол гардад. Ҳамчунин, бо ин сафар неруи рӯҳии хасташудаи худро барқарор намуда, дубора ба иҷрои вазифаҳои худ идома диҳад» [111].

Дар поёни мақола муаллиф, ки эҳтимолан журналисти таҷрибадор ва тарҷумони забонҳои туркӣ ва ӯзбекӣ Ғуломризо Қамбарзода мебошад, чунин зикр кардааст: «Аз таҷрибаи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ва рӯзномаи «Камбағаллар товуши», хусусан аз рафиқамон Айнӣ-афандӣ умедворам, ки дар набудани мудири мо, бандаро, ки дар иҷрои вазифа танҳо мемонам, бо ёрӣ ва дастгирии худ ҳамроҳӣ намуда, боиси хушнудии мудирамон гарданд. (Мудири муваққатӣ: Ғ.Қ.)» [111]. Қамбарзодаи мазкур баъдан дар маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор»-и Аббос Алиев (соли 1926) ҳамчун котиби масъул фаъолият намуда, сипас дар нашрияҳои дигари соҳаи маориф кор кардааст.

Дар натиҷа аксарияти муҳаққиқони тоҷик бар онанд, ки маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» на танҳо инъикоскунандаи масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва сиёсӣ, балки майдони рушди маҳорати адабӣ ва публисистии адибон ва рӯзноманигорон низ маҳсуб меёфт. Бешубҳа, маҳорати публисистӣ ва нависандагии чанде аз адибони тоҷик, аз ҷумла устод Садриддин Айнӣ, маҳз дар ҳамин маҷалла ташаккул ёфтааст.

Ниҳоят, бо баррасии фасли мазкур ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

**1. Нақши маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» дар ҳифзи ҳувияти миллӣ.** Маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ҳамчун минбари матбуотии идеологии даврони аввали Ҳукумати Шуравӣ, баъди соли 1917, дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ,

иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон нақши назаррас бозид. Гарчанде он ҳамчун нашрияи ҳизбӣ фаъолият мекард, ба масоили худшиносии миллӣ ва ҳувияти тоҷикон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуд. Нашрия забон, маориф ва мавқеи тоҷиконро дар сохтори нави сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор дода, бо мақолаҳои публитсистии Саидризо Ализода талош кард, ки мақоми тоҷиконро дар фазои сиёсӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ ҳифз намояд.

**2. Ҷанбаи сиёсиву иҷтимоии публитсистикаи «Шуълаи инқилоб».** Публитсистикаи «Шуълаи инқилоб» бо ҷанбаи таҳлилӣ ва идеологӣ фарқ мекард. Масоили забон, маориф ва мавқеи тоҷикон дар низоми сиёсӣ бо усулҳои муосири таҳлилӣ баррасӣ мешуданд. Ин равандро махсусан мақолаҳои Ализода нишон медиҳанд, ки таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоиро бо равиши таърихӣ ва забоншиносӣ **арзёбӣ карда, масоили забони тоҷикӣ ва** гузариши таълим аз форсӣ ба ӯзбекиро мавриди баррасӣ қарор додааст.

**3. Ихтилофоти идеологӣ ва фишорҳои сиёсӣ ба нашрия.** Бо вуҷуди нақши мусбати нашрия, фишорҳои сиёсӣ ва тағйироти идеологӣ сабаби танг шудани мавқеи публитсистони тоҷик гардид. Нашрия бо мубориза барои ҳифзи забони форсӣ **ва** такмили маорифи тоҷикӣ дучори муқовимати ҳукуматдорони маҳаллӣ ва сиёсати ҳизбии он давр шуд. Натиҷаи ин фишорҳо тағйири мавқеи Ализода дар солҳои баъдӣ буд, ки дар мурочиатҳои деринааш пурра таълими форсиро ҷонибдорӣ мекард, вале баъдан ба забони таълимии туркии озарбойҷонӣ майл кард**.**

**4. Ҳолати забони тоҷикӣ ва мавқеи тоҷикон дар сиёсати миллӣ.** Дар оғози асри XX мавқеи тоҷикон дар низоми давлатӣ заиф буд ва тоҷикон дар сиёсатҳои миллӣ мавриди фаромӯшӣ ва каноргузорӣ қарор доштанд. «Шуълаи инқилоб» ва шахсиятҳои матбуотии он, аз ҷумла Саидризо Ализода, барои эътирофи забони тоҷикӣ ҳамчун забони таълим ва матбуот талош карданд. Бо вуҷуди шиорҳои расмии Ҳукумати Шуравӣ дар бораи озодии забони модарӣ, таҳаввулоти минбаъда нишон доданд, ки ҳуқуқҳои забонии тоҷикон танҳо дар сатҳи эъломияҳо боқӣ монданд.

**5. Ҳимояи забон ва фарҳанги тоҷикӣ тавассути публитсистика.** Мақолаҳои интишоршуда дар «Шуълаи инқилоб» масъалаи забон ва ҳувияти миллӣ-ро ба сатҳи баҳсҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ворид карданд. Ализода ва ҳамсафонаш бо муроҷиатҳои публитсистии таъсирбахш мардумро ба муқовимат ва ҳифзи забони модарӣ даъват мекарданд. Дар мақолаҳои ин маҷалла мақоми забони форсӣ ҳамчун забони таърихии тоҷикон таъкид гардида, аз кушишҳо барои тағйири маҷбурии забони таълим интиқод мешуд.

**6. Ташаббусҳо барои рушди маорифи тоҷикӣ.** Маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» барои ташкили мактабҳои тоҷикӣ ва омӯзиши форсӣ талошҳои назаррас анҷом дод. Дар мақолаҳои он мушкили норасоии китобҳои дарсӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ ва нияти таъсиси муассисаҳои таълимии тоҷикӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Чунин навиштаҳо нишон медиҳанд, ки ин нашрия ҳадафи эҷоди низоми маорифии устувори тоҷикӣ-ро дошт, аммо сиёсати расмии Шуравӣ дар муқобили ин ҳаракат қарор гирифт.

**7. Ҳифзи худшиносии миллӣ тавассути нашрия.** Нашрия бо мубориза барои ҳифзи забони тоҷикӣ ва ривоҷи маориф дар ташаккули ҳувияти миллӣ саҳм гузошт. Аз сафҳаҳои публитсистикаи бадеӣ маълум мешавад, ки «Шуълаи инқилоб» ҳамчун як майдони мубоҳисоти миллӣ, барои ҳифзи ҷойгоҳи тоҷикон дар фазои сиёсӣ ва фарҳангии минтақа талош мекард.

**8. Монеаҳо ва фишорҳо бар фаъолияти нашрия.** Ба назар мерасад, ки қатъ гардидани фаъолияти нашрия, ба сиёсати миллии Ҳукумати Шуравӣ ва фишорҳои сиёсӣ рабт дошт. Чунин мавқеъгириҳои сиёсӣ сабаб шуданд, ки бисёре аз кӯшишҳои ҳифзи забони тоҷикӣ дар чорчӯби сиёсати забонии Шуравӣ натиҷаи дилхоҳ надошт.

**9. Натиҷаҳои дарозмуддати фаъолияти нашрия дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ.** Маҷалла бунёди анъанаи публитсистикаи миллиро дар матбуоти тоҷик гузошт, ки баъдан дар нашрияҳои минбаъда, аз ҷумла «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик», идома ёфт. Бо вуҷуди маҳдудиятҳои сиёсӣ, таҷрибаи публитсистони ин давра минбаъд ба ташаккули матбуоти тоҷик таъсири амиқ гузошт.

**Хулосаи умумӣ**

Маҷаллаи «Шуълаи инқилоб», новобаста ба вобастагии худ ба идеологияи ҳизбӣ, дар ҳифзи ҳувияти миллӣ, таҳкими мавқеи забони тоҷикӣ ва рушди маорифи миллӣ нақши назаррас бозид. Публитсистикаи он баҳсҳои сиёсӣ ва фарҳангиро дар мавриди забон ва ҳувияти миллӣ, ки то он замон бештар хусусияти маҳдуд доштанд, ба сатҳи муҳокимаи васеи ҷамъиятӣ баровард. Таҳлилҳои нашрия нишон медиҳанд, ки он на танҳо як минбари таблиғотии ҳукуматӣ, балки як мактаби фикрӣ ва иҷтимоӣ барои ташаккули худшиносии миллӣ низ буд.

### 3. 5. Ҷойгоҳи бахши «Адабиёт» дар рӯзномаи «Овози тоҷик»

Рӯзномаи «Овози тоҷик» ба шеъри адабӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Далели ин мавҷудияти гӯшаи махсуси «Адабиёт» мебошад, ки ба нашри ашъор ихтисос ёфтааст.

Дар шумораи дуюми рӯзнома, ҳамзамон бо мақолаи муҳими С. Айнӣ таҳти унвони «Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик», ки дар саҳифаи аввал ҷой гирифтааст, дар гӯшаи «Адабиёт» яке аз шеърҳои устод ба муносибати нашри рӯзномаи «Овози тоҷик» ба табъ расидааст:

Ба парда то ба чандин рози тоҷик,
Биё биншин, шунав овози тоҷик.
Чу қумрӣ месароям нағма, чунки
Гирифторам ба сарви нози тоҷик.
Ба зеҳни софу истеъдоди фитрӣ,
Набошад дар ҷаҳон анбози тоҷик.
Суханро чун арӯсон зеб дода,
Забони маърифатпардози тоҷик.
Ҳунарҳо, пешаҳо эҷод карда,
Ба дунё қувваи ҷонбози тоҷик.
Яқин донӣ, ки анҷомаш бахайр аст,
Ба ёд орӣ агар оғози тоҷик.
Ҷаҳонро сар ба сар санҷида, дида,
Ба аҳди рафта чашми бози тоҷик.
Фақат бемактабӣ дар асри ҳозир,
Каме монеъ шуд аз парвози тоҷик.
Пас аз чанде ба хомӯшӣ ғунудан,
Баромад оқибат «Овози тоҷик» [47, с.2].

Ин шеър бо сабку услуби баланд, истифодаи ташбеҳоту маҷозҳои пурмаъно ва мазмуни иҷтимоии худ аҳаммияти хосса дорад. Дар он яке аз мушкилоти муҳим — «бемактабӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ифодаи

«Чу қумрӣ месароям нағма» низ ба усули эҷодии шеър мувофиқ буда, ба андешаи муҳаққиқон, «шеърро чун суруд ва мусиқӣ месароянд, на менависанд» [498, с.112]. Байти мақтаъ маънои куллии шеърро фаро гирифта, умед ба ояндаи некро ифода менамояд. Чопи рӯзнома, ки пас аз солҳои «хомӯшӣ ғунудан» оғоз гардид, боиси такомули фарҳангӣ ва адабӣ арзёбӣ мегардад. Боварии устод ба ояндаи нек боиси афзоиши бадеият, самимият ва воқеиятнигории шеър шудааст.

Муҳим аст қайд шавад, ки дар бойгонии китобхонаҳо аксари шумораҳои «Овози тоҷик» дастрас нестанд. Аз ин рӯ, аз шумораҳои мавҷуда танҳо ду шеъри устод Айниро дарёфт намудем. Шеъри дуюми устод таҳти унвони «То ба кай?» дар оғоз оҳанги маҳзун дошта, вазъи равонии шоирро инъикос менамояд. Дар ин шеър санъати такрор мавқеи назаррас дорад:

То ба кай ошуфтаи зулфи парешон аст дил?
То ба кай хунгаштаи лаъли сухандон аст дил?
То ба кай қурбони бераҳмии ҷонон аст дил?
То ба кай вайрони истибдоди ҳиҷрон аст дил?.. [51, с.3].

Пас аз баён намудани ҳолати рӯҳии ноором ва мушкилоти модӣ, шоир ба хулоса мерасад, ки роҳи ҳалли онҳо дар кӯшишу талоши худи инсон аст. Аз ин рӯ, зарурати навовариро таъкид менамояд:

Вақти он омад, ки дар саъю амал ҳиммат кунем,
Дар сари осудагии хеш, худ хидмат кунем [51, с.3].

Яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои гӯшаи «Адабиёт» нашри ашъори ватанпарварона, инқилобӣ ва ғиноии устод Лоҳутӣ мебошад. Ин шеърҳо боиси афзудани таваҷҷуҳи хонандагони рӯзнома гардиданд. Саҳифаҳои «Овози тоҷик» дар солҳои 1925-1926 мунтазам бо ашъори инқилобии устод Лоҳутӣ оро дода мешуданд. Шеъри «Калимаи шаҳодати ранҷбарӣ» маҳбубияти хос пайдо карда, вирди забонҳо гардид:

Шаҳодат медиҳам бар ин ки ман аз миллати «кор»-ам,
Нажоди саъю тухми ранҷу насли тӯдаи заҳмат.
Ватан рӯи замину дини ман фармудаи заҳмат,
Ба ҷуз заҳмат надорам мазҳабе, ин аст иқрорам! [190].

Бархе аз ашъори Лоҳутӣ дорои ҳаҷми бузург буда, дар ду шумора ба нашр расидаанд. Манзумаи «Муҳимтарин фасли таърихии фирқаи Эрон» аз ҷумлаи чунин осор маҳсуб мешавад. Устод Лоҳутӣ рӯйдодҳои сиёсии Эронро бо эҳсоси баланд пайгирӣ намуда, дар ин замина ашъори зиёде эҷод намуда, ҳамватанони собиқи худро ба мубориза даъват карда, онҳоро рӯҳбаланд месохт.

Мавзуи инқилоб ва муборизаҳои синфӣ дар Эрон дар манзумаи Лоҳутӣ, ки ба Охундзода бахшида шудааст, ба таври возеҳ ифода ёфтааст. Шеър бо усули шеъри нав суруда шудааст, ки ин омил ба баланд бардоштани таъсирбахшӣ ва тантанаи он мусоидат намудааст. Хусусияти манзума дар озодии шакл ва мутобиқат бо равияи инқилобӣ ифода меёбад. Ашъори Лоҳутӣ, бо вуҷуди хусусияти бадеии баланд, инчунин мавқеи устувор дар байни хонандагон ва пайравони ӯ пайдо намуда буданд. Дар осори шоир лирика бо масоили иҷтимоӣ ва сиёсӣ пайванд дошта, мазмунҳои асосии онҳо васфи меҳнат, зиндагии синфи коргар ва деҳқонро фаро мегиранд. Ҳатто яке аз ғазалҳояшро «Адабиёти синфӣ» номгузорӣ намудааст, ки онро «маҳсули таассурот ва мавқеи синфӣ» арзёбӣ мекунад. Ба қавли муҳаққиқон: «Лоҳутӣ пас аз ҳиҷрат ба Тоҷикистон бо муҳити нав ба зудӣ ошно гардид ва, мувофиқи маълумоти мавҷуда, ашъори худро таҳрир намудааст».

Илова бар ин, рӯзномаи «Овози тоҷик» осори Лоҳутиро, аз ҷумла «Чамани сӯхта», «Эй деҳқон!», «Ҳеҷ нагуфт» ва дигар шеърҳои ӯро ба табъ расонидааст. Ғазалҳои шоир, ҳарчанд ба сабки классикӣ эҷод шудаанд, мазмунҳои муосирро инъикос менамоянд:

Шунид духтари Эрон хабар зи озодӣ,
Арақ зи ҳар сари мӯяш чакиду ҳеҷ нагуфт!
Ба пири савмаъа рамзе зи «родию» гуфтам,
Даруни ҳирқа ба ҳайрат хазиду ҳеҷ нагуфт!

Дар дигар шеърҳои Лоҳутӣ, аз ҷумла «Бе вуҷуди мо», «Дигар ҳеҷ!», «Гар бихоҳӣ, метавонӣ», ки дар рӯзнома нашр шудаанд, ҳокимияти синфи коргар ва деҳқон ҳамчун пояи зиндагӣ ва кафили хушбахтии инсон ситоиш шудааст. Шоир нисбат ба мухолифони инқилоб мавқеи қатъӣ дошта, дар бархе аз ашъори худ

ҳатто афви онҳоро дар солҳои аввали инқилоб нодуруст мешуморад. Ба назари ӯ, чунин гузаштҳо дар оянда боиси мушкилот хоҳанд шуд, бинобар ин «бояд пойиононро аз рӯи замин бардошт».

Дар хусуси чунин хусусиятҳои назми солҳои бистум, ки дар нашрияҳо ба табъ расидаанд, А. Азимов чунин назар додааст: «Мавзуъ ва муҳтавои назми солҳои 20-ум асосан дар тавсифи Инқилоб, дастовардҳои Ҳокимияти Шуравӣ, озодии занон, мактаб ва маориф, таълиму тарбия, шикоят аз замони гузашта, заҳмати меҳнаткашон, инсонпарварӣ, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, андешаҳои зиддидинӣ ва ғайраҳо ифода меёфт. Назми солҳои 20-ум табиатан хислати тарғиботӣ-ташвиқотӣ касб кард» [22, с.44].

Хулосаи мазкур ба муҳтаво ва мазмуни ашъори нашрияи «Овози тоҷик» комилан мувофиқат мекунад. Бояд таъкид намуд, ки шеърҳои инқилобии устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ ба дигар шоирон таъсири назаррас расонидаанд. Дар ин давра ашъори зиёде, асосан таҳти таъсири Лоҳутӣ, ба табъ расиданд. Ҳарчанд сатҳи бадеии бархе аз онҳо паст арзёбӣ мегардид, бо назардошти мавзуъ ва аҳаммияти иҷтимоӣ онҳо нашр мешуданд. Аз ҷумла, шеъри Ноили Истаравшанӣ, ки ба мавзуи мактаб ва маориф бахшида шудааст, зери таъсири услуб ва андешаҳои Лоҳутӣ эҷод гардидааст:

Бо роҳи маориф бикунад ҷони худ исор,
Даъво кунад он кас, ки манам ёри маориф.

Тамҳид, яке аз равшанфикрон ва шоирони боистеъдоди давр, дар рӯзнома бо намунаҳои гуногуни ашъори худ ҳузур дошт. Ӯ дар қолаби шаклҳои классикӣ мазмунҳои навро таҷассум намуда, масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар осори худ ба таври возеҳ ифода намудааст:

Ҳар лаҳза фикан сӯи ҷароид назар имрӯз,
Зи аҳволи ҷаҳон то ки шавӣ бохабар имрӯз.
Ҳаққо, ки ҷароид сӯи фирдавси тамаддун,
Гардида ба ҳар қавми милал роҳбар имрӯз.
Эй қавми наҷобатасар, эй миллати тоҷик,
Кӯшед пайи ҳосили ҳар илм дар имрӯз.

Тамҳид дар тарғиби мактаб ва маориф, ташвиқи рўзномаҳо ва иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ саҳми назаррас дошт. Дар ғазалҳои ӯ паёмҳои иҷтимоӣ, талош барои пешрафти ҷомеа, рушди маърифат ва беҳбудии зиндагӣ мавриди тасвир қарор гирифтаанд.

Дар шеъри «Камбағал»-и муаллифи доимии рўзнома Асадуллоҳ Кошонӣ вазъи душвори деҳқонони яккадаст инъикос ёфта, ба онҳо муроҷиат мешавад, ки бо ташкил намудани хоҷагиҳои муттаҳид муборизаи синфии худро самарабахш гардонанд. Шоир роҳи ягонаи тараққиёт, осудаҳолӣ ва хушбахтии миллатро дар рўй овардан ба маориф арзёбӣ намудааст.

Дар рўзнома чанд шеъри корманди нашрия Зеҳнӣ низ ба табъ расидааст, ки гарчанде аз лиҳози бадеият камарзиш бошанд, ба қавли А. Азимов, «аз лиҳози фатҳи мавзуъ ва ниёзҳои иҷтимоӣ ифодагари дардҳои ҷомеаи навбунёд буданд» [22, с.55]. Шеъри «Таассуроти биное Шоҳизинда»-и ӯ, ки ба мушкилоти ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ишора мекунад, аз ҷумлаи чунин осор мебошад. Дар шеъри «Суруди баҳорӣ», ки ба васфи табиат ва ситоиши Ҳукумати Шуравӣ бахшида шудааст, ба гуфтаи А. Азимов, «аз лиҳози сабк ва услуб, тасвир ва тарзи баён суфта» мебошад. Ҳатто дар он вожаҳо ва ибораҳое ба монанди «бинобар ин» ба чашм мерасанд. Бештари шеърҳои Зеҳнӣ ба мавзуъҳои мактаб ва маориф, озодии занон ва тасвири табиат ихтисос ёфтаанд. Бо вуҷуди камбудиҳои бадеӣ, «назми Зеҳнӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи шеъри солҳои бистум аст, ки тамоми паҳлуҳои зиндагиро инъикос кардааст» [22].

Дар гўшаи «Адабиёт» инчунин чанд шеъри Муминзодаи Хуҷандӣ, ки дорои мазмуни иҷтимоӣ мебошанд, нашр гардидааст. Аз Ҳилмӣ низ шеърҳои «Эй тамаддун», «Хитоб ба ранҷбарон», «Дар ҳаққи деҳқон» ба табъ расидаанд. Дар ҳамин давра, соли 1925, чанд шеъри шоири бухороӣ бо тахаллуси Пинадўз нашр шуд, ки баъдан дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» мавриди таҳлили С. Манофзода қарор гирифт. Манофзода, бо вуҷуди баҳои мусбат додан, ӯро барои тақлид ба Лоҳутӣ танқид карда, таъкид намудааст, ки шеъраш ба сатҳи осори Лоҳутӣ намерасад. Дар гўшаи «Адабиёт»-и «Овози тоҷик» осори зиёди Пинадўз,

аз ҷумла «Ду Рустами охир расид» ва «Хитоб ба духтари Шарқ» нашр шудаанд. Намунаи беҳтарини ашъори ӯро метавон шеъри «Дидӣ, ки чӣ тур шуд?» донист:

Эй ранҷбарон, ҳосилатон вақти дарав шуд. – Дидӣ, ки чӣ тур шуд?
Он замзами ашрор ҳама ғарқи алав шуд. – Дидӣ, ки чӣ тур шуд?
Он зулми ҷаҳондориву он сатвати ҷаббор, – Он хайли ҷафокор,
Онҳо ҳама ях буд, ба як мартаба ав шуд. – Дидӣ, ки чӣ тур шуд?..

Ҳамчунин, дар гӯшаи «Адабиёт» ашъори Суҳайлӣ, Ф. Роҷӣ, Мирзо Иброҳим ва дигарон низ ба табъ расидаанд, ки умдатан хусусияти даъватӣ доранд. Шеърҳои муҳаррири рӯзнома Абдуқаюми Қурбӣ низ асосан дар шумораҳои аввали нашрия чоп шудаанд. Қурбӣ ҳамчун корманди фаъоли сиёсӣ ва ҳизбӣ дар ташкили рӯзнома ва нашри маводи муҳими замон саҳми назаррас дошт [434, с.72-73]. Бо вуҷуди ин, ҳунари шоирии Қурбӣ сатҳи баланд надошт. Ӯ барои шӯҳрат машқи шеър мекард ва онҳоро дар рӯзномае, ки худ муҳаррираш буд, ба табъ мерасонд. Гарчанде, ки аз лиҳози мазмун шеърҳояш ба талаботи иҷтимоӣ ва сиёсӣ мувофиқ буданд, онҳо аз нигоҳи бадеият заиф ба назар мерасиданд. Ин ҳолат боиси норозигии шоирони дигар гардида, бархе аз онҳо ин камбудиҳоро рӯйирост ба ӯ мегуфтанд, дар ҳоле ки иддае шеърҳои ҷавобия (нақизаҳо) эҷод намуда, Қурбиро ҳадафи танқид ва масхара қарор медоданд. Азбаски ӯ шахсияти содафеъл буд, мазмуни ҳақиқии ин нақизаҳоро, ки асосан бо оҳанги танзу шӯхӣ суруда мешуданд, намефаҳмид. Аз ин рӯ, як шеъри ҷавоншоира Зеҳнӣ бо сарлавҳаи «Назира ба ғазали Қурбӣ»-ро тавсифӣ шуморида, онро дар рӯзнома ҷой дода буд:

Тарзи ҳисоби мо чигил, ё фаслу боби мо ғалат,
Сарлавҳаи мо ё хато, сатри китоби мо ғалат [153, с.4].

Назираҳои дигар шоирон, аз ҷумла Айнӣ ва Сиддиқӣ, низ ба ашъори Қурбӣ маълуму машҳуранд, ки асосан хусусияти танзу шӯхӣ доранд. Ба қавли Раҳим Ҳошим, «Қурбӣ нашри шеърҳои бемаззаи худро идома медод ва ҳатто ба суханони рӯзноманависи таҷрибанок, марди фозил Саидризо Ализода, ки газетаи мазкурро идора мекард, аҳаммият намедод» [447, с.234].

Бархе аз шеърҳои Қурбӣ беимзо нашр мешуданд. Дар осори ӯ мушкилоти иҷтимоии замон ва заҳмати сангини меҳнаткашон инъикос ёфтааст. Масалан, дар посух ба манзумаи «Шаҳрошӯб»-и Сайидои Насафӣ, бо ишора ба «чаҳ-чаҳак», ки рамзи дастгоҳи риштабофӣ ва ранҷи зиёди меҳнаткашон буд, ӯ қафомонии илму маориф ва техникаро дар гузашта ёдовар шуда, зарурати омӯзиши илм ва ҳунарро таъкид кардааст.

Баъд аз танқидҳои пайдарпайи ҳамкорон, Қурбӣ аз шеърнависӣ даст кашид. Бо вуҷуди ин, маҳкум кардани ӯ ҳамчун шахси бемаърифат ва мансабталош, тавре ки баъзе муҳаққиқон иддао мекунанд, воқеиятро пурра инъикос намекунад. Саҳифи ӯ дар таъсиси рӯзномаи аввалини тоҷикӣ, ки пеш аз ташкили Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ба вуҷуд омад, ва саҳмаш дар нашри мақолаҳои муҳим арзишманд буда, наметавонад фаромӯш гардад.

Гӯшаи «Адабиёт»-и рӯзномаи «Овози тоҷик» дар тарғиби илм ва маориф, васфи Ҳукумати Шуравӣ ва тарбияи инсони равшанфикр тавассути нашри ашъори наву замонавӣ, сурудҳо, маршҳо ва таронаҳои иҷтимоӣ нақши муҳим бозидааст. Ин гӯша хонандаи тоҷикро рӯҳбаланд сохта, ба ташаккули тафаккури иҷтимоӣ ва сиёсӣ мусоидат мекард. Дар маводи нашршуда мавзуъҳои дорои хусусиятҳои лирикаи ишқӣ ва тасвири табиат хеле кам ба назар мерасиданд, дар ҳоле ки шаклҳои классикии шеър, аз ҷумла ғазал, рубоӣ ва мусаддас, фаровон ба чашм мерасиданд.

Аз таҳқиқ ва таҳлили фасли боло метавон ба чунин хулоса расид:

**1. Мавқеи бахши «Адабиёт» дар рӯзномаи «Овози тоҷик».** Рӯзномаи «Овози тоҷик» дар баробари нашри матолиби сиёсӣ ва иҷтимоӣ, барои адабиёт низ ҷойгоҳи махсус фароҳам оварда, бо таъсиси бахши «Адабиёт» ба инкишофи шеъри иҷтимоиву инқилобӣ мусоидат намудааст. Ин бахш на танҳо барои нашри ашъори шоирони тоҷик, балки барои таблиғи ғояҳои инқилобӣ, тарғиби маориф ва худшиносии миллӣ хизмат кардааст. Дар шумораҳои аввалини рӯзнома шеърҳои устод Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ бо ҷанбаи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва инқилобӣ нашр гардиданд. Ҳузури бахши «Адабиёт» дар рӯзнома нишон

медиҳад, ки адабиёти навини тоҷик ҳамчун як унсури муҳими ташаккули шуури ҷамъиятӣ ва сиёсӣ дар солҳои 1920-ум мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

**2. Шеъри иҷтимоиву инқилобӣ дар гӯшаи «Адабиёт».** Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини бахши «Адабиёт» нашри шеърҳои инқилобӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки бештар тавассути осори Айнӣ, Лоҳутӣ ва дигар шоирон таҷассум ёфтааст. Шеърҳои иҷтимоии Айнӣ дар ин рӯзнома ба масоили муҳими замон, аз ҷумла мактаб, маориф, бедории миллӣ ва худшиносӣ тамаркуз доштанд. Инъикоси муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ашъори нашршуда нишон медиҳад, ки шеър на танҳо як зуҳуроти адабӣ, балки як абзори муҳими ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва идеологӣ дар ин давра будааст.

**3. Ҷойгоҳи Абулқосим Лоҳутӣ дар рӯзнома.** Дар гӯшаи «Адабиёт» нашри мунтазами ашъори Абулқосим Лоҳутӣ яке аз вежагиҳои рӯзнома ба ҳисоб меравад. Шоир бо мавқеи иҷтимоиву сиёсӣ, ашъори худро ба васфи синфи коргар, муборизаҳои инқилобӣ ва вазъи иҷтимоии меҳнаткашон бахшида, хонандагонро ба фаъолияти сиёсӣ ва иштирок дар ҳаракатҳои иҷтимоӣ даъват кардааст. Манзумаи «Калимаи шаҳодати ранҷбарӣ», ки вирди забони мардум гардида буд, сабки инқилобии адабиёти он даврро муаррифӣ намуда, нақши боризи шеърро дар ташаккули идеологияи синфӣ ва шуури иҷтимоӣ инъикос мекунад.

**4. Навоварӣ ва таъсири шеърҳои нашршуда.** Гӯшаи «Адабиёт» бо нашри шеърҳои дорои мазмунҳои нав, махсусан инқилобӣ, ватандӯстона ва иҷтимоӣ, ба ташаккули шеъри нави тоҷикӣ таъсири амиқ расонид. Бисёре аз шоирони ҷавон, аз ҷумла Тамҳид, Зеҳнӣ, Ноили Истаравшанӣ, Ҳилмӣ ва дигарон, маҳз зери таъсири Айнӣ ва Лоҳутӣ ба эҷоди ашъори сиёсӣ ва иҷтимоӣ рӯ оварданд. Бисёре аз шеърҳои нашршуда ба таҳкими ғояҳои ватандӯстӣ, маорифпарварӣ ва рушди ҳувияти миллӣ равона гардида, паёми иҷтимоии мутақобили адибонро дар самти такмили маърифат ва бедории ҷомеа таҷассум менамуданд.

**5. Масоили иҷтимоӣ ва тарбиявӣ дар шеърҳои рӯзнома.** Дар гӯшаи «Адабиёт» масоили иҷтимоӣ, тарбиявӣ ва фарҳангӣ дар шакли шеърҳои даъватӣ,

маршҳо ва сурудҳои инқилобӣ инъикос мегардид. Ашъори нашршуда бештар ба ташвиқи омӯзиши мактабӣ, худшиносии миллӣ, бедории иҷтимоӣ ва таҳкими афкори навин равона гардида буданд. Масалан, шеъри «Камбағал»-и Асадуллоҳ Кошонӣ бо инъикоси вазъи душвори меҳнаткашон роҳи наҷотро таълими мактабӣ ва муттаҳидии деҳқонон медонист. Ҳамин гуна шеърҳои публитсистӣ ва тарғиботӣ бо ҳадафи таҳрик додани қишрҳои гуногуни ҷомеа дар гӯшаи «Адабиёт» ҷой дода мешуданд.

**6. Ҷанбаи интиқодӣ ва мunoқишаҳои адабӣ**. Рӯзномаи «Овози тоҷик» бо нашри шеърҳои мунаққидона ва ҷавобияҳо ба мунoқишаҳои адабӣ ва баҳсҳои шеъри инқилобӣ мусоидат кардааст. Дар ин давра шакл ва мазмуни шеър таҳти таъсири андешаҳои инқилобӣ тағйир ёфта, баҳсҳо дар бораи то чӣ андоза мувофиқ будани қолабҳои классикӣ ба мавзуъҳои нав ташаккул ёфтанд. Аз ҷумла, тақлид ба Лоҳутӣ, ки аз ҷониби бархе аз шоирон сурат мегирифт, мавриди танқиди адабиётшиносон ва мунаққидон қарор гирифта буд.

**7. Мавқеи Қурбӣ ва мунoқишаҳои адабии ӯ.** Муҳаррири рӯзнома Абдуқаюми Қурбӣ, ки худ низ ба эҷоди шеър машғул буд, ба интиқоди ҳамкасбон ва мунаққидон рӯ ба рӯ гардид. Шеъри ӯ, ки бештар хусусияти тарғиботӣ ва сиёсӣ дошт, боиси эътирози бархе шоирон ва эҷоди ҷавобияҳо ва нақизаҳо гардид. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки мавқеи шеъри тарғиботӣ ва талаботи иҷтимоӣ ба шеъри инқилобӣ бо вокуниш ва баҳсҳои гуногун рӯ ба рӯ буд.

**8. Гӯшаи «Адабиёт» ҳамчун омили рушди афкори иҷтимоӣ ва сиёсӣ.** Бо вуҷуди набудани озодиҳои комили эҷодӣ, гӯшаи «Адабиёт» тавонист, ки ба ташаккули афкори иҷтимоӣ ва сиёсӣ мусоидат намояд. Ба воситаи шеърҳои иҷтимоӣ, тарғиботӣ ва инқилобӣ, рӯзнома тафаккури сиёсиву иҷтимоии ҷомеаро дар даврони шаклгирии Ҷумҳурии Шуравии Тоҷикистон мустаҳкам намуд. Ин гӯша на танҳо минбари тарғиби идеяҳои ҳукуматӣ, балки майдони баҳсҳои адабӣ ва рушди ҳунари шоирон низ гардид.

**9. Арзиши адабӣ ва таърихии бахши «Адабиёт».** Гӯшаи «Адабиёт»-и рӯзномаи «Овози тоҷик» дар ташаккули адабиёти навини тоҷик ва таҳкими

нақши шеър дар худшиносии миллӣ, нақши муассир бозид. Гарчанде аксари ашъори нашршуда хусусияти тарғиботӣ доштанд, вале онҳо дар таҳаввули шеъри иҷтимоӣ ва сиёсӣ таъсири муҳим гузоштанд. Дар ин давра, шеъри тоҷик ҳанӯз ҳам дар марҳилаи гузариш қарор дошта, бо ҷустуҷӯҳои сабки нав, тағйироти мазмунӣ ва воридшавии унсурҳои нави бадеӣ тавсиф мешуд.

**Хулосаи умумӣ**

Гӯшаи «Адабиёт»-и рӯзномаи «Овози тоҷик» яке аз аввалин минбарҳои матбуотии шеъри навини тоҷик буда, ба рушди худшиносии миллӣ, таҳкими афкори иҷтимоӣ ва таблиғи ғояҳои нави инқилобӣ хизмат намудааст. Дар ин гӯша ашъори шоирони бузург, аз ҷумла Айнӣ ва Лоҳутӣ, инчунин адибони навҷӯ ба нашр расида, масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ инъикос шудаанд. Ин бахш на танҳо ба тарғиби ғояҳои ҳизбӣ, балки ба рушди жанрҳои адабӣ ва сабкҳои нави шеърӣ мусоидат намуда, замина барои шеъри иҷтимоии солҳои баъдӣ гузошт.

### 3. 6. Саҳифаи адабии рӯзномаи «Бедории тоҷик»: вежагиҳои бадеӣ ва ғоявӣ

Рӯзномаи «Бедории тоҷик» ҳамчун «ношири афкори Бюрои ташкилоти фирқаи иштирокиёни Тоҷикистон, Кумитаи инқилобӣ ва Бюрои ташкилоти иттифоқи касабаҳои марказии Тоҷикистон» аз моҳи апрели соли 1925 ба нашр расидааст. Бастаҳои рӯзномаи мазкур дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон номукаммал маҳфузанд. Аз ҷумла, шумораи аввали он, ки бо номи «Иди тоҷик» ба муносибати эълони Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон (15 марти 1925, Душанбе) нашр гардидааст, то ҳол дастрас нест. Дар фонди китобхона танҳо шумораи 24-ум, аз 28 декабри соли 1925 мавҷуд аст. Аз шумораҳои дастрасшуда маълум мешавад, ки дар соли 1925 – 1 адад, 1926 – 2 адад, 1927 – 7 адад, 1928 – 12 адад нашр шудааст. Бо такя ба ин шумораҳо, метавон дар бораи мазмун ва муҳтавои рӯзномаи нахустини расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти муайян пешниҳод намуд.

Дар шумораи ягона ва охирини соли 1925 мақолаи Ҳамид Бақозода таҳти унвони «Барои муассиси адабиётамон ҷашн лозим аст», ки аз шаҳри Самарқанд ба нашр расидааст, ҷой дорад. Ин мақола нахустин бор масъалаи адабиёти тоҷик ва мушкилоти онро матраҳ намуда, муаллиф таъкид мекунад: «Ба тамоми соҳибони адабиёт маълум аст, ки адабиёти мо, тоҷикон (форсон) дар Шарқ ҷойи нахустинро мегирад ва метавон гуфт, ки дар Шарқ ғайр аз адабиёти мо дигар адабиёти мукаммал ва ширин нест» [72, с.1]. Муаллиф инчунин аз ношинохта мондани адабиёти қадим ва сарватманди тоҷикӣ дар миёни худи тоҷикон изҳори таассуф намуда, зарурати муаррифии адабиёти инқилобии тоҷик ба ҷаҳони Шаркро таъкид мекунад. Вай пешниҳод менамояд, ки «барои муассиси адабиёти тоҷикнажодон устод Абулҳасан Рӯдакӣ» ҷашн баргузор карда шавад, китобу рисолаҳо навишта шаванд ва аз Назорати маориф дархост гардад, ки як рӯзро ҳамчун ҷашни ҳазорсолагии Абулҳасан Рӯдакӣ муайян намояд. Ба гуфтаи ӯ, «он рӯзро ҳар ҷо, ки тоҷикон ҳастанд, ҷашн намоянд» [72, с.1].

Ин мақола охири соли 1925 дар «Овози тоҷик» низ нашр шуда буд. Танҳо се моҳ пас, дар шумораи аввали нашрияи Назорати маориф – маҷаллаи «Дониш

ва омӯзгор», ки 5 марти соли 1926 ба табъ расид, мақолае таҳти унвони «Рӯзи Рӯдакӣ» нашр шуд. Дар он аз муайян шудани ҳамасолаи зодрӯзи Рӯдакӣ аз ҷониби Назорати маорифи ҷумҳурӣ хабар дода мешуд [284, с.76-79]. Муҳтавои матолиби мазкури «Дониш ва омӯзгор» дар фасли оянда муфассал баррасӣ хоҳад шуд. Азбаски ташаббускор ва мутасаддии нашри «Бедории тоҷик» ва «Дониш ва омӯзгор» нозири аввалини маорифи Тоҷикистон Аббос Алиев буд, метавон натиҷагирӣ намуд, ки муайян намудани рӯзи ҷашни Рӯдакӣ низ бо иқдоми ӯ сурат гирифтааст.

Дар рӯзномаи «Бедории тоҷик» низ гӯшаи «Адабиёт» фаъол буд, ки дар он осори адабӣ нашр мегардид. Аз ҷумла, ашъори зерин дар ин гӯша ҷой гирифта буданд:

- Абулқосим Лоҳутӣ – «Дорад-надорад» (28 декабри соли 1925);
- Пайрав Сулаймонӣ – «Ҳиндустон»;
- Мунзим – «Хурсандии тоҷик» (назира ба ғазали Адиб Собири Тирмизӣ);
- Азизӣ – «Карданист», «Шабе, ки ситора мешумоmeridам»;
- Акбар Аббосзодаи Ғармӣ – «Озодии занон»;
- Сайфулло Қурбонӣ – «Ғалла»;
- Шафиев – «Ободии дунё»;
- Муминзодаи Хуҷандӣ – «Нест роҳе ба ин чаман асло!», «Печ дар ҷомаи сиёҳ имрӯз!», «Ба аскарони сурхи тоҷик мебахшам», «Эй кӯдакон!» ва дигарон.

Мутаассифона, бо сабаби нохоно будани баъзе саҳифаҳои рӯзнома, хондани қисме аз ашъори мазкур номумкин гардид.

Яке аз фарқиятҳои асосии рӯзномаи «Бедории тоҷик» аз «Овози тоҷик» дар он буд, ки дар шумораҳои «Бедории тоҷик» осори насрии бадеӣ ва матнҳои ҳаҷвӣ бештар ба назар мерасиданд. Дар солҳои аввали нашри «Овози тоҷик», маводи ҳаҷвӣ хеле кам нашр мешуд ва гӯшаҳои махсуси ҳаҷвӣ баъдан таъсис ёфтанд. Баръакс, «Бедории тоҷик» аз шумораҳои нахустини худ ба жанри ҳаҷв таваҷҷуҳ зоҳир намуда, гӯшаи махсуси ҳаҷвӣ таъсис дода буд, ки мунтазам ба табъ мерасид.

Ба гуфтаи муҳаққиқ М. Муродӣ, «Ҳафтаномаи «Шуълаи инқилоб» ба пайдоиши ҳаҷви Шуравии тоҷик замина гузошт ва баъд аз таъсис ёфтани матбуоти даврӣ, рӯзномаҳои «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» барои ташаккули ҳаҷви адабиёти муосир, ки аслан ва бештар сифати публитсистӣ дошт, саҳмгузорӣ менамуданд» [262, с.26-27].

Дар муқоиса бо «Овози тоҷик» теъдоди матолиби ҳаҷвии «Бедории тоҷик» бештар буд. Бо вуҷуди ин, аз лиҳози сифат, маводи ҳаҷвии «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» ба сатҳи осори ҳаҷвии «Шуълаи инқилоб» баробар намешуд.

Барои арзёбии сифати маводи нашршуда дар «Бедории тоҷик», намунаҳои ҳаҷвияҳои дастрас мавриди таҳлил қарор мегиранд. Яке аз чунин осор «Як парда аз бюрократизм» ном дошта, ба шакли намоишнома ё саҳначаи ҳаҷвӣ таҳия шудааст.

Мазмуни асар ба ин масъала тамаркуз мекунад, ки муҳаррири рӯзнома бо мақсади ҷалби ҳамкорӣ ба идораи мақомоти ҳизбӣ муроҷиат менамояд. Дар ин идора, ки бештари кормандонаш русзабон мебошанд, ӯро хуш қабул намекунанд. Оғози саҳнача чунин аст:

«Парда боло меравад, муҳаррири рӯзнома дохил мешавад, кулоҳашро бардошта салом мекунад, менишинад ва мепурсад: «Рафиқ Афзалӣ омадааст ё не?»

Рафиқ Ноутово: Ба хонаи дигар даромад, ҳозир меояд.

Зани дигар: Чӣ кор доред?

Муҳаррир: Ман муҳаррири масъули «Бедории тоҷик» ҳастам, омадам, ки пурсам, барои чӣ аз зиндагонии фирқавиҳо хабар наменависед?

Он зан (бо хунукии тамом): Вақт надорем.

Муҳаррир: Шумо дар ин ҷо чӣ вазифа доред?

Зан: Ман раиси шуъбаи таблиғот ва ташвиқоти горкум (шаҳрқум) ҳастам.

Муҳаррир: Шумо ҳам раиси шуъбаи ташвиқоти фирқа ҳастед ва ҳам дишаб дар маҷлиси фаъолон он ҳама гапҳоро шунидед. Бо вуҷуди ин, бо як муҳаррири рӯзнома дар хусуси хабар додан чунин муносибат мекунед. Офарин, офарин!

Зан (лабҳояшро боло кашида мегӯяд): Не, бизпокойтис! (яъне, нороҳат нашавед!), ман дар идораи «Советский Тоҷикистон» будам, дидам, чӣ хабар аст. Шумо аввал худатонро идора кунед!

Муҳаррир: Аввало, ман барои идораи «Советский Тоҷикистон» ҷавобгар нестам, сониян, маълум нест, ки шумо чӣ шикоят аз куҷо доред…»

Дар ин саҳнача, пеш аз ҳама, фаъолияти кумитаҳои ҳизбӣ мавриди танқид қарор гирифтааст, ки бо нашрияи асосии ҳизбӣ ҳамкории наздик надоранд, мақола наменависанд ва ҳатто аз мавҷудияти рӯзномаи «Бедории тоҷик» огоҳ нестанд.

Ин ҳолат бесабаб набуд, зеро кормандони ҳизбии даврони Шуравӣ аксаран русзабон буда, ҳатто агар мутолиаи матбуот мекарданд, бештар рӯзномаҳои русиро мехонданд. Аз лаҳни муколама беписандии корманди ҳизбӣ нисбат ба рӯзнома ва муҳаррири он мушоҳида мешавад. Зане, ки масъули шуъбаи тарғиботи кумита мебошад ва русзабон аст, аз мавҷудияти рӯзномаи «Бедории тоҷик» огоҳ нест. Дар ҳамин ҳол, котиби кумитаи шаҳрӣ Рафиқ Афзалӣ, пас аз узрхоҳӣ, ба муҳаррир мефаҳмонад, ки дар таҳияи ахбор заифӣ эҳсос мекунад ва наметавонад бо рӯзнома ҳамкорӣ намояд.

Саҳнача бюрократия ва низоми кории баъзе ташкилотҳои ҳизбӣ ва давлатиро танқид намуда, ба мушкилоти ҳамкории онҳо бо рӯзномаҳо ишора мекунад.

Дар забон ва услуби асар носуфтагиҳои зиёд мушоҳида мешаванд, аз ҷумла ибораҳои «бо хунукии тамом», «дар хусуси хабар додан», «лабҳояшро боло кашида», «чӣ шикоят аз куҷо доред» ва ғайра, ки равонии матнро коҳиш дода, нишон медиҳанд, ки сатҳи забонии ин гуна маводҳо ҳанӯз такмилталаб буд. Хусусиятҳои услубии мазкур на танҳо дар «Бедории тоҷик», балки дар бештари нашрияҳои тоҷикӣ дар нимаи дуюми солҳои бистум низ мушоҳида мешуд.

Дар рӯзномаи «Бедории тоҷик», оҳанги танқидӣ, танзу ҳаҷв нақши назаррас дошта, матолиби зиёде бо ин хусусият нашр шудаанд. Аз ҷумла, мақолаи ҳаҷвии «Мактуб аз Душанбе ба ҷаноби Мулло Мушфиқӣ саламаллоҳу таъоло», ки муаллифи он бо тахаллуси «Мухбири бепулу бадхӯ» навиштааст, ба

таҳлили фаъолияти корхонаҳои давлатӣ, ки масъулияти таъмини аҳолиро ба ухда доранд, ихтисос ёфтааст.

Дар оғози мақола, баъд аз салому паём, чунин омадааст: «Аз аҳволоти баъзе масъул-кормандони Душанбе наменависам, ки ҳар рӯз соати 10 ва 11 ба кор омада, соати яку ним мераванд ва ба дигарон ибрат мешаванд гуфта, шуморо дарди сар намекунам… Дар вақти кори идора, дар болои вазифаи худашон набуда, дар (колидур) долони иҷроия буда, чой менӯшанд, нон мехӯранд ва суҳбаткунон менишинанд» [271, с.4].

Дар ин навишта риоя нашудани интизоми корӣ ва беэътиноии баъзе масъулон нисбат ба вазифаҳои худ мавриди танқид қарор гирифтааст. Аз лиҳози забон ва услуб, мақола хусусиятҳои маъмулан дар нашрияҳои ин давра мушоҳидашавандаро дорост. Бо вуҷуди истифодаи лаҳҷаи гуфтугӯӣ ва оҳангҳои оммафаҳм, мақола орӣ аз бадеият ва таъбири ҳунарӣ мебошад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки сатҳи забонӣ ва услубии «Бедории тоҷик» дар муқоиса бо нашрияҳои пешазинқилобӣ ва ҳатто бо «Шуълаи инқилоб» чанд зина поинтар қарор дошт.

Дар идомаи мақола фаъолияти корхонаҳои давлатӣ, бахусус, идораи «Узбекторг», мавриди таҳлил ва танқид қарор гирифтааст. Ба гуфтаи муаллиф, ин идора ба назар мерасад, ки «дар хоб будааст» ва аз таъмини баъзе минтақаҳо, аз ҷумла шаҳри Душанбе, ғофил мондааст. Дар мақола зикр мешавад: «Агар шунида бошед, ки молҳои боби деҳқонон дар дӯконҳои «Узбектург» нест, ҳамааш дурӯғи ростомез аст». Аз ин ҷумла маълум мегардад, ки бисёре аз молҳои зарурии мардум ба дасти савдогарон афтода, онҳо бо қимати гарон онро ба фурӯш мегузоранд.

Муаллиф, инчунин, ба мавридҳои ришаваситонӣ ва фасод ишора мекунад. Масалан, вай аз хеши худ ёдовар мешавад, ки дӯкони калоне дар Душанбе дошта, раиси бозори кумита мебошад, аз ин ҳисоб сарватманд гардида, ҳатто таҳдид мекунад, ки агар касе ӯро танқид кунад, ҳеҷ таъсире нахоҳад дошт. Ин мақола инчунин камбудиҳо дар тақсими рӯзномаи «Бедории тоҷик»-ро бозгӯ мекунад. Дар кумитаҳои шаҳрӣ ба паҳн кардани рӯзнома бетаваҷҷуҳӣ зоҳир шуда, ҳатто

якчанд рӯз он дар идораҳо бе дастрасӣ ба хонандагон мемонд. Муаллиф зикр менамояд, ки деҳаи Сариосиёб, ки ҳамагӣ чоряк чаҳрим (тақрибан 1 км) аз Душанбе дур аст, рӯзномаро бо таъхири ду-се рӯз дарёфт менамуд.

Дар бахши ниҳоии мақола, системаи адолат ва фаъолияти судӣ мавриди танқид қарор гирифтааст. Аз ҷумла, муаллиф як қарори судиро зикр мекунад, ки шахсеро барои паст кардани нархи мол ба ҷавобгарӣ кашидаанд. Дар навиштаи муаллиф оҳанги ҳаҷв ва тамасхур нисбат ба чунин қарор эҳсос мешавад. Дар идомаи матн, чунин ҷумлаҳо ба назар мерасанд: «Ин ҳақир ҳам одами пардапӯш мебошад. Як гапро, ки фаҳмидам, ба мисли дигарон сурнай, нақора карда, дар ҳама ҷо паҳн намекунам» [271, с.4]. Ин тарзи баён бо истифода аз калимаҳо ва ибораҳои кӯчагӣ ва оммафаҳм, ки дақиқияти маъноӣ ва мантиқиро коҳиш медиҳанд, дар мақола мушоҳида мешавад.

Оҳанги танқидӣ ва танз дар мақолаҳои дигари рӯзномаи «Бедории тоҷик» низ ба назар мерасад. Аз ҷумла, «Раҳмдил», яке аз хонандагони нашрия, мақолаи «Ба котибии мудаии давлат лоиқ нест»-ро бо як назм таҳти унвони «Аз забони Мирзоқулӣ Ҳоҷӣ» ҳамроҳ намудааст. Дар ин мақола рафтори ношоистаи як корманди давлатӣ мавриди интиқод қарор гирифтааст. Гуфта мешавад, ки дар идораи мудаии давлатии Панҷакент, шахсе бо номи Мирзоқулӣ Ҳоҷӣ ба ҳайси котиб фаъолият мекунад. Муаллиф таъкид менамояд, ки ӯ дар гузашта дар «мактаби чиновникӣ» таҳсил намуда, ба мансаби «чиновник» расида буд. Ҳамчунин, зикр шудааст: «Баъд аз он дар идораи губернатории Самарқанд ба тарҷумонӣ таъйин шуда, хуни мардумро мемакид» [308, с.3]. Бино ба маълумоти пешниҳодшуда, ӯ баъдан дар Когон ба вазифаи баланд таъйин гардида, дар вилояти Панҷакент низ ба ҳайси «волостной» фаъолият намудааст. Пас аз Инқилоб, ба гуфтаи муаллиф, «пӯсти мешро ба худ пӯшида», дар вазифаи суди халқӣ ҷафокории худро идома додааст.

Дар мақола зикр мегардад, ки соли 1920 Мирзоқулӣ Ҳоҷӣ аз Москва бо поезди «Шарқи Сурх» баргашта, парвандааш мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ба ҳукми ҷазои олӣ маҳкум гардидааст. Аммо ӯ бо роҳҳои номаълум аз ҷазо раҳо шуда, дар вазифаи нави худ ҳамоно ба равияҳои мансабталошӣ, зулму ситам ва

қонуншиканӣ идома додааст. Муаллиф хулоса мекунад, ки Назорати адлия бояд дар мавриди ӯ чораандешӣ намояд.

Пас аз ин матлаб, порчаи шеърие низ оварда шудааст, ки забон ва тарзи баёни он сода ва бемоя буда, ба таври зайл садо медиҳад:

Ба мактабҳои русӣ чанд хондам,
Ки худро бо чиновникӣ расондам [308, с.3].

Дар рӯзнома, баъд аз нашри як қатор мақолаҳо ва порчаҳои шеърии танқидӣ ва ҳаҷвӣ, дар соли 1927 гӯшаи ҳаҷвии «Гӯшмол» таъсис дода шуд. Ин бахш, ки тақрибан як саҳифаро дар бар мегирифт, бо расмҳои ҳаҷвӣ оро дода шуда, ҳикояҳо, мақолаҳо ва шеърҳои ҳаҷвиро дар бар мегирифт. Навиштаи аввалини ин гӯша «Нақшаи зиндагонии ду техник» ном дошта, ба танқиди бадмастӣ ва беэътиноии ду мутахассиси соҳаи техникӣ ихтисос ёфтааст. Ин мақола ба тарзи шеър тартиб дода шуда, муҳтавои он чунин аст:

1) Нӯш майи чил грод;
2) Кун пули бисёр бод;
3) Зулм кун, аз дасти ту;
4) Ҳама биёяд ба дод.

Муаллиф изҳор медорад, ки мақолаи мазкур ба мансабдорони техникии Душанбе – «мудири шӯъбаи техникии идораи камхуз» Онухин ва «техники камхуз» Галиёнуф дахл дорад [89]. Ба гуфтаи муаллиф, ин ду шахс фаъолияти худро бар асоси нақша ба роҳ монда, дар вақти кор ба ҷойи иҷрои вазифаҳои худ, бештар ба шаробнӯшӣ машғул будаанд, ки дар натиҷа лоиҳаҳои муҳим, аз ҷумла таъмири пулҳо ва ҷӯйборҳои шаҳр, мавқуф гузошта шудаанд.

Дар зери мақола ба имзои «Бинанда», қайд шудааст, ки маводи мазкур ба прокурори шаҳри Душанбе ирсол гардида, аз ӯ дархост шудааст, ки ҷиҳати ислоҳи вазъ чораҳои зарурӣ андешида, натиҷаи онро ба рӯзнома хабар диҳад. Дар гӯшаи ҳаҷвии «Гӯшмол», бахши «Эълонҳо» низ ҷой дода шудааст. Яке аз ин эълонҳо «Тарбияткунандаи бараҳнарӯён» ном дошта, ба фаъолияти мудири мактаб-интернати шаҳри Қаротоғ Муҳаммадалӣ Абдулраҳимзода рабт дорад.

Дар эълон таъкид мешавад, ки мудири мазкур дар бораи худ чунин эълон додааст, ки танҳо хонандагони хушрӯй ва рӯйкушодро ба муассиса қабул мекунад, дар ҳоле ки талабаҳои бадафт ва хунукрӯй аз либос ва дигар манфиатҳои интернат маҳрум хоҳанд шуд. Муаллиф бо лаҳни ҳаҷвӣ хулоса мебарад: «Чашми шуъбаи маорифи ноҳияи Қаротоғ илоҳо кӯр шавад, ки ин эълонро набинад, вагарна Абдулраҳимзодаро аз кор меронад».

Дигар эълони ҳаҷвӣ таҳти унвони «Баҳои испрофкаи як либос чит» бо забони муғлақ ва ғайриодӣ навишта шуда, чунин садо медиҳад: «Ба диққати деҳқонон ва камбағалони нодон расонида мешавад, ки камина котиби Шурои ҷамоати Кашиндараи тумани Муминобод (тобеи вилояти Кӯлоб) мебошам. Агар испрофка, шаҳодатнома ва дигар хатҳо лозим шавад, дарҳол ба ман муроҷиат кунед. Барои ин гӯсфанд ва дигар чизҳо тараддуд накунед, муҳронаи ман ҷудо арзон аст. Яъне як либос чит кифоят мекунад. Ҳавзаи фирқа, раиси Шуро ва дигарон ихтиёри чуну чаро гуфтан надоранд. Маалеҳтиром, котиби Шурои ҷамоати Кашиндара» [512].

Ин матн бо оҳанги ҳаҷвӣ коррупсия, ришватситонӣ ва фасоди идорирo танқид намуда, нишон медиҳад, ки шиносбозӣ ва пулситонӣ дар идораҳои давлатӣ шадидан роиҷ будааст. Дар гӯшаи мазкур ҳаҷвияҳои манзум низ ҷой дода шудаанд. Яке аз онҳо, бо номи «Фелетун», дар қолаби муколамаи сеҷониба байни мулло, ҳукумати Шуро ва бой тартиб дода шудааст.

**Мулло:**

Деҳқон бояд, ки хар бимонад,
Аз олам бехабар бимонад!
Олим бишавад агар, ки деҳқон,
Дигар надиҳад ба муфтхӯр нон.

**Ҳукумати Шуро:**

Деҳқон бояд, ки дарс хонад,
Дар дунё ҳар чӣ ҳаст донад!
Мо деҳқонро кунем озод,

Мо боёнро диҳем барбод!

**Бой:**

Эй вой, ки дин зи дасти мо рафт,

Ин обу замин зи дасти мо рафт.

Деҳқон аз мо умед бубрид,

Дорои ҳуқуқи хеш гардид.

**«Бедории тоҷик»:**

Эй бешарафон, ба номи имон,

То чанд хӯред хуни деҳқон?

Бедор шуданд ранҷбарҳо,

Муфта надиҳанд ҷав ба харҳо.

Тавре ки мушоҳида шуд, мавзуи асосии ашъори ҳаҷвии рӯзнома муборизаҳои синфӣ ва танқиди норасоиҳои замон мебошад. Соли 1928 гӯшаи ҳаҷвию танқидии «Гӯшмол» мунтазам ба табъ расид. Дар шумораи солинавии рӯзнома чанд шеър нашр шудааст. Аз ҷумла, шеъри «Аз ҳар кала як садо» ба сабки бадеҳа таълиф гардидааст:

Соли нав омад, ҳаме шодӣ кунем,

Саъй андар роҳи озодӣ кунем.

Нест карда хоинони муфтхор,

Маҳв ворисҳои шаҳзодӣ кунем.

**Деҳқон:**

Мо ҳама асбоби кишту корро,
Сохта аз нав кунемаш ҷо ба ҷо.
Гову ҳам омочро партофта,
Мекунемаш кор бо мошинаҳо.

**Бой:**

Соли нав гардиду кори мо чатоқ,
Пойлучонро дигаргун шуд қабоқ.
Карда маҳрум аз ҳама буду набуд,
Бар сари мо мезанандаш сад табоқ.

**Мухбир:**

Соли нав шуд, менависам ман хабар,
Мекунам ёрӣ ба «Гӯшмол» аз дигар.
Баднамоёнро зи нӯги хомаам,
Мефарорам калтаке бар фарқи сар.

**«Гӯшмол»:**

Соли нав шуд менависад «Гӯшмол»,
Ҳаҷвҳои обдори бемисол.
Эй гурӯҳи каҷраву дӯлобкор,
Гар нагардӣ рост, аз ҳаҷваш манол.

Ҳамчунин, ашъори ҳаҷвӣ ба монанди «Мегардам», ки ба мазаммати майгусорон нигаронида шудааст ва «Мекунанд», ки расму оинҳои зиёноварро танқид карда, расму оинҳои навро васф менамояд, нашр шудаанд.

Дар ин гӯша «Арвоҳи парешон» ном ҳикояи танзомез низ ҷой дода шудааст, ки ҳадафи он танқиди рӯҳониёни ифротӣ мебошад: «Дирӯз азбаски ба зоида шудани Ҳазрати Исо 1927 сол пур шуд, рӯҳи он ҷаноб аз осмони чорум фуруд омад, то ки аз аҳволи кор ва ақидаи динии умматонаш хабар гирад. Як-як

ба ҳар шаҳр даромада, охир ба шаҳри дабдабаноки Душанбе расид. Хост, ки аввал бутхонаро бинад ва дар он ҷо саҷда, тоат, бутшавӣ, обпошӣ, гиря ва зори, сарзанӣ ва рӯйкании умматони боэътиқодашро тамошо кунад, вале ҳарчанд ки бар киштии Нӯҳ нишаста, дар кӯчаҳои Душанбе гаштугузор мекард, чизеро намедид». Яъне, дар кӯчаҳои шаҳр ягон маросими динӣ баргузор намешуд. Ӯ дар андеша буд, ки ногаҳон попи русе ӯро шинохта, худро ба зери пойи Исо партофт. Поп чунин шикоят кард: «Аз рӯзе, ки инҳо ҳукуматро ба дасти худ гирифтанд, моро намегузоранд, ки фиребу найранги худро ба кор барем». Рӯҳи ҳазрати Исо дар ҳолати парешонӣ қарор гирифта, ба ҷойи дигар меравад.

Дар саҳифаи дигари «Гӯшмол» чанд асари танзомез ҷой дода шудааст. Аз ҷумла, дар ҳикояи «Домуллоимомии Пошум» дар бораи муллои деҳаи Пошуми ҷамоати Варзоби боло сухан меравад, ки ба ӯ насиби зиёд ато гардидааст. Вай бо дониши маҳдуд ба ҷодугарӣ, тӯморнависӣ ва табобат машғул будааст. Бо назардошти вазъи молии ӯ, идораи андози ҷамоат, ки қаблан аз ӯ панҷ сӯм андоз меситонд, ин маблағро ба яксаду панҷоҳ сӯм расонидааст. Дар натиҷа домулло дар ҳолати норизоӣ қарор гирифта, панҷ нафар деҳқонро барои шикоят ба Душанбе мефиристад, то ки аз номи ӯ додхоҳӣ намоянд. Дар идораи кумитаи андоз ба деҳқонон аҳаммияти андози давлатӣ фаҳмонда мешавад. Пас аз дарки он ки кӯшишҳои ӯ бенатиҷа анҷом ёфтанд, домулло ногаҳон аз деҳа ғайб мезанад.

Аҳаммияти гӯшаҳои ҳаҷвии рӯзномаҳои аввалини расмии тоҷик, аз ҷумла «Гӯшмол»-и рӯзномаи «Бедории тоҷик», дар ташаккули жанри ҳаҷвӣ дар матбуоти тоҷик муҳим арзёбӣ мегардад. Ба қавли М. Муродӣ, «воқеан гӯшаҳои ҳаҷвии «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» замина барои таъсиси нахустин маҷаллаи ҳаҷвии Шуравии тоҷик фароҳам оварданд» [262, с.28].

Гузоришҳои адабӣ ва ҳаҷвӣ дар рӯзномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Бедории тоҷик» ба таври мунтазам нашр мегардиданд, аммо дар натиҷаи маҳдудияти таҷрибаи рӯзноманигорӣ ва адабӣ, инчунин шумораи ками адибону журналистони касбӣ дар шаҳри Душанбе, сатҳи забон ва услуби матолиб ба талаботи услуби илмӣ ва адабии муосир мутобиқат намекард. Ба ин далел, сатҳи

забону услуби нашрияҳои тоҷикии баъди ташкили Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳудуди Ўзбекистон интишор мешуданд, назар ба нашрияҳои пешазинқилобӣ ва ҳатто «Шуълаи инқилоб» поёнтар арзёбӣ мешавад. Ин нуқтаи назарро муҳаққиқ М. Шакурӣ низ таъкид намудааст. Ба истисноӣ маҷаллаи «Раҳбари дониш», ки дар атрофи он адибон ва маорифпарварони зиёде фаъолият доштанд, аксари нашрияҳои ҳамон давра дорои мушкилоти услубӣ ва забонӣ буданд.

**Аз баррасӣ ва таҳлили ин фасл хулосаҳои зерин ҳосил гардиданд:**

**1. Рӯзномаи «Бедории тоҷик» ҳамчун минбари адабӣ ва иҷтимоӣ**. Рӯзномаи «Бедории тоҷик» яке аз нахустин нашрияҳои расмии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон буда, дар ташаккули афкори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабӣ нақши муҳим бозид. Ин рӯзнома ҳамчун минбари афкори Бюрои ташкилоти фирқаи иштирокиёни Тоҷикистон, Кумитаи инқилобӣ ва иттифоқи касабаҳои ҷумҳурӣ ба нашр расида, ба мавзуъҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуд. Дар баробари таҳкими ғояҳои инқилобӣ, нашрия ба адабиёт ва публитсистикаи бадеӣ низ таваҷҷуҳ дошта, ба инъикоси рӯйдодҳои адабӣ, таблиғи шеър ва насри бадеӣ мусоидат намудааст.

**2. Ташаккули гӯшаи «Адабиёт» ва таъсири он ба адабиёти навини тоҷик.** Дар рӯзномаи «Бедории тоҷик», ба монанди дигар нашрияҳои замони худ, гӯшаи махсуси «Адабиёт» таъсис ёфта, осори шоирон ва нависандагони тоҷик мунтазам ба нашр мерасид. Дар ин бахш ашъори шоирони маъруф, аз ҷумла Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Азизӣ, Муминзодаи Хуҷандӣ ва дигарон ба табъ мерасиданд. Дар ин гӯша шеърҳои ватандӯстона, инқилобӣ, иҷтимоӣ ва фалсафӣ, ки ба ҳимояи ҳувияти миллӣ ва рушди худшиносии тоҷикон равона шуда буданд, мавқеи марказӣ доштанд. Инъикоси осори адибони инқилобӣ ва иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки рӯзнома адабиётро ҳамчун абзори муҳими тарғиботӣ ва таҳкимбахши идеологияи сиёсӣ истифода мебурд.

**3. Ташаббуси ҷашни ҳазорсолагии Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ**. Яке аз нақшҳои калидии «Бедории тоҷик» дар арсаи фарҳанг дастгирӣ ва ташвиқи муаррифии адабиёти тоҷик буд. Дар рӯзнома мавзуи гиромидошти устод Рӯдакӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, бори нахуст пешниҳоди таъсис додани ҷашни ҳазорсолагии ӯ садо дод. Ҳамид Бақозода дар мақолаи худ зарурати эҳё ва эҳтироми мероси адабии тоҷикро таъкид намуда, муҳимияти ҳифзи ҳувияти фарҳангии тоҷиконро бо зикри ҷойгоҳи устод Рӯдакӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ ба миён гузоштааст. Ин пешниҳод баъдан ба воқеият табдил ёфта, ба таъсиси рӯзҳои гиромидошти Рӯдакӣ ва дигар адибони бузурги тоҷик замина гузошт.

**4. Мавқеи адабиёти насрӣ ва ҳаҷвӣ дар рӯзнома.** Бар хилофи дигар нашрияҳои замони худ, рӯзномаи «Бедории тоҷик» на танҳо ба шеър, балки ба насри бадеӣ ва ҳаҷв низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамуд. Ҳарчанд матолиби ҳаҷвӣ дар рӯзномаҳои пешин кам ба назар мерасид, «Бедории тоҷик» аз шумораҳои нахустини худ жанри ҳаҷвро фаро гирифта, гӯшаи махсуси ҳаҷвӣ таъсис дод. Дар ин бахш матнҳои ҳаҷвӣ, намоишномаҳо ва мақолаҳои танқидӣ нашр мешуданд, ки бештар ба интиқоди камбудиҳои ҷомеа, бюрократия ва фасоди мансабдорони замон нигаронида буданд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки рӯзнома функсияи интиқодӣ ва иҷтимоии матбуотро ҳифз намуда, барои баланд бардоштани сатҳи худогоҳии иҷтимоӣ талош мекард.

**5. Нақши ҳаҷви сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар матолиби рӯзнома.** Гузоришҳо ва мақолаҳои ҳаҷвии рӯзнома, бахусус «Як парда аз бюрократизм» ва «Мактуб аз Душанбе ба ҷаноби Мулло Мушфиқӣ саламаллоҳу таъоло», бо истифода аз услуби танзомез ба камбудиҳои маъмурии мақомоти ҳизбӣ ва давлатӣ ишора мекарданд. Ин маводҳо нодурустии низоми идорӣ, беэътиноии мансабдорон нисбат ба расонаҳо ва фасоди идориро мавриди танқид қарор медоданд. Ба ғайр аз мазмуни иҷтимоӣ, ин осор аз ҷиҳати услуб ва забони адабӣ низ ҷолиб буда, навъи нави адабиёти танқидии тоҷикро муаррифӣ мекард.

**6. Гӯшаи «Гӯшмол» ва ташаккули ҳаҷви матбуотии тоҷик.** Бо таъсиси гӯшаи «Гӯшмол» дар соли 1927, ҳаҷви сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар рӯзнома шакли муназзамтар касб кард. Ин бахш, ки иборат аз мақолаҳои танқидӣ, шеърҳои ҳаҷвӣ ва карикатураҳо буд, ба камбудиҳои иҷтимоӣ, нокомиҳои мансабдорон ва бюрократияи шуравӣ ишора мекард. Дар ин бахш маводи ҳаҷвии зиёде нашр гардида, боиси ҷалби таваҷҷуҳи мардум ва мақомот гардид. Мавҷудияти чунин гӯшаҳо нишон медиҳад, ки «Бедории тоҷик» дар ташаккули анъанаи ҳаҷви матбуотии тоҷик нақши муассир бозид, ки баъдан дар маҷаллаҳои ҳаҷвии солҳои баъдӣ такмил ёфт.

**7. Масоили забонӣ ва услубӣ дар матолиби рӯзнома.** Бо вуҷуди он ки рӯзномаи «Бедории тоҷик» дар ташаккули адабиёти танқидӣ ва матбуотии тоҷик саҳми назаррас дошт, сатҳи забонӣ ва услубии он ҳанӯз дорои камбудиҳои ҷиддӣ буд. Дар бештари мақолаҳо маводи оммафаҳм ва лаҳҷаи гуфтугӯӣ истифода шуда, ин ҳолат сабаб мешуд, ки зиёиёни адабӣ ва илмӣ рӯзномаро ба ҳайси минбари илмӣ қабул накунанд. Ба ғайр аз ин, камбудиҳо дар таҳрир ва услуб боис гардид, ки маводи нашршуда аз нигоҳи забони адабӣ ва услуби таҳлилӣ чанд зина поинтар аз нашрияҳои пешазинқилобӣ арзёбӣ шавад. Ин нуқта нишон медиҳад, ки матбуоти тоҷик дар нимаи аввали солҳои 1920-ум ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дошт ва ниёз ба такмили забону услуб дошт.

**8. Саҳми «Бедории тоҷик» дар ташаккули жанрҳои публисистикӣ ва адабӣ.** Бо вуҷуди камбудиҳо, рӯзномаи «Бедории тоҷик» ба ташаккули жанрҳои публисистикӣ, адабии танқидӣ ва ҳаҷвӣ дар матбуоти тоҷик мусоидат намуда, заминаи таъсиси нашрияҳои касбии солҳои баъдӣ, бахусус маҷаллаҳои адабӣ ва ҳаҷвиро фароҳам овард. Нашри шеърҳои ватандӯстона, мақолаҳои интиқодӣ ва ҳаҷвҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки рӯзнома на танҳо як нашрияи сиёсӣ, балки як майдони баҳс ва таҳаввули афкор низ буд. Ин нақши рӯзнома дар рушди матбуоти тоҷик ва такмили шуури иҷтимоии ҷомеа муҳим арзёбӣ мешавад.

**Хулосаи умумӣ**

**Рӯзномаи** «Бедории тоҷик» яке аз аввалин нашрияҳои расмии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон буда, ба рушди худшиносии миллӣ, инкишофи афкори сиёсӣ ва ташаккули жанрҳои адабӣ ва публисистикӣ мусоидат намуд. Бо таъсиси гӯшаи «Адабиёт» ва бахши махсуси ҳаҷвии «Гӯшмол», рӯзнома ба таҳкими шеъри инқилобӣ, насри танқидӣ ва матбуоти ҳаҷвӣ мусоидат карда, заминаи рушди минбаъдаи адабиёти матбуотии тоҷикро фароҳам овард. Гарчанде рӯзнома аз нигоҳи забон ва услуб ҳанӯз камбудиҳо дошт, нақши он дар шаклгирии матбуоти тоҷик ва тарғиби арзишҳои иҷтимоиву миллӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

# БОБИ IV
# МАТБУОТИ СОҲАИ МАОРИФ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОҶИК

## 4. 1. «Дониш ва омӯзгор» ҳамчун минбари ташвиқи адабиёти навин

Тавре ки аз фасли гузашта бармеояд, баъд аз эълони ташкили Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон, аввалин вазири маорифи кишвар Аббос Алиев дар таъсиси нахустин нашрияҳо дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон саҳми назаррас гузошт. Ӯ дар рӯзи эълони Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон, 15 марти соли 1925, дар шаҳри Душанбе рӯзномаи «Иди тоҷик»-ро таъсис дод, ки муассисаш Назорати маорифи Тоҷикистон буд ва муҳарририи онро худи нозир ба уҳда гирифт. Мутаассифона, ин шумора, мисли бисёре аз рӯзномаву маҷаллаҳои дар Тоҷикистон нашршуда, дастрас нест. Аз шумораи дувум рӯзнома номи «Бедории тоҷик»-ро гирифт, ки шумораҳои аввалини он низ дар Китобхонаи миллӣ хеле ноқис (фақат як ё ду шумора) ҳифз шудаанд. Бо вуҷуди ин, хушбахтона, нашрияҳои дигари соҳаи маориф, аз ҷумла, «Дониш ва омӯзгор» ва «Раҳбари дониш», пурра боқӣ монда, дар Китобхонаи миллӣ ба таври комил нигоҳдорӣ мешаванд. Ҳамзамон, боиси тазаккур аст, ки бастаи маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» аз ҷониби муҳаққиқи таърихи журналистикаи тоҷик М. Рустамзода ба хатти кириллӣ баргардон карда шудааст [284].

Тамоми нашрияҳои тоҷикӣ дорои хусусияти маорифпарварона ва маърифатӣ буда, дар маром ва ҳадафҳои худ ба масъалаҳои маориф, таълиму тарбия авлавият медоданд. Маҷаллаи аввалини расмии соҳавӣ – «Дониш ва омӯзгор» низ, тавре ки аз номи он бармеояд, ба маориф ва омӯзиш равона шуда буд. Дар маромномаи маҷалла пас аз ибораҳои «маҷаллаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ» калимаи «адабӣ» низ зикр шудааст. Ин далолат бар он мекунад, ки адабиёт ҳамчун воситаи асосии боло бурдани сатҳи маърифат ва маориф нақши муҳиме дошт.

Дар мақолаи аввалини маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор», ки монанд ба «Бухорои шариф» (мақолаи «Омоли мо»), унвони «Мақсади мо»-ро дошт, зикр мешавад, ки нашрия «соҳибқаламон ва мунавварфикрони тоҷикзабонро ба ҳамкорӣ даъват мекунад». Яке аз талаботи асосии нашрия барои муаллифон истифодаи забони сода ва фаҳмо буд. Дар ин бора таъкид шудааст: «Мо мехоҳем моро адиб нашуморанд, вале муаллими тоҷик ҳарфи моро бифаҳмад» Идора [164, 8]. Ин талабот дар аксари нашрияҳои минбаъдаи тоҷик ба як меъёр табдил ёфт.

Масъулини маҷалла ҳадаф доштанд, ки бо истифода аз забони фаҳмо ва сода андешаҳои худро ба омма расонанд ва дар рушди маърифатии ҷомеа саҳм гузоранд. Ин нуктаро метавон дар муроҷиатномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он барҳам додани бесаводӣ ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии давлатӣ зикр шудааст, мушоҳида кард [284, с.9].

Истифодаи услуби адабӣ ва ибораҳои бадеӣ дар нутқи расмии роҳбарони ҳизбӣ ва давлатӣ, аз ҷумла дар табрикномаи вазири маориф Аббос Алиев, нишон медиҳад, ки раҳбарияти онвақтаи Тоҷикистон аз адабиёт ва равандҳои эҷодии замон бегона набуданд. Масалан, дар табрикоти ӯ ифодаҳои санъатии «зардрӯ нашуда», «хишти тараққӣ», «бори сангин» ва саҷъҳои «аслиҳаи тез… душмани пурситез» ба назар мерасанд. Инчунин, дар суханронии расмии раиси Ҳукумати Тоҷикистон Нусратулло Махдум ва котиби ҳизбӣ Чинор Имомов низ ибораҳои монанди «лагадкӯби сӯми асп», «гирдоби ҷаҳл» ва «меъмори ҳаёт» истифода шудаанд, ки далели муносибати онҳо бо адабиёт ва забони бадеӣ мебошад.

Баъди матолиби расмӣ гӯшаи «Адабиёт» ҷой дода шудааст, ки аз се шеър иборат мебошад. Аввалин шеър, «Сангари хунин», тарҷумаи озоди Лоҳутӣ аз асари Виктор Гюго буда, ба ҳодисаи Коммунаи Париж бахшида шудааст. Дар ин шеър, муборизаи кӯдаке бар зидди душманони мусаллаҳи озодӣ тасвир ёфтааст.

Сипас, дар гӯшаи мазкур, қитъаи «Рафиқи мухтарам Садриддин Айнӣ «Ахгари инқилоб» «пешниҳод шудааст, ки иборат аз чор мисраъ мебошад. Дар он масали халқӣ «Хас каму ҷаҳон пок!» саривақтӣ истифода гардида, санаи таълифи он низ нишон дода шудааст: «Дар моҳи апрели соли 1921, Самарқанд».

Чуноне ки дар фасли қаблӣ зикр шуд, ин қитъа бори аввал дар «Шуълаи инқилоб» чоп гардидааст. Инчунин, шеъри дигари Садриддин Айнӣ – «Инқилоб» низ ба нашр расидааст, ки бо нишон додани санаи эҷоди он – «декабри соли 1919, Самарқанд» эҳтимолан аз «Шуълаи инқилоб» гирифта шудааст:

Инқилоб офтобро монад,
Ё ки тӯфони обро монад.
Нашри анвор мекунад ба ҷаҳон,
Инқилоб офтобро монад… [284, с.19].

Дар забони нашрияи мазкур нишонаҳои аввалини ривоҷ ёфтани калимаву ҷумлаҳои кӯчагӣ, бозорӣ, сохта ва калка мушоҳида мешаванд. Аз ҷумла, мақолаҳои мудири шуъбаи тарбияи иҷтимоии Назорати маориф Миртолиб Саидзода дорои чунин ҳолатанд. Масалан, дар яке аз онҳо омадааст: «Аз таҷрибаҳои тарбиякунандагон ва авлоди инсонии замонҳои гузашта ва ҳозира исбот шудааст, ки фарзандро аз тифлият тарбия кардан даркор» [284, с.26]. Ин мақола ва дигар матолиби муаллиф дорои калимаҳои сохта, калка ва ғайритоҷикӣ мебошанд, ки аз ҷиҳати услуб ва равонии забон нуқсон доранд.

Бо мақсади таҳкими забони тоҷикӣ ва бунёди асосҳои забоншиносии муосири тоҷик, маорифпарварони насли калонсол, аз ҷумла, кормандони маҷаллаи мазкур, чорабиниҳои мухталиф андешиданд. Яке аз чунин тадбирҳо нашри дастури «Қавоиди забони форсӣ» – асари Ғ.Қ. (Ғуломризо Қамбарзода) мебошад. Қамбарзода, ки қаблан корманди «Шуълаи инқилоб» ва тарҷумони он буд, дар замони сафари С.Ализода ба Эрон, вазифаи муҳаррирро низ иҷро мекард. Баъдан, бо омадан ба Душанбе, ба фаъолияти маориф ва матбуоти тоҷик шомил гардид.

Дар сарсухани дастури худ, муаллиф зарурати тартиб додани дастури сарфу наҳви тоҷикиро асоснок карда, таъкид намудааст, ки то ин вақт «аҳаммияти зиёде ба қавоиди сарфу наҳви арабӣ ва дигар забонҳо дода шуда, дар натиҷа аз дастури махсуси забони форсӣ бехабар мондаем» [110, с.31]. Муаллиф, инчунин, муҳим будани тозагии забонро таъкид намуда, зикр кардааст, ки «ба калимоти асосии забони худ аҳаммият диҳем». Ин асар яке аз дастурҳои

камшумори забони форсии он давра буда, ки ё дар матбуот ё дар шакли китобча ба нашр расидааст.

Хусусияти барҷастаи дастури Қамбарзода аз он иборат аст, ки он бо усули саволу ҷавоб таълиф шудааст: «Дастури забони форсӣ чӣ илмест?» «– Дастури забони форсӣ илмест, ки дуруст гуфтан ва дуруст навиштанро ба мо меомӯзад» [110, с.33]. Ин тарзи пешниҳод омӯзиш ва азбаркунии онро осонтар менамояд. Дар анҷом, Ғ.Қамбарзода таъкид кардааст, ки ҳадафи асосии пешниҳоди ин дастур шинос намудани муаллимон бо услуби таълими забон мебошад.

Чуноне ки дар фаслҳои гузашта зикр шуд, намунаҳои аввалини чунин дастури забони форсӣ аз тарафи Мирзо Ҷалол дар «Бухорои шариф» ва сипас, аз ҷониби С.Ализода таҳия гардида буданд. Ин ҷараён нишон медиҳад, ки нашрияҳои маорифпарваронаи тоҷикӣ дар ташаккули забони илмӣ ва таълимии тоҷикӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

Маҷалла ба ҳамкорӣ бо нависандагони тоҷик дар саросари Осиёи Марказӣ умед баста буд. Аз ин рӯ, дар мурочиати идораи маҷалла таҳти унвони «Ба ҳама аҳли қалами донишмандони тоҷик» бо истифода аз ибораву ҷумлаҳои бадеӣ, ба монанди «ниҳоли тозае дар боғи матбуоти тоҷик», аз аҳли адаби тоҷик даъват карда мешавад, ки бо маҷалла ҳамкорӣ намоянд. Аммо, бо сабаби дастгирии нокифояи маънавӣ ва камбуди кумакҳои молӣ, идораи маҷалла ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида, пас аз шумораи сеюм аз нашр бозмонд.

Шумораи дувуми маҷалла 29 марти соли 1926 нашр гардид. Дар ин шумора дар суханрониҳои роҳбарони ҳукумат ва фаъолони ҳизбӣ, аз ҷумла, котиби Ҳизби коммунист Толпиго («Ҷашни солиёнаи маориф ва мақсади мо»), мубориза бар зидди нодонӣ, хурофот ва бесаводӣ дар байни мардум, инчунин бедории фикрии омма ҳамчун вазифаи асосӣ таъкид шудааст. Шиори муҳими «Мо бояд бесаводиро аз байни халқ бардорем» мавқеи марказиро ишғол намуда, босавод ва мутамаддин намудани мардумон вазифаи муҳимтарин дониста шудааст. Котиби ҳизбӣ дар суханронии худ иброз доштааст: «Мо барои мазлумини Шарқ пул ҳастем» [284, с.71], ки ин ишора ба нақши стратегии Тоҷикистон дар сиёсати минтақавии Шуравӣ мебошад. Ин мавқеъгирии сиёсӣ нишон медиҳад, ки ҳадафи

роҳбарияти Шуравӣ дар Тоҷикистон таҳкими таъсири идеологӣ дар кишварҳои ҳамсояи Шарқи хориҷӣ будааст. Баромадҳои кормандони ҳизбӣ ба равияҳои ғоявию идеологӣ нигаронида шуда, зарурати омода намудани омӯзгорони наздик ба идеологияи ҳизбро таъкид мекунанд, то ки онҳо минбаъд дар корҳои ҳизбӣ ва давлатӣ истифода шаванд.

Шумораи дувуми маҷалла дар рӯзҳои таҷлили Наврӯз ба нашр расид. Маҳз ба ин сабаб, дар он мақолаи муҳими «Рӯзи Рӯдакӣ», ки таҳти тахаллуси «Деҳқон» навишта шудааст, ба нашр расид. Дар солҳои аввали Ҳукумати Шуравӣ, ҷашни Наврӯз ҳанӯз аз дахолати сиёсӣ берун буда, мардум онро бо тарзи анъанавӣ ва бо хароҷоти кам таҷлил мекарданд. Дар рӯзҳои Наврӯз ба ёд овардани устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бесабаб набуд, зеро ӯро ҳамчун поягузори адабиёти тоҷик эътироф мекарданд. Бояд қайд кард, ки қаблан, тавре ки дар оғози мақола ишора шудааст, «бо дархости заҳматкашони тоҷик» [284, с.76], масъалаи эҳтироми мероси Рӯдакӣ борҳо дар рӯзномаву маҷлисҳо баррасӣ шуда буд. Аз ҷумла, дар шумораи 24-уми рӯзномаи «Бедории тоҷик» (28 декабри соли 1925), мақолаи Ҳамид Бақозода аз шаҳри Самарқанд таҳти унвони «Барои муассиси адабиётамон ҷашн лозим аст» ба нашр расида буд.

Дар мақолаи мазкур омадааст: «Чандин аср аст, ки адабиёти мо дар байни тамоми Урупо нақши бузург дорад, ҳатто дар Амрико ва Урупо адабиёти моро ба забонҳои худ тарҷума намуда, ба номи шоирон ва адибони форс клуб ва китобхонаҳо таъсис додаанд» [72, с.1]. Бо мақсади нишон додани аҳаммияти баланди адабиёти тоҷик, муаллиф далеле меорад, ки «ҳатто дар Амрико ба номи Фирдавсӣ, ки бузургтарин шоири тоҷик аст, клуб ва қироатхонаҳо таъсис дода шудаанд».

Муаллиф дар хулосаи худ таъкид менамояд, ки эътибори адабиёти тоҷик дар ватани худамон пас аз инқилоб коҳиш ёфтааст, ки ин натиҷаи беэътиноӣ ва набудани муассисаҳои илмии тоҷикон мебошад. Ӯ суол мегузорад: «Чӣ тавр мешавад, ки арзиши шоирони моро урупоиён бидонанду мо надонем? Ин, албатта, барои тоҷикон айб аст». Хулоса, пешниҳод шудааст, ки ба бузургони адабиёти тоҷик арҷ гузошта, омӯзиши эҷодиёти онҳо ба роҳ монда шавад, барои

онҳо ҷашнҳо баргузор гардида, ҳайкалҳо гузошта шаванд ва ба номашон кӯчаву муассисаҳо номгузорӣ карда шаванд. Пеш аз ҳама, ба ақидаи муаллиф, зарур аст, ки зодрӯзи ҳазорсолагии устод Абуабдуллоҳи Рӯдакиро, ки нахустин шоири адабиёти тоҷик маҳсуб мешавад, таҷлил кунанд. Муҳимтарин пешниҳод ин аст, ки Назорати маорифи Тоҷикистон «бояд ҳарчи зудтар барои ҷашн омодагӣ бинад ва як рӯзро муайян намояд, то дар он рӯз дар ҳама маҳалҳое, ки тоҷикон зиндагӣ мекунанд, ин ҷашн баргузор шавад» [72, с.1].

Аҳаммияти мақолаи Ҳамид Бақозода дар он аст, ки таваҷҷуҳ ба адабиёти қадимаи тоҷикро ба сиёсати давр вобаста намуда, таъкид менамояд, ки тавассути адабиёт метавон «ҳис ва завқи инқилобӣ ва синфӣ»-ро ба ранҷбарони Афғонистон, Эрон ва Ҳиндустон интиқол дод. Муаллиф бо такя ба идеологияи Шуравӣ чунин хулоса мекунад, ки тавассути тарғиби адабиёти тоҷик ва арзишҳои фарҳангии он метавон тарбияи марксизм-ленинизмро дар минтақа густариш дод.

Бори аввал дар таърихи адабиёти бисёрсолаи тоҷик масъалаҳои муҳими муттаҳид намудани адибон ва истифодаи неруи эҷодии онҳо, аз ҷумла «ҷалби шоирони навҷавон ба корҳои адабӣ» ва муайян намудани шахсоне, ки «ба рушди адабиёти тоҷик мусоидат кардаанд», ба таври расмӣ матраҳ гардид. Барои исботи аҳаммияти ин масъала, муаллиф таҷрибаи миллатҳои дигарро ҳамчун намуна пешниҳод намуда, таъкид мекунад, ки онҳо адибони худро қадршиносӣ намуда, ё дар арафаи таҷлили онҳо қарор доранд. Бо ҳамин мақсад, аз Назорати маориф дархост шудааст, ки барои ин ҷашн як рӯзро муайян намояд. Дар солҳои аввали Ҳукумати Шуравӣ, салоҳияти Вазорати маориф дар кишвар васеъ буд, бинобар ин, маҳз ин ниҳод тасмим гирифт, ки рӯзҳои дуюм ва сеюми Наврӯзро ба муносибати ҳазорсолагии «нависандаи тӯлонии худ – Рӯдакӣ» ҳамчун «Рӯзи Рӯдакӣ» эълон намояд [284, с.76].

Муайян кардани зодрӯзи устод Рӯдакӣ дар рӯзҳои Наврӯз дорои маънои рамзӣ мебошад, зеро маҳз дар ҳамин рӯз, ки нишонаи бедории табиат аст, адабиёти тоҷик низ ҳазор сол қабл эҳё шуда, қомат рост кардааст. Вазифаи асосӣ аз он иборат буд, ки дар «Рӯзи Рӯдакӣ» маълумоти мавҷудаи таърихӣ бозгӯӣ

гардида, «меҳнаткашони тоҷик аз аҳаммияти таърихии худ огоҳ карда шаванд». Аз ин рӯ, таъсиси чунин як рӯз барои халқи соҳибдавлати тоҷик аҳаммияти бузург дошт. Зеро худи номи Рӯдакӣ мардумро ба таълиму таҳсил сафарбар хоҳад кард, ки яке аз вазифаҳои асосии Ҷумҳурии навташкили Тоҷикистон низ маҳз ҳамин буд. Бо ифтихор эълон шудааст: «Барои миллате, ки беш аз ҳазор сол шоир ва нависандагони бузурге чун Рӯдакиро доштааст,... бесаводӣ нанг аст, айб аст, зиллат аст» [284, с.76].

Хулоса, ҳадафи асосии таъйини «Рӯзи Рӯдакӣ» ҷалби таваҷҷуҳи омма ба хондан ва баланд бардоштани сатҳи маърифатии халқ буд. Дар мақола таъкид шудааст, ки «фарзандони миллате монанди тоҷик... имрӯз набояд бесавод бошанд». Илова бар ин, дар мақола масъалаи бо забони модарӣ ба роҳ мондани таълим низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, зеро дар аксари маҳалҳои тоҷикнишин он замон таълим бо забони ӯзбекӣ ҷорӣ гардида буд. Муаллиф бо истинод ба дастурҳои Ленин ёдрас мешавад, ки «ҳар миллатро бояд ба забони модарии худаш таълим дод». Дар ин замина, таъкид мегардад: «Вой бар он миллате, ки бихоҳад бар зидди васиятҳои Ленин миллати дигареро асир ва мустамликаи худ кунад ва ё бо усули давраи ҷаҳонгирӣ ва зулми подшоҳӣ ва амирӣ забони худро бо зӯр ба даҳони миллати зердаст бичаспонад!» [284, с.78].

Муаллифи мақола «Деҳқон» шоҳиди воқеаҳо буд ва таъкид мекунад, ки дар шаш-ҳафт соли охир миллати қадимтарини Осиёи Марказӣ – тоҷиконро ба зӯр «ӯзбек» хонда, онҳоро ба таҳсил бо ин забон водор мекарданд. Аз ин рӯ, ӯ даъват кардааст, ки дигар бояд бе тарсу ҳарос таълим ба забони модарии худ роҳандозӣ шавад, зеро давлат ва ҳизб ҷонибдори ин масъала мебошанд: «Онҳо бояд… адабиёти синфии худро ба забони худашон бихонанд».

Хулоса, яке аз сабабҳои асосии таъйини «Рӯзи Рӯдакӣ» баланд бардоштани худшиносии миллӣ ва ҳифзи асолати забонӣ ва адабии тоҷикон буд.

Сипас, қайд мешавад, ки шарҳи ҳоли Рӯдакӣ ва намунаи ашъори ӯ пешниҳод хоҳад шуд. Аз «устоди донишманд Мирзомуҳсин Иброҳими Ҳалимӣ» ёдоварӣ шудааст, ки китоби «Намунаи адабиёти Эрон»-ро навишта, соли 1922 дар Боку чоп кардааст. «Намунаи адабиёти тоҷик» ном гирифтани асари

мондагори Садриддин Айнӣ, ки маълумотҳоро дар бораи устод Рӯдакӣ қисман аз он гирифтааст, то андозае ба таъсири унвони китоби зикршуда рабт дорад. Дар маҷалла аз устод Рӯдакӣ 44 байт намуна оварда шудааст.

Муаллиф «Деҳқон» қайд мекунад, ки «Ба фаҳми фақир, шеъри Рӯдакӣ дар камоли равонӣ ва дорои фасоҳат ва балоғат аст, ки ба хонанда ба осонӣ як ҳаяҷони бадеӣ мебахшад. Ҳамин аст дараҷаи баланди шеър» [284, с.85]. Андешаи дигари муаллиф ин аст, ки «Мумкин аст, ки ба номи «Рӯдак» қаряе ҳам дар Бухоро ва ҳам дар Самарқанд бошад». Ин тахмини муаллиф баъдтар аз ҷониби Садриддин Айнӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифта, ба ин суол посухи қаноатбахш дода шуд.

Мақолаи дигари Қосим Дайламӣ – «Ид чист?» низ дорои аҳаммияти худшиносӣ ва густариши ҷаҳонбинии хонандагон мебошад. Дар он маълумот оид ба таърихи таҷлили соли нав дар байни қавму миллатҳои гуногун пешниҳод шудааст. Муҳим он аст, ки қариб ҳамаи идҳои соли нав ба ҷашни Наврӯзи тоҷикон робита дошта, муаллиф ин нуктаро пинҳон надошта, балки бо ифтихор зикр кардааст, ки ҳамаи онҳо «аз ибтидои шурӯи амали зироатӣ, яъне аз аввали моҳи март шурӯъ мешуданд» [284, с.97].

Хизмати дигари муҳими «Дониш ва омӯзгор» аз он иборат аст, ки бори аввал асари шарқшиноси маъруфи рус В.В. Бартолдро оид ба таърихи тоҷикон дар тарҷумаи корманди маҷалла – Қосим Дайламӣ – дар ду шумора нашр кардааст. Ҳарчанд муҳаққиқ М. Рустамзода дар тарҷумаи он баъзе норавшаниҳоро зикр намудааст [284, с.63-64], худи иқдоми тарҷумаи чунин асари мураккаб ва пурмаҳтуво, ки то ҳол ба таври пурра ба забони тоҷикӣ баргардон нашудааст, далели заҳматдӯстӣ ва ватандӯстии кормандони маҷалла мебошад.

Намунаи жанри бадеии репортажро дар мақолаи «Якумин ҷашни солёнаи Назорати маорифи Тоҷикистон» метавон мушоҳида кард. Дар он калимаву бораҳои оҳангдор, даъватҳо ва мурочиатҳои пурэҳсос истифода шудаанд. Агар дар соли аввали таҳсил (1925-1926) шумораи хонандагон дар ҳудуди онвақтаи Тоҷикистон ҳатто ба се ҳазор нафар ҳам нарасида бошад, масъулони соҳаи

маориф тибқи супориши ҳизб, ки расондани шумораи хонандагонро ба панҷ ҳазор нафар таъкид намуда буд, ваъда доданд, ки дар соли дуюми фаъолият ин рақамро ба даҳ ҳазор хоҳанд расонд. Ин нишон медиҳад, ки дар солҳои аввали ташаккули Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон аксари кӯдакони кишвар ҳанӯз ба таҳсил фаро гирифта нашуда буданд ва аз ин рӯ, афзоиши чандкаратаи шумораи муҳассилин яке аз вазифаҳои стратегӣ маҳсуб мешуд.

Дар шумораи охирини маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор», ки 15 июли соли 1926 нашр шудааст, масъалаи муҳимме, ки мавриди муҳокима қарор гирифтааст, нахустин Анҷумани муаллимони Тоҷикистон ва имлои забони тоҷикӣ мебошад. Аввалин анҷумани соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маориф бахшида шуда, он 14 июли соли 1926 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Ҷараёни он дар маҷаллаи мазкур ва рӯзномаҳои дигари Тоҷикистон ва Ӯзбекистон васеъ инъикос ёфт. Дар маҷалла мухтасари ҳисоботи Назорати маориф ва инчунин баромади нозири маориф оид ба масъалаи имло ҷой дода шудааст. Дар маърӯза вобаста ба алифбои нав чунин изҳор шудааст: «То ин ки масъалаи даст кашидан аз ҳуруфи арабӣ дар кишварҳои пешрафта ҳалли худро наёфтааст, мо низ дар ин масъала иқдоми шитобзада нахоҳем кард ва чашм аз тоза ва миёна пӯшида, бо ҳамон имлои форсӣ, ки идома дорад, фаъолият хоҳем намуд».

Сабаби ин мавқеъгирӣ бо далели зараровар будани иваз кардани алифбо ва набудани имкониятҳои кофӣ барои татбиқи он асоснок карда шудааст: «Якбора даст аз ҳуруфи арабӣ кашидан зарар дорад ва мо иқтидори ин корро надорем, балки мумкин нест ҳуруфе, ки чандин қарн идома кардааст, якбора аз он даст кашем». Бо ин қарор, дар солҳои таҳсили 1926-1927 ва 1927-1928 таълим бо ҳамон ҳуруфоти пешина идома ёфт. Яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз фишори мақомоти ҳизбӣ, сиёсати дурандешонаро пеш гирифта, аз шитобзадагӣ дар татбиқи ислоҳоти алифбо худдорӣ намуд. Ин дар ҳолест, ки дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон чунин шитобзадагӣ хароҷоти зиёдеро ба бор овард, ки ин нуктаро нозири маориф Аббос Алиев дар мақолаи худ тавзеҳ додааст.

Мақолаи Аббос Алиев таҳти унвони «Масъалаи алифбои тоза. Ба тариқи мубоҳиса» пас аз ҳисоботи анҷумани нахустини муаллимони Тоҷикистон ҷой

дода шудааст. Ин мақола забоншиноси забардаст ва сиёсатмадори дурандеш будани Аббос Алиевро нишон медиҳад. Дар он, пеш аз ҳама, таърихи пурифтихори халқи тоҷик мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ба ақидаи муаллиф, аз ҳама бештар таърихи моро арабҳо сӯзонда ва ба боди нобудӣ додаанд. Ӯ таъкид мекунад: «Пояи зулмро арабҳо ба ҷое расониданд, ки исми форсиро касе барои худ намегузошт» [284, с.132]. Андеша ва хулосаҳои Аббос Алиев натиҷа доданд, ки раванди гузариш ба алифбои лотинӣ барои чанд сол ба таъхир афтод.

Нозири маориф Аббос Алиев дар баромадаш дар Анҷуман масъалаи бо кадрҳои омӯзгорӣ таъмин намудани мактабҳоро авлавият дода, пешниҳод кардааст, ки дар Душанбе ва инчунин дар Самарқанд ё Тошканд дорулмуаллимин (мактабҳои омӯзгорӣ) таъсис дода шавад. Бо назардошти салоҳиятҳои васеи додашуда ба Назорати маориф, дар маърӯзаи ӯ зарурати баргузории корҳои таблиғотӣ дар деҳот, ташкили чойхонаҳои сурх, китобхонаҳо, қироатхонаҳо ва маҳфилҳои гуногун таъкид гардидааст. Ҳамчунин, тамоми корҳои илмӣ-таълимӣ, тарбиявӣ ва нашриётӣ бояд таҳти назорати соҳаи маориф қарор гиранд. Дар ин замина, аз он изҳори нигаронӣ шудааст, ки баъзе сохторҳо худсарона курсҳо таъсис додаанд, ки ин амр қобили қабул нест. Қайд шудааст: «Ҳар назорат агар барои худ курс ё мактаб таъсис диҳад, дигар ҳоҷате ба идомаи фаъолияти Назорати маориф нест».

Аз маърӯза маълум мегардад, ки дар соли аввал (тобистони 1925) бо ташаббуси Назорати маориф барои бори аввал «Моҳи маориф» баргузор шудааст ва пешниҳод шудааст, ки дар соли 1926 низ чунин чорабинӣ амалӣ гардад. Ба ин муносибат, дар шумораи мазкур мақолаи «Моҳи маориф» бо имзои «Р.Қ.» нашр гардидааст, ки бо қитъаи зерин оғоз меёбад:

Ҳастӣ барои олами инсон маориф аст,
Ободию тамаддуну умрон маориф аст.
Рӯҳе, ки зиндагии ҷовиду пойдор,
Бахшад ба ҷисми нутфаи инсон, маориф аст.

Ҳукумати Шуравӣ дар солҳои аввал барои ба роҳ мондани низоми маориф ва сохтмони мактабҳо маблағи кофӣ надошт. Бо дарки ин мушкилот, нозири

маориф Аббос Алиев тобистони аввали фаъолияти худ ташаббуси муҳим нишон дода, корхонаҳо ва аҳолиро барои бо усули ҳашар сохтани биноҳои таълимгоҳҳо даъват намуд. Ин иқдом натиҷаи назаррас дод ва ҳамон тобистон 32 мактаб бо ҳамин усул сохта шуд. То он замон дар ҳеҷ як ҷумҳурии Шуравӣ чунин таҷриба амалӣ нагардида буд. Дар Анҷумани якуми омӯзгорони Тоҷикистон заҳматҳои нозири маориф Аббос Алиев ва ҷонишини ӯ, шоири маъруф Абулқосим Лоҳутӣ бо мукофоти давлатӣ қадршиносӣ шуданд. Муаллифи мақола бо истинод ба шоир чунин овардааст:

Дасти вафо дар камари аҳд кун,
То нашавӣ аҳдшикан, ҷаҳд кун!

Агар тибқи ваъдаи мақомот, дар солиояндаи таҳсил шумораи хонандагон ба даҳ ҳазор нафар расонида мешуд, бунёди мактабҳои нав бояд ҳадди ақал се маротиба зиёд мегардид. Аз ин рӯ, омӯзгорон даъват шуда буданд, ки дар «Моҳи маориф» фаъолона ширкат варзида, барои шукуфоии ояндаи шогирдонашон саҳм гузоранд. Дар «Муроҷиатномаи фирқа ва Ҳукумати Тоҷикистон» низ тамоми ташкилоту корхонаҳо ва ҷамъиятҳо вазифадор карда шуданд, ки дар чорабинии муҳими сиёсии «Моҳи маориф» фаъолона ширкат намоянд. Таъкид гардид, ки «ҳар як ташкилоте, ки ба гузаронидани «Моҳи маориф» аҳаммият надиҳад, дар назди ҳукумат ва фирқа масъул хоҳад буд» [284, с.190]. Бо ин таъкид, масъулияти тамоми соҳаҳо дар пешбурди маориф зикр гардида, нақши онҳо дар татбиқи сиёсати давлат ва ҳизб муҳим шумурда шуд.

Дар саҳифаи «Адабиёт» порчае аз шеъри «Зарра – муаллими Дорулфунуни Шарқ дар Маскав» нашр шудааст, ки дар он масъалаи муносибати инсон ба ҳайвонот мавриди баррасӣ қарор гирифтааст:

Шунидам, ба санги ҷафо ҷоҳиле,
Сагеро биёзурд бар соҳиле.
Саг аз пеш, кӯдак давон аз пояш,
На кас, то раҳонад зи чанги вояш.

Шеър бар асоси ҳикояте эҷод шудааст, ки ҷавоне бехирад сагеро ба дарё меафканад, вале худ низ лағжида ба об меафтад. Ҷавонро боз ҳамон саг наҷот медиҳад. Дар натиҷа муаллиф ба хулоса меояд, ки:

Рафиқе, ки имрӯз хор оядат,
Бувад, то ки рӯзе ба кор оядат.

Ин мавзуъ бо баъзе шеърҳои минбаъдаи адабиёти тоҷик, аз ҷумла, «Имони саг»-и Аскар Ҳаким, ҳамсадо аст. Дар ин шеър сайёде, ки пас аз пир шудани саги тозиаш мехоҳад аз он халос шавад, ӯро мепаронад. Ҳайвон, ки аз ин амали соҳибаш ноогоҳ аст, бо муҳаббат ба сӯяш мешитобад ва дар пояш сар мемонад: «Дар ҳамин имони худ ҷон дод саг!» Ин маънои онро дорад, ки мавзуъҳои ахлоқӣ дар адабиёт арзиши доимӣ доранд ва метавонанд бо шаклу услуби нав баён шаванд.

Дар бораи шоири халқӣ Мирсарвар дар фаслҳои қаблии таҳқиқ маълумот дода шуда буд. Дар шумораи мазкур шеъри ӯ таҳти унвони «Таърихи нашри маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» «ба табъ расидааст. Дар зерлавҳа омадааст: «Тоҷики маҳаллӣ навиштааст, 1926»:

Ҳаббазо, бар Тоҷикистон шуд маориф ошкор,
Рафт ҳангоми асорат, гашт Шуро барқарор…
Ин маҷалла нашр шуд, илмист тарзи шевааш,
Бо забони форс, номаш «Донишу омӯзгор»...
Баҳри ташкили маҷалла Сарвар ин таърих гуфт:
Се карат бишмор: «Чопи Донишу омӯзгор».

Ниҳоят, бо баррасии мазмун ва муҳтавои маҷаллаи аввалини соҳавии «Дониш ва омӯзгор» метавон ба чунин хулоса расид:

**1. Нақши таърихӣ ва иҷтимоии «Дониш ва омӯзгор»**. Маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» ҳамчун нахустин нашрияи соҳавии расмии Тоҷикистон дар заминаи ташаккули маориф ва фарҳанги миллӣ аҳамияти хосса дорад. Бо таъсиси он, ҳукумати тозатаъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон талош намуд, ки на танҳо низоми таҳсилотро таҳким бахшад, балки ҷараёни ташаккули худшиносии миллӣ ва забонӣ низ густариш ёбад. Ба ин далел, маҷаллаи мазкур ҳам ҳадафҳои

таълимӣ ва ҳам накши идеологӣ дошта, дар ташаккули афкори зиёиёни тоҷик накши муҳим бозидааст.

**2. Мавқеи адабиёт дар маҷалла ва робитаи он бо маориф.** Дар маромномаи маҷалла дар баробари ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таълимӣ, ибораи «адабӣ» низ зикр шудааст, ки нишон медиҳад адабиёт ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи маърифату маориф дар сиёсати фарҳангии он давра мақоми баланд дошт. Дар шумораҳои нахустини маҷалла гӯшаи «Адабиёт» бо нашри ашъори бадеӣ, аз ҷумла шеърҳои Абулқосим Лоҳутӣ, Садриддин Айнӣ ва дигар адибон, фаъолона саҳм гузоштааст. Таваҷҷуҳи маҷалла ба адабиёт собит менамояд, ки фарҳанги навини шуравии тоҷикӣ тавассути матбуот ташаккул ёфта, ба масоили иҷтимоӣ ва худшиносии миллӣ такя мекард.

**3. Мушкилоти забонӣ ва таъсири он ба сабки адабӣ.** Забони матолиби маҷалла дар муқоиса бо нашрияҳои пешазинқилобӣ омехта ва баъзан носуфта ба назар мерасад. Истифодаи вожаҳои кӯчагӣ, истилоҳоти нави идеологӣ ва калкаҳои тарҷумавӣ нишон медиҳад, ки забони тоҷикӣ дар марҳилаи шаклгирии худ қарор дошт. Бо вуҷуди ин, маҷалла кӯшиш намуд, ки бо нашри дастури «Қавоиди забони форсӣ»-и Ғуломризо Қамбарзода ва матолиби дигар ба таҳкими асосҳои забони илмӣ ва таълимии тоҷикӣ мусоидат намояд.

**4. «Рӯзи Рӯдакӣ» ва эҳёи худшиносии миллӣ.** Маҷалла бо нашри мақолаи «Рӯзи Рӯдакӣ» барои аввалин бор ташаббуси бузургеро дар ташаккули худшиносии миллии тоҷикон ба миён гузошт. Ин иқдом ба эҳтироми мероси устод Рӯдакӣ ва таърихи пурифтихори адабиёти тоҷик ишора намуда, таваҷҷуҳи ҷомеа ва ҳукумати вақтро ба арзишҳои миллӣ ҷалб кард. Ин нишон медиҳад, ки ҳатто дар доираи идеологияи шуравӣ, эҳёи ҳофизаи таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон ба таври муттасил идома дошт.

**5. Таҳкими маориф ва ҷалби аҳолӣ ба саводомӯзӣ.** «Дониш ва омӯзгор» бо мақолаҳо ва шиорҳои худ ташвиқ мекард, ки тоҷикон бояд аз бесаводӣ раҳо ёбанд ва мактабҳои навро бо усули ҳашар бунёд кунанд. Ин тадбир боиси афзоиши муассисаҳои таълимӣ гардид ва ба ташаккули низоми нави таълимӣ дар Тоҷикистон замина гузошт.

**6. Мавқеи маҷалла дар баҳсҳои илмӣ ва сиёсати забонӣ**. Дар маҷалла масъалаи алифбои нав ва зарурати тадриҷан гузаштан ба низоми нав мавриди баррасӣ қарор гирифт. Бо вуҷуди фишорҳои сиёсӣ, раҳбарияти соҳаи маориф, аз ҷумла Аббос Алиев, аз шитобзадагӣ дар татбиқи алифбои лотинӣ худдорӣ карда, дар ҳифзи забони тоҷикӣ талошҳои назаррас анҷом дод.

**Хулосаи умумӣ**

Маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» бо вуҷуди муҳлати кӯтоҳи нашраш, ҳамчун як минбари муҳим барои тарғиби маърифат, адабиёти навин ва худшиносии миллӣ хидмат кард. Он на танҳо ба масъалаҳои маориф, балки ба ташаккули забон, адабиёт ва сиёсати фарҳангӣ низ таъсири амиқ гузошт. Таъсиси ин маҷалла як қадами муҳим дар таҳкими заминаҳои фарҳангии Тоҷикистон маҳсуб мешавад, ки барои рушди минбаъдаи матбуот ва адабиёти миллӣ замина фароҳам овард.

## 4. 2. «Раҳбари дониш» ва равандҳои худшиносии миллӣ

Маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар ташаккули худшиносии миллии тоҷикон, ҳифзи ҳуқуқи онҳо барои таҳсил ба забони модарӣ ва ошкорсозии камбудиҳои тақсимоти ҳудудии Осиёи Марказӣ нақши назаррас дошт. Мақолаҳои таҳлилӣ ва илмии нашршуда дар ин маҷалла ва дигар нашрияҳо дар соли 1928 замина фароҳам оварданд, ки масъалаи мазкур дар соли 1929 мавриди бозбинӣ қарор гирифта, ба ташкили Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон мусоидат намояд.

Яке аз аввалин ва муҳимтарин мақолаҳо дар ин замина таҳқиқоти Абдуқодир Муҳиддинов бо унвони «Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё ӯзбак?» мебошад, ки дар шумораҳои 8-9 соли 1928 интишор шудааст. Ин мақола таваҷҷуҳи донишмандонро ба худ ҷалб намуда, дар маҷмуаҳои илмӣ такроран нашр гардида, то имрӯз низ арзиши илмии худро ҳифз намудааст. Муҳиддинов нахустин шуда, бо такя ба далелҳои илмӣ ва таҳлили мантиқӣ, дар бораи таърих ва вазъи забонии мардуми Бухоро изҳори назар намуда, бо истинод ба манбаъҳои таърихӣ собит месозад, ки мардуми шаҳр ва атрофи он аслан тоҷикон буданд. Ӯ дар ибтидои мақола масъалаи мазкурро ҷиддан мавриди таҳлил қарор дода, ба раҳбарияти сиёсӣ таъкид менамояд: «Бешаку шубҳа метавон гуфт, ки дар оянда фирқа ва ҳукумати Шуравӣ ҳалли ин масъаларо як ҷузъи муҳими ҳалли масъалаи миллӣ мешуморанд ва бо ҷиддият дар ҳалли он кӯшиш мекунанд, чунки вазъияте, ки алҳол дар Бухоро мавҷуд аст ва ҳолате, ки ин масъала дорад, ғайритабиист. Мо мехоҳем, ки ба воситаи ин мақола дар бораи чигунагии таърихӣ ва ҳолати ҳозираи ин масъала маълумот дода, таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба баррасӣ ва ҳалли он ҷалб намоем» [273, с.15].

Муҳиддинов масъалаи мазкурро ба таври муназзам ба фаслҳо ҷудо намуда, ҷанбаҳои мухталифи онро бо истинод ба сарчашмаҳои таърихӣ таҳлил намуда, хулосаҳои илмӣ пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, дар фаслҳои гуногуни мақола масъалаҳои зерин муҳокима шудаанд: таърихи аҳолии Бухоро аз замони истилои арабҳо ва шаклгирии ҳувияти этникии тоҷикон, таъкиди он ки «то имрӯз забони модарии мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷикӣ мебошад» [273, с.16], инчунин

истифодаи манобеи таърихӣ ва таҳқиқоти донишмандони маъруфи Шарқ ва Ғарб дар таъйини асли миллии аҳолии маҳаллӣ.

Муаллиф бо истинод ба далелҳои муътамад нишон медиҳад, ки ба ҷуз аз чанд хонаводаи қабилаи дурман, аксарияти кулли аҳолии шаҳри Бухоро ва 90%-и мардуми атрофи он тоҷик буданд ва то имрӯз низ ҳувияти миллии худро ҳифз намудаанд. Мақола хусусияти таҳлилӣ-таҳқиқотӣ дошта, бо истифода аз далелҳои илмӣ сабабҳо ва омилҳои тағйири вазъи миллиро баррасӣ менамояд.

Муҳиддинов дар таҳлили худ ишора мекунад, ки иллати асосии таназзули ҳувияти миллии тоҷикон дар минтақа на танҳо таъсири сиёсати беруна, балки камаҳаммиятии бархе аз ҷадидони Бухоро низ буд, ки ба забони тоҷикӣ муносибати манфӣ доштанд. Ӯ иқтибос меорад: «Мо душмани забони тоҷикӣ будем». Муаллиф бо такя ба далелҳои илмӣ ва таҳлилҳои мантиқӣ нодуруст будани назарияҳои пантуркистиро дар бораи мансубияти миллии мардуми Бухоро рад намуда, бо қатъият таъкид мекунад: «Мо саҳву хиёнати сиёсии гузаштаи худро эътироф мекунем ва онро лозим медонем, ки ислоҳ карда шавад» [273, с.18].

Маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар хотима бо назардошти аҳаммияти масъала пешниҳоди Муҳиддиновро саривақтӣ шуморида, зарурати идомаи баррасии илмии онро таъкид менамояд: «Лозим аст, ки масъалаи мазкур дар саҳифаҳои матбуоти миллии мо ошкоро муҳокима гардида, натиҷаҳои амалӣ ба даст оварда шаванд. Агар муҳаққиқони дигар низ дар ин мавзуъ андешаҳои худро иброз доранд, маҷаллаи мо омода аст, ки онҳоро нашр намояд» [273, с.18]. Ин иқдом замина фароҳам овард, ки баҳси масъалаи мазкур дар нашрияҳои дигари даврӣ низ идома ёфта, ҷанбаҳои гуногуни он аз зовияи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирад.

Нахустин вокуниш ба баҳсҳои матраҳшуда дар «Раҳбари дониш» баъди чанд шумора (№11-12, соли 1928, саҳ.13-18) дар мақолаи Аббос Алиев таҳти унвони «Масъалаи миллӣ дар Бухоро ва атрофи он» ба нашр расид. Дар он давра Аббос Алиев, ки қаблан нозири маориф буд, дар мактаби ҳизбии шаҳри Москва таҳсил менамуд. Бо дарназардошти мавқеи ҳизбии ӯ, назари вай ба масъала

таъсири бештар дошта метавонист. Мақолаи мазкур бо иқтибос аз суханони Ленин дар бораи аҳаммияти забони миллӣ оғоз шуда, муҳокимаи масъалаи миллиро аз дидгоҳи идеологияи ҳизби коммунист баён кардааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки ҳар халқу миллат бояд ҳуқуқи таҳсил ба забони модарии худро дошта бошад. Дар ин маврид, Алиев андешаҳои Муҳиддиновро ҷонибдорӣ намуда, менависад: «Дар мақолаи Муҳиддинов аз ҳама муҳим он аст, ки ӯ менависад: «Мо саҳву хиёнати сиёсии гузаштаи худро эътироф мекунем ва лозим медонем, ки ислоҳ шавад» [56, с.18].

Аббос Алиев, ки донишманди илмҳои таърих ва забоншиносӣ буд, мақолаи худро ба шаш қисмат тақсим намуда, дар онҳо масъалаҳои таърихи халқи тоҷик, таърихи забони форсӣ-тоҷикӣ, ташаккул ва аҳаммияти он дар давраҳои гуногун, масъалаи тоҷикият дар Бухорои имрӯза ва роҳҳои ҳалли он, сабабҳои узбек номида шудани тоҷиконро таҳлил кардааст. Тафовут миёни мақолаи Алиев ва Муҳиддинов дар он буд, ки Алиев масъалаи мазкурро аз нигоҳи идеологияи ҳизби коммунист шарҳ дода, бо иқтибос аз Ленин роҳҳои ҳалли онро таъкид кардааст. Дар поёни мақола таъкид мешавад: «Ҳеҷ бартарӣ барои ҳеҷ миллате, барои ҳеҷ забоне набояд дода шавад. Бояд ин андешаҳои Ленинро дар Бухоро татбиқ кард… Мактабҳо ва идораҳо бояд ба забони модарии мардум, яъне забони тоҷикӣ фаъолият намоянд» [56, с.18].

Аз нимсолаи дуюми соли 1929 ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Раҳбари дониш» тағйир ёфт, ки ин боиси нав шудани талаботи идеологӣ ва сиёсӣ гардид. Ҳамзамон, мазмун, мундариҷа ва ҳадафи маҷалла низ дигар шуд. Бо вуҷуди ин, шумораҳои 5-6-и соли 1929, бо назардошти зиёд будани мақолаҳо дар равияи пешин, матлаби охирин оид ба масъалаи худшиносӣ - мақолаи «Боз дар хусуси масъалаи миллатчигӣ»-и Муминхӯҷаро ба нашр расонид. Муаллиф, ки собиқ корманди ҳизбии ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон буд, дар мақолаи худ далелҳои ҷиддӣ ва нигаронкунандаи таҳқиру таҳдид ва маҳдудсозии ҳуқуқҳои намояндагони миллат ва забони тоҷикӣ аз ҷониби бархе ходимони ҳизбӣ ва давлатӣ дар Ӯзбекистонро мавриди таҳлил қарор дода, зарурати андешидани чораҳои таъхирнопазирро таъкид кардааст.

Муминхӯҷа, ки он вақт барои таҳсил ба Москва фиристода шуда буд, нигаронии худро аз афзоиши афкори миллатгароӣ баён менамояд. Ӯ ишора мекунад, ки ин афкор на танҳо дар миёни оммаи бесавод, балки дар байни баъзе аъзои ҳизб ва комсомол дар Ӯзбекистон низ нуфуз пайдо кардааст [257, с.4]. Муаллиф инчунин бо такя ба далелҳои воқеӣ нишон додааст, ки бархе шахсони масъул бо рафтори худ ба тақсимшавӣ ва ихтилофоти қавмӣ мусоидат менамуданд. Ӯ таъкид мекунад, ки чунин афрод ҳатто дар мактабҳои олии Москва таҳсил карда, ошкоро ақидаҳои миллатгароёнаи худро таблиғ мекарданд. Ба гуфтаи муаллиф, чунин афкор боис гардид, ки дар корхонаҳои пахта ва равғани Ӯзбекистон тоҷиконро аз кор ронда, ба онҳо гуфта мешуд, ки «Тоҷикон бояд ба Тоҷикистон раванд! Ӯзбекистон барои ӯзбекон аст!» [257, с.4].

Дар идомаи мақола муаллиф бо истинод ба гузориши нашрияи «Комсомолская правда» (13 феврали соли 1929) маълумоти бештар дода, ишора мекунад, ки дар ноҳияи Қӯрғонтеппаи Ӯзбекистон баъзе шахсони масъули ҳизбӣ ва комсомолӣ бар зидди тоҷикон ҳамлаҳо ва таҳдидҳоро роҳандозӣ намудаанд. Муаллиф инчунин қайд мекунад, ки собиқ котиби масъули ройкуми шаҳри куҳнаи Самарқанд, Ғафуров, ки дар муҳокимаи ин масъала мавқеи радикалӣ дошт, кумитаи ҳизбии шуъбаи тоҷикиро, ки иҷозати расмии ҳизбӣ ва давлатӣ дошт, бастааст [257, с.5].

Муминхӯҷа назарияҳои баъзе шахсонро, ки иддао мекарданд, тоҷикон бояд узбак ҳисобида шаванд, мавриди таҳлил қарор дода, бо истинод ба маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки тоҷикон дар минтақаҳои Самарқанд, Бухоро, Зарафшон, Қашқадарё, Сурхондарё ва қисматҳои дигари Ӯзбекистон аксарияти аҳолиро ташкил медоданд ва забони онҳо тоҷикӣ буд. Ӯ таъкид мекунад, ки сиёсати солҳои охир кӯшиши сунъӣ барои коҳиш додани теъдоди тоҷиконро дар оморҳо дар бар мегирифт, аммо «санадҳо ба ҷойи худ боқӣ мемонанд» [257, с.6].

Дар анҷом муаллиф бо далелҳои муътамад ва таҳлили воқеӣ собит месозад, ки масъалаи миллии тоҷикон бояд ба таври ҷиддӣ ҳаллу фасл гардад. Ӯ таъкид мекунад, ки барои бартараф намудани нобаробариҳои мавҷуда, фаъолияти расмии давлатӣ ва коргузорӣ дар шаҳрҳои Самарқанд ва Бухоро бояд ба забони

тоҷикӣ сурат гирад. Ин мақола ва мақолаҳои ба он монанд дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» пайваста бознашр гардида, нуфуз ва таъсири маҷалла ба равандҳои худшиносии миллӣ афзоиш ёфт.

Нақши маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар бедор кардани худшиносии миллӣ, боло бурдани эҳсоси ифтихори миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои забони тоҷикӣ хеле муҳим аст. Хусусияти калидии ин нашрия дар он буд, ки маводи интишорёфта бештар аз ҷониби кормандони собиқи ҳизбӣ ва давлатӣ навишта шуда, бо далелҳои илмӣ ва таҳлилҳои амиқ зарурати ҳифзи забон, фарҳанг ва ҳувияти миллии тоҷиконро исбот менамуд.

**Аз пажӯҳиш ва таҳлили фасли "«Раҳбари дониш» ва равандҳои худшиносии миллӣ" метавон ба хуслосаҳои зерин расид:**

**1. Нақши маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар ташаккули худшиносии миллӣ.** Маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар рушди худшиносии миллии тоҷикон ва ташаккули муҳокимаҳои илмӣ оид ба масъалаи ҳувияти миллӣ нақши муҳим бозидааст. Дар солҳои 1928–1929 ин нашрия ба минбари муҳими баҳсҳои илмӣ-сиёсӣ дар бораи ҳуқуқи тоҷикон барои таҳсил ба забони модарӣ ва ҳифзи ҳувияти миллии онҳо табдил ёфт. Яке аз муҳимтарин таҳқиқоти нашршуда мақолаи Абдуқодир Муҳиддинов буд, ки масъалаи асли миллии аҳолии Бухороро таҳлил намуд. Ӯ бо истифода аз далелҳои илмӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ исбот кард, ки мардуми Бухоро ва атрофи он тоҷик буданд. Ин таҳқиқот на танҳо арзиши илмӣ дошт, балки ба бозбинии сиёсати миллӣ ва марзии он замон низ таъсир гузошт.

**2. Муҳимияти таҳқиқоти Абдуқодир Муҳиддинов.** Абдуқодир Муҳиддинов дар мақолаи худ бо такя ба далелҳои таърихӣ ва таҳлили илмӣ собит намуд, ки тоҷикон дар минтақаи Бухоро аз даврҳои қадим аксарияти аҳолиро ташкил медоданд. Ӯ инчунин сабабҳои заифшавии ҳувияти миллиро шарҳ дода, таъсири сиёсати миллӣ ва мавқеи ҷадидонро таҳлил кардааст. Муҳиддинов нишон дод, ки бархе аз намояндагони ҷадидон нисбат ба забони тоҷикӣ

муносибати манфӣ доштанд ва ҳатто, онро монеаи рушди худ медонистанд. Ин таҳқиқот бо далелҳои илмӣ назарияҳои пантуркистиро рад карда, ҳифзи забон ва фарҳанги миллиро таъкид намудааст. Ин мақола то ба имрӯз ҳамчун як таҳқиқоти бунёдӣ дар масъалаи таърихи тоҷикони Бухоро арзишманд боқӣ мондааст.

**3. Ҷойгоҳи Аббос Алиев дар таҳқиқоти масъалаи миллӣ.** Мақолаи Аббос Алиев, ки дар шумораҳои баъдии «Раҳбари дониш» нашр шуд, баҳсҳои илмии Муҳиддиновро идома дода, масъалаи миллии тоҷиконро аз дидгоҳи идеологияи ҳизби коммунист таҳлил кард. Алиев бо истинод ба ақидаҳои Ленин ва дигар раҳбарони шуравӣ, зарурати таъмини баробарии миллӣ ва ҳуқуқи таҳсил ба забони модариро таъкид намуд. Вай дар таҳқиқоти худ таърихи халқи тоҷик ва ташаккули забони форсӣ-тоҷикӣ, инчунин, аҳаммияти онро дар минтақаи Бухоро баррасӣ намуд. Тафовути асосии таҳқиқоти Алиев аз Муҳиддинов дар он буд, ки вай масъалаи мазкурро бештар дар чорчӯби сиёсати ҳизбӣ шарҳ додааст. Бо вуҷуди ин, ҳарду муҳаққиқ дар мавриди ҳифзи забон ва худшиносии миллӣ иттифоқи назар доштанд.

**4. Мақолаи Муминхӯҷа ва фошсозии фишорҳои сиёсӣ.** Мақолаи Муминхӯҷа дар «Раҳбари дониш» яке аз муҳимтарин маводе буд, ки ба таҳлили фишорҳои сиёсӣ ва маҳдудиятҳои нисбати тоҷикон дар Ӯзбекистон равшанӣ андохт. Муаллиф бо истинод ба гузоришҳои расмӣ ва таҳлили воқеӣ нишон дод, ки дар баъзе минтақаҳои Ӯзбекистон нисбат ба тоҷикон сиёсати маҳдудсозӣ ва таҳдид роҳандозӣ мешуд. Ӯ далел овард, ки ҳатто дар мактабҳо ва корхонаҳо тоҷиконро таҳти фишор қарор дода, онҳоро маҷбур мекарданд, ки худро ӯзбек ҳисоб кунанд. Муаллиф инчунин сабабҳои сунъии коҳиш ёфтани шумораи тоҷиконро дар оморҳои расмӣ таҳлил карда, иброз дошт, ки ин раванд таҳти таъсири сиёсати миллатгароёна сурат мегирад. Ин мақола ва мақолаҳои ба он монанд ба бедории худшиносии миллии тоҷикон кӯмак намуданд.

**5. Таҳлил ва таъсири муҳокимаҳои илмӣ дар «Раҳбари дониш».** Мақолаҳое, ки дар «Раҳбари дониш» нашр мешуданд, на танҳо ҷанбаи илмӣ, балки таъсири сиёсӣ ва иҷтимоӣ низ доштанд. Нашрия бо интишори таҳқиқотҳои амиқи илмӣ ва муҳокимаи масъалаҳои миллии тоҷикон, ба ташаккули сиёсатҳои фарҳангӣ ва ҳифзи забони тоҷикӣ таъсир гузошт. Муҳокимаҳои илмии матраҳшуда заминаи муҳиме барои баҳсҳои минбаъда дар нашрияҳои дигари илмӣ фароҳам оварданд. Таваҷҷуҳи махсус ба масъалаи худшиносии миллӣ ва ҳувияти тоҷикон сабаб шуд, ки таҳқиқоти марбут ба ин мавзуъ афзоиш ёбад. Ин муҳокимаҳо нишон доданд, ки масъалаи ҳувияти миллӣ танҳо як масъалаи илмӣ набуда, балки ба сиёсати давлатӣ ва иҷтимоии замон низ алоқаманд буд.

## 4. 3. Хусусиятҳои жанрӣ ва забони осори бадеӣ

Назорати маорифи Тоҷикистон дар таъсиси нашрияҳои даврӣ на танҳо таҷриба, балки нақши муассир дошт. Дар ҳукуматҳои навташкили ҷумҳурии Шуравӣ, илова бар таълиму тарбия, соҳаҳои муҳими иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва идеологӣ низ таҳти назорати ин ниҳод қарор доштанд. Ҳамзамон, аввалин матбуоти Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон бо номи «Иди тоҷик» («Бедории тоҷик») бо ташаббуси нозири маориф таъсис ва роҳбарӣ гардид. Илова бар ин, чандин маҷалла ва рӯзномаҳои соҳавӣ низ ба фаъолият оғоз карданд. Маҷаллаи навбатии таъсисдодаи маориф «Дониш-биниш» ном дошт, ки аз шумораи дувум номи «Раҳбари дониш»-ро гирифт.

Маҷаллаи «Дониш-биниш» расман ҳамчун «маҷаллаи илмӣ ва адабӣ» ва «нашри Назорати маорифи Тоҷикистон» дар чопхонаи «Овози тоҷик»-и шаҳри Самарқанд моҳи августи соли 1927 ба нашр расид. Дар шиносномаи он қайд шудааст: «Дониш-биниш» ғайр аз мақолаҳои илмӣ ва таълим-тарбиявӣ, бо порчаҳои адабӣ ва бадеӣ низ музайян аст». Ин далел нишон медиҳад, ки маҷалла хусусияти илмӣ ва адабӣ дошта, дар баробари мақолаҳои илмию таълимӣ, осори бадеӣ низ нашр менамуд. Ин раванд то таъсиси маҷаллаи пурраи адабӣ дар соли 1932 идома ёфт. Ба ин тартиб, замина ва таҳкурсии маҷаллаи адабии тоҷикӣ маҳз маҷаллаи соҳавии маорифи «Раҳбари дониш» буд. Дар робита ба ин, таъкид шудааст: «Ҳар як муаллим, балки тамоми мунавварони тоҷикзабон бояд ба маҷаллаи «Дониш-биниш» обуна шаванд».

Дар сармақолаи муҳаррир Муҳаммад Мусавӣ бо номи «Боз як қадами калон дар роҳи маориф» асосан оид ба фаъолияти маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастовардҳо ва мушкилоти соҳа баҳс шудааст. Дар он саҳми маҷалла дар пур кардани норасоии китобу дастурҳои методӣ зикр гардида, инчунин, аҳаммияти сиёсии таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ва нақши забони тоҷикӣ дар фарҳанги шарқӣ таъкид шудааст: «Ин тараққии мо ба ҳамзабонони хориҷии мо таъсири бисёре хоҳад дошт, ки он аҳаммияти байналмилалии маданияти нави тоҷик аст» [264, с.4]. Ҳамчунин, нуфузи

адабиёти тоҷик қайд гардидааст: «Адабиёти гузаштаи тоҷик, ки имрӯз садҳо миллион нуфузи Шарқро таҳти таъсири худ дорад» [264, с.4].

Ба зарурати рушди матбуот таваҷҷуҳи ҷиддӣ равона шуда, чунин таъкид шудааст: «Матбуот ва маориф аз якдигар ақиб мондан наметавонанд ва ҳар ду лозим ва малзуми якдигаранд. Матбуотро аз як тараф, маориф пеш мебарад ва аз тарафи дигар, матбуот сабаби пешрафти маориф мегардад. Пас, агар мо мехоҳем, ки маорифи мо тараққӣ кунад, бояд матбуоти худро тараққӣ диҳем» [264, с.6].

Дар шумораи аввал 18 хабар ва мақолаи калони маҷалла ҷой гирифта, ки аз онҳо 10-тоаш ба соҳаи маориф, аз ҷумла, бурду бохти соҳа, таълими томактабӣ, кӯдакшиносӣ, худомӯзӣ ва фанҳои гуногун, аз қабили биология, ҳисоби назариявӣ ва нуҷум бахшида шудаанд. Бисёре аз ин мавзуъҳо, аз ҷумла фанни тарбия (педагогика), биология ва математика, барои аввалин бор дар матбуоти тоҷик матраҳ шуданд. Аз ҷумла, дар илми таълиму тарбияи тоҷик чунин таъкид шудааст: «Илми мазкур (педагогика – Б.А.)-ро надониста, ҳеҷ вақт номи мураббӣ ва муаллимро бардоштан мумкин нест». Аксари мақолаҳои назариявии таълиму тарбия дар шумораҳои аввал аз қалами Уйғур будаанд.

Муҳаққиқони тоҷик нашри маҷаллаи «Раҳбари дониш»-ро оғози ташкили як маҷаллаи адабӣ арзёбӣ намудаанд. Дар ин замина, заминаҳои гирдҳамоии адибони давраи нави тоҷикро Раҳим Ҳошим, ки тағйироти мазкурро шоҳидӣ кардааст, чунин шарҳ додааст: «Органе лозим буд, ки ҷавононро ба атрофи худ ҷамъ карда, ба пешрафти адабии онҳо роҳ нишон диҳад, онҳоро тарбия намояд. Ин нақшро, ба назари ман, дар таърихи адабиёти советии тоҷик (дар он марҳила) якумин журнали адабиву педагогии тоҷик «Раҳбари дониш» бозӣ кардааст» [447, с.236]. То ба имрӯз адибон, хоса маҷаллаи соҳавии онҳо «Садои Шарқ», «Раҳбари дониш»-ро аввалин нашрияи адабӣ мешуморанд. Ба назари мо, дар асл «Раҳбари дониш» нашрияи Назорати маориф буд, аммо бо мақсади маърифаткунонии мардум ва ҷалби хонандагон, аз осори бадеӣ босамар ва фаровон истифода мебурд.

«Дониш-биниш» («Раҳбари дониш») низ, мисли нашрияҳои қаблӣ гӯшаи «Адабиёт» дошт. Дар ҳар шумора чандин асари бадеӣ чоп шудааст. Дар маҷаллаи

мазкур, бо назардошти ҳаҷм, намунаҳои гуногуни жанрҳои бадеӣ дида мешуданд. Ба қавли Садриддин Айнӣ, бисёр жанрҳои осори насрӣ дар адабиёти тоҷик намунаи худро доштанд. Ӯ, ҳатто, дар бораи асарҳои «Мунозира»-и Фитрат навиштааст, ки он «ба тариқи роман ва «Сайёҳи ҳиндӣ» ҳам ба услуби роман навишта шуда буд» [521, с.76]. Албатта, муаллифони чунин асарҳо онҳоро ба ин ё он жанр номгузорӣ накардаанд, аммо дар «Раҳбари дониш» аксари жанрҳо бори аввал бо номи худ зикр карда шудаанд.

Дар шумораи аввал, мақолаи муҳими Садриддин Айнӣ бо номи «Кишваршиносӣ» ба табъ расида, дар рушди худшиносии миллати тоҷик саҳм гузоштааст. Котиби бюрои Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, Муминхӯҷа, дар паёми табрикии худ ба муносибати нашри маҷалла қайд кардааст, ки маҷалла «барои ҳамзабонони хориҷӣ намуна бояд бошад». Дар мақолаҳои баъдии худ, Муминхӯҷа низ ба масъалаи худшиносии миллӣ ва баланд бардоштани эътибори миллати тоҷик дар ҷаҳон аҳаммияти хоса додааст.

Шумораи дувуми маҷаллаи Назорати маориф бо номи «Раҳбари дониш» ва шаклу мазмуни нав моҳи октябри соли 1927 дар шаҳри Тошканд ба табъ расид. Дар шиносномаи шумораи аввал танҳо «илмӣ ва адабӣ» қайд гардида бошад ҳам, дар шумораи нав он бо номи «маҷаллаи иҷтимоӣ, тарбиявӣ, фаннӣ ва адабӣ» нашр шуд. Масъули чоп, Собит Манофзода, қайд намудааст, ки «шумораи якум дар Самарқанд чоп шуд, аммо аз ҷиҳати нафосат ва тартиботи техникӣ бо нуқсонҳои зиёд рӯ ба рӯ буд». Ҳайати таҳририя ба Собит Манофзода, ки он замон дар Дорулмуаллимини тоҷикии шаҳри Тошканд омӯзгор буд, супориш дод, ки онро бо ороиши беҳтар дар Тошканд нашр кунад. Саҳми Собит Манофзода дар беҳбудии мазмун ва муҳтавои маҷалла назаррас буд. Мутаассифона, дар бораи мавсуф маълумоти кофӣ дар даст нест. Муҳаққиқ Валӣ Самад бо истинод ба манбае, кормандони маҷаллаи «Мулло Насриддин»-ро номбар намуда, дар қатори онҳо номи Собит Манофзода (1888–1940)-ро низ зикр кардааст, ки шубҳаовар менамояд.

Фарқияти дигари ин шумора аз шумораи аввал он аст, ки ҳаҷми маҷалла афзуда, мақолаҳо ба 7 қисмати алоҳида ҷудо карда шудаанд: «Қисми иҷтимоӣ»,

«Фанни тарбия», «Қисми адабӣ», «Дунёи занон», «Қисми фаннӣ», «Илми ҳаёт», «Тандурустӣ» ва «Китобиёт». Дар ин шумора тасвирҳо босифаттар таҳия гардида, шиорҳо бо ҳуруфи калон ҷой дода шудаанд, ки хусусияти даъватӣ ва таъсирбахш доранд. Мавзуъҳои марбут ба соҳаи маориф дар ин шумора зиёд буда, мисли шумораи қаблӣ, мақолаи Уйғур дар бораи усулҳои таълим нашр шудааст. Дар мақолаи дигари ӯ шаклҳои таълим дар даврони пеш аз инқилоб ва баъд аз он баррасӣ шудаанд. Инчунин, мақолаҳои Бектош дар бораи фанни тарбия (педагогика) дар чанд шумора чоп шудаанд. Маҷаллаи «Раҳбари дониш» ба масъалаи тарбияи занон ва озодии онҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст.

Қисмати адабии маҷалла минбаъд ба таври густурда рушд ёфт. Масъули чоп Собит Манофзода, ки худ низ нависанда буд, ин бахшро бо мақолаҳо ва намунаҳои назму наср ғанӣ гардонидааст. Дар шумораи аввал мақолаи ӯ бо номи «Инқилоби адабӣ» чоп гардид, ки таҳлили масъалаҳои адабиро дарбар мегирад. Дар «Қисми адабӣ»-и аввалин шумора ҳикояи «Хаёл. Шабе дар Регистони Бухоро»-и Ҷ.Икромӣ ва шеъри Суҳайли Ҷавҳаризода «Гулшани афрӯхта» интишор ёфтанд. Ин асарҳо дар шумораи минбаъда мавриди баррасии интиқодӣ қарор гирифтанд.

Дар охири соли аввал маҷалла ба хонандагон мурочиат намуда, эълон кард, ки минбаъд дар баробари масъалаҳои таълиму тарбия, ба инкишофи забон ва истилоҳоти илмӣ ва адабии тоҷикӣ аҳаммияти хоса дода хоҳад шуд. Инчунин, ишора гардид, ки осор ва навиштаҳои муҳими тоҷикӣ мавриди баррасии интиқодӣ қарор хоҳанд гирифт.

Соли дуюми фаъолияти маҷаллаи «Раҳбари дониш» (1928) барои муҳаққиқон ва хонандагони он давраи муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ин давра маҷалла бо нашри маводи илмӣ ва адабӣ фаъолнокии бештар пайдо намуд. Теъдоди мақолаҳо афзоиш ёфта, дар шумораи аввали соли 1928 он ба 30 адад расид. Бо вуҷуди он ки баъзан ду шумора якҷоя нашр мешуд, маводи он аз лиҳози мундариҷа ва арзиши илмӣ аҳаммияти хоса дошт. Дар қисмати иҷтимоии маҷалла мақолаҳои муҳтавоманди М. Мусавӣ ва Муминхӯҷа ба табъ расиданд.

Дар соли 1928 ба бахши адабиёт таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардида, дар шумораи аввал шеърҳои Суҳайлӣ «Навбаҳори дониш», ки бо тақриз нашр шудааст, шеъри шоири халқӣ Пинадӯз дар васфи «Раҳбари дониш» ва шеъри «Ҳақиқат», ки аз Эрон фиристода шудааст, чоп гардиданд. Шеъри Алӣ Ҷавоҳиркалом, ки аз Теҳрон ирсол гардидааст, шаҳодат медиҳад, ки маҷалла дар Эрон низ хонандагон дошт ва мактубҳо мегирифт.

Дар маҷалла шеъри Лоҳутӣ «Ба духтарони Эрон» ҷой дода шудааст, ки қайд шудааст, он аз рӯзномаи «Бедории тоҷик» гирифта шудааст. Ин шеър ба масъалаи озодии занон бахшида шуда, чунин суруда шудааст:

Эй боди сабо бибар ба Эрон,
Ин қисса ба духтарони Сосон.
Қисса:
Он рӯз, ки духтарони ӯзбак,
Озод шуданд ҳамчу мардон,
Аз парда бурун шуданд як-як,
Монанди гули шукуфта, хандон [193, с.32].

Шеъри дигари Лоҳутӣ «Хатои нави Хитой» ба мавзуи сиёсӣ бахшида шудааст. Гарчанде унвони он ба муҳаббат иртиботе надорад, мазмуни шеър масъалаи сиёсиро бо ифодаҳои бадеӣ ба таври муассир ба тасвир мекашад:

Он шӯхи «Хатозода» бубин боз хато кард,
Коре, ки ба бегона раво буд, ба мо кард!..
Як ҳарфи муҳаббат зи даҳонаш нашунидем,
Гарчи лаби худ сурх зи хуни дили мо кард… [197, с.21].

Дар шумораи 9, соли 1929 шеъре бахшида ба яксолагии қатли Муртазо Ҳиҷозӣ, ки аз тарафи Лоҳутӣ эҷод шудааст, дар «Қисмати умумӣ»-и маҷалла нашр гардид. Ҳиҷозӣ яке аз инқилобчиёни эронӣ буд, ки пас аз таъқиб ба Душанбе омада, якуним сол дар чопхона ҳуруфчинӣ мекард ва сипас ба Эрон баргашта, дар мубориза ҳо ширкат варзида, баъдан дар Москва дар конфронси коргарӣ ҳузур ёфт. Пас аз бозгашт ба Эрон, моҳи августи соли 1928 ба қатл

расонида шуд. Лоҳутӣ мардуми Эронро даъват мекунад, ки хотираи муборизи роҳи озодиро гиромӣ дошта, ба сари марқадаш гул гузоранд:

Эй коргари асири имрӯз,
Фардо чу шавӣ тамоман озод…
Он рӯз зи рӯи ҳиссу виҷдон,
Аз рӯҳи рафиқи худ бикун ёд.
З-он кас, ки ба нафъи синфи аъён,
Доданд варо ба дасти ҷаллод.
Дар маҳбаси ҳавлноки Теҳрон,
Андар роҳи синфи хеш сар дод [194, с.9].

Қисмати адабии маҷалла дар ин шумора бо шеъри Лоҳутӣ «Бузурге бемаргу мисол» ба нашр расид, ки дар зернавишташ омадааст: «Мазмун аз Демян Бедный гирифта шудааст»:

Чун ҷон ба бар кашидашу бадруд карду гуфт:
- «Рав, боз о, даме, ки шавӣ одами бузург!»
Як сол рафт, омаду гуфт:
- «Омадам падар!
Марде бузург, соҳиби ҷоҳу зару ҷалол,
Аввал тавонгарам».
- «Писар, ин сон ба худ мабол!
Ин нест он бузургии бемаргу бемисол»,
Гуфташ: «Бузургӣ аз ту талаб кардаам – на зар» [195, с.24].

Баъди ин писар чанд амали дигарро анҷом медиҳад, вале падар ҳар дафъа посух медиҳад, ки ин бузургӣ нест. Ниҳоят, пас аз чанд сол, писар мазлумеро, ки наҷот додааст, бо худ меорад. Ин бор пирамард хушнуд шуда мегӯяд:

Инак, ҳақиқатан ту бузургӣ ба худ бибол!
Ин аст он бузургии бемаргу безавол! [195, с.24].

Маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар тарғиби эҷодиёти Пайрав Сулаймонӣ саҳми арзанда гузоштааст. Аз ҷумла, шеъри аввалини ӯ, ки ба заҳматҳои

беназири Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари байналмилалӣ бахшида шудааст, дар он рӯзҳои душвор ба камбизоатон кумак мерасонд:

Ҷамъияте ба хидмати навъи банӣ башар,
Подору устувор камар баста дар тариқ...
Пайваста зинда бод ба олам Ҳилоли Сурх,
Монод бар фурӯғ ҳамоно ҷамоли сурх! [373, с.26].

Шеъри «Якуми мой ва МОПР» яке аз ашъори камшумори иҷтимоии шоири шинохта маҳсуб мешавад, ки ба синфи ранҷбар бахшида шудааст:

На қатл карда, на дуздӣ, на ғорату на даға,
На ришва хӯрда чу ҳоким, на чун ъасас, қассоб,
На чун амиру шаҳу шайх буда масту хароб,
На муфт хӯрда чу доро, зи музди ғайр,
- Чаро?..
Гуноҳаш ин, ки тарафдори ҳаққи ранҷбар аст,
Пайи халосиву озодии банӣ башар аст [377, с.49].

Ҳадафи шеър нишон додани ранҷ ва муборизаи заҳматкашон барои озодӣ мебошад. Дар шумораи баъдина низ шеъри Пайрав Сулаймонӣ «Баҳори Тоҷикистон ва нолаи чӯпонӣ» нашр шудааст:

Дашти васеу боғи латифу ҳавои хуш,
Саҳрову ҷангалу чаману кӯҳу лолазор…
Аз ҳар канор чашма равон асту обшор,
Ҳар сӯ баланд замзамаву нолаву хурӯш [374, с.32].

Дар чунин муҳити зебо, «чӯпонписаре ной дар даҳон» суруд мехонад ва ной гӯё ба сухан даромада, ба табиати афсунгар тасанно мегӯяд. Устод Садриддин Айнӣ ба истеъдоди Пайрав баҳои баланд додааст: «Пайрав ошиқ аст, шеърҳои ошиқонаро аз мағзи ҷон месарояд… Ашъори инқилобӣ низ эҷод кардааст… Бӯстони нави адабиёти тоҷик аз оби равони табъи ин ҷавон бисёр сарсабзиҳо дорад». Раҳим Ҳошим низ дар хотироташ истеъдоди шоирии ӯро ситоиш кардааст: «Ин аввалин намунаи шеъри лирикии Пайрав буд, ки ба майдони адабиёт мебаромад… Аз дили ҳассос ва пурҷӯш хабар медод… Пайрав

бо ин шеър худро ба олами адабиёти тоҷик шиносонд… Ёд дорам, Садриддин Айнӣ, вақте ки дар бораи ин шеър сухан ба миён омад, гуфтанд: «Ман гуфтаам: Пайрав шоири ҳақиқӣ мешавад!» [348, с.104].

Шеъри «Насими баҳорӣ» низ дар ҳамин шумора чоп шуда, Раҳим Ҳошим онро «як шоҳкори ашъори лирикии тоҷик» арзёбӣ кардааст:

Саҳаргаҳ, ки дар бистари бекарорӣ,
Шаберо ба сар бурда будам ба хорӣ.
Ҳаме будам аз сардии дай ба зорӣ:
Ки ногаҳ насими хуше шуд аёрӣ,
Насими баҳорӣ!
Насими баҳорӣ!.. [447, с.107].

Ин ҷо маҳорати шоир дар истифодаи қофияҳо эҳсос мешавад. Дар идомаи маҷалла, шеърҳои дигари Пайрав, аз ҷумла «Оҳанги тор», низ нашр шудаанд:

Боз оҳанги тор меояд,
Эй хуш, овози ёр меояд!
Нозам он нохуне, ки з-оҳангаш:
Рӯҳ дар ҷисми зор меояд!..
Зи интизорат ба дидаи Пайрав
Ашк беихтиёр меояд.

Маълум мешавад, ки он замон аксари шоирон ба эҷоди ашъори инқилобӣ рӯ оварда буданд. Яке аз онҳо Пайрав Сулаймонӣ буд, ки бо ин сабаб дар адабиётшиносии даврони Шуравӣ гоҳе ҳамчун шоире, ки моҳияти инқилобро дарк накардааст, арзёбӣ мешуд. Аммо дар асл, ӯ дар мавзуи инқилоб шеърҳои зиёд дошта, сабку бадеияти онҳо фарқ мекард, мисли шеъри «Насими баҳорӣ».

Дар шумораи сеюми маҷалла, ки моҳи ноябри соли 1927 нашр гардид, шеърҳои Ҳамдӣ «Ба шарафи иди саиди Уктобир» ва П. Сулаймонӣ «Ба ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар» ҷой дода шуданд. Шеъри Ҳамдӣ аз 6 банди чормисраӣ иборат буда, баъди ҳар банд як байти нақарот илова шудааст ва онро ба суруд монанд кардааст. Ҳамдӣ дар бораи идҳо ва ҷашнҳо шеърҳои пурмазмун эҷод мекард. Аз

ҷумла, шеъри ӯ «Ба ҳаштуми март» ва шеъри «Баҳори ранҷбарон» мавқеи иҷтимоии заҳматкашонро бо тасвири табиат пайваста баён намудааст:

Дай охир шуд, баҳор омад,
Баҳор омад, баҳор омад,
Рафиқон вақти кор омад,
Баҳор омад, баҳор омад…

Мароми тоҷику ӯзбак,
Бувад дар кишвари мо як.
Расем андар талаб бешак,
Баҳор омад, баҳор омад [439, с.48].

Дар ин давра дар маҷалла намунаҳои ҳикоя ва тарҷумаҳои асарҳои насрӣ низ ба назар мерасанд, ки дар фасли дигар баррасӣ хоҳанд шуд. Шумораи 8–9 (август–сентябри соли 1928) ба яксолагии «Раҳбари дониш» бахшида шуда, фаъолияти солонаи маҷалла таҳлил гардида, бо хушнудӣ зикр мешавад, ки алоқа бо хонандагон таҳким ёфтааст. Дар табрики раиси Комиҷроияи Марказии Шуроҳои Тоҷикистон Нусратулло Махсум таъкид шудааст, ки маҷалла «ҳатто дар хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон дӯстону пайравон пайдо кардааст…».

Дар «Қисми адабӣ» манзумаи калони С. Ҷавҳаризода «Суруди булбули сурх» ба табъ расидааст, ки аз 56 банди чор мисраӣ иборат аст:

Дӯш бо сокинони гулзоре,
Булбуле, хунчакида минқоре,
Нағмапардози сад шикоят буд,
Анҷумансози ин ҳикоят буд:
Дар деҳе аз деҳоти кӯҳистон,
Дошт духтар, фақир бевазане.
Ном Тӯтӣ, ба лаб шакаршикане,
Шӯхчашме, зи дудаи деҳқон [467, с.42].

Дар тасвири табиат Ҷавҳаризода маҳорати баланд дошт. Манзума оғози Наврӯз, зебоии баҳор ва ҳолати иҷтимоии духтари чордаҳсоларо бозгӯ мекунад.

Дар шумораи дигар низ як шеъри ӯ бо номи «Ба шарафи иди Уктобир» нашр шудааст.

Шеъри Суҳайлӣ «Сайри чаман ва навои булбул», ки дар маҷалла нашр шудааст, ба даъвати кору ободонии деҳот мутобиқ аст:

«Рӯ ба деҳ кун!» – чӣ хуш шиор омад,
Шарҳи ин матн ёд бояд кард…
Қуввати дасти навҷавононро,
Лаҳза-лаҳза зиёд бояд кард [380, с.27].

Шеъри дигари Суҳайлӣ «Зоҳидо!» низ дар ҳамин шумора ба чоп расидааст. Дар идора қайд шудааст, ки порча баъд аз ислоҳ ва ихтисор нашр гардид, аммо аз шоир шакли нав ва мазмунҳои тоза талаб карда мешавад:

Зоҳидо, то кай кунӣ таъқиби ин кирдорро?
Ё асирӣ ин қадар печу хами дасторро?
Эй таносо, чанд созӣ мояи танпарварӣ,
Ҳосили ранҷи кафи меҳнаткаши нодорро? [379, с.22].

Дар шумораи аввали маҷалла якҷо бо расми хатмкунандагони Дорулмуаллимини тоҷикӣ шеъри Т. Зеҳнӣ «Суруди баҳорӣ» нашр гардидааст. Шеър 9 банд ва қофиябандии дарунӣ (абба, авва) дошта, ду бандаш чунин аст:

1. Андар ин навбаҳори фархунда,
Боғу саҳро биҳишти ҷонафзост.
Булбул аз шохсор нағмасарост,
Гулу садбарг дар шакарханда…

4. Ҳашт тан андалеби ирфонӣ,
Бурун омад зи боғи донишу ҳуш,
Кунад, аз он чӣ чида дар оғӯш,
Бар сари тоҷикон гулафшонӣ... [157, с.27].

Ҳарчанд шеър дар бадеият суст аст, ифтихори шоирро дар мавриди хатм намудани Дорулмуаллимини тоҷикӣ нишон медиҳад.

Дар гӯшаи «Адабиёт», ҳамчунин шеъри Ҳилмӣ «Ҳой душмани Шуро!» ҷой дода шудааст. Дар зернавишти он қайд шудааст, ки «аз забони меҳнаткашони Шарқ» аст ва ба душманони давлати Шуравӣ, ки ҷанги навро оғоз карданианд, муроҷиат мешавад, то беасос ҷангро ба миён наоранд. Агар ҷанги нав оғоз гардад, ба иттиҳоди коргару деҳқон зӯрашон нахоҳад расид:

Мо ба доми найранг баъд аз ин намеафтем,
Кори мо нахоҳад кард макру ҳилласозиҳо! [444, с.28].

Аз Лодин Нур ном шоир дар ин саҳифа қитъаи пандомӯзе бо номи «Эҳтиёҷ ва ҷиноят» ҷой дода шудааст. Дар он пирамарди фақир аз ночорӣ аз дӯконе нон медуздад ва шаҳна ӯро ба зиндон мебарад:

…Сар ба домону талх-талх гирист,
Ҷигараш хуну чашмҳо гирён.
Инчунин шахсро ҷазое диҳанд?
Дод! Аз зулми ҳукмфармоён! [444, с.28].

Ҳамчунин, аз ин шоир дар дохили қиссаи Садриддин Айнӣ «Аҳмади девбанд» [54, с.45-51], мувофиқ ба мавзуи он, ки зидди хурофот аст, се рубоӣ оварда шудааст, ки яке аз онҳо чунин аст:

Гуфтам ба фақеҳи шаҳраки кӯҳнапараст,
Аз дину Худо бигӯ, ки мақсуд чӣ аст?
Гуфто: мақсуд ғафлати халқи ҷаҳон,
В-аз ғафлати халқ рӯзиву суди ман аст [286, с.46].

Бори аввал шеъре ба таври озод, бо сатрҳои шикаста, дар шумораи аввалини соли 1929 ҷой дода шудааст, ки «Ду манзара» ном дошта, муаллифаш З. Зинвузӣ мебошад:

Он ҷо..!
Зиндон..!
Мадҳуш..!
Торик..!
Ҳама дар зиндон,
Коргару деҳқон.

Сармоя дар он ҷо хон,
Ҳам духтари деҳқон,
Бо он тани урён,
Бечораву ларзон.
Ин ҷо
Ҳуррият!
Тамаддун!
Озодӣ!
Илму дониш,
Боғу гулистон!
Ранҷбару деҳқон,
Шодону хандон [160, с.31].

Ҳамин ду ҳолат, ду манзара дар ду шакли ҳокимият муқобил гузошта шуда, ниҳоят шиор партофта шудааст:

Эй олами навзод,
Доимо… зинда… бод! [160, с.31]

Яке аз намунаҳои таъсиргузории тарафайни матбуот ва адабиётро дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» истифодаи матолиби шакли репортаж ҳисобидан мумкин аст. Навиштаи Ҳамдӣ «Як шингил аз боби истироҳат ва маданияти Маскав» [440, с.35-36] аз ҷумлаи онҳост. Дар он нақли яке аз дӯстони муаллиф, ки оид ба расми ифтитоҳи боғи маданият ва истироҳати шаҳри Москва ба ӯ навишта фиристодааст, пешниҳод шудааст. Ин боғ, ки моҳи августи соли 1928 ифтитоҳ гардидааст, хеле сарсабзу зебост. Дар он ҷо фурӯши машрубот роҳандозӣ нашудааст, «вале аз кайфи тамошои боғ димоғи ҳама чоқу болида буд» [440, с.35]. Сипас, қисматҳои алоҳидаи боғ, ошхонаи барҳаво, майдони варзишӣ, машқи об, намоишгоҳи Шурои шаҳри Москва, истироҳатгоҳҳо бо рӯзномаву маҷалла, шашкаву шоҳмот ва ғайра тасвир шудаанд. Дар гӯшае, толибилмони гурӯҳи байналмилалӣ суруду оҳангҳои инқилобии мамлакатҳои аврупоӣ ва шарқиро иҷро мекарданд. Дар чодар (павилон), мулоқоти ташкилоти ранҷбарони Москва бо вакилони Конгресси шашуми байналмилалии

коммунистӣ доир мегашт ва сухангӯйҳо тариқи карнайҳои боғ шунавонда мешуданд. Баъди шом дар боғ мушакпаронӣ сурат гирифт. Муаллиф иқрор мешавад, ки тайи 12 соат сеяки тамошогаҳро дида натавонист. Ӯ, ки дар вақташ боғҳои мамлакатҳои зиёди аврупоиро дидааст, зикр мекунад, ки фарқи ин боғ аз онҳо дар он аст, ки барои сарватмандон набуда, барои ҳама табақаҳо дастрас аст. Ӯ изҳори умед кардааст, ки чунин боғҳо «фардо дар оянда дар ҳама шаҳрҳои пролетариат барпо хоҳанд шуд».

Матлаби мазкурро метавон репортажи журналистӣ ё як очерки бадеӣ номид, зеро он аз тасвирҳои бадеӣ саршор аст. Намунаи дигари репортажи муфассал навиштаи О. Дол бо номи «Намоишгоҳи дуюми матбуоти ҷаҳон дар Боку (таассуроте, ки аз тамошои ин намоишгоҳ гирифтам)» [140, с.9-12] мебошад, ки дар шумораи 10–11-уми соли 1929 ба табъ расидааст. Дар он вазъи бошукӯҳи чорабинии мазкур ба таври муассир тасвир карда шудааст.

С. Улуғзода, ки он вақт ҷавон буд, ҳамкориро бо «Раҳбари дониш» аз соли 1928, замоне ки тирамоҳи он сол Дорулмуаллимини Тошкандро хатм кард, оғоз намуда, мақолаҳо фиристодааст. Дар ин бора аз як хабар – ҷавоби маъмулии гӯшаи «Қуттии почта» маълумот пайдо кардан мумкин аст. Ба муаллиф навиштаанд, ки: «чун мақолаи шумо салоҳияти ҳикоятӣ ва саргузаштӣ надошт ва фақат монанди як хабар буд, бинобар ин чоп нашуд». Танҳо дар соли 1929 аввалин мақолаҳое, ки ба забони русӣ таълиф шудаанд, дар тарҷумаи Улуғзода ба чоп расиданд.

Аз ҷумла, дар шумораи 2–3-и ҳамон сол ду мақолаи тарҷумакардаи С. Улуғзода, аз ҳисоботи Комиссариати маорифи Тоҷикистон нашр гардидааст. Дар яке аз онҳо далеле ҷой дода шудааст, ки барои зиёда аз 2 ҳазор нафар тоҷик як маҷмуъ мактаби навсохт рост меояд, ҳол он ки ин рақам барои мактабҳои қазоқиву туркманиву русии ҷумҳурӣ хеле кам аст. Дар байни тоҷикон нишондиҳандаи танҳо вилояти Бадахшон дар мавриди миқдори мактабҳо дар муқоиса бо шумораи аҳолӣ беҳтар аст. Дар ҳисобот таҳлилҳои қобили омӯзиш ба назар мерасанд, масалан, дар вилоятҳои Ӯротеппа ва Панҷакент агар ба ҳар

ним ҳазор аҳолӣ як мактаби маҷмуӣ рост ояд, ин рақам дар вилоятҳои Кӯлоб, Ғарм, Қӯрғонтеппа ба ҳар даҳ ҳазор нафар рост меомад.

Мақолаи муҳаррири маҷаллаи «Раҳбари дониш» ба муносибати Рӯзи матбуот – 5 майи соли 1929, таҳлили густурдаи нақши матбуоти тоҷикро дар ҷомеа фаро гирифтааст. Муҳаррир М. Мусавӣ вазифаҳои асосии матбуотро чунин муайян кардааст: «тарбияи муаллими қишлоқ», «инкишофи адабиёти пролетарӣ, саъй ва кӯшиш дар роҳи муайян кардани забони адабии оммафаҳм ва умуман боло бардоштани савияи мадании зиёиёни Шуравии тоҷик ба воситаи чоп кардани баъзе мақолаҳо ва хабарҳои илмӣ». Ӯ зикр менамояд: «дар давоми бист моҳи фаъолият барои ҳал кардани вазифаҳои мазкур то як дараҷа замина ҳозир карда тавонистем;… ба воситаи чоп кардани баъзе ҳикояҳои «хурд» роҳи нашъунамои адабиро барои ҷавонони тоҷик кушодем; роҳи ҳал кардани забони адабии тоҷикро то як дараҷа муайян намудем;… ва билохира, назари хонандагони мамлакатҳои берунӣ, монанди Эрон ва Афғонистонро ба тарафи зиндагии нави меҳнаткашони тоҷик ҷалб карда тавонистем».

Дар таърихи матбуоти тоҷик, нашрияҳои даврӣ ва асарҳои бадеӣ бори аввал дар оғози асри XX то солҳои 1930 миёни ҳамзабонони Шарқи хориҷӣ хонандагони зиёд пайдо карданд. Чопи осори адабӣ ва мактубҳои тоҷикони бурунмарзӣ дар матбуоти даврии он давра, аз ҷумла «Раҳбари дониш», аз робитаҳои наздики фарҳангии дутарафа шаҳодат медиҳад. Вобаста ба талаботи идеологияи ҳизбӣ, муҳаррир Мусавӣ зарурати ташаккули як ҷабҳаи устувори пролетарии адабӣ ва шикасти мафкураи буржуазӣ ва майдабуржуазиро таъкид мекунад: «Мо бояд дар майдони мафкура дар соҳаи адабӣ як фрунти маҳками пролетарӣ барпо карда, мафкурачиёни буржуозӣ ва майдабуржуозиро, ки дар миёни адибони мо таъсир ва нуфузи бузурге доранд, тамоман мағлуб созем. Мо бояд тамомии асарҳои ин мафкурачиёнро аз назари марксистӣ гузаронида, мавқеи иҷтимоии онҳоро дар ҷамъияти сотсиалистии худ муайян кунем. Мо бояд асарҳои навистандагони пролетарии дигар ҷумҳуриятҳои пешрафтаи сотсиалистиро барои навистандагони ҷавони тоҷик намунаҳо дода, истеъдод ва қобилияти адабии онҳоро инкишоф кунонем». Аммо дар ҷараёни татбиқи ин

сиёсати ҳизбӣ, баъзан ба ифротгарой роҳ дода шуд, ки ин сабаби ҷудоиандозӣ миёни адибон ва муборизаҳои шадиди сиёсӣ ва ақидатӣ гардид. Дар мақолаи мазкур, пас аз таҳлили вазъи адабиёт, масъалаҳои соҳаи маориф низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин нишон медиҳад, ки дар солҳои 1928–1929 маҷаллаи «Раҳбари дониш» бештар ба масъалаҳои адабӣ тамаркуз карда, барои ташаккули як нашрияи махсуси адабӣ ва таъсиси Иттифоқи нависандагон замина фароҳам овардааст.

Асарҳои бадеӣ дар соли 1929 гоҳе дар бахши «Қисми адабӣ» ва гоҳе дар гӯшаи «Адабиёт» ҷой дода шудаанд. Дар шумораи 2–3 (1929), шеъри «Айн. Айн» бо номи «Ба духтари озоднашудаи тоҷик» нашр гардида, занону духтаронро ба фаранҷипартоӣ даъват кардааст. Назираи муаллифе аз Ращти Эрон бо номи мустаори «Р. Ф.» ба шеъри Лоҳутӣ «Ба духтарони ӯзбак», ки дар шумораи 6 «Раҳбари дониш» чоп шудааст, низ аз ҳамин қабил ашъор аст, ки дар он духтарони Шуравӣ барои кумак ба ҳамтоёни эронии худ даъват мешаванд. Байти Лоҳутӣ чунин аст:

Эй моҳ зи духтарони Маздак,
Ин нукта бигӯ ба духти ӯзбак.

Дар назира чунин омадааст:
Зи он рӯз, ки духтарони Эрон,
Аз ҳиллаи шайху ҷаҳли мардон,
Дини араб аз миёни нисвон,
Дар ҷабҳаи инқилобу ирфон…
Бинмуд шуҷоату амал ҳак,
Бинмой ту бо занони Бобак…

Ҳамчунин, дар бахши «Адабиёт» шеъри «Ҳ. З.» аз Эрон ҷой дода шудааст, ки бо оҳанги қатъӣ ва инқилобӣ навишта шуда, танҳо роҳи наҷотро дар инқилоб медонад:

Чораи ин дардҳои беҳисоб,
Инқилоб аст, инқилоб аст, инқилоб!

Пешвоёни ҳизбӣ ва ҳукуматии Иттиҳоди Шуравӣ ва Тоҷикистон борҳо аз таъсири инқилоби сурх ба мардуми форсизабони Шарқ сухан ронда, умеди зиёд доштанд, ки инқилоби фарҳангӣ ва сиёсӣ ба воситаи забони тоҷикӣ интишор хоҳад ёфт. Ин шеър намунаи равшани он аст, ки чӣ гуна адабиёти нави тоҷикӣ, тавассути маҷаллаи «Раҳбари дониш», ба шеъри инқилобии шоирони эронӣ таъсир расондааст.

Дар маҷалла бори аввал бо сарлавҳаи «Адабиёти халқ» намунаҳои адабиёти шифоҳии халқ дар таҳияи Т. Зеҳнӣ пешниҳод гардидааст. Дар сарсухани он, ки метавонад аввалин намунаи таҳқиқоти фолклории тоҷикӣ ҳисобида шавад, мураттиб изҳор доштааст, ки «як қисм порчаҳои шеърии дар байни халқ машҳургашта шояд эҷоди шоирони машҳур бошад». Намунаҳои ҷамъоваришударо Зеҳнӣ аз китобҳои ашъори шоирон муқоиса намуда, бар асоси онҳо хусусиятҳои шаклию мазмунии ашъори мардумиро шарҳ додааст. Вай инчунин ба таъсири адабиёти халқ ба эҷодиёти хаттӣ ишора намуда, таъкид кардааст, ки «бази аз ин шеърҳо аз ҷиҳати вазн ва қофия ноқисанд, аммо хеле самимӣ ҳастанд, чунки ин байтҳо аз синаи софу ҷигари самимии тӯдаи халқ ҷӯшида ва хурӯшида чакидааст, бинобар ин аз такаллуф ва мушкилписандии мо озод мебошанд».

Зеҳнӣ бо мақсади нишон додани фарқияти гӯишҳои гуногуни тоҷикӣ намунаҳо аз манотиқи мухталиф овардааст: «Ин сурудҳои дубайтӣ ва як байт аз панҷакентиҳо шунида шуд, ки хеле самимӣ аст:

Айвони баланду пешакаш шерозӣ,
Дасташ шиканад дар ин кулочандозӣ!
Аз дастат гирам, барам ба пеши қозӣ,
Сад дарра хурам, барои ошиқбозӣ.

…

Додарам дар пешакам бошад, забондонаш кунам,
Мисли кабки навқафас, дар ҳар қафас ромаш кунам.

Аз забони хуҷандиҳо чунин намунаҳо пешниҳод шудаанд:

Исуни дарё панҷара,
Келину қайно ҷангара.
Исуни дарё хокпарто,
Келинчаки шохпарто» [152, с.38].

Ғайр аз ин, аз забони аҳолии Оҳалик, Самарқанд ва дигар манотиқ мисолҳо оварда шудаанд. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки «аз рӯи шунидам, дар кӯҳистони Тоҷикистон гӯяндагоне ҳастанд, ки ба мисли қазоқу ӯзбекҳо достонҳои калонро дар маъракаҳо месароянд». Ҳамчунин, ӯ бори аввал аз мавҷудияти ашъори мардумӣ оид ба шӯриши Восеъ хабар додааст. Зеҳнӣ намунаи чистон ва сурудҳои мардумиро низ аз минтақаҳои гуногун ҷамъоварӣ ва фарқиятҳои онҳоро нишон додааст. Ӯ дуруст ишора кардааст, ки «гоҳо аз миёни ин порчаҳо баъзе луғатҳо ёфт мешавад, ки барои кӯҳансол будани онҳо далел метавонанд шуд; чунончи: дар бозии панҷа адоти пурсиши «ку?» дида мешавад, ки дар Самарқанду Бухоро ва Хуҷанд ва дигар шаҳрҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон гуфта намешавад ва ба ҷои он «қанӣ, канӣ» кор фармуда мешавад».

Мақолаи мазкури Зеҳнӣ дорои аҳаммияти баланди илмӣ буда, яке аз нахустин таҳқиқоти илмӣ оид ба фолклори тоҷик маҳсуб мешавад. Мутаассифона, он аз ҷониби мутахассисони соҳа, бахусус фолклоршиносон, мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Танҳо муҳаққиқ С. Аъзамов дар рисолаи худ мазмуну мундариҷа ва аҳаммияти илмии мақолаи мазкурро муфассал баррасӣ намудааст: «Адабиёти халқӣ» (ё «Адабиёти халқ») ном мақолаи Т. Зеҳнӣ аз диди завқу салиқаи хоси сухансанҷӣ ва нақду назари тамомёри зебоишиносӣ арзиши баландтар дорад» [521, с.273]. Зеҳнӣ пешниҳод мекунад, ки «Дар охир аз Шурои илмии Тоҷикистон хоҳиш ва умед мекардем, ки дар бораи ғундоштан ва гирд овардани адабиёти халқ ташаббус ва ғайрат ба кор бурда, ононеро, ки дар ин бора ҳавас ва шавқ доранд, барои ин вазифа бигморад ва роҳбариҳо намуда истад» [152, с.40]. Баъди ин баромади аввалини Т. Зеҳнӣ, таҳқиқоти босамари эҷодиёти даҳанакии халқ дар Тоҷикистон оғоз гардид.

Илова бар ин, бояд қайд кард, ки дар шумораҳои 2–3, соли 1929, бори аввал маводи адабӣ бо алифбои лотинӣ нашр шудааст. Дар ин қисмат шеъри «Иди

занони пролетар»-и Ҳамдӣ нашр гардидааст, ки яке аз намунаҳои ашъори тарғиботӣ мебошад:

Дар ҷаҳонгирии таҷовузи ҷанг,
Ҳама зиддем якдилу якранг…
Ҳама тарки силоҳ мехоҳем,
Ҳама роҳи фалоҳ мехоҳем…

Аз адиби маъруфи аввали асри XX Абдулвоҳиди Мунзим дар ин шумора ду шеър ба табъ расидааст: «Дар бораи алифбои наву кӯҳна» ва «Нашавад, шуд». Ҳар ду шеър, ки мавзуи замонавӣ доранд ва алайҳи алифбои арабӣ ва хурофот нигаронида шудаанд, истеъдоди баланди шоирро нишон медиҳанд:

Шайхон ҳама гуфтанд: ба мо зар нашавад, шуд,
Дунёи наву тозаву дигар нашавад, шуд.
Гуфтанд, ки: духтар сӯи мактаб наравад, рафт,
Берун зани тоҷик зи чодар нашавад, шуд…
Гуфтанд, ки: бунёди ситамро наканад, канд,
Шуро ба ҳама хасм музаффар нашавад, шуд [258, с.24].

Боиси таассуф аст, ки Абдулвоҳиди Мунзим – шахси босавод ва мударрис, ки дар гузашта донишманди дин буд, ба тақозои замон ба навиштани ашъори зиддидинӣ рӯ овардааст:

Гуфтанд: Худо бошаду барҳам нахӯрад, хӯрд,
Расвои ҷаҳон ҳеҷ пайғамбар нашавад, шуд [258, с.24].

Дар нимаи дувуми соли 1929 дар фаъолияти маҷаллаи «Раҳбари дониш» тағйироти куллӣ ба миён омад, ки самти рушди онро дар даҳсолаи минбаъда ба таври комил дигар сохт. Дар эълоне, ки дар шумораҳои 5–6-и соли 1929 нашр шудааст, таъкид мегардад: «Аз аввалҳои ҳамин моҳи июн дар ҳайати идораи «Раҳбари дониш» баъзе тағйирот ба амал омад». Ҳамзамон, хабар дода мешавад, ки муҳтавои маҷалла низ бояд дигар карда мешуд, аммо бо мақсади ҷилавгирӣ аз таъхир, дар ин шумора қисме аз маводи қаблан омодашуда нашр карда мешавад. Ин тағйирот, дар баробари дигар шудани роҳбарияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти таъсири равандҳои сиёсие сурат гирифт,

ки таваҷҷуҳи давлатро аз масоили маънавӣ ба иқтисод ва «хоҷагии қишлоқ» равона мекард. Ҳайати таҳририяи маҷалла иваз гардида, фаъолияти қаблии нашрия зери шубҳа қарор гирифт ва «камбудиҳо» ошкор карда шуданд.

Дар сармақолаи шумораҳои 5–6-и соли 1929 зикр шудааст: «Наздик ба ду сол мешавад, ки журноли «Раҳбари дониш» дар корҳои маориф ва маданияти меҳнаткашони тоҷик як қисм вазифаи роҳбариро иҷро карда истодааст». Бори дигар ҳадафи маҷалла ҳамчун минбари таълиму тарбия ва адабиёт таъкид гардида, изҳор мешавад, ки нашрия «бо ин пешрафт на танҳо дар байни тоҷикони Осиёи Миёна, балки дар дигар мамлакатҳои тоҷикзабони беруна ҳам ном ва шуҳрат пайдо кард». Бо вуҷуди ин, дар идомаи матн чунин изҳори нигаронӣ мешавад: «Шумораҳои соли дувуми журнол тамоман мувофиқи умед ва орзу шуда набаромад, яъне ба тавре ки лозим буд, эҳтиёҷоти вақтии муаллимони сурх ва ҳаваскорони адабиёти нави тоҷикро таъмин карда натавонист». Инчунин, эътироф мегардад, ки маҷалла «на ақиб мондан надошт, вале пеш ҳам нарафт». Дар шарҳи ин ҳолат чунин таъкид шудааст: «Якрангӣ ва якоҳангии доимии шумораҳои соли дувуми «Раҳбари дониш» моро маҷбур мекунад бигӯем, ки ин журнол дар давоми соли дувум худро аз ҷиҳати сифат ва мундариҷа ҳамеша дар як ҷо истода, пеш намерафт».

Бо мақсади исботи зарурати тағйирот, «норасоиҳо» ҳамчун «якрангӣ», «якоҳангӣ», «75%–80% тарҷума», «бе танқиди адабӣ» ва дигар камбудиҳои зикршуда таъкид гардидаанд. Аммо ин даъвоҳо бо далелҳои кофӣ исбот нагардидаанд. Хусусан, изҳороти мавҷуд набудани танқиди адабӣ ва роҳнамоии нависандагони ҷавон бо воқеият мутобиқат намекунад. Баръакс, таҳлили мундариҷаи маҷалла нишон медиҳад, ки аксари маводи интиқодӣ ва адабӣ ба дараҷаи кофӣ дар нашрия ҷой дода шуда буданд.

Сармақола дар ростои ҳадафҳои идеологӣ таҳия гардида, таъкид шудааст, ки мардум бояд «журнолро паҳнкунандаи афкор ва мақсадҳои синфии худ бидонанд». Пас аз тағйироти ҳайати таҳририя, дар назди маҷалла вазифаҳои нави сиёсӣ гузошта шуданд: «Маҷаллаи «Раҳбари дониш» мундариҷоти худро ба асоси назарияҳои марксизм ва ленинизм мутобиқат дода, дар роҳи бардоштани

маълумоти сиёсӣ ва фаннии муаллимони сурх ва деҳқонони босаводи тоҷик кӯшиш мекунад». Ин маҷалла акнун вазифаи тарғиботӣ гирифта, на танҳо ба масъалаҳои маориф, балки ба равандҳои хоҷагидорӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир менамуд. Аз ҷумла, дар байни чордаҳ мавзуи пешниҳодшуда, масоиле, аз қабили «бо усули нав барпо кардани хоҷагии қишлоқ» низ зикр гардидааст.

Аз ин раванд бармеояд, ки маҷалла самти кори худро дар заминаи идеологияи коммунистӣ дигар намуда, барои ду даҳсола ба воситаи тарғиботи сиёсӣ ва ташаккули низоми хоҷагидорӣ мутобиқ карда шуд. Сабаби чунин тағйиротро метавон ба сиёсати роҳбарияти нави Вазорати маориф ва ҳукумати ҷумҳурӣ рабт дод. Эҳтимолан, бархе аз раҳбарони сиёсӣ аз он норозӣ буданд, ки «ҳайати эҷодии маҷалла дар баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ҳувияти миллии мардуми тоҷик талош мекард» [328, с.116].

Ин тағйирот дар заминаи сиёсати ҳизбӣ ва ҳукумати марказӣ сурат гирифт, ки дар он давра бисёре аз масъалаҳои иҷтимоиву маънавӣ, аз ҷумла алифбои нав, забони адабии тоҷик, таҳсил бо забони миллӣ ва масъалаи тақсимоти миллӣ, то андозае ҳалли худро ёфта буданд. Тавре ки Муҳаммад Мусавӣ дар мақолаи худ «Ба муносибати Рӯзи матбуот» таъкид кардааст: «Ҳамаи корҳои кардагии мо фақат ба манзалаи тайёрӣ буду бас». Ин маънои онро дошт, ки акнун марҳилаи амалигардонии сиёсати нав оғоз мегардид.

Маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар оғози фаъолияташ бештар ба масъалаҳои маънавӣ тамаркуз намуда буд, аммо дар нимаи дувуми соли 1929 самти фаъолияташ таҳти таъсири сиёсати ҳизбӣ тағйир ёфт. Дар натиҷа ба ҳайати эҷодии маҷалла, ки қаблан ба масъалаҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ таваҷҷуҳи бештар дошт, имконият дода нашуд, ки вазифаҳои нав, аз ҷумла инъикоси хоҷагии қишлоқро низ ба зимма гирад.

Баъд аз ин тағйирот бахшҳои адабӣ ва нақди адабӣ дар маҷалла мавқеи дуюмдараҷа пайдо карданд ва аксаран миёни матолиби марбут ба хоҷагии қишлоқ ҷой дода мешуданд. Масалан, дар шумораи 5–6, соли 1929, шеъри Пайрав Сулаймонӣ «Ба фалокатзадагони зилзилаи Эрон» дар миёни матолиби кишоварзӣ ҷой дода шудааст. Дар ҳоле ки дар шумораи 5–6 танҳо як мақолаи

кишоварзӣ чоп шудааст, дар шумораҳои минбаъда «Қисми хоҷагии қишлоқ» дар саҳифаҳои аввал, баъд аз бахшҳои умумӣ ва таълиму тарбия ҷойгир шуд, дар ҳоле ки бахши адабӣ ва дигар мавзуъҳо пас аз матолиби хоҷагидорӣ ё миёни онҳо ҷой дода мешуданд. Масалан, дар шумораи 7 як ҳикояи устод Садриддин Айнӣ, шеъри Абулқосим Лоҳутӣ ва дигар асарҳои адабӣ дар баробари мақолаҳои марбут ба пахтакорӣ, чорводорӣ ва парвариши дарахти тут ба табъ расидаанд.

Дар ин давра, дар маҷалла шеърҳои марбут ба хоҷагии қишлоқ низ ба назар мерасанд. Масалан, шеъри А. Пирмуҳаммадзода бо номи достони «Аз омоч ба троктир», ки ба мавсими пахтачинӣ бахшида шудааст, иборат аз 42 мисраъ буда, ҳаёти марди деҳқоне бо номи Мирвафоро тасвир мекунад:

Буд дар сарзамини дур аз шаҳр,
Мирвафо ном марди деҳқоне…
Ҳосили ранҷи хеш мехӯрданд,
Миннат аз дигарон намебурданд [293, с.23].

Шеъри мазкур давраи босмачигариро, осудагии деҳқонон ва узвияти Мирвафо ба хоҷагии коллективӣ, инчунин истифодаи техникаву тракторро ба ҷои омоч нақл мекунад.

Дар бахши лотинии маҷалла низ таҳти рубрикаи «Ба тариқи декломотсия» «Тиллои сафед» ном навиштаи Азизӣ ба нашр расидааст. Чунин матнҳо дар клубҳо иҷро мешуданд ва жанри бадеии махсусеро мемонданд, ки ба сурудҳои халқии лапар шабоҳат дошт:

Чист ин?
Пахта!
Испукулонт аз дур бинад:
Ҷигараш месӯзад лахта-лахта…

Ҳамчунин, суруди «Ба духтари деҳқон» аз Пирмуҳаммадзода ва «Нест бод бесаводӣ!» аз Ш. Ноилӣ бо алифбои лотинӣ нашр шудаанд, ки хусусияти тарғиботӣ доранд. Шеъри Ш. Ноилӣ ба омӯзиши ҳуруфоти лотинӣ бахшида шуда, аз ҳуруфоти оддии кӯча иборат мебошад.

Таҳлили муҳтаво нишон медиҳад, ки маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар ду соли аввали фаъолияташ (аз августи соли 1927 то охири соли 1929) тақрибан сеяки мундариҷаи худро ба адабиёт бахшидааст. Аз ин рӯ, он дар ин давра, баробари нашрияи соҳавии соҳаи маориф, нақши маҷаллаи адабиро низ ба таври муассир иҷро намудааст. Тибқи таҳқиқоти муҳаққиқ М. Шакурӣ, барои адабиёти нави тоҷик то давраи инқилоб «реализми маорифпарварӣ» хос буд, аммо баъди ташкили ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ реализми сотсиалистӣ асоси кори эҷодии адибон гардид. Вай таъкид мекунад: «Талаботи асосии реализми сотсиалистӣ ин буд, ки ҳаёт бояд аз назари ҳизбӣ ва синфӣ (табақотӣ) тасвир шавад, тасвири адабӣ ба сиёсати ҷории ҳизб ва дархостҳои идеологии рӯз мутобиқ бошад» [490, с. 410]. Ин раванд дар осори назмӣ ва насрии «Раҳбари дониш» баръало мушоҳида мешавад.

**Таҳлили хусусиятҳои осори бадеии нашршуда дар «Раҳбари дониш» ба чунин хулосаҳо меоварад:**

**1. Нақши матбуоти маориф дар рушди адабиёт.** Нашрияҳои соҳаи маорифи Тоҷикистон, махсусан «Дониш-биниш» ва «Раҳбари дониш», дар ташаккули фазои илмӣ ва адабӣ нақши калидӣ бозида, ба нашри осори бадеӣ мусоидат намуданд. Ин нашрияҳо на танҳо воситаи тарғиби таълим ва маориф буданд, балки ба рушди забони адабӣ ва шаклгирии жанрҳои нав дар адабиёти тоҷик мусоидат карданд. Бо таъсиси ин нашрияҳо, имконият барои муаррифии осори адибони ҷавон ва муҳокимаи асарҳои адабӣ ба вуҷуд омад. Ҳамзамон, матбуоти таълимӣ ба таҳкими равандҳои забонсозӣ ва меъёрсозии услуби адабии муосир мусоидат намуд.

**2. Шаклгирии жанрҳои адабӣ.** Дар саҳифаҳои «Раҳбари дониш» жанрҳои гуногуни адабӣ, аз ҷумла шеър, ҳикоя, очерк ва нақди адабӣ, бо номгузории мушаххас нашр гардиданд. Бори аввал дар таърихи матбуоти тоҷик, ин жанрҳо ҳамчун шаклҳои мустақили эҷодӣ арзёбӣ шуда, ба ташаккули жанрҳои муосири адабӣ замина гузошта шуд. Ин раванд ба таҳкими гуногунрангии услубӣ ва шаклҳои баён дар адабиёти тоҷик мусоидат намуда, роҳро барои рушди анвои нави наср ва шеър ҳамвор кард. Ҳамчунин, тавассути ин нашрияҳо муҳити

танқидии адабӣ низ ташаккул ёфт, ки барои инкишофи адабиёти нав мусоидат кард.

**3. Такмили забони адабии тоҷикӣ**. Осори бадеии нашршуда дар ин маҷалла равонии забони адабиро тақвият дода, унсурҳои забони гуфтугӯиро ворид намуд. Ин раванд боис гардид, ки забони адабӣ бо ниёзҳои ҷомеа мутобиқ гардида, оммафаҳм ва мутобиқи меъёрҳои муосири навиштор таҳаввул ёбад. Ба ин васила, асосҳои илми забоншиносии тоҷик таҳким ёфта, баҳсҳо оид ба меъёрҳои забони адабӣ ҷараён гирифтанд. Ҳамзамон, бо нашри қоидаҳои забонӣ ва омӯзиши услубҳои нав, замина барои танзими дастурҳои забоншиносӣ фароҳам омад.

**4. Тақвияти худшиносии миллӣ ва пайванди фарҳангӣ.** Дар осори адабии нашршуда худшиносии миллӣ ва пайванди фарҳангии тоҷикон бо кишварҳои ҳамзабони Шарқ, махсусан Эрон ва Афғонистон, таъкид гардид. Ин нашрия ба муаррифии забон ва адабиёти тоҷик дар доираи ҷаҳонии форсизабонон мусоидат намуда, нақши таърихии тоҷиконро дар фарҳанги Шарқ барҷаста сохт. Бо ин васила, муҳити илмӣ ва адабӣ барои таҳкими эҳсоси ҳувияти миллӣ ва худогоҳии таърихӣ густариш ёфт. Ҳамзамон, тавассути матбуот, забони тоҷикӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги Шарқии форсизабонон мавриди ҳифз ва таҳким қарор гирифт.

**5. Таъсири идеология ба осори бадеӣ.** Аз охири солҳои 1920, таҳти таъсири сиёсати ҳизбӣ ва идеологияи марксизм-ленинизм, нашри осори бадеӣ бештар ба таблиғи афкори сиёсӣ ва иҷтимоӣ тамаркуз кард. Жанрҳои адабӣ ба василаи таблиғот ва ташаккули афкори иҷтимоӣ табдил ёфта, меъёрҳои танқиди адабӣ низ ба арзёбиҳои сиёсӣ ва синфӣ мутобиқ карда шуданд. Ин раванд боиси маҳдуд шудани озодии эҷодӣ ва мутобиқсозии адабиёт ба идеологияи ҳизбӣ гардид. Бо вуҷуди ин, адабиёт ҳамчун василаи тарбияи иҷтимоӣ ва сиёсӣ мавқеи худро нигоҳ дошт ва ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ мусоидат намуд.

**6. Нақши таърихии «Раҳбари дониш» дар адабиёти тоҷик.** Бо вуҷуди тағйироти идеологӣ маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар солҳои аввали фаъолияташ ҳамчун майдони озоди андешаву эҷодиёт хизмат намуда, ба таҳкими адабиёти

нав, рушди забони адабӣ ва ташаккули ҳувияти миллӣ саҳми назаррас гузошт. Он ҳамчун пули гузариш аз шаклҳои суннатии адабӣ ба адабиёти навини реалистии сотсиалистӣ нақши муҳим бозид. Аз ин рӯ, таъсири он дар ташаккули матбуоти адабӣ ва густариши андешаҳои равшангарой дар Тоҷикистон назаррас арзёбӣ мегардад. Ҳамчунин, маҷалла ба ҷалби адибони нав, таҳкими муколамаи илмӣ ва рушди забони тоҷикӣ дар соҳаи таҳсилот ва адабиёт мусоидат намуд.

**Хулосаи умумӣ**

Бо назардошти ин хулосаҳо, метавон гуфт, ки «Раҳбари дониш» на танҳо як маҷаллаи илмӣ ва адабӣ буд, балки мактаби ташаккули равияҳои нав дар адабиёти тоҷик низ маҳсуб мешуд. Таъсири он дар рушди равандҳои жанрӣ, танқиди адабӣ ва ташаккули завқи адабӣ дар ҷомеаи тоҷик амиқ ва назаррас боқӣ мондааст.

## 4. 4. Тағйироти ҳикоя дар пайванди повести «Одина»-и Айнӣ

Намунаҳои жанри ҳикоя ва баъзе асарҳои насрии ҳикоямонанд дар «Раҳбари дониш» аз соли 1928 бештар ба назар мерасанд. Асарҳои насрии маҷалла дорои хусусияти воқеанигорӣ ва инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Ҳатто, асарҳои тарҷумавӣ, ки дар ин давра зиёд буданд, чунин хусусиятро доро мебошанд. Нависандаи бузурги рус Л. Н. Толстой барои хонандагони тоҷик ҳанӯз аз соли 1912, аз рӯзномаи «Бухорои шариф» маълум буд. Ин аст, ки дар шумораи 8-9, соли 1928 «Раҳбари дониш» ба муносибати садсолагии адиб мақолаи таҳқиқӣ ва тарҷумаи яке аз асарҳои ӯ бо номи «Як шудан зарур аст» («Единое на потребу»), ки ба навиштаи нашрия чопи он дар вақташ иҷозат дода нашуда будааст, пешниҳод гардидааст. Дар асл, он мақолаи публитсистиест, ки нависанда дар он тарзи давлатдории кишварҳоеро, ки ба зулм асос ёфтаанд ва онро «мошини давлатӣ» номгузорӣ кардааст, инчунин подшоҳони гузаштаву имрӯзаи Русияро ба зери тозиёнаи танқид кашидааст. Маҳз ба ин сабаб ба чопи он сензура иҷозат надода буд. Ба андешаи Толстой, чунин ҳодисаҳо дар тамоми давлатҳои аврупоӣ ва амрикоӣ мушоҳида мешаванд, ки ҳадафашон истилои кишварҳои дигар мебошад. Тамоми рӯзгори подшоҳони Фаранг бо беахлоқӣ, хуни ноҳақ, ҷазодиҳӣ, тороҷи мардум ва муҳорибаҳои бемаъно мегузарад: «Ҷазо медиҳанд, зӯрӣ мекунанд, оқибат яке аз онҳо мошинро ба даст меоварад ва беш аз дигарон ҷиноятҳо мекунад» [397, с.28]. Асари мазкури сиёсӣ аз тарафи «Р.М.» бо сабку услуби равон тарҷума гардидааст.

Ҳамчунин, дар маҷалла дар ду шумора тарҷумаи ҳикояи Р. Такур «Як шаби босаодат» ҷой дода шудааст [395, с.34-36; 30-32]. Минбаъд асари муаллифи номаълум, ки шакли ҳикояти лирикиро дорад, бо номи «Офтоб» дар тарҷумаи Собит Манофзода ба чоп расидааст. Қаҳрамони асар марди фақирест, ки дар таҳхона зиндагӣ мекунад. Ду фарзанди онҳо аз байн рафтааст ва духтари ягонаашон бемор буда, ҳамеша дар орзуи дидани офтоб ва эҳсоси гармии он мебошад. Ҳикоя воқеияти иҷтимоиро инъикос карда, эҳсоси раҳму шафқати хонандаро бедор менамояд [219, с.29].

Дар шумораи 2-3, соли 1929, зери рубрикаи «ҳикояи воқеӣ» «Тирматлаб» ном асари «А. Абдуллозода» дар тарҷумаи А. Одилзода нашр шудааст [3]. Қисса бо тасвири гули баҳорӣ дар рӯи гӯри духтари 19-солаи ноком оғоз мешавад. Воқеа дар яке аз деҳаҳои ноҳияи Китоб рух додааст. Ҳарчанд ҳукумати нав ба мардум озодӣ дода буд, занону духтарони он ҷо ҳанӯз ҳам имкони таҳсил надоштанд. Қаҳрамони асар, Муҳаррамой, духтари боҷасорат ва боақлу фаросат буд. Пас аз марги падараш, дар хона бо кампири Умусуни бесаводу ҷоҳил ва ду писараш монд, ки зиндагии ӯро сахт душвор гардонданд. Барои нигоҳ доштани мерос, кампир Муҳаррами 14-соларо ба наберааш Мумини 12-сола, ки аз дигар зан буд, ба никоҳ доданӣ шуд. Вақте ки Муҳаррам ба синни 18 расид, никоҳи онҳо расмӣ гардид. Дар ниҳоят, духтар ба ин шароит тоқат накарда, бо камон худро паронда, дар сари зонуи модараш ҷон дод. Ҳикоя масъалаи молпарастии одамон ва ноадолатиҳои иҷтимоиро мавриди танқид қарор медиҳад.

Дар ин давра, фаъолияти тарҷумонии Т. Зеҳнӣ густариш ёфт. Ӯ ду ҳикояи нависандаи турк Симурғро тарҷума намудааст. Ҳикояи аввал бо номи «Не!» ба масъалаи озодии занон ва мушкилоти таҳсилоти онҳо бахшида шудааст. Қисса аз забони духтараке нақл карда мешавад, ки бо розигии модараш ба мактаб меравад. Дугонаи наздики модараш, Зебо-хола, ба ин иқдом мухолиф буда, таъкид мекунад: «Имрӯз ба мактаби русӣ меравад, пагоҳ фаранҷияшро мепартояд» [361, с.49]. Ин зан духтарро келин карданӣ буд ва ҳамзамон, падари духтар аз писари Зебо-хола қарздор буд. Духтар бо андешаҳои ояндаи худ умедвор буд: «Ҳеҷ набошад, хонда муаллима мешудам. Озод ва осуда зисту зиндагӣ карда, кӯдакони маъсумро таълим медодам» [361, с.49]. Бо вуҷуди хатми мактаби ибтидоӣ, ӯро ба таҳсили минбаъда роҳ надоданд. Ҳангоми расмӣ гардидани никоҳ, дар зеҳни духтар муборизаи шадиде сурат мегирифт. Дар лаҳзаи ҳалкунанда, ӯ фаранҷиро аз сар партофта, бо қатъият мегӯяд: «Не, ҳаргиз розӣ нестам!..». Вокуниши падари ҷоҳили ӯ чунин буд: «Ин ба сари мо ҳукумат нашуд, бало шуд…» [361, с.49]. Ҳадафи ин ҳикоя тарғиби озодии занон ва ташвиқи таҳсили духтарон мебошад.

Ҳикояи дигари Симурғ «Аламноктарин дардҳо» низ дар тарҷумаи Зеҳнӣ нашр шудааст. Ин ҳикоя сарнавишти талхи Райҳон-хонумро, ки шавҳараш дар хизмати Муродбек ҳалок шудааст, тасвир мекунад. Райҳон-хонум барои кумак ба бой муроҷиат мекунад, ки дар натиҷа ӯро ба никоҳ даровarda, ҳамчун ғулом истифода мебарад. Воқеаҳо дар шароити тағйирёбии ҷомеа тасвир шуда, мушкилоти иҷтимоии занонро ба баррасӣ мегирад. Дар ниҳоят, Райҳон ба додгоҳи наве, ки ҳукумат таъсис додааст, муроҷиат мекунад. Зане бо духтарчааш, ки қурбонии таҷовузи Муродбек шудааст, низ дар ҳамин додгоҳ ҳузур дорад. Бори дигар, ноадолатӣ ва фишори иҷтимоӣ нишон дода мешавад. Райҳон тоб наоварда, бемор мешавад ва Муродбек ба додгоҳ кашида мешавад. Дар ҳикоя вожаҳои хоси замон, монанди «паймона пур шуд», «чӯт» (аз «счёт»-и русӣ ба маънои ҳисоб), ва «оби чашмаш монанди оби найсон мерехт» истифода шудаанд [360, с.51].

Таҳлили асарҳои мазкур нишон медиҳад, ки мундариҷаи онҳо асосан аз рӯйдодҳои воқеӣ гирифта шуда, масъалаҳои иҷтимоии муҳими даврро инъикос менамоянд. Ин ҳикояҳо равшан месозанд, ки дар ин давра, адабиёти тоҷик бо масъалаҳои иҷтимоӣ ва танқиди муносибатҳои ноадолатона сарукор гирифта, ба тарғиби озодӣ, таҳсил ва беҳтарсозии шароити зиндагии мардум таваҷҷуҳ зоҳир мекард.

Чӣ тавре ки мушоҳида шуд, хусусияти ин асарҳо воқеӣ будани онҳост, ки аз рӯи дидаву шунида ё матолиби пешниҳодкардаи мақомоти интизомӣ навишта шудаанд. Аз ин рӯ, дар зернавишти ҳикояи «Гадоӣ дар махавхона»-и Гайдовиски омадааст: «Ҳикоятест, ки баъзе воқеаҳои давраи босмачигарии Тоҷикистонро тасвир мекунад». Қисса бо он оғоз мешавад, ки муаллиф дар хонаи дӯсташ, командири аскарон Фёдоров менишаст, ки пирамарде ворид мешавад; ӯ махав буд. Бо дидани ӯ, командир гузаштаро ба хотир меорад: «Ба ман ҳамин хел як воқеае гузашта буд» [112, с.4]. Ӯ ҳодисаи халос шуданашро аз дасти босмачиён бо ёрии пирамарди махав нақл мекунад. Аз номҳо ва рақамҳое, ки дар ҳикоя оварда шудаанд, маълум мешавад, ки он рӯйдоди воқеист. Азбаски бисёр асарҳои тарҷумавии насрӣ хусусияти воқеӣ доранд, баъзе матолибе ба назар

мерасанд, ки ҳарчанд ба мақолаи публитсистӣ монанданд, дар қисмати адабӣ ҷой дода шудаанд. Чунин мақолаҳои публитсистии бадеимонанд рубрикаи махсус надоранд. Яке аз онҳо «Магар ин одам аст?» ном дошта, дар он муаллифи мақола ё ҳикоят Амин Докос дар бораи авҳоли зиндагии занони балуҷ нақл мекунад. Балуҷистон ва Синд дар ҳамсоягии Ҳиндустон буда, таҳти ҳукмронии англисҳо қарор доштанд. Забон ва тарзи тасвири асар таваҷҷуҳовар аст: «Оё ин ду мамлакати хеле бузург ба ҷинси зан дар оғӯшаш ҷой надодааст?!» [138, с.22]. Дар ин ду вилоят занҳо аз тамоми ҳуқуқ маҳруманд. Мардонашон онҳоро чун ҳайвони корӣ истифода мебаранд: «– Зан? Магар занон одаманд? – бо тааҷҷуб мепурсанд» [138, с.22]. Ба ин монанд, дар маҷалла тарҷумаи боз ду асари публитсистӣ ҷой дода шудааст, ки яке муборизаи мардумони аврупоиро барои ҳуқуқҳояшон ва дигаре – «Фоҷиаи морт»-и Алӣ Ҳусайнро, ки вазъи муташанниҷи шаҳри Боку дар баҳори соли 1918-ро ба тасвир мекашад, инъикос мекунад.

Ба ғайр аз асарҳои насрии ҳикоямонанди тарҷумашуда, дар маҷалла асарҳои насрии муаллифони маҳаллӣ низ зиёд ба табъ расидаанд. «Аз дафтарчаи хотироти як нафар коргари масъул» асари хонданбобест, ки услуби танзомези «Бухорои шариф»-ро ба ёд меорад. Дар он нафаре дар роҳ номаеро пайдо мекунад ва аз он дар бораи мушкилот ва норасоиҳои ҷомеа маълумот ба даст меорад. Ҳадаф ошкор кардани рафторҳои нодуруст дар кори масъулони соҳаҳои гуногун мебошад. Дар маҷалла, инчунин, намунаи аввалини репортажи бадеӣ дида мешавад, ки намунаи он гузориш аз намоишгоҳи дувуми матбуоти ҷаҳон, ки дар Боку баргузор гашт, мебошад.

Дар «Раҳбари дониш» аввалин асарҳои насрии Садриддин Айнӣ ба табъ расидаанд. Ҳикояи ҳаҷман калони Садриддин Айнӣ «Аҳмади девбанд» дар чанд шумора нашр шудааст. Дар шумораи №7, соли 1929, ҳикояи дигари Садриддин Айнӣ бо номи «Моҳрӯ» ба чоп расидааст, ки ба хонандагони имрӯза чандон маълум нест. Дар он услуби анъанавии Садриддин Айнӣ истифода шудааст: нахуст, тасвири яке аз деҳаҳои атрофи Душанбе, сипас, тасвири кӯчаҳои камодам ва боғу киштзорҳои хароб. Дар яке аз шабҳои зимистон ба он ҷо аскарони сурх

ворид мешаванд. Яке аз онҳо, ки фидоии тоҷик буд, бо иҷозати сардори даста роҳашро ба доманаи кӯҳ идома медиҳад ва дар баландиҳо садои таронахонӣ ба гӯшаш мерасад:

Раҳи ин кӯҳпоя месипарам,
Гоҳ бар теға, гоҳ дар камарам.
Ба ту эй сарвиноз, мунтазирам,
Шод кун, шод кун, биё ба сарам!.. [55, с.22].

Ин садои духтари шинос буд, ки бо аскарони сурх иртибот дошт. Моҳрӯ ба Пирмуҳаммад дар бораи вазъи деҳа ва мавқеи босмачиён хабар медиҳад. Ҳамчунин, хоҳони он мегардад, ки ҳарчи зуд мулло Маҳмудро ба ҳабс гиранд. Аммо Пирмуҳаммад, ки шахси оқилу дурандеш буд, дар ин масъала саросема намешавад. Сипас, Айнӣ дар бораи мулло Маҳмуд маълумот дода, нақл мекунад, ки ӯ дар 15-солагӣ ба Бухоро барои таҳсил меравад ва пас аз понздаҳ сол баргашта меояд. Дар ин муддат, ӯ ба худ муқаррар карда буд, ки дар оянда соҳиби дину шариат шуда, аз болои мардум нон ба даст оварад: «Ба худ муқаррар карда буд, ки дар оянда соҳиби дину шариат шуда, аз болои мардум нони муфт хӯрад» [55, с.23]. Аз чунин ҷумлаву ибораву таъбирҳо муносибати шахсии нависанда ба қаҳрамон аён мешавад, ки хоси адабиёти он давр буд. Ниҳоят, Пирмуҳаммад бо дасти мулло Маҳмуд кушта мешавад. Бо пешниҳоди Моҳрӯ ба хоҷагӣ номи Пирмуҳаммадро мегузоранд. Ҳамчунин, аз шарҳи дар зер овардаи муаллиф «Айн» (Айнӣ) маълум мегардад, ки фидоии тоҷик Пирмуҳаммад дар соли 1926 аз дасти Маҳмуд ном ёвари босмачиён кушта шудааст.

Садриддин Айнӣ тибқи шеваи кораш, баъзе калимоти камистифода ва ба назари худ номафҳумро дар қавс шарҳ додааст: «якка», «раҷҷа», «арча» (бурс), «хора» (санги сахт), «пай буридан» (нест кардан), «аз маърака рондан» («бойкут» кардан), «муҳарро» («туҳарро»). Ҳамчунин, зарбулмасалу мақолҳои халқиро баҷо ба кор бурдааст, монанди «Гӯсола аз мех мапаррад», «Хасро хор мабин, ки ба чашмат мехалад», «Гурбаи ноумедшуда ба шир чанг мезанад».

Таҳлили матолиби мазкур нишон медиҳад, ки адабиёти насрии давраи мазкур дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» асосан ба масъалаҳои иҷтимоии давр

марбут буда, таваҷҷуҳи адибон ба тасвири воқеаҳои рӯзгори мардум ва интиқоди сохтори иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Дар ин матнҳо, воқеияти иҷтимоӣ, мубориза барои адолат ва татбиқи андешаҳои нави иҷтимоӣ мавқеи муҳим доранд. Аз ин рӯ, асарҳои насрии нашршуда дар ин маҷалла на танҳо аҳаммияти адабӣ, балки арзиши таърихӣ низ доранд.

Яке аз хусусиятҳои асосии асарҳои насри бадеии маҷаллаи мазкур таъсирпазирии онҳо аз аввалин қиссаи намунаи нави тоҷикӣ – «Одина»-и Садриддин Айнӣ мебошад, ки маҳз дар ҳамин давра дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба нашр расида буд. «Одина» ба тамоми нависандагони кӯҳансолу ҷавони тоҷик таъсири амиқ ва муҳиме расонид. Баррасии ҳикояҳое, ки дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» нашр шудаанд, низ далели возеҳи ин нуктаро тасдиқ менамояд. Қисса аз шумораи №11, 23 ноябри соли 1924-и рӯзномаи «Овози тоҷик» аксар вақт дар қисмати поёнии саҳифаҳои 2 ва 3 бо номи «Саргузашти як тоҷики камбағал (аз хотираҳои истибдод)» чоп мешуд [49]. Садриддин Айнӣ ба қавли худ асарро дар солҳои 1923-1924 иншо намудааст. Дар мактубаш ба А. Деҳотӣ зикр менамояд: «Ман «Одина»-ро дар контури «Бухгосторг» навиштаам, ки дар он мудир будам». Сабабҳо ва заминаҳои пайдоиши «Одина»-ро муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ амиқан таҳқиқ намудаанд. Ба андешаи мо, сабаби ба ин мавзуъ рӯ овардани адиб то андозае ба мақолаҳои публитсистии ӯ марбут аст, ки соли 1924 бо ҳадафи исботи мавҷудияти миллати тоҷик навишта мешуданд. Навиштани асари бадеии калонҳаҷм низ қадаме дар ин самт маҳсуб мегардид. Маҳз дар ҳамон солҳо бори нахуст мафҳуми «тоҷик» ҳамчун як истилоҳи сиёсию фарҳангӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Дар рӯзномаи «Овози тоҷик» танҳо 11 боби асар ба чоп расида, бо фасли «Моҳи феврал» ба охир расидааст. Ба қавли худи устод, «бақияаш ба сабабе мавқуф монда буд». Вале бархе муҳаққиқон инро бо назари нодурусти муҳаррири «Овози тоҷик» А. Қурбӣ ба асар марбут медонанд. Гӯё вай ба моҳияти қисса сарфаҳм нарафта, ба Айнӣ гуфтааст: «Ин саргузашт бисёр кашол ёфт, инро тезтар кӯтоҳ кунед». Дар натиҷа Садриддин Айнӣ чопи асарро дар рӯзнома қатъ намуда, баъди таҳрир ва такмил пас аз чанд сол онро дар шакли китоб нашр кард.

Қисса дар ҳамон солҳо ба забони русӣ низ тарҷума гардид. Аз нигоҳи сохторӣ, асар бештар ба повести русӣ шабоҳат дорад.

Ба таъкиди муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, «Одина» асари реалистӣ мебошад. Чунончи, муҳаққиқи маъруф М. Шакурӣ чунин изҳор доштааст: «Қиссаи «Одина» баробари «Дохунда» ва «Ғуломон» дар адабиёти тоҷикӣ нахустин асарҳоянд, ки усули реалистии тасвирро устувор карданд» [492, с.75].

Таъсири асарҳои Садриддин Айнӣ ба нависандагони ҷавонро Камол Айнӣ дар китоби «Мактаби адабии устод Садриддин Айнӣ» (2010) мавриди баррасӣ қарор додааст [27]. Муаллиф аз таҳқиқоте бо номи «Қайдҳои С.Айнӣ бар «Шодӣ»-и Ҷалол Икромӣ» ёдовар шудааст. Дар он таҳрирҳои анҷомдодаи Садриддин Айнӣ бар болои романи «Шодӣ» муфассал мавриди назар қарор гирифтааст. Ба тахмини К. Айнӣ, муаллифи асари мазкур шояд Азиз Ӯрунов бошад. Маҳз дар ҳамин таҳқиқот далелҳои наве дар бораи таъсири повести «Одина» ба осори адибони ҳамон давра ба назар мерасанд. Ба қавли муаллиф: «Пеш аз ҳама, содагӣ ва оммафаҳмӣ, равонӣ ва зебоии забони «Одина», услуби тасвири воқеаҳо, устухонбандии асар диққати навқаламонро ба худ ҷалб намудааст» [27].

Дар қатори нависандагони ҷавоне, ки аз повести мазкур баҳра бардоштаанд, номҳои Ҷ. Икромӣ, А. Деҳотӣ ва П. Сулаймонӣ зикр шудаанд. Онҳо «чӣ аз ҷиҳати мавзуъ ва чӣ аз ҷиҳати шакли бадеӣ ба он пайравӣ намуда, дар асоси мушоҳидаҳои ҳаётӣ ва таҷрибаи шахсии худ аввалин ҳикояҳои худро офариданд» [27, с.91-92]. Дар ҳақиқат, маҳз баъд аз мутолиаи «Одина» нависандагони зикршуда қалам ба даст гирифта, ба ҷодаи эҷодиёт ворид гардиданд. Бо таваҷҷуҳ ба таҳлилҳои мазкур, метавон хулоса кард, ки «Одина» на танҳо заминаҳои тозаи услубиву бадеиро барои адибони навқалам муҳайё намуд, балки дар ташаккули ояндаи адабиёти тоҷик нақши муҳим гузошт.

Устод Садриддин Айнӣ худ низ аз таъсирбахшии асари аввалинаш – романи «Одина» ба нависандагони ҷавон изҳори қаноатмандӣ намуда, онҳоро ҳамаҷониба ҳавасманд менамуд ва дастгирӣ мекард. Дастгирӣ ва тарбияти ҷавонони боистеъдод на танҳо масъалаи муҳими фарҳангӣ, балки сиёсӣ ва

давлатӣ маҳсуб меёфт. Дар замони муосир низ давлати Тоҷикистон ба пуштибонии иттиҳодияҳои эҷодӣ аҳаммияти махсус медиҳад. Назарияи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ ин масъаларо таъкид менамояд: «Истеъдодҳо боигарии миллатанд. Кашф ва ба арсаи илму маориф ва фарҳанг равона кардани ҷавонони соҳибистеъдод ва ҳунарманд, тарбияву дастгирии онҳо як рукни муҳими фаъолияти Вазоратҳои маориф, фарҳанг ва иттиҳодияҳои эҷодӣ мебошад» [311, с.3].

Дар давраҳои ҳассоси таърихӣ Садриддин Айнӣ аҳаммияти тарбияи ҷавононро ба таври амиқ дарк намуда, барои рушди маҳорати эҷодии онҳо саҳм мегузошт. Ба ҳамин далел, роман «Одина» барои нависандагони тоҷик ба мактаби насрнигорӣ табдил ёфт [67, с.247]. Бисёрии адибони бузурги тоҷик ва ҳатто нависандагони баъзе миллатҳои Шарқ маҳз баъди мутолиаи «Одина» ба нависандагӣ рӯ оварданд. Инчунин, «мавзуи «Одина» дар шароити кунунӣ низ муҳим ва ҷолиб боқӣ мондааст» [67, с.247].

Дар таҳқиқоти мавриди назар асосан ба таъсири «Одина» ба ҳикояҳое, ки дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» нашр шудаанд, диққат дода мешавад. Дар ин раванд, шабоҳатҳои забонӣ, услуби баён ва образофаринии ин асарҳо мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Аз ҷумла, нахустин ҳикояи Ҷалол Икромӣ – «Хаёл. Шабе дар Регистони Бухоро», ки дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ба нашр расидааст, таҳти роҳбарии бевоситаи Садриддин Айнӣ ва зери таъсири «Одина»-и ӯ эҷод шудааст. Ин нахустин асар дар жанри ҳикоя дар насри тоҷик аст ва худи Икромӣ низ дар хотираҳояш онро ҳамчун ҳикоя ном бурдааст. Дар матни маҷалла унвони асар бетағйир нигоҳ дошта шудааст. Худи Икромӣ ёдовар шудааст, ки он қариб бе тағйир, бо ҳамон сарлавҳа – «Хаёл. Шабе дар Регистони Бухоро» дар шумораи №2, соли 1927-и «Раҳбари дониш» чоп шудааст ва аввалин асари насри бадеии ӯ мебошад.

Дар робита ба таърихи эҷоди ин ҳикоя ва нақши Садриддин Айнӣ дар нашри он, Икромӣ зикр менамояд, ки тобистони соли 1927 Садриддин Айнӣ

зимни сафараш ба Бухоро ӯро аз навиштани шеър боздошта, ба наср раҳнамоӣ намуд: «Ман қабул кардаму ба хона рафта, дар муддати се-чор рӯз як ҳикоя навиштам, ки номашро «Хаёл» мондам ва зери сарлавҳа, дар дохили қавс навиштам: «Шабе дар Регистони Бухоро» [175, с.128].

Икромии ҷавон пас аз навиштани ҳикоя, ки таҳти таъсири осори насрии Садриддин Айнӣ ба вуҷуд омада буд, онро ба устод пешниҳод намуд. Айнӣ бо қаноатмандӣ ҳикояро мутолиа карда, баъзе таҳрирҳо ворид намуда, бо мақсади тарбияи адабии ҷавонон онро ба масъули маҷалла – Собит Манофзода ирсол кард, то дар «Раҳбари дониш» нашр гардад. Маҳз ҳамин амал Икромиро ба навиштани ҳикояҳои минбаъда ҳидоят намуд.

Худи ӯ иқрор шудааст: «Ман ба муваффақиятҳои бештар ноил гардидам, аммо ҳеҷ кадомашон мисли он хурсандии аввалин чоп шудани асарам набуд» [175, с.130].

Мазмуни ҳикоя аз он иборат аст, ки дар майдони Регистони Бухоро, ки бо чароғҳои барқӣ рӯшан шудааст, пирамарде ба ин зебоиҳо менигарад ва мусибати гузаштаи худро ба ёд меорад. Солҳо пеш писари ӯро барои мутолиаи рӯзнома ҷаллодони амир дар ҳамин ҷо ба дор овехта буданд. Ӯ ба хулосае мерасад, ки «арки подшоҳӣ… хишташ аз устухони мазлумон ва обу гилаш аз хуни ситамдидагон аст». Ҳикоя бо саҳнае анҷом меёбад, ки пирамард аз сурудхонии аскарон, нури моҳтоб ва насими саҳар рӯҳбаланд мегардад ва ба ояндаи босаодат умед мебандад.

Дар ҳикоя майли бештар ба ифодаи андешаҳои ботинии инсон мушоҳида мешавад, ки ҳатто аз унвони он низ бармеояд. Инчунин, кӯшишҳои аввали тасвири ботини инсон ва ба коргирии тасвирҳои бадеӣ низ мушоҳида мешаванд: «Чашмони пажмурдаам ба ашкрезӣ идома карда, хоки ин майдон, ки аз хуни бегуноҳон мамлу буд, лой гардид». Калимаи «хаёл» борҳо истифода шудааст: «Баъд аз каме соат овози пойи бобо аз шаҳри хаёлҳо дур гардид… На овози пойи бобо ва на хаёлҳо!» [170, с.23]. Шояд маҳз ҳамин хусусиятҳо устод Айниро водор намудаанд, ки ба нависандаи ҷавон кумак намояд.

Таъсири «Одина» ба ҳикояи мазкури Ҷалол Икромӣ дар тасвири табиат (ҳарчанд дар ин ҷода баъзе нуқсонҳои услубӣ ва мантиқӣ вуҷуд доранд), интихоби образҳо (тасвири мардумони мазлум аз дасти ҳукуматдорону сарватмандон) мушоҳида мешавад. Дар забон ва истифодаи вожаҳо низ шабоҳатҳои муайян дида мешаванд.

А. Сайфуллоев бар ин назар аст, ки дар охири солҳои бистум таъсири Садриддин Айнӣ ба адибони ҷавон маҳдуд буд. Аммо чунин хулосаи қатъӣ дуруст ба назар намерасад, зеро он замон нависандагони хурду бузург на танҳо аз осори насрии Садриддин Айнӣ меомӯхтанд, балки дар атрофи ӯ ҷамъ омада, маслиҳатҳои ӯро истифода мебурданд ва асарҳои худро пеш аз чоп ба ӯ пешниҳод мекарданд.

Дар охири солҳои бистум миёни калонсолон нависандагони насрӣ кам буданд. Ҳатто адибони калонсол, ба монанди Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, низ аз маслиҳатҳои Садриддин Айнӣ баҳра бурдаанд. Бо роҳнамоӣ ва кумаки бевоситаи Садриддин Айнӣ фаъолияти ҳикоянависии Ҷалол Икромӣ рушд намуда, аксари осори ӯ дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ба нашр мерасид. Ҳикояи дувуми ӯ «Ширин» ном дошта, муҳтавои он, ҷиҳатҳои мусбат ва нуқсонҳои он дар фасли оянда, бахусус дар таҳлили тақризи С. Манофзода, муфассалан баррасӣ хоҳад шуд.

Дар робита ба таърихи эҷоди ин ҳикоя, нависанда худ маълумоти зиёде дода, гоҳе ба эҳсосот дода шуда, рақамҳои зикршударо такроран дигар намудааст. Аммо масъалаи муҳим он аст, ки дар давраи таҳсили худ дар Институти педагогии Самарқанд ӯ чунин зикр намудааст: «Як ҳикояе навиштам, ки номаш «Ширин» буд… Ҳикояро ба назди Садриддин Айнӣ бурдам» [175, с.131].

Сабаби мурочиати Икромӣ ба Садриддин Айнӣ дар он буд, ки ӯ гумон мекард, устод, мисли пешина, ҳикояро бе ҳеҷ мушкилие ба нашр мерасонад. Аммо ин бор вазъият дигар буд. Агар дар мавриди пешина Садриддин Айнӣ, бо мақсади дастгирии ҷавонон ва пешгирӣ аз дилшикастагии онҳо, ҳикояи нисбатан

содаро бо ислоҳоти ҷузъӣ ба чоп супорида бошад, ин навбат ӯ сахтгирона муносибат намуд.

Икромӣ дар ин бора чунин менависад: «Ҳамин тавр, қариб панҷ бор ҳикояро гаштаю баргашта кор кардам ва дар дафъаи шашум ё ҳафтум онро пазируфта, барои нашр ба маҷалла ирсол карданд» [175, с.133]. Дар натиҷа ҳикояи «Ширин» бо душворӣ ба нашр расид [171, с.29-33].

Таҳлили ҳикоя нишон медиҳад, ки монандии он ба «Одина» асосан дар тасвири манзараҳои табиат ва ҳусни зоҳирии қаҳрамон – Ширин мушоҳида мешавад. Бо вуҷуди ин, нависанда кӯшиш намудааст, ки дар сохтори сюжет ва мавзуъ навоварӣ ворид намояд. Мавзуи ҳикоя ба воқеаҳои охири солҳои бистум мувофиқат дошта, низои асосии он бо тарзи тоза ҳалли худро пайдо намудааст.

Ҳикояи навбатии Ҷалолиддин Икромӣ – «Раҳматулло-эшон» дар шумораи аввали соли 1929 ба табъ расид. Қисса сарнавишти марди қиморбоз ва бангиро ба тасвир мекашад, ки пас аз шикаст хӯрдан дар қимор, ба шогирдии эшони Раҳматулло даромадааст. Эшони мазкур ба духтари ягонаи муридаш талабгор мешавад. Дар ҳамин ҳолат, эшон бемор гардида, аз дунё мегузарад ва духтар аз доми ӯ наҷот меёбад. Яъне, нависанда роҳи нисбатан осони ҳалли муноқишаро интихоб кардааст. Бо вуҷуди ин, маҳорати нависандагии Ҷ. Икромӣ рӯ ба рушд ниҳода, дар асарҳои ӯ унсурҳои тасвирии устокорона мушоҳида мешаванд: «Гӯё уфуқ ба синаи худ лола халонда буд»; «Ба ҷои оғӯши нарми Зебо, ба эшон хоки сиёҳ насиб шуд. Ба мулло Орзуқул бошад, ҳасрату орзуи «кӯшки ҷаннат» монд» [169, с.38].

Икромӣ аз пешрафти худ дар ҳикоянависӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, чунин зикр кардааст: «Баъд аз «Ширин», ҳикояи «Оё чӣ бояд кард?»-ро навиштам, вале инро Айнӣ надиданд ва ман ҳам гӯё «усто» шуда будам, ки дигар ҳикояамро мустақиман ба идораи маҷалла мефиристодам» [175, с.133].

Ҳикояи «Оё чӣ бояд кард?», ки унвони он асари маъруфи як нависандаи русро ба хотир меорад, бо сафари духтари деҳотӣ ба шаҳр барои таҳсил оғоз меёбад. Насиҳатҳои муаллим қабл аз сафар аҳаммияти хоса доранд, зеро ӯ шароити зиндагӣ дар шаҳр ва зарурати талош барои касб кардани мавқеи

устуворро ба шогирдонаш таъкид менамояд. Дар қисми дуюми ҳикоя, қаҳрамони он – Маҳтоб, ки дар техникуми шаҳри Тошканд таҳсил мекунад, баъди чанд моҳ ба ҳайси хонандаи фаъол ва ташкилотчӣ шинохта мешавад ва дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ ширкат меварзад. Дар муассисаҳои таълимӣ ҳар ҳафта чорабиниҳои фарҳангӣ баргузор мегарданд, ки хонандагони таълимгоҳҳо дар онҳо иштирок мекунанд. Ба ҳамин тарз, баъди чанде Маҳтоб бо ҷавоне шинос мешавад ва тадриҷан таваҷҷуҳи худро ба дарсҳо коҳиш медиҳад. Ба андешаи муаллиф, «суханони пурарзиши муаллим тамоман аз хотири ӯ фаромӯш шуданд. Ҳоло дигар ҳаёти табиии қишлоқ дар назари ӯ ҷилвагар нест» [168, с.20].

Дар ҳикоя баъзе ифодаҳои содалавҳона низ ба назар мерасанд, ки хоси сабки нависандагони шуруъкунанда дар он давра мебошанд, аз қабили: «баъзе симоҳо хандакунон», «писари хушафт», «худро оиладор кардан мехостааст».

Бо вуҷуди ин, дар ҳикояи мазкур барои аввалин бор кӯшиши Икромӣ дар истифодаи тасвирҳои бадеӣ ва рӯҷӯъҳои лирикӣ мушоҳида мешавад: «Куҷост шоири ғамзадаи маҷнун, куҷост шабтинатон (?), адибони шаб, ки чунин шабҳоро мадҳ кунанд, маҳбубаи худро дар таҳти рӯшноиҳои маҳтоб тамошо кунанд?! Гӯянд, ки: «Ҳама дар хоби мастӣ, ҳамаи коинот ба сукут мустағриқ аст… Фақат се чиз бедор: дили ман, чашми ман, шамъи ман!..» [168, с.21]. Аммо муаллиф гӯё якбора аз олами хаёл ба воқеият баргашта, мефаҳмад, ки чунин тафаккур ба рӯҳияи замон созгор нест ва ба таври интиқодӣ менависад: «Шаб фақат барои ишрат ва ҳавасрониҳои шумо офарида нашудааст!», «Нури чароғи электрӣ самараи меҳнати инсонӣ аст», «Ин нур аз чашмони малакҳо нест, ин рӯшноиҳо аз шуълаи «рӯйи бутон» тобиш накардааст» [168, с.22]. Бо ин ишора, нависанда талош мекунад, ки ҷаҳонбинии худро ҳамчун як адиби Шуравӣ таъйид намояд ва ғояи асосии худро – манфиати синфи коргар ва деҳқон, на ишқи хаёлиро, баён созад: «Шумо фикр кунед, комсомолҳо ба ман чӣ мегӯянд?!».

Баъди чанде, дар рӯзномаи деворӣи таълимгоҳ хабар ва ҳаҷвияе дар бораи Маҳтоб чоп мешавад ва ӯро аз вазифаи котиби ячейкаи комсомолӣ озод намуда, мавриди танбеҳ қарор медиҳанд. Ҷавоне, ки бо ӯ муносибат дошт, низ ӯро тарк мекунад. Дар охир, духтар дар ҳоли ноумедӣ ба худ савол медиҳад: «Оё чӣ бояд

кард?!» [168, с.22]. Ин саволро, гӯё нависанда ба худ ва хонанда низ пешниҳод мекунад.

Ҳикояи мазкур аз он ҷиҳат аҳаммият дорад, ки нависанда акнун аз нақлҳои кӯтоҳу сода ба сюжетҳои мураккаб мегузарад. Дар он барои аввалин бор қаҳрамони мусбат ба роҳи хато меравад, ки ин равиш ба анъанаи ҳикоянависии давр созгор набуд. То он замон, дар аксари осори бадеӣ, ҳатто дар романи «Одина»-и Садриддин Айнӣ, қаҳрамонҳои мусбат ҳеҷ гоҳ ба хатогиҳои ҷиддӣ роҳ намедоданд. Ҳамин тавр, ҳикояи «Оё чӣ бояд кард?» намунаи муҳимест, ки равиши нави ҳикоянависиро дар адабиёти тоҷик нишон дода, тамоюли мураккабсозии қаҳрамонон ва ихтилофи ботинии онҳоро ба намоиш мегузорад.

Дар эпиграфи ҳикояи «Як ҳавзаи пурхун»-и Ҷалол Икромӣ омадааст: «Дар болои ҷасади Ҳамидаой пахтаҳо рӯидааст» (хабаре аз газетаи «Озод Бухоро», соли 1929). Ин асар дар бораи фаъолияти яке аз духтарони муборизи давр нақл мекунад, ки ҳатто санаи воқеа дар он сабт шудааст.

Ҳикоя аз санъати такрор ва кӯшиши истифодаи саҷъ баҳра мебарад. Вақте ки амаки Ҳамида ба сари ӯ бо корд ҳамла мекунад, нависанда ба худ муроҷиат менамояд: «Барои чӣ ин золим боз ҳайати ҷаллодиро гирифтааст?! Ҷаллод!.. Хунхор! Оё ба хуни кӣ ташна шудааст?!» [172, с.27].

Ҳамида, ки таҳти таъсири намоишномаи дидааш дар клуб қарор дошт, нотарсона корди амакашро тоб дода, онро кашида гирифта, ба Шурои ҷамоат муроҷиат мекунад. Дар натиҷа амакаш ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Пас аз ин, Ҳамида комилан ба корҳои ҷамъиятӣ машғул мегардад ва дар хона вақти кам мегузаронад. Зеро шавҳараш Султон, ки дар замони инқилоб ҷонибдори босмачиён буд, «фурсати муносиб»-ро интизор буд, то аз Ҳамида қасд гирад.

Шоми яке аз рӯзҳо миёни зану шавҳар мунокиша ба миён меояд. Ҳамида, ки бо заҳмату меҳнат неруманд гашта буд, худро аз дасти шавҳар раҳо мекунад. Аммо ҳангоми баромадан аз хона, шарики шавҳараш дар назди дари манзил ӯро интизор буд... «1929 – 14 апрел, имрӯз 14 рӯз аст, ки Ҳамида дар қишлоқ вуҷуд надорад» [172, с.22].

Кормандони ҳокимияти маҳаллӣ ва аҳли мактаб ба нопадид шудани Ҳамида шубҳа пайдо мекунанд. Дар тасвири чунин лаҳзаҳо, нависанда аз усули гуфтугӯ бо худ, тахмин ва суолҳо истифода мебарад. Ниҳоят, ҷасади хунолуди Ҳамида дар замини пахтаи паси ҳавлиаш ёфт мешавад. Ҳикояи мазкур, мисли дигар матолиби маҷаллаи «Раҳбари дониш», асоси воқеӣ дорад. Вале он нишон медиҳад, ки нависандагон аз тасвирҳои одӣ ва сюжетҳои осон ба сохторҳои мураккаб мегузаранд. Истифодаи публитсистика дар ҳикоя камтар ба назар мерасад ва аз ин рӯ, он аз «Одина»-и Садриддин Айнӣ фарқ мекунад ва қадаме ба пеш маҳсуб мешавад. Бо вуҷуди ин, ба гуфтаи М. Шакурӣ, «назари синфию табақотӣ имкониятҳои ӯро маҳдуд мекард: бештар ба рӯҳияи иҷтимоии инсон диққат медод, ангезаҳои фикриву эҳсосии инсонро танҳо аз иҷтимоиёт, танҳо аз манфиатҳои табақотӣ ҷустуҷӯ менамуд, мисли ҳама пайравони реализми сотсиалистӣ ва аксари нависандагони Шуравӣ ихтилофоти зиндагиро асосан ихтилофоти синфӣ меҳисобид» [490, с.292].

Тавре ки аз осори баъдии Ҷалол Икромӣ бармеояд, ӯ, ҳамзамон бо пайравӣ аз Садриддин Айнӣ, талош мекард, ки дар эҷоди худ навоварӣ ворид созад ва дар ин ҷода муваффақ низ гардид. Худи Ҷалол Икромӣ дар ёддоштҳояш иқрор мешавад, ки маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар ташаккули ӯ ҳамчун нависанда нақши аввалиндараҷа бозид. Ба гуфтаи М. Шакурӣ, «муҳимтарин хизмати Икромӣ дар насри тоҷикии садаи бистум ин аст, ки… аз нахустин қадамҳои нависандагӣ ба ҷаҳони ботинии инсон, ба фикру эҳсоси вай, ба маънавиёт таваҷҷуҳ намуд, ҷойгоҳи инсонро дар адабиёт устувор сохт ва кӯшид, ки адабиёт ба ҳунари инсоншиносӣ табдил ёбад» [490, с.375].

Аввалин қиссаи тоҷикӣ дар давраи навин – «Одина» на танҳо дар рушди сюжетофаринӣ, балки дар устувор гардидани вежагиҳои забони адабии тоҷик нақши муҳим бозид. Ба қавли Н. Маъсумӣ, «Одина» барои нависандагони тоҷик дар роҳи омӯзиши забони ҳозираи адабии тоҷик сармашқ гардид». С. Улуғзода низ, ки аз шогирдони содиқи Садриддин Айнӣ буд, дар мавриди таъсири ин асар ба фаъолияти эҷодии худ чунин андеша дорад: «Мо бо хондани он («Одина» – Б.А.) тамоми зебоии забони софи адабии насри оммафаҳми тоҷикиро ҳис

кардем» [399, №268]. Ҳамчунин, А. Деҳотӣ ёдовар шудааст: «Одина» бо содатарин забони тоҷикӣ навишта шудааст» [136, с.120].

Дар солҳои 1928–1929 дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» бо имзои Б. Икромӣ чанд навиштаи ҳикоямонанд ва публитсистӣ ба табъ расидааст. Аммо Ҷалол Икромӣ дар хотираҳояш аз ин асарҳо ва муаллифи онҳо ёдовар нашудааст [175, с.131,133,209]. Аз ин рӯ, мумкин аст, ки ин навиштаҳо ба Баҳриддин Икромӣ (писари муфтӣ Икроми Бухороӣ), ки аз шиносони Ҷалол Икромӣ буд ва дар он солҳо дар матбуоти тоҷик фаъолият мекард, мансуб бошанд. Аз ҷумла, навиштаи «Фақиразан ва клуби занон» бо ҳамин имзо ба нашр расидааст. Фарқи асосии ин навишта аз ҳикояҳои Ҷалол Икромӣ дар он аст, ки ба ҳикояҳои ӯ ҷумлаҳои кӯтоҳ ва ибораву таъбирҳои мухтасар хос мебошанд, дар ҳоле ки навиштаи мазкур бо ҷумлаҳои мураккаб оғоз мешавад: «Як пагоҳ аз пагоҳҳои зимистон, ки ҳаво ба дараҷаи баланди хунукӣ расида, барфу борон рӯи заминро фурӯ гирифта ва ях баста, аз кӯчаву бозор одамӣ мунқатеъ гардида, ҳама ҷоро хомӯшӣ ва сукут ба ҳукм ва фармони худ гирифта, ба ҷуз боди тунди сард дигар чизе ба гардиш набуд, нолаи ғамолудаи пур аз ҳасрати зане ва гиряи бетобонаи як тифли бечорае, ки «ях бастам-ях бастам» гуфта фарёд мекашид, ба гӯши мо расид» [173, с.27].

Асар бо оҳанги бадеӣ оғоз шуда, бо услуби хабарӣ анҷом меёбад. Он саргузашти зани камбизоате мебошад, ки шавҳараш дар хизмати бой ҳалок мешавад, вале шахси сарватманд дар лаҳзаҳои мушкил ба ҳамсари хизматгораш кумак намекунад. Бо вуҷуди ин, дар клуби занон ба ӯ ёрӣ мерасонанд: фарзандонашро ба хонаи кӯдакон фиристода, имкони таҳсил фароҳам меоранд. Зан, ки дар баробари кор, шабона дар курсҳои маҳви бесаводӣ таҳсил мекунад, хату савод бароварда, роҳи нави зиндагиро пайдо менамояд. Фарқи аслии ин навишта аз «Одина» дар он аст, ки қаҳрамони он бо ёрии давлати навбунёд ба муроди худ мерасад ва дар ниҳоят хушбахт мешавад.

Яке аз хусусиятҳои хоси асарҳои бадеии солҳои бистум пайвастагии услуби бадеӣ бо публитсистика ва журналистика мебошад. Ҳарчанд асар дорои сатҳи баланди бадеият мебошад (чун «Одина»), дар дохили он унсурҳои зиёди

публитсистӣ низ ҷой доранд. Масалан, ҳикояи «Фақиразан ва клуби занон» бо чунин муроҷиати публитсистӣ анҷом меёбад, ки барои асарҳои бадеии муосир хос нест: «Эй хоҳарон ва ҳамширагони мо! Имрӯз шумо ба атрофи ташкилот ва клубҳои худатон ҷамъ шавед, фарзандони ба ҷон баробари худатонро ба он тарбияхонаҳо гузоред» [173, с.28].

Дар услуби навишта баъзан як шакли навоварӣ мушоҳида мешавад, ки дар он хабар дар ҷумлаи аввал омада, ҷумлаи дувум гӯё нотамом боқӣ мемонад: «Ҳоло ки аз он шавҳараш ҳам ҷудо гардидааст, ба фироқи абадии ӯ сӯзад ва ё ба гуруснагӣ, бенониву мухҳтоҷии фарзандони худ…?»

Ҳамчунин, дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ҳикояи «Ятима» бо имзои Б. Икромӣ ба нашр расидааст, ки дар он баръакс, назар ба бадеият, услуби публитсистӣ бештар эҳсос мешавад. Аз ин ҷиҳат, он аз ҳикояҳои Ҷ. Икромӣ фарқ мекунад. Чуноне ки мушоҳида мешавад, яке аз хусусиятҳои насри охири солҳои бистум ин буд, ки нависандагон бештар занону духтаронро қаҳрамон интихоб намуда, вазъи беҳуқуқии онҳоро дар замони пеш ва бедории онҳоро дар шароити нави иҷтимоӣ тасвир менамуданд. Дар ин замина, нақши Шурои занон ва клубҳои навтаъсиси занон ба таври мусбат арзёбӣ мегардид.

Агар яке аз сабабҳои интихоби занон ба ҳайси қаҳрамон таъсири асари «Одина»-и Садриддин Айнӣ бошад, пас омилҳои дигари он ба маъракаи сиёсие, ки дар нимаи дуюми солҳои бистум бо номи фаранҷипартоӣ маъруф буд, рабт дошт. Ин маърака ба озодшавии занону духтарон нигаронида шуда буд ва адибони ҷавон низ барои ифодаи ҳамқадамии худ бо замони муосир ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ мекарданд. Аз ин рӯ, интихоби номи «Ятима» барои ҳикояи Б. Икромӣ низ бесабаб нест. Агар ҳикояи қаблии ин муаллиф («Фақиразан ва клуби занон») бо тасвири саҳнаи зимистон оғоз шуда бошад, дар ҳикояи дуюм – «Ятима» ҳодисаҳо дар фасли баҳор сурат мегиранд: «Овози гиряи кадом ҷафодидаи ҳасраткашида» хомӯширо шикаст.

Саида, духтари ятим, ҳангоми гирифтани об аз ҳавз, аз тарафи бой мавриди зӯроварӣ қарор мегирад ва барои овардани ҳезум ба беруни деҳа фиристода мешавад. Дар он ҷо Саидаи гирён бо духтарони мактаб вохӯрда, бо онҳо ҳамроҳ

шуда ба мактаб меравад. Дар натиҷа ӯ аз хизматгорӣ озод гашта, таҳсили ибтидоиро хатм намуда, ба дорулмуаллимин дохил мешавад ва таҳсилро идома медиҳад [174, с.33]. Ҳамон тавре ки дар бисёре аз осори насрии он давра мушоҳида мешавад, мушкилоти қаҳрамонон ба осонӣ ҳал мегардад. Дар тамоми ин ҳикояҳо Шурои занон ва мактабҳо нақши муассир дошта, духтарони камбизоатро ба таҳсил ҷалб менамоянд ва онҳоро ба зиндагии мустақил раҳнамоӣ мекунанд.

Дар шумораи 11–12-и маҷаллаи «Раҳбари дониш» (соли 1928), бори аввал таҳти рубрикаи «Нависандагони ҷавони мо» ҳикояи Пайрав Сулаймонӣ бо номи «Гуландом» ба табъ расидааст. Гарчанде Пайрав Сулаймонӣ осори насрии зиёд эҷод накардааст, дар аввалин таҷрибаи худ истеъдоди баланд нишон додааст.

Ҳикоя бо тасвири табиат оғоз меёбад: «Насими баҳор мевазид, садои шар-шари обе, ки аз осиё мерехт, бо овози мурғон омехта ба гӯш мерасид… Ҷавон бо чеҳраи ғамгин оҳе кашид ва ба атроф нигоҳе кард ва ин шеърро хонд:

Ёр чаро дер кард?
Бори ғамаш зер кард.
Умри ҷавонӣ гузашт,
Ҳаҷри рухаш пир кард…!» [375].

Саҳнаи вохӯрии ду ҷавони ошиқ дар муҳити табиӣ бо самимият ва таъсирбахш тасвир шудааст. Бо вуҷуди ин, Гуландом гиря мекунад ва нақл мекунад, ки мехоҳанд ӯро ба шавҳари пир – имоми деҳа, маҷбуран ба шавҳар диҳанд. Ҷавони деҳқон ӯро итминон медиҳад, ки барои пешгирии ин кор чора хоҳад андешид ва хабар медиҳад, ки аз шаҳр муаллимон омадаанд ва ӯро ташвиқ ба таҳсил менамоянд. Дар ҳикоя ҷумлаи «насими баҳор мевазид ва садои шар-шари об бо савти мурғон аз дур шунида мешуд»; «кам-кам насими баҳор мевазид, садои шар-шари об бо нолаи мурғон аз дур шунида мешуд» ҳафт (!) маротиба бо шаклҳои гуногун такрор шудааст, ки ин аз бетаҷрибагии шоир дар наср шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, услуб ва забони баёнии Пайрав Сулаймонӣ шоирона буда, агар ба наср ҷиддӣ машғул мешуд, метавонад ба нависандаи шинохта табдил ёбад.

Адабиётшиноси маъруф Соҳиб Табаров, ки дар таҳқиқи осори Пайрав Сулаймонӣ саҳми арзанда дорад, бар ин назар аст, ки ҳикояҳои Пайрав Сулаймонӣ ва А. Деҳотӣ («Ҳамидаи сиёҳбахт») таҳти таъсири «Одина» навишта шудаанд. Дар ҳақиқат, сюжети ҳар ду ҳикоя воқеаҳои тасвиршуда дар баъзе бобҳои повести «Одина»-ро ба ёд меорад [384, с.63]. Дар «Одина» ва дигар асарҳои насрӣ, инчунин дар ҳикояҳои Ҷалол Икромӣ, чунин услуб мушоҳида намешавад, вале дар қиссаҳои шифоҳии халқ маъмул мебошад.

Ҳикояи «Ҳамидаи сиёҳбахт»-и Ҳ. Пирмуҳаммадзода (А. Деҳотӣ) низ аз ин ҷиҳат истисно нест. Марде, ки дар заминҳои Абдуллобой ба ҳайси деҳқон кор мекард, ба ивази хизматаш, новобаста аз он ки музди пурра намегирифт, шикояте надошт, зеро ҷойи истиқомат надошт ва дар як хонаи кӯҳнаи бой бо зану духтараш зиндагӣ мекард. Пас аз марги ӯ, бой барзаговҳои ҷуфтӣ ва миқдори ками замини деҳқонро ба ивази хароҷоти ҷанозааш соҳиб шуд. Ин ҳолат ба воқеаҳои тасвиршуда дар «Одина» шабоҳат дорад. Модар ва духтари хурдсол танҳо монданд. Кампир бо хизматрасонӣ ба мардум рӯзгори худро пеш мебурд ва орзу дошт, ки духтараш калон шуда, бо обрӯ издивоҷ намояд (шабеҳ ба қаҳрамони «Одина» – Бибиойиша, модари Гулбибӣ). Вале баъди ду сол ӯ низ аз дунё гузашт.

Ҳамин тавр, ҳикояи мазкур аз лиҳози сюжет, сохтор, ҳатто сабку услуб ва ҷумлабандӣ ба «Одина»-и Садриддин Айнӣ монандӣ дорад: «Дар ин вақт Ҳамида 11-сола буд. Акнун ин сағираи бе ҳеҷ кас ва бе ҳеҷ чиз, аз падар ва модари худ ҷудо ятима шуда ба дасти Абдуллобой монд» [294, с.32]. Ҳамчунин, тасвири табиат дар ҳикоя низ ба тарзи баёни осори ондавраина шабоҳат дорад: «Як пагоҳ аз рӯзҳои фасли баҳор осмон мисли нуқраи хом соф буд». Ин услуб, ки дар насри бадеии солҳои бистум роиҷ буд, аз ҷониби Садриддин Айнӣ ба таври фаъол истифода мегардид.

Вақте Ҳамида ба синни 14 мерасад, шахсе бо номи Луқмонбой, ки калонсол буд, ӯро хостгорӣ мекунад. Абдуллобой духтархондашро ба ивази молу чиз ба ӯ медиҳад. Ҳамида дар хонаи шавҳар низ хушбахт намешавад. Пас аз баҳсу низоъ ва латукӯб, як пагоҳӣ ӯ бо кӯдакаш деҳаро тарк карда, ба шаҳр

меравад ва ба шуъбаи занон мурочиат мекунад. Дар мавриди мазмуни ҳикоя ва вохӯрии муаллифи он бо Садриддин Айнӣ, Раҳим Ҳошим дар китоби хотираҳояш чунин нақл мекунад: «Фикри Садриддин Айнӣ дар бораи ин ҳикоя асосан мусбат буд… Аммо устод якчанд камбудиҳои асосӣ ва услубии онро зикр намуд ва бо услуби достонҳои халқӣ тасвир ёфтани ҳикояи замониро нодуруст дониста, ба ин эрод гирифт» [447, с.137]. Дар ҳақиқат, ҳикояи мазкур дорои баъзе нуқсонҳост, аз ҷумла, нақли холӣ, шабоҳат ба сюжети «Одина», инчунин ҳалли осон ва зудраси мушкилоти зиндагии қаҳрамон.

Дар маҷалла ҳамчунин навиштаи дигари А. Пирмуҳаммадзода таҳти унвони «Доғи фарзандӣ» ба нашр расидааст. Ин ҳикоя дар бораи оилае нақл мекунад, ки чанд фарзандашро аз даст дода, танҳо духтари чорсолаи худ – Меҳриро нигоҳ доштааст. Ҳар пагоҳ падари ӯ, Қосимбой, барои кор ба хизмати мардум меравад. Дар оғоз, муаллиф боз ҳам анъанаи тасвири баҳорро, ки реша дар услуби Садриддин Айнӣ дорад, истифода мекунад: «Гиёҳҳое, ки зимистони дароз аз тарси лашкари барф сар бардошта натавониста хоб рафта буданд, имрӯз чун занону духтарони Шарқ, ки аз зери бори фаранҷӣ ва аз қайди дину хурофот берун меоянд, аз зери хок сар боло карда, рӯйи саҳроро зиннат медоданд».

Дар ҳикоя оварда мешавад, ки рӯзе дастаи босмачиён Қосимбойро ба назди худ даъват мекунанд, вале ӯ сари вақт ҳозир намешавад. Дар натиҷа босмачиён ӯро маҷбуран ба гурӯҳи худ ҳамроҳ мекунанд. «Доғи фарзандӣ» бо забону услуби одӣ ва равон фарқ мекунад.

Хулоса, дар намунаҳои насри нимаи дуюми солҳои бистум, таъсири қиссаи аввалини Садриддин Айнӣ «Одина» возеҳ эҳсос мешавад. Яке аз фарқиятҳои ҳикояҳои номбурда аз «Одина» дар он аст, ки агар дар «Одина» қаҳрамонон ба муроди худ нарасида, дар ҳолати ноумедӣ ва фоҷеавӣ ҳалок шаванд, дар ин ҳикояҳо онҳо аксар вақт ба мақсади худ мерасанд.

Аз миёни осори бадеии ин давра ҳикояи «Латофат оё фиреб хӯрд?»-и Собит Манофзода, ки дар шумораи №8-и соли 1929 ба табъ расидааст, ҷолибияти хосса дорад. Мавсуф дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» бештар ба масъалаҳои илму

адаб, адабиётшиносӣ, худшиносӣ ва бедории миллӣ таваҷҷуҳи хос медод ва баъдтар комилан ба фаъолияти эҷодӣ машғул шуд.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи насри солҳои бистум нақл, далелу рақамҳо мебошанд. Ин шева дар ҳикояи «Моҳрӯ»-и Садриддин Айнӣ низ мушоҳида мешавад. Ҳикояи Манофзода низ бо ҳамин усул оғоз меёбад: «Ман якум бор вайро дар мартӣ соли 27 дар Техникуми хоҷагии қишлоқ дида будам» [216, с.22]. Бо назардошти тарзи баён ва мушоҳидаю баҳодиҳии муаллиф, метавон ба чунин хулоса омад, ки ин ҳикоя ва бисёре аз намунаҳои насри бадеии маҷалла бештар ба очерки бадеии муосир шабоҳат доранд.

Таваҷҷуҳи муаллиф ба ҳолати равонии қаҳрамон возеҳ эҳсос мешавад: Ман ҳавас кардам, ки ба қадри имкон ҳиссиёти дарунӣ ва аҳволи рӯҳии ӯро ҳам кашф кунам, бидонам ва аз ин роҳ ба ҳастии вай тахмини як қимат диҳам».

Ё, масалан:

«Ман чашмони ӯро дидам ва дар онҳо хуб диққат кардам. Он ду чашми сиёҳ, он ду оиначаи дил, як самимияти маҳҷубонаро акс мекунанд» [216, с.22].

Ҳамчунин, дар порчаи зер назари шахсии муаллиф ба фасли тирамоҳ ба таври эҳсосӣ баён шудааст: «Ҳамеша дар ин вақти сол ман дар ҳастии худ як вазнинӣ, дар дили худ як навъ гирифтагӣ ҳис мекунам. Эҳтимол, ин як касалии рӯҳии ман аст, ки то ба ҳол ман онро муолиҷа карда натавонистаам» [216, с.24]. Ҳол он ки аксар вақт нависандагони муосир дар тасвир ва баҳогузорӣ бетараф ҳастанд. Ҳамин тавр, яке аз хусусиятҳои фарққунандаи насри солҳои бистум услуби очеркӣ, зиёд истифода шудани сухани муаллиф, публитсистикаи таърихӣ ва руҷуъҳои публитсистӣ мебошанд. Ин услуб то солҳои чилум идома ёфт. Дар баробари хусусияти публитсистӣ ва нақлӣ доштани ҳикоя, ҷумлаҳои образнок ва тасвирҳои бадеии баланд низ дар он зиёд истифода шудаанд.

Ба ҳикояи «Латофат оё фиреб хӯрд?»-и Собит Манофзода, С. Улуғзода таҳти унвони «Як нигоҳ ба насри тоҷик. «Латофатой оё фиреб хӯрд?» тақриз навишта, ки дар ҳамон маҷалла нашр шудааст.

Дар баробари зикри баъзе норасоиҳо, мунтақид чунин тавсия медиҳад: «Дар болои қаҳрамони ӯ хуб кор кардан ва онро нағз офаридан лозим аст, то

симои як гурӯҳи муайян дар онҳо акс ёбад, яъне „тип» офарида шавад» [400, с.24].

Яке дигар аз хусусиятҳои муҳими ҳикояҳо ва ҳикоячаҳои ин давра ба сохтори банду басти онҳо марбут аст. Новобаста ба ҳаҷм, ҳамаи онҳо ба қисматҳо ҷудо ва рақамгузорӣ шудаанд. Чунончи, ҳикояи «Латофат оё фиреб хӯрд?» аз 9 қисми рақамдор ва як ҷамъбаст иборат аст. Баъзе ҳикояҳои кӯтоҳи маҷалла ҳатто як-ду банди онҳо ҳамчун як қисми алоҳида қайд шудаанд. Ҳикояи мазкур ҳодисаҳои солҳои 1927–1929-ро фаро гирифта, тақдири духтари санъаткор ва таҳсилдидаеро ба тасвир мекашад, ки аз дасти шавҳари бадахлоқ азият мекашад. Муаллиф тақдири ӯро бо тарзи хронологӣ пайгирӣ намуда, онро ба таври бадеӣ инъикос кардааст.

Дар қисми лотинии шумораи 7-и соли 1929 таҳти рубрикаи «Ҳикояча» навиштаи Садрӣ Қадамзода бо номи «Гулшан» нашр шудааст. Ҳикоя мавзуи маъмули солҳои бистумро инъикос мекунад: деҳқоне барои пардохти қарзи худ мехоҳад духтари хурдсолашро ба савдогаре бидиҳад. Аммо ҷавоне ин ҳодисаро ба Шурои занон хабар медиҳад ва дар рӯзи тӯй духтаракро наҷот дода, ба таҳсил мефиристанд [187, с.32]. Мушкилоти зиндагии қаҳрамон мисли аксари ҳикояҳои ҳамон давра ба осонӣ ҳал мегардад.

Дар ҳамон рубрика «Ҳикояча» асари дигар «Дар сояи тӯрачигӣ»-и А. Ниёзӣ низ ба нашр расидааст. Мазмуни ҳикоя чунин аст: Аҳмад ва Мансур, ду деҳқонбача, барои таҳсил ба шаҳр фиристода мешаванд. Онҳо, ки бори аввал ба шаҳр меомаданд, пас аз ду рӯз идораи маорифро пайдо мекунанд. Вале мудири маориф онҳоро панҷ рӯз мунтазир мегузорад. Ниҳоят, бо кумаки як корманди комсомол онҳо номаи роҳхатро гирифта, ба мактаб дохил мешаванд. Ҳикоя бо тағйири иҷтимоии қаҳрамонҳо анҷом меёбад: «Акнун онҳо дар маҷлисҳо дар бораи худтанқидкунӣ суханҳои дуруст ва асосӣ гуфта, касеро риоя намекунанд» [283, с.3]. Ҳарчанд «Ҳикояча» хурд аст, он ба чор порча тақсим шудааст ва аз нигоҳи услуб ба хабари одӣ монанд буда, аҳаммияти бадеии баланд надорад.

Дар маҷалла ҳикояҳои зиёди Бурҳониддин Азизӣ низ ба табъ расидаанд. Дар ҳикояи «Бузкашӣ», деҳқонбачае орзуи соҳиб шудан ба аспро дорад, то мисли

дӯстонаш дар бузкашӣ иштирок кунад. Вале имконият надорад. Барои расидан ба ҳадаф, ӯ бо заҳмати зиёд кори деҳқониро пеш мебарад. Модараш ҳангоми дарави гандум ба писараш хӯрок оварда, барои рӯҳбаландӣ ваъда медиҳад, ки барои аспаш «ёлпӯш – кӯрпачаи рангин ва ҷулҳои пашмин» медӯзад. Ниҳоят, тирамоҳ ҷавон аз пули гандум асп мехарад ва боқимондаи пулро барои хариди хӯрокворӣ сарф мекунад.

Ҳангоми бузкашӣ ҳаяҷони муҳити бозӣ ӯро таҳрик медиҳад. Аммо бозӣ бо фоҷиа анҷом меёбад: «Як аспи беодам аз миёнаи тӯда баромада, ба тарафи дигар гурехт. Модоме, ки бузкашон аз паси буз рафтанд, дар таҳти пои онҳо ҷасаде дароз афтода, ба хоку гил оғӯшта намоён шуд…» [18, с.26]. Ҷанозаи ҷавон баргузор мегардад ва мардум бо таассуф мегӯянд: «Сангинҷон фидои орзуи аспбозӣ шуд».

Дар шумораи баъдина ҳикояи дигари Азизӣ – «Бедонабозӣ» ба нашр расид. Дар сарсухани он идораи маҷалла чунин таъкид мекунад: «Ин ҳикоя дар асл тамоман „сад фоиз» бо шеваи гуфтугӯии халқ навишта шуда буд. Мо дар вақти таҳрир ва ислоҳ, тарзи нигориши баъзе калимаҳоро тағйир дода бошем ҳам, ба шакли ифода ва услуби ҷумласозии он ҳеҷ дахолат накардаем; бо ин восита хусусиятҳои забони оммаро нигоҳ дошта, «ба таври намуна чоп кардем». Бо вуҷуди ин, дар гуфтугӯҳои қаҳрамонон калимаҳои ғайриадабӣ зиёд ба назар мерасанд, ки қисме аз онҳо бо шарҳ дар қавс оварда шудаанд, аз қабили: «чала-чулпа», «ако», «шишт» (ба маънои нишастааст), «чайла», «чакалак» (дарахтзор), «тузоқ» (дом), «тӯпӣ» (каллапӯш), «қанот», «тӯп» (ҷамъ), «ҷинқорча» (майдача)…

Ҳикоя дорои бадеияти баланд буда, тасвирҳои зебо дорад: «Мурғи духтараки сӯфӣ» парида омада, ба шохи сафедор нишаст, ба модааш, ки дар кошонааш чӯҷаҳои нав аз тухм баромадагиро пахш карда хобонида буд, малахи дар даҳонаш газидаро дод ва аз рӯйи гарданаш ду-се бӯса гирифта, ба шохчаи дигар хез кард ва машғули хондан шуд» [17, с.20].

Ҳикоя дар бораи деҳқонбачае қисса мекунад, ки кораш хуб пеш мерафт. Аммо ӯ ба васвасаи як бедонабози фиребгар дода шуда, ба бозии онҳо шарик

мешавад ва аз кору бораш мемонад. Дар охир, вақте ки ӯро дар рӯзномаи девории маҳаллӣ мазаммат мекунанд, бо норозигӣ ба соҳибхона шикоят мебарад: «Мирзо-ако! Ман ба як гапи Гулзамони найрангбоз даромада, шармандаву расво шудагӣ бас набуд-мӣ, боз шумо ба газитаи девории онон навиштед? Ин кори шумо болои сӯхта намакоб шуд…» [17, с.19].

Монандии дигари ҳикояҳои маҷаллаи «Раҳбари дониш» ба осори устод Садриддин Айнӣ дар барҷастагии ҷанбаи синфгароии онҳо мебошад. Ба қавли М. Шакурӣ, Садриддин Айнӣ дар «Одина» арзиши инсонро, пеш аз ҳама, аз рӯйи мансубияти синфии ӯ муайян менамояд: «Ҳама бенавоёни заҳматкаш одамони хубанд, аммо аз «истисморгарон» фақат онҳое тасвир ёфтаанд, ки хислатҳои манфӣ доранд» [490, с.261].

Чунин шеваи муносибат ба қаҳрамонҳо дар аксари ҳикояҳои маҷалла низ мушоҳида мешавад. Ҷанбаҳои дигари монандии ҳикояҳои «Раҳбари дониш» ва «Одина»:

1. Тавозуни тасвир ва нақл – Дар «Одина» гарчанде ки тасвир мавқеи муҳим дорад, нақл ва баёни воқеаҳо, хусусан дар қисматҳои публитсистии асар, низ устувор боқӣ мемонад. Дар ҳикояҳои нашршудаи маҷалла нақли публитсистӣ назар ба тасвир бештар ба назар мерасад.

2. «Нақли урён» – Ба қавли М. Шакурӣ, чунин шакли тасвир дар «Одина» низ ҷой дорад ва дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ҳикояҳоро ба мақола шабеҳ гардондааст.

Муҳаққиқ чунин тарзи нигоришро дар «Одина» ҳамчун нуфузи ҷанбаи публитсистии рӯзноманигорӣ ва лавҳаҳои репортажмонанд арзёбӣ намуда, онро бо истилоҳи «реализми маорифпарварӣ» тавсиф мекунад. «Ин хусусиятҳои реализми маорифпарварӣ одатан аз афзалият ёфтани ҷанбаи таблиғиву ташвиқӣ ва равшангарӣ сар мезанад» [490, с.263].

Дар ҳикояҳои нашршудаи «Раҳбари дониш», ҷанбаи таблиғотӣ ва тарбиявӣ хеле равшан аст. Сабаби ин падида, то андозае, дар адабиёти таблиғотии Садриддин Айнӣ низ дида мешавад, зеро: «Дар маънидоди моҳияти замон, дар шарҳу баёни воқеаҳои инқилоб аз рӯйи дастурҳои дастгоҳи идеологӣ амал

кардан лозим буд» [490, с.264]. Ҳикояҳои маҷалла низ аз чунин хусусият бархӯрдор мебошанд.

**Ҳашт ҷиҳати таъсирпазирии ҳикояҳои «Раҳбари дониш» аз «Одина»**

1. Монандии мавзуъ ва сюжет – Ҳикояҳо аксаран зиндагии заҳматкашон ва фишори истисморгаронро тасвир мекунанд.

2. Тасвири табиат – Чунин тасвирҳо, ки хоси «Одина» мебошанд, дар ҳикояҳои маҷалла низ ба назар мерасанд.

3. Забон ва услуб – Насри солҳои бистум бо сабки воқеънигорӣ ва истифодаи забони сода хосият дорад.

4. Ҷанбаи иҷтимоӣ (синфгароӣ) – Қаҳрамонон аз ду табақа ҷудо мешаванд: заҳматкашони хуб ва истисморгарони манфӣ.

5. Қаҳрамонон асосан занону духтаронанд – Аксари ҳикояҳо аз муборизаи занон барои озодӣ ҳикоят мекунанд.

6. Услуби публитсистӣ – Бисёре аз ҳикояҳо бештар ба мақола ё очерки бадеӣ шабоҳат доранд.

7. Анҷоми мусбати ҳикояҳо – Агар дар «Одина» қаҳрамонҳо аксаран сарнавишти фоҷеавӣ доранд, дар ҳикояҳои маҷалла ҳама чиз бо пирӯзии қаҳрамони мусбат анҷом меёбад.

8. Тақсимоти ҳикояҳо ба қисматҳои хурд – Аксар ҳикояҳои маҷалла бо рақамгузорӣ тақсим шудаанд.

Ҳамаи ин хусусиятҳо дар «Одина»-и устод Садриддин Айнӣ низ мушоҳида мешаванд, ки таъсири он ба ҳикояҳои маҷаллаи «Раҳбари дониш» возеҳ аст. Ба дурустӣ Раҳим Ҳошим зикр кардааст: «Дар адабиётшиносии мо истилоҳе ҳаст: «Мактаби Айнӣ». Дар ин маврид эҷодиёти он суханвари бузург, роҳи тайкардаи эҷодии вай, роҳи барои дигарон кушодаи вай мавриди муҳокима қарор мегирад» [214, с.443]. Яъне, мактаби Садриддин Айнӣ дар ташаккули насри тоҷик ва махсусан эҷоди ҳикояҳо нақши муассир гузоштааст.

**Аз таҳқиқ ва таҳлили фасли мазкур метавон ба хулосаҳои зерин расид:**

1. **Таҳаввули жанрӣ ва услубӣ.** Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳикояҳои солҳои бистум, махсусан дар маҷаллаи «Раҳбари дониш», зери таъсири повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ қарор дошта, тағйироти жанрӣ ва услубии назаррасро аз сар гузаронидаанд. Ҳикояҳои ин давра унсурҳои публитсистика, реализми иҷтимоӣ ва шеваи анъанавии қиссагӯиро дар худ муттаҳид намуда, тадриҷан ба ҳикояҳои муосир наздик мешаванд. Агар «Одина» шакли мукаммали насри бадеии инқилобӣ бошад, ҳикояҳои «Раҳбари дониш» онро ба тарзи ҳикоянависии таблиғотӣ ва иҷтимоӣ мутобиқ месозанд. Ҳамин тавр, насри бадеии солҳои бистум ба тадриҷ аз услуби манзумаҳои пешин ба шакли нави насри воқеънигорона мегузарад.

2. **Монандии сохторӣ ва тематикӣ.** Аксари ҳикояҳо бо «Одина» монандии мавзуӣ ва сохторӣ доранд, ки инро дар тасвири муҳити иҷтимоӣ, тақдири шахсият дар ҷомеаи синфӣ, нақши Шурои занон ва мактаб ҳамчун ниҳодҳои наҷотбахш мушоҳида кардан мумкин аст. Қаҳрамонҳо аксаран аз байни табақаи меҳнаткашон интихоб шуда, дар муқобили истисморгарони ҳоким қарор мегиранд. Сюжетҳо низ такроршаванда мебошанд: қаҳрамонҳои асосӣ дар аввал дар муҳити зулмзада ҳастанд, аммо тавассути таълим ва ёриҳои Шуравӣ роҳи наҷотро меёбанд. Ин монандии сохторӣ ва мавзуӣ нишон медиҳад, ки адабиёти солҳои бистум ҳанӯз таҳти таъсири «Одина» ва модели офаридаи Садриддин Айнӣ қарор дошт.

3. **Синфгароӣ ва назари идеологӣ**. Ҳикояҳои ин давра пурра мутобиқ ба идеологияи синфгароии марксистӣ мебошанд. Дар онҳо, мисли «Одина», ҷудо кардани қаҳрамонон ба заҳматкашони нек ва истисморгарони золим, ки намояндагони сохти кӯҳна мебошанд, ба назар мерасад. Инчунин, ҳикояҳо мақоми инқилобро дар тағйири ҳаёти шахсиятҳо таъкид мекунанд, ки ба ин васила онҳоро ба қолаби идеологияи коммунистӣ мутобиқ месозанд. Агар дар «Одина» ин идеяҳо дар сатҳи маҷозӣ ва бо баҳсҳои публитсистӣ ифода ёбанд, дар ҳикояҳои ин давра мунокишаҳо тезу тунд ва бо ҳалли ниҳоӣ сурат мегиранд. Ҳамин тариқ, синфгароӣ ва назари идеологӣ ба унсури асосии насри ин давра табдил ёфтааст.

4. **Тавозуни тасвир ва нақл.** Дар ҳикояҳои «Раҳбари дониш» нақли воқеаҳо бар тасвир ғолиб аст, ки ин хусусият низ дар «Одина» мушоҳида мешавад. Гарчанде дар «Одина» тасвир ва образофаринӣ мавқеи муҳим доранд, ҳикояҳои ин давра бештар бо услуби очеркӣ ва муаррифии бевоситаи рӯйдодҳо эҷод шудаанд. Муҳаққиқон ин падидаро ҳамчун нуфузи публитсистика ба ҳикоя шарҳ медиҳанд. Аз ин рӯ, ҳикояҳои солҳои бистумро метавон пайванди байни насри бадеӣ ва насри публисистӣ номид, ки ҳадафи онҳо бештар фаҳмондани аҳаммияти сиёсиву иҷтимоии тағйиротҳо ба хонандагон мебошад.

5. **Анҷоми мусбат ва сохтори маънавии ҳикояҳо.** Дар ҳикояҳои солҳои бистум, бар хилофи «Одина», ки бо хатоӣ ва сарнавишти фоҷиавии қаҳрамонҳо тамом мешавад, ҳикояҳо бо анҷоми мусбат ва ҳалли осони мунокишаҳо фарқ мекунанд. Дар ҳамаи онҳо қаҳрамонони асосӣ пас аз мушкилот роҳи наҷот меёбанд, ки инро идеологияи замон ва мавқеи адабиёти тарбиявии он давра талаб мекард. Агар дар «Одина» қаҳрамонҳо натиҷаи талошҳои худро намебинанд, дар ҳикояҳои ин давра барқароршавии адолат тезтар ва осонтар сурат мегирад, ки ин ба таблиғоти расмии ҳукумат низ мувофиқ аст.

6. **Пайдоиши «мактаби Айнӣ» дар насри тоҷик.** Бисёре аз ҳикоянависони солҳои бистум ба мактаби адабии Айнӣ тааллуқ доранд ва таҳти таъсири услуб, мазмун ва сохтори «Одина» ҳикояҳои худро навиштаанд. Ба гуфтаи муҳаққиқон, «Мактаби Айнӣ» ҳамчун маркази асосии ташаккули насри муосири тоҷик шинохта шуда, шакли публисистикӣ ва иҷтимоӣ гирифтани ҳикояҳоро низ ташаккул додааст. Ин мактаб дар баробари омӯзиши усулҳои анъанавии қиссасароӣ, инчунин, ба истифодаи унсурҳои реалистии насри муосир мусоидат кардааст.

7. Хусусиятҳои публитсистӣ ва таблиғотии ҳикояҳо. Як хусусияти фарқкунандаи ҳикояҳои пайрави «Одина» ғолибияти ҷанбаи таблиғотӣ ва тарбиявии онҳо мебошад. Агар дар «Одина» ин идеяҳо ба воситаи публитсистика ва баҳсҳои иҷтимоӣ ифода шаванд, дар ҳикояҳои «Раҳбари дониш» тарзи ҳаёти шахсиятҳо нишон медиҳад, ки ҳалли мушкилот танҳо тавассути низоми Шуравӣ

ва тартиботи нав имконпазир аст. Ин ҳикояҳо инчунин ҳамчун дастури амалӣ барои хонандагон истифода мешуданд, ки идеяҳои ҳукуматро дар бораи маориф, нақши занон ва ҷудоии синфӣ таблиғ менамуданд.

**Хулосаи умумӣ**

Аз таҳлили ҳикояҳои солҳои бистум ва таъсири «Одина» метавон ба хулоса расид, ки ин асар на танҳо як повести муҳим дар адабиёти тоҷик, балки манбаи илҳоми нависандагони он давра низ будааст. Таҳаввули ҳикоя дар ин давра бештар ба публитсистикаи иҷтимоӣ, идеологияи синфӣ, таблиғи арзишҳои нави ҷамъиятӣ ва рушди насри муосири тоҷик иртибот дорад.

Ҳамин тавр, ҳикояҳои ин давра давоми мантиқии «Одина», вале дар шакли кӯтоҳ ва бо шакли навшудаи публитсистӣ ба шумор мераванд. «Мактаби Айнӣ» ҳамчун самти асосии ташаккули насри тоҷик, ба насли нави нависандагон имкони истифода аз таҷрибаи ӯро дода, таъсири устодро ҳамчун поягузори насри муосири тоҷик боз ҳам мустаҳкам намудааст.

## 4. 5. Аввалин таҷрибаҳои нақди адабӣ: самтҳо ва шеваҳо

Таҳқиқоти анҷомшуда дар солҳои охир дар адабиётшиносии тоҷик ба масъалаи пайдоиш ва ташаккули нақди адабӣ равона шудаанд. Баррасии ҳамаи ин таҳқиқот ба доираи ин пажӯҳиш шомил намешавад, вале зикр бояд кард, ки яке аз корҳои бунёдӣ дар ин замина рисолаи доктории Субҳонҷон Аъзамов таҳти унвони «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» мебошад. Дар ин таҳқиқот, дар баробари масоили умумии афкори адабӣ дар давраи мавриди назар, масъалаи сухансанҷӣ ва нақди адабӣ, сарчашмаҳо ва хусусиятҳои он дар осори гуногуни нақди бадеӣ ва арзёбии асарҳои адабӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст [521]. Бо дарназардошти он ки ин таҳқиқот давраи васеэро аз охири асри XIX то солҳои панҷоҳуми асри XX фаро мегирад, ба таври мушаххас ба нақди адабии маҷаллаи «Раҳбари дониш» таваҷҷуҳи амиқ нашудааст.

Аксари муҳаққиқон ташаккули нақди адабии тоҷикро ба солҳои бистуми асри XX марбут медонанд, ҳарчанд заминаҳои пайдоиши он, ба монанди таҳлилҳои С. Аъзамов, дар охири асри XIX нишон дода шудаанд. Аз ин рӯ, дар адабиётшиносӣ хулосаи М. Шакурӣ пазируфта шудааст: «Адабиётшиносии навин дар Тоҷикистон аз нимаи даҳаи бистуми садаи XX оғоз гирифт» [492, с.92]. Муҳаққиқ нахустин жанри адабиётшиносиро ба солҳои 1925-1926, ба нашри асари Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» марбут медонад.

Омӯзиши таърихи нақди адабӣ дар адабиётшиносии давраи навин нақши калидӣ дорад. Дар ин замина, яке аз таҳқиқоти фарогир таҳқиқоти Маъруфи Раҷабӣ таҳти унвони «Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ» мебошад. Бо вуҷуди он ки муаллиф дар баррасии масоили нақди адабӣ ба баъзе ҳолатҳои эҳсосӣ дода шудааст – хусусияте, ки барои адабиётшиносии солҳои охири ҳаштодум ва аввали навадум маъмул буд – ин асар дар муайянсозии таърихи нақди адабии тоҷик аҳаммияти назаррас дорад.

Ба андешаи муаллиф: «Аз баррасии нақди адабиву адабиётшиносӣ ва осори публитсистӣ» дида, «таърихи нақди адабиву адабиётшиносиро офарем»

[318, с.4] беҳтар аст. Муҳаққиқон В. Самад ва А. Набавӣ бар онанд, ки нақди адабии мавҷуда дар нашриёҳои аввалини тоҷикӣ, ба монанди «Бухорои шариф», «Оина», «Самарқанд», ба шакли илмӣ набуда, балки бо шеваи бадеӣ баён мегардид. Ҳамзамон, набояд фаромӯш кард, ки дар солҳои бистуми асри гузашта, шахсони машғули нақди адабӣ адабиётшиносони касбӣ набуданд. Ба қавли М. Раҷабӣ, бисёре аз осори адабиётшиносӣ ва танқидии он солҳо аз ҷониби худи нависандагону шоирон эҷод шудаанд [318, с.7].

Дар таҳқиқоти мазкур мавқеи адабиёт ва матбуот мавриди баррасӣ қарор мегирад. Аз ин рӯ, муроҷиат ба нахустин мақолаҳои нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, ки дар матбуоти он давра нашр шудаанд, ногузир мебошад. Дар чопи осори нақдии адабӣ, маҷаллаи «Раҳбари дониш» гоми нахустин гузоштааст. Дар ин робита Раҳим Ҳошим зикр мекунад: «Аввалин мақолаҳои танқидӣ, аввалин мақолаҳо дар бораи назарияҳои адабӣ, аввалин тарҷумаҳои асарҳои бадеӣ дар ҳамин журнал нашр гардидаанд» [448, с.236]. Аммо, ба назари муаллиф, дар мавриди тарҷумаҳои бадеӣ иштибоҳ ҷой дорад, зеро дар нашриёҳои қаблии тоҷикӣ, ки мазмун ва мундариҷаи онҳо қаблан баррасӣ шуд, намунаҳои беҳтари тарҷумаи насри бадеӣ низ ба назар мерасанд.

Ҳизби коммунист ва ҳукумати Шуравӣ ба ташаккули нақди адабӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ медоданд. Дар қарорҳои КМ ҲК(б) оид ба матбуот ва адабиёт (солҳои 1924, 1925, 1932), вазифаҳои мушаххас барои нақди адабӣ муайян шуда буданд: «Вазифаи аввалиндараҷаи нақди солҳои 20 ва аввали солҳои 30 дар он таъйин шуд, ки таълимоти ленинизм-сталинизмро оид ба адабиёт (реализм, романтизм) ва мероси адабӣ (адабиёти классикӣ) дарк созад» [318, с.33]. Маҷаллаи «Раҳбари дониш» низ ин вазифаҳоро ба дӯш гирифта, ҳамзамон нақди адабиро ҳамроҳ бо маводи бадеӣ ба роҳ мондааст.

Яке аз аввалин намунаҳои нақди адабӣ ва адабиётшиносии маҷалла мақолаи муфассали М. М. Иброҳимӣ таҳти унвони «Адабиёт ва санъат дар партави марксизм» мебошад, ки дар шумораҳои 8-9 ва 11-12-и соли 1928 ба нашр расидааст. Бо вуҷуди аҳаммияти баланди ин мақола, он то ҳол мавриди таҳлили адабиётшиносони муосир қарор нагирифтааст. Муаллифи он, М. М. Иброҳимӣ,

муҳаққиқи маъруфи адабиёти турки озарбойҷонӣ буда, асари «Намунаи адабиёти Эрон»-ро таълиф намудааст. Муҳим он аст, ки ин китоб яке аз сарчашмаҳои асосии «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ низ ба шумор меравад.

Баррасии накди адабӣ дар мавриди повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ ҳанӯз аз нимаи дуюми солҳои бистуми асри XX оғоз ёфта, мақола ва тақризҳои гуногун дар матбуоти он замон ба нашр расидаанд. Яке аз чунин тақризҳо мақолаи «Якумин қиссаи инқилобии тоҷик» («Одина» – асари С. Айнӣ) мебошад, ки бо имзои «Р. М.» (Раҳим Ҳошим) дар бахши «Китобиёт»-и шумораи 6-и маҷаллаи «Раҳбари дониш» (соли 1928) ба нашр расидааст.

Дар дебочаи мақола, муаллиф ба таҳлили тағйироти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон пардохта, беҳбудии вазъи деҳқонон ва ҷавонони тоҷикро натиҷаи Инқилоби Октябр мешуморад. Муаллиф бо истинод ба афкори асосгузорони ҳизби коммунист, зарурати адабиёти нав, ки ниёзҳои мардумро ифода кунад, таъкид намуда, таъкид мекунад, ки адабиёти кӯҳна дигар наметавонад талаботи мардумро қонеъ созад. Ба андешаи ӯ, вазифаи адабиётнигорони давр офаридани адабиёти инқилобӣ мебошад: «Ба вуҷуд овардани адабиёти инқилобӣ» [301, с.38]. Муаллиф зарурати навиштани «китоби сурх», яъне асаре, ки аз «меваҳои Инқилоби Октябр» ба вуҷуд омада бошад, таъкид мекунад. Барои асоснок намудани чунин зарурат, ӯ зикр мекунад, ки адабиёти нав бояд мазмуни тоза дошта, дард ва ниёзҳои меҳнаткашони даврони инқилобро инъикос намояд.

Ба андешаи Раҳим Ҳошим, ҳамаи адибон ба хулоса омадаанд, ки: «Бояд ба Инқилоб навиштан Китоби Сурх!» Ҳамин тавр, муаллиф «Одина»-и Садриддин Айниро намунаи ҳамин адабиёти инқилобӣ арзёбӣ намуда, зикр мекунад, ки он яке аз асарҳои калидии насри инқилобии тоҷик мебошад. Дар тақриз таъкид шудааст, ки повести «Одина» дар охири соли 1927 ба нашр расида, ба зудӣ аз фурӯш рафт. Ба гуфтаи муаллиф, асар бо маҳорати тамом навишта шудааст. Дар тақриз вазъи асоратовари мардуми кӯҳистони Бухоро, шароити сахти меҳнат ва мардикорӣ ба унвони мавзуи асосии асар баррасӣ шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки Айнӣ ин вазъиятро бо муваффақият ба тасвир кашидааст ва

муҳаққиқ ин ҳолатро ҳамчун як падидаи умумӣ барои тамоми кишвар баррасӣ мекунад. Аз ин рӯ, муаллиф чунин натиҷагирӣ менамояд: «Сазовор аст, ки мо «Одина»-ро якумин қиссаи инқилобии тоҷик ва форс шуморем» [301, с.40]. Дар тақриз зикр мешавад, ки муҳаққиқони русзабон низ «Одина»-ро аввалин асари иҷтимоӣ ва инқилобии Шарқ номидаанд.

Дар Маскав низ дар бораи «Одина» тақризҳо нашр гардида, муаллифони машҳур, ба мисли Шевердин ва В. Афанасев, ба таҳлили асар пардохтаанд. Муаллиф ҳамчунин аз мактуби шарқшинос Бертелс, ки ба Садриддин Айнӣ навишта шудааст, ёдовар мешавад.

Дар тақриз масъалаи забон ва услуби асар низ баррасӣ шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки забони «Одина» аз забони асарҳои қаблии адабиёти тоҷикӣ ба таври назаррас фарқ мекунад. Ба гуфтаи муаллиф, забони маъмулии адабии Эрон ва забони адабии тоҷикон шабоҳати зиёд доранд. Бо истинод ба В. Афанасев, муаллиф чунин иқтибос меорад: «Замоне, ки услубчиён (стилистон)-и Эрон дар Теҳрон ин қиссаро хонданд, онконро масаррат фаро гирифт ва гуфтанд, ки бояд адибони Эрон ба Тоҷикистон рафта, забони форсиро, ки он ҷо зебоии классикии дар Эрон талафшудаи худро ҳифз кардааст, биомӯзанд». Муаллиф ин баҳои мусбатро «фоли хайр» меномад.

Тақризи Раҳим Ҳошим яке аз муфассалтарин ва мукаммалтарин таҳлилҳо дар бораи «Одина» мебошад, ки дар он аҳаммияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва адабии асар, инчунин хусусиятҳои услубӣ ва забонии он баррасӣ шудаанд. Бо вуҷуди он ки баъдтар таҳқиқоти мукаммалтар ва васеътар дар бораи «Одина» ба миён омаданд, нақши тақризи мазкур ҳамчун яке аз аввалин таҳлилҳои муфассал ва низоми нақди адабии он замон ниҳоят муҳим арзёбӣ мешавад. Азбаски ин таҳқиқот ба алоқамандии адабиёти ду даҳсолаи аввали асри XX бо матбуоти тоҷик равона шудааст, дар доираи он танҳо асарҳои насрӣ ва нақди адабӣ, ки дар «Раҳбари дониш» нашр шудаанд, мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Маҷаллаи «Раҳбари дониш», дар баробари таъсиргузорӣ ба муҳити адабии дохилӣ, ба хориҷ низ паҳн мегардид. Ин раванд нишон медиҳад, ки адабиёт ва нақди адабии тоҷик на танҳо дар доираи маҳдуди миллӣ боқӣ намонда, балки дар

бедории шуури ҳамзабонони хориҷӣ низ нақши муайян доштааст. Мактуби хонандае аз Эрон, ки ба идораи маҷалла фиристода шудааст ва дар шумораи 11-12-и соли 1928 ба нашр расидааст, далели равшани ин нуктаро ифода мекунад.

Муаллифи мактуб, ки як зани эронӣ мебошад, пас аз мутолиаи тақризи Раҳим Ҳошим («Р. М.») дар бораи «Одина», бо муҳтавои асар ошно шудааст. Ӯ эътироф менамояд: «Ман он асарро надидаам. Вале ҳамон навиштаи шумо ба ман собит мекунад, ки тамоми омол ва орзуҳои меҳнаткашони Шарқ, хусусан форсизабонон, дар он ҷамъ хоҳад буд». Муаллиф таъсири эҳтимолии «Одина» ба бедории иҷтимоии занони эрониро таъкид намуда, менависад: «Агар чунин китоб ба дасти мо, занони эронӣ, меафтид, боиси бедорӣ ва озодии мо хоҳад буд». Ниҳоят, ӯ хоҳиши гирифтани нусхаи асарро иброз намуда, ба идораи маҷалла муроҷиат мекунад: «Барои ман ба даст овардани ин китоб дар Эрон хеле душвор аст. Ночор аз шумо, оре, шумо, ки барои бедории афкори заҳматкашони Шарқ ҷиддият ва фидокорӣ мекунед, интизор дорам, ки як нусхаи онро ҷиҳати ман ба Эрон ирсол доред, зеро ман ҳам хоҳари заҳматкаши шумо ҳастам … (баҳояшро пас аз вусул ирсол медорам, зеро ки аз қимати он бехабарам)». Муҳимияти ин мактуб дар он аст, ки он далели таъсиргузории фарҳанг ва адабиёти тоҷик ба муҳити хориҷӣ мебошад.

Муаллифони Шуравӣ, хусусан, ҳизбиён ва инқилобиён дар солҳои аввали ҳокимияти Шуравӣ, пайваста дар бораи нуфузи фарҳанг ва инқилоби Тоҷикистон ба ҷаҳони Шарқ сухан мегуфтанд. Гарчанде баъд аз соли 1929, ин мавзуъ дар доираҳои расмии ҳизбӣ ва сиёсӣ ба як андоза фаромӯш гардид, мактуби мазкур гувоҳи он аст, ки чунин таъсир воқеан вуҷуд дошт [328, с.101-102, 137-143].

Муҳаққиқ М. Раҷабӣ баъзе ҷиҳатҳои фаъолияти таҳририяи «Раҳбари дониш»-ро дар мавриди ташаккули нақди адабӣ ва ҷалби хонандагон ба ин ҷанбаҳои эҷодӣ ва таҳлилӣ нодуруст ва якҷониба арзёбӣ мекунад. Ба гуфтаи ӯ, дар шумораи аввали маҷалла, масъулин анъанаи нақди илмии китобҳо дар кишварҳои мутамаддинро ситоиш намуда, сипас рӯйхати 35 китоби тозанашри тоҷикиро ба хонандагон пешниҳод кардаанд. Муҳаққиқ ин амалро кори

бемуҳтаво ва камаҳаммият арзёбӣ менамояд. Аммо, бар асоси таҳлилҳои анҷомшуда, метавон ин иқдомро ҳамчун аввалин талош барои ҷалби хонандагон ба нақди адабӣ арзёбӣ кард.

Ҳамчунин, М. Раҷабӣ пешниҳоди мавзуъҳои асарҳои бадеӣ барои нависандагонро камэътибор медонад ва таъкид мекунад: «Чунон ки мебинем, танҳо мавзуъҳо таъйин шудаанд ва ҳамаи онҳо сирф сиёсиву иҷтимоӣ мебошанд» [318, с.135]. Вале таҳлили амиқи маводи шумораҳои охири солҳои бистум нишон медиҳад, ки:

1. Дар хабару мақолаҳо, ҳатто, дар эълонҳо, масъалаи тарзи навиштани мақола ва ҳикояҳо, забон ва услуби онҳо шарҳ дода шудааст.

2. Пешниҳоди мавзуъҳо ба талаботи замон мувофиқ буда, барои нависандагони тоҷик, ки дар он давра дар шароити ноустувор ва номуайян қарор доштанд, нақши роҳнамоӣ доштааст.

Ба андешаҳои М. Раҷабӣ дар мавриди он ки пеш аз инқилоб низ дар адабиётшиносии тоҷик нақди адабӣ вуҷуд дошт, метавон мувофиқат кард. Аммо бояд қайд намуд, ки нақди адабии фаврӣ, ки шакли рӯзномавӣ дошт, танҳо пас аз пайдоиши нашрияҳо ба вуҷуд омад. Муҳаққиқ нақши таърихии солҳои бистумро дар ташаккули нақди адабӣ мусбат арзёбӣ мекунад, зеро то он вақт на адибони ҷадид ва на адибоне, ки пас аз инқилоб фаъолият мекарданд, дар ин соҳа таҷрибаи кофӣ надоштанд. Ба гуфтаи ӯ: «Дар ҳар ҳол, солҳои 20-ум ташкили нақд аз сифр оғоз шуд» [318, с.136].

Дар солҳои 1927-1929, муҳаррири маҷаллаи «Раҳбари дониш» – Собит Манофзода, ба таври фаъол ба ташаккули нақди адабӣ машғул буд. Ӯ мақолаҳои зиёде дар бораи назария ва амалияи нақди адабӣ нашр намуд. Ҳамчунин, қисмат ва рубрикаҳои махсуси нақди адабиро ташкил кард, ки дар ташаккули таҳлили адабӣ дар Тоҷикистон нақши муассир бозид.

Яке аз иқдомҳои ҷиддии маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар самти таҳаввули нақди адабӣ мақолаи масъули маҷалла Собит Манофзода таҳти унвони «Инқилоби адабӣ» мебошад. Ин мақола, то андозае, дар илми адабиётшиносӣ ва

журналистика як навъ инқилоб ба ҳисоб меравад, зеро он бевосита ба ташаккули мавқеи назариявии нақди адабӣ дар Тоҷикистон мусоидат намудааст.

Муаллиф ҳадафи асосии мақоларо дар ҷумлаи нахустини он возеҳ баён менамояд: «Яке аз вазифаҳои бузурге, ки маҷаллаи мо ифои онро ба гардани худ гирифтааст, ҳамоно масъалаи тавлид кардани як инқилоби асрӣ дар адабиёти имрӯзаи тоҷик мебошад» [202, с.19]. Ин шиор минбаъд асоси фаъолияти аҳли адаб ва ташкилотҳои адабии ҷумҳурӣ қарор гирифта, нақши муҳими роҳнамоӣ дошт. Бо вуҷуди он ки муҳтавои мақола ба воқеияти ҳамон давра пайванд дорад, ҳадаф ва аҳаммияти он то имрӯз низ муҳокимашаванда боқӣ мондаанд. Муаллиф, аз як тараф, адабиёти чандинҳазорсолаи тоҷикро боиси ифтихор дониста, таъкид менамояд, ки он барои ҳар як тоҷик аз нигоҳи забон ва таърих аҳаммияти калон дорад. Аз тарафи дигар, ӯ тақлид ба адабиёти классикӣ-ро нодуруст арзёбӣ намуда, зарурати адабиёти нав-ро таъкид мекунад. Бо вуҷуди он ки бархе андешаҳои муаллиф дар мавриди сиёсӣ ва инқилобӣ будани адабиёт баҳсбарангез мебошанд, далелҳои ӯ дар бораи он ки ҳар шоири тавоно дар асри худ инқилобе ба вуҷуд овардааст, қобили қабул мебошанд.

Дар ин замина муаллиф мисоли Ҳаким Низомиро оварда, қайд мекунад, ки ӯ: «Шакл ва услуби махсуси «қонуни дидактик»-ро дар назми форсӣ ба вуҷуд оварда, ҳамеша аз тақлид ва пайравии афкори дигарон дурӣ ҷустааст ва мазмунҳои кӯҳнаро дар шеъри худ истифода накардааст».

Муаллиф ҳамчун далел шеъри Низомиро меорад:

Орияти касе напазируфтаам,
Онҷӣ дилам гуфт, бигӯ, гуфтаам… [202, с.19].

Ба назари С. Манофзода, Низомӣ на танҳо дар шеъри худ навовар буд, балки шоирони дигарро низ ба «инқилобчигии адабӣ» ташвиқ менамуд:

Магӯ он ки донӣ, пешина гуфт,
Ки бар дар нашояд ду сӯрох суфт… [202, с.19].

Муаллиф шароит ва омилҳои иҷтимоиро омили асосии тағйироти адабӣ ва адабиётшиносӣ медонад ва зикр мекунад: «Аҳволи иҷтимоӣ, вазъияти иқтисодӣ ва шароити зиндагии инсонҳо аср ба аср тағйир меёбад ва шоирону

нависандагони бузургро ба вуҷуд овардани ин инқилоб маҷбур мекунад» [202, с.20].

Ба мушоҳидаи Манофзода дар тӯли чор-панҷ аср дар аҳволи иҷтимоии кишвар тағйироти ҷиддӣ ба амал наомадааст. Танҳо даҳ сол мешавад, ки шароити иҷтимоӣ дигар шуда, Дар натиҷа адабиёти нав бояд ба вуҷуд ояд. Ӯ таъкид мекунад: «Ин зиндагии нав аз адабиёт ва нависандагони тоҷик фикрҳои нав, услуб ва тарзҳои нав, яъне «адабиёти нав» талаб мекунад». Аммо таҳлили таърихии таҳаввули адабиёти тоҷик нишон медиҳад, ки тағйироти мазмунӣ ва мундариҷавии адабиёт, махсусан шеър, аз оғози солҳои 1910 шурӯъ шуда, ба назар мерасад. Аз ҷумла, осори Фитрат ва маводи нашршуда дар «Бухорои шариф» пештар аз соли 1918 ба ин раванд замина гузошта буданд. Бо вуҷуди ин, фикри Манофзода, ки таҳаввули инқилобии адабиёт пас аз ташкили Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон оғоз ёфтааст, аз нигоҳи таърихӣ дуруст арзёбӣ мешавад.

Муаллиф инчунин зикр мекунад, ки: «Маҷалла вобаста ба талаботи нав минбаъд осори қаламии нависандагони ҷавонро аз нигоҳи усули нав ва адабиёти асрӣ танқид хоҳад намуд». Ин нукта нишон медиҳад, ки «Раҳбари дониш» нақши муҳимеро дар ташаккули нақди адабӣ ва таҳлили адабиёти нав мегузошт. Муаллиф дар мақола таъкид мекунад, ки талошҳо барои ворид намудани тағйирот дар мазмуни адабиёт аз даврони классикон оғоз ёфта буд. Ӯ дар ин замина зикр менамояд, ки барои рушди нақди адабӣ дар Тоҷикистон бояд мақолаҳои таҳлилӣ ва намунаҳои осори адабӣ нашр шаванд.

**Ба ин хотир, дар шумораи маҷалла:**

1. Ду порчанавишта (яке манзум ва дигаре ҳикоя) бетаҳрир ба чоп расид,
2. Барои адибон ва нақди адабӣ як заминаи нави таҳлилӣ фароҳам гардид [202, с.20].

Муҳим он аст, ки бори аввал дар таърихи матбуоти тоҷик истилоҳи «танқиднависон» истифода шудааст, ки асоси нақди адабӣ ба ҳисоб меравад. Дар воқеъ, баъд аз нашри ин мақола ва ҷой додани «ду порчанавишт», муаллиф ҳар як порчаи адабиро таҳлил намуда, ба бунёди нақди адабӣ замина гузоштааст. Ба ҳамин далел, муҳаққиқи соҳаи матбуоти маориф, М. Рустамзода, хулоса

мекунад, ки: «Дар он кӯшиш шудааст, ки чунин як жанри адабиётшиносӣ ба вуҷуд оварда шавад ва муаллифони дигар ба ин кор ҷалб гарданд» [328, с.161].

Бо мақсади дастгирии адибони ҷавон ва ҷалби онҳо ба фаъолияти эҷодӣ, дар шумораи дувуми маҷаллаи «Раҳбари дониш» бахши махсуси «Мавзуъҳои мо» таъсис дода шуд. Чунон ки зикр гардидааст, ин ташаббус мавриди интиқоди муҳаққиқ М. Раҷабӣ қарор гирифтааст. Маҷалла сабаби нашри ин бахшро чунин шарҳ додааст: «Барои он ки ҳаваскорони адабро дар атрофи ин маҷалла гирд оварем ва барои он ки дар санъати нависандагӣ ва адабиёт ба навқаламони тоҷик роҳнамоӣ карда бошем, инак, мавзуъҳои поёнро ба онҳо тақдим мекунем» [318, с.20].

**Дар доираи ин ташаббус рӯйхати мавзуъҳо бо ду бахш пешниҳод гардид:**

1. «Мавзуъҳои ҳикоявӣ»

   Масалан, «Раҳматуллоҳ-эшон зани чаҳорумиро чӣ тавр гирифт?»

2. «Мавзуъҳои назмӣ (шеър)»

   Масалан, «Тараннуми меҳнат»

Барои эҷоди осор дар мавзуъҳои пешниҳодшуда якуним моҳ муҳлат муқаррар гардида, ҳадафи аслии ин иқдом санҷиши сатҳи эҷодии навқаламон ва шиносоии онҳо бо муҳити адабӣ арзёбӣ мешуд. Дар натиҷа Ҷалол Икромӣ нахустин нависандае буд, ки дар доираи ин ташаббус ҳикояи худро бо мавзуи пешниҳодшуда навишта, ба маҷалла фиристод. Ҳикояи ӯ дар шумораи навбатии маҷалла нашр гардид. Таҷрибаи пешниҳоди мавзуъҳо ба адибон шояд дар таърихи адабиёти тоҷик беназир бошад, зеро он ба таври расмӣ барои ҳидоят ва ташаккули нависандагони ҷавон равона гардида буд. Бо вуҷуди ин, ин таҷриба минбаъд идома наёфт ва танҳо дар нашриятҳои муосир бо шакли дигар – чун озмунҳои адабӣ – ба назар мерасад. Илова бар ин, маҷалла бо як эълони махсус таҳти унвони «Ихтор» ба муаллифон дастур дода буд, ки: «Ҳарчи бо забони оммафаҳми тоҷикӣ» нависанд.

Аз шумораи аввалини соли 1928, дар «Раҳбари дониш» бахши нав бо номи «Қисми танқидӣ» таъсис ёфт, ки яке аз намунаҳои аввалини накди адабӣ дар таърихи адабиёт ва матбуоти тоҷик маҳсуб мешавад.

Аввалин матлаби интиқодӣ дар ин бахш мақолаи «Порчаҳои адабии мо» аз Собит Манофзода мебошад. Бо вуҷуди аҳаммияти ин икдом, муҳаққиқон на номи ин бахш ва на таърифи муфассали калимаи «танқид»-ро, ки дар мақолаи мазкур омадааст, ба таври кофӣ таҳлил накардаанд. Дар гӯшаи «Қисми танқидӣ», осори зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтанд:

- Шеърҳои адибони ҷавон, аз ҷумла, Ҷавҳарӣ, Пинадӯз, Алӣ Ҷавоҳиркалом
- Ҳикояи «Ширин»-и Ҷалол Икромӣ, ки дар ҳамон шумора нашр гардида буд.

Дар оғози мақола, ҳадафи ташкили ин бахш чунин таъриф шудааст: «Чанд вақт пеш мо дар мақолаи «Инқилоби адабӣ» (шумораи дуюми «Раҳбари дониш») навишта будем, ки яке аз вазифаҳои асосии маҷаллаи мо ин хоҳад буд, ки ба навқаламон ва шоирони ҷавони тоҷик ҳар хел роҳнамоӣ карда, осори қаламии онҳоро аз нуқтаи назари усули нав ва адабиёти асрӣ танқид намоем» [220, с.37]. Аз ин рӯ, аз ҳамин шумора сар карда, дар атрофи вазифаи мазкур (танқиди адабӣ) матолиб нашр карда мешаванд.

Мавзуи аввалине, ки дар бахши танқидӣ мавриди таҳлил қарор гирифт, маънои калимаи «танқид» буд. Тавре ки Собит Манофзода қайд мекунад, барои аксари навқаламон «танқид» мафҳуми норавшан дошт. Ӯ менависад: «Калимаи «танқид» ё «интиқод» дар байни тоҷикони мо то ҳадде, ки лозим аст, маънои воқеӣ ва аҳаммияти адабии худро нашиносонда, аз замони пеш ба таври ғайрисаҳеҳ машҳур шудааст. Имрӯз аксарияти навқаламони мо калимаи «танқид»-ро ба маънои «таҳқир» ё «тавбех» қабул мекунанд ва аз шунидани ин лафз саросема мешаванд» [220, с.37].

**Муаллиф сабаби пайдоиши чунин назариёти норавшанро чунин шарҳ медиҳад:**

1. Дар замонҳои пеш, шояд дар баъзе мавридҳо танқидҳо бо ғараз ва душманӣ навишта мешуданд, ки боиси шакл гирифтани тафсири манфии мафҳуми «танқид» гаштааст.

2. Дар муҳити адабӣ, танқид бештар бо ҳадафи ошкор кардани нуқсонҳои асар фаҳмида мешуд, ки дар натиҷа танқиди воқеӣ ҳамчун як шакли таҳлили адабӣ нодида гирифта мешуд.

Бо вуҷуди ин, Манофзода таъкид мекунад, ки нақди адабии муосир баръакси ин хоҳад буд. Вай менависад: «Минбаъд мулоҳизаҳое, ки дар қисми танқидӣ менависем, баръакси ин аст ва танҳо қимат ва моҳияти илмӣ, адабӣ ва иҷтимоии як асарро (ба таври беғаразона) нишон хоҳад дод» [220, с.37]. Аз ин рӯ, маводи аввалиндараҷаи бахши танқидӣ асарҳое мебошанд, ки дар ҳамон шумора нашр шудаанд, зеро: «Қисми адабии мо рағбати нависандагони тоҷикро бештар ҷалб карда, дар ин шумора ҳафт порчаи навиштаҳои манзум ва мансурро дар худ ҷой додааст».

Дар робита ба шеъри Ҷавҳарӣ «Баҳори дониш», мунаққидон таъкид кардаанд, ки «салосати баён ва матонати услуби шоир аз ҳамон матлаъ (байти аввал) барои ҳар хонанда маълум мешавад». Шеър бо чунин мисраъҳо оғоз меёбад:

Навбаҳори хурамиҳо, яъне айёми шабоб,
Дафтари гул дар бағал дорад зи авроқи китоб [220, с.37].

Муаллиф Ҷавҳариро «яке аз устодони куҳансоли шеъри тоҷикӣ дар Осиёи Миёна» номида, ҳамзамон қайд мекунад, ки ӯ бештар ба забон ва услуби шоирони пешин тақлид намуда, дар ин раванд ба зиёдаравӣ роҳ додааст. Аз нигоҳи танқидӣ, адабиёти ҳар халқ марҳилаҳои мухталифро паси сар менамояд, ки яке аз онҳо адабиёти классикӣ аст. Манофзода ин навъи адабиётро «адабиёти девонӣ» унвон дода, таъкид мекунад, ки шоирони классик дар ин услуб бо маҳорати баланд эҷод кардаанд ва такрори онҳо зарурат надорад.

Норасоии асосии Ҷавҳарӣ инъикоси такрории қолабҳои услубии классикӣ дониста шудааст. Бо истифода аз тамсил ва танз, мунаққид кӯшиш мекунад, ки хонанда ба осонӣ мафҳуми матни шоирро дарк намояд. Ӯ менависад: «Баъди

хондани шеър, тасвири зебои табиат ва зиндагии хуш пеши назар меояд, аммо якбора дар муқобили ин ҳама зебоӣ як нафар одаме мебарояд, ки «ҷомаҳои дароз ва пашмине бар тан дорад, як пӯстини зимистонӣ ҳам аз болои онҳо пӯшида, сар, рӯй ва гардани худро маҳкам печидааст» [220, с.38].

Мунаққид бо эҳтиром ва самимият ба Ҷавҳарӣ дар интихоби мавзуъ ва тарзи тасвир пешниҳодҳо ироа кардааст, ки метавонад барои таҳкими шеваи эҷодии шоир муфид бошад.

Дар асоси равобити фарҳангӣ ва адабӣ байни матбуоти тоҷик ва кишварҳои ҳамзабон, аз Эрон Алӣ Ҷавоҳиркалом як намунаи шеъри худро ба маҷалла фиристодааст. Мунаққид Собит Манофзода нашри ин гуна осорро истиқбол карда, менависад: «Мо ҳама вақт асарҳои расидаи нависандагони Эронро дар матбуоти тоҷикии Осиёи Миёна бо шодӣ ва хурсандии тамом истиқбол мекунем ва ҳамеша орзу дорем, ки намунаҳои бадеии удабои он сарзаминро, ки тарҷумони ҳиссиёти ранҷбарони Эрон бошад, бишнавем ё бихонем» [220, с.38]. Бо вуҷуди ин, мунаққид манзумаи мазкурро бодиққат таҳлил намуда, дар мавриди таҷассумсозии мафҳуми «ҳақиқат» эрод мегирад. Ба андешаи ӯ, шарҳи шоир дар бораи ҳақиқат дар симои як пири афтода бо тафсири иҷтимоии замони муосир мутобиқат надорад. Мунаққид менависад: «Эрони имрӯз «ҳақиқат»-ро дигар дар «чеҳраҳои нуронӣ» ва «дасторҳои сафед» набояд бубинад». «Ҳақиқат»-ро, ба андешаи мунаққид, бояд «дар чеҳраҳои сӯхта ва сиёҳшудаи деҳқонони эронӣ» ҷуст.

Аз оҳанги андешаҳои мунаққид даъват ба инқилоб ва мубориза шунида мешавад. Ба таври мулоим, мунаққид ба Алӣ Ҷавоҳиркалом мурочиат карда, ӯро даъват менамояд, ки мазмуни шеъри худро бо воқеияти замони муосир ҳамоҳанг созад. Ӯ чунин қайд мекунад: «Худи рафиқ Алӣ Ҷавоҳир ҳам тасдиқ хоҳанд кард, ки аз ин байт бо чӣ шиддат бӯи навҳа ва марсиянависӣ меравад ва чӣ андоза ба завқи адабии имрӯза бегона аст» [220, с.38].

Дар маҷалла шеърҳои шоири халқӣ Пинадӯз низ нашр гардидаанд. Дар тавсифи ӯ мунаққид менависад: «Аз даруни синфи заҳматкаш расида ва бо саводи бисёр кам ба майдони адабиёт қадам мондааст. «Пинадӯз» ҳақиқатан дар

кӯчаҳои Бухоро пинадӯзӣ мекунад» [206, с.39]. Бо таваҷҷуҳ ба табақаи иҷтимоии шоир, Манофзода чунин хулоса мекунад: «Матбуоти мо бояд аз ин хел ҳаваскорон қадрдонӣ кунад ва онҳоро мувофиқи шароити имрӯзаи адабӣ тарбия намояд» [220, с.39].

Дар робита ба хусусиятҳои услубии шеъри Пинадӯз, мунаққид чунин назар додааст:

1. «Услуби шеъри Пинадӯз бисёр сода ва тарзи ифодааш умуман луч, урён ва ба иборати дигар, пӯстканда аст».

2. Дар эҷодиёти ӯ таъсири амиқи шеъри Лоҳутӣ ба назар мерасад, вале ӯ аз санъати адабии Лоҳутӣ ба таври комил истифода накардааст [220, с.39].

Шеъре, ки Пинадӯз бо унвони «Ба шарафи «Раҳбари дониш» пешниҳод кардааст, мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтааст. Бо истинод ба осори қаблии Пинадӯз, ки дар маҷаллаҳои «Шуълаи инқилоб» ва «Бедории тоҷик» нашр гардида буданд, Манофзода баҳои додашуда ба осори ӯро воқеӣ медонад ва ба хулосае меояд, ки сатҳи эҷодии шоир ба таври назаррас рушд накардааст.

Собит Манофзода дар идомаи таҳлили адабии худ масъалаи адабиёти кӯдакро ҳамчун шохаи нав дар насри навини тоҷик мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи ӯ, ин соҳа дар аввали садаи XX дар насри тоҷик ҳанӯз рушд наёфта буд ва дар таҳаввули минбаъдаи он нақши муҳим дошт. Бори аввал шеърҳои бачагона таҳти унвони «Манзумаҳои Тирамоҳ» ва «Зимистон», ки муаллифи онҳо бо ҳарфи ихтисории «М.» ишора шудааст, дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» чоп гардиданд.

Мунаққид қайд мекунад, ки ин манзумаҳо бо шакл ва услуби навини худ дар мавриди ташаккули «адабиёти кӯдакон» мавқеи шоиста доранд. Ҳарчанд ки чунин шеърҳои бачагона дар адабиёти тоҷик таҷрибавӣ ба ҳисоб мераванд, онҳо равон ва хонданбоб буда, метавонанд дар ташаккули ин соҳа саҳм гузоранд.

Мисол:

Ҳаво меборад,
Шамол ҳам дорад:
Абр дар замин,

Дона мекорад [220, с.39].

Ин мисраъҳо бо забони сода ва образҳои возеҳ эҷод гардидаанд, ки хоси шеъри кӯдакона мебошад.

Дар идомаи таҳқиқоти худ Собит Манофзода бештар ба асарҳои насрие таваҷҷуҳ намудааст, ки дар адабиёти тоҷик шаклу услуби хос пайдо мекарданд. Мунаққид таъкид кардааст, ки дар шумораи мазкур бори аввал асари насрие ба табъ расид, ки жанри «ҳикоя»-ро дошт.

Дар робита ба муаллифи ҳикояи «Ширин», Манофзода бо эҳтиром сухан ронда, қайд кардааст: «Рафиқ Икромӣ аз ҳаваскорони ҷавони тоҷик ҳастанд» [220, с.40]. Бо баррасии ҳикоя, мунаққид ба тавсифи умумии «санъати ҳикоя» низ ишора намуда, зикр мекунад, ки он давраҳои такомули худро гузаронидааст. Манофзода қабули равияҳои гуногун дар ҳикоянависиро дар таҳаввули адабиёт таъкид намуда, зикр кардааст, ки дар асри ёздаҳум дар Аврупо ҳикоя дар қолаби романтизм рушд кардааст. Ба андешаи ӯ, ин равия «услуби хаёлӣ» буд, ки он воқеаҳо, шахсиятҳо ва тасвирҳои табиатро мувофиқи хаёлот ва орзуҳои муаллиф эҷод менамуд.

Мунаққид чунин равияро ба танқид кашида, зикр мекунад, ки он чандон ба воқеият мувофиқ набуд, зеро ба заруратҳои моддии ҳаёт ва шароити табиӣ таваҷҷуҳи кофӣ намекард. Ба ақидаи муаллиф, бо пешрафти илм ва техника, инчунин густариши таҳқиқоти илмҳои бунёдӣ, романтизм мавқеи худро ба натурализм ва реализми иҷтимоӣ дод. Манофзода зикр мекунад, ки ин мафҳумҳо минбаъд бояд мавриди таҳқиқи амиқтар қарор гиранд ва барои шарҳи пурраи онҳо мақолаи алоҳида навишта шавад.

Дар робита ба равияи ҳикоянависии Ҷалол Икромӣ, мунаққид ба гароиши ӯ ба реализм ишора кардааст. Мунаққид яке аз порчаҳои ҳикояро иқтибос оварда, он ро мавриди таҳлил қарор додааст: «Ширин шонздаҳсола як духтар, бо чашми сиёҳ, шӯх, ҷозибадор, бо мӯйи сиёҳи шабмонанд, бо рӯйи чун моҳи фархунда ва бо лаби ширин шакарханди худ мисли як малаке, ки дар ҳикоятҳои хаёлӣ (?! - ишора аз Манофзода) шунидаед, ба назар ҷилва менамуд» [220, с.40].

Мунаққид тасвирҳои романтикии ҳикояро ба баррасӣ гирифта, суоли муҳимеро матраҳ кардааст: «Вақте ки мо ашхоси ҳикояро тасвир мекунем, оё сачияи синфӣ ва эҷоботи иҷтимоии онҳоро бояд ба ҳисоб гирем ё не?» [220, с.40]. Ин масъала, ки ҷойгоҳи синфият дар ҳикоянависӣ ва нақди адабӣ мебошад, дар он давра ба таври назаррас матраҳ буд.

Ба ақидаи мунаққид, дар насри навин мафҳумҳои синфӣ бояд мавқеи марказӣ дошта бошанд, ки ин бо усули танқиди иҷтимоии Шуравӣ мутобиқат дошт. Манофзода ҳамчунин ба чанд ҷиҳати дигари ҳикоя таваҷҷуҳ намуда, суол гузоштааст:

1. Оё деҳқондухтаре мисли Ширин воқеан «бозувони сафед» дошт?

2. То чӣ андоза тасвири Ширин бо воқеияти иҷтимоии замон мутобиқат мекунад?

3. Оё озодшавии осони Ширин аз дасти босмачиён як тасвири воқеист ё ғаразнок?

Инчунин, мунаққид истифодаи калимаҳои лаҳҷавии бухороиро дар ҳикоя номувофиқ дониста, онҳоро аз камбудиҳои забонии ҳикоя арзёбӣ кардааст.

Бо ҳадафи такмили эҷодиёти нависанда, мунаққид тавсия додааст: «Аввалан, аз ҳикояҳо ва романҳои устодони машҳури реалист ва натуралист ҳар қадар ки мумкин аст ба даст оварда мутолиа кунанд ва ҷараёни воқеаро, ки дар он ҷо ба тарзҳои табиӣ тасвир карда шудааст, таҳқиқ ва муҳокима намоянд» [220, с.41]. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки дар тасвирҳои бадеии Ҷалол Икромӣ таъсири осори Садриддин Айнӣ (махсусан «Одина») баръало мушоҳида мешавад, гарчанде ки Манофзода ба ин нукта ишора накардааст. Баробари ин, дар ҳикоя истифодаи тасвирҳои нави бадеӣ, ки ба худи нависанда тааллуқ доранд, ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад.

Дар анҷоми баррасии ҳикояи «Ширин», С. Манофзода бо эҳтиром ва муносибати ҳавасмандкунанда ба нависанда Ҷалол Икромӣ маслиҳат додааст, ки аз танқидҳои беғаразона ва воқеӣ рӯҳафтода нашавад, балки ба фаъолиятҳои эҷодӣ идома диҳад. Мунаққид ишора мекунад, ки хатоӣ на танҳо дар осори навқаламони ҳаваскор, балки дар эҷодиёти устодони адабиёт низ ба назар

мерасад. Бо вуҷуди ин маслиҳатҳои бародарона, Ҷалол Икромӣ ором нагирифта, ба баъзе эродҳои мунаққид ҷавоби худ навишт. Ин посух дар шумораи №3, соли 1928-и «Раҳбари дониш» дар зери рубрикаи «Ба мо менависанд» бо унвони «Ҷавоб ва эзоҳ» ба нашр расид.

Дар ибтидо муаллифи ҳикоя иқрор мешавад, ки эроди мунаққид дар бораи ғайритабиӣ будани ҳусну ҷамоли Ширин асоснок аст. Ӯ изҳор мекунад, ки минбаъд ин нуктаро ҳамчун «сармашқи таҳрироти худ» қабул хоҳад кард [166, с.34-35]. Аммо дар масъалаи ғайритабиӣ будани халосии духтари 16-сола аз дасти босмачиён, ки мунаққид онро ғайривоқеӣ арзёбӣ карда буд, нависанда ба он ҳамчун воқеаи таърихӣ истинод меорад.

Икромӣ зикр мекунад, ки ҳодисаи мазкур воқеан дар соли 1925 дар Бухоро рух додааст, ки дар он Аъзамхӯҷа ба ҳамин тарз дастгир шуда буд. Ба гуфтаи ӯ, ин ҳодиса бо тамоми ҷузъиёташ дар рӯзномаи «Озод Бухоро» нашр гардида буд, гарчанде ки шумораи дақиқи рӯзнома дар ёдаш намондааст. Илова бар ин, на танҳо ба матбуоти даврӣ, балки ба гувоҳии шоҳидони воқеа, яъне деҳқонони он замон, истинод мекунад.

Дар мавриди истифодаи баъзе калимаҳои лаҳҷавӣ, нависанда эроди мунаққидро қабул надошта, дар тасвири реалистии муҳити Бухоро муфид будани онҳоро таъкид кардааст.

Идораи маҷаллаи «Раҳбари дониш», ки баҳси мазкур дар саҳифаҳои он сурат гирифта буд, ба оҳанги суботкорона ва созишгаронаи муколама ишора кардааст. Дар посухи худ, нашрия изҳор дошт, ки мақсад ва нияти онҳо холисона буда, баҳсҳо ва танқидҳо ба бедор кардани афкори мардум ва рушди адабиёт нигаронда шудаанд.

Таҳлилҳои баъдӣ нишон медиҳанд, ки чанд сол пас, нависандаи бузург Ҷалол Икромӣ ин эродҳоро ба назар гирифта, дар асарҳои минбаъдаи худ онҳоро ислоҳ намудааст.

Муҳаққиқ М. Раҷабӣ ба ингуна муколамаҳо таваҷҷуҳ намуда, қайд кардааст, ки онҳо дар муҳити фарҳангии солҳои 1920 хеле ривоҷ ёфта буданд. Ӯ таъкид мекунад, ки дар ин давра на танҳо нақди адабӣ, балки жанри наве дар

фарҳанги Шуравии тоҷик, ки мубоҳисаҳои адабӣ буд, ташаккул ёфт. Ба андешаи ӯ, мубоҳисаи адабӣ ҳамчун як падидаи тоза дар матбуоти тоҷик зуҳур кард, ки барои ташаккули назарияи нақди адабӣ ва таҳкими мубоҳисаи илмӣ саҳми назаррас дошт [318, с.137-138].

Дар робита ба мафҳуми «мубоҳиса», муҳаққиқ қайд мекунад, ки ин мафҳум дар рӯзномаи «Бухорои шариф» низ истифода шуда буд, аммо он таъсири мустақим аз матбуоти Шарқи хориҷӣ дошт. Ба гуфтаи ӯ, дар рӯзномаи мазкур мубоҳиса бештар ба маънои «шеъри мубоҳисавӣ» истифода мешуд, ки бо шакли баҳсҳои матбуотии минбаъдаи тоҷик фарқи аслӣ дошт. Яке аз хулосаҳои муҳими М. Раҷабӣ ин аст, ки нақди адабии солҳои 1920 на танҳо аз анъанаҳои маҳаллӣ, балки аз фалсафа ва назарияҳои адабии Аврупо таъсир гирифтааст. Махсусияти дигари ин давра, ба андешаи ӯ, пайдоиши истилоҳоти илмии нави аврупоӣ дар адабиётшиносии тоҷик мебошад.

Собит Манофзода минбаъд дар мақолаҳои худ барои аввалин бор истилоҳоте чун реализм, классисизм ва натурализмро ба кор бурда, онҳоро бо равиши илмӣ тавзеҳ додааст. Ба ин васила, илми адабиётшиносии тоҷик ба сӯи як низоми таҳлилӣ ва илмӣ ҳаракат мекард, ки он асоси нақди адабӣ дар солҳои минбаъда гардид.

Мисол: «Даромадани босмачиён ба ҳавлӣ обе буд, ки ба деги ҷӯшони суҳбати духтарон ва келинчакон рехт, ё оташе буд, ки хирмани хурсандии ин бегуноҳонро сӯхт ва ё боди хазоне буд, ки як чаман гули навшукуфтаро якбора несту нобуд кард».

Чунин тасвирҳо дар насри он давра бори аввал истифода шудаанд ва нишон медиҳанд, ки Икромӣ ҳамчун нависанда кӯшиши ҷорӣ намудани унсурҳои бадеии тоза кардааст. Мунаққид метавонист масъалаи ба осонӣ ҳал шудани мушкилот дар ҳикоя ва якбора тарафдори ҳукумати Шуро гардидани Ширинро низ мавриди таҳлил қарор диҳад. Аммо, бо дарназардошти он ки «Ширин» нахустин ҳикояи нависандаи ҷавон буд, мунаққид ба таҳлили сабкии он ифоқа намудааст, то равандҳои такомули эҷодии нависандаро таҳким бахшад.

Дар нимсолаи дувуми соли 1929, вақте ки мазмуни маҷаллаи «Раҳбари дониш» тағйир ёфт, дар шумораи №12 мақолаи танқидии Ҷалол Икромӣ бо унвони «Назаре ба «Намунаи адабиёти тоҷик» нашр гардид. Муаллиф бо сабабҳои то ҳол номаълум ба мавҷи зидди Садриддин Айнӣ ҳамроҳ шуда, асари «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба танқиди шадид кашид. Ин рӯйдод, ки як амали таассуфангез аз ҷониби Икромӣ арзёбӣ мешавад, то кунун ҳамчун муаммои нокушуда боқӣ мондааст.

Муҳаққиқ Субҳон Аъзамов низ мақолаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, таъкид кардааст, ки он «чандин муаммо дар таърихи нақди адабӣ» ба вуҷуд овардааст, аммо худи ӯ низ дар ин бора ба як хулосаи қатъӣ нарасидааст [521, с.243]. Муҳим он аст, ки мақолаи мазкур дар замоне ба нашр расид, ки ҳикояҳои пайдарпайи Ҷ. Икромӣ дар маҷалла бо кумаки мустақими Садриддин Айнӣ чоп мешуданд. Ҳайратовар он аст, ки чаро Икромӣ алайҳи устоди худ, ки он замон таҳти фишор ва ҳамлаҳои сахти мухолифон қарор дошт, баромад кард. Дар ҳамон солҳо, китобҳои Садриддин Айнӣ аз мағозаҳо ва китобхонаҳо гирифта мешуданд ва сӯзонида мешуданд.

Дар мақола Икромӣ қайд мекунад, ки танҳо таърифҳои зиёде дар бораи «Намунаи адабиёти тоҷик» нашр шудаанд. Ӯ, махсусан, ба мақолаи Сарвар дар «Бедории тоҷик» ишора карда, чунин изҳори назар мекунад: «Таърифкунандагонро лозим буд, ки қадаре ҳам танқид кунанд» [167, с.22].

Дар пойнависи мақола аз номи идораи маҷалла зикр шудааст, ки дар рӯзномаи «Овози тоҷик» мақолаҳои танқидии Азизӣ низ дар бораи «Намунаи адабиёти тоҷик» чоп шудаанд. Аммо ба назар мерасад, ки муаллифи мақола аз он мақолаҳо огоҳ набуд [167, с.22].

Икромӣ дар таҳлили худ кӯшиш мекунад, ки гуноҳи сиёсӣ дар осори Садриддин Айнӣ пайдо кунад. Ӯ ба порчае аз ашъори Рӯдакӣ, ки бо мисраи «Зи омада шодмон бояд буд» оғоз мешавад, истинод намуда, онро барои муборизаи синфии ҷавонони он замон номувофиқ меҳисобад. Муаллиф дар баробари танқиди бадеӣ, Айниро ба подшоҳпарастӣ муттаҳам менамояд.

Икромӣ ишора мекунад, ки ба таври ғайримустақим нисбат ба ӯзбекон мавқеи душманона гирифта шудааст. Ӯ далел меорад, ки Айнӣ дар китоби худ поймол шудани ҳавлии Шавкати Бухороиро аз тарафи ӯзбекони саҳроӣ зикр кардааст, ки ин метавонад як нишони душманӣ бошад.

Танқиди асосии мунаққид ба ҳаҷм ва теъдоди нашри китоб дахл дорад. Ӯ таъкид мекунад, ки «агар тамоми босаводони тоҷикро ҳисоб кунем, панҷсад нафар намерасад, аммо ин китоб панҷ ҳазор нусха нашр шудааст» [167, с.23].

Ниҳоят, хулосаҳои асосии танқиди Икромӣ чунин оварда шудаанд: «Мешавад гуфт, ки китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» дорои айбҳои зайл аст: 1 – аз рӯйи назарияи синфӣ ҷамъ нашудааст; 2 – барои кӣ навишта шуданаш дуруст маълум нест; 3 – ашъори шоирон аз рӯйи талаби имрӯз ташреҳ карда нашудааст; 4 – барои кӣ муфид ва барои кӣ музир аст, маълум нест; 5 – аз рӯйи назарияи ранҷбарӣ дар хусуси шоирҳо фикрҳо ронда нашудааст; 6 – ашъори кӯҳнаро, ки навиштаанд, бо ашъорҳои имрӯза муқоиса накарда, тараққиро насанҷида, сабаби онро нишон нadодаанд. Рафиқ Садриддин… бояд камбудиҳои китобашонро ислоҳ кунанд» [167, с.24].

Дар поёни мақола, аз номи идораи маҷаллаи «Раҳбари дониш» чунин изҳор гардидааст: «Мо «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро як асари беайб намедонем, вале ба баъзе қисмҳои танқидии ин мақола ҳам ҳамроҳ шуда наметавонем» [167, с.24]. Баррасии сабк ва забони мақола дар муқоиса бо осори маълуми Аббос Алиев, ки баъзан муаллифиятро ба ӯ нисбат медиҳанд, нишон медиҳад, ки услуб ва забони мақола ба худи Ҷалол Икромӣ наздиктар аст. Ин маънои онро дорад, ки мумкин аст мақола аз тарафи худи Икромӣ навишта шуда бошад, на аз номи шахси дигар. Бо вуҷуди ин, эҳтимоли он, ки мақолаи мазкур таҳти таъсири шахсони дигар ё супориши сиёсӣ навишта шудааст, комилан рад карда намешавад.

Ба гуфтаи Муҳаммадҷон Шакурӣ, мақолаи мазкур намунаи барҷастаи «нестангории таърихӣ (ниҳилизм)», «маънавиятситезӣ ва атеизми давлатӣ», «синфиятҷӯйӣ ва иҷтимоиётгароии дурушт (сотсиологизми вулгар)» мебошад [490, с.252]. Маҳз ҳамин равандҳо, ки дар замони Шуравӣ ривоҷ ёфта буданд, ба сарнавишти зиёиёни илмӣ, фарҳангӣ ва адабӣ мушкилоти ҷиддӣ оварданд.

Дар баробари бахши «Қисми танқидӣ», ки ба масъалаҳои умумии адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ бахшида шуда буд, дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» рубрикаи «Таҳқиқоти адабӣ» низ аз аввали соли 1928 мунтазам нашр мегардид. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки маводи ин қисматҳо дар саҳифаҳои аввал ва пас аз мақолаҳои иҷтимоӣ ба табъ мерасид. Аз ҷумла, дар шумораи 3 (марти 1928) таҳти ин рубрика мақолаи Абдурауф Фитрат бо номи «Сайфи Исфарангӣ» нашр гардид. Мақолаи мазкур яке аз таҳқиқоти илмии мукаммал буда, ба қасида ва таърихи ин жанр дар адабиёти форсӣ дахл дошт.

Муаллиф дар оғоз суоле мегузорад:

Аввалин касе, ки ба забони форсӣ қасида гуфтааст, кӣ буд?

Сипас, ба далелҳои таърихӣ такя намуда, менависад, ки аввалин қасидаро дар забони форсӣ Абулаббоси Марвазӣ дар замони ҳукуматдории Маъмун (803 милодӣ) сурудааст. Дар таҳлили хеш, Фитрат ба сарчашмаҳои таърихӣ муроҷиат намуда, Сайфи Исфарангиро яке аз қасидасароёни барҷастаи форсӣ арзёбӣ мекунад. Бо вуҷуди он ки мақолаи мазкур дорои арзиши баланди илмӣ аст, муҳаққиқони адабиётшиносӣ онро ба таври кофӣ мавриди таҳлил ва баҳогузорӣ қарор надодаанд.

Дар ҳамин шумора таҳти рубрикаи «Китобиёт» бо имзои «Д.И.» мақолаи «Чанд калима дар бораи «Алифбои осон» ба нашр расидааст. Дар таваҷҷуҳи муҳаррирон зикр гардидааст, ки ба забони тоҷикӣ чанд навъи алифбо вуҷуд дорад ва ҳар яке аз онҳо дорои бурду бохтҳои хос мебошад, ки бояд таҳлил гардад.

Маҷалла ният дошт, ки дар оянда оид ба ҳамаи онҳо мақолаҳои таҳлилӣ ва танқидӣ ба нашр расонад, вале ин ният амалӣ нашуд. Сабаби асосии иҷро нагардидани чунин нақшаи муҳими таҳқиқотӣ, тағйири сиёсати маҷалла дар нимсолаи дувуми соли 1929 буд. Бо вуҷуди он ки масъалаҳои адабӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва худшиносӣ қаблан мавқеи муҳим доштанд, маҷалла ба мавзуъҳои кишоварзӣ ва иқтисодӣ рӯй овард, ки масоҳати бахшҳои илмӣ-адабӣ маҳдуд гардид.

Дар рубрикаи «Таҳқиқоти адабӣ», ки то соли 1929 фаъол буд, мақолаҳои зиёди таҳқиқотӣ ба табъ расиданд.

Аз ҷумла:

1. Садриддин Айнӣ – «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ»
2. М. Мусавӣ – «Максим Горкий»
3. Т. Зеҳнӣ – «Адабиёти халқ»
4. Мирзо Муҳсин – «Аз таърихи адабиёти форс, муқоисаи адабиёти турк ва форс»
5. Хоннис Шилд – «Дар бораи забонҳои кӯҳистонии Тоҷикистон»

Ҳамчунин, дар маҷалла маълумот оид ба як китоби нодир аз китобхонаҳои «Урхония»-и шаҳри Бурсаи Туркия нашр шудааст. Китоби мазкур дар бораи ҳукмронии шоҳони Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр, инчунин вазъи адабӣ ва фарҳангии он давра маълумоти гаронбаҳо дар бар дошт. Феҳристи пурраи ин китоб дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» нашр гардида буд.

Дар шумораи №5-6 (1929), ки пас аз тағйироти муҳими сиёсати маҷалла ба табъ расид, ҳамчун яке аз сабабҳои иваз шудани муҳтаво камбудиҳо дар соҳаи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ зикр гардиданд. Дар сармақолаи маҷалла чунин омадааст: «Вақте ки қисми адабии шумораҳои журнолро аз назар мегузаронем, мебинем, ки дар ин хусус аз тарафи идора ҳеҷ як роҳбарӣ карда нашудааст…» Ба таъкиди муаллифон, тавассути нақду таҳлил ва роҳнамоии илмӣ метавон буд, ки завқи бадеӣ ва услуби санъатии навқаламони тоҷикро такмил дод. Бо вуҷуди чунин изҳороти расмӣ, бояд қайд кард, ки маҷалла қаблан низ роҳнамоиҳои назаррас анҷом дода буд.

Дар айбномае, ки ба муҳаррирони қаблии маҷалла равона гардидааст, зикр шудааст, ки: «Қисми «Таҳқиқоти адабӣ» дар шумораҳои соли дуюми «Раҳбари дониш» аслан дида намешавад». Аммо ин даъво ба воқеият мувофиқат надорад, зеро бештари мақолаҳои таҳқиқотии муҳими маҷалла маҳз дар ҳамин давра нашр гардида буданд.

Новобаста ба танқидҳое, ки дар шумораи 5-6, соли 1929 нисбат ба муҳтавои маҷалла баён гардида буданд, метавон гуфт, ки аз соли 1928 то

нимсолаи аввали соли 1929 «Раҳбари дониш» ба як нашрияи бадеӣ-адабиётшиносӣ ва таълимӣ-таарбиявӣ табдил ёфта буд.

Маҷалла на танҳо ба масъалаҳои таҳқиқотӣ ва нақди адабӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекард, балки тавассути рубрикаҳои махсус алоқаи мустақим бо адибон ва журналистон барқарор намуда буд. Дар саҳифаи махсус бо муаллифон муросилот анҷом дода, сабабҳои чоп нашудан ва мӯҳлати интишори осорашонро хабар медоданд. Ба ин монанд, гӯшаи «Қуттии почта», ки қариб дар ҳар шумора нашр мегардид, хонандагонро аз вазъи баррасии матолиби бадеии онҳо огоҳ мекард. Ҳамин тариқ, алоқаи маҷалла бо муаллифон дар сатҳи баланди касбӣ ба роҳ монда шуда буд.

Дар яке аз шумораҳои аввали соли 1929, таҳти унвони «Дар атрофи як масъалаи муҳим», эълоне нашр шуд, ки ҳадафи он баланд бардоштани сатҳи бадеии асарҳои ирсолшуда ва ташвиқи адибон ба такмили маҳорати эҷодӣ буд. Дар хабаре дигар, оид ба сифати матолиби навқаламон изҳори назар гардида, ба онҳо маслиҳатҳои муфид пешниҳод шудааст. Ба хусус, идораи маҷалла дар шаҳри Хуҷанд пешниҳодеро матраҳ намуд, ки аз ҷиҳати татбиқи амалӣ арзиши баланд дошт: «Шӯъбаи адабии клуби марказии Хуҷанд рӯзномаи адабии деворӣ нашр намояд ва ҷавонони соҳибқалами тоҷикро гирди он муттаҳид созад».

Барои ҷалби бештари навқаламон ба нависандагӣ, дар ин рӯзнома ҳикояҳои кӯтоҳ ва шеърҳо, новобаста аз он ки дорои арзиши баланди адабӣ бошанд ё не, нашр мегардиданд. Мақсад, ташаккули шавқу завқи адабӣ ва рушду такомул дар миёни адибони ҷавон буд. Маҷалла иттилоъ дод, ки чунин тадбир метавонад дар дигар шаҳрҳо, аз ҷумла Самарқанд, Бухоро, Ӯротеппа ва минтақаҳои дигар низ роҳандозӣ шавад.

Дар соли 1929, бо вуҷуди коҳиши фаъолияти нақди адабӣ дар «Раҳбари дониш», аз соли 1930 ин равия комилан хусусияти нав пайдо кард. Акнун танқиди адабӣ пурра хусусияти сиёсӣ гирифта, ба шакли ҷангҷӯёна ва душманҷӯёна табдил ёфт, ки ин раванд алоқамандии бевосита бо мавзуи мавриди баррасии мо надорад.

Тарҷумаи осори бадеӣ, ки аз нашрияи «Бухорои шариф» оғоз гардида буд, дар «Раҳбари дониш» низ идома ёфт. Дар ин маҷалла на танҳо фарогирии асарҳои тарҷумашаванда, балки забон ва услуби тарҷума низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Яке аз асарҳои аввалини тарҷумашуда дар маҷалла ҳикояи нависандаи ҳиндӣ Робиндранат Тагор бо номи «Як шаби босаодат» буд. С. Манофзода дар мавриди ин ҳикоя изҳори назар намуда, яке аз хусусиятҳои андешаҳои муаллифро дар он мебинад, ки: «Робиндранат Тагор дар бораи маданият ва тараққиёти техникии замони муосир назари манфӣ дошта, саодати дунёи Шаркро на дар омӯхтани фанҳо ва маданияти Аврупо, балки дар эҳёи суннатҳои гузаштагони худ мебинад». Ба андешаи ӯ, Тагор дар асараш бештар ба романтизми Шаркӣ такя намуда, мазмун ва муҳтавои худро дар қолаби афкори суннатгароёна ифода кардааст. Бо вуҷуди арзиши адабии ҳикоя, мунаққид аз тарҷумаи он изҳори норозигӣ карда, зикр намудааст, ки: «Тарҷума аз лиҳози забонӣ ва шакли баёни ҷумлаҳо моро комилан қаноат намекунад».

Ӯ мисол овардааст, ки дар як ҷумла мутарҷим калимаи «дил» («дилам»)-ро панҷ маротиба истифода кардааст, ки боиси такрор ва коҳиши ҷаззобияти услубӣ гардидааст. С. Манофзода изҳори умедворӣ мекунад, ки мутарҷим ҳангоми тарҷумаи қисмҳои боқимондаи ҳикоя ин норасоиро ба назар хоҳад гирифт.

Дар шумораи 8-9-и соли 1928 дар қисмати «Таҳқиқоти адабӣ» мақолаи таҳлилӣ ва густурдаи Собит Манофзода таҳти унвони «Лев Николаевич Толстой» ба нашр расидааст. Дар баробари ин, достони Толстой «Як шудан лозим аст» дар тарҷумаи «Р. М.», инчунин мақолаи муфассали М. М. Иброҳимӣ «Адабиёт ва санъат дар партави марксизм» дар маҷалла ҷой дода шудаанд.

Мақолаи С. Манофзода ба садсолагии Лев Толстой бахшида шуда, ба шахсият, ҳаёти адабӣ ва ҷаҳонбинии ин нависандаи бузург рӯшанӣ меандозад. Дар оғози мақола муаллиф асри XIX-ро ҳамчун давраи авҷи классикон ва романтикон дар адабиёти рус арзёбӣ намуда, таъкид менамояд, ки: «Асри нуздаҳум беҳтарин ва мукаммалтарин намунаҳои адабиёти «классик» ва «романтик»-и русиро барои истифодаи завқи бадеии башар ба китобхонаи ирфони ҷаҳон тақдим дошт» [217, с.19]. Манофзода таваҷҷуҳи хоса ба номҳои

бузурги адабиёти рус, аз ҷумла Толстой, дорад, ки ин нишонаи ошноии амиқи ӯ бо адабиёти рус мебошад. Муаллиф ба муҳити зиндагии Толстой дар Қафқоз таваҷҷуҳ намуда, менависад: «Тафтишкунандагони ҳаёти адабии Толстой мегӯянд, ки муҳити Қафқоз, тарзи зиндагии сода ва табиати зебои он ҷо завқи бадеӣ ва қобилияти нависандагиро дар ниҳоди Толстой бедор кардааст» [217, с.20]. Бо вуҷуди он ки муҳити Қафқоз метавонад яке аз ангезаҳои ташаккули завқи бадеии Толстой бошад, Манофзода чунин мешуморад, ки асоси истеъдоди ӯ дар таҷрибаи шахсӣ ва тавоноии фитрии нависандагӣ қарор дорад. Муҳимияти ин нукта дар он аст, ки бархе муҳаққиқон муҳити ҷуғрофӣ ва иҷтимоиро омили калидӣ дар ташаккули шахсият ва эҷодиёти нависандагон меҳисобанд, дар ҳоле ки Манофзода бештар ба ангезаҳои дохилии шахсият ва тарбияи хонадони Толстой таъкид мекунад.

С. Манофзода ҳангоми таҳлили осори Толстой ба мушкилоти истилоҳоти адабӣ дар адабиётшиносии тоҷик ишора мекунад.

Дар мақола романҳои «Ҷанг ва сулҳ» ва «Анна Каренина» гоҳе ҳамчун «ҳикоя» ва баъзан ҳамчун «роман» номида шудаанд, ки нишон медиҳад:

1. То он давра истилоҳи «роман» дар адабиётшиносии тоҷик мавқеи устувор надошт.

2. Масъалаи таърифи жанрҳо ва мутобиқсозии истилоҳоти русӣ ба забони тоҷикӣ ҳанӯз дар ҳоли шаклгирӣ қарор дошт.

С. Манофзода таҳаввулоти афкори Толстой ва ҷаҳонбинии ӯро низ мавриди таҳлил қарор дода, изҳор медорад, ки нависанда дар давраҳои гуногун ба эътиқодоти мухталиф рӯ овардааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки: «Толстой бо як рӯҳияи пушаймонӣ ҷиноятҳои давраи ашрофии худро як ба як эътироф мекунад». Яке аз паҳлуҳои муҳими таҳлили Манофзода мавқеи Толстой нисбат ба сохти иҷтимоӣ мебошад, ки ӯ онро чунин шарҳ медиҳад: «Толстой аз низоми помешикӣ (муҳаққиқ онро «усули таҳким» номидааст) нафрат дошт ва онро даҳшатовар меҳисобид, аммо синфи помешикон тадриҷан мавқеи худро ба синфи сармоядорон супурд, ки акнун Толстой ба ин масъала таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намекард».

Манофзода ба муносибати Толстой бо дин ва фалсафа низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро асоси ташаккули назарияи маъруфи «толстойизм» мешуморад. Муаллиф назарияи Толстойро, ки бечорагии халқро дар дур будан аз маърифат ва пешрафтҳои техникии аср медид, ба таври танқидӣ арзёбӣ карда, менависад: «Толстой дар таблиғ кардани назарияҳои худ ҳеҷ гуна манфиати шахсӣ надошт, ӯ мехост, ки то ҳадди имкон ҷомеаи башариро аз кашмакаши зиндагии модӣ дур созад» [217, с.24]. Ин андеша ба назарияи маъруфи Толстой дар бораи «мубориза накардан бо зулм», ки баъдан дар ғояҳои мазҳабӣ ва фалсафии ӯ шакл гирифт, ишора мекунад.

Манофзода инчунин ҳодисаи ихтиёр кардани гӯшанишинӣ ва тақсими молу мулки шахсии Толстой ба деҳқононро ҳамчун нишонаи ихлоси ӯ ба эътиқодоти ахлоқияш медонад. Муаллиф таъкид мекунад, ки Толстой ҳамеша зидди ҷанг ва муборизаи сиёсӣ буд ва ин хислат ӯро аз шахсиятҳои инқилобгаро фарқ мекард.

С. Манофзода, бо вуҷуди интиқод аз баъзе ҷанбаҳои афкори Толстой, мақоми ӯро ҳамчун нависандаи барҷаста эътироф намуда, ба маҳорат ва услуби нависандагии ӯ арҷ мегузорад. Муаллиф таъкид мекунад: «Мо ҳеҷ гоҳ наметавонем ба назарияҳои бемазмун ва ғайриилмии Толстой таслим шавем, вале ба мавқеи баланди адабӣ ва даҳони санъаткоронаи ӯ таъзим мекунем ва эҳтиром менамоем» [217, с.25].

А. Азимов саҳми С. Манофзодаро дар тарғиби эҷодиёти Толстой дар миёни зиёиёни тоҷик баланд арзёбӣ намуда, менависад: «Бузургтарин хизмати Собит Манофзода дар он аст, ки вай таваҷҷуҳи зиёиёни тоҷикро ба олами Толстой ҷалб карда, барои омӯзиши амиқтари эҷодиёти ӯ замина фароҳам овард» [22, с.51]. Муҳаққиқи мазкур таъкид мекунад, ки Манофзода дар таҳлили шахсияти Толстой бештар ба ҷанбаҳои илмӣ ва фалсафӣ, таҳаввули андешаҳои ӯ ва маҳорату навовариҳои адабиаш таваҷҷуҳ намудааст.

Баррасии таърихи ташаккули нақди адабӣ дар адабиёти тоҷик, бахусус дар заминаи нашрияҳои аввалин, нишон медиҳад, ки ин раванд аз ибтидои солҳои

1920-ум, махсусан бо фаъолияти маҷаллаи «Раҳбари дониш», ба таври назаррас рушд намуд. Аз таҳқиқи ин раванд ба хулосаҳои зерин метавон омад:

**1. Маҷаллаи «Раҳбари дониш» – аввалин минбари нақди адабӣ**. «Раҳбари дониш» аввалин маҷаллаи тоҷикӣ буд, ки ба нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ ҳамчун соҳаи мустақил рӯ овард ва барои ҷойгиркунии гӯшаҳои махсуси танқидӣ ва таҳқиқоти адабӣ заминаи устувор фароҳам овард. Дар муқоиса бо дигар нашрияҳои он замон, ин маҷалла на танҳо ба нашри асарҳои бадеӣ, балки ба ташаккули назари интиқодӣ ва принсипҳои таҳлили илмии осори адабӣ низ мусоидат намуд, ки инро метавон як навоварии назарраси он давра донист. Инкишофи минбаъдаи танқиди адабӣ дар Тоҷикистон ба фаъолияти ҳамин маҷалла сахт вобаста буд, зеро он муҳити баҳсу мунозираро барои таҳлили осори адабӣ фароҳам овард. Таҳлили баррасиҳои интиқодии нашршуда дар маҷалла нишон медиҳад, ки он ба ташаккули анъанаҳои адабиётшиносӣ ва фарҳанги танқидии миллӣ мусоидат намудааст, ки ин омил дар рушди минбаъдаи адабиёти тоҷик нақши муҳим бозид.

**2. Ҳадафмандӣ ва услуби танқид дар солҳои 1920-ум**. Нақди адабӣ дар ибтидо хусусияти нарм, маслиҳатомез ва омӯзишӣ дошт, ки аз усули боэҳтиромонаи баррасии осори бадеӣ шаҳодат медод. Дар ин давра, усули таҳлили асарҳо бештар бар асоси баҳогузории объективӣ ва тавсияҳои созанда сурат мегирифт, ки дар муқоиса бо солҳои баъдӣ, ҳадафи аслии он бештар рушди малакаи эҷодии адибони ҷавон буд, на танҳо арзёбии танқидӣ. Муҳтавои аксари матолиби интиқодӣ дар маҷалла далолат мекунад, ки мунаққидон бештар бо назардошти рушди насри тоҷик ва такмили шеваҳои тасвир ба танқиди адабӣ рӯ овардаанд, ки ин боиси такомули ҳунарии адибони наврас гардид. Ҳадафи танқид на танҳо арзёбии асарҳо, балки роҳнамоии адибони ҷавон барои ба таври воқеӣ инъикос кардани масоили иҷтимоӣ ва ислоҳи сабки эҷодии онҳо буд, ки ин раванд барои такмили сатҳи адабиётшиносии миллӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

**3. Рушди истилоҳоти илмии нақди адабӣ**. Дар «Раҳбари дониш» бори аввал мафҳумҳо ва истилоҳоти муҳим чун «танқид», «реализм», «классизм», «натурализм», «ҳикоя» ва ғайра мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтанд. Ин

раванд дар замони худ як қадами ҷиддӣ дар рушди адабиётшиносӣ ва муқаррар кардани меъёрҳои илмии таҳлили адабӣ маҳсуб мешуд, зеро он ба забон ва услуби нақди адабии тоҷик замина гузошта, онро ба сатҳи илмӣ наздиктар намуд. Тарзи истифодабарии истилоҳот нишон медиҳад, ки мунаққидон ҳанӯз ба мураттаб сохтани забони танқид ва риояи якнавохтии меъёрҳои илмӣ даст наёфта буданд, аммо кӯшиш мекарданд, ки шакли пажӯҳишии онро нигоҳ доранд. Муқоисаи мақолаҳои интиқодӣ бо нашрияҳои адабии дигар гувоҳӣ медиҳад, ки ин маҷалла ба таври мустақил дар ташаккули услуби адабиётшиносии тоҷик ва вусъати доираи истилоҳоти илмии он саҳми назаррас гузоштааст.

**4. Аввалин шаклҳои мубоҳисавии нақди адабӣ**. Нақди адабӣ дар ибтидо дар шакли муколамаҳои интиқодӣ ва мубоҳисаҳо ҷараён мегирифт, ки нависандагон ва мунаққидонро ба табодули афкор водор месохт. Муколамаи байни Собит Манофзода ва Ҷалол Икромӣ яке аз аввалин баҳсҳои интиқодӣ буд, ки дар маҷалла сурат гирифт ва нақши мунаққид ва нависанда дар рушди адабиётро муайян мекард, ки ин ба ташаккули анъанаи баҳсу мунозира дар муҳити адабии тоҷик замина гузошт. Баррасии танқидии осори адабӣ аз тарафи худи адибон ва ҷавобҳои онҳо ба нақди мунаққидон яке аз хусусиятҳои хоси нашрия буд, ки барои ташаккули тафаккури интиқодӣ дар доираи адабиёти тоҷик мусоидат кард. Мазмуни мубоҳисаҳо нишон медиҳад, ки адибони ҳамондавра ба нақд ҳамчун як воситаи такмили эҷод муносибат мекарданд ва дар аксар ҳолатҳо онро ҷиддӣ қабул менамуданд, ки ин боиси рушди адабиёт ва танқиди адабӣ гардид.

**5. Нақди адабӣ ҳамчун василаи ташаккули тафаккури эҷодӣ**. Ҳадафи аслии нақди адабии ибтидоӣ на танҳо таҳлили асар, балки роҳнамоии эҷодкорон ва ташаккули завқи адабии нависандагони ҷавон буд, ки тавассути он сатҳи адабиёт боло бурда мешуд. Ташкили рубрикаҳои махсуси танқидӣ ва нашри баҳсҳои адабӣ нишон медиҳад, ки нақди адабии ибтидоӣ ҳамчун як унсури муҳими инкишофи тафаккури эҷодӣ ва ҷаҳонбинии адибон хизмат мекард, ки минбаъд дар таҳаввули назарияҳои адабӣ таъсири мусбат расонд. Маводи

интиқодӣ бештар хусусияти омӯзишӣ дошт ва кӯшиш мешуд, ки бо шеваи баён ва далелҳои илмӣ аҳаммияти услубӣ ва бадеии осори навин нишон дода шавад, ки ин раванд минбаъд дар рушди адабиётшиносии тоҷик аҳаммияти калидӣ пайдо кард. Муҳимтарин хосияти ин танқид дар он буд, ки он ҳамчун як омили ташаккули афкори интиқодӣ ва таҳлилгарии адибони наврас хидмат мекард ва онҳоро ба худтакмилдиҳӣ водор месохт, ки ин яке аз рукнҳои муҳими рушди адабиётшиносӣ мебошад.

**6. Таъсири ҷараёнҳои сиёсӣ ба нақди адабӣ**. Агарчи дар ибтидо нақди адабӣ бештар ба меъёрҳои илмӣ ва бадеӣ асос меёфт, аз нимаи дувуми солҳои 1920-ум бо тағйири сиёсати ҳизбӣ ва шиддат гирифтани назорати идеологӣ, танқид ба абзори сиёсӣ ва синфгароӣ табдил ёфт. Ин падида дар натиҷаи таъсири идеологияи Шуравӣ муҳити озоди баҳсро маҳдуд сохта, танқидро ба василаи мубориза сиёсӣ ва маҳви афкору ақидаҳои мухолиф табдил дод, ки ин ба равандҳои минбаъдаи нақди адабии тоҷик таъсири ҷиддӣ расонд. Аз таҳлили мақолаҳои интиқодӣ бармеояд, ки танқиди адабӣ дар маҷалла дар солҳои охир тадриҷан хусусияти ҳизбӣ пайдо карда, аз арзёбии холисонаи осори бадеӣ дур шуд. Ташаннуҷи сиёсӣ ва фишорҳои идеологӣ дар ниҳоят боиси маҳдуд шудани нақди адабӣ гардид ва танқид ба як навъ санҷиши мутобиқат ба идеологияи расмӣ табдил ёфт, ки ин рушди табиии онро боздошт.

## 4. 6. Баҳсҳои алифбо ва забони адабӣ дар матбуоти соҳаи маориф

Масъалаҳои забон, забондонӣ, забони шифоҳӣ ва адабии тоҷик дар нашрияҳои аввали тоҷик мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, масъалаи алифбои нави тоҷикӣ низ нахустин бор дар маҷаллаҳои соҳавии маориф матраҳ гардида буд. Тавре ки дар боби гузашта зикр шуд, 14 июли соли 1926 дар Анҷумани якуми муаллимони Тоҷикистон яке аз масъалаҳои асосӣ имлои забони тоҷикӣ ба шумор мерафт. Дар он ҳадди ниҳоӣ чунин муайян гардид, ки дар масъалаи алифбо набояд саросемагӣ кард ва гузариш аз алифбои форсӣ якбора сурат нагирад. Дар ин робита, нозири маориф Аббос Алиев андешаҳои илмии худро баён кард, ки дар маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» (№3-4, 1926) нашр шудааст. Муаллиф, ки дониши амиқ дар мавриди забон ва хатҳои гуногун дошт, доир ба заминаҳои пайдоиш ва таърихи гузариш ба алифбои нав дар Шарқи хориҷӣ, сабабҳои татбиқ нагаштани он, ҳамчунин иштибоҳу саросемагиҳои кишварҳои ҳамсоя дар ин замина маълумоти муфассал пешниҳод намуд. Бо далелҳои илмӣ ӯ камбудиҳои хатти арабиро нишон дода, таъкид кард, ки дар оянда гузариш ба алифбои содатар ногузир хоҳад буд. Маҳз мулоҳизаҳо ва натиҷагириҳои Анҷумани якуми муаллимони Тоҷикистон боис гардид, ки омодагиҳо дар ин самт зиёда аз се сол идома ёбанд.

Баъдан, мавзуи алифбо ба маҷаллаи «Раҳбари дониш» (1927) интиқол ёфт. Дар ин давра мубоҳисаҳо, маҷлису ҷамъомадҳо ва конфронсҳо доир ба алифбои нави тоҷикӣ оғоз шуданд. Мавзуъро дар маҷалла Собит Манофзода идома дода, дар мақолаи худ «Тоҷикон ва алифбои нав» зикр кард, ки фикри иваз намудани алифбо 50 сол қабл ба миён омадааст [221, с.3-5]. Маҷалла ҳамчунин номгӯи аъзои ҳайати алифбои тоҷикиро нашр намуд. Пас аз ин, баҳсҳо ва мунозираҳо дар маҷалла идома ёфтанд. Дар шумораи 3-и моҳи ноябри соли 1927 нахустин пешниҳоди алифбои нави тоҷикӣ, ки бар асоси хатти лотинӣ буд, аз ҷониби Абдурауфи Фитрат баён гардид. Ин пешниҳоди ӯ дорои асоси илмӣ буд. Фитрат мухолифи истифодаи ҳарфи калон дар алифбои нав буд, ки баъдтар он ворид карда шуд.

Дар шумораи аввали соли 1928 оид ба ин масъала мақолаҳои А. Семёнов ва А. Лоҳутӣ ба нашр расиданд. Дар шарҳи мақолаи Семёнов зикр гардидааст, ки мақолаи қаблии Фитрат, ки дар шумораи гузашта чоп шуда буд, дар як ҷаласаи калон дар шаҳри Самарқанд (ноябри 1927, иҷлосияи ҷонибдорони алифбои нав) муҳокима гардида, мавриди ҳимоя қарор гирифтааст. Барои таҳлили фикрӣ мақолаи Семёнов низ чоп шуд. Яке аз хулосаҳои Семёнов ин буд, ки алифбои нав набояд барои мутахассисони забони илмӣ (лингвистӣ) пешниҳод гардад, балки барои истифодаи оммавии халқ пешбинӣ шавад. Маҳз чунин андешаҳо доир ба сатҳи забони халқ ва поин овардани забони адабӣ боиси ихтилоф ва баҳсҳои минбаъда гардиданд. Қабули лоиҳаи Фитрат аз ҷониби комиссия норозигии Семёновро ба бор овард, ки ӯ пас аз мутолиаи он мақолаи дувумашро навишта, дар шумораи №3 (марти 1928) ба нашр расонд. Аз ҷумла, ӯ ба пешниҳоди Фитрат дар бораи ишора кардани садонокҳои дароз бо ду ҳарф ва барҳам додани ҳарфи калон мухолиф баромад.

Мақолаи А. Лоҳутӣ таҳти унвони «Дар гирди лоиҳаи алифбои нави тоҷикӣ», ки дар шумораи аввали соли 1928 чоп шудааст, ба зарурати қабули алифбои нав ва аҳаммияти он бахшида шудааст. Аз ҷумла, пешниҳод карда мешавад, ки дар Самарқанд анҷуман баргузор шуда, намояндагони илмии Эрон, Афғонистон ва форсизабонони Ҳиндустон низ даъват шаванд. Монанд ба ин, дар Озарбойҷон ҳам намояндагони забонҳои туркӣ барои анҷумане ҷамъ омада буданд [196, с.11]. Дар шумораи 4-5 (апрел-майи 1928) мақолаи дигаре аз А. Фитрат ба нашр расид, ки дар он ӯ суол гузоштааст, ки чаро дигарон ба таври фаъол дар баҳсҳо ширкат намеварзанд?

Дар мақолаи П. Иброҳимов таҳти унвони «Ҳамзабонони тоҷикон алифбои навро қабул карданд» оид ба гурӯҳи яҳудиёни тоҷикзабон (40-50 ҳазор нафар) иттилоъ дода мешавад. Дар маҷлиси моҳи январи 1928 онҳо якдилона ба ҷонибдорӣ аз қабули алифбои нави тоҷикӣ овоз доданд, бо ин далел, ки «онҳо ба танҳоӣ наметавонанд маданияти худро рушд диҳанд». Танҳо дар мавриди овозҳои ҳалқии «йо» ва «ҳ» баҳсҳо идома доштанд, ки муаллиф онҳоро низ

ҳалшаванда меҳисобад, зеро дар баъзе минтақаҳои кӯҳистонии Тоҷикистон ин овозҳо мавҷуданд.

Бояд таъкид кард, ки дар масъалаи иваз намудани алифбои тоҷикӣ ва баъдан ҳаллу фасли забони адабии тоҷик забоншиносон ва шарқшиносони русзабон саҳми назаррас гузоштанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дар шаклгирии алифбои нави тоҷикӣ намояндагони миллатҳои ғайритоҷик нақши асосӣ бозиданд. Вақте ки Садриддин Айнӣ мақолаҳои онҳоро мутолиа намуда, аз мазмуни онҳо бохабар гардид, ба баъзе андешаҳои номатлуби онҳо мухолифат изҳор кард. Дар натиҷа ташаббус ба дасти донишмандони тоҷик гузашт.

Дар робита ба масъалаи мазкур, номаи як хонанда бо номи Санҷар нашр шудааст. Ӯ, бо изҳори қаноатмандӣ аз чопи маҷаллаи «Раҳбари дониш», чунин навиштааст: «Илм ва ирфон ба мо (яъне, ба ӯзбекон) ба воситаи араб ва форс ворид шудааст» [351, с.17]. Вай оид ба аҳаммияти забон ва фарҳанги тоҷикӣ барои халқҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои Шарқ изҳори назар намуда, бархе аз равандҳоро дар муҳити ӯзбекӣ, ки дар пайравӣ аз ҷараёнҳои туркии усмонӣ забонро аз калимаҳои форсӣ поксозӣ карданӣ мешуданд, нодуруст арзёбӣ кардааст. Ҳамзамон, муҳимтарин масъалае, ки дар робита ба гузариш ба алифбои нав матраҳ кардааст, ин зарурати эҳтиёт ва парҳез аз шитобкорӣ дар қабули алифбои нав барои тоҷикон мебошад. Ба андешаи ӯ, миллати тоҷик вазифаи бузурге дар пеш дорад, ки бедорсозии ҳамзабонони Шарқ аст: «Вазифаи чароғдорӣ кардан намебуд, он вақт метавонистем танҳо дар болои худи тоҷикон суханронӣ кунем» [351, с.17].

Собит Манофзода аз номи ҳайати таҳририяи маҷалла дар посух навиштааст, ки дар мавриди назари Санҷар «эҳтиёткории аз ҳад зиёд»-и ӯ мушоҳида мешавад. Манофзода таъкид намудааст, ки гузариш ба алифбои нав барои тоҷикон зарур аст. Аммо, ин мавқеъро наметавон ҳамчун ҷонибдорӣ аз дурӣ ҷустани тоҷикон аз ҳамзабонони хориҷӣ арзёбӣ кард. Баръакс, ӯ ҷонибдори ҳамкории устувор ва табодули илмӣ ва адабӣ бо ҳамзабонони хориҷӣ буд. Далели ин мавқеи ӯро метавон дар баррасии манзумаи шоири эронӣ, ки аз Теҳрон фиристода шуда буд ва дар фасли қаблӣ мавриди муҳокима қарор

гирифта буд, мушоҳида кард. Манофзода изҳори умедворӣ кардааст, ки минбаъд намунаҳои адабии ҳамзабонон бештар дастрас гарданд, ки ин амал танҳо дар ҳолати муштарак будани забон ва алифбо имконпазир хоҳад буд. «Назари неки Манофзода ба адабиёти форсизабонони хориҷӣ аз навиштаҳои минбаъдааш низ равшан мегардад» [328, с.101-102].

Дар шумораи 8-9-и маҷалла (1928) эълон гардид, ки 27 октябри соли 1928 дар бинои намояндагии Комиссариати корҳои хориҷӣ дар Тошканд конфронси дуюми алифбои нави тоҷикӣ баргузор хоҳад шуд. Пеш аз он, 10 октябри соли 1928, дар Тошканд маҷлиси машваратӣ доир гардида, масъалаҳои илмии алифбои нав муҳокима ва баъзе ихтилофоти мавҷуд ҳаллу фасл гардида, барои баррасӣ ба конфронс пешниҳод шуданд. Дар эълони мазкур рӯзномаи конфронс низ зикр шудааст:

1. Вазифаҳои алифбои нав;
2. Лоиҳаи алифбои нав;
3. Маърӯзаи Кумитаи марказии алифбои нав оид ба корҳои анҷомдода;
4. Масъалаи имло;
5. Нақшаи панҷсолаи татбиқи алифбои нав.

Гузашта аз ин, таъкид шудааст, ки ба конфронс намояндагон аз тамоми вилоятҳои Тоҷикистон ва минтақаҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон даъват гардида, ҳамчунин, профессорони эроншинос низ ширкат хоҳанд варзид. Аз машварати пеш аз конфронс Садриддин Айнӣ огоҳӣ надошт, бинобар ин, танҳо дар худи конфронс иштирок намуд.

Бар асоси эълони мазкур, шумораи навбатии маҷалла (№10, соли 1928) чанд рӯз пеш аз конфронс, яъне 25 октябри соли 1928, нашр гардид. Дар саҳифаи аввал шиор чунин садо медод: «Ба конфронси алифбои нави тоҷикӣ, ки сарнавишти илмӣ ва иҷтимоии меҳнаткашони тоҷикро ҳал хоҳад кард, аз мо салом!»

Инъикоси васеи масъала ва иштироки фаъолонаи муҳаққиқон нишон медиҳад, ки нақши маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар ин раванд муҳим ва муассир буд. Дар шумораи мазкур мақолаҳои илмии зерин нашр шуданд:

1. Сармақолаи беимзои «Масъалаи лотиникунонии алифбои тоҷикӣ ва вазифаҳои ояндаи мо»;

2. С. Манофзода – «Маҷлиси машваратӣ пеш аз конфронси алифбои нав»;

3. С. Айнӣ – «Масъалаи таърихӣ. Дар гирди алифбои нави тоҷикӣ»;

4. А. Фитрат – «Дар гирди алифбои нав»;

5. П. Семёнов – «Дар гирди алифбои нави (лотинӣ) тоҷикӣ»;

6. Р. М. – «Ба муносибати конфронси алифбои нави тоҷикӣ»;

7. М. Иброҳимӣ – «Масъалаи алифбои нав»;

8. Фарҳод Оғозода – «Комёбиҳои алифбои нави турк».

Дар мақолаи «Маҷлиси машваратӣ» зикр шудааст, ки пеш аз Конфронси дуюм дар Тошканд, 10 октябри соли 1928, маҷлиси машваратӣ баргузор гардид, ки муддати ду шабу як рӯз идома ёфт ва баҳсҳои шадидро дар бар гирифт. Мутаассифона, Садриддин Айнӣ ба ин машварат даъват нашуда буд. Ҳарчанд ӯ дар конфронси асосӣ (28 октябри соли 1928) иштирок намуд, масъалаҳои муҳим қаблан дар машварати мазкур ҳаллу фасл гардида буданд. Бо вуҷуди ин, мақолаи Садриддин Айнӣ дар шумораи маҷалла ба нашр расид, ки то андозае ба раванди конфронс таъсир гузошт.

Дар хотима, Собит Манофзода чунин изҳори умед кардааст: «Оммаи меҳнаткашони тоҷик бо қабули алифбои нав дар зиндагии худ як инқилоби маданӣ ва таърихӣ мегузаронанд. Бигзор дар натиҷаи ин инқилоби бузург нодонӣ ва бесаводӣ аз даруни синфи меҳнаткаш тамоман дур шавад!» [218, с.5].

Дар натиҷа лоиҳаи пешниҳоднамудаи А. Фитрат, ки мукаммалтар арзёбӣ гардид, пазируфта шуд. Ба таъкиди М. Шакурӣ, саҳми Фитрат дар ин раванд муҳим буд: «Иҷрои вазифа асосан ба Фитрат даст дод… Баъзе аз усулҳои асосии имлои нави тоҷикӣ низ ҳамон вақт бо пешниҳоди Фитрат муайян гардиданд, ки то имрӯз амал доранд» [490, с.207].

Шумораи охирини маҷаллаи «Раҳбари дониш» дар соли 1928 (№11-12) гузориши муфассалро аз конфронси ниҳоии мазкур дарбар гирифтааст.

Дар маҷалла баъдан низ мақолаҳо оид ба масъалаи алифбо ба табъ расиданд. Аз ҷумла, муҳимтарин мақола дар ин замина таҳқиқоти Раҳим Мим (Раҳим Ҳошим) бо унвони «Дар атрофи масъалаи алифбои нав дар Эрон» мебошад. Матн дорои шеваи баён ва таҳлили амиқ буда, муаллиф вазъи тағйири алифборо бо ибораи рамзӣ чунин баён кардааст: «Оташе, ки дар Иттифоқи ҷумҳуриҳои Шуроӣ ба хонумони алифбои араб афтод, беху буни онро сӯхт». Дар мақола таърихи талошҳо барои иваз кардани алифбои пешин мавриди баррасӣ қарор гирифта, пешниҳодоти муҳаққиқон ва ислоҳотхоҳон, аз ҷумла М. Малкумхон, М. Охундов, Саид Нафисӣ ва дигарон, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф ҳамкориро миёни давлатҳои ҳамзабон ва истифодаи таҷрибаи Тоҷикистонро дар татбиқи алифбои нав манфиатовар шуморида, таъкид кардааст: «Алифбои нав дар қатори як тӯда вазифаҳои дигари худ бояд ин вазифаро низ, ки иборат аз мустаҳкам кардани муносибати мадании ин ду мамлакати ҳамзабон аст, ба ҷо оварад» [307, с.50].

Дар робита ба зарурати иваз намудани алифбо, шеъри Абдулвоҳиди Мунзим «Дар бораи алифбои наву кӯҳна» нашр гардида, ки дар он норасоиҳо ва душвориҳои алифбои кӯҳна ва бартариҳои алифбои нав бозгӯйӣ шудаанд:

Чун алифбои нав аз ҳарфи лотинӣ шуд дуруст,
Зуд бозори алифбои араб гардид суст…
Баски осон аст алифбои нав аз ҳад ҳам зиёд,
Дар се ҳафта метавон шуд соҳиби хатту савод [258, с.24].

Бо таваҷҷуҳ ба он ки раванди гузариш ба алифбои лотинӣ ба таври кофӣ сурат нагирифта буд, 15 ноябри соли 1929 пленуми Кумитаи Марказии нави алифбои тоҷикӣ баргузор гардид. Дар ин робита мақолаи «Ҷамъбасти якумин пленуми Кумитаи Марказии алифбои нави тоҷикӣ» нашр шудааст, ки вазъи татбиқи алифбои навро чунин шарҳ медиҳад:

«Муддате буд, ки Кумитаи Марказии алифбои нави тоҷикӣ вазифаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии худро дар соҳаи инқилоби мадании кишвар тамоман фаромӯш намуда, фаъолияти назаррас нишон намедод. Дар натиҷа алифбои нави тоҷикӣ

низ аҳаммияти худро аз даст дода, ба андозаи зарурӣ дар миёни омма густариш наёфта буд» [486].

Дар ҷаласаи пленум масъалаҳои қабули ҳарфи калон, ҳарфи «ғ» ва дигар вежагиҳои алифбои нав мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Бар асоси муҳокимаҳо ва омори пешниҳодшуда, мушаххас гардид, ки теъдоди шахсоне, ки бо ин алифбо саводнок шудаанд, ниҳоят кам аст. Бо дарназардошти ин вазъ, ҳадаф гузошта шуд, ки дар давоми ҳамон сол 50 ҳазор нафар бо алифбои нав саводнок карда шаванд.

Дар шумораи №7, июли соли 1929, ду мақола оид ба алифбои нави тоҷикӣ нашр гардиданд, ки бо имзоҳои мустаор ва бо ҳуруфоти лотинӣ ба табъ расиданд. Дар яке аз ин мақолаҳо таъкид шудааст, ки «корҳои алифбои нав ба таври қаноатбахш пешрафт карда натавонистааст…» Баъд аз он ки масъалаи алифбои нави тоҷикӣ то ҳадде ҳалли худро пайдо намуд, забоншиносон ва шарқшиносони русзабони Шуравӣ баҳси забони адабии тоҷикро матраҳ карданд. Ҳол он ки адибон, шоирон ва равшанфикрони тоҷик, аз ҷумла Садриддин Айнӣ, дар ин маврид итминон доштанд, ки тоҷикон дар масъалаи забони адабӣ мушкиле нахоҳанд дошт, зеро забони адабии онҳо садҳо сол инҷониб мавҷуд буд.

Ҳадафи забоншиносон ва шарқшиносони русзабон дар баробари ҷорӣ намудани алифбои ягона барои халқҳои Осиёи Марказӣ, ташкили забони адабии нав низ буд. Дар паси ин талошҳо ангезаҳои сиёсӣ низ вуҷуд дошт, зеро бо ин роҳ мехостанд халқҳои минтақаро аз гузаштаашон дур созанд. Дар яке аз рӯзномаҳои русизабон чунин навишта шудааст: «Тоҷикон забони адабӣ надоштанд ва ҳанӯз надоранд. Онҳо ба забони форсӣ менависанд, ки на ҳамеша барои оммаи мардум фаҳмо аст». Ба қавли М. Шакурӣ, «ин на андешаи як нафар, балки ақидаи доираҳои расмӣ дар даҳаи бистум буд ва онро маҷаллаи ҳизбии умумии Осиёи Миёна ба нашр расонида буд».

Азбаски баҳсҳо дар бораи забони тоҷикӣ дар матбуоти русӣ сурат мегирифтанд, Садриддин Айнӣ танҳо баъди тақрибан як моҳ аз мавҷудияти ин баҳсҳо огоҳ гардида, фаъолона ба он ҳамроҳ шуд. Ӯ бо далелҳои илмӣ ва

забоншиносӣ манфиати тоҷиконро ҳимоя намуда, чунин изҳор дошт: «Тоҷикон забони адабии ҳазорсола доранд».

Бо назардошти аҳаммияти масъала, дар фасли «Таҳқиқоти адабӣ»-и маҷаллаи «Раҳбари дониш», аввалин мақолаи марбут ба ин мавзуъ таҳти унвони «Дар бораи забонҳои кӯҳистонии Тоҷикистон», ки муаллифи он профессори яке аз донишгоҳҳои хориҷӣ Х. Шилд мебошад, дар шумораи 6-и соли 1928 ба нашр расид. Бо дарназардошти аҳаммияти мавзуъ, дар шумораи 11-12-и ҳамон сол, аз номи ҳайати таҳририя бо сарлавҳаи «Забони адабии тоҷик» хабаре нашр шуд, ки дар он чунин зикр гардидааст: «Аз ҳамин шумора сар карда, барои «Забон ва адабиёти тоҷик» шуъбаи махсус мекушоем. Вазифаи ин шуъба ҷалби таваҷҷуҳи соҳибқаламон ва адибони тоҷик ба муҳимтарин масъалаи иҷтимоии мо – «Забони адабии тоҷик» мебошад. Ҳадафи мо ҳалли ин масъала мувофиқи эҳтиёҷоти воқеии меҳнаткашони тоҷик аст» [143, с.39]. Ҳамчунин, қайд шудааст, ки дар ин бахш маълумот оид ба баъзе мақолаҳои нашршуда дар матбуоти русизабон, аз ҷумла «Правда Востока», пешниҳод хоҳад шуд.

Мақолаи нахустини ин бахш таҳти унвони «Дар гирди забони адабии тоҷикӣ чӣ менависанд?», ки муаллифи он Раҳим Мим (Раҳим Ҳошим) мебошад, ба табъ расид. Ҳадафи мақола огоҳ намудани хонандагони тоҷик аз баҳсе буд, ки ба забони русӣ оғоз гардида буд. Дар зерунвони мақола чунин омадааст: «Як назар ба мақолаҳои рафиқон Музаффар, Дяков, Думбол ва профессор Шилд дар рӯзномаи «Правда Востока».

Дар мақола зикр шудааст, ки ба забони гуфтугӯӣ наздик кардани забони адабии тоҷик, онро аз ҳамзабонони эронии худ дар Эрон ва Афғонистон ҷудо хоҳад кард ва Дар натиҷа забони тоҷикӣ вазифаи байналмилалии худро аз даст хоҳад дод.

Баҳси мазкур нахуст дар шумораи 243-и рӯзномаи «Правда Востока» (21 октябри соли 1928) шурӯъ шуда буд. Ба андешаи Думбол, «Тоҷикистон аз лиҳози маданият ва сохтмони сотсиалистӣ бояд ба ҳамсоягони худ таъсир расонад ва бинобар ин, бояд ба забони ҳамсоягони худ наздик шавад».

Ҳамин тавр, донишмандон дар масъалаи забони адабии тоҷик ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд. Раҳим Ҳошим Думболро ҳамчун намояндаи «байналмилалчиён» муаррифӣ мекунад. Дар мақолаи профессор Х. Шилд бошад, дастгирии ақидаи лаҳҷавӣ шудани забон мушоҳида мешавад.

Дар ҳамин шумораи маҷалла мақолаи муҳими устод Садриддин Айнӣ таҳти унвони «Забони тоҷикӣ» ба нашр расид, ки посухи асоснок ва илмӣ ба ин баҳсҳо буда метавонад. Далелҳо ва андешаронҳои Садриддин Айнӣ аз нигоҳи илмӣ, забоншиносӣ ва таърихӣ асоснок буда, барои ҳалли дурусти масъала мусоидат намудааст.

Мақолаи Б. Азизӣ бо унвони «Ба забони дарӣ дурри сухан суфтан мехоҳам», ки дар шумораи №1, соли 1929 ба нашр расидааст, бо сабки бадеӣ ва самимияти худ фарқ мекунад. Дар он зикр шудааст, ки баҳсҳо оид ба забони адабии тоҷикӣ дар ин давра хеле зиёд шуда буданд. Мубоҳисон ба ду гурӯҳ ҷудо мешуданд:

1. Гурӯҳи аввал забони форсии имрӯзаро пурра қабул карданӣ буд.
2. Гурӯҳи дуюм ҷонибдори ҷорӣ намудани забони мардуми шаҳри Бухоро буд, ки дар он калимаҳои арабӣ ва таъсири гуфтори ӯзбекӣ зиёд ба назар мерасид.

Муаллиф ба ду роҳ ҳалли зикршуда розӣ набуда, роҳи сеюмро пешниҳод мекунад, ки тибқи он гуфтори кӯҳистонии тоҷикон асос гирифта, бо иловаи луғатҳои шаҳрӣ такмил дода шавад [16, с.4-6].

Пас аз ин, идораи маҷалла мавқеи худро дар бораи баҳсҳои мавҷуда баён намуда, ба муаллифон муроҷиат кардааст, ки аз такрори фикрҳо худдорӣ намуда, ба се масъала равшанӣ андозанд:

1. Ислоҳоти забон; 2. Масъалаи имло; 3. Услуби забони адабӣ.

Зеро, ба қавли идораи маҷалла, «зиндагӣ худ лозим будани ҳалли ин масъаларо (яъне, дар бораи забони адабии тоҷик) беҳтар аз ҳама собит мекунад».

Мақолаи Б. Азизӣ вокунишҳои гуногуни донишмандонро ба вуҷуд овард. Яке аз ин мақолаҳо таҳти унвони «Дар хусуси забони адабии тоҷикӣ», ки бо имзои мустаори «Айн. Син.» дар шумораи №4, соли 1929 ба табъ расидааст, ба

эҳтимоли зиёд ба Саидризо Ализода дахл дорад. Ализода назари Азизиро дар бораи қобили қабул набудани лаҳҷаи Бухоро дуруст арзёбӣ мекунад, зеро дар он калимаҳои хориҷӣ зиёд буда, «оҳанги забон гум шуда, ба ӯзбекӣ наздик шудааст» [25, с.17].

Ба андешаи Саидризо Ализода, новобаста аз он ки кадом лаҳҷа қабул мешавад, он бояд бо ҷамъоварии маводи забонӣ ва омӯзиши дигар лаҳҷаҳо такмил дода шавад. Ҳамзамон, ӯ ҳушдор медиҳад, ки танҳо ба вуҷуди пешванди «би» дар лаҳҷаи кӯҳистон набояд фирефта шуд, зеро ҷиҳатҳои дигари ин забон таҳқиқ нашудаанд. Ализода ба чунин натиҷа расидааст, ки мақсади асосии Б. Азизӣ ҳифзи забони адабии қадим мебошад, ки чунин пешниҳодҳо метавонанд «оммаро фиреб диҳанд» [25, с.18].

Муаллиф инчунин эҳтиёткориро муҳим мешуморад ва таҷрибаи ӯзбеконро мисол меорад, ки дар ҷараёни поксозии забон иштибоҳи ҷиддӣ содир карданд.

Пешниҳоди ниҳоии Саидризо Ализода чунин аст: «Ман тарафдори муваққатан қабул кардани лаҳҷаи Бухоро мебошам. Ин ҳам ҷойи аслии тоҷикнишин аст» [25, с.18]. Баробари ин, намунаи забони хароби тоҷикӣ, ки дар натиҷаи пешниҳоди баъзе донишмандон дар мавриди наздик сохтани забони адабӣ ба гуфтори омма ба вуҷуд омадааст, дар саҳифаҳои маҷалла низ мушоҳида мешавад. Ин намуна дар қисми лотинии шумораи №9, соли 1929 таҳти унвони «Як нигоҳ ба матбуоти инқилобии тоҷикӣ» нашр гардида, ба қалами Обид Исматӣ тааллуқ дорад. Муаллиф ба забони нашрияҳои пешини тоҷикӣ эродҳои сахт гирифтааст.

Эҳтимол меравад, ки қисми лотинии маҷалла аз назорати масъулони нашрия дур мондааст, зеро сарлавҳа ва зерсарлавҳаи мақола дорои хатогиҳои мантиқӣ ва услубӣ мебошанд: «Ба муносибати тӯйи 5-солагии газетаи «Овози тоҷик».

Аз матни мақола муносибати манфии муаллиф нисбат ба нашрияҳои пешини тоҷикӣ возеҳ эҳсос мешавад. Ӯ менависад: «Мо онҳоро («Бухорои шариф», «Оина», «Самарқанд» – Б.А.) «инқилобӣ» хонда наметавонем, зеро онҳо танҳо ифодагари андешаҳои ҷадидон – рӯшанфикрони буржуазӣ буда, барои

густариши афкори бойҳо, омӯзиши ватанпарастӣ ва таҳкими дини ислом хизмат мекарданд… Замоне, ки матбуоти сурхи мо ба вуҷуд омад ва рӯзафзун рушд кард, ҷадидон ва матбуоташон майдонро тарк намуда, аз саҳна хориҷ шуданд» [179, с.3].

Назари муаллиф нисбат ба забони нашрияҳои «Шуълаи инқилоб» ва «Овози тоҷик» низ беасос, сатҳӣ ва ғайримантиқӣ мебошад: «Дар он услуби тоҷикии Осиёи Миёна сад фоиз худро нагирифтааст (?)». Шубҳае нест, ки чунин изҳорот, ки дорои мантиқи заиф ва ба гуфтори кӯчагӣ наздик мебошанд, танҳо аз ҷониби нафаре метавонанд садо диҳанд, ки аз нозукиҳои забони тоҷикӣ бехабар аст.

Дар мақола, инчунин, ба иловаҳои рӯзномаи «Овози тоҷик» (аз ҷумла, маҷаллаҳои ҳаҷвии «Ширинкор», «Мулло Мушфиқӣ», инчунин маҷаллаи хурди «Саводи меҳнат» ва «Раҳбари мухбирон») ишора гардида, чунин ибораҳои бесарусомон баён шудаанд:

1. «Газета дар вақташ намебарояд, вақтҳое як моҳ – ду моҳ лангида набаромаданаш мумкин ҳам ҳаст».

2. Дар бораи «Раҳбари дониш» чунин изҳор доштааст: «Забонаш бисёр сахт нест, вале осон ҳам ва мувофиқи фаҳми муаллимони кишлоқии тоҷик ҳам нест».

3. Дар бораи «Тоҷикистони сурх» («Бедории тоҷик») навиштааст: «Забонаш баробари вайронӣ доштан тоҷикитар аст… тараққиёти кам дорад» [179, с.5].

Услуби гузориши мазкур намунаи забони кӯчагиест, ки тарафдоронаш онро ҳамчун забони адабии тоҷикӣ пешниҳод мекарданд. Хушбахтона, ин андешаҳо бо нокомӣ рӯ ба рӯ шуданд. Илова бар ин, баҳси марбут ба забони адабии тоҷикӣ, ки аз ҷониби гурӯҳе аз забоншиносон ва шарқшиносони русзабон ва хориҷӣ бардошта шуда буд, бо гузашти вақт хомӯш гашт, аммо таъсири манфии он ба забони адабии тоҷик то ба имрӯз комилан аз байн нарафтааст. Бо вуҷуди ин, маҳз забон буд, ки халқи тоҷикро дар тӯли асрҳо ҳифз кард. Аз ин рӯ, таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии ӯ ба муносибати 17-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (8 сентябри соли 2008) дар ин маврид ба маврид аст: «Тоҷикон маҳз ба шарофати забони модарӣ, фарҳанги безавол ва андешаи миллии худ тавонистанд, ки аз мушкилтарин озмоишҳои таърих раҳоӣ ёфта, ба ҳастии худ неруву равони тоза бахшанд» [309, с.263].

**Аз баррасии фасли "Баҳсҳои алифбо ва забони адабӣ дар матбуоти соҳаи маориф" метавон чунин хулоса кард:**

1. **Масъалаи алифбои нав ҳамчун ҷузъи ислоҳоти забон**. Баҳсҳо дар бораи гузариш ба алифбои нав дар матбуоти соҳаи маориф на танҳо ҳамчун як иқдоми забонӣ, балки ҳамчун ҷузъи сиёсати васеътари ислоҳоти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ба миён омада буд. Муҳаққиқон ва муаррихони он давра, ба монанди Абдурауфи Фитрат ва А. Лоҳутӣ, зарурати ин тағйиротро на танҳо дар сатҳи осонии хат, балки дар доираи мутобиқати забон ба ниёзҳои ҷомеаи нав баррасӣ намудаанд.

2. **Мавқеи матбуоти маориф дар ташаккули баҳсҳои забонӣ**. Маҷаллаи «Раҳбари дониш», ки яке аз муҳимтарин минбарҳои баҳсҳои алифбо ва забони адабӣ ба ҳисоб мерафт, саҳми назаррас дар ташаккули баҳсҳо ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ дар ин самт дошт. Мақолаҳои таҳлилии нашргардида дар ин маҷалла на танҳо масъалаи хат ва мушкилоти имло, балки бунёди забони адабии навро, ки ба вазъияти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳамон давра мутобиқ бошад, мавриди баррасӣ қарор додаанд.

3. **Дидгоҳҳои мухталиф оид ба интихоби забони адабӣ**. Баҳсҳо оид ба забони адабии тоҷикӣ ду ҷанбаи асосӣ доштанд:

- Гурӯҳи аввал, ки тарафдори қабул кардани забони форсии адабӣ бо анъанаи ҳазорсолаҳои он буданд.
- Гурӯҳи дуюм, ки ҷонибдори истифодабарии забони гуфтугӯии мардуми шаҳрии Бухоро, бо таъсири унсурҳои арабӣ ва туркӣ буданд.

- Роҳи сеюм, ки дар матбуот пешниҳод шуд, истифодабарии гуфтори кӯҳистонии тоҷикон бо иловаи унсурҳои забони адабии шаҳрӣ буд. Ин баҳсҳо нишон медиҳанд, ки матбуоти соҳаи маориф ҳамчун майдони муҳими таҳаввули андешаҳои забоншиносӣ ва иҷтимоӣ нақш бозидааст.

4. **Таъсири матбуоти соҳаи маориф ба ташаккули танқиди адабӣ ва забоншиносӣ.** «Раҳбари дониш» ва дигар нашрияҳои соҳавии маориф на танҳо инъикосгари баҳсҳои забонӣ, балки муҷиби ташаккули танқиди адабӣ ва забоншиносӣ гардиданд. Дар доираи «Қисми танқидӣ» ва «Таҳқиқоти адабӣ», мафҳумҳо ва истилоҳоти нав, ба монанди «танқид» ва «ҳикоя», ки то он вақт дар забоншиносии тоҷикӣ маъмул набуданд, ба таври илмӣ шарҳ дода шуданд. Ин тадбирҳо замина барои таҳаввулоти минбаъдаи адабиётшиносӣ ва забоншиносии тоҷик гузоштанд.

5. **Таъсири муҳаққиқони хориҷӣ ва шарқшиносони Шуравӣ ба баҳсҳои забон.** Дар баҳсҳои алифбо ва забони адабӣ шарқшиносони рус ва муҳаққиқони хориҷӣ низ фаъолона иштирок доштанд. Онҳо зарурати эҷоди забони адабии «нави тоҷикӣ»-ро баҳона намуда, ба рушди забони адабии тоҷикии суннатӣ шубҳа мекарданд. Ин нукта дар мақолаҳои нашршуда дар «Правда Востока» равшан баён гардидааст. Бо вуҷуди ин, олимони тоҷик, аз ҷумла Садриддин Айнӣ, бо таҳқиқоти худ зарурати ҳифзи забони адабии тоҷикро собит намуда, бо ин ҷараён муқовимати илмӣ нишон доданд.

6. **Натиҷа ва таъсири баҳсҳо ба рушди минбаъдаи забони тоҷикӣ**. Бо вуҷуди фишорҳои сиёсӣ ва талошҳои дур сохтани забони адабии тоҷик аз форсии классикӣ, муҳаққиқони тоҷик бо истифода аз минбарҳои матбуотӣ тавонистанд ҷанбаи илмии масъалаи забонро ҳифз намоянд. Гарчанде баъзе ихтилофҳо дар меъёрҳои забони адабӣ боқӣ monданд, вале ин баҳсҳо нақши калидӣ дар таҳкими забони адабии тоҷикӣ ҳамчун ҷузъи муҳими ҳувияти миллӣ доштанд.

7. **Нақши забони тоҷикӣ дар ҳифзи ҳувияти миллӣ.** Бо гузашти вақт, таъсири ҷараёнҳои ислоҳотии забон, ки дар аввали садаи XX дар матбуоти

маориф оғоз гардида буд, дар шакли як сиёсати фарҳангӣ идома ёфт. Дар тӯли таърих, маҳз забони модарӣ унсури асосии ҳифзи ҳувияти миллӣ ва тамомияти фарҳангии тоҷикон боқӣ монд.

**8. Забон ва маориф ҳамчун воситаи худшиносии миллӣ**. Дар баробари баҳсҳои алифбо ва забони адабӣ, матбуоти соҳаи маориф ба ташаккули худшиносии миллӣ низ саҳм гузошт. Таъкиди Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, дар бораи нақши забон дар ҳифзи миллат, ки дар суханронии ӯ ба муносибати 17-умин солгарди Истиқлолияти Тоҷикистон (8 сентябри соли 2008) таъкид гардид, таассули таърихии баҳсҳои забонӣ дар матбуоти маорифро нишон медиҳад.

**Хулосаи умумӣ**

Баҳсҳои алифбо ва забони адабӣ дар матбуоти соҳаи маориф на танҳо масъалаи хат ва имло, балки баҳсе дар бораи ҳувияти миллӣ ва ояндаи забони адабии тоҷикӣ буд. Ба шарофати фаъолият ва муборизаи илмии адибон ва забоншиносони тоҷик, махсусан Садриддин Айнӣ ва ҳаммаслаконаш, забони тоҷикӣ ба унвони як забони адабии комил боқӣ монд ва нақши меҳварии худро дар рушди фарҳанги миллӣ ҳифз намуд.

## ХУЛОСА

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои асосии таҳқиқро метавон дар бандҳои зерин хулоса намуд:

1. Адабиёт ва матбуот ҳамчун зуҳуроти эҷодӣ ба соҳаи маънавиёт мансубанд, аммо аз лиҳози ҳадаф, вазифа ва хусусияти таъсиррасонӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Ҳадаф ва вазифаи матбуот бештар ба ҷанбаҳои зоҳирӣ равона шуда, асосан ба расонидани ахбори воқеӣ дар давраҳои муайяни таърихӣ ва қонеъ гардонидани ниёзи инсон ба иттилооти навин тамаркуз мекунад. Баръакс, адабиёт бо паҳнои маънавии худ ба ботини инсон таъсир расонида, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва эҳсосоти маънавии хонанда нақши муассир мебозад. Матбуоти тоҷик, ки дар ибтидои асри XX шакл гирифт, дар паҳн кардани иттилооти адабӣ ҳамчун василаи муҳим хидмат намуда, ҳамзамон, имкони таъсиррасонии мутақобилаи адабиёт ва матбуотро фароҳам овард.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки дар давраи мавриди омӯзиш, яъне ибтидои асри XX, матбуот дар ҷомеа нақши пешбаранда пайдо карда, қишрҳои огоҳ ва таҳсилкарда ба он ниёзи бештар эҳсос мекарданд. Ин ҳолатро метавон натиҷаи омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсие донист, ки дар оғози асри XX матбуотро водор сохтанд, то барои иҷрои вазифаҳои худ аз имкониятҳои адабиёт истифода барад. Аз ин рӯ, рӯзномаи «Бухорои шариф», маҷаллаҳои «Оина», «Шуълаи инқилоб» ва «Раҳбари дониш» бахши муҳими муҳтавои худро ба масоили адабӣ ихтисос дода, тақрибан сеяки матолиби нашрии худро ба ин самт равона карданд. Ҳатто, мақолаҳои публитсистии ин нашрияҳо тобиши бадеӣ дошта, дар онҳо усулҳои адабӣ истифода мешуданд [7-М].

2. Муносибати адабиёт ва матбуот, таъсирпазирии мутақобилаи онҳо дар илми адабиётшиносӣ ва таърихи матбуот, инчунин нақши онҳо дар ташаккули соҳаҳои марбута дар давраҳои таърихӣ то кунун аз ҷониби адабиётшиносон ва мутахассисони журналистикаи тоҷик ба таври ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Гарчанде ки ташаккули адабиёти навин ва матбуоти аввалини тоҷик то ҳадде ба таври ҷудогона

мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, муносибати мутақобилаи ин ду соҳа таваҷҷуҳи кофӣ нагирифтааст. Бо вуҷуди он ки адабиёт ва журналистика ҳар ду шакли эҷодии баёни воқеият мебошанд, усул ва ҳадафи тасвири онҳо ба ҳам фарқ мекунад. То ба ҳол муҳаққиқони таърихи журналистикаи тоҷик танҳо масъалаҳои марбут ба соҳаи худро омӯхта, адабиётро ё ба назар нагирифтаанд ё аз дидгоҳи илмии журналистика арзёбӣ кардаанд. Ҳамзамон, адабиётшиносон зимни таҳлили осори бадеӣ хусусиятҳои журналистии маводи нашрияҳоро ба назар нагирифтаанд. Аз ин рӯ, ин таҳқиқот яке аз нахустин таҳқиқоти муназзами илмӣ дар соҳаи адабиётшиносӣ ва журналистика мебошад, ки алоқамандии мутақобилаи ин ду соҳаро мавриди омӯзиш қарор додааст. Бо рушди васоити ахбори омма ва афзоиши робитаҳои адабиёти ҷаҳонӣ зарурати омӯзиши таъсирпазирии адабиёт ва матбуот, бахусус нақши матбуоти аввалини тоҷик дар ташаккули адабиёт ва дурнамои ин раванд беш аз пеш эҳсос мегардад [11-М].

3. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки дар оғози ташаккули матбуоти тоҷик дар ибтидои асри XX, ҳар ду соҳа аз як манбаъ сарчашма гирифтаанд. Матбуот дар паҳн ва тарғиби адабиёти тоҷик дар тӯли зиёда аз сад соли охир нақши назаррас бозидааст. Аз ҷониби дигар, адабиёт низ дар ташаккули матбуот, бахусус дар баёни бадеӣ, услуб, сабк ва рушди жанрҳои нави журналистӣ саҳми назаррас гузоштааст. Бо вуҷуди он ки матбуоти тоҷик дар ибтидои асри XX таҷрибаи маҳдуд дошт, дар даҳсолаҳои дуюм ва сеюми ин аср нашрияҳои навтаъсиси "Бухорои шариф", "Оина", "Шуълаи инқилоб", "Овози тоҷик", "Бедории тоҷик", "Дониш ва омӯзгор" ва "Раҳбари дониш" дар рушди масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, бахусус дар такомули адабиёт ва забон, саҳми бузург гузоштаанд. Мавриди омӯзиш қарор додани адабиёт ва матбуоти даҳсолаҳои дуюм ва сеюми асри XX аз он ҷиҳат муҳим аст, ки маҳз дар ин давра адабиёт ва матбуоти навини тоҷик ташаккул ёфта, таъсирпазирии мутақобилаи онҳо ба таври амиқ таҷассум гардидааст [1-М], [14-М], [18-М], [24-М].

4. Аҳаммияти мавзуи таҳқиқ дар муайянсозии сарчашмаҳо ва роҳҳои ташаккули адабиёти навин, инъикоси адабиёт дар саҳифаҳои матбуоти аввалини тоҷик ва саҳми матбуот дар ташаккули адабиёт таҷассум мегардад. Ин раванд махсусан дар ташаккули мавзуъ, мазмун ва жанрҳои адабӣ, таъсирпазирии мутақобилаи адабиёт ва матбуот, омӯзиши таҷрибаи якдигар ва пайдоишу ташаккули жанрҳои нави адабӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳои даҳсолаҳои аввали асри XX аҳаммияти назаррас пайдо мекунад [2-М], [11-М], [16-М].

5. Бо мақсади татбиқи ҳадафҳои таҳқиқотӣ, масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ ва натиҷагирӣ қарор гирифтаанд:

– Пеш аз ҳама, муайян гардид, ки дар нашрияҳои аввалини тоҷик, аз ҷумла «Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш» (то соли 1929), матолиби бадеӣ дар доираи 20 то 50% муҳтавои нашрияҳоро ташкил додаанд.

– Мазмун ва муҳтавои осори адабии ин нашрияҳо дар давраи то Инқилоби Октябр (соли 1917) асосан ба танвири афкор, ислоҳоти низоми маориф ва рушду нумӯи иқтисодӣ нигаронида шуда буд. Пас аз инқилоб, масъалаҳои сиёсӣ, ғояҳои инқилобӣ ва худшиносии миллӣ, хусусан дар нашрияи «Шуълаи инқилоб», аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо карданд. Баъдтар, аз соли 1924, дар нашрияҳои «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш» (то соли 1929), мавзуи маориф, фарҳанг ва инқилоби маданӣ ҳамчун самтҳои муҳими муҳтаво мавқеи пешсафро ишғол намуданд.

– Матбуот дар ташаккули жанрҳо ва шаклҳои нави адабӣ таъсири назаррас гузоштааст. Дар нашрияҳои тоинқилобӣ жанрҳои асосии шеъру назм ҷавобия, танзим, ғазал, мусаддас ва шеъри мансур буданд. Дар ҳоле ки бо рушди матбуот ва густариши наср, жанрҳои наве ба монанди саҳнача, намоишнома, ҳаҷвия, мусоҳиба, фелетон, очерк, ҳикоя, тарҷума ва нақди ҳикоя, инчунин репортаж ба вуҷуд омаданд [3-М], [15-М], [21-М].

6. Аз оғози таъсиси матбуоти тоҷик (соли 1912) то охири даҳсолаҳои бистуми асри XX, шакл, мазмун, муҳтаво, забон ва услуби матбуот бо дарназардошти вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии давр чанд маротиба тағйир ёфт. Ин таҳаввулот на танҳо ба рушди матбуот, балки ба ташаккули адабиёти навини тоҷик таъсири амиқ расонд. Нашрияҳо бо интишори матолиби таҳлилӣ, публитсистӣ ва адабӣ муҳити фикрии ҷомеаро тағйир дода, барои тавсеаи андешаи танқидӣ ва таҳлилии аҳли адаб мусоидат карданд. Гузариш аз сабки суннатии нигориш ба услуби мутобиқ ба матбуоти навин ба нависандагон ва мунаққидон имкон дод, ки услуби баёни худро инкишоф дода, равандҳои бадеии навро ба вуҷуд оранд. Дар ин раванд, матбуот ҳамчун омили муҳими интиқоли андешаҳои нав ва рушди худшиносии миллӣ зоҳир гардид [11-М], [16-М], [19-М], [20-М].

7. Матолиби бадеӣ дар матбуоти ибтидоии тоҷик мавқеи намоён дошта, барои нашри онҳо гӯша ва рубрикаҳои махсус ташкил гардида буданд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки аз лиҳози теъдоди нашрияҳо, мавзуи адабиёт дар матбуоти ибтидоии тоҷик баъд аз маориф ва иқтисод, дар ҷойгоҳи сеюм қарор дошт. Бо вуҷуди ин, матолиби адабӣ ба матбуот на танҳо ҳамчун унсури фароғатӣ, балки ҳамчун василаи таҳлили масоили иҷтимоӣ ва сиёсӣ ворид мегардид. Ин нашрияҳо ба тарғиби осори адибони муосир ва мероси адабии гузашта саҳми назаррас гузошта, заминаи муколамаи адабӣ ва мубоҳисаи илмиро фароҳам оварданд. Аз ин рӯ, нақши матбуот дар густариши адабиёт на танҳо дар интишори асарҳои бадеӣ, балки дар ташаккули мактабҳои фикрӣ ва равандҳои навини эҷодӣ низ муҳим мебошад [10-М], [11-М].

8. Баҳсҳо перомуни навоварӣ дар шеъри тоҷикӣ, таҳаввули адабиёти замонӣ ва тағйироти шакливу муҳтавоӣ дар шеъри муосир, ки тавассути ашъор, жанрҳои нав, мақолаҳои танзомезу танқидӣ ва мактубҳои интишоршуда дар «Бухорои шариф» ба миён омаданд, дар ташаккули адабиёти навини тоҷик нақши муҳиме гузоштанд. Ин баҳсҳо, ки дар ибтидои асри XX ҷараён гирифтанд, дар баррасии масъалаҳои зебошиносӣ, рушди шаклу мазмуни шеър ва пайванди он бо воқеияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ саҳми

назаррас доштанд. Ҳамчунин, онҳо ба инкишофи танқиди адабӣ, равандҳои жанрии нав ва воридсозии сабкҳои тоза ба адабиёти тоҷик замина гузоштанд. Бо вуҷуди гузашти замон, мавзуъ ва муҳтавои ин баҳсҳо аҳаммияти худро аз даст надода, ҳанӯз ҳам барои таҳқиқ ва баррасии илмӣ қобили таваҷҷуҳ боқӣ мемонанд [1-М], [4-М], [24-М].

9. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки матбуоти Эрон, Афғонистон ва Қафқоз ба матбуот ва адабиёти навини тоҷик дар мавриди истифодаи жанрҳои гуногуни адабӣ, аз ҷумла, ҳаҷву танз, намоишнома ва мусоҳиба, таъсири муайян расонидаанд. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи ба роҳ мондани баҳсҳои адабӣ тавассути шеър як падидаи хоси адабиёти тоҷик маҳсуб мегардад, ки ба таври мустақил аз ҷониби адибон ва маорифпарварони тоҷик шакл гирифтааст. Ин навгонӣ на танҳо ба рушди жанрҳои адабӣ мусоидат кард, балки муҳити адабиро барои мубоҳисаҳои эҷодӣ ва таҳаввули сабкҳои нав омода сохт. Ҳамчунин, дар муқоиса бо кишварҳои ҳамсоя, ҷанбаи публитсистии осори бадеӣ дар матбуот ва адабиёти тоҷик қавитар ба назар мерасад, ки ин далели мутобиқшавии адабиёт ба ниёзҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ мебошад [13-М], [22-М].

10. Агар маҷаллаҳои Эрон асосан ба интишори осори бадеие тамаркуз карда бошанд, ки бештар хусусияти фароғатӣ ва ҳикоявӣ дошта, аз баррасии масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ канораҷӯӣ мекарданд, матбуоти тоҷикӣ дар Осиёи Марказӣ вазифаи интиқоли афкор ва инъикоси воқеиятҳои иҷтимоию сиёсиро ба ухда гирифта буд. Рӯзномаю маҷаллаҳои тоҷикӣ на танҳо муҳтавои адабиро нашр мекарданд, балки ҳамчун василаи асосии тарғиби афкори иҷтимоӣ, танвири зеҳнҳо ва инкишофи равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хидмат менамуданд. Яке аз сабабҳои кӯтоҳмуддат фаъолият кардани ин нашрияҳо (аз як то якуним сол) маҳз дар ҳамин хусусияти ифшогарона ва интиқодии онҳо буд, ки бо вазъи сиёсӣ ва маҳдудиятҳои замони худ мувоҷеҳ гардиданд. Бо вуҷуди ин, таъсири онҳо ба рушди фикрии ҷомеа ва ташаккули матбуоти навин бениҳоят назаррас боқӣ монд [1-М], [5-М], [9-М].

11. Силсилаашъори интишорёфта дар «Бухорои шариф» дар ташаккули назарияи нави нақди адабӣ ва рушди адабиёти навини тоҷик нақши муассир гузошт. Ин шеърҳо ҳадафҳои навбатии адабиётро дар раванди худшиносии миллӣ, бедор кардани ҷомеа аз ғафлат ва бехабарӣ, инчунин таблиғи рисолати нави шоир ва шеър дар шароити таърихии нав таъйин менамуданд. Шоирони ин давра натанҳо дар мазмун, балки дар шаклу сохтори осори адабӣ низ тағйироти муҳим ворид карданд. Дар натиҷа, сабку услуби нав, шеъри озод, шеъри мансур ва методи воқеънигории муосир ба фазои адабии тоҷик ворид гардида, заминаи рушди минбаъдаи адабиётро фароҳам оварданд. Ин таҳаввулот адабиёти тоҷикро аз қолабҳои суннатӣ берун оварда, ба равандҳои ҷадиди эҷодӣ замина гузошт [21-М].

12. Нашрияҳои «Бухорои шариф» ва «Оина» нахустин шеърҳои иҷтимоии тоҷикро интишор намуда, дар ташаккули адабиёти таҳлилӣ ва иҷтимоии давр саҳми назаррас доштанд. Дар навбати худ, нашрияҳои «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» бо нашри нахустин шеърҳои инқилобӣ, ки ғояҳои озодихоҳӣ, худшиносии миллӣ ва тағйироти иҷтимоиро инъикос менамуданд, нақши муҳимеро дар ташаккули равандҳои нави адабӣ иҷро карданд. Ин шеърҳо фазои афкори ҷамъиятиро дигаргун сохта, ба татбиқи ғояҳои иҷтимоӣ тавассути адабиёт мусоидат намуданд [3-М], [7-М], [8-М].

13. Матбуоти ибтидоии тоҷик, хусусан «Бухорои шариф» ва «Оина», дар ташаккули жанрҳои нави осори бадеӣ нақши муҳим бозида, қолабҳои анъанавии адабиётро тавсеа бахшиданд. Ин нашрияҳо жанрҳои наве чун публитсистикаи бадеӣ, шеъри мансур, ҳикояҳои шеъргуна, мутойиба, сафарнома, ҳикоя, суҳбат-саҳнача, намоишнома ва ҳаҷвияро ба фазои адабӣ ворид карданд. Ҳамзамон, онҳо нахустин тарҷумаҳои осори бадеиро ба роҳ монда, хонандагонро бо беҳтарин намунаҳои адабиёти ҷаҳонӣ, бахусус адабиёти рус ва кишварҳои Шарқ, ошно сохтанд. Ҳадафи асосии тарҷумаҳо на танҳо шиносоии хонандагон бо осори адабии хориҷӣ, балки интиқоли ғояҳои нав ва тавсеаи доираи ҷаҳонбинии ҷомеа буд. Дар ин раванд, асарҳое

интихоб мешуданд, ки ба ҷаҳонбинӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва маънавии ҷомеаи тоҷик ва тамаддуни шарқӣ мутобиқ буданд [13-М], [23-М].

14. Дарки масъалаҳои сиёсӣ, ватанхоҳӣ ва худшиносии миллии тоҷикон аз ибтидои асри XX оғоз гардида, ин раванд яке аз омилҳои асосии таъсиси нашрияҳои «Бухорои шариф» ва «Оина» гардид. Ин нашрияҳо бо интишори мақолаҳо дар мавзуи таҳаввулоти сиёсӣ, мушкилоти иҷтимоӣ ва масоили иқтисодӣ дар боло бурдани сатҳи шуури сиёсӣ ва миллии ҷомеа саҳми муҳим гузоштанд. Бо таваҷҷуҳ ба муҳтавои матолиби интишоршуда, ҳадафи аслии ин баҳсҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, пеш аз ҳама, ҳимоят аз истеҳсолоти ватанӣ, ташкили бонкҳои қарздиҳӣ, рушди деҳқонӣ, кушодани заминҳои нав ва беҳбуди шабакаҳои обрасонӣ буд. Ин раванд тадриҷан ба ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ ва шинохти манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоии тоҷикон мусоидат намуд [15-М], [19-М].

15. Масъалаи забон, забондонӣ ва забони адабии тоҷикӣ, ки баррасии он дар «Бухорои шариф» оғоз гардида буд, дар ташаккули худшиносии миллӣ ва таҳкими ягонагии забонии халқҳои форсизабон нақши муассир бозид. Нашрия тавассути интишори мақолаҳои ватандӯстона ва миллатпарварона забонро ҳамчун ҷузъи муҳими ҳувияти миллӣ ва ваҳдати фарҳангӣ тарғиб мекард. Қоидаҳои нахустини забони форсӣ бори аввал бо ташаббуси Мирзо Ҷалол Юсуфзода дар ҳамин нашрия таҳия ва нашр гардида, заминаи рушди илми забоншиносии тоҷикро гузошт. Баҳси забон ва забони адабии тоҷикӣ, ки ибтидои он ба соли 1912 рост меояд, минбаъд дар минбарҳо ва маҷлисҳои мухталиф идома ёфта, то ба имрӯз аҳаммияти худро нигоҳ доштааст. Ин раванд собит месозад, ки забон на танҳо як василаи муошират, балки омили ҳувиятсоз ва муттаҳидкунандаи ҷомеа мебошад [5-М], [12-М].

16. Гӯшаи ҳаҷвию танқидии «Тозиёна», ки дар нашрияи «Шуълаи инқилоб» таъсис ёфта буд, бо интишори матолиби ҷасурона ва таҳлили ошкорои масъалаҳои муҳими сиёсӣ ва байналмилалӣ ба яке аз рукнҳои муҳими матбуоти танқидӣ табдил ёфт. Дар ин гӯша масъалаҳо бо далел ва бурҳонҳои возеҳ ба миён гузошта шуда, тавассути шеваҳои мухталифи

танқидӣ ва ҳаҷвӣ мушкилоти ҷомеа мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд. Барои рушди ин шохаи матбуоти тоҷик аз сарчашмаҳои адабиёти классикии тоҷик, адабиёти шифоҳӣ ва матбуоти пешрафтаи ҳамондавраи кишварҳои Шарқ истифодаи самаранок сурат гирифт. Минбаъд, нашрияҳои дигари тоҷикӣ, аз ҷумла «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик», низ гӯшаҳои махсуси ҳаҷвӣ таъсис доданд, ки дар онҳо танқиди иҷтимоӣ ва сиёсӣ бо истифода аз забони бадеӣ ва лафзи ҳуҷҷатнок инъикос мешуд. Маҳз матбуоти ибтидоии тоҷик дар ташаккули ҳама жанрҳои адабиёти муосири тоҷик, аз ҷумла ҳаҷв, нақши аввалиндараҷа бозид ва заминаи густариши минбаъдаи онро фароҳам овард [1-М].

17. Нахустин намунаи инқилобнома дар адабиёти навини тоҷик шеъри «Марши ҳуррият»-и устод Садриддин Айнӣ мебошад. Ашъори инқилобӣ дар ин давра бо хусусиятҳои муроҷиат, шиор, даъват ва хитоба фарқ мекарданд, ки онҳо дар ташаккули услуби бадеии ин жанр нақши калидӣ бозиданд. Дар ин гуна осор, тасвирҳои бадеӣ бо воқеънигорӣ омезиш ёфта, ба осор қувваи баланди таъсирбахшӣ ва мутантанӣ мебахшиданд. Жанри репортажи бадеӣ, ки дар матбуот ва адабиёти тоҷик ривоҷ ёфт, низ бо таъсири ин навгонӣ ташаккул ёфта, оғози он ба сафарномаи устод Айнӣ ба Бухоро марбут аст. Асари ӯ «Анҷоми кори як шайхи ҳиллагар (дар Бухорои сурх)», бо вуҷуди норасоиҳои жанриву бадеӣ, яке аз намунаҳои аввалини ҳикоя дар эҷодиёти устод Айнӣ ва адабиёти навини тоҷик ба ҳисоб меравад. Ин навгонӣ адабиёти тоҷикро ба марҳилаи нави инкишоф ворид намуда, асоси эҷоди жанрҳои насрии муосирро ба вуҷуд овард [6-М], [25-М].

18. Дар шароити сиёсиву иҷтимоии душвор ва таҳти фишори ҳизби ҳукмрон, таъсиси нашрияи тоҷикии «Шуълаи инқилоб» аз ҷониби фарзанди барӯманди миллат Саидризо Ализода як ҷасорати фарҳангӣ ва сиёсӣ маҳсуб мешавад. Ҳарчанд маҷалла интишоргари ғояҳои ҳизби коммунист ба шумор мерафт, он дар ҳифзи манфиатҳои мардуми заҳматкаш ва ҳуқуқи форсизабонон ба таҳсил ва маориф хидмати назаррас анҷом дод. Муҳимияти дигари ин нашрия дар он буд, ки агар то ин замон маорифпарварон асосан ба

масъалаҳоиислоҳи низоми маориф ва фарҳанг тамаркуз мекарданд, «Шуълаи инқилоб» аввалин нашрияе буд, ки тавассути осори устод Айнӣ ба масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, ҳатто муносиботи байналмилалӣ рӯ овард [5-М], [16-М].

19. Як бахши муҳими матолибе, ки дар рӯзномаи «Овози тоҷик» нашр мегардид, ба масъалаи тақсимоти миллӣ ва риояи ҳуқуқҳои тоҷикон равона шуда буд. Дар ин нашрия, тавассути матолиби таҳлилӣ ва публисистикаи бадеӣ, масъалаҳои ҳассос, аз қабили миллат, забон, маориф ва китобҳои дарсии тоҷикӣ мавриди баррасии амиқ қарор мегирифтанд. Матнҳо бо такя ба далел ва рақамҳои воқеӣ таҳия шуда, ба таври муассир ва далелнок оид ба аҳаммияти ҳифзи ҳуқуқҳои забонӣ ва фарҳангии тоҷикон баҳс мекарданд. Маводи интишоршуда дар ин нашрия, сарфи назар аз гузашти вақт, то имрӯз арзиши илмӣ ва таърихии худро гум накарда, барои таҳқиқи равандҳои ташаккули худшиносии миллӣ ва сиёсати забонии Тоҷикистон манбаи муҳими иттилоотӣ боқӣ мемонанд [12-М], [19-М].

20. Дар давраи солҳои 1924 то 1929 дар баъзе нашрияҳои тоҷикӣ, аз ҷумла, «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик», забон, сабк ва услуб дар муқоиса бо нашрияҳои қаблӣ таназзул ёфта, ба забони омма наздик гардид. Ин тағйирот натиҷаи сиёсати забонии давр буд, ки таҳти таъсири идеологияи ҳукмрон забони адабиро ба забони гуфтугӯии омма наздик карданро ҳадаф қарор дода буд. Дар натиҷа, дар нашрияҳо аз истифодаи шаклҳои классикии забони адабӣ парҳез карда, ҷузъиёти услубии нутқи омма бештар мавриди корбурд қарор гирифт [5-М], [6-М], [9-М].

21. «Раҳбари дониш» аввалин нашрияест, ки дар шиносномаи расмии он ҳамчун «маҷаллаи илмӣ ва адабӣ» қайд гардидааст. Бо дарназардошти ин мақом, маҷалла ба таври густурда масъалаҳои марбут ба адабиёт, шеър, наср ва нақди адабиро инъикос намудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таъсирпазирии мутақобилаи матбуот ва адабиёт дар мазмуну муҳтавои «Раҳбари дониш» равшан таҷассум ёфтааст. Нашрия бори аввал намунаҳои муҳими осори адабиро дар саҳифаҳои худ

интишор намуда, баҳсу арзёбии танқидии онҳоро ба роҳ мондааст. Ҳамзамон, матолиби адабии нашршуда ба рушди жанрҳои нави журналистӣ, аз ҷумла репортаж, очерк, хабар ва хулосаи ахбори соҳаи матбуот мусоидат кардаанд. Аз лиҳози фарогирии маводи адабӣ, «Раҳбари дониш» баъзан ҳамчун аввалин нашрияи махсуси адабӣ арзёбӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, таҳлили ҳадаф ва вазифаҳои маҷалла нишон медиҳад, ки он пеш аз ҳама як нашрияи соҳавии бахши маориф буда, дар баробари ин, инъикоси равандҳои адабӣ ва таҳқиқоти илмии марбут ба адабиётро низ ба зимма доштааст [2-М], [26-М].

